Абдураҳмон Маҳмадов



# СИЁСАТШИНОСӢ

Душанбе - 2010

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Абдураҳмон Маҳмадов**

# СИЁСАТШИНОСӢ

Китоби дарсӣ бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз 01.02.2010, таҳти № 2 /20 ба чоп тавсия шудааст.

ДУШАНБЕ
Нашриёти «ИРФОН»
2010

**ББК - 60. 5 я 72+87.6**
**М-48**

**Маҳмадов А.Н.** Сиёсатшиносӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. - Душанбе. 2010. - 442 с.

**Муқарризон:**

**Зокиров Г.Н.**- доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, мудири кафедраи сиёсатшиносии ДМТ

**Зиёев Х.М.**- доктори илмҳои фалсафа, профессор

**Идиев Х.** - доктори илмҳои фалсафа, профессор, мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон

**Қосимова Р.И.** - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ

**Муҳаббатов А.** - номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи равандҳои сиёсии Тоҷикистони ДМТ

Мақсади асосии таълифи китоби дарсӣ таҳким ва инкишофи донишҳо дар бораи сиёсат ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ мебошад. Дар китоб баррасии мафҳумҳо, қонуният, асосҳои навини методологӣ, назариявӣ ва истифодаи онҳо дар ҷараёни таҳқиқи падидаю равандҳои сиёсии ҷаҳони муосир ва Тоҷикистони соҳибистиқлол мавриди таҳлил қарор ёфтаанд. Инчунин раванди ташаккули дигаргуниҳои нави ҷомеа, ташкили замина ва таҳкими иштироки сиёсии одамон дар ҳалли масъалаҳои сиёсӣ аз нигоҳи нав таҳлил ёфтаанд. ки хонандаро ба олами илмҳои сиёсӣ ворид менамоянд. Бояд гуфт, ки дар китоби дарсӣ мавзӯъҳои наве ворид гардидаанд, ки хусусиятҳои хос дошта, барои худшиносӣ ва ҳуввияти миллии ҷавонон донишу иродаи боэътимод фароҳам хоҳанд овард.

Китоби мазкур барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва доираи васеи хонандагон тавсия мешавад.

© Маҳмадов А.Н. -2010

# ПЕШГУФТОР

***Мо ба масъалаи ҷавонон барои он таваҷҷӯҳи махсус зоҳир менамоем, ки онҳоояндаи миллату давлатанд... Бинобар ин, Шумо бояд дар маҷмӯъ сиёсати давлатро доир ба тамоми соҳаҳо ҳамчун сиёсати давлатии ҷавонон қабул карда, дар татбиқи он такягоҳи асосӣ бошед.***

***Ҳар як тадбире, ки дар мамлакат амалӣ карда мешавад, мақсад аз он пеш аз ҳама беҳбудии ҳаёти ҷавонон ва ба хотири ояндаи неки Тоҷикистон аст.***

***Эмомалӣ Раҳмон***

Сиёсат ҳамчун як шакли асосии фаъолияти инсон ва низоми муносибати байни одамон вобаста ба ташкил намудан ва истифода кардани ҳокимият аз қадиммулайём инҷониб арзи вуҷуд дорад. Донишҳои сиёсӣ бошанд яке аз рукнҳои асосии одаму одамият буда, барои инкишофи маданияти сиёсӣ ва рушду инкишофи ҷомеа шароити мусоид фароҳам меоваранд. Ин аст, ки одамон дар раванди инкишофи ҳаёти сиёсӣ ва қонунҳои он рукни махсуси дониш- илм дар бораи сиёсат ё сиёсатшиносиро офаридаанд. Ҳамзамон, донистани фанни сиёсатшиносӣ яке аз омилҳои асосии маърифатнокии умумии ҳар як фард, бахусус мутахассисони оянда маҳсуб меёбад.

Бинобар ин, аз худ намудани асосҳо ва хусусиятҳои ин фан ба ҷаҳонбинии сиёсии донишҷӯён таъсири амиқ расонида, дар рушди муосири ҷомеа нақши муҳим мебозад. Сиёсатшиносӣ дар қатори дигар фанҳои ҷамъиятӣ ҳамчун фанни мустақили таълимӣ дигаргуниҳои касбиро низ тақозо менамояд. Ин аст, ки дар раванди нави таълим ва таҳқиқи он дар кишвари мо масъалаҳои гуногуни методологию назариявӣ пайдо шуда, мавқеи фанни мазкурро васеъ менамояд.

Мавриди қаноатмандист, ки айни замон барои мустаҳкам намудани асосҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва заминаҳои

КИТОБХОНА Донишгоҳи ... Тоҷикистон
БИБЛИОТЕКА Технологического университета Таджикистана
ИНВ. № 22629

рушди ин илмҳо як қатор қонун ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд, ки самтҳои асосии сиёсати миллиро муайян менамоянд. Барномаи "Тадбирҳои дастгирии тараққиёти илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015" низ яке аз муваффақиятҳое ба шумор меравад, ки барои рушду нумӯи илмҳои мазкур нақши муҳимро иҷро менамоянд.

Гузашта аз ин фанни сиёсатшиносӣ дар баробари дигар фанҳои ҷомеашиносӣ вобаста ба тағйиротҳои ҷомеа дар рушду инкишоф мебошад. Чунин тағйироту дигаргуниҳои ҷомеа ва раванди азхудкунии донишҳои сиёсӣ водор менамоянд, ки ба фанни мазкур муносибату тафаккури нав дошта бошем. Пешниҳоди китоби мазкур низ иқдоми навест, ки аз ҳар гуна догмаҳои идеологӣ ва қолабҳои ҳамчун ҳақиқати сиёсӣ қабулшуда озод аст.

Бояд гуфт, ки таҳсилоти сиёсӣ дар замони муосир яке аз воситаҳои иҷтимоикунонии шахс ва ташаккули маданияти сиёсӣ ба шумор меравад. Муҳимтарин ҷанбаи фанни сиёсатшиносӣ ин муайян намудани моҳияти фаъолияти сиёсӣ ва донистани "кӣ дар ҳаёти сиёсӣ кӣ ҳаст" мебошад. Фанни мазкур барои донишҷӯён методологияи таҳлили ҳаёт, ҷаҳонбинии васеъ ва алоқамандии донишҳои сиёсиро дар амал муайян менамояд.

Дар хотима муаллиф бо камоли мамнуният дархосту эродҳои хонандагонро қабул фармуда, онҳоро барои беҳбудии таълими фанни мазкур истифода мебарад.

Дар раванди таълифи ин китоб барои такмили матн ва маслиҳатҳои муфид ба устод Тағай Раҳмонов изҳори миннатдорӣ менамоям.

# СИЁСАТШИНОСӢ ИЛМ ДАР БОРАИ СИЁСАТ

Маълум аст, ки имрӯз раванди ташаккулёбии фанни сиёсатшиносӣ дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои муштаракулманофеъ бо шаклу мазмуни хоса инкишоф ёфта истодааст. Дар ҳар як коллективи кафедраҳои сиёсатшиносӣ ба таври мустақил андешаву назарияҳое пешниҳод мегарданд, ки боиси тавлиди курсҳои махсус оид ба масъалаҳои алоҳидаи ин фанни таълимӣ мегарданд. Албатта ин раванд пайвастагиҳои қарин бо мероси гузашта дорад. Замоне таҳқиқоти сиёсӣ ҳамчун як соҳаи мустақил барои мо амалан мамнӯъ буд ва сиёсатшиносиро фанни буржуазӣ низ мехонданд. Ҳоло он ки улуми сиёсӣ дуюним ҳазор сол пеш пайдо шуда, зиёда аз 100 сол боз дар қисме аз кишварҳои аврупоӣ ҳамчун фанни мустақили таълимӣ тадрис мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани истиқлолият барои омӯзиши ин фанни муосир шароит муҳайё гашта, омӯзиши он ба миён гузошта шуд. Аз ин ҷо саволе бармеояд, ки сиёсатшиносӣ чиро меомӯзад? Мазмун ва моҳияти фанни мазкур дар ҳаёти воқеӣ чӣ гуна татбиқ мегардад, кадом вазифаҳоро иҷро мекунад ва мавқеи он дар системаи илмҳои ҷомеашиносӣ чӣ гуна аст?

## 1.Вазифаҳои сиёсатшиносӣ

Сиёсатшиносӣ ҳамчун илм дар Юнони Қадим пайдо шуда, дорои маънои умумӣ мебошад ва аз ибтидо "политика"- корҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ - "логос"-дониш, яъне ифодакунандаи дониши сиёсӣ ва воқеияти сиёсӣ мебошад.

Асоси илми сиёсатшиносиро афкори пурарзиши мутафаккирони бузург, ки моҳияти илмии худро то ба имрӯз гум накардаанд, ташкил мекунанд. Хусусан, идеяҳои Суқрот, Афлотун, Арасту, Форобӣ, Ибни Сино, Муҳаммад Ғаззолӣ, Макиавеллӣ, Бэкон, Гоббс, Лок, Монтеске, Руссо, Гегел, Фуре, Компанелло, Сен-Симон, Оуэн, Маркс, ки асоси бисёр идеяву таълимоти сиёсӣ аз онҳо сарчашма мегиранд.

Дар замони ҳозира омӯзиши фанни сиёсатшиносӣ дар баробари ҳуқуқшиносӣ, илмҳои фалсафию иқтисодӣ аз ҷониби ЮНЕСКО тавсия шудааст. Сиёсатшиносӣ дар байни фанҳои ҷомеашиносӣ соҳиби мартаба ва нуфузи муайяне мебошад. Масалан, дар Амрико сиёсатшиносӣ дар се ҳазор донишгоҳ ва коллеҷҳое, ки дар онҳо зиёда аз 10 ҳазор омӯзгорон кор мекунанд, таълим дода мешавад.

Илми сиёсӣ, ба ақидаи бисёр сиёсатшиносони хориҷӣ ва ватанӣ аз чаҳор қисм иборат аст: фалсафаи сиёсӣ, таълимот дар бораи институтҳо оид ба сиёсати дохилӣ, шаклҳои ҳокимиятдорӣ, сотсиологияи сиёсӣ ва сиёсати байналхалқӣ. Дар ин ҳолат фалсафаи сиёсӣ асоси қисмҳои номбаршуда ҳисобида мешавад. Сиёсатшиносӣ илми мустақил буда, вай объект ва мавзӯи хоси омӯзиши худро дорад. Объекти сиёсатшиносӣ ин муносибатҳои сиёсӣ дар ҷомеа мебошад. Соҳаи муносибатҳои сиёсӣ нововбаста ба он, ки мо онро масъалаи сиёсӣ ё масъалаи ҳокимият меномем, миқёси васеътар дорад. Ба он равандҳои сиёсӣ ва фаъолияти давлат, манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ дохил мешаванд. Ба таври дигар, соҳаи муносибатҳои сиёсӣ - ин маҷмӯи тамоми объектҳои фаъолияти сиёсӣ мебошад. Аз ҳамин сабаб муносибатҳои сиёсӣ объекти омӯзиши на танҳо сиёсатшиносӣ, балки фалсафа, сотсиология, иҷтимоиёт, ҳуқуқ, таърих ва дигар ҷабҳаҳои илм низ шуда метавонад. Ин аст, ки ҳар яке аз ин илмҳо дар омӯзиши объекти додашуда мавзӯи худро доранд.

Мавзӯи омӯзиши сиёсатшиносӣ ин қонуниятҳои ташаккул, амал ва инкишофи ҳокимияти сиёсӣ, шаклҳо, усулҳои фаъолияти он ва инчунин истифодаи усулҳои мазкурро дар ҷараёни пешравии кори давлатӣ мефаҳмонад.

Хусусиятҳои хоси сиёсатшиносӣ аз он иборат аст, ки тамоми ҳодисоти иҷтимоӣ ва равандҳои ҷамъиятиро нисбат ба ҳокимияти сиёсӣ меомӯзад. Ҳарчанд ки давлат ҳамчун воситаи амалигардонии вай баромад карда метавонад, бе ҳокимият сиёсат вуҷуд дошта наметавонад.

Мафҳуми "ҳокимияти сиёсӣ" тамоми ҳодисоти сиёсиро дар бар мегирад. Масалан, баҳс доир ба роҳҳои дигаргунсозиҳои иқтисодӣ аз нуқтаи назари илми иқтисод, усулҳо ва принсипҳои гузариш ба муносибатҳои бозориро таҷассум менамояд. Дар чунин ҳолат аз назари илми сиёсатшиносӣ, ин таҷассуми назариявии муборизаи қувваҳои гуногуни иҷтимоӣ барои ноил гаштан ба ҳокимияти иқтисодӣ ва сиёсӣ дар ҷомеа мебошад. Маҳз мубориза барои ҳокимият фаъолияти равандҳои сиёсиро дар ин ё он мамлакат тезутунд мегардонад.

Аввалан, сиёсат таҳлилгари фаъолият дар фазои муносибатҳои гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ, пеш аз ҳама табақаҳо, синфҳо ва миллату халқиятҳо мебошад. Аз назари таърихӣ пайдоиши сиёсат ба нобаробарии иҷтимоӣ ва ба бархӯрди манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ алоқаманд аст. Худи падидаи сиёсат бошад, дар ҷомеа ҳамчун воситаи танзими манфиатҳо ба вуҷуд омадааст. Бесабаб нест, ки Арасту сиёсатро ҳамчун илми идорӣ ва шакли мутамаддини умумият муаррифӣ менамояд. Аз ин нуқтаи назар, **сиёсат илмест дар бораи муносибатҳои байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ, синфҳо ва миллатҳо.**

Сониян, сиёсат ин фазои фаъолияти институтҳои муайяни ҷамъиятӣ ва сохтори давлатӣ, ҳизбҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебошад. Чуноне ки маълум аст, падидаи аз ҳама муҳим дар сиёсат сохтори ҳокимияти давлатӣ мебошад. Ба замми ин ба муҳити сиёсӣ пеш аз ҳама иштирок дар корҳои давлатӣ, муайян намудани шакл, вазифа ва моҳияти фаъолияти давлатӣ дохил мешаванд.

Ҳамзамон, ҳама масъалаҳое, ки ба давлат, ҳизбҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва ҳаракатҳо вобастагӣ доранд, характери сиёсӣ пайдо мекунанд. Аз ин нуқтаи назар, **сиёсатшиносӣ ҳамчун илм дар бораи давлат, ҳизбҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва муносибати байни онҳо, ба маънии дигар илм дар бораи системаи сиёсии ҷомеа мебошад.**

Сеюмин, алоқамандии давлат ва сиёсат ҳамон вақт зоҳир мегардад, ки давлат ва ҳокимият шабеҳи якдигар бошанд (як синф бо синфи дигар, як гурӯҳи иҷтимоӣ бо

гурӯҳи дигар, шахсият бо омма ва г). Яъне, дар ҷомеа низоми муайян ба вуҷуд ояд.

Мафҳуми "ҳокимият" бошад, ин мафҳуми марказии сиёсат аст. Сиёсатшиноси фаронсавӣ Р.Арон чунин меҳисобад, ки сиёсат ин мубориза барои ҳокимият миёни сарварони сиёсӣ ва табақаҳои иҷтимоӣ мебошад. Сиёсатшиноси олмонӣ М.Вебер қайд мекунад: "Шахсе, ки ба сиёсат сару кор дорад, он кӯшиши ба даст овардани ҳокимиятро дорад". Аз ин нуқтаи назар **сиёсатшиносӣ илм дар бораи механизм ва технологияи ҳокимият, инчунин мубориза барои ҳокимият мебошад.**

Чаҳорум, сиёсат ин истифодаи бошууронаи иқтисодиёт ва қонунҳои иқтисодӣ мебошад. Яъне иқтисодиёт ва сиёсат якдигарро бевосита пурра мегардонанд ва мавқеи асосиро дар ин ҷо иқтисодиёт ҳамчун асоси моддӣ ташкил менамояд. Сиёсат бошад, худро ҳамчун истифодабарандаи бошууронаи қонунҳои иқтисодӣ муаррифӣ менамояд. Аз ин рӯ, донистани қонуниятҳои иқтисодӣ барои сиёсатшинос хеле зарур аст. Бояд гуфт, ки танҳо ҳамон сиёсат воқеӣ шуда метавонад, ки манфиат ва мақсадҳои синфҳоро инъикос намуда, аз вазъи иқтисодӣ сарчашма гирад.

Дар маҷмӯъ сиёсатро ҳамчун **"санъати амалӣ намудани имкониятҳо"** низ метавон муаррифӣ кард. Ин ба он далолат мекунад, ки сиёсат на танҳо донишро, балки истифодаи моҳиронаи фиреби сиёсӣ, созиши сиёсӣ, санъати таъсири сиёсӣ расонидан ба омма, оқилона ба тарафи худ ҷалб кардан ва илҳомбахши омма буданро талаб менамояд.

Санъати сиёсӣ ба он далолат мекунад, ки ба мақсад расидан бо харҷи на чандон калон, зарар нарасонидан ба кишвар ва одамон, ба ҳисоб гирифтани на манфиатҳои кунунӣ, балки ояндаи онҳо, амалӣ гардонида шавад.

Аз ин бармеояд, ки **сиёсатшиносӣ илм дар бораи санъати сиёсӣ, дар бораи расидан ба мақсадҳои ниҳоии сиёсӣ , тавассути истифодаи оқилонаи воситаҳои сиёсӣ мебошад.**

Ҳамин тавр, сиёсатшиносӣ илм дар бораи муносибатҳои сиёсӣ, фаъолияти сиёсӣ, инкишофи қонуниятҳои сиёсӣ ва равандҳои сиёсӣ, дар бораи моҳият, шакл, метод ва усулҳои ҳокимияти сиёсӣ мебошад.

Барои он, ки дар бораи сиёсатшиносӣ ҳамчун илм тасаввуроти амиқ пайдо намоем, бояд донист, ки илми сиёсатшиносӣ субъект ва объекти тадқиқоти худро дорад.

**Объекти сиёсатшиносӣ:**

- фаъолияти сиёсӣ ва муносибатҳои синфҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, фардҳо;
- институтҳои сиёсӣ, давлат, ҳизбҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ;
- системаи иҷтимоӣ-сиёсӣ;
- сиёсати дохилӣ ва берунии давлат ва муносибатҳои байналхалқӣ, назарияҳо, таълимот ва консепсияҳои сиёсӣ.

**Субъекти сиёсатшиносӣ:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| Оммаи халқ, синфҳо, гурӯҳҳо ва табақаҳои иҷтимоӣ | Ҳизбҳо, ҷамъиятҳо, ташкилотхои сиёсӣ | Сарварони сиёсӣ | Назариётчиён ва идеологҳо |

Аз нишондоди нақшаи объект ва субъекти ин фан бармеояд, ки таркиби сиёсатшиносӣ ҳамчун илм хеле мураккаб ва мушаххас аст.

Аввалан, элементҳои сохтори сиёсат дар як навбат метавонанд, ҳам ба сифати объект ва ҳам ба сифати субъект амал намоянд.

Дуюм, таъсири мураккаби байниҳамдигарии субъектҳо, объектҳо ва муносибатҳои сиёсиро наметавон ба таври ҷузъӣ, якранг, мунтазам чун табиати ғайризинда шарҳ дод.

Сеюм, мураккабӣ ва пешгӯинашавандагии воқеияти сиёсӣ, рафтори дақиқи таърихӣ ва ҷӯдкоронаро дар омӯзиши равандҳо ва бо назардошти саҳм ва қувваи омма, талаб менамояд.

Ҳамин тавр, таҳлили консептуалӣ дар фанни сиёсатшиносӣ чунин тамоюлҳоеро дар бар мегиранд, ки хосияти умумӣ доранд. **Аҳамияти махсус доштани фанни сиёсатшиносӣ дар амалӣ будан ва алоқаи зич доштани он бо ҳаёти инсонҳо мебошад.**

Ба мақсади пурра омӯхтани фанни сиёсатшиносӣ ҳамчун илм қисмҳои асосии он чунин муайян карда мешаванд:

1. Назарияи сиёсӣ-муқаддимаи фанни сиёсатшиносӣ, таърихи афкори сиёсӣ:
2. Назарияи системаи сиёсӣ ва унсурҳои он: давлат, ҳизбҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ва режимҳои сиёсӣ:
3. Назарияи хокимият ва идораи масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ: Идеологияи сиёсӣ, маданияти сиёсӣ ва фаъолияти сиёсӣ:
4. Назарияи муносибатҳои байналхалқӣ, ки онро системаи ин муносибатҳо, табиати ҷангҳо, масъалаҳои миллӣ ва сиёсии ҷаҳон, роҳҳои мустаҳкамкунии ҷомеаи ҷаҳонӣ, ташкили давлатҳо бо роҳи осоишта ва сохторҳои гуногуни иҷтимоӣ, баланд бардоштани нуфузи арзишҳои умумиинсонӣ нисбат ба арзишҳои синфӣ, ташкил медиҳад.

Мураккабии фанни мазкур дар он аст, ки ҳаёти гуногунранги сиёсиро дар якҷоягии бо муносибатҳои иҷтимоӣ (иқтисодӣ, педагогӣ) меомӯзад. Ҳамаи инро ба назар гирифта фанни сиёсатшиносиро ба чунин самтҳо тақсим менамоянд:

1. Назариявӣ - муайян намудани мазмуни фанни сиёсатшиносӣ, асоси иҷтимоии сиёсат, пайдоиши ҳокимият, системаҳои сиёсӣ ва ҳизбӣ, тасвири режими сиёсӣ, ҳуқуқи интихоботӣ ва ғайра.
2. Сиёсӣ- иқтисодӣ - масъалаи алоқамандии сиёсат ва иқтисодиёт.
3. Гуманитарӣ - мавқеъ ва нақши инсон дар раванди сиёсӣ, роҳҳои амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ, гуманизатсияи муносибатҳои сиёсӣ ва ғайра.
4. Эстетикӣ - этикаи сиёсии муносибатҳои байни давлатҳо ва миллатҳо, этикаи фаъолияти парламентӣ, меъёри ахлоқӣ ва сиёсат.

5. Маданӣ-мантиқӣ - ташаккули маданияти сиёсӣ, афкори ҷамъиятӣ-сиёсӣ.

6. Фалсафӣ-сотсиологӣ - алоқамандии сиёсат, идеология ва фаъолияти иҷтимоӣ, омӯзиши шакл ва методҳои пайдоишу ташаккули тафаккури нави сиёсӣ ва шуурнокии сиёсӣ.

7. Таърихӣ-сиёсӣ - нақшу ҷойгаҳи таърих дар системаи илмҳои сиёсӣ, таҳлили таърихи афкори сиёсӣ, назария ва консепсияҳои он.

8. Глобалӣ-сиёсӣ - масъалаҳои муносибатҳои миллӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ, масъалаи бартарияти арзишҳои умумиинсонӣ, масъалаи ҷанг ва сулҳ, экологӣ ва ғайра дар раванди сиёсии ҷаҳонӣ.

Дар асоси таҳлили ин самтҳо метавон гуфт, ки сиёсатшиносӣ дар омӯзиши сиёсат бо илмҳои дигари ҷомеашиносӣ алоқамандии хеле зич дорад. Бинобар ин, дар бораи сиёсатшиносӣ ҳам ба маънои маҳдуд ва ҳам ба маънии васеъ метавонем, муҳокимаронӣ намоем. **Ба маънои васеъ-сиёсатшиносӣ ин маҷмӯи илмҳост,** ба монанди фалсафа, сиёсат, сотсиологияи сиёсӣ, идеологияи сиёсӣ, психологияи сиёсӣ, инчунин иқтисоди сиёсӣ, таърихи сиёсӣ ва географияи сиёсӣ.

Сиёсатшиносӣ ҳамчун илм ба маънои ибораи маҳдудаш сотсиологияи сиёсӣ, назарияи системаи сиёсӣ, идеологияи сиёсӣ, назарияи идоракунии сиёсӣ ва таърихи афкори сиёсиро дар бар мегирад.

Сиёсатшиносӣ ҳамчун илм категория ва методҳои таҳқиқи худро дорад. Категорияҳои ин фан аз рӯи дараҷаи фаҳмиши умумиятхо, мафҳум ва зоҳиршавиашон муайян карда мешаванд:

1. Дар сиёсатшиносӣ категорияҳои умумие истифода бурда мешаванд, ки дар ҳамаи илмҳои гуманитарӣ низ мавриди истифода қарор доранд. Ба чунин категорияҳо халқ, сиёсат, ҳокимият, маданият ва ғайра дохил мешаванд.

2. Асоси назарияи иҷтимоӣ-сиёсии фанро **категорияҳои ҷузъӣ** ташкил медиҳанд. Мисол, категорияҳои демократия, тоталитаризм, авторитаризм, ҳизб, инқилоб ва ғайра.

3. Ба гурӯҳи сеюм категорияҳои махсус: шуури сиёсӣ, рафтори сиёсӣ, популизм (лидери сиёсӣ, элитаи сиёсӣ, тафаккури сиёсӣ ва ғайра) шомиланд. Сиёсатшиносӣ раванду зуҳуроти сиёсии мураккабро мавриди истифода қарор дода, ин категорияҳоро бештар истифода мебарад.

Ба замми ин, ҳар як илм ба ғайр аз қисми асосӣ дорои қисми ёридиҳанда низ мебошад. Сиёсатшиносӣ низ дар худ маҷмӯи методу воситаҳоеро дар бар мегирад, ки ба воситаи онҳо сиёсатшинос маълумотро омӯхта, хулосаи амиқ пешниҳод менамояд.

Ҳамзамон, дар фанни сиёсатшиносӣ се гурӯҳи методҳо ҷудо карда мешаванд: куллӣ, умумӣ ва ҷузъӣ. Методи куллӣ методи диалектикӣ-материалистӣ буда, алоқаи сиёсат, ҷомеа ва пеш аз ҳама алоқаи иқтисодӣ, маданӣ, ахлоқӣ, этикӣ, идеологӣ, таърихӣ ва ғайраро маълум менамояд.

Ба методҳои умумӣ усулҳое ворид мешаванд, ки дар ҳама илмҳои гуманитарӣ истифода мегарданд, аз ҷумла дар сиёсатшиносӣ низ чунин методҳо истифода бурда мешаванд.

Методҳои умумии асосӣ:

- методи таҳлилӣ-маҷмӯӣ. Сиёсатшиносии муосир дорои хазинаи ғании усулу методҳои таҳлили системавию муқоисавӣ мебошад, ки дар асоси он муқоиса намуда, пешгӯии дуруст намоянд. Натиҷаи он дар комилгардонии механизми идораи давлатӣ, қабули қарори сиёсӣ, дар ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ, дар коркарди меъёри ҳақиқати сиёсӣ ва ғайра, амалӣ гардонида мешавад;
- методи ретроспективӣ (тарҷеӣ, руҷӯӣ) омӯзиши ҳар як зуҳуроти сиёсиро дар ин ё он зинаи таърихӣ пешниҳод менамояд. Ин метод имкон медиҳад, ки сабабу сарчашмаи зуҳурот, рафти ҷараёнгирӣ ва самти инкишофи он муайян карда шавад. Чуноне ки маълум аст, ҳанӯз Арасту ин методро ба таври васеъ ҳангоми таҳлили давлатҳои ҷудогона истифода намудааст. Масъалаҳои давлатҳои муосирро низ бе дарки таърихи пайдоиш ва ташаккули онҳо фаҳмидан номумкин аст.

Ба ғайр аз методҳои умумӣ дар сиёсатшиносӣ методҳои ҷузъӣ низ истифода мешаванд. Ба монанди:

1.Методи банақшагирии сиёсӣ ва пешгӯии сиёсӣ. Методи мазкур омӯзиши ҷузъиёти сиёсиро пешниҳод намуда, ҷараёни сурьатгирии ҳар як ҷузъиёт ва сохтори наби ояндаро муайян менамояд.

2.Методи таҳлили ҳолатҳои муайяни сиёсӣ. Вазъи сиёсии муайянро ҳамчун воситаи гузориш ва кушодани масъалаҳои умумии сиёсатшиносӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ин метод омӯзиши равандҳои сиёсиро ба воситаи объектҳои ифодакунанда таҳлил менамояд. Масалан, митинги сиёсиро дар алоқамандӣ бо сарвари сиёсӣ ва омма, инчунин хусусиятҳои шуури сиёсии оммаро метавон омӯхт.

3.Таҳлили гуногунии умумиятҳои иҷтимоӣ. Бо ёрии ин метод нақши миллатҳо ва синфҳоро дар сиёсат метавон муайян кард. Инчунин ба воситаи омӯзиши гурӯҳҳои алоҳидаи миллӣ, манфиатҳои онҳо, нақшаи инкишофи сиёсати миллиро метавон тарҳрезӣ намуд.

4.Таҳлили коммуникатсионӣ ҳамкории ҷузъҳои равандҳои сиёсиро таъмин менамояд. Алоқаи коммуникатсионӣ саросари фазои сиёсиро дарбар гирифта, дар омӯзиши ҷузъиётҳои муносибатҳои сиёсӣ ва амиқтар омӯхтани он имкон дода, дар омӯзиши раванди мураккаби сиёсӣ мавқеи махсус дорад.

Ҳамаи методҳои номбаршуда дар илми сиёсатшиносӣ ба таври васеъ истифода карда мешаванд. Омӯзиши ҷузъиётҳои он ва истифодаи онҳо дар раванди амалии таҳлили далелҳо, равандҳо ва зуҳурот нақши муҳим мебозанд.

## 2. Сиёсатшиносӣ ҳамчун фанни мустақил

Сиёсатшиносӣ ҳамчун фанни мустақили амалӣ ва таълимӣ дар бисёр кишварҳои ҷаҳон васеъ паҳн гаштааст. Аз рӯи таҳқиқотҳо ва шумораи маводҳо илми сиёсатшиносӣ дар ҷаҳони муосир дар мавқеи аввал нисбат ба дигар илмҳои ҷомеашиносӣ меистад. Ин бо он асос меёбад, ки ба зиммаи сиёсатшиносӣ нақши махсус ва

муҳим, яъне мустаҳкам намудани системаи сиёсӣ ва идеология гузошта шудааст.

Аз рӯи таҳқиқотҳои олимони Ғарб аҳамияти амалии сиёсатшиносӣ чунин аст:

1. Сиёсатшиносӣ санъати идоракунии сиёсатро таълим медиҳад ва дар бунёди ҷомеаи иттилоотӣ - шаҳрвандӣ кӯмак мерасонад, ки ин барои инкишофи системаи сиёсии демократӣ мусоидат менамояд.

2. Сиёсатшиносӣ қисме аз системаи либералии маълумот ба шумор рафта, саҳми худро дар инкишофи ҷомеаи гуманистӣ ва мутамаддин мегузорад.

3. Сиёсатшиносӣ имкон медиҳад, ки дар ҳалли масъалаҳо алтернативаҳо зиёд гашта, сифати ҳамаи онҳо беҳтар шаванд ва натиҷаи иҷтимоӣ-сиёсиашон кушода шавад. Бояд қайд намоем, ки дар Ғарб сиёсатшиносӣ ва донишҷӯёни факултаҳои сиёсӣ дар ахбори ҷамъият ва дастгирии манфиатҳои онҳо дар масъалаҳои сиёсӣ нақши ҳалкунанда мебозанд. Дар Амрико, Британия ва дигар мамолики Ғарб ин амал бо номи "маълумоти шаҳрвандӣ " ва "маълумоти либералӣ" маъмул аст.

Дар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ сиёсатшиносӣ ҳамчун илми мустақил аз охирҳои солҳои 80-уми асри XX-ум рӯ ба инкишоф овард. Сабабҳои пайдоиши ин фанни муосир ҷанбаҳои гуногун дорад:

1. Сиёсигардонии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар ҷараёни гузаронидани ислоҳоти сиёсӣ, бунёди давлати ҳуқуқбунёд;

2. Хусусияти сиёсат, муносибатҳои сиёсӣ, мураккабии ҷузъиёти системаи сиёсӣ;

3. Сиёсатшиносӣ дар мактаби олӣ ҳамчун идома ва инкишофи дигар фанҳои ҷамъиятшиносӣ ба назар гирифта мешавад.

Фанни мазкур дар таҳлили худ ба асоси илмии хеш такя намуда, ба донишҷӯён дар масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фалсафӣ маълумот медиҳад. Дар сиёсатшиносӣ диққати ҷиддӣ, махсусан, ба фаъолияти сиёсӣ дода мешавад, ки ин низоми амалиро ташкил мекунад. Хатмкунандагони мактабҳои олӣ бояд дар бораи

равандҳои сиёсӣ маълумоти умумӣ дошта бошанд ва бояд мавқеи худро дар ин раванд муайян карда тавонанд. Нақши сиёсатшиносе, ки раванди сиёсиро таҳлил менамояд, бо нақши шахси сиёсӣ баробар буда, ҷавобгарии баробар доранд. Дар назди вай вазифаи ба саволҳои зиёде ҷавоб гуфтан истодааст, ки ба тақдири ояндаи ҷаҳон, инсоният, одамони алоҳида ва қарорҳои сиёсӣ вобаста мебошад.

Нақши сиёсатшиносӣ ҳангоми таҳлили масъалаҳои глобалии муосир, масъалаи пойдории сулҳ ва рушду инкишофи ҷомеа меафзояд.

Мақсадҳои назариявӣ ва амалии сиёсатшиносӣ бошанд, ба воситаи функсияҳои он татбиқ карда мешаванд: **якум,** ҳама гуна дониши сиёсӣ **вазифаи ҷаҳонбиниро иҷро мекунад, дуввум,** ҳамчун методи ҳалли масъалаҳои сиёсии муайян **вазифаи методологиро** иҷро менамояд.

Ин ду вазифаи сиёсатшиносӣ вазифаҳои муҳим ва асосӣ мебошанд.

- вазифаи тарбиявии ин фан дар ташаккули маданияти сиёсӣ ва тафаккури сиёсӣ аҳамияти бузург дорад;

- вазифаи танзимнамоӣ ба таъсиррасонии одамон дар равандҳои сиёсӣ, пеш аз ҳама барои назорат аз болои кори органҳои идоракунанда равона шудааст ;

- вазифаи пешгӯинамоӣ имкон медиҳад, ки воқеаҳо пешгӯӣ карда шаванд ва ба самти зарурӣ равона карда шаванд;

- вазифаи қиёснамоӣ барои кор карда баромадан ва ҳифзи идеали сиёсии муайян, арзишҳои сиёсии ҷомеа, мустаҳкамӣ ё устувории ин ё он системаи сиёсӣ хизмат менамояд.

Хулоса, имрӯз ҳама гуна ҷомеаи демократии рӯ ба инкишоф ба пешрафти илмҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла сиёсатшиносӣ эҳтиёҷ дорад. Сиёсатшиносӣ ҳамчун фанни муосир ва ба танзимдорорандаи низоми ҳокимияту давлатдорӣ рӯз то рӯз мавқеъ ва нуфузи хешро мустаҳкам намуда, барои рушду инкишофи ҷомеа зарурияти қавӣ пайдо намудааст.

### 3. Мақоми сиёсатшиносӣ дар маҷмӯи илмҳои ҷомеашиносӣ

Сиёсатшиносӣ мувофиқи объекти ягонаи омӯзиш доштан боз бо аксари илмҳои ҷомеашиносӣ алоқаманд аст, зеро илми сиёсатшиносӣ тамоми он масъалаҳоеро, ки бо воҳӯриҳои расмӣ, ташкили ҳокимияти давлатӣ, соҳаҳои ҳуқуқии ташкилотҳои сиёсӣ ва фаъолияти онҳо алоқаманд аст, мавриди омӯзиш ва муҳокима қарор медиҳад.

Пӯшида нест, ки бе маълумоти илми ҳуқуқшиносӣ таҳлили воқеаҳои сиёсӣ хеле душвор аст. Масалан, агар идоракунӣ сиёсат бошад, пас санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ чист? Сиёсат аст ё ҳуҷҷат? Сарҳад миёни сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ куҷост?

Байни ин ду илм воқеан ҳам дар кадомин шакле сарҳаде вуҷуд дорад. Агар чунин намебуд, пас ин илмҳо аз ҳам ҷудо ва мустақил намебуданд ва номҳои онҳо мухталиф намешуд. Албатта ҷӯстуҷӯи ин сарҳад кори басе нозук буда, бахусус бо роҳи интихобнамудаи қиёсӣ наметавон ба шинохти он комёб гашт. Гап сари он аст, ки сарҳадро бояд миёни зуҳурот, мавҷудот ва ё воқеоти ба ҳам монанд ё мухолиф, масалан миёни кишварҳо, узвҳо, ҷангу сулҳ, хайру шар ва амсоли онҳо ҷӯст, на миёни категорияҳои ба ҳам алоқаманд, ҳамдигарро пурракунанда аз қабили сабаб ва натиҷа ё мақсад ва восита. Нозукии масъала дар он аст, ки **санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ гоҳе ҳамчун шакл ва воситаи баамалбарории сиёсат ва гоҳе бевосита ҳамчун амали сиёсӣ баромад мекунад.**

Аз ин нигоҳ, агар идоракунӣ сиёсат бошад, пас санади ҳуқуқӣ, ки дар раванди сиёсӣ қабул мешавад, чист? **Посух чунин аст, ки чун қоида ҷараёни қабули қарор (санад) ва мақсадҳои дар он гузошташуда сиёсат буда, худи қарор (санад) на сиёсат, балки шакли барасмиятдарорӣ ва воситаи баамалбарории сиёсат аст.** Ин баҳо ба муносибатҳои умумии сиёсат ва санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ дахл доранд. Шакли сиёсат бошад, ин низоми сиёсию ҳуқуқӣ ва институтҳоеро дарбар мегирад, ки рафтору кирдор ва фаъолияти сиёсии одамонро ба танзим медарорад. Дар

баробари ин ҳолатҳое вуҷуд доранд, ки **санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ аз воситаи баамалбарории сиёсат бевосита ба санади сиёсӣ табдил меёбад.** Ин дар ҳолате рӯй медиҳад, ки мавзӯи танзими санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ хусусияти сиёсӣ дошта бошад. Барои мисол, Конститутсияи (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳимтарин санади сиёсӣ-ҳуқуқии кишвар ба ҳисоб меравад. Қонунҳо дар бораи интихобот, дар бораи статуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бораи буҷети давлатӣ, дар бораи мақомоти давлатӣ, аз ҷумла ҳокимияти маҳаллӣ ва худидораи маҳаллӣ дар баробари санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ буданашон муҳимтарин санадҳои сиёсӣ низ махсуб меёбанд. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки мавзӯи танзимашон ба сиёсат дахл надорад, аз қабили қонунҳои танзимкунандаи шаклҳои ҷавобгарӣ, қонунҳои мурофиавӣ, низомномаҳои коргузорӣ, қоидаҳои хоҷагидорӣ ва ғайра на санадҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ, балки санадҳои мутаносибан ҳуқуқӣ-ҷиноӣ, ҳуқуқӣ- мурофиавӣ, ҳуқуқӣ-хоҷагӣ ва ғайра ҳисобида мешаванд.

Бояд гуфт, ки сиёсат ин ҳамон сатҳи муносибатҳои ҳокимият ва санъати роҳбарие мебошад, ки ягонагии тамоми ҷомеаро таъмин менамояд. Дар он доштани қобилияти роҳбарию ташкилотчигӣ, сазовор шудан ба боварии мардум муҳим аст. Дар воқеъ ин сифатҳо фардӣ буда, аз тахассуси муайяне барнамеоянд. Ба монанди он, ки барои хуб ҳазм кардани хӯрок донистани илми физиология ҳатмӣ нест ё ин ки барои дар сиёсатмадорӣ муваффақ шудан ҳатман ҳуқуқшинос будан зарурат надорад. Гузашта аз ин, барои чунин мансабҳое аз қабили вазир ё шахси мансабдори соҳаи тандурустӣ, кишоварзӣ, саноату сохтумон, мудофиа ва ғайра, ки фаъолияти онҳо низ ба қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ алоқаманд аст, на донишҳои ҳуқуқӣ, балки маълумоти касбӣ бештар заруранд.

Ҳамин тавр, барои муайян кардани сарҳади миёни илмҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ бояд ҳудудҳои бо ҳам ҳамшафати онҳо арзёбӣ карда шаванд. Дар ин раванд бояд қайд кард, ки ин илмҳо қаробати зиёде дошта, дар бисёр мавридҳо бо якдигар омезиш низ меёбанд. Барои мисол, илмҳои



Тоҷ к...тан
БИБЛИОТЕКА
...университета
Таджикистан

мухталифи ҳуқуқӣ аз қабили "Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ", "Назарияи давлат ва ҳуқуқ", "Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Ҳуқуқи интихоботӣ" ва ғайра на танҳо дар шафати фанни сиёсатшиносӣ қарор доранд, балки чунин институтҳои бо он муштарак аз қабили ҳокимияти сиёсӣ, режимҳои сиёсӣ, шаклҳои идоракунӣ, низоми сиёсӣ, қоидаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, низоми интихобот ва ғайраро доро мебошанд. Аз ин рӯ, миёни сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ гузаронидани сарҳади касногузар комилан ғайриимкон ва амалинашаванда буда, он хусусияти сирф назариявӣ дорад. Бояд гуфт, ки санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки дар доираи илми ҳуқуқшиносӣ тайёр мешаванд, мақсади асосиашон дар як чорчӯбаи муайян ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳаёти одамон мебошад. Илмҳои сиёсӣ бошанд, дар баробари ба танзим даровардани муносибатҳои ҷомеа низ нақши пешоҳангиро адо менамоянд. Яъне, сиёсат то ҷое меҳвари асосии муносибатҳои ҳуқуқӣ ба шумор меравад.

Сиёсатшиносӣ аз иқтисоди сиёсӣ оид ба ошкор сохтани асосҳои иқтисодии фаъолияти равандҳои сиёсӣ, нишон додани алоқаҳои байни соҳаи иқтисодӣ ва соҳаи ташкилию роҳбарикунандаи сиёсат, ошкор сохтани вобастагии пурраи иқтисодии сиёсати иҷтимоии давлат ва ташкилотҳои он маълумот мегирад. Умуман, бе донистани хусусиятҳои фарққунандаи муносибатҳои иқтисодӣ дар ҷомеа, сарфаҳм рафтан ба хусусиятҳои муносибатҳои сиёсӣ дар он ғайриимкон аст.

Сиёсатшиносӣ аз сотсиология маълумотҳоро оид ба фаъолияти умумии ҷамъият ҳамчун маҷмӯи том, гурӯҳҳои ба ин маҷмӯъ дохилшаванда, дар бораи манфиатҳои шахсӣ, синфӣ, миллӣ ва умумибашарӣ ба худ ворид менамояд. Сотсилогия назар ба дигар илмҳои ҷомеашиносӣ бештар ба сиёсатшиносӣ наздик мебошад, зеро маълум аст, ки дар маҷмӯъ ҷудошавии чунин соҳаҳои фан ба монанди сотсиологияи сиёсӣ, сотсилогияи давлат, сотсиологияи ҳокимият, сотсиологияи муносибатҳои сиёсӣ ва ғайраҳо аз худи сотсиология ҷараён мегиранд.

Сиёсатшиносӣ инчунин бо психология низ зич алоқаманд аст. Яъне фаъолияти инсонро дар арсаи сиёсӣ таҳлил намуда, сиёсатшинос аз мафҳумҳое, ки дар соҳаи психология ташаккул ёфтаанд, истифода менамояд. Дар ин ҳолат нақши махсусро бештар психологияи иҷтимоӣ мебозад, ки рафтори гурӯҳҳои хурди иҷтимоӣ, механизми ба даст овардани мароми (мақсад)-и иҷтимоӣ, ақида, мақсад, шаклҳои муносибатҳои байни одамон ва ғайраро меомӯзад.

Чунин алоқаи бевосита байни сиёсатшиносӣ ва илми таърих низ вуҷуд дорад. Албатта то ҳол мавҷудияти принсипи таърихӣ дар тадқиқи воқеаю ҳодисаҳои ҷамъиятӣ аз тарафи касе рад карда нашудааст. Донистани таърихи ин ё он мамлакат, институтҳои иҷтимоию сиёсии он, муборизаи сиёсӣ имконият медиҳад, ки хусусиятҳои муносибатҳои муҳими хоси сиёсӣ дуруст фаҳмида шаванд.

Фалсафа, ҷуғрофияи сиёсӣ ва иқтисод ҳам вобаста бо проблемаҳои ба онҳо хос ба илми сиёсӣ ҳамбастагии муҳим доранд. Ҳамин тариқ, дигар илмҳои иҷтимоиро низ аз қабили антропология, демография, этнография дар катори илмҳои дақиқ, биология, экология номбар кардан мумкин аст, ки бо сиёсатшиносӣ ҳамбастагӣ доранд ва ба далелу натиҷаҳои тадқиқотҳои худ мундариҷаи онро ғанӣ мегардонанд.

Сиёсатшиносон инчунин аз маълумотҳои илмҳои расмӣ-мантиқ, статистика, кибернетика истифода менамоянд.

Чунин доираи васеи муносибатҳои фанни сиёсатшиносӣ ба он имконият медиҳад, ки:

- шароитҳо, принсипҳои муттаҳидии қувваҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва фаъолияти онҳоро амиқ ошкор созад;
- роҳҳои асосӣ, шаклҳо ва усулҳои демократикунонии системаи сиёсиро кор карда бароянд;
- роҳҳои дурусти гузариш ба давлати ҳуқуқбунёд, ба худидоракунии иҷтимоиро дарёбад;
- роҳҳои нисбатан муносиби ҳал намудани зиддиятҳои миллию этникӣ, ташкили сохтори миллию давлатии ҷомеаро возеҳу равшан муайян созад;

- соҳаҳои назариявӣ ва амалии маданияти сиёсии шаҳрвандонро таҳқиқ намуда, роҳҳо ва шаклҳои муфиди тарбияи одамонро дар рӯҳияи масъулияти баланди иҷтимоию сиёсӣ муайян намояд;

- мувофиқати муносиби манфиатҳои мушаххаси миллӣ ва умумиинсониро дар муносибатҳои байналхалқӣ ошкор созад;

- шаклҳо ва усулҳои амалигардонии таҷрибаи байналхалқиро дар бораи ҳуқуқҳо ва озодии шаҳрвандон, ки нисбат ба мамлакати худ қобили қабуланд, муайян созад.

Ҳамаи инро сиёсатшиносӣ дар ҳаёти ҷомеа амалӣ гардонида, **вазифаҳои** зеринро иҷро менамояд:

- **назариявӣ-маърифатӣ,** яъне ба воситаи он равандҳои объективии тараққиёти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ, душвориҳо, зиддиятҳо, монеаҳои дар ҳаёти ҷомеа ҷой дошта бо вазъиятҳои сиёсӣ дуруст баҳо дода мешавад;

- **методологӣ,** яъне бо ёрии он қонуниятҳои умумии сиёсат, системаҳои гуногуни сиёсӣ, муносибатҳои сиёсӣ муайян карда шуда, барои инкишофи назарияҳои сиёсии хусусӣ ва дигар фанҳои ҷамъиятшиносӣ (давлат ва ҳуқуқ, сотсиологияи сиёсӣ ва ғайра) заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад;

- **аналитикӣ (таҳлилӣ)** имконият медиҳад, ки натиҷаи фаъолияти давлат, ҳизбҳо ва дигар ҷузъҳои ташкилоти сиёсии ҷамъият таҳлил ва баҳо дода шавад;

- **прогнозтикӣ** ё худ бо ёрии он пешбинии фаъолияти ояндаи равандҳои сиёсӣ, тасҳеҳи муосири сиёсат ба амал бароварда мешавад;

- **ҷаҳонбинӣ,** яъне вай имконият медиҳад, ки бо мувофиқати манфиатҳои умумибашарӣ ва синфӣ дуруст баҳо дода, мавқеи худро дар системаи сиёсии ҷомеа дуруст муайян намоем.

Чуноне ки мебинем, сиёсатшиносӣ чӣ дар маърифати назариявӣ ва чӣ дар фаъолияти амалии ҷомеа ҷойи муайяну намоёнро ишғол менамояд.

Ба мисли дигар илмҳо сиёсатшиносӣ низ соҳиби маҷмӯи мафҳумҳо ва категорияҳо худ мебошад.

Категорияҳои марказии сиёсатшиносӣ "ҳокимият", "сиёсат", "нуфуз", "демократия", "озодӣ", "системаи сиёсӣ", "сарварии сиёсӣ", "низоъ" ва "консенсус" мебошанд. Сиёсатшинос А.Боднер ба категория, "арзишҳои сиёсӣ" аҳамияти муҳим дода, чунин мешуморад, ки **барои ҷомеаи муосир се намуди асосии арзишҳо хос мебошанд: бехатарии миллӣ ва истиқлолият, некӯаҳволии иқтисодӣ ва тараққиёти озод ва тартиботи конститутсионӣ.** Мафҳумҳои муҳими сиёсатшиносӣ ин раванди сиёсӣ, меъёрҳои сиёсӣ, маданияти сиёсӣ, режими сиёсӣ, экстремизми сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятии сиёсӣ ба ҳисоб меравaнд.

Ҳангоми омӯзиши раванд ва ҳодисоти сиёсӣ илми сиёсӣ усулҳои гуногуни таҳқиқотро истифода мебарад. Бо назардошти миқёси калони таҷрибаи иҷтимоӣ, ки ба соҳаи манфиатҳои илми сиёсӣ дохил мешавад, ба гурӯҳи алоҳидаи усулҳо (усулҳои расмиятчигӣ, ҳуқуқӣ, сотсиологӣ, таърихӣ, риёзӣ, умумимантиқӣ, таҳлил ва хулосабарорӣ, индуксия ва дедуксия, шабоҳат ва тарҳсозӣ) афзалият додан хеле душвор аст. Дар байни усулҳои назариявӣ шаклҳои зеринро ҷудо намудан лозим аст: таҷрибаи тафаккурӣ, шаклпарастии риёзӣ, усули гузоштан аз абстрактӣ ба конкретӣ, усули таҳлилӣ, таърихӣ ва ғайра. Вале чунин методҳое низ мавҷуданд, ки истифодабарии онҳо илми сиёсиро ба фанни мустақили илмӣ табдил медиҳанд.

1.Методи системавӣ, ки сиёсатшиносон ба вай баҳои махсуси маърифатӣ медиҳанд. Таҳлили системавии ҳодисот ва равандҳои сиёсӣ вобаста ба дараҷаи умумияти объекти тадқиқшаванда метавонад ба системаи сиёсӣ ҳамчун маҷмӯи том дахл намояд. Масалан, системаи капиталистӣ, системаи сиёсии ИМА. Ё ин ки системаи ҳизбӣ, системаи худидоракунии маҳаллӣ ва ғайра, инчунин ҳангоми таҳлили чунин масъалаҳо амсоли манфиатҳои сиёсӣ, қарорҳои сиёсӣ, амалӣ интихоб ва иҷрои қарори сиёсӣ ва ғайраҳо.

2.Методи бихевиоралӣ ҳамчун усули муайяни таҳлили ҳодисоти сиёсӣ ба воситаи таҳлили рафтори фард ва гурӯҳ

ҳангоми аз тарафи онҳо ичро намудани нақшҳои сиёсӣ. Истифодаи усули бихевиоралӣ дар сиёсатшиносӣ ба заминаҳои зерин такя менамояд:

- сиёсат ҳамчун падидаи ичтимоӣ пеш аз ҳама характери фардӣ дорад. Дигар шаклҳои гурӯҳии фаъолияти сиёсиро мумкин аст, аз таҳлили рафтори сиёсии шахсӣ, ки бо алоқаҳои гурӯҳӣ муттаҳиданд, чудо намуд.

- ҳар як фард вазъияти рӯҳӣ ва эҳсосоти худро барои шарик будан ба ҳодисот ва равандҳои сиёсии барои онҳо аҳамиятнок ба таври гуногун зоҳир менамояд. Яъне шахс барои таъмини иштироки худ дар сиёсат бояд симои шахсии худро сайқал дода, сиёсатро дар ин ё он дарача сермаҳсул гардонад.

3.Методи миқдорӣ. Ин усул аз он сабаб ба амал меояд, ки ҳодисоти сиёсӣ метавонанд дар ин он шакл зоҳир шаванд. Ин ба дарачаи асоснокии илмии амалиёти пешбинишуда таъсири мусбӣ мерасонад. Се усули миқдории зерин нисбатан характери оммавӣ доранд: усулҳои омории фаъолиятнокии сиёсӣ; тадқиқотҳои анкетӣ, пурсишҳо ва тачрибаҳои лабораторӣ (махсусан дар соҳаи сиёсати байналхалқӣ). Афзалияти ин усулҳо дар он аст, ки тадқиқотчӣ метавонад бо маводе, ки онро ба шакли риёзӣ расмӣ кунонида, равандҳои инкишофро ошкор сохта, пешбиниҳои сиёсӣ намояд ва вазъи сиёсиро тарҳбандӣ карда, хулосаи дуруст бароранд.

4.Методи муқоисавӣ нисбатан анъанавӣ буда, аз қадиммулайём мавриди истифода қарор доранд. Ин усулҳо монандӣ, вобастагӣ ва фарқияти ҳодисаҳоро муайян менамоянд. Ба онҳо принсипҳои зерини интихоби объектӣ қиёс хос аст:

а) институтсионалӣ, "маводи" қиёс- институтҳои сиёсӣ, мақсад -муайян намудани вазъи меъёрӣ ва монандию фарқияти ба онҳо алоқаманд;

б) функсионалӣ, ки бо тачрибаи фаъолияти сиёсӣ, вақте ки баҳри қиёси онҳо ду ва ё зиёда объекти соҳиби фарқиятҳои гуногун (мактаб, клуб) интихоб карда мешавад, вале дар ҳаёти шаҳрвандон манфиат ба талаботи онҳо якхела алоқаманд мебошад.

## Аҳамияти фанни сиёсатшиносӣ

Дар шароити ташаккулёбии сиёсатшиносӣ ҳамчун илм чунин саволе ба миён меояд, ки ин илм ба мо чӣ дода метавонад? Барои чӣ дар Ғарб барои инкишофи он маблағҳои зиёде чӣ аз ҳисоби давлат ва чӣ аз шахсони алоҳида ҷудо шуда, даҳҳо ҳазор одамон ба ҳайси сиёсатшиносон тадқиқотҳои мухталиф мегузаронанд? Ба ин савол посухи зиёде мавҷуд аст, аммо дар шакли умумӣ бояд гуфт: Санъати идоракунии сиёсиро омӯхта, сиёсатшиносӣ ба ташаккулёбии маданияти сиёсии мардум, бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки барои таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон зарур аст, ёрӣ мерасонад. Сиёсатшиносӣ ҷузъи таркибии системаи демократӣ буда, дар ҷараёни ташаккулёбӣ ва муҳофизати гуманизми умумиинсонӣ дар муносибати байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ зоҳир мегардад. Фанни мазкур барои зиёд кардани миқдор ва беҳтар намудани интихоби роҳҳои алтернативӣ, барои аз ҷиҳати идеявӣ асоснок намудани қарорҳои қабулшаванда ва ҳамзамон натиҷаҳои иҷтимоию сиёсии амалиётҳои дар асоси онҳо муайянкунанда ёрӣ мерасонад.

Сиёсатшиносӣ аҳамияти калони тарбиявӣ низ дорад. Олимони амрикоӣ Х.Юлоу ва Д.Марч чунин меҳисобанд, ки илмҳои сиёсӣ масъулияти асосиро дар тарбияи шаҳрвандони оянда ба дӯши худ доранд. Агар имрӯз бисёр халқҳои пешқадам тайёрии одамонро ба вазифаи масъулиятноки шаҳрвандӣ ба ӯҳдаи ҳизбҳои сиёсӣ, масҷид ва созмонҳои ҷавонону мактаб вогузоранд, дар мамлакати мо, бояд чунин тайёрӣ ба зиммаи илмҳои сиёсӣ гузошта шавад. Инчунин, фанни мазкур дар шинохти худшиносии миллӣ, ҳуввияти миллӣ, ватандорӣ ва муносибатҳои дохилию берунии кишвар саҳми босазое дорад. Илмҳои сиёсӣ ба паҳншавии идеяҳои сиёсӣ, меъёрҳои сиёсӣ, анъанаҳо, хабарҳои сиёсӣ ва донишҳо таъсири мусбӣ мерасонад.

# МАРҲАЛАҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ АҚИДАҲОИ СИЁСӢ

Омӯзиши фанни сиёсатшиносӣ аз таърихи ақидаҳои сиёсӣ оғоз мегардад. Ҳадаф аз ин, шиносоӣ пайдо намудан ба сарчашмаҳои пайдоиши он мебошад. Бо чунин муносибат метавонем назарияи сиёсии муосир ва таҷрибаи амалигардонии онро фаҳмида гирем. Ба замми ин бисёр ақидаҳои сиёсии замони гузашта дар таҷрибаи амалии иҷтимоии имрӯза тадбиқ шуда, барои ҷомеаи мо муҳим будани онҳо муайян мешавад. Аз ин рӯ, омӯзиши марҳилаҳои асосии ташаккул ва инкишофи ақидаҳои сиёсӣ ва хизматҳои мутафаккирони бузурги таърих оид ба ин масъала боиси муаррифӣ намудан мебошанд.

## 1. Ақидаҳои сиёсии атиқа ва асрҳои миёна

Маълум аст, ки ибтидои ташаккул ва инкишофи ақидаҳои сиёсӣ дар аҳди қадим бо пайдоиш ва инкишофи давлат рост меояд. Дар он минтақаҳое, ки давлатдорӣ шакли нисбатан тараққиёфтаро гирифта буд, назарияҳои зиёди сиёсӣ ба амал меомад. Ин пеш аз ҳама барои Юнони қадим хос аст. Намунаҳои барҷастаи ақидаҳои сиёсии он замонро ақидаҳои сиёсии Афлотун ва Арасту дар бар мегиранд.

Мутафаккири бузурги Юнони қадим **Афлотун** назарияи томи идеализми фалсафиро, ки дар он назарияи давлати хаёлӣ баён карда шуда буд, пешниҳод намудааст. Афлотун эволютсияи сиёсии инсонро мушоҳида намуда, ба хулосае меояд, ки дигаргуниҳои сиёсӣ дар охир, ин натиҷаи дигаргуниҳои дар тарзи ҳаёти одамон баамалоянда мебошанд. Бинобар ин, ӯ азнавсозии тамоми ҷомеаро дар мавҷудияти заминаҳои ақлӣ мебинад. Ба ақидаи ӯ сокинони давлати хаёлӣ бояд ба файласуфон такя намоянд, ки онҳо ба манфиати тамоми ҷомеа боадолатона хизмат менамоянд. Дар баробари ин таъкид мекунад, ки файласуфон бояд аз оила ва ҳамагуна моликият маҳрум бошанд, то ки манфиати шахсии худро аз манфиати умум боло нагузоранд.

Бояд ба ҷанговарон вазифаи муҳофизати тартибот, ки дар ҳаёт қарорҳои файласуфонро татбиқ кунанд, вогузор карда шавад. Ба ақидаи Афлотун, ҷанговарон бояд якҷоя зиндагӣ карда, соҳиби хонаҳои шахсӣ ва моликият набошанд.

Ӯ танҳо ба табақаҳои поёнии ҷомеа - деҳқонон ва ҳунармандон, ки мувофиқи талаботи давлат хизмат менамуданд, моликияти шахсӣ доштанро раво медид.

Мақсади асосии давлатро Афлотун барои ба даст овардани боигариҳои моддӣ не, балки дар такмили маънавиёти одамон медид, ки ин ҳама, ба ақидаи ӯ, ба шарофати инкишофи илм ба даст оварда мешавад. Зиндагӣ дар давлат ба назари ӯ ҳатмӣ ва "бошуурона" ташкил карда шудааст, табақаҳо аз якдигар аниқ ҷудо карда шуда, ҳар яке вазифаҳои худро иҷро мекунанд.

Умуман, назарияи давлати хаёлии Афлотун характери консервативии иҷтимоиро дорад, зеро ӯ даъват менамуд, ки аз тарзи идоракунии республикавӣ, ки шакли онвақтаи давлати афинагӣ буд, ба сохти идоракунии аристократӣ ё монархӣ баргарданд. Арзиши асосии ин ақидаҳо дар он аст, ки Афлотун мавқеи давлатро дар ҳаёти инсон ва барои ҳар як шаҳрванд зарур будани онро дарк намудааст.

Афлотун дар бунёди бинои хаёлпарастонаи худ амалияи таърихии мушаххасро ба назар гирифта, ба тадқиқи шаклҳои дар он замон мавҷудбудаи идоракунӣ машғул нашудааст.

Мутафаккири дигари он замон шогирди Афлотун, Арасту ақидаи дигареро пешниҳод менамояд.

Ба ақидаи Арасту, инсон "табиатан махлуқи ҷамъиятиест, ки соҳиби муошират будани он дар се шакли асосӣ амалӣ мегардад: оила, ҷомеа ва давлат. Дар баробари ин давлат - шакли олии муошират аст". Маҳз барои ҳамин вай ҳам диққати асосиро ба шаклҳои сохтори давлатдорӣ равона намуда, онҳоро бо мақсадҳое, ки ҳокимон дар назди худ мегузоранд, вобаста карда, ба шаклҳои дуруст ва нодуруст тақсим менамояд. Дар шаклҳои дуруст - монархия, аристократия ва полития идоракунии аксариятро ном мебарад, ки мақсади асосии онҳо сарфи

назар аз шумораи ҳокимон некӯаҳволии умумии омма мебошад. Ба шаклҳои нодуруст - тирания, олигархия ва демократияро дохил кардааст, ки онҳо гӯё аз шаклҳои мувофиқу дуруст пайдо мешаванд. Вале замоне, ки мақсади некӯаҳволии умумӣ бо мақсадҳои инфиродии шахсони алоҳида ва аксари ҳокимон иваз карда мешавад, давлат ба роҳи нодуруст тараққӣ меёбад. Демократия бошад, ба қатори шаклҳои нодуруст дохил мешавад, чунки дар он, ба ақидаи Арасту, хатари зулми аксарият аз болои ақаллият вуҷуд дорад. Вай чунин меҳисобид, ки мардуми бесавод аз байни худ шахсони бефарҳангу бефаъолиятро интихоб намуда, корҳои давлатро ба онҳо бовар мекунанд. Онҳо бошанд, худро аз як канор ба канори дигар зада, ҳам ба маслиҳати шахсони диндор ва ҳам ба маслиҳати шахсони хушомадгӯй гӯш медиҳанд. Ғайр аз ин худи аксарият доимӣ нест, имрӯз ба вай яке ва фардо дигаре ҳамроҳ мешавад, бинобар ин қонунҳоеро, ки аксарият қабул мекунанд, доимӣ буда наметавонанд.

Арасту шакли беҳтарини идоракунӣ политияро, ки аз ифротҳои сохтори аристократӣ, тиранию демократӣ озод аст, дуруст меҳисобад.

Хулосаи муҳиме, ки ба он афкори сиёсии антиқӣ дар симои Афлотун ва Арасту омада буд, бешубҳа **оптимистона** буд. Онҳо чунин мепиндоштанд, ки бо қувваи иродаю дониши инсонӣ ҷомеаи беҳтарин барпо намудан мумкин аст.

Ҳамин тавр, тафаккури сиёсии асримиёнагӣ аз ин ақидаҳо оҳиста-оҳиста хеле дур мешавад. Тамоми нишонаҳои мушаххаси вай дар атрофи масъалаи муносибати байни ҳокимияти шоҳ ва ҳокимияти рӯҳонӣ, доир ба роҳбарии шоҳ ва ё теократия зоҳир мегарданд. Дар баробари ин аксарияти мутафаккирони ин давра дар чунин ақидаанд, ки ҳокимияти давлатӣ аз тарафи Худо барқарор карда шудааст (аз ин ҷо мафҳуми "теократия" пайдо мешавад).

Мутафаккири дигари асримиёнагӣ **Геласий** ҳамчун муаллифи "назарияи ду шамшер" машҳур аст. Шамшер гуфта, вай ҳокимияти ғайридинӣ (подшоҳ) ва ҳокимияти

рӯҳонӣ (папа)-ро дар назар дошт. Ҳар ду шамшер, ба ақидаи вай ба падари рӯҳонӣ тааллуқ доранд, вале ба ҳокимияти олӣ ҳокимияти диниро дохил намуда, ба ҳокимияти баъдина шоҳонро тааллуқ медонад. Аз ин ҷо чунин хулоса мебарояд, ки шоҳ бояд ба вай итоат намояд.

Ба андешаҳои Геласий аз рӯи ақидаҳои хеш, файласуфи асримиёнагӣ, теолог **Фомаи Аквинягӣ** наздик аст. Ба ақидаи вай ба ҳокимияти шоҳон танҳо вуҷуди инсонҳо мансуб аст, на рӯҳи онҳо. Ҳокими рӯҳонии калисо папаи Рим аст, ки ба вай бояд тамоми ҳокимони ғайрирӯҳонӣ итоат намоянд. Ҳамон қадаре, ки Худо аз одам баланд бошад, ҳамон қадар ҳокимияти динӣ аз ҳокимияти сарвари заминӣ боло меистад.

Баръакси ин теолог - католики рӯҳонӣ Бернар Клевросский назарияеро пешниҳод кард, ки мувофиқи он Шамшери ҳокимияти ғайридинӣ аз тарафи Худо бевосита папаро сарфи назар карда, ба шоҳ супурда мешавад. Бинобар ин, ҳоким фақат ба Худо итоат мекунад.

Ба ин баҳсҳо, ки як давраи муайяни таърихӣ давом доштанд, шоир ва файласуфи итолёвӣ **Данте Алигер,** ки эҷодиёти ӯ аз саршавии давраи нав хабар медиҳад, хотима гузошт. Ӯ чунин мақсадҳои мавҷудияти инсонро дар фаҳмиши заминӣ ва осмонӣ мебинад. Онҳоро ба ду шакли саодат тақсим менамояд - саодати ҳаёти заминӣ ва саодати ҳаёти абадӣ. Агар роҳбарии шоҳ ба саодати заминӣ оварда расонад, пас падари рӯҳонӣ ба саодати осмонӣ ё абадӣ ҳидоят мекунад. Ба ақидаи Данте инсон будан ҳам ба мисли насронӣ будан шараф аст, вале саодати заминӣ ба дараҷаи саодати абадӣ боадабона нест. Ҳамин тавр, эволютсияи ақидаҳо доир ба тасаввуроти заминию осмонии пайдоиши давлат хотима мееёбанд. Данте - пайғомрасони давраи Эҳё мебошад. Пас хусусияти он давра аз чӣ иборат аст?

Давраи Эҳё гуфта, чунин марҳилаи таърихиеро меномaнд, ки бо парокандашавии феодализм ва пайдоиши нишонаҳои аввалини капитализм алоқаманд мебошад. Ин давраи болоравии босуръати шаҳрҳо, ҳунармандӣ, савдо, давраи комёбиҳои бузург дар соҳаи ҷуғрофия ва дастовардҳои техникӣ, ақидаҳои илмӣ ва тараққии

маданият буд. Маҳз дар чунин заминаи воқеи таърихӣ инкишофи минбаъдаи тафаккури сиёсӣ ба амал меояд.

Классики назарияи сиёсии давраи Эҳё мутафаккири итолёвӣ **Николло Макиавеллӣ** ба ҳисоб меравад. Ӯ дар Флоренсия дар оилаи ашрофи на он қадар сарватманд ба дунё омадааст. Ӯ назарияи теологии асримиёнагиро доир ба давлат рад намуда, ба он назарияи давлати дуниявиро муқобил гузошта, меъёрҳои ҳуқуқ ва фармоишоти диниро аз ҳам ҷудо мекард. Дар баробари ин Макиавеллӣ чунин меҳисобид, ки сиёсатро на дар чӣ гуна будани давлати хаёлӣ, балки дар тадқиқи он чизе, ки дар ҳақиқат вуҷуд дорад, тасаввур кардан лозим аст. Давлати хаёлӣ, ба ақидаи ӯ берун аз замон ва макон вуҷуд надошта, бояд ба ҳаёти воқеӣ мувофиқ бошад. Ҳамин тариқ, Макиавеллӣ худро тарафдори республика ҳисобида, тамоми бадбахтиҳои Италияи замони худро пеши назар намуда, барқарор намудани яккаҳокимиятӣ ё монархияро талаб мекард. Дар асари худ "Государ" Макиавеллӣ исбот мекунад, ки фақат бо ёрии ҳокими пурзӯр метавон давлати мустақили Италияро аз зулми беруна наҷот дод. Дарёфтани роҳҳои ба даст овардани ин мақсад яке аз мавзӯъҳои асосии эҷодиёти вай мебошад. Ӯ андешаеро асоснок кард, ки мувофиқи он барои ба даст овардани мақсадҳои неки сиёсӣ чораҳои ғайриахлоқӣ, аз ҷумла, ришва, фиреб, куштор, аҳдшиканӣ ҳам бояд истифода шаванд. Асоси фаъолияти одамонро, ба ақидаи Макиавеллӣ, кӯшиши худпарастона барои ифодаи молӣ ва худнигоҳдорӣ ташкил мекунад. Ҳоким бояд ҳамаи инро истифода бурда тавонад ва дар худ хислатҳои шер (далерӣ) ва рӯбоҳ (маккорӣ)-ро дошта бошад. Ҳарифони худро бо ёрии заҳру шамшер мағлуб созад. Ақидаҳои Макиавеллӣ дар байни ҳокимони замонҳои гуногун паҳн гашта буданд. Баъдтар барои ифодаи чунин сиёсат мафҳуми "макиавеллизм" низ пайдо шуд.

Инчунин, дар назарияи сиёсӣ равияе хосе низ мавҷуд аст, ки ҳамчун сотсиализми хаёлӣ ном гирифтааст. Намояндагони сотсиализми хаёлӣ асосгузорони сохти капиталистиро мазаммат намуда, нақшаи сохтори

боадолатонаи ҷамъиятиро пеш мегузоштанд. Асосгузори сотсиализми хаёлӣ мутафаккири англис **Томас Мор** ба шумор меравад. Ӯ дар асари худ "Утопия" бо танқиди сохти мавҷуда, беадолатӣ, нобаробарӣ, муфтхӯрии истисморгарон ба таври ҷиддӣ даст мезанад. Мутафаккир сабаби асосии тамоми бадбахтиҳои ҷамъиятро дар мавҷудияти моликияти хусусӣ мебинад. Маҳз барои ҳамин ҳам ҳаёти боадолатонаро Т. Мор "Утопия" тасвир карда, моликияти ҷамъиятиро ба воситаҳои истеҳсолот ва ҳатмӣ будани меҳнатро таъкид мекунад. Сокинони ҷазираи хаёлии ӯ ҳосили меҳнати худро ба анбори умумӣ супурда, аз он ҷо ҳар як оила маводи лозимаашро бепул гирифта метавонад. Аз меҳнати ҷисмонӣ бошад, дар ҳар як шаҳр на зиёда аз 500 нафар олимон ва маъмуриятчиҳо озод карда мешаванд. Сокинони ҷазира дар як рӯз фақат 6 соат ба кор машғул мешаванд, вақти боқимондаро онҳо ба худтакмилдиҳии маънавӣ ва худомӯзӣ сарф мекунанд. Т.Мор диққати махсусро ба масъалаи тарбия равона карда, барои мардум таълими ҳатмии умумӣ ва барои ҳама дастрас будани таълимро пешкаш менамояд.

Ҳаёт дар "Утопия" ба таври ҷиддӣ ба тартиб даровarда шудааст. Меъёрҳои қонеъ гардонидани талаботҳо аз тарафи обшина аз рӯи "меъёрҳои боақлона" муайян карда мешаванд, манфиатҳои шахсӣ ба манфиатҳои ҷамъиятӣ тобеъ кунонида шудаанд.

Ин аст, ки то имрӯз танқиди нақшаи иҷтимоии Т.Мор дар илмҳои муосир ба чашм мерасад. Ҳарифонаш ӯро асосгузори "коммунизм"-и казармавӣ меноманд ва тайёранд вайро дар тамоми бадбахтиҳои сотсиализми муосир гунаҳкор намоянд. Бояд гуфт, ки асоси маънавии тамоми асарҳои ӯро ақидаи инсонпарварӣ, кӯшиши озод намудани инсони меҳнаткаш ва хушбахт гардонидани ӯ дар рӯи замин ташкил медиҳад. Намояндаи дигари сотсиализми хаёлӣ **Томазо Кампанелло** мебошад.

Ақидаҳо ва принсипҳои ҳаёти иҷтимоии ӯ дигаргунтар мебошанд. Ӯ дар асараш "Шаҳри офтобӣ" барҳам додани моликияти хусусӣ ва ҳатмӣ будани меҳнатро эълон мекунад. Сохтори сиёсии "Шаҳри офтобӣ" ҳам

диққатҷалбкунанда мебошад. Ҳокими олии вай метафизик аст, ки қувва, хирад ва муҳаббатро соҳиб аст. Хирад дар навбати худ ёрдамчиҳо дорад, ки шумораи онҳо ба шумораи илмҳо баробар аст. Чуноне ки мебинем, ақида ба нақши илм дар идоракунии ҷомеа ва дар бораи зарурати такя ба илм дар корҳои давлатӣ дар Аврупо дар асрҳои XVII пайдо шуда буд.

Дар ташкили иҷтимоии "Шаҳри офтобӣ" бошад, бисёр сифатҳои ҷазираи хаёлӣ такрор мееёбад. Дар ин ҷо низ ба танзим даровардани ҳаёти шаҳрвандон, баробар-тақсимкунӣ, дахолати давлат ба корҳои оила ва никоҳ ҷой дорад. Албатта, назарияи Кампанелларо бо ченакҳои имрӯза қиёс кардан мушкил аст, вале як қатор ақидаҳои пурарзише, ки аз тарафи вай ва **Т.Мор** гуфта шудаанд, то ҳол аҳамияти худро гум накардаанд. Дар воқеъ ҳар ду мутафаккир ҳам асосгузори равияе дар инкишофи тафаккури ҷамъиятӣ-сиёсии сотсиализми хаёлӣ мебошанд.

Ҳамин тавр, инкишофи минбаъдаи тафаккури сиёсӣ дар эҷодиёти мутафаккирони Ҳоланд ва Англия дар асри XVI боз вусъат меёбад, ки ин ба воқеаҳои пуршӯри сиёсӣ вобастагӣ доштанд. Ин аст, ки маҳз дар ҳамин мамлакатҳо аввалин инқилобҳои буржуазӣ ба амал омада буданд.

Ба қатори мутафаккирони бузурги он давра инчунин файласуфи англис **Томас Гоббс** (1588-1679) дохил мешавад. Вай таълимоти сиёсии худро дар асарҳои "Сарчашмаи фалсафии таъинот доир ба шаҳрванд" ва "Левиофан" иншо намудааст. Гоббс он нуктаро ба назар мегирад, ки тамоми одамон баробар таваллуд ёфта, ҳар яки онҳо "ҳуқуқ ба ҳамаи чиз"-ро доранд. Аммо инсон мавҷудоти худпарасту шӯҳратпараст мебошад, бинобар ин дар ҷомеа ногузирии "ҷанги ҳама ба муқобили ҳама" ҳукмрон аст. Роҳи аз ин ҳолат фақат дар он вақте ба амал меояд, ки одамон аз рӯи ғаризаи худнигоҳдорӣ, аз як қисми ҳуқуқҳои худ даст кашида, онҳоро аз рӯи шартнома ба шахси муайян ва ё гурӯҳи муайян диҳанд. Онҳо давлатеро таҷассум мекунанд, ки ба "вазъи табиӣ хотима бахшида, сулҳро дар байни одамон кафолат дода метавонанд".

Барои бомуваффакият ичро намудани ин боварӣ давлат бояд соҳиби ҳокимияти мутлак ва ҳуқуқҳои номаҳдуд бошад. Соҳиби ҳокимияти олӣ бо ягон қонун (шартнома) ба халқ алоқаманд нашуда, дар назди он масъулияте надорад. Вазифаи ҳоким дуруст идора намудани халқи худ мебошад ва барои корҳои худ вай дар назди виҷдону хиради худ ҷавобгар аст. Бо иродаи ҳоким фақат дар он лаҳзае муқобил баромадан мумкин аст, ки ягон шахсро ба куштани худ даъват мекунад ва ё муҳофизат кардани худро аз ҳуҷуми душманон манъ медорад. Дар чунин лаҳзаҳо халк ба шӯриш ҳуқуқ пайдо мекунад.

Дар баробари ин давлат, ба ақидаи Т.Гоббс, танҳо вазифаи муҳофизатиро ичро накарда, инчунин вазифаи ҳавасманд намудани тамоми шаклҳои касбу кор, бо зӯрӣ ба меҳнат ҷалб намудани одамони сиҳат, ки канорачӯӣ мекунад, ичро менамояд. Давлат ғайр аз ин ба тарбияи одамон ва фаъолияти ба танзим даровардани ҳаёт бояд машғул бошад.

Давлат ба шаҳрвандон тамоми он ҳуқуқҳоеро, ки аз тарафи конун манъ карда нашудаанд, кафолат медиҳад. Дар бораи шаклҳои мавҷудаи идоракунӣ сухан ронда, Т.Гоббс худро тарафдори монархия меҳисобад. Ақидаҳои Т.Гоббс ба талаботи замон (ташаккулёбии давлатҳои монархистии мутлак) дар Аврупо ҷавоб дода, солҳои тӯлонӣ мақсади томро дар инкишофи тафаккури сиёсӣ муайян намудааст.

Мутафаккири дигаре хамчун оппоненти идеологии Т.Гоббс дар охири асри XVII **Ҷон Лок** (1632-1704) файласуф ва маърифатпарвари англис мебошад. Ӯ ақидаи шартномаи халқиро, ки аз тарафи Т.Гоббс тартиб дода шуда буд, тарафдорӣ менамуд, вале маънии онро дигар хел тасаввур мекард. Ба ақидаи ӯ то пайдоиши давлат одамон дар шароитҳои табиӣ зиндагӣ карда шахсият ва моликияти худро озодона идора мекарданд. Табиат ҳар як фардро бо имконияти муҳокима намудани шахсоне, ки меъёрҳои табиии муоширатро вайрон мекунанд, кафолат дода, ҷазо додани гунаҳкоронро пешбинӣ мекунад. Маҳз аз ҳамин сабаб бо мақсади баробарии кафолати озодӣ,

муҳофизати шахсият ва моликият одамон дар бораи ташкили давлат розӣ мешаванд.

Давлат, ба ақидаи Ҷон Лок, маҷмӯи одамонест, ки соҳиби ҳуқуқҳои қонунбарорӣ ва истифодаи қувваи тамоми ҷамъият барои иҷроиши онҳо буда, муҳофизати давлат аз ҳуҷумҳои беруна низ ба ӯҳдаи он мебошад. Доираи ҳуқуқҳои давлат аз тарафи ҷомеа хеле аниқ муайян карда шудааст. Давлат соҳиби ҳамон қадар ҳокимияте мебошад, ки барои муҳофизат ва таъмини манфиатҳои шаҳрвандӣ, ҳуқуқи ҳар як шахс, ҳифзи саломатӣ, озодӣ ва моликият зарур аст.

Ақидаҳои Ҷон Лок дар бораи тақсими ҳокимият дар давлат байни ташкилотҳои гуногун барои роҳ надодан ба сӯиистеъмол ва сӯистифодаи ин хеле пурарзиш мебошанд. Ҳуқуқи қабул намудани қонунҳо ба ташкилоти намояндагӣ, яъне парлумон (ҳокимияти қонунбарор) гузошта шудааст. Дар ҳаёт татбиқ намудани қонунҳо, ба ақидаи Ҷон Лок ба ӯҳдаи ҳокиму вазирон (ҳокимияти иҷроия) гузошта шуда, бо ҳамин давлат ба тарозуе монанд карда шудааст, ки бояд як пала ба палаи дигар баробар бошад. Ин ақидаи Ҷон Лок дар ҷомеа ҳаёти хеле дуру дароз дид. Дар Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандон, ки соли 1789 аз тарафи Маҷлиси миллии Фаронса қабул карда шуда буд, чунин омадааст: "Ҷомеае, ки дар он истифодаи ҳуқуқҳо таъмин карда нашудааст, тақсимоти ҳокимият гузаронида нашудааст, қонун асоси устуворӣ надорад".

Нисбат ба ин ақидаҳо бо баъзе фарқиятҳо дар таърихи тафаккури сиёсӣ сотсиалистони хаёлӣ низ буданд, ки сохтори ҷамъияти хаёлии мақбулро бо дигар тарз тавсия медоданд. Аз он ҷумла, мутафаккири англис **Ҷ.Уинстенлӣ** аз зумраи онҳо буда, дар асари худ "Қонуни озодӣ" чунин меҳисобад, ки одамон табиатан баробар буда, соҳиби ҳуқуқ ва замин мебошанд, ки меҳнати онҳо ягона манбаи тамоми боигарӣ аст. Аз ин ҷо, ӯ ба чунин хулоса меояд, ки мавҷудияти моликияти хусусӣ ба замин вайронкунии дағалонаи ҳуқуқи табиӣ, асоси тамоми бадбахтиҳо мебошад. Барои аз ин халос шудан фақат сохти идоракуниро тағйир додан нокифоя аст. Ба ҳокимият зарур

аст, ки ба "Қонунҳои озодии умумӣ" такя намояд. Озодии ҳақиқӣ дар он ҷоест, ки замин боигарии умумӣ дониста шуда бошад.

Ч.Уинстенлӣ оиларо ячейкаи асосии ҷомеа меҳисобад ва ҳуқуқи моликияти шахсӣ доштанро ба он ҳавола мекунад. Тақсимоти неъматҳои моддӣ бошад, мувофиқи назарияи ҳамзамонон ва гузаштагони вай баробар ва марказонидашуда мемонад. Дар сохтори давлат принсипи демократия, яъне интихоби тамоми шахсони мансабдорро пешбинӣ намуда, ташкили райъпурсиҳо, қабул намудани қонунҳоро фақат бо розигӣ халқ ва мавҷудияти парлумон воҷиб медонад.

Дар таърихи тафаккури сиёсӣ Ч.Уинстенлӣ аввалин шахсест, ки ба пайвастани анъанаҳои республикавию демократӣ ва сотсиалистӣ кӯшиш мекард. Бӯҳрони умумии феодализм ва монархияи мутлақ, баландшавии рӯҳияи инқилобии омма асоси таърихие мегардад, ки аз он маърифати сиёсии фаронсавӣ қувваи нав мегирад. Ин ақида одатан барои ифодаи маҷмӯи таълимотҳои идеологӣ истифода бурда мешавад. Назарияҳои сиёсие, ки мундариҷаи асосии маърифати франсавиро ташкил медод ба се гурӯҳи асосӣ тақсим карда мешавад:

1. Равияи рости мунтазаме, ки манфиатҳои буржуазияи калони фаронсавиро ифода намуда, ба мусолиҳакорӣ бо феодализм ва идеологияҳои он моил аст. Он дар симои чунин мутафаккирон, ба монанди Монтеске ва Волтер таҷассум ёфтааст.

2. Равияи радикалӣ-демократӣ, ки манфиатҳои буржуазияи калони фаронсавӣ, деҳқонон ва ҳунармандонро ифода менамуд, ки дар эҷодиёти Ж.Ж.Руссо ифода ёфта буд.

3. Қаноти чапи ҳаракати маърифатпарварӣ, ки манфиатҳои камбағалони шаҳр ва деҳотро ифода менамуд. Ба ин гурӯҳ намояндагони коммунизми хаёлӣ Меле, Морелли, Мабле дохил мешаванд.

Яке аз шахсиятҳои машҳури давраи маърифати фаронсавӣ **Франсуа Мари Аруэ Меблиад,** ки бо яке аз 137 лақаби худ - Волтер (1694-1778) машҳур аст, ба ҳисоб

меравад. Волтерро на танҳо таълимоти сиёсии начиб, балки танқиди бераҳмонаи сохти феодалӣ, бераҳмии табақаҳои имтиёзнок ва худсарии судҳо машҳур гардонида буд. Шиори вай "Палидро пахш кунед", ки бо муқобили зӯроварии калисои католикӣ нигаронида шуда буд, хеле машҳур аст. Вай инчунин ақидаи баробарии ҳамаро дар назди қонун ва маърифату мазҳабпарастиро васеъ тарғиб мекард.

Асарҳои зиёди фалсафии вай "Таҷрибаи таърихи умумӣ", "Мактубҳои фалсафӣ", "Кандид" ва ғ. бо ақидаҳои сиёсию ҳуқуқӣ пурра карда шудаанд. Волтер таълимотро дар бораи пешрафти инсоният инкишоф медиҳад. Вай сабабҳои садди роҳи пешрафти ҷомеаро дар бадфеълии одамон мебинад. Маҳз барои ҳамин аст, ки вай идеали худ "Монархияи мутамаддин"-ро мешуморад, ки гӯё дар он ҷо на танҳо монарх, балки тамоми ҷомеа ҳам бомаърифат аст. Ба ақидаи ӯ танҳо шоҳ метавонад ва вазифадор аст, ки имтиёзҳои табақавиро манъ намуда, конститутсияро ҷорӣ намояд ва кафолати озодӣ ва баробариро диҳад. Дар зери мафҳуми озодӣ вай озодии мазҳаб, сухан, моликият ва матбуотро дар назар дорад. Дар баробари ин нобаробарии молумулкӣ дар назари вай табиӣ менамуд.

Дар инъикоси васеъи назарияҳои давраи Маърифат ақидаҳои Волтер беандоза аҳамиятнок мебошанд. Гуфтаҳои боло, ба монархия тарафдор будани ӯ ва ба реформаторҳо пайравӣ намуданашро тасдиқ мекунанд. Дар баробари ин Волтер бо асарҳои худ ба инкишоф ва паҳншавии ақидаҳои пешқадам мусоидат намуда буд. Бесабаб нест, ки фаъолони инқилоби кабири фаронсавӣ мегуфтанд: "Волтер халқро ба озодӣ тайёр намуд ва наслҳои оянда тамоми асри XVIII-ро сипосгузорона, "асри Волтер" номидаанд".

Ҳамин тавр, дар ин давра дар қатори Волтер, **Шарл Луй Монтеске** яке аз саркардагони маърифати он замон ба шумор мерафт. Ӯ умри хеле дуру дароз дидааст. Дар ин муддат ақидаҳои сиёсии ӯ хеле тағйир ёфта бошанд ҳам, вале як чиз бетағйир мондааст, пайравӣ ва ақидаи озодии сиёсӣ.

Ба мисли бисёр гузаштагони худ Монтеске ҳам ба масъалаи пайдоиши давлат ва ҳуқуқ аҳамият медод. Вай чунин меҳисобад, ки пайдоиши давлат ба вазъияти муайяни таърихӣ, пеш аз ҳама, ба муҳити ҷуғрофӣ алоқаманд аст. Сохти сиёсӣ, характери қонунҳо, қиёфаи ахлоқии ҳар як халқ бевосита аз бodу ҳаво, замин, релеф ва бузургии маҳал вобастагӣ дорад.

Дар қатори омили ҷуғрофӣ барои пешрафти таърихӣ Монтеске ба шакли идоракунӣ ҳам аҳамияти калон медиҳад. Вай ба монанди Арасту вобастагии онҳоро аз шумораи ҳокимон фарқ карда, **се шакли** онро ҷудо мекунад: **1 деспотия** (ҳокимияти як кас); **2 монархия** (ҳокимияти шоҳ), ки бо конститутсия маҳдуд шудааст; **3 республика** (ҳокимияти халқ). Ба деспотия вай назари манфӣ дошта, ду шакли дигарро тарафдор буд. Интихоби шакли идоракунӣ, ба ақидаи Монтеске, аз бузургии сарзамин вобаста аст. Ба давлатҳои на он қадар калон - ҷумҳурият, барои давлатҳои миёнаҳаҷм - монархия ва барои давлатҳои калон- деспотияро мувофиқ меҳисобад. Вай имконияти сохтани ҷумҳуриҳоро дар минтақаҳои калон ҳам ба шарте имконпазир мешумурд, ки ташкили он федеративӣ (ё ин ки иттифоқи давлатҳо) бошад.

Чӣ тавре ки қайд шуд, Монтеске ба идеалҳои озодии сиёсӣ мӯътақид аст. Мазмуни ин ба ақидаи вай аз он иборат аст, ки шаҳрванд на он кореро иҷро мекунад, ки худаш мехоҳад, балки онеро ҳуқуқ дорад, ки қонун иҷозат медиҳад. Озодӣ фақат он вақте меояд, ки ҳар як шаҳрванд ба бехатарии худ боварӣ ҳосил мекунад. Риояи қатъии қонунҳо, тақсимоти ҳокимият ба қонунбарору иҷроия ва судӣ, ба ақидаи Монтеске, ба озодӣ кафолат медиҳанд.

Инчунин тақсимоти ҳокимият байни органҳои гуногун имконият медиҳад, ки онҳо фаолияти якдигарро тарафдорӣ ва назорат намоянд. Дар ин ҳолат сӯистеъмоли ҳокимият, ба ақидаи Монтеске номумкин мегардад. Шаклҳои алоҳидаи ҳокимият нисбатан мустақил бошанд ҳам, вале нақши асосӣ ба ҳокимияти қонунбарор вогузор аст. Аҷибаш он аст, ки ин ақидаҳои Монтеске меҳвари Қонуни асосии Фаронсаро ташкил медиҳанд, ки

"шогирдони" вай қонунбаророн аз устоди хеш пеш рафта, ба дворянҳо додани палатаи болоиро дар парлумон рад намуда, шоҳро аз ҳуқуқи вето маҳрум сохтанд. Ин далели он аст, ки Монтеске ба қатори он мутафаккироне дохил мешавад, ки ақидаҳои вай дар ҳаёт амалӣ шуда, муддати дароз тақдири халқро муайян намудаанд.

Дар давраи Маърифати Фаронса яке аз мавқеъҳои муайяни ҷамъиятиро **Жан-Жак Руссо** (1712-1778) ишгол менамояд. Нуқтаи асосии назарияи сиёсии вай мулоҳизаҳо дар бораи пайдоиши нобаробарӣ аст. Барои ин вай баъд аз гузаштагони худ ба вазъи табиии ҷомеа аҳамият медиҳад. Инсон, ба ақидаи ӯ, дар шароити табиӣ на бад буду на хуб ва дар ҳолати оромии муҳими худ қарор дошт. Одамон соҳиби ягон чиз набуданд ва аз ҳамин сабаб золимиро намедонистанд. Ба шароити табиӣ занҷири тасодуфҳо, ки яке аз онҳо пайдоиши моликияти хусусӣ ба замин аст, сабаб шуд. Нобаробариро инчунин табаддулоти соҳаи истеҳсолот ривоҷ дод, ки барои дар дасти як шахс ҷамъ шудани боигарӣ гардид. Гунаҳкори ин, ба ақидаи Руссо, шахсе буд, ки аввалин шуда ба фикри панҷара кашидани замин афтода, гуфт, ки "ин аз ман аст" ва одамони содалавҳеро ёфтааст, ки ба вай бовар кардаанд. Ин боварӣ замоне ба охир расид. Нобаробариро дар ҷомеа тағйир ёфтани воситаҳои меҳнат, ки ба захира намудани озуқа ва боигарӣ дар дасти як кас имконият медиҳад, зиёд намуд. Баъд аз он ки имконияти ҳолати табииро тарк намуд, вай ба хатти муборизаҳо, зиддиятҳо ва ҷангҳо дохил шуд. Аз ин вазъият сарватмандон истифода бурда, пешниҳод мекунанд, ки иттифоқ баста, ҳокимияти олиро шиносанд. Руссо бошад, таклиф мекунад, ки шартномаи асосии ҷамъиятӣ баста шавад, ки ба иродаи халқ ҷавоб дода тавонад. Аз рӯи ин шартнома ҳар як шахси алоҳида аз тамоми ҳуқуқҳои худ даст кашида, онҳоро ба ихтиёри тамоми ҷамъият медиҳад. Дар чунин ҷомеа ба ақидаи ӯ иродаи халқ ҳукмрон мегардад. Ин чунин маъно дорад, ки ягон парлумон ва ё ташкилоти намояндагони дигар иродаи халқро таҷассум карда наметавонад.

Бинобар ин, ҳар як қонун баъд аз тарафдории халқ ё ин ки райъи умумӣ қабул карда шавад. Интихобкардагони халқ метавонанд фақат ба иҷрои қонун сару кор дошта бошанд. Қонунҳое, ки аз тарафи омма қабул карда шудаанд, бояд дар байни одамон паҳн шаванд. Дар назди қонун бояд ҳама баробар бошанд. Бо ин баробарии ҳуқуқ кафолат дода мешавад. Руссо ба муқобили моликияти хусусӣ дар шакли мавҷудааш набуд, вале маҳдуд намудани онро таъкид мекард. Вай мегуфт, ки ягон шаҳрванд набояд ба дараҷае бой бошад, ки дигареро харида гирад, ягон кас набояд ба дараҷае камбағал бошад, ки худро фурӯшад. Дар баробари ин моликияти хусусии худро Руссо асоси устувории ҷомеа меҳисобид.

Руссо рӯирост ба сарнагун намудани сохти мавҷуда даъват мекард. Аммо дар ақидаҳои ҳамзамонону пайравони вай низ даъват ба шӯриши зидди мутлақият ҳидоят карда мешавад.

Ба гирудори воқеаҳои пурталотуми сиёсии охири асри XYIII дар Фаронса тамоми табақаи сеюм ва пеш аз ҳама, поёниҳо - деҳқонон, ҳунармандон ва пролетариати навбаромад ҷалб карда шуда буданд. Ин ҳаракат назариячиёни худро тавлид накарда наметавонист. Ба қарори онҳо сотсиалистони хаёлӣ Ж.Мелйе, Мореллӣ ва Г.Маблӣ дохил мешаванд. Онҳо ақидаҳои нисбатан инқилобии он замонро хеле инкишоф доданд.

**Жан Мелйе** (1664-1729) писари бофандаи қашшоқ, рӯҳонии деҳотӣ, назариётчии коммунизми инқилобии деҳқонон буд. Асари ӯ "Васиятнома" дар партави бениқобкунии дин, давлати истисморкунанда ва табақаҳои имтиёзнок навишта шудааст. Дар бораи ҳокимият сухан ронда, Мелйе менависад, ки ҳокимият аслан бо роҳи ҷиноят ба даст омадааст. Тамоми одамон саравал баробаранд, вале шоҳҳо худро аз қонунҳо боло гирифта, одамони озодро ба худ ғулом мегардонанд. Ба қатори яке аз бадбахтиҳои ҷомеа Мелйе мутлақияти шоҳӣ, муфтхӯрӣ ва мавҷудияти моликияти хусусиро дохил менамояд. Бо ҳиссиёти ғайриодамӣ, ки барои рӯҳонии деҳотӣ хос нест, вай ба ин норасогиҳои ҷамъиятӣ муқобилият намуда, ба

инқилоби халқӣ даъват менамояд. Камбудии нақшаи коммунистии Мелйе ин баробарсозии вай буд. Дар он моликияти хусусӣ мавҷуд набуда, баробарӣ на танҳо дар меҳнат, балки ҳамчун талаботи омма эълон карда мешавад. Барои ба танзим даровардани ҳаёти ҷамъиятӣ, ба ақидаи вай, ҳокимияти ҷамъиятӣ зарур аст, ки ба зӯроварӣ такя накарда, як қисми ҷомеаро ба дигараш тобеъ намояд.

Баъд аз **Мелйе Мореллӣ** ҳам ҳокимияти хусусӣ ва сохтори сиёсии мавҷударо рад мекунад. Дар асари худ "Кодекси табиат" (1755) вай нақшаи муфассали ҷомеаиояндаи коммунистӣ ва ҳокимияти онро тартиб медиҳад. Вай се "Қонуни муқаддас"-и асосиро эълон менамояд: 1. Барқарор кардани моликияти ҷамъиятӣ ба ғайр аз чизҳои шахсӣ; 2. Ба кор таъмин намудани ҳама ва бо навбат ба шахсони вазифадор мубаддал намудани тамоми шаҳрвандон; 3. Ба манфиати ҷомеа мувофиқ кунонидани вазифаҳои ҳар як шаҳрванд. Ба зиммаи давлат вазифаи ба танзим даровардани истеҳсолот, таъмини иштироки шаҳрвандон дар меҳнат ва истироҳат ва ғ. гузошта мешавад.

Инкишофи ақидаҳои коммунизми хаёлиро дар асарҳои Габриел Бонно де Мабле (1709-1785) ҳам дидан мумкин аст. Вай диққати асосиро ба масъалаҳои моликият, ки одамонро ба ду синф сарватмандон ва камбағалон тақсим менамоянд, ҷалб менамояд. Сарватмандон моликиятро дар дасти худ ҷамъ оварда, ҳамзамон кӯшиш мекунанд, ки ҳокимияти давлатиро ба даст гиранд ва бо ёрии он боқимондаҳоро ба худ тобеъ гардонанд. Ҳамин тавр, бераҳмӣ тавлид мегардад. Роҳи беҳтарин, ба ақидаи Маблӣ, ин бозгашт ба вазъи табиии умумияти моликият мебошад. Вале бадбахтӣ дар он аст, ки сарватмандон ба ин зид мебароянд ва ҷомеа ба кашмакашиҳо дучор мегардад. Бинобар ин барои ба идеал наздик шудан ба боқимондаҳо лозим аст, ки бар зидди моликияти хусусӣ, ҳашамат ва нобаробариҳои зиёд мубориза баранд. Маблӣ қабул намудани қарорҳоро ба муқобили ҳашамат, маҳдуд кардани савдо, муросои бемузди тамоми вазифаҳои давлатиро талаб менамуд.

Мабле тарафдори бечунучарои республика буд. Фақат халқ, ба ақидаи вай, метавонад, ки пешбарандаи ҳокимияти олӣ бошад. Аз ин ҷо вай ҳуқуқи халқро ба инқилоб тарафдорӣ менамояд. Гарчанде ки ягон хел шартнома халқро ба тасарруфи ҳоким дода наметавонад. Халқ доимо метавонад, шакли идоракуниро бо зӯрӣ дигаргун созад.

Ҳамин тавр, назарияҳои сиёсии давраи Маърифати Фаронса назарияи инқилоби буржуазии Фаронсаро, ки яке аз воқеаҳои бузурги асри XVIII дар Аврупо буд, тайёр намудаанд.

## 2. Ақидаҳои сиёсӣ дар фалсафаи классикии немис ва сотсиализми хаёлии асри XIX

Дар ин замон дар Олмон вазъи дигари таърихӣ ҳукмрон буд. Қафомондагии сиёсию иқтисодӣ, зӯроварии ҳокимияти табақавию феодалӣ, чуноне ки дар таърих аксар вақт рух медиҳад, бо парвози диданашудаи адабиёт ва фалсафа ҷӯр мешуд. Лессинг, Шиллер, Гёте, Фихте, Гегел ва дигарон аз зумраи арбобони машҳуре буданд, ки инқилоби бузурги фалсафиро дар ин мамлакат ба амал овардаанд.

Профессори фалсафаи Университети Кенигсберг **Кант** (1724-1804), дар барномаи худ амалиёти синфи буржуазияро асоснок намуд. Принсипи асосии назарияи сиёсии вай иборат аз он аст, ки ҳар як шахс соҳиби арзишҳои мутлақ буда, ҳеҷ вақт воситаи амалӣ гардонидани мақсадҳои дигар шуда наметавонад. Инсон қодир аст, ки худ хӯҷаини худ бошад. Вале на ҳар кас озодии шахсии худро ба мақсадҳои маънавии худ истифода бурда метавонад. Барои ба ин роҳ нагодан қонуне лозим аст, ки давлат онро соҳиби қувваи маҷбуркунӣ мегардонад. Охир давлат, ба ақидаи Кант, аз рӯи мазмун зуд паҳнкунандаи воситаҳои маҷбуркунӣ мебошад. Вазифаи давлатро Кант на дар ғамхорӣ оид ба истеҳсолу истеъмол ва инчунин дар ҳимояи ҳуқуқҳо, балки дар мувофиқати максималии режими давлат ва принсипҳои вай мебинад.

Ин ақида имконият медиҳад, ки Кантро асосгузори консепсияи "давлати ҳуқуқбунёд" шуморем.

Кант пайдоиши давлатро ба шартномаи ҷамъиятӣ алоқаманд медонад. Ӯ чунин мешуморад, ки ин шартномаро одамони аз ҷиҳати маънавӣ бой мукаммал месозанд. Давлат ҳуқуқ надорад, ки одамонро ба интихоб намудани роҳи дуруст гунаҳкор намояд.

Барои мо ақидаҳои **Гегел** низ, ки ба масъалаҳои сиёсати беруна дахл доранд, диққатҷалбкунанда мебошанд. Ӯ ҳамчун рақиби сохти ҷангҳои истилогарона бароомад намуда, риояи шартномаҳо, инкишофи алоқаҳои савдою маданиятро ҳатмӣ мешуморад. Гегел нақшаи барқарор кардани "сулҳи абадӣ"-ро, ки бо роҳи сохтани федератсияи ҳамаҷонибаи давлатҳои баробарҳуқуқ мумкин аст, пешниҳод менамояд. Ин иттифоқ, ба ақидаи файласуф, ногузир аст. Кафолати ин бояд, ки тарбия, маорифи халқ ва ифодаи иродаи неки ҳокимон, инчунин талаботҳои иқтисодии миллатҳо шуда тавонад.

Қисми таркибии маҷмӯи ақидаҳои фалсафии Гегелро таълимоти сиёсӣ, ки дар "Фалсафаи ҳуқуқӣ"-и ӯ дарҷ ёфтааст, ташкил медиҳад. Дар ин ҷо вай ба тадқиқи моҳияти ҳуқуқ ҳамчун ақоиди мутлақ рӯ оварда, фаҳмиши ҳаёти сиёсии онвақтаи худро баён мекунад. То имрӯз ақидаҳои Гегел оид ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат хеле муҳиму шавқовар мебошанд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ - ин ҷомеаи замони муайянест, ки ба талаботҳо ва манфиатҳои гуногуншаклу гуногунмазмун ҷавобгӯ мебошад. Баръакси ин давлат муттаҳидаи хосу ҳокимияти ягона мебошад, ки ба халқи ягона такя менамояд. Саволе ногузир ба миён меояд: чӣ тавр ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлатро бо ҳам пайвастан лозим аст? Ба ақидаи Гегел, инро ба воситаи гурӯҳи намояндагон амалӣ гардондан мумкин мебошад. Ин маънои онро дорад, ки дар ҷомеаи шаҳрвандӣ одамон дар гурӯҳҳо аз рӯи манфиатҳои худ муттаҳид мегарданд. Ба намояндагон лозим аст, ки манфиатҳои худро байни якдигар мувофиқ гардонанд. Ин имконият медиҳад, ки ягонагии миллӣ, ки барои давлат хеле зарур аст, ба даст оварда шавад. ҳал намудани зиддиятҳои байни ҷомеаи

шаҳрвандӣ ва давлатро Гегел дар мавҷуд будани монархияи табақавии конститутсионӣ мебинад. Бинобар ин, вай монархияи Пруссияро, ки бо қонуни асосии Германияи ҳамонвақта мувофиқ карда шудааст, марҳилаи охирин дар таърихи инкишофи давлат меҳисобад.

Дар даҳсолаҳои аввали асри XIX дар Аврупои Ғарбӣ назарияи сотсиализми хаёлӣ худро аз нав ошкор месозад. Солҳои рушду камоли ҳаёт ва эҷодиёти сотсиалистони хаёлӣ ба давраи инкишофи босуръати муносибатҳои капиталистӣ мувофиқ омад. Дар баробари ин капитализм шакли мутараққию классикии худро ноил гашта буд.

Ҳамин тавр, зиддияти маълуми байни меҳнат ва сармоя то ҳол аён нагашта, пролетариат ҳамчун қувваи мустақили сиёсӣ ташаккул наёфта буд. Ин бошад, сабаби дучонибагии ақидаҳои онҳо гардида буд. Аз як тараф онҳо як қатор ақидаҳои худро оид ба сохториояндаи сиёсии ҷомеа баён мекарданд, аз тарафи дигар, побанди хаёлӣ шуда, сабабҳои ҳақиқӣ ва роҳҳои мубориза ро ба ин ҷомеаи адолатпарвар тасаввур намуда наметавонистанд. Имрӯзҳо барои мо низ ақидаҳои асосноки онҳо диққатҷалбкунанда мебошанд. Баъзеи онҳо аз қабили иваз намудани моликияти хусусӣ ба ҷамъиятӣ, умумияти меҳнат, барҳам додани зиддияти байни шаҳр ва деҳот, ба ҳам пайвастани меҳнати фикрӣ бо ҷисмонӣ, илм бо истеҳсолот, вобастагии тарбия бо муҳити иҷтимоӣ, ташаккул додани шахси ҳаматарафа инкишофёфта дохил мешаванд. Умуман, ақидаҳои сотсиалистони хаёлӣ оид ба сиёсат ва давлат диққати ҷиддиро ба худ ҷалб мекунанд. Ҳамин тавр, А.Сен-Симон сиёсатро ҳамчун кӯшиши як қисми ҷомеа барои ба даст гирифтани қисми дигари он медонад. Вай исбот мекунад, ки маҳз барои ҳамин, вақте ки истисмори одам аз тарафи одам аз байн меравад, одамон қувваи бузургеро барои мубориза бо табиат, инкишофи саноат ва пешрафти илм озод менамоянд. Сиёсат ба фаъолияти оддии маъмурӣ якҷоя мешавад, давлат аз воситаи идоракунии одамон ба воситаи "идоракунии чизҳо" ва ё баробарият аз рӯи равандҳои истеҳсолот як карда мешавад. Чуноне ки мебинем, дар асарҳои Сен-Симон ақидае дар бораи аз байн

рафтани мунтазами давлат вомехӯрад, ки баъдтар дар марксизми классикӣ хеле ботантана садо додааст.

Чунин аст, шакли мухтасари таърихи афкори сиёсии Аврупои Ғарбӣ, ки ақидаҳои мухталиферо дар бар мегиранд.

### 3. Ақоиди иҷтимоию сиёсии мутафаккирони тоҷику форс

Намояндагони машҳури афкори прогрессивии тоҷику форс Имоми Аъзам, Абӯалӣ Сино, Абурайҳони Берунӣ, Форобӣ, Унусурулмаолии Кайковус, Низомулмулк, Муҳаммад Ғаззолӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алии Ҳамадонӣ, Аҳмади Дониш, Шамсиддини Шоҳин ва бисёр дигарон мебошанд. Онҳо барои рушду инкишофи ҷомеа саъю кӯшиш намуда, ақидаҳои пешқадамонаи худро дар осори гаронбаҳояшон баррасӣ намудаанд.

Маълум аст, ки масъалаи таснифоти илм аз қадимулайём диққати олимону донишмандонро ба худ ҷалб намудааст. Ҳанӯз Арасту дар замони худ илмҳоро ба назарию амалӣ ва эҷодӣ тасниф намуда, ҳар кадоми онҳоро ба шохаҳои гуногун тақсим намуда буд. Олимону файласуфони дигар ҳам аз таснифот то тақсимот ва муайян намудани мавқеи ин ё он илм андешаву ақидаҳои гуногун пешниҳод намуданд. Аз он ҷумла **Имоми Аъзам (р) низ** аз **огоҳтарин марди дунёи сиёсат,** соҳиби **истеъдоди фавқулодда дар илм ва фазл мебошад,** ки аз асри VII то имрӯз ҳамчун нобиғаи қарнҳо шинохта мешавад. Дар омӯзиш ва таҳлили ҳаёт ва фаолияти илмию фарҳангии эшон то ҳол назария ва усулҳои мухталиф мавҷуданд. Бузургӣ ва ҷанбаҳои фаолияташон низ хеле гуногунпаҳлу буда, муҳаққиқон онро айни ҳол чунин хулосабардорӣ менамоянд, ки ӯ тамоми ҷомеаро дар **3 бахш: мардумӣ, сиёсӣ ва илмӣ таҳлил намудааст.** Аз ин рӯ, ӯро барҳақ бузургтарин Имом (Имоми Аъзам) ва марди дунёи сиёсат меноманд.

Имоми Аъзам бузургтарин чеҳраи дунёи андешаест, ки дар роҳи ҳақ сазовори пайравӣ ва тақлид аст. Ӯ Нӯъмон

ибни Собит ибни Марзбон ном дошта, аз озодагони миллати форсу тоҷик аст. Дар сарчашмаҳои илмию таърихӣ омадааст, ки Ҳаммод фарзанди Имоми Аъзам ва Умару Исмоил писарони Ҳаммод аст. Аз Исмоил чунин меоранд, ки гуфта: "Ҷадди ман Имоми Аъзам фарзанди Собит, Собит фарзанди Нӯъмон, Нӯъмон фарзанди Марзбон ва Марзбон аз аҳрори форс аст". Яъне бунёдгузори тариқаи аҳли суннат Имоми Аъзам(р) аз хонадони аҳли форсу тоҷик буда, дар рушду нумӯи фалсафаи мазҳабӣ нақши босазое гузоштааст.

Ӯ нахустин донишманди бузурги **соҳибасари фиқҳ ва ҳакимест, ки мактаби илми каломро асос гузоштааст** ва мардумро барои шинохти ҳақ аз ботил ба илм ҷалб намудааст. Масалан, ӯ ба шогирдонаш чунин мегӯяд: "Сурур ва хушҳолии ман ба шумо вобаста аст, шуморо, ки мебинам ғаму парешониам дур мешавад. Ман фиқҳро ҳам монанди як аспи саворӣ ончунон барои шумо ром ва зин намуда ва лаҷом кардаам, ки ҳар гоҳ бихоҳед, метавонед онро савор шавед, акнун дар ҳоле шуморо раҳо мекунам, ки мардум аз пайи шумо меоянд ва аз шумо пайравӣ мекунанд ва алфоз ва калимоти шуморо ҷустуҷӯ менамоянд, гарданҳоро дар баробари шумо фуруд овардаам, ки хоста ё нахоста аз шумо фармон мебаранд, акнун тамоми шумо салоҳият доред, ки бар мансаби қазо биншинед ва дар миёни шумо даҳ нафаранд, ки метавонанд қозиюлқузот бошанд, яъне барои қазовати дигаре ба манзалаи устод ва мураббӣ қарор бигиранд"...ва ҳаргиз бо **талаби мансабе аз ҳокимон** онро зор накунед." Одатан аз рӯи таҳлилҳо тамоми таълимоти исломиро ба се гурӯҳ тақсим менамоянд: **ақоид, ахлоқ ва аҳком.**

**Якум ақоид ин калом, дуюм ахлоқ ва сеюм илми фиқҳ аст.** Калом ин фалсафаи мазҳаби ислом аст. Дар динҳои дигар низ фалсафаи мазҳабӣ вуҷуд дорад, вале на ба номи калом. Тафовути калом (нутқ, сухан) аз фалсафа дар он аст, ки фалсафа дар мавриди ҳастии олам ақидаҳои диниро инкор менамояд. Аммо калом илмест, ки барои ҳифзу пуштибонии асосҳои таълимоти ислом бо истифода аз усулҳои мантиқию фалсафӣ баҳс мекунад. Эшон ба ғайр

аз ақидаҳои каломию ахлоқию фиқҳӣ боз фикру андешаҳои ҷолибе дар илмҳои низоъшиносӣ, сиёсатшиносӣ ва психологияи иҷтимоӣ доранд, ки то имрӯз аҳамияти илмии худро нигоҳ доштаанд. Масалан, аз Имоми Аъзам ривоят меоваранд, ки гуфтааст: "Ба ҷамеи илм шуғл варзида, мулоҳиза кардам, дар ҳар кадоме ягон-ягон нуқсон намудор буд, аммо дар илми фиқҳ ҳар қадар назар кардам, ҳамон қадар лаззату ҳаловат ёфтам ва ҳеҷ айбе надидам. Чунки бе донистани илми фиқҳ талаби дунёву охират ҳосил нагардад". Дар масъалаи ҳалли низоъҳо таҳаммулпазириро пеша гирифта, Имоми Аъзам мегӯяд, ки "аввал матлабро ба дурустӣ дарк намуда, бидуни шитобкорӣ роҳи ҳалли масъаларо дарёфт кардан лозим меояд. Замоне ҳукм содир кун, ки аз ҳар сӯ фориғи қалб ва мутмаин бошӣ, агар ба сулҳ розӣ шуданд хуб,агар розӣ нагардиданд, пас мутобиқи шариат ҳукм кун".

Ҳамин тавр, тамоми ҳаёт ва фаолияти ин нобиғаи асрҳо моломоли ақидаҳои иҷтимоӣ ва андешаҳои илмӣ буда, омӯзиши онҳо барои донишҷӯён аҳамияти хоса ва тарбиявӣ доранд. Аз он ҷумла, барои бедории хотираи таърихӣ ва худшиносии миллию мазҳабӣ, барои муҳимияти мақом ва манзалати таълимоти ӯ дар рушду инкишоф ва таъмини ваҳдати миллату мазҳабҳои мухталиф.

Хулоса, Имоми Аъзам (р) дар воқеъ нобиғаи асрҳо, намунаи ибрат дар ахлоқу одоби фазила ва насиҳату хайрхоҳии уммат аст. Аз ин рӯ, роҳу равиши интихобнамуда ва андешаҳои иҷтимоии ӯро имрӯз аз нисф зиёди мусалмонони дунё қабул дошта, сипосгузорӣ менамоянд. Ин аст, ҷавҳари бузургии сиёсати нарму ростои Имоми Аъзам (р), ки дар тӯли асрҳои зиёд миллионҳо одамонро бо таълимот ва роҳу равиши хеш ҷалб намудааст. Ӯ пайвандгари андешаву тафаккури нави исломӣ ва марди роҳи муттаҳидкунандаи ҷомеа мебошад.

Нобиғаи бузурги дигари миллати тоҷик **Ибни Сино** низ мавзӯи илмҳоро ба таври худ ба ду қисм тақсим намудааст: якум, мавзӯе, ки марбути инсон аст, монанди рафтору кирдор ва ғ. Дуввум, мавзӯе, ки қоим ба ғайри инсон баҳс

мекунад, ҳикмати амалист, чунки дар ҷомеа аз ҷумла сиёсат, ахлоқ, чӣ гуна вазифа доштани инсонро муайян мекунад. Ӯ илмҳои замонашро ҳаматарафа таҳлил намуда, ба ғайр аз шаклҳои назариявӣ ва амалӣ боз ба равияҳои гуногун тақсим менамояд.

Ибни Сино дар ҷабҳаҳои гуногуни илми замони худ: фалсафа, мантиқ, тиб, риёзиёт, ҳандаса ва гайра саҳми босазое гузоштааст. Ҳоло ҳам муҳаққиқони эҷодиёти мутафаккир сари масъалаи миқдори асарҳои ӯ ба як хулосаи муайяне наомадаанд. Таъсири фалсафаи ӯ дар инкишофи минбаъдаи илм пурра тадқиқ нашудааст, агарчӣ қисми рисолаҳои фалсафию адабиашро ба чанд гурӯҳ тақсим менамоянд: рисолаҳои комилан фалсафӣ; рисолаҳои баҳсӣ оид ба дигаргуниҳои табиат; рисолаҳои иҷтимоию сиёсӣ, динӣ ва ахлоқӣ; рисолаҳои тоза илмии илмҳои гуногун.

Бояд қайд кард, ки миқдори асарҳои Ибни Сино хеле ҳам зиёданд. Вобаста ба тартиби таълиф шудани осори ӯ муҳаққиқон онро ба чунин қисмҳои дар боло зикр ёфта ҷудо намудаанд. Масъалаҳое, ки имрӯз мо тадқиқ намудаем, ба рисолаҳои гурӯҳи иҷтимоию сиёсӣ, динӣ ва ахлоқӣ дохил мешаванд. Ба ин гурӯҳ рисолаҳои "Муршид-ул-кифоя", "Ваҳд", "Таҳсил-ул- саодат", "Қадр", "Тадбири манзил", "Ҳай ибни Яқзон", "Тайр" ва "Ишқ" мансубанд.

Дар ақидаҳои иҷтимоию сиёсии худ Ибни Сино ҷонибдори ҷомеаи идеалӣ (олӣ) буд, ки ҳокими мутлақи он шахси донишманд ва ҳақиқатҷӯй бошад. Салтанати мутлақро ӯ беҳтарин шакли давлатдорӣ меҳисобид. Ибни Сино ҳам монанди Арасту одамро ҳамчун махлуқи ҷомеа нишон медиҳад. Ба ақидаи ӯ шароити мавҷудияти одамон дар ҷамъият ҳамкории онҳо мебошад. Барои чунин ҳамкорӣ ба кулли аъзоёни ҷамъият қонуни ягонаи оқилона ва адлия лозим аст. Ҳамаи аъзоёни ҷомеа бояд ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ сару кор дошта бошанд. Барои иҷрои ин вазифа Ибни Сино ҳамаи аъзоёни ҷомеаро ба се гурӯҳ тақсим менамояд: 1 садорат, 2 истеҳсолкунандагон ва 3 ҳарбиён.

Мутафаккири бузург назар ба дигар файласуфони қадима, аз ҷумла Арасту ва ҳамзамонони худ масъалаҳои иҷтимоии ҷамъияти ҳукмронопро васеъ ва амиқ дарк намудааст. Ҳамчунин ақидаи тақсими ҷамъияти феодалиро ба табақаҳои муайян, гурӯҳҳои аз ҳамдигар бо мавқеи ишғол намуда ва тақсими боигарии ҷамъиятӣ фарқ мекардагиро барьало арз менамояд.

Ибни Сино дар яке аз асарҳояш "Тадбири манзил", ки ба тадқиқи масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ бахшидааст, чунин менависад: "Хирадмандон медонанд, ки агар ҳамаи мардум подшоҳу шаҳриёр бишаванд, ҳамагӣ аз байн меараванд. Ва агар ҳамаашон ранҷбару коргар ва тобеъю раият бишаванд, подшоҳу султоне дар байн набошад, ҷумлагӣ фонӣ ва ҳалок мешаванд. Ҳамчунон ки агар ҳамагӣ дар тавонгарӣ ва сарват мусовӣ ва саросат бо якдигар бишаванд, касе барои касе кор намекунад ва атову муованати дӯст ба дӯст мунқатоъ мегардад. Ва агар ҳамагӣ фақиру мӯҳтоҷ бошанд, аз фақру фалокат ва бечорагӣ ҷон месупоранд. Пас тафовути аҳвол ва ихтилофи миқдор сабаби бақои зиндагии одамизодагон мебошад".[1]

Ба ақидаи Ибни Сино дар ҷомеае, ки барои аҳли аъзоёнаш қонун вуҷуд дорад, бояд беадолатӣ вуҷуд надошта бошад. Беадолатии аъзоёни ҷомеа бояд ҳатман ҷавобгар карда шавад. Агар худи роҳбар ҳам беадолат бошад, исён алайҳи ӯ барҳақ аст ва бояд, ки исён аз ҷониби ҷомеа дастгирӣ ёбад. Ин ғояҳои пешқадамонаи иҷтимоию сиёсии Ибни Сино дар замоне, ки мутафаккир умр ба сар бурдааст, ба ҷаҳонбинии иҷтимоию сиёсии бисёр олимону шоирони классики тоҷику форс таъсири калон расонидаанд.

**Абӯҳомид Муҳаммади Ғазолӣ** низ яке аз бузургтарин чеҳраҳои олами илму маърифати форсу тоҷик буда, дар рушду такомули илмҳои калом, фиқҳ, фалсафа, тасаввуф, тафсиру ахбори набавӣ ва ҷомеашиносии ҷаҳон нақши хоса дорад. Осори пурғановати ӯ нишонае аз нуфузи фавқулоддаи эшон дар олами ислом буда, ӯро бо номи "Ҳуҷҷатулислом" муаррифӣ менамоянд.

[1] Ибни Сино. Рисолаи тадбири манзил. Теҳрон. -1319. Хуршедӣ; саҳ.6.

Бояд гуфт, ки бештари ақидаҳои иҷтимоию сиёсии ӯ дар "Кимиёи саодат", "Алмунқиз миналзилол" ва "Насиҳатулмулук" баён гардидаанд. Ҳатто баъзан андешаҳои ӯ дар асарҳои номбурда мазмунан такрор ёфта ғояҳои орифонаю фалсафаи иҷтимоии мутафаккирро рӯшану возеҳ менамоянд. Ба монанди оне ки хулосаи "Эҳё улумаддин" дар "Кимиёи саодат" ҳамчун матни мухтасар омадааст.

Дар бораи давлат ва ҳокимият мулоҳизаронӣ намуда дар китоби "Эҳё улумаддин" ӯ маҷмӯи консепсияи фалсафии моҳияти ҳокимиятро бо паҳлӯҳои мухталиф ва мисолҳои мушаххас таҳлил намудааст. Новобаста ба оне, ки ӯ дину давлатро дар робитаи бо ҳам мутақобила медид, аммо хуб дарк менамуд, ки бақои дин бе давлат аз мантиқ берун аст, аз ин рӯ барои пойдории давлат низоми сиёсиро баррасӣ менамояд. Сиёсат дар фаҳмиши Ғазолӣ **"ашрафи усули саноат"**[2] яке аз такягоҳҳои асосии олам буда, одамонро ба ҳам наздику маданӣ менамояд ва барои онҳо низоми дурустеро барқарор мекунад. Дар иртибот ба ин Ғазолӣ инсонро махлуқи нотиқ ё ин ки сиёсӣ дониста, мафҳуми сиёсатро ба таври худ таъриф додааст: "Саноати сиёсат он иқтизо мекунад аз камоли мутаккалифи сиёсат, ки саноати дигар иқтизо мекунад. Ва ба сababи он соҳиби сиёсат суннои дигарро ҳар оина хидмат мефармояд. Ва сиёсат дар истилоҳи мардумон ва намудан бад-ишон роҳи ростро, ки наҷотдиҳанда аст дар дунё ва охират"[3]. Мутафаккир воқеаи таърихи сиёсии хилофатро аз назари танқидӣ омӯхта, ба истифодаи ибораҳои мафҳумӣ онро ба "Шаклҳои сиёсат" тақсим менамояд ва онҳоро ба чор гурӯҳ ҷудо месозад.

__Якум__, сиёсати пайғомбарон ва ҳукми онҳо ба ашрофзодагон, фармонбардорон ва бар ҳама чизи аён бар ботину ниҳон.

__Дуюм__, сиёсати хулафо, султон ва шоҳ ва ҳукми онҳо ба одамони оддӣ, бар ҳама чизи аён на бар ботину ниҳон.

[2] Ғазолӣ. Эҳёулумаддин. - С.44
[3] Фотиҳатулулум. -С. 455

**Сеюм**, сиёсати уламо ва ҳукми онҳо ба ашрофзодагон, на ба одамони оддӣ, балки ба ботину ниҳон ва на ба аён.

**Чаҳорум**, сиёсати воизон (таблиғгарон) ва ҳукми онҳо ба мардуми оддӣ, на ба ашрофзодагон, бар чизи аён на бар ниҳон.[4]

Бояд гуфт,ки Ғазолӣ аз ҳокимияти сиёсӣ вазифаҳои асосии диндориро ҷудо намуда, аз таҳти назорати ин ҳокимият кӯшиш менамояд, ки тафаккур ва рӯҳи пардапӯшонаро озод намояд. Ӯ маҳдудияти вазифаи ҳокимиятро танҳо бо танзими муносибатҳои шаҳрвандӣ дар ҷомеа (байни амирон ва одамони оддӣ) медонад. Яъне вазифаи ҳокимият ва давлат риоя намудан мувофиқи қонунҳои фиқҳ ва шариат, ки дар асоси эътирофи амалӣ намудани манфиатҳои (мардуми оддӣ ва ашрофзодагон) умумӣ барпо карда мешавад. Ҳамин тавр, аз сабаби оне, ки дар сиёсат қонеъ гардонидани талабот ва манфиатҳо танҳо ба воситаи ба даст овардани ҳокимият мешавад ва ба даст овардани ҳокимият яке аз объектҳои асосии фаъолияти сиёсӣ ба ҳисоб меравад, назари аксари уламою донишмандони дини ислом характери худомандӣ дорад. Лекин Ғазолӣ ба вазифаи асосии ҳокимият, яъне барпо намудани фазои ҳуқуқӣ дар ҷомеа ва давлат пурра сарфаҳм рафта, ин идеяро мантиқан то ба охир инкишоф дода, мафҳуми **"Ҷанбаи илоҳии ҳокимият"**-ро ҷорӣ намудааст. Дар ин консепсияи ҳокимият руҷӯъ ба ҳокимият, шаклан ба амри "Худо" муқоиса карда мешавад, акси онро мазмунан дар ҳолате, ки агар ҳокимият кирдори бадахлоқона дошта бошад, нишон медиҳад. Умуман, ҳокимият дар андеша ва муҳокимаронии Ғазолӣ бештар мазмуни "муқаддас"-ро мегирад ва дар ҳолати набудани ахлоқи сиёсӣ механизми зӯроварӣ ҳокимиятро бо роҳи ҳавобаландӣ ва бесаранҷомӣ мубаддал мегардонад. Ин ду зуҳурот аз надонистани оне, ки мазмун ва вазифаи асосии ҳокимият чӣ мебошад, сар мезананд. Ба ақидаи ӯ ҳокимият дар худ, ҳам раҳму шафқат, ҳам бадӣ, зебоӣ, ҳаёт ва ҳам маргро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, Ғазолӣ кӯшиш ба харҷ додааст, ки одамизодро илоҳӣ ё худомандӣ ва сиёсатро ҳамчун падидаи ахлоқӣ нишон диҳад.

[4] Ниг. А.Газоли. Наставление правителям. -С. 9-10

Ҳамзамон мазмуни асосии проблемаҳое, ки ба нафс, ахлоқ, рӯҳ ва сиёсат вобастагӣ доранд, дар андешаҳои Ғазолӣ ҳамчун масъалаҳои мубрами рушду каломи Инсон баён гардидаанд.

Нисбат ба давлатдорӣ, риояи ҳуқуқи фуқаро ва ҳокимият рондан чунин ибрози ақида дорад: "Бидон, ки вилоят доштан коре бузург аст ва хилофати Худо Ҳақтаъоло бувад дар замин, чун бар тариқи адл равад. Ва чун аз адл ва шафқат холӣ бувад, хилофати иблис бувад, ки ҳеҷ фасодро асари азимтар аз зулми волӣ нест"[5]. Дар ин ҷо мутафаккир бештар устувории пояҳои давлатдориро дар тантанаи адлу инсоф дида, зулму истибдодро маҳкум менамояд. Хусусан, зулми фармонфарморо нисбат ба зердастон.

Ғазолӣ ҳокимияти ҳақикии фармонфарморо дар масири азхуд намудани хусусияти беруна нею дар фаҳмиши ниҳонӣ мебинад. Яъне, маънии норавшан ё ин ки ниҳонии ҳокимиятро - маънои ҳақиқии он медонад. Ба андешаи ӯ агар инсон соҳиби сифатҳои ботинию зоҳирии сарварӣ бошад, новобаста ба оне, ки ӯро ба ҳокимият даъват намоянд ё не, ӯ ба он мушарраф мегардад. Албатта, ин боз ба фаъолият ва муносибати шахс вобаста буда, дар ҳар ҳолат боҷуръат буданро тақозо менамояд. Чуноне ки Ғазолӣ дар ҷои дигар ишора кардааст: "Он ки дар ҳар воқеае, ки пеш ояд, тақдир кунад, ки ӯ раият аст ва дигаре волӣ. Ва ҳар чӣ ба худ написандад, ҳеҷ мусулмонро написандад ва агар бипсандад ғиш ва хиёнат карда бошад дар вилоят"[6].

Аз ин рӯ, ба ақидаи Ғазолӣ шоҳи ҳақиқӣ, пеш аз ҳама, бояд соҳиби "лашкари ботинӣ"-и худ буда, ҳисси бошуурона, ваҳм, (воҳима), айёрӣ ва дигар сифатҳои ғайримуқаррарӣ дошта бошад. Ӯ дар андешаҳои иҷтимоию сиёсии хеш нишон медиҳад, ки дар назди ҳокимият бояд чунин мақсадҳое гузошта шавад, ки барои ҳокимият муҳим бошанд, ба монанди адлу инсоф ва некиро ба олам паҳн намудан. Ин аст, ки Ғазолӣ подшоҳиро амри

[5] Ғазолӣ. Кимиёи Саодат. С. 218.
[6] Ниг. Насиҳатулмулук. С. 39

илохӣ дониста мегӯяд: "Бидон, ки ин подшохӣ Худой дихад ва онро дихад, ки ӯ хохад... Пас бибояд донист, ки касеро, ки ӯ подшохӣ ва фарри эзидӣ дод, дӯст бояд доштан ва подшохонро мутобеъ бояд будан ва бо мулук мунозоат (хусумат) набояд кардан ва душман набояд доштан... Пас хар киро Худой таъоло дин додааст, бояд, ки мар подшохонро дӯст дорад ва мутеъ бошад"[7]. Новобаста ба оне, ки дар акидахои фалсафию сиёсии Ғазолӣ баъзе ғояхои мутафаккирони Юнони кадим чой доранд, лекин назари эшон ба раванду вокеияти инкишофи чомеа дигар аст. Ғазолӣ рушду инкишофи давлату давлатдорӣ ва муносибатхои байни хокимону зердастонро дар колаби мафхумхои шариати исломӣ мавриди тахлил карор дода, аз хаёлпарастии ғояхои ормонишахрихо канорачӯӣ намуда, то чое ба масъалаи ормонихохӣ майл намудааст.

Масъалаи дигаре, ки андешахои ичтимоию сиёсии мутафаккирро фаро гирифтаанд, ин масъалаи дину подшохӣ ва сиёсати вазорату сирати вазирон мебошад. Ба назари эшон мухимтарин ва некӯтарин чизе, ки барои подшохон зарур аст, ин дин мебошад. Яъне дину подшохӣ бояд чун ду бародар аз як модар бошанд. Шох бояд некӯкорро гиромӣ дораду ба неккирдорӣ подош дихад. Бадкирдорро аз бадӣ боз дораду худ аз бадӣ пархез намояд. Ва чун подшох бо сиёсат набуваду бадкирдорро рахо кунад, кори ӯ ба кори эшон табох шавад... Ва баъдан таъкид менамояд, ки бими сиёсати султону подшох набошад, халк бар тоату салох набошанд.[8]

Ғуфтан чоиз аст, ки дар низоми рохбарии давлату хокимиятдорӣ Ғазолӣ макоми сарвари сиёсӣ, диндорӣ ва кобилияти фавкулоддаи онро дар madди аввал гузошта, сарварони сиёсиро шахсони худодод, ғайриоддӣ ва сохиби баъзе куввахои фавкулодда медонад. Махсусан, мавкеи вазир (мушовир) кобилияти балаиди фикрию ахлокӣ ва дурандешиву кордониаш дар акидахои ичтимоию сиёсии мутафаккир мавкеи хосса доранд. Ӯ тамоми рушду инкишофи давлатдориро ба вазир вобаста дониста

[7] Насихатулмулук. С. 39.
[8] Ғазолӣ. Насихатулмулук. С. 49,79

менависад, ки "ободонии вилояту хазина аз вазир бошад ва оромиши подшоҳиву шукӯҳу тавоноӣ аз ӯ бувад ва сухан гуфтану ҷавоб додан бад-ӯ падидор бувад ва шодикунандаи дӯстони малику хоркунандаи душманони малик бувад. Ва сазовортарин касе ба навохтану бузург доштан дастур бувад"[9].

Ҳамин тавр, Имом Ғазолӣ низоми рукнҳои давлату давлатдориро дар иртибот бо ҳакимону вазирон, мушовирону дигар андешамандон вобаста намуда, мақоми ақлу имонро воситаи асосии рушду инкишофи ҷомеа ва дин медонад.

Намояндаи дигари илму фарҳанги замони худ (асри XIY) **Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ** мебошад. Бояд гуфт, ки ақидаҳои иҷтимоию сиёсии Алии Ҳамадонӣ бештар дар асараш "Захиратулмулук" ҷой ёфтаанд . Зикр бояд кард, ки ақидаҳои иҷтимоию сиёсии Алии Ҳамадонӣ ҷиҳатҳои хосси худро доранд. Ӯ ҳамчун донандаи бузурги фалсафаи ислом ақоиди худро дар боби сиёсат маҳз дар пайвастагӣ ва таълимоти ислом ва пайравӣ аз усулҳои ҳокимиятдории уламои расмии дин ва дигар сиёсатмадорони мусалмон созмон додааст. Ба таври дигар гӯем, ақоиди иҷтимоию сиёсии Алии Ҳамадонӣ ҷанбаи динию ахлоқӣ доранд, яъне ӯ ҳалли ҳама гуна масоили сиёсиро аз мавқеи дин ва ахлоқ баррасӣ менамоянд. Маҳз дар ҳамин замина ва талаботи мазкур ӯ аз подшоҳон ва ҳокимони зинаҳои гуногун иҷроиши шартҳоеро талаб мекунанд, ки дар риштаи сиёсату салтанат заруранд ва бидуни риояи онҳо подшоҳ аз ҳуқуқи ҳукмронӣ ба раият маҳрум аст ва гирифтори азоби охират хоҳад гашт.

Шарти аввал он аст, ки подшоҳ ҳангоми рух додани ҳодиса ва ҳалли он ҳамеша аз мавқеи адлу инсоф дахолат кунад. Барои ин подшоҳ худро дар ҷои раият ва раиятро дар ҷои худ тасаввур кунад ва он гоҳ чӣ ҳукме барорад аз рӯи адолат хоҳад буд. Ӯ қайд мекунад, ки: "Ва дар он ҳол дар хукм, ки аз дигар бар худ раво намедорад, мисли он аз худ бар дигаре раво надорад ва ҳар чӣ бар худ намеписандад, бар ҳеч мусулмон написандад". Бояд

[9] Ҳамон ҷо. С. 86.

тазаккур дод, ки зимни фаҳмиши масъалаи мазкур миёни Сайид Алии Ҳамадонӣ ва файласуфи Чини қадим Конфусий мувофиқат ба амал омадааст. Чунончӣ, ҳангоми сӯҳбат шогирде аз Конфусий суол мекунад, ки адолат чист? Ҳакими Чин посух медиҳад, ки: "Ҳар чӣ бар худ намеписандӣ бар дигарон ҳам написанд". Лекин тафовут дар он аст, ки Сайид Алии Ҳамадонӣ бар хилофи Конфусий чунин шакли адлу инсофро танҳо нисбат ба мусулмонон раво мебинад.

Аз нигоҳи мутафаккир ёрмандӣ ба мардум ва ҳоҷати мусулмононро баровардан барои ҳоким аз тоат афзалтар аст, зеро ки: "шод кардани дили мӯъмин баробар ба тоати ҳамаи париён ва одамиён". Ин шарти дуюми файласуф мебошад, ки ҳар як подшоҳи мусулмон то даме, ки ҳоҷати шахси мӯҳтоҷро кафолат накунад, набояд, ки ба ибодат машғул шавад. Ғайр аз ин, ӯ ба подшоҳон тавсия медод, ки ҳатто дар хӯрдану пӯшидан ба Хулафои рошиддин пайравӣ кунанд ва ба истеъмоли таомҳои болаззату пӯшидани либосҳои зебо одат накунанд. Зеро чизҳои номбурда ва умуман, ҳама гуна шукӯҳу шаҳомат боиси дуршавӣ аз раъоё ва зуҳури беадолатиҳо мегард. Сайид Алии Ҳамадонӣ ба одоби сухан ва ботаҳаммулу андеша будани подшоҳон диққат дода, таъкид мекунад, ки ҳоким бояд: дар ҳукм сухан ба мадоро гӯяд ва бе мӯъҷиб дуруштӣ накунад ва аз шунидани ҳуҷҷати бисёр малул нашавад. Ва аз сухан гуфтан бо заифон ва мискинон нанг надорад. Ҳоким набояд, ки ба дурӯягию фиребгарӣ ва сусткорию саҳлангорӣ мусоидат кунад ва аз барои хушнуд сохтани касе набояд каси дигареро озор диҳад. Зеро ки табиати ҳукуматдорӣ чунин офарида шудааст, ки "пайваста нимаи халқ аз ҳоким хушнуд бошад, зеро ду хасм ба ҳақ хушнуд натавон кард" ва подшоҳи одил низ наметавонад, ризоияти тамоми мардумро ҳосил кунад.

Шарти дигар он бошад, ки ҳар он чӣ дар кишвар сурат мегиранд, ҳоким бояд воқиф бошад ва аз хавфу хатари ҳукумат ғофил набошад. Зеро ба гуфти ӯ давлатдорӣ ва мансаб ин воситае мебошанд, ки инсон метавонад, аз тариқи он саодату некномӣ ба даст биёрад ва баръакс метавонад гирифтори мусибату бадномии абадӣ гардад.

Ҳамин тариқ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар идоракунии давлат ба хирад ва илму маърифат баҳои баланд дода, аз подшоҳон талаб кардааст, ки зимни салтанати худ ба ин зумра одамон, яъне ба аҳли илму фарҳанг такя намояд.

Ҳоким, тибқи таълимоти Сайид Алии Ҳамадонӣ, қабл аз ҳама баҳри он бикӯшад, ки бо адлу эҳсон ва раҳму шафқати хеш дар дили раият ҷой бигирад ва маҳбуби онҳо бигардад ва харҷӣ метавонад аз такаббур худдорӣ намояд ва дури биҷӯяд. Зеро фармудаанд, ки; "беҳтарини подшоҳони шумо он касонанд, ки шуморо дӯст медоранд ва шумо эшонро дӯст медоред". Ба ақидаи эшон бояд миёни подшоҳу раият риштаи мустаҳками дӯстӣ ва муҳаббат пойдор бошад, ки бунёди онро адлу инсоф ва эҳсони ҳокимон дар муносибат ба заифону бечорагон ташкил диҳад.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳокимонро вазифадор месозад, ки раиятро ба зери ҳимояи худ бигиранд ва нагузоранд, ки золимон ба ҷосусию хиёнат дар байни мардум бошанд ва ба мазлумон бедодгарӣ ва зулму тазкирро раво бинанд. Ва агар чунин ҳолат зуд рух диҳад, подшоҳ набояд ба сустию мусулиҳат роҳ диҳад ва "арбоби давлатро ба насиҳат ва сиёсат муаъззаб (азоб додашуда) гардонад".

Шарти охирин ва муҳиме, ки дар назди подшоҳ мегузорад, ин соҳиби раҳму фаросат будани онҳо мебошад. Ӯ таъкид мекунад, ки подшоҳ ба ҷараёни ҳодисот, ки дар кишвар зуҳур мекунад бояд ба назари тез ва амиқ нигоҳ кунад ва қабл аз иҷрои ҳукм ҳақиқатро мушаххас гардонад, то дар сиёсат саҳв рух надиҳад. Чунончӣ, овардаанд, ки: "ду заифа пеши Сулаймон алайҳисалом омадаанд ва ҳарду бар кӯдаке даъво карданд ва ҳарду аз исбот оҷиз гаштанд. Сулаймон алайҳисалом фармуд, ки тифлро ду нима кунанд ва ҳар заифаро як ним бидиҳанд. Чун шамшер баркашиданд, аз он заифа яке беқарор шуд ва гуфт, ки вайро накушед, ки ман аз ҳаққи худ гузаштам. Ва дар он заифаи дигар ҳеҷ асар пайдо наомад. Сулаймон бифармуд, то тифлро ба он заифае, ки аввал гуфт, доданд, ки донист

модари ӯ буд, ки чун номи куштан шунид, меҳри модарӣ ба ҳаракат даромад ва аз ҳаққи худ бигзашт то фарзанди ӯ солим монад".

Чӣ тавре, ки дар боло нишон додем, таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар соҳаи сиёсат аслан ҷанбаи ахлоқӣ дошта, дар он тамоми саҳифаҳое гирд оварда шудаанд, ки бояд ҳар як подшоҳи одил онро иҷро намояд. Лекин бояд тазаккур дод, ки файласуф дар хусуси сохтори ҳукумат, усулҳои мушаххаси идоракунӣ ва низомоти он ишорае накардааст. Ва он шартҳое, ки ӯ дар назди ҳокимон мегузорад, василае мебошанд, барои бунёди ҷомеае, ки дар он танҳо адлу инсоф салтанат меронад.

Барои идоракунии кишвар ӯ шартҳое мегузорад, ки дар онҳо ҳуқуқу манфиатҳои мусулмонон ба зери ҳимоя гирифта шудааст ва файласуф иҷроиши ин шартҳоро боиси пойдории давлату осудагии раият ва иҷро нашудани онҳоро боиси фанои давлат ва мусибати раият мешуморад.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ доир ба ҳуқуқу вазифаҳои раияи ғайри- мусулмон низ нишондодҳое дорад, ки риоя намудани онҳоро ҳатмӣ мешуморад. Тибқи ин нишондодҳо дар назди аҳли зимма, яъне зардуштиён шартҳое гузошта мешавад, ки танҳо дар сурати қабул ва иҷроиши онҳо ба ин қавм амон дода мешавад ва дар акси ҳол "эшонро амон нест ва хунҳо ва молҳои эшон бар мусулмонон ҳалол аст" ва он шартҳо аз инҳо иборатанд:

- дар вилояте, ки зери тасарруфи ҳокими мусулмон қарор дорад, дайру бутхонаҳои нав бунёд накунанд ва ин қабил биноҳои вайроншударо аз нав рост накунанд;
- мусофирони мусулмонро аз ворид шудан дар бутхона маън накунанд ва ҳар мусулмоне, ки гузораш ба манзили онҳо афтад, то се рӯз ӯро иззат намуда, зиёфат диҳанд;
- дар мамолики исломӣ ҷосусӣ накунанд ва ҷосусиро низ ҷой надиҳанд;
- агар зардуштӣ ба ислом майл кунад, манъ накунанд;
- ҳурмати мусулмононро ба ҷо оранд ва дар маҷлисе агар онҳо (мусулмонон) ҳозир шаванд, маҷлис ба эшон гузоранд;
- дар либоспӯшӣ ва номгузорӣ ба мусулмонон тақлид накунанд;

- асли тозӣ савор нашаванд ва бо худ силоҳ нагардонанд;

- ангуштарини бо нигин дар ангушт накунанд ва аз фурӯши хамру истеъмоли ошкорои он худдорӣ кунанд;

- либосҳои аҷдодиашонро тарк накунанд, то аз мусулмонон фарқ кунанд;

- расму оини мушрикон (бисёрхудои)-ро дар байни аҳли ислом иҷро накунанд ва дар ҳамсоягии мусулмонон манзил нагиранд;

- мурдагони худро ба наздикии гӯристони мусулмонон набаранд ва ҳангоми дафн овоз баланд накунанд;

- ғуломи мусулмон нагиранд.

Бояд гуфт, ки чунин шакли муносибат ба мардуми ғайримусулмон ва паст задани ҳуқуқу арзишҳои маънавии онҳо ғояҳои баланди башардӯстонаи файласуфро халалдор месозанд. Чунки ҳамаро худованди яккаву ягона офаридаасту назару марҳаматаш ба ҳама баробар аст. Албатта инро ҳам сарфи назар кардан лозим нест, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳамчун зодаи олами ислом дар даврае зиндагию фаъолият кардааст, ки дар тамоми соҳаи ҳаёт идеологияе салтанат мекард ва ин бевосита дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва шуури сиёсию ҳуқуқии файласуф таъсири амиқ гузоштааст.

Умуман, дар таълимоти ин орифи бузург паҳлӯҳои гуногуни давлату ҳокимиятронӣ бо ҷиҳатҳои ахлоқию динӣ инъинкос ёфтаанд. Ба ақидаи ӯ "...ҳокими оқил бояд, ки аз хатари ҳукумат гофил набошад ва қадри неъмати он ҳазрат дар ҳаққи худ бишиносад ва дар овони фароғат адл ва эҳсонро ба ҷанобаи ҳазрати Парвардигор васила созад... бар ҳоким ва подшоҳ воҷиб аст, ки аз хатари ӯҳдаи ҳукумат биандешад ва танфизи (иҷрои) умури бандагони ҳақро осон шуморад ва осори натоиҷи маразӣ ва номаразӣ хор наорад... бар давлати фонӣ эътимод накунад ва аз расвоӣ ва гирифтори қиёмат ёд орад. Айём, фурсат ғанимат дорад".

Умуман, ақоиди иҷтимоию сиёсии Алии Ҳамадонӣ характери прогрессивӣ дошта, бештар ғояҳои баланди гуманистиро дар бар мегиранд. Ба гуфти ин файласуфи

бузург "...давлати дунявӣ чун боди даргузар ва чун хоби нопойдор аст. Ва оқил касеро тавон гуфт, ки ба хубӣ фирефта нашавад ва ба хаёле магрур нагардад ва аз ҳоли ғофилони гузашта ибрат гирад..."[10]

**Ахмади Дониш** - мутафаккири дигари шинохтаи халқи тоҷик, ки дар нимаи дуюми асри XIX умр ба сар бурдааст. Ақидаҳои сиёсии ӯ дар "Рисола дар назми тамаддун ва таовун" (ин рисоларо бо тарзи дигар "Рисолаи сиёсӣ" ҳам мегӯянд) хеле хуб ифода ёфтаанд. Дониш табиати ғоратгаронаи ҳокимияти амири Бухоро, сохти феодалию деспотикии идоракуниро сахт танқид намуда, баднафсӣ ва камбудиҳои мансабдорони дарбору рӯҳониёнро масхара мекард.

Дониш дар рисолаи худ ба бисёр масъалаҳои ҳаёти давлат дахл намуда, доир ба вазифаю қарзҳои ҳоким сухан ронда, масъалаҳои муносибати халқ ба ҳоким, нигоҳдории тартибот дар ҷомеа, масъалаи ҷанг ва сулҳ, усулҳои амалигардонии сиёсати дохилию хориҷиро дида мебарояд.

Дониш ҳамчун идеологи табақаҳои поёнӣ - деҳқонон ва ҳунармандон баромад намуда, қашшоқию бадбахтии ҳокимонро зери тозиёнаи сахти танқид гирифтааст.

Аз нуқтаи назари Дониш фаъолони давлатӣ бояд, ки шахсони хирадманд буда, соҳиби ҷаҳонбинии васеъ, боирода, принсипнок ва аз ҳама муҳимтараш онҳо бояд доимо дар бораи ризқи ҳаррӯзаи тобеони худ ғамхорӣ намоянд.

Мутафаккир роҳи баромаданро аз вазъияти баамаломада дар ислоҳоти институтҳои иҷтимоию сиёсии феодалӣ меҷуст ва барои муайян намудани сифати он дастовардҳои маълуми илми замони худ ва таҷрибаи дигаргуниҳои демократии дигар мамлакатҳоро истифода мебурд. Дониш давлатро барои таъмини манфиатҳои халқ зарур мешуморид. Ӯ таклиф мекунад, ки ба вазифаҳои давлатӣ шахсонеро бояд интихоб намуд, ки ҳокимияти худро на барои сарватғундории шахсӣ, балки барои фоидаи халқи мамлакат истифода баранд. Идоракунии давлат,- таъкид мекунад вай,- ин кори бузургу муҳим аст

[10] Ниг.:А.Ҳамадонӣ. Насиҳатнома. Таҳияи Х.Асозода. -Кӯлоб. 1993 -с159-160

ва ҳоким-амир бояд хирадманду оқил бошад. Вай бояд, ки аз зулм даст кашида, одил бошад. Вақте ки боварӣ ва хирадмандии амир аз байн рафт, аз ободию пешравии ояндаи мамлакат умед кардан норавост.

Дар охири солҳои 70-ум ва аввали солҳои 80-ум Дониш дар чунин ақида буд, ки боигарӣ ва ҳокимияти тамоми зӯроваронро қонунӣ ҳисобидан мумкин нест, чунки онҳо дар натиҷаи зӯроварию горати табақаҳои поёнӣ ба даст омадаанд. Тамоми боигарии ҷаҳон бояд, ки дар байни ҳамаи одамон баробар тақсим карда шавад. Ба камбағалон лозим меояд, ки ҳуқуқҳои худро дар муборизаи хунину дурудароз барқарор созанд, чунки золимон ҳеҷ вақт бо хоҳиши худ аз тамоми он чизи ғораткардаашон даст намекашанд. Дониш дар Осиёи Миёна аввалин мутафаккире буд, ки оид ба сотсиализми хаёлии дар солҳои 60-70-уми асри XIX дар Русия паҳншуда, сухан ронда буд. Вай худ таъсири ғояҳои утопистони хаёлиро дарк карда буд.

Мутафаккир зарурати наздикшавиро бо Русия ҳамчун ягона мамлакате, ки метавонад дар озодкунии халқҳои Бухоро аз торикию ҷаҳолат ёрӣ расонад, талаб менамуд.

Ба ақидаҳои прогрессивии он ба азнавсозии ҷомеа такя карда, саҳлгирона бошад ҳам, тарҳи ҷомеаи ояндаро, ки дар вай "халқ бо хушбахтии ҳаматарафа таъмин карда мешуд", тарҳрезӣ менамояд.

Шогирд ва пайрави Аҳмади Дониш яке аз намояндагони дигари тафаккури прогрессивӣ **Шамсиддини Шоҳин** (1859-1894) буд.

Дар асарҳои худ мутафаккир қайд мекунад, ки фақат илму маориф, хирад ва адолат метавонанд одамонро аз бадбахтию нохушиҳо наҷот дода, онҳоро хушбахт созад.

Сохти амириро танқид намуда, Шоҳин дар бораи амири адолатноку донишманд орзу мекард. Вай мехоҳад, ки ҳокими давлат бояд инсони ҳақиқӣ бошад, ки ба одамон ёрӣ расонад. Дар асарҳои охирини худ Шоҳин нисбатан густохона ба муқобили амир баромад мекунад.

Чунин тафсири хурд ба мо то дараҷае имконият медиҳад, ки чӣ тавр дар тӯли асрҳо беҳтарин

мутафаккирони Шарқу Ғарб кӯшиш намуданд, ки масъалаҳои башариятро оиди давлат, ҳуқуқ, ҳокимият, сиёсат, озодӣ ва адолат ҳал намоянд. Захираи муайяни донишҳои назариявӣ дар ин соҳа ба вуҷуд омад. Ин проблемаҳои абадӣ доимо аз сари нав дар шароитҳои нави таърихӣ пайдо мешуданд. Ҳамзамон, ҳалли онҳо доимо аз хирадмандии гузаштагон сарчашма мегирифт. Ҳамин тавр, илми муосири сиёсӣ пайдо шуд ва бо тадриҷ инкишоф ёфт.

# ҶАРАЁНҲОИ ИДЕЯВИЮ СИЁСИИ МУОСИР

Дар ҷаҳони муосир ҷараёнҳои идеявию сиёсӣ паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаро дар бар мегиранд. Хусусан, дар соҳаи сиёсат бисёр масъалаҳое баррасӣ мешаванд, ки на танҳо ба давлат ва ҷомеа, балки ба ҳаёти ҳар як инсон дахл доранд. Масалан, қарорҳои сиёсӣ метавонанд ба шароитҳое, ки дар онҳо ҳаёти ҳар яки мо мегузарад, таъсири муҳим расонанд.

Аз ин рӯ, фикру андешаҳо оид ба сиёсат ва ақидаҳои сиёсӣ дар ҷомеа ҳамеша ҳукмфармост. Аслан, ақидаҳои сиёсӣ дар шаклҳои гуногун аз мулоҳизаронихои фалсафию тадқиқотҳои илмӣ сар карда, то латифаҳои сиёсӣ, фантастикӣ ва пешгӯиҳои астрологӣ ифода карда мешаванд. Лекин дар байни равия ва шаклҳои мухталифи ақидаҳои сиёсӣ ҷои махсусро идеология ва ҷараёнҳои идеявию сиёсӣ ишғол менамоянд. Фарқияти онҳо аз дигар шаклҳо дар он аст, ки дар худ усули муайяни фаҳмондадиҳии ҳақиқати сиёсӣ ва усули фаолияти сиёсиро доранд. Ҳамин тариқ, онҳо дар дараҷаи муайян назарияро бо амалия, мулоҳизаро бо фаъолият муттаҳид намуда, ҷараёни тамоюли бутунро дар ҳаёти иҷтимой-сиёсӣ нишон медиҳанд.

## 1. Идеология ҳамчун шакли тафаккури сиёсӣ

Баъзан дар бораи "идеологияҳои сиёсӣ" сухан ронда, онҳоро аз идеологияи "динӣ" ва дигар намуди идеологияҳо фарқ мекунонанд. Албатта мо дар ин ҷо чунин фарқиятро ба миён намегузорем, ҳарчанд ки тарафдори ақидае ҳастем, ки идеология дар шакли умумӣ маҷмӯи ақида ва таълимоте мебошад, ки шарҳи ҳаёти ҷамъиятӣ, мақсад, пешбинӣ, усулҳои муайяни ҳалли масъалаҳои ҷомеаро ҳидоят мекунад. Дар идеология муносибати одамон ба воқеият ва байни ҳамдигар, масъалаҳои иҷтимоӣ ва низоъҳои гуногуни сиёсӣ маънидод ва баҳо дода мешаванд. Инчунин идеология мақсад ва барномаҳои мухталифи фаъолияти иҷтимоию сиёсиро дар бар мегирад.

Агар гап дар бораи идеологияи давлатӣ равад, пас маълум аст, ки он пеш аз ҳама идеологияи сиёсӣ мебошад. Ақидае мақбули умум аст, ки идеологияи сиёсӣ доктринаи муайянест, ки даъвоҳои ин ё он гурӯҳи одамонро ба ҳокимият (ё ба истифодаи он) ҳақ мебарорад ва бо ин мақсадҳо афкори умумро ба идеяҳои худ тобеъ гардонданӣ мешавад.[11] Ба ҳамин тариқ, идеологияи сиёсӣ яке аз шаклҳои шуури иттиҳодиявиест, ки ақидаҳои соф гурӯҳиро инъикос мекунад ва аслиҳаи маънавии элита ба шумор меравад. Аммо нақши воқеии сиёсии вай ба он вобаста аст, ки шуури оммаро чӣ тавр ба худ ҷалб мекунад. Инчунин ҳангоми дар амал татбиқ намудани нуқтаҳои илмӣ идеология, бешубҳа, дар масъалаи мураккабӣ ва умқи ғояҳо баъзе чизҳоро талаф медиҳад, вале қувваи таъсиррасонӣ ба одамонро соҳиб мегардад.

Бинобар ин, робитаи дохилии генетикии сиёсат ва идеология дар ҷузъҳо ва зуҳуроти гуногуни фаъолияти сиёсӣ, дар равияю мазмуни он ифода меёбад.

Идеология ҳам монанди илм, аз асосҳои муайяни назариявӣ таркиб ёфта, усулҳои оқилонаи муҳокима ва боваркунониро истифода мебарад. Вале вай нисбат ба илм на роҳи донистани ҳақиқат, балки роҳи ба даст овардани мақсадҳои муайяни сиёсиро тасниф менамояд, ки аз манфиатҳои ягон гурӯҳи иҷтимоӣ бармеояд.

Назарияи илмӣ тарафдори мулоҳизаронии ҳои баҳодиҳанда нест, аммо идеология дар асоси баҳодиҳӣ ва фарзия ташаккул меёбад. Назарияи илмӣ, барои он ки ба ин ном мувофиқ ояд, бояд танҳо дар асоси далелҳои муайяни раднашаванда, санҷидашуда сохта шавад, вале идеология дар бисёр ҳолатҳо ба заминаҳои субъективӣ ва маънидодкуниҳои шартӣ такя мекунад.

Ҳамин тавр, ягон идеология таҷассуми пурраи воқеият буда наметавонад. Бинобар ин идеалҳо, мақсадҳо ва барномаҳои фаъолият, ки дар асоси идеология ташаккул меёбанд, аз вазъ ва имкониятҳои аслии ҷомеа фарқ мекунанд.

[11] Пугачёв В.П., Соловёв А. И. Мукаддимаи сиёсатшиносӣ. - М.,1996. - С. 291

Аз ин ҷост, ки идеология ҳамчун яке аз шаклҳои тафаккур ва андешаронӣ умуман хусусияти аз ҷомеа дур шудан дорад. Ин аст, ки баъзе мутафаккирони Ғарб онро асосан "тафаккури бардурӯғ" номидаанд. Олими амрикоӣ Д.Белл бошад, дар солҳои 60-уми асри гузашта дар бораи идеология ҳамчун як шакли кӯҳнашудаи тафаккур сухан ронда, консепсияи "деидеологизатсия"-ро пешниҳод карда буд. Аз рӯи ақидаи ҳамонвақтаи Д.Белл дар ҷомеаи муосир бояд ҷойи идеологияро илм ишғол намояд.

Дар солҳои 70-уми асри XX Д.Белл ва бисёр дигар муаллифон бо консепсияи "деидеологизатсия" баромад карда, зарурияти ташаккулёбии идеологияи наву ба талаботҳои ҳозира ҷавобгӯйиро пеш гузоштаанд. Ҳамин тариқ, кӯшиши барҳам додани идеология ба муваффақият ноил нашуд. Дар марҳилаи инқилоби техникӣ идеология ҳамчун шакли тафаккур амал намуда, ба шуури одамон таъсири худро расонд. Аз ин рӯ, саволе ба миён меояд, ки сабаби пойдорию устувории идеология дар чист?

Онҳое, ки дар бораи зарурияти барҳам додани идеология сухан меронанд, онро бо ёрии меъёрҳое, ки ба илмҳои техникӣ хосанд, асоснок менамоянд (равияи технократӣ) ва дар идеология аз ин нуқтаи назар норасоиҳои муҳимро меҷӯянд. Вале дар назар доштан зарур аст, ки идеология на илм, балки шакли дигари шуури ҷамъиятӣ буда, ба мақсадҳои синфӣ хизмат мекунад. Дар илм талабот ба дониш дар ҷараёни кушоиши ҳақиқат амалӣ гардонида мешавад. Мавҷудияти идеология бошад, манфиатҳои муайяни синфҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ, инчунин талаботи сиёсии одамон инъикос менамояд.

Идеология ба ҳар як шахс на танҳо шарҳи фаҳмою дастраси воқеият, балки равияи оқилонаи фаъолиятро дар барномаи умумӣ муайяну мусаллаҳ мегардонад. Ғайр аз ин идеология роҳҳои мухталифи ҳалли масъалаҳои дар назди ҷомеа истодаро нишон медиҳад. Албатта, ҳар яке аз роҳҳои имконпазир дар дараҷаи муайян манфиатҳои ин ё он гурӯҳҳои иҷтимоиро ифода мекунанд. Идеология бошад, роҳи пешниҳод намудаи худро ҳамчун воситаи ифодаи манфиатҳои тамоми ҷомеа ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба

характери масъалаҳои дар пеш истода мувофиқ буда асоснок мекунад. Ин албатта, новобаста ба оне аст, ки офарандагон ва пайравони ҳар як идеология барои ба ҷониби худ ҷалб намудани шумораи зиёди тарафдорон манфиатдоранд.

Ҳамин тариқ, идеология намунаҳои муайяни шарҳу баёни фаъолияти иҷтимоиро кор карда баромада, тамоюли ягонаро ба воқеияти иҷтимоию сиёсӣ мансуб медонад. Он вазифаҳои муҳими иҷтимоиеро иҷро мекунад, ки дигар намудҳои тафаккур ба вай ҷавоб дода наметавонад.

Албатта, ҳар як идеология дорои ҷузъҳои носаҳеҳ ҳам мебошад, вале дар чунин ҳолат зарур аст, ки чунин мафҳумҳоро аз як тараф хаёлпарастии муайяни идеологӣ ва аз тарафи дигар созандагони онҳо донист.

Ба ифодаи Карл Майнгейм, хаёлпарастӣ ин раванди фикррониест, ки ба воситаи ақидаҳо ва рамзҳо ошкор мешавад.

Дар ин маънӣ хаёлпарастӣ ин хусусияти ғайриуниверсалии тафаккури инсонӣ буда, дар тамоми идеологияҳои мавҷуда ширкат меварзад. Идеологияҳо на танҳо гузаштаю ҳозира, балки ояндаро низ инъикос менамоянд. Албатта, тасаввур намудани оянда ба аломатҳои воқеию мушаххас ва амиқ номумкин аст. Аз тарафи дигар, барои он ки тарафдорони идеявиро ба худ ҷалб намуд, бояд нақшаҳои таъсирбахшу илҳомбахш тартиб дода шавад, ки муаллифонашон худ ба ин нақшаҳо боварӣ дошта бошанд.

Дар ҳаёти воқеии сиёсии хаёлпарастӣ баъзан идеяҳо ё шиорҳо метавонанд барои идеология дар ягон марҳилаи он мусбӣ бошанд. Агарчӣ идеяҳои бузург ва то ба охир номуайян дар таҷриба дағал менамоянд, онҳо метавонанд, ки барои шуури омма диққатҷалбкунанда бошанд. Дар мазмуни муайян худи хаёлӣ будани ақидаҳо ба талаботи муайяни шуури ҷамъиятӣ, талабот ба тасаввуроти хаёлии ҷаҳон, ки байни хаёлоту воқеият сарҳадҳои аниқ нест, ҷавоб медиҳад.

Вазифаи муҳими андешаронии хаёлӣ инчунин дар он аст, ки он индикатори масъалаҳои воқеан ба вуҷудомада буда, ба орзуҳои асосии одамон хизмат мекунад.

Ҳамин тариқ, идеология ҳамеша ҷузъҳои хаёлиро дар худ дохил мекунад, вале ин имконият намедиҳад, ки идеологияро умуман ҳамчун "шуури бардурӯғ" ҳисобем.

Дар назар чунин мерасад, ки эҷоди мифологии бошууронаи созандагон ё ин ки тадқиқотчиёни ин ё он идеология тамоман чизи дигар аст. Асотирҳои сиёсӣ ин тасаввуротҳои хаёлиеро доштанд, ки қасдан аз тарафи қувваҳои сиёсӣ бо мақсадҳои таъсир расонидан ба омма истифода бурда мешаванд. Бо ёрии асотир баъзан обрӯи фаъолони сиёсӣ ба ҳизбҳое, ки дар сари ҳокимият меистанд тарафдорӣ меёбанд. Асотир бисёр вақт сарчашмаи ҳаёти ҳокимияти авторитарӣ ё ин ки тоталитарӣ шуда, ба сиёсатмадорон имконият медиҳад, ки аз рӯи хоҳиши худ ба омма ҳукмронӣ намояд.

Инчунин, таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки дар давраи дигаргуниҳои қатъӣ нақши идеологияи сиёсӣ афзун мегардад, чунки таҷрибаи сиёсӣ, фаъолияти институтҳои сиёсию ҳукуматӣ ва мубориза барои механизми давлатӣ ба ҷойи аввал мебарояд. Дар ҳақиқат идеологҳо дар давраи инқилобҳо ва ислоҳоти амиқ ба як қувваи маънавӣ табдил меёбанд, онҳо на танҳо мухолифатҳои иҷтимоиро инъикос менамоянд, балки таҷрибаи муайяни сиёсиеро рӯи кор меоваранд ва самти ҳаракати қувваҳои гуногуни иҷтимоиро муайян мекунанд.

Идеологҳо дар ҷараёни дигаргуниҳои иҷтимоию сиёсӣ аввалин шуда зарбаро ба худ қабул мекунанд.

Давраҳои инқилобӣ бештар хусусияти бевоситаи ҳамкории таҷрибаи иҷтимоӣ ва идеологияро, ки мутобиқи манфиатҳои ҷамъиятӣ метавонанд ҷараёни дигаргуниҳоро ҳавасманд гардонанд, ё ба он монеъ шаванд ошкор месозад. Арзишҳои идеологӣ метавонанд чун падидаи муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ бошанд, онҳо метавонанд ба тағйири далелҳо ва худи ҳолатҳои ҳаёт мусоидат кунанд. Муқаррароти мақсадноки идеологӣ таҷрибаи сиёсиро ҳавасманд мегардонанд, ҳатто то он дараҷае, ки идеология ба сиёсати сабабу натиҷа табдил мегардад.

Масалан, **таъсисёбии идеологияи сулҳ чун таълимот дар бораи сулҳ идеологияи мақсадноки башардӯстона буда,**

**дар ҳалли низоҳои дохилию берунӣ нақши муҳимро иҷро карда метавонад.**

Бо дарназардошти нуқтаҳои зикргашта метавонем чунин низоҳои идеологиро баррасӣ намоем. Аввалан, баъзе низоҳое, ки дар дохили давлат қувваи ҳаракатдиҳанда доранд ва бо кӯшишу ҳаракатҳои ашрофон ба амал омадаанд, онҳо дар атрофи ташкили ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат муборизаи идеологӣ мебаранд. Баъзе мисолҳои муборизаи идеологӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ ё синфӣ муайян карда мешаванд: бархе дигар маъракаи динии бунёдгароён буда, ба системаҳои теологӣ равона карда шудааст. Ҳатто баъди ба охир расидани "ҷанги сард"чуноне, ки маълум аст, муборизаи идеологӣ хотима наёфт ва роҳи тамоми муборизаҳои идеологӣ шакли навро ба худ гирифтанд.

Масалан, ҳаракату муборизаҳое, ки ба синфҳо такя намуда, аз шиорҳои марксистӣ истифода менамуданд аз саҳнаи бисёр давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Шарқи Наздик, Африқо ва Америкаи Лотинӣ рафта бошанд ҳам, баъзе шӯришгарон дар Колумбия ва Перу асосан ба шакли кӯҳнаи идеология содиқ мондаанд. Баъзе ҳаракатҳои исёнгарон, масалан дар Гватемала, шакли худро тағйир додаанд ва шакли дигари муборизаро пеш гирифтаанд, ки худро сокинони таҳҷоӣ ва намояндаи миллиятҳои хурд меноманд. Дар бештар давлатҳо мисли Афғонистон, Алҷазоир, Миср, Ҳиндустон, Эрон, Судон ва Тоҷикистон, мухолифатҳо дар асоси айбдоркунии тарафайн миёни онҳое ба амал омада буд, ки мехостанд, давлати дунявӣ созанд ва онҳое, ки дар мавкеи бунёдгароӣ истода буданд. Ин ҳаракатҳои миллӣ ва бунёдгароёна бештар аз он манбае сарчашма мегиранд, ки дар солҳои "ҷанги сард" онҳо ба асоси синфӣ такя намуда, чунин нуқтаҳоро ба вуҷуд оварда буданд: маҳдудкунии гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, инчунин норозигӣ аз дараҷаи рушди иқтисодӣ ва ноодилона тақсим гардидани манфиатҳо. Аммо онҳо дорои самтҳои гуногун буда, сабабҳои асосии ин низоҳо мушобеҳ ҳастанд, аммо сабабҳои номаълуми онҳо тағйир ёфтаанд.[12]

[12] Ниг. Майкл Браун. Причины и региональные факторы внутренных конфликтов. *German Law 1985.*54(2).-с.14.*

Таҳлили низои миёни тоҷикон нишон медиҳад, ки мухолифати сиёсии бо мубориза барои ҳокимият, душвориҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва зиддиятҳои давраи гузариш вобаста буда, бо тезутунд гаштани зиддиятҳо, ки таърихан ба Тоҷикистон хос мебошанд, махлут гаштаанд. Тезутунд гаштани мухолифати яроқнок ҳарчӣ бештар зарурати муносибати навро ба масъалаи имконияти танзими сиёсӣ мегузошт. Дарки зарурати гузаштан ба сиёсати созгории миллӣ ин амали пурҷасорати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Махсусан сиёсати ваҳдати миллӣ, ки аз тарафи халқ ва қувваҳои пешқадаму солими мамлакат ҷонибдорӣ мешуданд, чуноне ки Эмомалӣ Раҳмон зикр менамояд, барои рушди минбаъдаи мамлакат қадами ҷиддие гардид. Мо боварӣ дорем, ки масъалаи муҳим дар ин роҳ ин таъсиси давлати воқеан демократӣ мебошад. Шарти аз ҳама асосии иҷрои ин вазифаҳо ноил гардидан ба созиши умумимиллӣ дар ҷамъият мебошад. Яқинан зарур будани масъаларо фаҳмида, мо қатъиян ба роҳи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ҳаракат намудем, ки натиҷаи он ба имзо расидани Шартномаи сулҳ ва ризоияти миллӣ аз 27 июни соли 1997 ва татбиқи бомуваффақияти он дар ҳаёт мебошад.

Дар ин кори тақдирсоз ба мо сирату фаросати аҷдодонамон ва сабақҳои воқеоти таърихӣ намунаи ибрат буданд[13].

Зикр намудан лозим аст, ки тасдиқи боэътимод ва таъсирбахши Ҳукумати Тоҷикистон ба созишҳои принсипиалӣ, ин гузаронидани дигаргуниҳои қатъии системаи сиёсӣ мутобиқи принсипҳои демократӣ мебошад.

Ба маҷмӯи чорабиниҳое, ки барои ҳалли масъалаи ризоияти миллӣ равона шуда буданд, намояндагон ва роҳбарони табақаҳои гуногуни СММ, ҳамчунин Котиби генералӣ ва Шӯрои Амнияти СММ ва дигар ташкилотҳои байналхалқӣ мисли Созмони амнияту ҳамкории Аврупо, Созмони конфоронси исломӣ, давлатҳои ба мо дӯст Русия,

---

[13] Ниг.. Э.Рахмонов. Таджикская государственность: От Саманидов до рубежа XXI века. -Душанбе: "Шарки Озод" 1999.-С.20.

Ирон, Афғонистон, Покистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон ҷойи махсусро ишғол мекунанд. Таҷрибаи давлати мо боз як бори дигар нишон медиҳад, ки қувваи дӯстӣ ҳама гуна қувваи бадиро аз байн мебарад[14].

Хулоса, идеологияҳо бо ҳамаи норасогиҳо ва камбудиҳои маълум ба мисли пештара ба олами муосир лозиманд. Мутаассифона, дар доираи як мавзӯъ ҳама навъҳои идеологияҳои муосирро пешкаш намудан аз имкон берун аст. Ҳамин тавр, идеологияҳои асосии муосирро дида мебароем.

## 2. Идеологияҳои асосии муосир

Ба идеологияҳои асосии муосир либерализм, консерватизм, сотсиал-реформизм ва коммунизм дохил мешаванд. Ба ғайр аз ин нақши муҳимро дар ҳаёти сиёсии муосир чунин ҷараёнҳои идеалӣ ё сиёсӣ, ба монанди радикализм, экстремизм, популизм ва ақидаҳои ҳаракатҳои алтернативӣ мебозанд.

Ҷолиб ин аст, ки байни идеологияҳои гуногун, ҷараёнҳои идеявию сиёсӣ ва оппозитсия ҳам умумият мавҷуд аст. Ин пеш аз ҳама бо он маънидод карда мешавад, ки идеологияҳо бо гурӯҳи саволҳои якхелае, ки ҳаёт мегузорад, дар шакли умумӣ ҷавоб дода, роҳҳои ҳалли масъалаҳои душвори ҷамъиятиро пешниҳод менамоянд. Бинобар ин бисёр масъалаҳои идеологияҳои гуногун ба якдигар наздиканд. Ҳамзамон, барномаҳои мусбии онҳо дар дараҷаи баланд фарқ мекунанд, новобаста ба он, ки дар ин ҷо ҳам мавҷудияту таъсири ҳамдигарии идеологияҳои гуногун ҳатмӣ аст.

Барои идеологияҳои муосир аз ҳама масъалаи нисбатан маълум ин мавзӯи озодӣ мебошад. Дар баробари он ки ҳар яке аз идеологияҳо худро идеологияи ҳақиқӣ, аслӣ ва саҳеҳу озод эълон менамояд, тасаввурот дар бораи озодию роҳҳои ба даст овардани он гуногун аст. Гуфтан

[14] Ниг.: Дорога мира (Документы межтаджикских переговоров). Душанбе. 1997. С.115-116.

ҷоиз аст, ки идеологияҳои муосир натиҷаҳои ҷавобҳои гуногун ба мавҷудият ва роҳҳои ба даст овардани озодии ҷамъиятӣ ва шахсӣ мебошанд.

Ҳамин тавр, сӯҳбатро дар бораи идеологияҳои муосир, аз идеологияи либерализм, ки худи номи он аз калимаи "либералис" - "озод" пайдо шудааст, оғоз менамоем. Либерализм ҳамчун идеология тарафдорони сохти парлумонӣ буда, имконияти озодиро дар муттаҳидии соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғ. медонад. Шарҳи либералии озодӣ чунин аст:

**Якум**, фаҳмиши озодӣ дар либерализм асосан характери "манфӣ" номгузоришуда дорад. Он пеш аз ҳама ҳамчун озодӣ аз маҷбуркунии беруна фаҳмида мешавад. Либералҳо ба тарафдории барҳам задан ё ин ки сабук намудани шаклҳои гуногуни маҷбуркунии давлат ва ҷомеа нисбат ба фард баромад менамоянд.

**Дуюм**, фаҳмиши озодӣ дар либерализм фардӣ аст. Либералҳо дар муҳокимаҳои худ на аз ҷомеа, балки аз шахс оғоз менамоянд, ки барои онҳо шахс ҳамеша аз ҳар гуна гурӯҳе боло аст.

**Сеюм**, дар байни озодихо барои либералҳо дар ҷои аввал озодии иқтисодӣ, озодии соҳибкорӣ меистад. Мисол, яке аз назариячиёни аввалини либерализм Бенжамен Констант гуфта буд, ки имконияти озодона интихоб намудан ё ин ки интихоб шуданро бояд ба шахсоне дод, ки онҳо ба қадри кофӣ сарватдору бодавлат бошанд.

**Чорум**, аз ин ҷо тасаввурот дар бораи нақши давлат ҳамчун "посбони шабона" пайдо мешавад. Ба ақидаи тарафдорони либерализми классикӣ, "давлат бояд то ҳадди имконпазир хурд бошад, он бояд амалан ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ дахолат накунад. Вазифаҳои он бояд бар нигоҳ доштани тартиботҳои ҷузъӣ, мусоид намудани шароитхо барои фаъолияти озодии иҷтимоӣ бошад".

Дар баробари ин танзимкунии асосӣ дар ҷомеа бояд, ки худ ба худ ва ба воситаи механизми озодии бозор гузарад. Умуман, идеологияҳои либерализм дар ташаккулёбӣ ва муайян намудани принсипҳои демократияи сиёсӣ саҳми худро гузоштааст. Ақидаҳои

идоракунии парлумонию конститутсионӣ, тақсимоти давлат, плюрализм ва эҳтиром намудани шаъну шарафи шахсияти инсон ба онҳо тааллуқ доранд. Ҳамзамон, ба ақидаи сиёсатшиноси бритонӣ Э.Белей ғамхории асосии либералҳо ва тарафдорони онҳо на дар таъмин намудани озодиҳои шаҳрвандон, балки дар озодкунии сармоядор мебошад. Дар назар чунин менамояд, ки афзалиятҳои идеологияи либерализм дар ин ҷо дуруст ба назар гирифта шудаанд. Қайд намудан зарур аст, ки либерализм дар фарқият аз консерватизм доимо назарияи сиёсии дигаргуниҳо ва навигариҳо мебошад.

Истилоҳи "либерализм" ба истифодаи васеъ дар марҳилаи аввали асри XIX, вақте ки аввалин ҳизбҳои сиёсии либералҳо ба вуҷуд омада буданд, дохил шуда буд. Аммо идеологияи либерализм бо решаҳои худ ба қарнҳои XVII-XVIII рафта мерасад. Дар коркардабарории он мутаффакирони шинохта ба монанди Ҷ.Лок, Ш.Л. Монтеске, И.Кант саҳми босазое гузоштаанд.

Дар асри XX, махсусан, баъди давраи депрессияи бузурги солҳои сиюм, усулҳои аслии либералии идоракунӣ муваффақият оварда натавонист ва ин идеология асосан дар шакли неолиберализм мавриди амал қарор мегирад. Хусусияти хоси неолиберализм дар он аст, ки он дахолати давлатро ба иқтисодиёт ба мақсади ташкил намудан ва нигоҳ доштани шароитҳои мусоид барои рақобат кам мешуморад. Неолиберализм инчунин танзимкунии ҳаёти иҷтимоии ҷамъиятиро бо мақсади нигоҳ доштани баробарвазнии максималӣ ва имконпазирии ҳаёти иҷтимоӣ мепазирад. Тақрибан аз солҳои 70-уми асри XX либерализм ба дараҷаи муайян тағйир ёфта истодааст. Инчунин, мисли неоконсерватизм он баъзан назарияи либерализми классикиро "бо сурудҳо дар васфи бозори аслӣ", ба хотир оварда, аз усулҳои танзимкунии давлатии ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ даст намекашад. Консерватизм ҳамчун идеология ҷабҳаҳои гуногуни ҷомеаро дар бар мегирад. Масалан, агар либерализм доимо тарафдори дигаргуниҳо ва навовариҳо бошад, пас консерватизм зарурияти содиқ буданро ба анъанаю урфу одатҳо ва

таҷрибаи гузаштагон қайд менамояд. Дар шакли том консерватизм идеология ва фалсафаи сиёсис мебошад, ки ба нигоҳ доштан ва тарафдорӣ намудани шаклҳои таърихии ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ сару кор дорад. Махсусан, асоси арзишҳои вай дар оила, миллат, дин ва моликияти шахсӣ таҷассум гардидааст.

Дар муқоиса ба либерализм ё марксизм консерватизм асосан мазмуни ягонаи ақидавӣ надошта, дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ шаклҳои гунугунро ба худ мегирад. Фақат дар вай ақидаи содиқ будан ба анъанаю арзишҳо ё нигоҳ доштани сохтори вазъияти даврам муайян тантана мекунад. Хусусияти хоси консерватизм ин қобилияти вобаста ба дигаргуниҳои ҷомеа тағйир ёфтани он мебошад. Мазмуни таълимотҳои алоҳида ба мазмуни ҷараёнҳои ақидавии ба онҳо муқобил сахт тобеъ буда, дар муносибат ба худи онҳо дуюмдараҷа мебошад.

Аз ин рӯ, Б.Гудвин менависад, ки "консерватизм ин буқаламуни махсуси сиёсиест, ки симои вай аз табиати душмани вай вобаста аст".

Бо ин маъно, консерватизмро ҳатто идеологияи муайяни сиёсӣ ҳам гуфтан мумкин нест. Зеро ҳар яке аз иделогияҳо хусусиятҳои хосси ҷамъиятеро нишон медиҳанд, ки ба тарафдории он баромад менамоянд. Аммо ҷамъиятҳои консервативӣ метавонанд, тартиботҳои ҷамъиятии тамоман мухталифро ҳимоя намоянд. Ин пеш аз ҳама фалсафаи муайяни сиёсӣ мебошад, ки асоси мустаҳками вай аз принсипҳо, арзишҳо ва қисми таъғйирёбанда иборат мебошад.

Тадқиқотчии консерватизм, философ ва таърихчии англис Э.Бёрк ҷомеаро ҳамчун маҷмӯи том ва органикӣ медонад. Мувофиқи ин ақида ҷомеа организми томест, ки қисмҳои он ба якдигар алоқаманданд. Бинобар ин кӯшишҳои тағйир додани яке аз қисмҳои он хатари вайрон кардани тамоми организм, тамоми маҷмӯъро дорад.

Инчунин принсипҳои асосии консерватизмро ҳамчун фалсафаи сиёсӣ тартиб додан мумкин аст.

Ҷомеаро бо маҷмӯи шаҳрвандон ҳаммаъно кардан мумкин нест: он маҷмӯи меъёрҳо, анъанаҳо, урфу одатҳо

ва институтҳо мебошад. Бинобар ин лозим аст, ки принсипҳои сиёсиро ба ин анъанаҳо ва урфу одатҳо мутобиқ намоем.

Ба институти мавҷуда нисбат ба нақшаи назариявии дилхоҳ бояд афзалият дод. Аз ин ҷо агар либерализм нақшаҳои оқилонаро, ки мувофиқи онҳо ҷомеаро дигаргун месозад, тарҳбандӣ намояд, пас консерватизм, баръакс ба тамоми нақшаҳои назариявӣ ва назариякуниҳо беихтиёр душманона ва нобоварона муносибат мекунад.

Ноумедона баҳо додан ба табиати инсонӣ, муносибати шубҳаомез ба тафаккури инсонӣ ва кӯшишҳои вай барои беҳбудии ҷомеа, таъмини хушбахтии омма ба консерватизм хос аст. Аз ин ҷо нобоварӣ ба имконияти баробарии иҷтимоӣ дар миёни одамон, тасаввурот дар бораи нақши моликияти шахсӣ ҳамчун кафили озодии шахсӣ ва тартиботи иҷтимоӣ пайдо шудааст.

Консерватизми арзишӣ ва консерватизми сохториро аз ҳамдигар фарқ мекунонанд. Консерватизми сохторӣ институтҳои дар ҷомеа ташаккулёфтаро муҳофизат мекунад. Консреватизми арзишӣ ба нигоҳ доштан ва эҳтиёт намудани чунин арзишҳо, ба монанди меъёрҳои ахлоқӣ, дин, оила ва ғайраҳо равона карда шуда, барои нигоҳ доштани онҳо метавонанд ба тарафдории дигаргунсозиҳои институтҳои ҷамиятӣ баромад намояд. Консерватизми арзишӣ соҳиби қобилияти баланди мутобиқшавӣ ба дигаргуниҳои ҷамъиятӣ мебошад.

Асосгузорони консерватизм ҳамчун фалсафаи сиёсӣ дар охири асри XVIII ва аввали асри XIX Э.Бёрк, Ф.Новалис, Ж. Де. Местр ва дигар мутафаккирон мебошанд. Чун анъана қоидаҳои консервативӣ дар давраҳои дигаргуниҳои бузург ва тезутунд, дигаргуниҳои тараққиёти иҷтимоӣ ташаккулу инкишоф меёбанд. Шакли аввалаи консерватизм пеш аз ҳама ҳамчун ҷавоб ва дигаргуниҳое, ки ба шарофати инқилоби бузурги Фаронса ба вуҷуд омада буданд, ташаккул ёфтааст. Аз нимаи дуюми асри XIX ва махсусан дар асри XX консерватизм шакли худро дигар кард ва ақидаҳои муносибатҳои озоди бозорӣ, принсипҳои плюрализм ва демократияи сиёсиро кабул намуд.

Аз солҳои 70-уми асри XX равияи асосии тафаккури консервативӣ дар Ғарб неоконсерватизм ба шумор меравад, ки бо бисёр нишондиҳандаҳояш аз консерватизми классикӣ фарқ мекунад.

Фарқияти асосӣ дар он аст, ки неоконсерватизм маҷмӯи идеявии тезҳаракат ва серамал мебошад, ки на ба гузашта, балки ба оянда равона карда шудааст. Аз ҷониби неоконсерватизм шиори ҳайратангез "инқилоби консервативӣ": тоза намудани ҷой аз ҳама чизе, ки дар ҷомеа ба таври сунъӣ сохта шудааст; сохтани он чизе, ки ба таври органикӣ ташаккул ва инкишоф ёфта тавонад, пеш гузошта шудааст.

Аз ҳад зиёд "мушкил будани бори давлат" бо сохтори расиммятпарасту мутамарказ, бо барномаҳои иҷтимоӣ эътино намуда, неоконсерваторҳо бисёр ақидаҳои либералҳоро ба он дараҷа ба худ қабул кардаанд, ки сиёсатшиноси олмонӣ Г.К.Келтербруннер дар бораи онҳо чунин ақидаҳои парадоксалӣ баён намудааст: "Дар бораи консерваторҳои нав гуфтан мумкин аст, ки онҳо аз он сабаб консервативианд, ки либералианд". Неоконсерватизм феълан синтези муайян ва ба талаботҳои замон ҷавобдиҳандаи ақидаҳои консерватизм ва либерализм мебошад.

Хулоса, идеологияҳои неоконсерватизм тезисҳои хулосавии зеринро асоснок намудаанд:

- фақат муносибатҳои озоди бозорӣ метавонанд ба тараққиёти ҳақиқии ҷомеа ва инсон оварда расонанд;

- озодӣ ва баробарӣ ба ҳам якҷоя намешаванд: баробарии иҷтимоӣ номумкин аст, аз ин рӯ зарур аст, ки кувваро барои ба даст овардани озодӣ сарф намуд;

- демократияи классикӣ амалишаванда ва зарарнок аст, бинобар ин демократияро ба ҳокимияти ашрофон пайвастан лозим аст;

- ҳуқуқи аввалиндараҷаи шахс - ҳуқуқи моликияти шахсӣ ва озодона истифода бурдани он аст.

Дар баробари ин муносибати неоконсерваторҳо ба давлат дуҷониба аст. **Якум,** онҳо тарафдори давлати

пурзўре мебошанд, ки қобилияти муҳофизати қонун ва ахлоқро дошта бошад. **Дуюм,** аз давлате дар хавфанд. ки метавонад ба маҳдуд кардани озодии фардӣ оварда расонад.

Тарғиби пурзўри бозори неоконсерватизм, ки бо такя ба дастовардҳои амалии инқилоби технологӣ ва сиёсати нисбатан муттаҳидшаванда ба роҳ монда шуд, солҳои 70-ум ва 80-уми асри ХХ бомуваффақият буд. Аммо дар аввали солҳои 90-ум аллакай дар бораи бўҳрони муайяни неоконсерватизм, паст шудани нуфузи ноўхдабароёнаи он дар ҳалли бисёр масъалаҳои ҷамъиятии ҳозира гуфтан мумкин аст.

Анархизм- идеология ва фалсафаи сиёсиест, ки мақсади он озодии шахс аз тамоми шаклҳои маҷбуркунӣ аз ҷониби ҳокимият ва пеш аз ҳама аз тарафи давлат мебошад. Муҳокимаи мудохилаи давлат бо ҷамъият ва ҳаёти шахсии одамон анархизмро бо либерализм наздик месозад, вале дар барномаҳои мусбаташон онҳо аз якдигар дуранд. Агар либерализм давлати хурдтаринеро дастгирӣ намояд, ки барои рақобати бозор шароити мусоид фароҳам меоварад ва тартиботро ҳимоя карда тавонад. Пас анархизми классикӣ, умуман ба муқобили давлат ва барои барҳам додани он ҳамчун институти ҷамъиятӣ кўшиш мекунад.

Барои анархизм муҳофизати моликияти шахсии хурд, таблиғи тактикаи "амалиёти рўирост" ва тасаввурот доир ба сохти ҷамъиятии оянда ҳамчун иттиходияҳо, вилоятҳо ва коммунаҳо таърихан хос аст.

Ақидаҳои анархистӣ дар шакли аслии худ дар ягон ҷой ва ягон вақт бомуваффақият дар таҷрибаи васеи ҷамъиятӣ тадбиқ нашудаанд.

Аз ин сабаб шояд дар ҳаёти ақидавию сиёсии муосир анархизм ба дараҷаи муайян дар шакли аслӣ амалан мавҷуд набошад. Ақидаҳои анархистӣ бо дигар ақидаҳо, ҳатто, бо ақидаҳои дигари тамоман мухталиф муттаҳиданд ва тасвири гуногуни хусусиятҳои тафаккури анархистии тамоюлдоштаро ташкил медиҳанд.

Масалан, анархо-индивидуализм аз ақидаи истиқлолияти фарз асос мегирад. Мувофиқи ақидаҳои асосгузорони он мутафаккирони амрикоӣ, Б.Танер ва И.Уорена, ҳар як инсон бояд чунин соҳаи фаъолиятеро дошта бошад, ки ба он ягон кас ҳуқуқи дахолат карданро надошта бошад. Аммо дар баробари ин муносибатҳои ичтимоӣ бояд дар асоси додугирифт ё ин ки шартнома сохта шаванд. Ҳар як шахс, ба ақидаи Б.Танер, бояд соҳиби озодии шахсию мутлақ бошад. Имрӯзҳо ин чараёни ақидавӣ дар шакли анархо-капитализм мавчуд аст.

Анархо-мютюализм (аз фаронсавӣ "мютюэл"- дутарафа, тарафайн), ба ақидаҳои Прудон ва пайравони вай асос ёфтааст. Мувофиқи таълимоти он ҳар як кас бояд соҳиби воситаҳои истеҳсолот бошад, вале дар баробари ин бояд фақат бо меҳнати худ зиндагӣ карда, бо муфтхӯрӣ аз ҳисоби рента, ё ин ки истисмори одам аз тарафи одам роҳ надиҳад

Анархо-коллективизм дар зери таъсири ақидаҳои Бакунин ташаккул ёфтааст. Ақидаҳои сиёсию иқтисодии он ба назарияҳои ташкили кооперативҳои иқтисодиёт наздиканд. Ҳар як гурӯҳи коргарон воситаҳои истеҳсолоти худро идора мекунанд. Тақсимоти махсулот натичаи умумии қарори коллективиест ва бояд, ки бо подошдиҳӣ ба меҳнат мутаносиб бошад. Барои Бакунин инчунин пайравӣ ба ақидаҳои сотсиализм ва озодӣ, пайвастани онҳо ба як чузъи том хос аст. Аз рӯи ифодаи пандомези Бакунин, "озодӣ бе сотсиализм ин имтиёз ва беадолатист! Сотсиализм бе озодӣ - ин ғуломӣ ва ҳайвонист!".

Анархо-коммунизм аз ақидахои Элиза Реклю, П.А. Кропоткин оғоз мегирад. Асоси ин таълимот боварӣ ба якдилии табиӣ инсонӣ аст. Қобили қайд аст, ки Кропоткин олими машҳур буда, ин ақидаро бо кофтуковҳои гуногуни илмӣ асоснок кардааст. Яке аз асарҳои машҳури илмии вай ҳамин тавр ҳам ном дошт: "Ёрии тарафайн дар байни ҳайвонот ва одамон ҳамчун ҳаракатдиҳандаи пешравӣ". Таълимоти анархо-коммунизм пешбинӣ менамояд, ки чамъияти оянда аз давлат озод буда, дар худ мачмӯи иттиҳодияҳои озоди меҳнаткашонро тачассум менамояд.

Шохаи анархистӣ яке аз ҷараёнҳои асосӣ дар тамоми таърихи тафаккури сиёсӣ мебошад. Баъзе аз мутахассисон, ҳатто, тамоми тафаккури сиёсиро дар таърих ба давлатӣ ва зиддидавлатӣ тақсим намудаанд, ки ифодаи мураттаби он анархизм ба шумор меравад. Равияҳои анархистӣ дар таълимотҳои сиёсӣ, аз қадим сар карда, тадқиқ карда мешаванд. Кӯшиши аввалини тадқиқоти онҳоро дар охири асри XV11 файласуфи англис У. Годвин сар карда буд ва худро аввалин бор П.Ж. Анархӣ номида буд.

Хусусияти нақши анархизм ҳамчун идеология дар он аст, ки ҳеҷ вақт тарафдорони бисёр надошт ва идеологияи ягон ҳизб дар мубориза барои ҳокимияти давлатӣ нашуда буд.

Умуман, нақши онро ба дараҷаи муваффақиятҳои сиёсии пайравони ин таълимот мансуб донистан мумкин нест. Он чун анъана дар шакли аслӣ баромад накарда бошад ҳам, лекин яке аз қутбҳои ҷозибаноки тафаккури сиёсӣ ба шумор меравад. Анархизм имрӯз ҳам дар тафаккури сиёсии таълимотҳои гуногун нақш дорад.

### 3. Идеологияҳои сотсиал-реформистӣ ва коммунистӣ

Ин ду идеологияро дар муқоисаи якдигар таҳлил намудан хеле ҷолиб аст. Онҳо аз як сарчашмаи назариявии марксизми классикӣ пайдо шуда бошанд ҳам, лекин ҳар яке сарчашмаҳои дигар низ доранд. Ба замми ин дар натиҷаи рақобат дар муборизаи сиёсӣ онҳо ба мактабҳои гуногуни идеологӣ табдил ёфтаанд.

Умумияти ин ду идеология дар он аст, ки дурнамои ҳалли масъалаҳои ҷамъиятиро онҳо бо сохтмони ҷамъияти нисбатан адолатноку якдил, беҳтар кардани ҳаёти халқи меҳнаткаш алоқаманд медонанд. Умуман, фарқияти ин ду идеологияро пеш аз ҳама дар муқоисаи онҳо дидан мумкин аст. Роҳи ба даст овардани сохтори беҳтарини ҷамъиятиро сотсиал-реформистон дар занҷири мураттаби дигаргуниҳо мебошанд, коммунистон бошанд, кӯшиши асосиро ба инқилоб равона мекунанд. Аз ин ҷо, масъалаи муҳимтарин барои сотсиал-реформистон - ин мунтазам табдил додани капитализм мебошад. Барои

коммунистон - амалӣ гардонидани ҷудой шаклан инқилобӣ ҳам набошад, пас аз рӯи аҳамияташ инқилобӣ мебошанд. Сотсиал-реформистон амалӣ гардонидани гузаришро ба ташкилоти нави ҷамъиятӣ дар чорчӯбаи меъёрҳои демократӣ ва қонунии ташаккулёфта таҷассум менамоянд, ки бо тасаввуроти онҳо дар бораи ҷудонашавандагии принсипиалии социализму демократия алоқаманд аст. Коммунистон чун анъана ин гузаришро ҳамчун решакан намудани чорчӯбаи демократияи буржуазӣ ва қонуният тасаввур мекарданд. Сотсиал - реформистҳо чунин ҳизбро иттиҳодияи сиёсии тарафдорони сотсиализм, ки бо тартиботи қатъӣ алоқаманд нестанд, таҷассум менамоянд. Коммунистон бошанд чун анъана бо сохтани ҳизби мустаҳкам ташкилшудаю қобилияти ҷангидошта такя мекарданд.

Ҳамаи гуфтаҳои боло асосан ба муқоисаи шаклҳои анъанавии классикии таълимотҳои таҳлилшаванда хосанд. Он чизе, ки ба замони ҳозира дахл дорад, таҷрибаи таърихии асри XX тарафдорони сотсиал-реформистҳо ва коммунистонро ба наздикшавии муайяни мавқеъҳо меоварад. Тарафдорони ҳар ду идеология имрӯзҳо асосан дар мавкеи ҳаракат ба ҷамъияти нав бо роҳи дигаргуниҳои калон меистанд.

### 4. Ҷараёнҳои дигари идеявию сиёсӣ

Ҳаёти идеявию сиёсии муосир ба фаъолият ва ҳамкории идеологҳои асосӣ қонеъ намешавад. Дар он ҳодисоти нисбатан хурд ҳам мавҷуданд. Ҳар як равияи нав, ҷараёнҳои гуногун дар дохил ё ин ки дар давоми идеологияҳо, ҳар як тамоилҳои навбаромадаи назариявӣ, инчунин "иттифоқҳои" нисбатан бузург якбора якчанд идеологияро муттаҳид мекунанд. Мисол наздикшавии имрӯзаи либерализм бо консерватизм.

Яке аз вожаҳои паҳншуда дар лексикони сиёсии имрӯзаи мо "популизм" мебошад. Онро одатан дар вақташ ва нобаҳангом бо мақсади "доғдор" кардани ҳарифи сиёсӣ ё ақидавӣ истифода мебурданд. Мафҳуми "популизм" (аз

лотинӣ- "популюс" - халқ) ду тавзеҳи асосӣ дорад. Тавзеҳи аввал сифати нисбатан ҷузъию таърихӣ дорад. Ҷараёнҳои ақидавию идеявӣ ва харакатҳои ҷамъиятиро дар ноҳияҳои "қафомонда"-и инкишофи капитализм чунин меноманд, ки равияҳои зиддифеодалӣ ва зиддикапиталистиро мепайванданд. Масалан, халқчигӣ дар Русия, таълимоти Фанон дар Алҷазоир чунин буданд. Барои ин ҷараён танқиди капитализм, ақидаи гузаштани он бо ёрии институтҳои коллективӣ - умуман тарафдории роҳи бесинфи инқилоби иҷтимоӣ хос аст.

Тавзеҳи дигар нисбатан умумӣ аст, ки популизм ҳамчун ҷараёни ақидавию сиёсии сифати консервативию романтикӣ ё ин ки псевдорадикалӣ буда, онҳо дар зери пардаи шикоят барои халқ, барои ба даст овардани мақсадҳои шахсӣ мубориза мебаранд.

Популизм дар маънои дуюмаш имрӯз ҳам хеле машҳур аст. Бисёр ҳизбҳои сиёсӣ бо мақсади ҷалб намудани тарафдорони худ ба фразеологияи популистӣ рӯй меоваранд. Номзадҳо ба вазифаи сардори давлат дар мамлакатҳои гуногун баъзан бо халқ "бозӣ" карданӣ шуда, кӯшиш менамоянд, ки ба забони онҳо гап зананд. Дар вохӯриҳои пешазинтихоботӣ дастони одамони бисёртарро мефишурданд ва ваъдаҳои барои табақаҳои гуногуни аҳолӣ маъқул медиҳанд, ҳарчанд пешакӣ медонанд, ки иҷро кардани ваъдаҳо хеле мушкил аст. Популизм бо ин маъно доимо ҳамчун воситаи қаллобии ба даст овардани овозҳои интихобкунандагон истифода мешаванд. Барои ҷараёнҳои популистии инкишофнаёфтаи идеологӣ, набудани барномаҳои назариявӣ ва тамоюл ба вазифаҳои сиёсии дарпешистода хос аст. Популизм ҳамчун навъи хусусиятноки "бозиҳои сиёсӣ", ки дар онҳо бозингар барои натиҷаи он ҷавоб медиҳад, метавонад барои ҷамъияте, ки дар он институтҳои демократӣ ба дараҷаи муайян инкишоф наёфтаанд ва маданияти сиёсии ахлоқӣ паст аст, хавфнок бошад.

Радикализм ҳамчун ҷараёни сиёсӣ акси консерватизм ба шумор меравад. Агар консерватизм тарафдори арзишҳои асосӣ ва ё маҷмӯи институтҳои ҷомеаи мавҷуда

бошад, пас радикализм, баръакс маънои талаботи дигаргунсозиҳои қатъӣ ва амиқи онҳоро дорад (аз лотинӣ "радикалис"-аслӣ). Дар муқоиса ба консерватизм радикализм фалсафаи инкишофёфтаи сиёсӣ набуда, принсипҳои умумӣ ва арзиш надорад. Таълимот, чараён ва ақидаҳои радикалӣ дар ҷомеа асосан дар он вақте ба амал меоянд, ки қувваҳои сиёсии идоракунанда бо ёрии воситаҳои ҷорӣ дар ҳалли масъалаҳои ҷомеа қобилияти худро аз даст медиҳанд.

Радикализм дар чунин давраҳо тарафдорони зиёдро ба худ ҷалб менамояд. Диққатҷалбкунии ин чараён бо он маънидод карда мешавад, ки он бо талаботҳои шахс дар пайдо намудани қарорҳои сари вақт ва оддию ҳалкунанда ҷавоб медиҳад. Радикализм ҳамеша захираи чунин қарорҳои оддиро дорад ва танҳо баъд аз қабул кардани қарор аз ҳаёт дур будани онҳо ошкор карда мешавад.

Одатан бо чараёни радикализм инчунин догматизм, ки ба андешидани чораҳои қатъӣ майл дорад, хос аст.

Заминаи муҳими ба вуҷуд омадани ақидаҳои радикалӣ одатан вазъи ноором ва нобоварии умумӣ ба фардо мебошад. Майл доштан ба чораҳои қатъӣ дар амалия радикализмро бо чунин чараёни тафаккури ҷамъиятию сиёсӣ ва амалӣ ба монанди низоъи сиёсӣ наздик месозад. Моҷароҷӯӣ дар сиёсат пайравӣ намудани ақидаҳо доир ба усулҳои фаъолияти сиёсиро меноманд. Моҷароҷӯӣ аз дигар чараёнҳои ақидавию сиёсӣ бо он фарқ мекунад, ки он барои ба даст овардани мақсадҳои сиёсии худ аз ҳеҷ гуна зӯроварӣ, ҳамчун воситаи доимии муборизаи сиёсӣ, ҳатто аз терроризми сиёсӣ даст намекашад.

Радикализм метавонад барои дигаргунсозиҳои қатъии ҷомеа ба воситаҳои ҳалкунанда, вале қонунӣ ба амал ояд. Экстремизм монеаҳоро намедонад ва барои манфиатҳои сиёсӣ тайёр аст, ки бисёр вақт саломатӣ ва ҳаёти одамонро, ки баъзан ба сиёсат ягон муносибат ҳам надоранд, қурбон намояд. Воситаҳои моҷароҷӯёнаи фаъолияти сиёсӣ дар баробари ғайриинсонӣ ва бераҳмона будан, инчунин бефоидаанд. Махсусан, тарсонидани ҳокимият ба ҷои фоида натиҷаҳои баракс медиҳанд, чунки режими сиёсӣ

пурқувват шуда, ҷазодиҳии тамоми оппозитсияро пурзӯр менамояд. Экстремизми чап одатан бо ақидаҳои инқилоби фаврии (ҷабрдидагон) бенавоён, экстремизми рост бошад, аз ақидаҳои ултрамиллатгароӣ, ки одатан натиҷаҳои фаолияти онҳо ба ҳам монанд мешаванд, илҳом мегиранд.

Шаклҳои экстремизми рост дар назария идеологияи рассизм ва фашизм мебошанд...

Ба шаклҳои гуногуни маълуми фашизм ҳамчун идеология нигоҳ накарда умумияте маълум аст, ки онҳоро муттаҳид месозанд: ирратсионализм (нобоварӣ ба қувваҳои тафаккури инсонӣ), миллатчигии беохир ва нажодпарастӣ- ақидаи "нажоди олӣ", гӯё барои ҳукмронӣ кардан аз болои нажодҳои паст офарида шуда буданд. Барои фашизм инчунин парастиши қувва ва ҳокимияти шахсӣ, тартиби ҷангҳо ҳамчун ҳолати табиии ҷомеа, назорати пурзӯр аз болои тамоми аломатҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсии одамон хос аст. Дар баробаи ин фашизмро тарғиби демагогии "мувофиқати синфӣ" ва ғайра фарқ мекунонад. Қайд кардан зарур аст, ки хавфи аз нав тавлид ёфтани фашизм дар ҳама ҷо мавҷуд аст, ки дар натиҷаи поймолкунии бераҳмонаи ҳиссиёти миллии ягон халқ ба вуҷуд омада, барои ҳаракати оммавии ултрамиллатгароӣ замина ба вуҷуд меоварад.

Маданияти ғайризӯроварӣ акси тамоми шаклҳои экстремизми идеологӣ мебошад. Ин ҷараёни фикриест, ки аз тамоми шаклҳои зӯроварии инсон аз болои инсон даст кашиданро талаб мекунад. Ин таълимоти фалсафӣ ҷабҳаи сиёсӣ ҳам дорад, ки аз ҷониби чунин фаъолон ва мутафаккирони сиёсӣ ба монанди Махатма Гандӣ ва Мартин Лютер Кинг махсусан кор карда шудааст. Амалиёти "ғайризӯроварӣ" ва "муқобилияти ғайризӯроварона"-и онҳо баъзан назар ба истифодаи қувваҳои ғарбӣ фоиданоктар шудаанд. Аз рӯи таърифи файласуфи поляк А.Гжегорчик, амалиёти ғайризӯроварона ин натиҷаи ақидаҳои ахлоқие мебошанд, ки онҳоро муҳаббат ба ҳар як шахс ва ё эҳтиром ба ҳар як мавҷудоти инсонӣ номидан мумкин аст. Имрӯз, ки истифодаи қувва дар миқёси глобалӣ ба марги тамоми инсоният оварда

мерасонад, ахлоқи ғайризӯроварона ҳамчун маҷмӯи умумии қоидаҳои рафтори сиёсӣ хеле муҳим аст. Агар ифодаи Мартин Лютер Кингро истифода барем: имрӯз "васияти" душманони худро дӯст доред" ин таманнои парҳезкоронаи орзуюю хаёлпарастӣ набуда, шарти амиқи зиндагии мост.

Солҳои охир дар мамлакатҳои Ғарб ҷараёнҳои сиёсии обрӯманде ташаккул ёфта истодаанд, ки онҳоро на ба идеологияҳои сиёсӣ ва ба ҷараёнҳои анъанавии ақидавӣ дохил кардан мумкин нест. Шароити нав дар тараққиёти олам, ташаккул ёфтани сохторҳои нави талаботи одамон ба сохтан ва паҳнкунии ба ном ақидаҳо ва намунаҳои ба ном "алтернативӣ", ки принсипҳои сохтумони тамаддуни имрӯзаро рад мекунанд ва принсипҳои навро ба миён мегузоранд, оварда мерасонад.

Усулҳои технократию бюрократӣ аз тарафи қувваҳои сиёсии анъанавӣ истифода шуда, лағжиши ҷаҳонро ба ҳалокат фақат метезонанд. Аммо барои инсоният роҳҳои нав, ҳалли асосан нави масъаларо ёфтан зарур аст. Идеологони "сабзҳо" чунин мешуморанд, ки он воситаҳои ҳосил кардани боигариҳоро бояд ёфт ва нигоҳ дошт, ки ба биосфераи нозуки замин таъсир нарасонида талаботи амалии одамонро қонеъ гардонида тавонад. Масалан, экосотсиологҳо ҳамчун қаноти чапи ҳизб ва ҳаракати "сабзҳо" дар чунин ақидаанд, ки иқтисодиёти бозории капитализмро тай нанамудан - ин омили асосии вайронкунандаи асосҳои ҳастии ҳаёти инсон мебошад.

Умуман, назариячиён ва иштироккунандагони ҳаракатҳои алтернативӣ, муаллифони намунаю лоиҳаҳои алтернативӣ идеологияро ҳамчун мафҳум, ҳамчун ҳодисот, ки дар онҳо воситаи каллобии сиёсиро мебинанд, қабул намекунанд. Ҷаҳонбинии онҳо асосан эклектикӣ мебошад. Аммо ба ҳар ҳол принсипҳое ҳастанд, ки онҳоро муттаҳид мекунанд ва дар шакли умумӣ ба таври зерин баён карданашон мумкин аст:

- консепсияи экологияи сиёсӣ: аз пешравии иқтисодӣ даст кашидан, ба тараққиёти технология монеъ шудан, принсипҳои нави рафтори иҷтимоии инсонро кор карда баромадан;

- ғайримарказӣ кунонидан ва хурд намудан аз рӯи принсипи "камнафасӣ" амал кардан, гузариш ба зиндагӣ дар ҷамъиятҳои на он қадар калон (коммунаҳо), ки дар онҳо шиори "маҳдуд амал карда - васеъ фикр кардан" ҳойдор аст;

- антиавторитаризм, қатъиян рад намудани принсипи тақсимоти ҷомеа ба идоракунандагон ва идорашавандагон, ақидаҳои демократияи ҳақиқӣ, худидоракунӣ, иштироки ҳар як шахс дар тайёр кардан ва қабули қарорҳои ба вай дахлдошта;

- ақидаҳои худамалкунӣ, барҳам задани бегонашавии шахс, амал намудан аз рӯи принсипи фақат ҳамон ҷамъият ҳақиқатан ҳам демократӣ ҳисобида мешавад, ки мақсади он инкишофи озодии шахс мебошад;

- гузариш аз принсипҳои индивидуализм (фардӣ) ба арзишҳои масъулияти шахсӣ;

- сифати радикалии идеал, вале аз чораҳои радикалӣ дар соҳаи фаъолияти сиёсӣ даст кашидан, пайравӣ намудани тактикаи "технологияи корҳои хурд".

Ақидаҳои алтернативичиён то ҳол ба қарорҳои ҷузъии ҳокимияти доро он қадар таъсири калон намерасонанд ва дар солҳои наздик ба сари ҳокимият омадани онҳо аз имкон берун аст. Аммо таъсири онҳо ба ақлҳо назар ба таъсири сиёсӣ зиёд аст. Бинобар ин бисёр ҳизбҳои анъанавии сиёсӣ усулҳое ҷуста истодаанд, ки аксари ин ақидаҳоро дар барномаҳои худ баён кунанд ва ё истифода баранд. Ба ин маънӣ ақидаҳои алтернативӣ аллакай қувваи маълумеро дар ҳаёти мамлакатҳои ғарб таҷассум менамоянд.

### 5. Нақши ҷамъиятии идеологияҳо ва ҳамкории онҳо

Чӣ тавре ки дар боло қайд карда шуд, идеологияҳо дар ҳаёти ҷомеа нақши муҳим мебозанд. Дар баробари ин пайравӣ намудани одамон ба ин ё он идеологияро аксар вақт то ба охир оқилона маънидод кардан мумкин нест. Дар ин ҷо доимо ҷузъҳои боварӣ, интихоби эҳсосотӣ ва ҳатто тамоюлоти беихтиёрона ҷой дорад. Аз ин сабаб

бисёре аз тадқиқотчиёни Ғарб идеологияро ба қатори ақидаҳои ҷамъиятӣ дохил мекунанд. Хусусияти ин ақидаҳои ҷамъиятӣ дар он аст, ки онҳо бе далелҳои қатъӣ ва боварибахш қабул карда шуда, бе ягон таҳлил ба ҳисоб гирифта мешаванд. Онҳо маҷмӯи асосҳои оқилонаю аслии худро нигоҳ медоранд. Вале далелҳои дар ин мавзӯъ тадқиқшавандаро аз нуқтаи назари таҳлили ҷиддӣ танқидӣ ва кофӣ шумурдан мумкин нест. Вале чунин таҳлил аз ҷониби тарафдорони ин ё он идеология, одатан гузаронида намешавад. Идеологияҳо на барои он пурқувват карда мешаванд, ки ҳақиқӣ будани онҳо ба ягон восита исбот карда шавад, балки онҳо бояд ба манфиатҳои муайяни гурӯҳҳои ҷамъиятӣ мувофиқ бошанд. Ё ин ки ба онҳо на барои он бовар мекунанд, ки дар хақиқат ҳам эътимодбахшанд, балки ба онҳо бовар кардан мехоҳанд.

Умуман, гуфтан мумкин аст, ки идеологияҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ду вазифаи асосиро иҷро мекунанд: **Якум**, шарҳи ҳақиқии ҷамъиятию сиёсӣ, муайян намудани мавқеи инсон дар ҷомеа. **Дуввум**, асоснок намудан ва дуруст шуморидани равияи муайяни фаъолияти сиёсӣ. Дар баробари ин вазифаи аввал нақши тобеъ ва дуюм - нақши ҳалкунанда мебозанд. Вазифаҳои маърифатиеро, ки барои созандагон ва тарғиботчиёни худ ҳал мекунад, ба мақсадҳои муайяни сафарбаркунии ақидавию сиёсӣ тобеъ карда шудаанд. Идеологияҳо пеш аз ҳама на ба объективияти илмӣ, балки ба асоснoккунии маҳсулнокӣ, мақсадҳои тарафдорони худ кӯшиш менамоянд.

Ҳамчун воситаи пурзӯри сафарбаркунии омма идеологияҳо аз тарафи элитаҳои муайян дар мубориза барои ҳокимият истифода бурда мешаванд. Чунки маънии асосии сиёсии идеологияҳо - асоснок намудан ё нигоҳ доштану муҳофизати вазъияти муайяни сиёсии мавҷуда ё ин ки заруряти дигаргунсозии он мебошад. Барои бо муваффақият баҳри ҳокимият мубориза бурдани элитаҳо ба тарафдории омма эҳтиёҷ доранд ва барои ин онҳо пеш аз ҳама барои ҳокими идеологӣ шудан мубориза мебаранд. Бо ёрии ҳокимии идеологӣ элитаҳо легимитатсия (қонунӣ будани) ҳокимияти худро барои он, ки аз тарафи васеи аҳолӣ қонунӣ шинохта шавад, ба даст меоварад.

Қайд намудан зарур аст, ки идеологияи ҳоким ҳатман на он идеологияе ҳаст, ки шумораи зиёди одамонро ба худ ҷалб мекунад. Дар шароити имрӯза одатан кофист, ки идеологияро фақат доираи ҳукмрони системаи сиёсӣ, агар вай ба воситаи ахбори умум таъсир дошта бошад, пайравӣ менамояд. Бо ёрии васоити умум элита идеологияи худро бо нуфузи баландтар дар ҷомеа таъмин менамояд. Барои иштирок дар тасдиқ намудани ин идеология инчунин системаи маориф ва муассисаҳои маданӣ ҷалб карда мешаванд.

Наздикшавӣ ба идеология аз нуқтаи назари илм, барқарор намудани алоқаи байни дилхоҳ ҷараёни ғоявиро бо манфиатҳои муайяни иҷтимоӣ талаб мекунанд. Дар охир маҳз манфиатҳои ҷузъии гурӯҳҳои иҷтимоӣ воситаи асосии инкишоф ва тасдиқи сохторҳои идеологӣ мегарданд. Дар вақти паҳншавии оммавии онҳо васеъшавии ногузири идеологияҳо ба таҳрифгарии мазмуни онҳо ба амал меояд. Вале дар шуури омма ҳазм нашуда, онҳо қувваи материалие шуда наметавонанд, ки қобилияти ҳалли масъалаҳои бузурги сиёсиро дошта бошанд.

Албатта, ҳар як идеология барои таъсири зиёдтар расонидан ба шуури одамон мубориза мебарад ва барои ҳамин идеологияҳои гуногун дар мубориза барои нуфузи оммавӣ пайдо кардан ба якдигар бар мехӯранд. Байни худ рақобат мекунанд, барои аз ҳаёти ҷамъиятӣ танг карда бароварда шудани якдигар мекӯшанд. Байни онҳо мубоҳисаи доимӣ барои масъалаҳои дар ҷомеа пайдошаванда, ки дар онҳо таъсири байни худ ва пурракунии ҳамдигарӣ ба амал меояд, то ҳол давом дорад. Вале муносибатҳои тарафайни идеологияҳои мухолифро фақат дар шакли мубориза маҳдуд сохтан мумкин нест, бинобар ин пуррашавии тарафайни идеологияҳои гуногунро аниқтараш ҳамчун ҳамкорие, ки ҷузъҳо ва равандҳои гуногунро дар бар нагирад, тасвир кардан мумкин аст.

Дар солҳои охир як қатор тадқиқотчиён чунин меҳисобанд, ки мубоҳисаи таърихии идеологияҳо ба охир

расидааст ва дар соҳаи идеявию назариявӣ либерализм ғолиб баромадааст.

Ҳамин тавр, имрӯз ягон идеологияи қудратӣ то ба охир ҳал кардани ин ё он масъаларо надорад. Дар системаи тараққиёти таърихӣ даврахои муайяне мавҷуданд, ки дар ҳар як марҳилаи онҳо иерархияи муайяни талаботҳо ва кӯшишҳои барқарор кардан дида мешавад. Баробари фарорасии ҳар як марҳилаи нав тағйирёбии иерархияи талаботҳо ногузир аст, бинобар ин иваз намудани барномаҳои бонуфузи идеологӣ низ зарур меояд.

# СИЁСАТ ВА ҲОКИМИЯТ

Дар ҳаёти имрӯзаи мо эҷоди сиёсати дурандешона кори ниҳоят муҳим аст. Инро воқеаҳои солҳои баъди истиқлолият ба таври пурра нишон дода метавонад. Махсусан, ташкил намудани майдонҳои гуногуни сиёсӣ, шиору навиштаҳои муқобили ҳамдигар, ҳатто дар байни аъзоёни як ҳизб пайдо шудани рақобат ва дигар намуди фаъолиятҳои сиёсӣ аз ин шаҳодат медиҳанд. Аз ин ҷо саволе ба миён меояд, ки сиёсат ва ҳокимият чиро таҷассум менамоянд?

## 1. Сиёсат ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ

Сиёсат яке аз падидаҳои мураккаби ҷамъиятӣ мебошад, ки аксар вақт чун "санъати идораи давлат" муаррифӣ мешавад. Дар ҳақиқат, ин мақсади муҳим диққати одамонро доим ба худ ҷалб мекунад. Ҳамзамон, мардум дар сиёсат бештар намехоҳанд, ки чун мушоҳидачӣ дар канор бошанд. Онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар равандҳои сиёсӣ бевосита иштирок намоянд, чунки сиёсат имконияти ҳалли масъалаҳои на танҳо умумибашарӣ, балки хусусияти шахсидоштаро низ дорад.

Аз ин рӯ, беҳуда намегӯянд, ки сиёсат ин амалӣ намудани корҳои ҷамъиятӣ ба хотири манфиатҳои шахсӣ мебошад. Дар Юнони қадим ҳар он чизе, ки ба фаъолияти давлатдорӣ дахл дошт, дар зери мафҳуми "политика" ифода мешуд. В.И. Дал сиёсатро ҳамчун илм дар бораи идоракунии давлат, шаклҳо, вазъият, мақсади шоҳ, тарзи ҳукмронии он ва аксар вақт пинҳон намудани мақсади асосӣ донистааст. Сиёсатмадор, бо ақидаи ӯ, ин шахси доно ва ҳушёр (на ҳама вақт бовиҷдон), ҳомии давлатие аст, ки метавонад масъаларо ба фоидаи худ ҳал намуда, дар вақташ сухан гуфтану хомӯш истода тавонад.

Дар Луғати қомусии франсузии Ларус шарҳ дода мешавад, ки сиёсат ин санъат, таълимот дар бораи идоракунии давлат ва фаъолияти онҳоест, ки идора менамоянд, ё мехоҳанд ба корҳои ҷамъиятӣ роҳбарӣ намоянд.

Мафҳумҳои сиёсии дар боло зикрёфта, ба он шаҳодат медиҳанд, ки мазмуни он аз доираи фаъолияти давлатӣ ба доираи муносибатҳо байни гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ омехта ва паҳн шуда, ё аз масъалаҳои амалӣ гардонидани ҳокимият дар ҷомеа мебошад.

Дар замони ҳозира сиёсат ба тарзи дигар *ифода* ёфта, ба ҷои муборизаи беамон барои ҳокимият ҳимояи манфиатҳои шахсӣ ва гурӯҳӣ, ҷустуҷӯи консенсус дар чорчӯбаи қонун ва ҳуқуқро зиёдтар дар бар мегирад. Ҳамин тавр, сиёсатро ҳамчун муносибати байни синфҳо, миллатҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоии дохили давлат барои ба роҳ мондани талабот ва ҳимояи манфиатҳои ҳама гурӯҳҳои иҷтимоӣ муаррифӣ намудан мумкин аст.

Сиёсат ин ширкат варзидан дар корҳои давлат дар шакли муайян буда, мақсаду мазмуни фаолияти давлатиро таъин мекунад.

Сиёсат ин ҳаёти *миллионҳо одамон* буда, бояд пеш аз ҳама ба одам нигаронида шуда бошад, ки манфиатҳои гурӯҳҳои калони ҷамъиятиро инъикос карда тавонад.

Барои шарҳи ба вуқӯъ омадани сиёсат шаклҳои гуногуни он мавҷуд аст. Аммо дар назария ду шакли асосиашро ҷудо менамоянд, ки аз ҳамдигар дар доираи сиёсат ҷудо карда намешаванд. Онҳо сиёсати дохилӣ ва берунӣ мебошанд. Вале гуногуншаклии ҳаёти воқеӣ водор менамояд, ки дар доираи он боз доираи маҳдуди сиёсатро ҷудо намоем.

Чизи аз ҳама муҳим дар сиёсат, ин муносибат оид ба *тақсимот ва амалӣ намудани ҳокимият* дар навбати аввал ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки ба он бюрократияи давлатӣ, аҳзоби сиёсӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ва дигар сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ворид мешаванд. Давлат ҳамеша аз гурӯҳҳои мухталифи ҷамъиятӣ иборат мебошад, ки ҳар яки онҳо манфиатҳои шахсии худро доранд. Мубориза ва ҳамкории гурӯҳҳои номбурдаро ҷараёни ҳаёти давлатӣ муайян мекунад. Ба ин маънӣ, сиёсатро аксар вақт чун санъати мувозана муайян мекунанд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ ба манфиатҳои ин гуна сохтор чӣ дар сиёсати хориҷӣ ва чӣ дар сиёсати дохилӣ шаҳодати

эътимоднок медиҳад. Ҳама гуна равандс, ки ҳатто аз ниятҳои нек бармеоянд дар рушди худ бидуни маҳдудиятҳое, ки чараёни онро ба танзим меоваранд, метавонанд бо оқибатҳои носолим оварда расонанд.

Масалан, ислоҳоти машҳури Ф.Д. Рузвелт, ки барои аз бӯҳрони иқтисодӣ баромадани Амрико (солҳои 1929-1933) мусоидат намуданд, метавонистанд ба дигаргуншавии ҷиддии ҳаёти иқтисодии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико оварда расонанд. Ҳамаи ин бе ҷуну чаро метавонист, такягоҳҳои соҳибкории озодро барҳам диҳад. Аммо ҳафт нафар "ҷавонмардони пир" чӣ таврс, ки суди олии ИМА-ро ҳамин тавр номбар мекунанд, ҷамъ гардида, чунин қарори масаломез, қабул карданд, ки гуфта мешуд: "Агар ду бародар дар штати Нию-Йорк чӯҷаи ношудаеро парвариш карда бошанд ва агар хоҳанд, ки онро фурӯшанд, пас набояд Департаменти давлатӣ ба ин амал ҳамроҳ шавад". Ва ин дар охир ИМА-ро аз оқибатҳои садамаи иқтисодӣ боздошт.

Дар сохторҳои сиёсии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ бошад, феълан механизми таносуб (ҳамвазнӣ) ба мақомоти давлатӣ ба таври пурра ба вуҷуд оварда нашудааст. Халоии сиёсӣ хеле ба оҳистагӣ пур мешавад. Ва чизи аз ҳама хатарнок дар ин ҳолат, ин таъсири муттасили институтҳои "фардӣ" ба мақомоти хокимият ё ба ба таври дигар қобилияти таъсири шаҳрвандони оддӣ ба сиёсат ва ҳимоя аз он мебошад. Мувофиқи ақидаи сиёсатмадорони хориҷӣ дар чунин ҳолат имкониятҳои зиёде оид ба идораи одамон аз ҷониби институтҳои давлатӣ ва сиёсӣ мавҷуд аст, ки мо худамон инро мушоҳида карда наметавонем.

Аз ин рӯ, суоле ба миён меояд, ки чӣ қадари умри одам ба худаш ва чӣ қадараш ба ҷамъият дахл дошта бошад?

Эҳтимол ҳар яки онҳо, чӣ шахсият ва чӣ ҷамъият ҳиссаи худро мегиранд, агар ҳар яки онҳо ба ҳиссаи бевоситае, ки ба онҳо тааллуқ дорад, сохиб шаванд. Ба шахсият он ҳиссаи ҳаёт тааллуқ дорад, ки ба он худи ҷамъият хело манфиатдор аст. Ба ҳар ҳол ҳар касе, ки аз ҳимояи ҷамъият бархурдор аст, вазифадор аст, ки ба ҷамъият хизмат намояд. Ин вазифаҳо дар он зоҳир

мегарданд, ки манфиатҳои ашхоси дигар халалдор гардонида нашаванд, яъне қонун риоя карда шавад, ё ин ки кирдори одам ба дигарон зараровар набошад.

Ба гайр аз ин сабабҳои дигаре низ мавҷуданд, ки одамонро маҷбур менамоянд, то ба сиёсат ҳамроҳ шаванд. Ин бештар дар талаботи одамон ифода меёбад ва онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то худро бо ташкилоту созмон ва миллати худ ҳамшабеҳ созанд. Баъзан одамон ба хотири он, ки аъзо ё қисми таркибии ду гурӯҳ шаванд бо ҳар роҳе ба сиёсат ҷалб карда мешаванд. Чунин рафтор албатта шахсро аз танҳои эмин медорад ва ҳисси қувва, имконияти таъсир ба тақдири хешро меафзояд. Ба сиёсат ҷалб гардидан тавассути талаботи одамон бештар ба худтасдиққунӣ, ба расмият шинохтан, худмуҳофизаткунӣ ва ҳимоят анҷом меёбад. Бояд дар назар дошт, ки сиёсат хеле маънои фарох дорад нисбат ба оне, ки мо тасаввур мекунем. Ин ҳатто зимни мафҳуми забонӣ низ намоён мегардад. Калимаи "сиёсат" аз нигоҳи мо дар забони тоҷикӣ нисбат ба забони русию англисӣ маънои васеътар дорад. Масалан, бисёриҳо аз чӣ бошад, ки инкишофи илмро берун аз сиёсат медонанд. Аммо дар ҳаёт мисолҳои зиёде ҳастанд, ки аз қисман ва ё пурра вобаста будани олимон ва илм аз вазъи сиёсӣ, имкониятҳои иктисодӣ ва самти стратегии ҳукумат шаҳодат медиҳанд.

Ҳамин тавр, касе, ки илмро аз сиёсат мустақил меҳисобад хатои маҳз мекунад. Сиёсат пурра дар ҳукми сиёсатмадорон мебошад, агарчӣ мақсади онҳо бештар ба манфиатҳои рушди илму давлат ҳам мувофиқат накунанд. Инро ҳам сиёсатмадорон ва ҳам олимон бояд дарк намоянд, то ки ҳангоми ба ҳам омадани манфиатҳо варианти қобили қабули рушди илму иқтисодиётро дарёфт намоянд, ки некӯаҳволии халқ ва амнияти давлатро таъмин намояд.

Ин аст, ки ба мо на танҳо таҷрибаи иштироки инфиродӣ дар сиёсат, лозим аст, балки барои аксари шаҳрвандон ин дар дараҷаи сохторҳои поёнӣ ҳам имконпазир аст, ки онҳо воқеан соҳиби ваколат ва масъулият бошанд. Дар замони ҳозира бештар сухан дар

бораи сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, демографӣ, ҷавонон, экологӣ, маданӣ ва ҷо ба ҷо гузории кадрҳо меравад. Лекин самти асосии сиёсати давлат ва ҳизби роҳбарикунанда масъалаи сиёсати иқтисодӣ мебошад. Вале чунин шарҳдиҳӣ нуфуз ва нақши дигар ҷабҳаҳои сиёсатро паст менамояд, пас бояд ҳамеша кулли ҷабҳаҳои мавҷуда дар якҷоягӣ ва тобеияти ҳамдигарӣ дида шаванд.

Ҳамин тавр, кадом далелҳо метавонанд сиёсатро на танҳо ҳамчун илм, балки ҳамчун санъат муаррифӣ намоянд? Дар бораи сиёсат ҳамчун як санъати хоса сухан ронда, бисёр далелҳоро асоснок кардан мумкин аст. Пеш аз ҳама санъати идоракунии давлат, санъати роҳбарӣ ба амали ҷараёни муносибатҳои сиёсӣ, санъати ба даст даровардан ва нигоҳ доштани ҳокимият ва ғ.

Сиёсат ин санъати пешбинӣ намудани қадамҳои санҷидашуда, компромис ва ба ҳисобгирии воқеа пеш аз вуқӯъ мебошад. Ин соҳаи муаммонок, баъзан фиребоӣ, бозӣ доронидан ва на ҳама вақт бовиҷдонона ва тоза кор кардан аст. Имрӯз низ бовиҷдонӣ, ростқавлӣ ва ахлоқи баланд бо заҳмати гарон дар сиёсат роҳ меёбад. Мансабталошон, моҷароҷӯён, корчаллонону фиребгарон барои сиёсат ниҳоят хатарноканд. Онҳо бо ҳар роҳу восита ба сиёсат дохил шудан ва роҳҳои ба сиёсат дахолат намуданро меҷӯянд.

Гузариш ба сиёсати дуруст барои ҷомеа ва эҷоди ифодаи гумманистӣ ва демократӣ роҳи ниҳоят душвору дарозмуддат мебошад. Чунин сиёсат ҳамон замон воқеӣ мешавад, ки чӣ халқ ва чӣ сиёсатмадорони шинохта ба куллӣ тағйир ёбанд ё ба ҳам наздик шаванд. Сиёсат худро аз ҳама авлотар дар ҳокимияти сиёсӣ зоҳир менамояд. **Ҳокимият бошад, ин қобилият ё омили имконпазири қабул ва иҷро намудани қарорҳоест, ки ба муносибат ва самти амали одамон таъсир мерасонад.** Мавзӯи асосии сиёсат ҳар гуна ҳокимият набуда, фақат ҳокимият дар маънои ошкоро ва оммавӣ будани он аст. Ҳатто Арасту дар замони худ кӯшиш намудааст, ки обрӯи пешвои сиёсиро аз дигар намудҳои ҳокимият ҷудо намояд. Ҳокимияти ғуломдорро

ба ғулом, мардро ба зан ва падару модарро ба фарзандон ҷудо намудааст.

Барои ҳамин сиёсат пеш аз ҳама ин ruҷӯъ барои аз худ кардан ва нигоҳ доштани ҳокимияти оммавӣ буда, кӯшиши ташкили умумияти калон бо мақсади идоракунии онҳоро низ дар бар мегирад. Сиёсатшиноси амрикоӣ Т. Парсонс қайд менамояд, ки мақсади асосии ҳокимият дар ҳаёти ҷомеа дар таҳлили системаҳои сиёсӣ ҳамон мавқеъро ишғол менамояд, ки пул дар системаи иқтисодӣ ишғол намудааст.

Дар адабиёти сиёсӣ ду сарчашмаи асосии ҳокимиятро номбар кардаанд, ки онҳо манфиатҳо ва таассуб ном доранд. Дар ҷомеаи имрӯза фақат манфиатҳои асосӣ роли пешбарандаи ҳокимиятро мебозанд. Зинаи дигари инкишофи сарчашмаҳои ҳокимияти ҷамъиятӣ метавонад, таассуб бошад. Чунин буд, кӯшиши Хрушев "ҷуворимакакунонии" тамоми собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ аз баҳри Сиёҳ то Архангелск ва боз идеяи баргардонидани дарёҳои Шимол ба Ҷануб ва ғ. Чуноне ки маълум аст, дар сиёсат аз ҳама чизи муҳим ба даст овардани ҳокимият набуда, балки нигоҳ доштан, мустаҳкам намудан ва мувофиқи талаботҳои нав такмил додани ҳокимияти навтаъсис аст. Тадқиқотҳои соҳаи сиёсатшиносӣ нишон медиҳанд, ки ҳокимият дорои чунин шакли вазифаҳо, аз қабили маҷбуркунӣ, боварикунонӣ, истифода бурдани ҳар гуна ваъдаҳо, барқарор намудани баъзе имтиёзҳо, пешгирӣ намудани нохушӣ, назорати ахборӣ ва ғ. мебошад.

Ҳамин тавр, сиёсат ҳамчун шакли муносибатҳои дутарафаи иҷтимоӣ ифодаи худро дар ҳокимият меёбад. Сиёсат дар муқоиса ба иқтисодиёт ва маданият нисбатан тез ва гузаранда аст. Ба пешравии ҷомеа муносибатҳои сиёсӣ бо муносибатҳои иҷтимоӣ якҷоя таъсир доранд. Бо мурури замон ба ҷои ҳокимияти маҷбурӣ ҳокимияти авторитарӣ меояд.

Дар ҳар ҷомеа мавҷудияти ин ё он ҳокимият зарур аст ва ҷомеа бе ҳокимият вуҷуд дошта наметавонад, чӣ тавре ки ҷомеа бе оила ё бе моликияти шахсӣ машҳур нахоҳад шуд.

## 2. Моҳияти иҷтимоии ҳокимият

Манфиати асосии иҷтимоие, ки дар атрофи он муносибатҳои сиёсӣ ташаккул ёфта амал менамоянд, ҳокимияти сиёсӣ мебошад.

Сиёсат аз рӯи ақидаҳои М. Вебер, маънои кӯшиши иштирок дар ҳокимият ё таъсиррасонӣ дар тақсимоти ҳокимиятро дорад. Аксари сиёсатшиносон ҳам таъкид кардаанд, ки ҳокимият моҳиятан муносибатҳои сиёсиро ҳаммарказ мекунад. Чуноне ки маълум аст, мафҳуми " ҳокимият" дар сиёсатшиносӣ яке аз мафҳумҳои марказӣ ба шумор меравад. Ҳатто Б. Рассел ҳамчун як риёзишинос, файласуф ва сиёсатшиноси шинохта чунин мешуморад, ки **мафҳуми асосӣ дар илмҳои ҷомеашиносӣ ҳокимият мебошад, чуноне ки энергия (қувва) дар физика мафҳуми бунёдӣ ҳаст.**

Ҳамин тариқ, дар илмҳои сиёсӣ ҷараёни мустақиле мавҷуд аст, ки онро кратология-таълимот дар бораи ҳокимият меноманд. Кратология ҳокимияти сиёсиро бо тамоми гуногунрангии зуҳуроташ тадқиқу баён менамояд. Ҳокимият ҳамчун шакли махсуси муносибатҳои ҷамъиятӣ аз ибтидо хоси тафаккури инсон аст. Сарчашмаҳои пайдошавии вай ҳамеша дар равандҳои ҷамъиятӣ ҷараён гирифта, боиси баҳсу мунозираҳо мегарданд. Ҳокимият ифодаи талаботи воқеии умумиятҳои иҷтимоӣ дар худтанзимкунӣ ва ташкилотчигӣ мебошад. Маълум аст, ки дар ҳар як ҷомеа байни манфиатҳои шахсӣ ва гурӯҳӣ бархӯрд ба амал меояд, ки дар натиҷаи он шиддатнокии иҷтимоӣ пурзӯр мегардад. Аз ин рӯ, барои мутобиқгардонии манфиатҳо, дар танзиму нигаҳдории низоми ҷамъиятӣ ҳамеша зарурат пайдо мешавад. Ин зарурат барои ҳамаи табақаҳои гуногуни ҷомеа ва умумиятҳои ҷамъиятӣ оммавӣ мебошад. Яъне ҳокимият асоси онтологии ҳастии иҷтимоӣ буда, ягонагии ҷомеаро дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба низом медарорад.

Зарурати ҳокимият, аз рӯи андешаи як қатор сиёсатшиносон на танҳо аз амри тартиботи иҷтимоӣ, балки аз озодии ҷамъиятӣ низ бармеояд. Муҳаққиқи

машҳури франсавӣ Ш.Бордо собит кардааст, ки **ҳокимият шарти тартибот аст, озодӣ бошад танҳо дар сурати будани тартибот имконпазир мешавад. Бинобар ин ҳокимият беш аз падидаи иҷтимоӣ буда: аз як тараф он берун аз ҷомеа имконнопазир аст, аз тарафи дигар ҷомеа бе ҳокимият зуд ба инқироз дучор мешавад.**

Дар ҳаёти ҳаррӯза бошад, фаҳмиши мафҳуми "ҳокимият" бештар дар якҷоягӣ бо маҷбуркунӣ, зӯроварӣ, фармонфармоӣ ҳамчун ҳодисаи иҷтимоӣ манфӣ қабул карда мешавад. Мутахассисони соҳаи сотсиология ва сиёсатшиносӣ ҳокимиятро таҳлил намуда, нишон медиҳанд, ки падидаи ҳокимият аз ҷониби ҷомеа барои ҷомеа ба вуқӯъ омадааст. Баъзе таҳлилҳои системаҳои сиёсӣ нишон медиҳанд, ки шиддати зӯроварии идоранашаванда ва хусусиятҳои маҷбурсозӣ ин на сабаб, балки натиҷаи шакли муайяни ҳокимият мебошад. Дар аксари ин таҳлилҳо мутахассисон нисбат ба ҳокимият ду ҷанбаро ҷудо мекунанд: якум ҷанбаи низоӣ, дуюм ҷанбаи мақсаднокӣ.

Ҷанбаи низоӣ тартиби тезутундшавӣ ё барҳам додани ихтилофҳои иҷтимоӣ буда, ки имкони қабули қарореро медиҳад, ки инкишофи гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ҷамъиятиро дар вазъияти низоӣ ба танзим меоваранд.

Ҷанбаи мақсаднокӣ ташкили амалиётҳои гурӯҳиро барои ноил гаштан ба мақсади ниҳоӣ дар бар мегирад. Ҳар ду ҷанба моҳиятан хосси муносибатҳои ҳукуматианд. Ҷанбаи низоӣ ба зиддияти манфиатҳои иҷтимоӣ ва ҷанбаи мақсаднокӣ ба тамоми умумияти иҷтимоӣ асос меёбанд. Дар ин радиф сохтори муносибатҳои ҳокимиятӣ аввалан, дар рафти муносибатҳои мутақобилаи одамон, сониян, бо шарофати таъсири мақсадноки муассисаҳои иҷтимоӣ ташаккул меёбад.

Бояд гуфт, ки ҳокимият дар зуҳури ҷамъиятии худ паҳлуҳои гуногунро дарбар мегирад. Ҳамчун муносибатҳои иҷтимоию психологӣ вай субъектҳои ҳокимиятро бо объектҳои ҳокимият бо ҳам алоқаманд менамояд. Дар фаҳмиши психологӣ ҳокимият ин пеш аз ҳама муносибатҳои иродавӣ мебошад. Ҳукмронӣ кардан,

яъне иродаи худро ба дигарон бор кардан аст. Ҳокимият ин қобилияти воқеии қувваҳои иҷтимоӣ ё шахсият аст, ки он иродаи худро нисбат ба дигарон амалӣ мегардонад. Ҳокимият ҳамчун тавоноӣ ва умуман ин қобилият ё ин ки имконияти ба тарзи дилхоҳ таъсир расонидан ба рафтори одамон мебошад. Вале ҳокимият ин на танҳо муносибатҳои байнишахсӣ " кӣ аз болои кӣ ҳокимият меронад" (ё кӣ ба кӣ ҳукм меронад) мебошад. Ҳокимият ин қобилиятдории иҷрои вазифаҳои муайяне ба манфиати системаи иҷтимоӣ мебошад. Ҳокимият бештар бо роҳбарӣ намудани ҷомеа алоқаманд аст, яъне бо таъсири мақсаднок ба низоми ҷамъиятӣ барои таъмини дурусти фаолият, устуворӣ ва тараққиёти ҷомеа. Яъне "Ҳокимият худ ба худ қувваи ҷамъиятии ҷудогона ва ташаккулёфтае мебошад, ки моҳият ва вазифаи он дар ҳамин аст. Он маркази асосии иродаи намоянда ва тавоноист, ки ҳама эътироф мекунанд, эҳтиром менамоянд, итоат мекунанд ва талаботу қонунҳои вайро иҷро менамоянд".

Ҳокимияти сиёсӣ бошад, яке аз шаклҳои ҳокимияти иҷтимоӣ буда, дар давлат мавқеи хосае касб кардааст. Ҳокимияти сиёсӣ ин қобилияти воқеии қувваҳои иҷтимоиест, ки манфиатҳои худро татбиқ намуда, дар сиёсат ва меъёрҳои ҳуқуқӣ иродаи худро амалӣ мегардонад.

Дар илмҳои сиёсии Аврупои Ғарбӣ ва америкоӣ дар муайян намудани мафҳуми ҳокимияти сиёсӣ фикру ақидаҳои гуногун мавҷуд аст, ки ин ба ҷараёнҳои гуногуни сиёсӣ ва муносибатҳои ҳукмронӣ вобастагӣ дорад. Мафҳуми ҳокимиятро тарафдорони сиёсатшиносии муқоисавӣ чунин мешуморанд, ки ҳокимияти сиёсӣ ин муносибатест, ки дар он як шахси амалкунанда (актори сиёсӣ) метавонад, шахси дигарро маҷбур созад, ки дар дараҷаи муайяни раванди сиёсӣ иродаи ӯро иҷро намояд. Нуқтаи олии ин ҷараён қабули қарор ва ташаккули сиёсат дар (муносибати) тақсимоти авторитарии арзишҳо мебошад.

Ҳамин тариқ, мазмуни ҷамъиятии ҳокимияти сиёсӣ тақсимоти сарватҳо дар байни қувваҳои иҷтимоию

ҷамъиятии рақобатдор ва ҳокимияти марказҳои сиёсӣ мебошад. Ҳокимияти сиёсӣ ин на танҳо кӯшиши таъмини манфиатҳои (объективии) табақаҳои иҷтимоӣ ва синфӣ аст, балки он қобилияти корбурди захираҳои ҷамъиятиро барои ноил гаштан ба мақсадҳое низ дар бар мегирад, ки барои ҷомеа муҳиманд.

Вазифаи ҷамъиятии ҳокимияти сиёсӣ ин нигоҳдории ягонагии системаи иҷтимоӣ, ҳалли низоъҳо, таъмини созиши ҷамъиятӣ, корбурди захираҳо ва тақсимоти арзишҳо мебошад. Дар ин раванд маҷбуркунӣ на танҳо барои амалӣ гардонидани манфиатҳои худ, балки барои расидан ба системаи ягона ва мақсадҳои барои ҷамъият муҳим низ ба кор бурда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки мафҳуми "ҳокимияти сиёсӣ" аз мафҳуми "ҳокимияти давлатӣ" васеътар мебошад. Фаолияти сиёсӣ аз ҷониби марказҳои гуногуни ҳокимият дар доираи ҳизбҳо, иттифоқҳои касаба, табақаҳои сиёсӣ, пешвоён, ташкилотҳои байналхалқӣ амалӣ гардонида мешавад.

Ҳокимияти давлатӣ ин шакли ҳокимияти сиёсии дорои ҳуқуқҳои яккаҳукмрониест, ки қонунҳоро барои шаҳрвандон хатмӣ мебарорад. Ҳокимияти давлатӣ ба дастгоҳи махсуси маҷбуркунӣ ҳамчун воситаи риояи ин қонунҳо ва супоришот такя мекунад. Давлат дорои монополия дар истифодаи қувваи ҷисмонӣ низ мебошад. Ин ҳуқуқи зӯроварии давлат қонунӣ буда, манбаи ягонаи он худи давлат ба ҳисоб меравад.

Ҳокимияти сиёсӣ дар ҷамъият дар маҷмӯъ ифода меёбад, вале дар тақсимот ва истифодаи он ҳамеша тафриқа ба амал меояд. Баъзе субъектҳои ҳокимияти сиёсӣ дар роҳбарии равандҳои иҷтимоӣ нисбат ба дигар субъектҳо фаъолияти озоди бештар доранд. Давлат дар тақсимбандии субъектҳои сиёсии ҳокимият ҷойи махсусро ишғол мекунад. Ҳокимияти давлатӣ характери институтсионалӣ дорад, яъне аз шахсиятҳо ҷудо гардонида шудааст. Барои вай мавҷудияти дастгоҳи ҳукмфармоии махсуси мустақили аз ҷамъият ҷудо хос аст. Ҳокимияти давлатӣ бо муттаҳидӣ ва ягонагии хеш марказонидашуда

дар доираи тақсимоти сарватҳо афзалияти амалӣ дорад. Таъсири иродаи давлатӣ характери иҷозат додашудаи меъёрӣ дорад, ки таввасути меъёрҳои ҳуқуқӣ барои ҷомеа ҳатмӣ амалӣ мегардад. Ҳокимияти давлатӣ дар ташкил ва зӯран маҷбурсозӣ яккаҳукмӣ дошта, ҳуқуқҳои зиёдеро истифода мебарад. Ҳамзамон бо салоҳияти худ фаъолияти ҷамъиятиро идора намуда, дар истифодаи маҷмӯи захираҳои ҷамъиятӣ озодии бештареро соҳиб аст. Бинобар ин, мубориза барои ба даст овардани ҳокимияти давлатӣ, кӯшиши аз худ намудани он мазмуни асосии сиёсат ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, ҳокимият характери ҷамъиятӣ дошта, дар афкори одамон ҳамчун муносибати байнишахсӣ вобаста ба низоми мавҷудаи ҷомеа тавлид меёбад. Воситаи мавҷудияти устувории он дар шакли ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки муҳимтарини он давлат мебошад, амалӣ мегардад. Мақсади ҳокимият аз он иборат аст, ки тавассути таъсиррасонӣ ба одамон ба тамоюлоти гуногун, бӯҳрону пастравии иқтисодӣ муқобилият нишон дода, барои рушду нумӯи ҷомеа шароит муҳайё созад.

### 3. Масъалаҳои бӯҳрони ҳокимият

Давраи гузариш аз режими авторитарӣ ба демократӣ онро мефаҳмонад, ки дар ҷомеа зиддиятҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ мавҷуд аст. Зиддияти асосие, ки сарчашмаи инкишофи сиёсӣ дар замони ҳозира ба шумор меравад, ин зиддияти байни талаботҳои ба таври ҷиддӣ дигар намудани ҷомеа мебошад. Хусусан, шакли тезу тунди ин зиддият дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ солҳои 80-уми асри ХХ ба вуқӯъ омад. Пленуми апрелии (1985) КМ бозсозии тамоми ҳаёти ҷомеаро пешниҳод намуд. Бозсозӣ ҳамчун падидаи нав на аз ҷиҳати назариявӣ ва на аз ҷиҳати ташкилию психологӣ дуруст асоснок карда нашуда буд. Аз ин рӯ, ҷомеаро ба касодию бӯҳрони вазнини иқтисодию сиёсӣ оварда расонид. Аслан, бӯҳрони сиёсӣ аз норозигӣ ва қаҳру ғазаби омма нисбати фаъолияти давраҳои роҳбарикунанда оғоз ёфта, то аз боварии халқ баромадан ва ноӯҳдабароёна ҳал

намудани проблемаҳои дар назди давлат истодаро дар бар мегирад. Дар натиҷаи чунин кризис "фалаҷии ҳокимият" рух медиҳад, ки ҳатто қонунҳои қабулшудаю дигар қарорҳо ҳам иҷро нашуда мемонанд ва обрӯи шахсони курсинишини болоӣ зуд паст мегардад. Қувваҳое пайдо мешаванд, ки кӯшиши аз байн бурдани системаи сиёсии мавҷударо менамоянд ва барои сарнагун кардани ташкилотҳои давлатӣ ба монанди артиш, кумитаи бехатарӣ, милитсия, прокуратура ва ғ. кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Дар баробари ин қувваи оппозитсия ташкил меёбад, ки бо роҳҳои гуногун ба ҳокимияти расмӣ таҳдид мекунад. Оппозитсия дар шакли фраксия (гурӯҳ) ва блок баромад мекунад. Ҷиҳатҳои мусбии оппозитсия аз он иборат аст, ки фаолияти ҳокимияти расмиро зери назорати қатъӣ гирифта, имконият намедиҳад, ки вай бо ҷидду ҷаҳд масъулияташро ба ҷо оварад.

Оппозитсияро шартан ба ду намуд ҷудо мекунанд: "маданӣ" ва "ғайримаданӣ". Оппозитсияи "маданӣ" кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ҳукумати расмиро дар зери назорат гирифта, ҳукумати хешро созмон диҳад. Бо ҳамин роҳ вай ҳар гуна пешниҳодҳои алтернативиро ба проблемаҳои ҳаёти ҷомеа пешбарӣ намуда, тамоми камбудию норасогиҳои роҳбарияти давлати мавҷударо зери тозиёнаи танқид мегирад. Оппозитсия ҳамчун қувваи сиёсӣ мақсади стратегӣ дорад, яъне вай пеш аз ҳама бо роҳи маданӣ, методҳои демократӣ ва тартиб додани барномаҳои алтернативӣ ишғол намудани ҳокимияти сиёсиро мақсади асосии худ медонад. Умуман, оппозитсияи "маданӣ" барои мӯътадил гардонидани ҷомеа ва ёфтани консенсуси гурӯҳҳои гуногуни сиёсӣ кӯшиш менамояд.

Оппозитсияи "ғайримаданӣ" бештар кӯшиш менамояд, ки бо роҳи вайронкорӣ ба мақсади хеш расад. Бо тарзи дигар онро экстремизми сиёсӣ ҳам меноманд.

Экстремизми сиёсӣ ин идеология, сиёсат ва қувваи террористию реаксионист, ки аз ултраростҳо то ултраҷапҳо ҳама дар мубориза сиёсӣ барои ҳокимият кӯшиш намуда, барои ноил гаштан ба мақсадҳои худ ба

корҳои "нохалаф", ба монанди истифодаи қувваи зӯрӣ ва сӯиқасд ба ҳаёти ҳарифони худ даст мезананд. Экстремизми сиёсӣ якчанд вазифаҳоро ичро мекунад: а) террор ҳамчун воситаи мубориза, ҳатмӣ шуморидани истифодаи қувваи зӯрӣ ҳамчун воситаи фишороварӣ ба ҳокимият; б) ташкил намудани ташкилотҳои легалию ғайрилегалӣ барои истифодабарӣ дар рафти террор; в) таҳдиду найрангҳои сиёсӣ; г) истифодаи структураҳои қонунгузори ичроия барои расидан ба мақсад ва ғ.

Шаклҳои баромади экстрмизми сиёсӣ: неоанархизм, неофашизм, динӣ ва г. мебошанд. Дар замони ҳозира аз ҳама шакли хатарноктаринаш омехта шудани терроризм ба миллатгарой аст.

Баъзан, террорҳои солҳои 80-ум аз қабили тарконидани метро, дуздидани самолёт характери хоси сиёсӣ надоштанд. Лекин дар солҳои 90-ум ва баъди солҳои 2000-ум онҳо шаклҳои гуногунро ба худ гирифтанд.

Умуман, имрӯз террор як шакли асосии муборизаи сиёсӣ гашта истодааст. Баъзан рақибони сиёсӣ сабақи гузаштаи таърихии худро фаромӯш намуда, ба хушунату террор даст мезананд, ки ин роҳи ҳалли масъала шуда наметавонад. Бояд қайд кард, ки то ҳол ба ҳеч кас муяссар нагаштааст, ки бо роҳи террористӣ равиши таърихро тағйир дода, ба мақсадҳои сиёсии худ муваффақ шуда бошад.

### 4. Ҳокимияти сиёсӣ ва чабҳаҳои мухталифи он

Ҳокимияти сиёсӣ зуҳуроти мухталифе буда, дар истилоҳи мафҳуми худ чунин инъикос мегардад: ҳокимият, таъсир, мартаба, назорат, роҳбарӣ, ҳукмфармоӣ, мачбурсозӣ, қувва, тавоноӣ. Ҳамаи ин фаҳмишҳо дар таҳлилҳои сиёсӣ ҳаматарафа истифода мешаванд. Фаҳмиши васеи илмии ин мафҳум раванди воқеӣ ва тамоюли инкишофи муносибатҳои ҳокимиятиро муайян намуда, кӯмак мерасонад, ки тобишҳои гуногуни табиати ҳокимиятро дарк намоем.

Маълум аст, ки мафҳуми марказӣ дар фанни сиёсатшиносӣ ҳокимият ва нуфуз аст, ки ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳи ҳамагон мебошанд.

Нуфуз - ин қобилияти актори сиёсиест, ки бо воситаҳои мувофиқи хоси худ ба рафтори дигарон таъсир мерасонад. Нуфуз дар сиёсат хамон андоза нақши муҳимеро мебозад, ки бо қабул намудани қарорҳо ваколатдории мушаххасро низ фаро мегирад. Истифодаи дурусти нуфуз метавонад, эътиқод ва афкорро оид ба масъалаи муайян ва рафтори бевоситаи одамон тағйир бахшад.

Г. Лассуэл дар асари машҳури худ "Сиёсат. Кӣ чӣ дорад, кай ва чӣ гуна?" нишон додааст, ки ҳаёти сиёсӣ нуфузи ба ҳам таъсиркунанда мебошад. Ӯ қайд менамояд, ки манбаъҳои зиёди нуфузи сиёсӣ мавҷуд аст: ин аз гуногунии одамон ва ҷойгиршавии мухталифи захираҳои сиёсӣ асос меёбад. Муаллифи дигар тақсимоти нуфузи сиёсиро тадқиқ карда, онро ба микроуровен (дараҷаи хурд), мазоуровен (дараҷаи миёна) ва макроуровен (дараҷаи калон) ҷудо кардааст. Ӯ нобаробарии тақсимоти ҳокимияти сиёсиро ошкор карда, нишон додааст, ки шахсиятҳои гуногуни сиёсӣ дар доираи гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ нуфузи хос доранд.

Дар баробари ин сиёсатшиноси шинохтаи амрикоӣ Р. Дал нуфузи сиёсиро чунин муқаррар ва ифода намудааст: а) баъзе акторҳо нисбат ба дигарон захираҳои сиёсии бештар доранд; б) захираҳои зиёдро дар ихтиёр дошта, баъзе акторҳо (сиёсатмадорон) қисмати зиёди онро барои ноил шудан ба нуфузи сиёсии худ истифода мебаранд. Дараҷаи нуфуз аз сохтор ҳам вобаста ба он аст, ки ба сиёсатмадор захираҳои иловагӣ пешниҳод менамояд. Чунин захираҳо метавонад, ҳолати иҷтимоӣ, мансаби сиёсӣ, боигарӣ, таҷриба, дониш, даст доштан ба ахборот, сифатҳои иродавӣ, шӯҳрат доштан, сифатҳои шахсӣ ва мисоли инҳо бошанд. Ҳеҷ яке аз ин захираҳо наметавонад, дар алоҳидагӣ афзалияти том дошта бошад. Захираҳои нуфузӣ вобаста ба замон ва шароити мушаххас ба даст меоянд, тағйир меёбанд ва нақши худро дар ҷомеа муайян месозанд.

Нуфуз ҳамон вакте метавонад воқеӣ бошад, ки дар амалияи сиёсӣ фаъолона истифода шавад. Имконпазир будани нуфуз, вақте муайян мешавад, ки гӯё дар захира бошад.

Аз ҳама муҳимаш ин, ки моҳияти нуфуз дар таъсир расонидан ба рафтори сиёсӣ ва афкори сиёсии дигарон ифода меёбад. Нуфуз дар раванди таъсиррасонӣ ба муносибатҳои байнишахсии онҳое, ки дар ташаккули арзишҳои умумиичтимоӣ иштироки фаъол доранд ва аз онҳо фаъолона истифода мекунанд, пайдо мегардад.

Ҳокимият ин нуфузи навъи махсус аст, ки дар он иродаи ҳукмрон дар асоси молик будан ба воситаҳои муайян бартарӣ пайдо мекунад. Ҳокимият ба таҳдиди ҷазо барои итоат накардан такя намуда, иддаои дар сатҳи баландтар эҳтимоли итоат доштанро дорад. Иродаи ҳукмрон ба гуфтаи М. Вебер новобаста ба он, ки ба муқобилият дучор мегардад, бозӯрӣ бор карда мешавад. Воситаҳои таъсиррасонии ҳокимият дар худ бештар муҷозоти манфиро аз қабили маҷбуркунӣ, водоркунӣ, зӯроварӣ ба вуҷуд меоваранд.

Водоркунӣ ва маҷбурсозӣ мафҳумҳои ба ҳам наздиканд, вале воситаҳои якхелаи таъсирасонӣ нестанд. Водоркунӣ таҳдиди ҷазо барои итоат накарданро дорад. Маҷбурсозӣ бо он характернок аст, ки барои мафҳуми ҳокимият аз итоат саркашӣ намудан таҳдиди ҷазо дорад ва бо зӯрӣ аз рафтори худ маҳрум мегардад, вале итоат намояд ҳам, зиён мебинад. Маҷбурсозӣ муҷозоти (санксия) манфиест, ки онро субъектҳо тарафдорӣ наменамоянд. Натиҷаи маҷбурсозӣ итоати маҷбурӣ аст.

Дар навъгузории муносибатҳои ҳукмронӣ ҳокимият ҳамчун ваколати обрӯманди роҳбарии ҳокимият ҷудо карда мешавад. Ваколати обрӯмандӣ-ҳокимиятӣ нуфузест, ки аз ҷониби объекти ҳукумат аз рӯи иродаи хуб эҳтиром намудани ҳуқуқи субъекти муайяни ҳокимият, рафтори ҷамъиятии дигар инфиродро муайян месозад. Яъне, супориш медиҳад, ки меъёрҳои навро муқаррар намоянд ва ба итоат намудани дигарон умед мебандад. Ваколати обрӯмандию ҳукмронӣ ба ҷонибдории тобеон асос меёбад.

ки онҳо иддаои субъекти ҳокимиятро қонунӣ ҳисоб намуда, эътироз менамоянд ва ба ӯ ҳамчун соҳиби ҳукумат бовар мекунанд. Дар ваколати обрӯмандию ҳукмронӣ эътирофи ихтиёрӣ субъекти муайяни ҳокимият, амали озод дар истифодаи низоми муқарраршуда мушоҳида мегардад.

Ин эътироз бо обрӯ, анъана, арзишҳои умумӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба қабули сохтори мазкури муносибатҳои ҷамъиятӣ асос меёбад. Ваколати обрӯмандию ҳукмронӣ аз рӯи хосияти худ субъективӣ, психологӣ ва ахлоқӣ мешавад.

Барои сохтори сиёсӣ ваколати обрӯмандии ҳокимият хосияти асосии босуботии давлат аст. Ҳар гуна ҳокимият барои қуввати обрӯи хеш кӯшиш мекунад, ки на танҳо ҳукмронӣ намояд, балки роҳбарӣ кунад ва роҳбарии бардавоми босуботро ноил гардад.

Истилоҳи ҳукмронӣ ҳам дар тавсифи муносибатҳои ҳокимият хеле васеъ истифода мегардад. Ҳукмронӣ ин механизми татбиқи ҳокимият мебошад, ки дар шакли ташкилоту муассисаҳои ҷамъиятӣ амал мекунад ва тақсимоти гурӯҳҳои иҷтимоиро ба ҳукмрону тобеъ дар назар дорад. Фосилаи иерархӣ ва иҷтимоии байни онҳо ҷудо кардан ва мустақил намудани аппарати роҳбариро дар назар дорад. Ҳукмронии иҷтимоӣ-синфӣ дар худ ҷанбаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва идеологиро таҷассум мекунад.

Консепсияи марксистии ҳокимият ҳукмронии иқтисодиро ҳамчун назорати олӣ ба воситаҳои меҳнат, раванди меҳнат ва маҳсули меҳнат муайян мекунад.

Ҳукмронии сиёсӣ дар кафолати олии назорати иқтисодӣ ба воситаҳои меҳнат, ҷараён ва натиҷаи меҳнат ифода меёбад. Ҳукмронии сиёсӣ аз далели ҳимояи ҳуқуқҳои иқтисодӣ бармеояд. Ҳокимияти сиёсӣ ҳукмронии иқтисодиро иҷозат медиҳад. Аз ин ҷо, ҳокимияти давлатӣ сарвари қувваҳои ҳукмронии иқтисодӣ мебошад.

Ҳукмронии идеологӣ дар асоснок намудани ҳамин назорати олии иқтисодӣ зуҳур меёбад. Мақсади ҳукмронии идеологӣ муносибатҳои мавҷударо ҳақ баровардан ва ҳақиқати воқеъиро нишон додан аст.

Гуногуншаклии ҳокимияти сиёсӣ бошад, ин на танҳо дар шаклҳои гуногуни нуфуз, балки дар гуногунчанакии сохтори ҳукуматӣ низ ифода меёбад. Аз ин ҷо метавон ҷараёнҳои муайяни таҳлили ҳокимияти сиёсиро бо чунин шакл ҷудо кард:

а) ҳокимият ҳамчун хосияти инсонӣ, характеристикаи фардият тадқиқ мегардад. Ин қобилияти фардии инсон аст, ки дар муҳити худ тағйироти хостаашро ба амал меоварад;

б) ҳокимият ҳамчун хосияти муносибатҳои иҷтимоӣ, сохтори байнишахсӣ таҳқиқ мегардад, ки дар он чизи асосӣ муносибати тарафайни субъект ва объекти ҳокимият мебошад;

в) ҳокимият ҳамчун захира дониста шуда, муносибатҳои сиёсӣ, муносибатҳои бозори ҳокимият мегарданд. Акторҳои сиёсӣ дар бозори ҳокимият амал намуда, мекӯшанд аз захираҳои мавҷуда фоиданок истифода намоянд ва бо ҳамин доираи нуфузи худро васеъ намоянд. Ин ҷараёни бихевиориалӣ дар тадқиқоти ҳокимият дар навбати аввал рафтори сиёсии шахсиятҳо ва сохтори назоратро ба бозори сиёсии ҳокимият, бо ҳама тамаъҷӯйӣ, фиребгарӣ ва нопокии худ меомӯзад;

г) ҳокимият ҳамчун хосияти сохтори системаи сиёсӣ тадқиқ мешавад, ки он дар заминаи шароитҳои муайяни иҷтимоӣ пайдо мешавад. Дар ин ҷо ҳокимият "миёнарави умумӣ" аст, ба ақидаи Т. Парсонс монанди он, ки пул нақши миёнаравиро дар иқтисодиёт иҷро мекунад.

Ҳамин тавр, дигар тадқиқотҳое мавҷуданд, ки ҷанбаҳои гуногуни ҳокимиятро дарбар мегиранд. Таҳлили равонии ҳокимият ин генезиси муносибатҳои ҳокимиятӣ дар робита бо ҳолатҳои махсуси психикаи одамизод дар ҷанбаҳои бешууронаи ӯ мебошад. Ҳокимияти эҳсосот фоидаовар аст ва ҳокимияти калимаҳоро психоаналитикҳо ҳамчун сиёсати воқеии онтологӣ маънидод мекунанд. Онҳо ба чунин далелҳо, аз қабили ҳаракати шуур, таъсири эҳсосии акторҳои сиёсӣ, психологияи омма ва роҳбарият диққат медиҳанд. Ҳамзамон кӯшиш мекунанд, ки дар замири равандҳои фоидаовари эҳсосӣ, ки ҳокимиятро тавлид мекунад ва ё ҳокимият онҳро ба миён меоварад,

роҳ ёбанд. Тадқиқотҳои гуногуни ҷомеашиносон исбот менамоянд, ки бисёр ҷараёнҳои илмӣ кӯшиш менамоянд, то ки мафҳуми ҳокимиятро ҳаматарафа шарҳу баён диҳанд. Аз рӯи ақидаи олими франсавӣ М.Фуко ҳокимият чизи **"басо асрорангез, ҳамзамон дидашаванда ва ноайён, ҳозир ва пинҳон, дар ҳама ҷо паҳншуда"** мебошад. Посух ба саволи "кӣ ҳукми амалӣ кардани ҳокимиятро дорад, дар куҷо ва чӣ тавр?" то ҳол ҷавобҳои мухталифро дар бар мегирад.

Дар илми сиёсатшиносӣ чунин дарёфти таърифи ягонаи ҳокимият имрӯз ҳам идома дорад.

Дар фазои ягонаи сиёсии ҷаҳони муосир сиёсатшиносон якчанд меҳвари фаҳмиши ҳокимиятро ҷудо мекунанд.

**Меҳвари якум** муносибати субъекти сиёсии ин ва ё он ҷомеаи иҷтимоиро, ки дар назар дорад. Ин "меҳвари намояндагӣ" имкон медиҳад, ки сарчашмаи сиёсат, падидаи сарварӣ, ҳудуди ҳокимият ва воситаҳои назорати иҷтимоӣ ба соҳибони ҳокимият ва равандҳои бегонашавиро аз худ намоем.

**Меҳвари дуюм** - сохтори ҳокимият дар худ муносибатҳои субъекти сиёсиро бо муассисаҳою ташкилотҳои ҷамъиятӣ, бо элитаи сиёсии ҳукмрон фарогир аст. Таҳлили чунин муносибатҳои ҳокимият оид ба мавқеи субъекти сиёсӣ дар сохтори давлатӣ, ҳизбӣ ва дигар ташкилотҳо гуногун мебошад. Аз ин рӯ, муносибатҳои байниҳамдигарии субъектҳои сиёсӣ миёнаравиро дар байни синфҳо, табақаҳои иҷтимоӣ, ҷамъиятҳои этникӣ ва шахсиятҳо иҷро мекунанд. Тавассути онҳо акторҳои сиёсии алоҳида ягонагӣ ва худро дар гурӯҳҳои ҷамъиятии калонтар дарк мекунанд.

**Меҳвари сеюм** - ин фаъолияти сиёсии субъекти муайян, аз ҷониби ӯ ҳалли амалии масъалаҳои ҷамъиятӣ мебошад. "Меҳвари фаолияти сиёсӣ" имкон медиҳад дарк намоем, ки чӣ тавр субъекти сиёсӣ натиҷаҳои муайяни барои ҳама муҳимро ба даст оварда, мақсади худро амалӣ мегардонад. Б. Рассел диққати хешро маҳз ба ҳамин тарафи муносибатҳои ҳокимият равона намуда, муайян кардааст,

ки ҳокимият ҳамчун истеҳсоли натиҷаҳои пешбинишуда мебошад.

Ҳарчанд ки нуфузи сиёсӣ дар тамоми фазои иҷтимоӣ ҷойгир шудааст, он на танҳо сохтори уфуқӣ, балки сохтори сегментарӣ низ дорад. Ба замми ин ҳокимияти сиёсӣ дар сохтори амудӣ низ пурра ҷой дорад. Ин аст, ки "меҳвари намояндагӣ" ва "меҳвари институтсионалӣ" сохтори амудии ҳокимиятро ифода мекунанд.

Мавҷудияти вертикалии ҳокимият бо стратификатсияи сиёсии ҷамъият алоқаманд аст. Тамоми ҷамъият ё синф наметавонад, курсии роҳбариро ишғол намояд ва вазифаҳоро дар дастгоҳи давлатӣ, ташкилотҳои сиёсӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ аз худ намояд. Аз ин рӯ, дар ташкили сиёсии ҷамъият ваколатҳои ҳокимият ва қисмҳои ҷамъиятро сиёсатшиносони касбӣ ё сиёсатмадорони муосир, сарварони ҳизбию мансабдорҳо ба амал мебароранд. Ин раванди табиии натиҷаи тақсимоти меҳнат дар татбиқи вазифаҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки шакли давлатию сиёсии ҳаёти ҷамъиятиро тавлид медиҳад.

Ҷараёни намояндагии ҳокимият ин супурдани соҳибони ҳокимият ваколати худро ба дигар шахс аст, ки ӯ имконияти бештари таъсир расондан ба раванди сиёсиро дорад. Намояндагии ҳокимият дар "боло" метавонад ба тартиби сернуфузи ҳокимият, ташкили ҳукумат, интихоботи президентӣ ва мисоли инҳо сурат бигирад. Вале метавонад ин раванд бо усулҳои забткорӣ низ амалӣ гардад.

Намояндагии ҳокимият дар "боло" бо маҳрумшавии муайяни бегонашавии ҳокимият рӯ ба рӯ шуда, дар ивази он фоидаи муайяне мегирад ва онро метавонад, бо воситаи миёнравии ваколатдор, ки шахсият аст ва ё ташкилот ба амал барорад.

Масъалаи асосии намояндагии ҳокимият "дар боло" дар коркарди воситаи назорат ба он субъектҳои сиёсиест, ки ваколати иловагии ҳокимиятро соҳиб гардидаанд. Аз ин рӯ К. Поппер дар асари машҳури худ "Ҷамъияти кушода ва душманони он" таъкид менамояд, ки ҳар гуна шакли ҳокимияти беназорат барои ҷомеа хавфнок аст.

Ҳокимияти "дар боло" ваколатдодашуда метавонад ба зинаҳои поёнӣ мурочиат намояд, ҷомеаро тасарруф намояд ё ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, муносибатҳои ҳукмфармоию тобеиро ташаккул диҳад. Дар ин сурат касе, ки ваколати ҳокимиятро гирифтааст, метавонад ҳукмрон ва пурқувват гардад.

Тасарруф кардану бо зӯрӣ гирифтани ҳокимиятро дар бисёр мавридҳо метавонад, моҷароҷӯй (авантюрист), ки худро чун наҷотбахши тамоми ҷомеа вонамуд месозад, амалӣ намояд. Ҳамин тавр, ҷараёни ваколатдиҳандаи ҳокимиятро сиёсатшинос Б. Барнс омӯхта, ба хулосае омадааст, ки **касе, ки ваколати ҳокимиятро "дар боло" месупорад, дар дараҷаи муайян аз ӯ хиёнатро интизор шудан мумкин аст.** Сарваронеро, ки онҳо тавсия медиҳанд, бешак фоидаи камтар медиҳанд ва тақрибан имконоти зиёди худро барои ба даст овардани "манфиат"-и хоси худ сафарбар менамоянд. Вале то даме, ки сарварони сиёсӣ ба ҳимояи онҳое, ки намояндагии онҳоро дорад ё ҳис намоянд, ки хавфи аз даст додани ҳокимиятро дарк менамоянд, онҳо каму беш манфиатҳои табақаҳои поёниро ҳимоя менамоянд. Шахсиятҳое, ки майл ба ишғоли ҳокимият доранд, метавонад ҳокимиятро соҳиб шаванд, дар сурате ки сиёсати онҳо институтсионалӣ бошад, на аз шахсияти алоҳида. Вазифаи асосии институтҳои давлатӣ интихоби сарварони оянда аст. "Институтҳо (ташкилотҳои давлатӣ) ба қалъаҳо монандӣ доранд, онҳо бояд хуб лоиҳакорӣ ва аҳолинишин карда шаванд, навишта буд К. Поппер".

Ҳокимияти сиёсӣ на бояд мустақилияти беназорат дошта бошад. Муассисаҳои сиёсӣ, ки намояндагии ҳокимият доранд бояд тарзе ҷо ба ҷо карда шаванд, ки роҳбарони ноӯҳдабаро ё нолоиқ зиёни зиёдеро ба ҷомеа расонида натавонанд.

Принсипҳои муҳимтарини сохтори ваколатдиҳии ҳокимият "дар боло" ин тақсимоти ҳокимият, ташкили сохтори нигоҳдорӣ ва ташаккули марказҳои муқовимати дорои нуфузи муайян мебошанд.

Ҳокимият метавонад дар "поён" ҳам қобилияти ваколатдиҳӣ дошта бошад. Ҳатто, ба тобеон ҳокимияти

пурра ва ё якчанд ваколатҳои ҳокимиятиро ҳамчун вакили ғайрифаъол дода метавонад. Аммо ҳокимиятдор бояд боварӣ дошта бошад, ки ӯ метавонад ҳокимияти "ба поён" ваколатдодаашро ҳар замон бигирад. Бо вуҷуди ин тақсимоти ҳокимиятиро баъзан ҳамчун қисман аз даст додани фаъолияти озод барои соҳибони ҳокимият дар назар доранд. Ваколатдиҳии умумӣ "ба поён" ҳадди муайян дорад, ки гузаштан аз он на фақат барои комилан аз даст додани ҳокимият, балки боиси ҷудошавии системаи сиёсӣ ва барҳам хӯрдани корҳои давлатӣ шуда метавонад.

Табақабандии гуногуни сиёсӣ ин на танҳо муттаҳид шудани ҳокимият дар дасти ақаллият, балки қисматшавии он дар дасти субъктҳои гуногуни ҳокимият мебошад, ки то андозае мухторият доранд. Маълум аст, ки иштироки оммаи васеи табақаҳо дар идораи ҳокимият, арзишҳои шаҳрвандони оддӣ дар ҳозир будан ба фаолияти ҳокимият вобаста аст. Бинобар ин тақсимоти дар воқеъ демократӣ ва иҷтимоӣ асоси пешрафти ҳокимият дар ҷамъият аст, ки халқҳои соҳибтамаддун ба он кӯшиш менамоянд. Роҳбарони ҳокимиятдӯст бошанд, набояд ҳақиқати сиёсиро фаромӯш созанд, ки озодии фаъолият дар истифодаи ҳокимияти иҷтимоӣ метавонад дар дасти ақаллият ҷамъ шавад, вале вай ҳеҷ вақт комилан дар дасти онҳо буда наметавонад. Маълум аст, ки нобоварӣ ба субъекти ҳокимият аз ҷониби объектҳои он метавонад тамоми сохтори ҳокимиятро дигаргун созад. Дар ҷамъият пайваста раванди мушоҳида ва назорат ба фаъолияти ҳокимият, истифода, ихтиёрдорӣ ва супоришоти ҳокимият ҷараён дорад, ки дар зуҳуроти қонунияти ҳокимият инъикос мегардад.

## 5. Қонунияти ҳокимият

Сиёсатшиносон паҳлӯҳои гуногуни вазифаҳои ҳокимиятро ҳаматарафа омӯхта таҳлил менамоянд. Онҳо робитаҳои тарафайни байни муассисаҳои ҳукуматӣ ва ҷомеаро на фақат аз лиҳози ҳуқуқӣ, балки аз назари иҷтимоӣ-психологӣ низ таҳлил менамоянд. Маҳз дар ин

ҷо таҳлили масъалаи қонунияти ҳокимият ва шаклҳои қонунии мавҷудияти онҳо ба миён меояд.

Қонунияти ҳокимият (легалият) бо асоснокии ҳуқуқи ҳастии ҳуқуқии ҳокимият мебошад. Дар мафҳуми маҳдуд қонунияти ҳокимият ин қонунӣ будани ҳокимият, ҳаққонияти ҳуқуқии он, мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ будани он аст.

Қонуният зуҳуроти ҳуқуқӣ аз рӯи тартибу қоида буда, вай аз ҷониби ҳокимият ташкил ва кафолат дода мешавад. Қонуният маънои иҷозат додани худи ҳокимият ва бо воситаҳои ҳуқуқӣ асоснок намудани мавҷудияти онро дорад. Ин асоснокии ҳуқуқӣ ҳокимияти қонунҳо, меъёрҳо, ҳуқуқи мустанои ҳокимият (прерогатив) ва усулҳои ҳукмронӣ мебошад.

Қонуният (легалият) на фақат ба ҳокимияти давлатӣ, балки ба ҳокимияти сиёсӣ низ дахл дорад. Ҳокимияти сиёсӣ ҳам дар дараҷаи ташкилот ва ҳам дар дараҷаи ҷамъият маънои қабули қарорхо, ихтиёрдории захираҳою арзишҳоро мувофиқи манфиатҳои ҷамъиятӣ дорад. Ташкилотҳои сиёсӣ дар асоси кам ва зиёд шудани қоидаҳо, меъёрҳо, кодексҳо (моддаҳо) амал мекунанд. Ба ин маъно ҳокимият падидаи ҳуқуқӣ аст. Вале барои баробару самаранок такягоҳҳои ҳуқуқию юридикии ҳокимият кифоя нест. Барои ин боз ҷонибдории иҷтимоӣ, ризоияти ҷамъиятӣ ба қабули ҳокимияти мазкур, ҳокимияти элита, ҳизб ва пешво зарур аст.

Қонунияти ҳокимият ин падидаи иҷтимоию сиёсӣ ва равониест, ки ҳокимияти муайян дар асоси ризоияти ҷамъиятӣ озодона барқарор мегардад.

Роберт Спенсер ҳокимияти сиёсиро ҳамчун "ҳиссиёти ба воситаи миёнрав амал менамудаи ҷамъият, ки расман ё ғайрирасмӣ барқарор шудааст, шарҳ додааст". Қонуният боварӣ ва ҳақ баровардани ҳокимият, тасдиқи воқеияти мавҷудбудаи ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, эътирофи мақсадҳои пешниҳодкардаи онҳо мебошад. Ин эътирофи сиёсӣ қонунияти ҳукмронӣ мебошад.

Қонуният бо баҳои ахлоқии ҳокимияти сиёсӣ алоқаманд аст. Вақте ки ҳокимият даъво менамояд, ки

ҳокимияти он конунӣ аст ва ба меъёри ахлоқӣ ҳақ будани фаъолияти худ ишора мекунад, бахусус вақте ки назари ҳуқуқии он ғайриқонунӣ бошад. Шаҳрвандон ҳам ҳокимиятро аз рӯи меъёрҳои ахлоқӣ, некӣ, адолатнокӣ, покӣ мепазиранд ва ба он бовар менамоянд. Пас масъалаи қонунияти ҳокимият дар ниҳояти кор ба масъалаҳои ҳуқуқии ахлоқ меоварад, зеро ҳеҷ як навишта қувваи қонунӣ надорад, агар муқобили виҷдони одамизод равона шуда бошад.

Масъалаи қонунӣ ва ғайриқонунии ҳокимият аз ҷониби мутаффакирони замони нав гузошта шудааст. Идеяи "ҳуқуқҳои табиии одамизод" ва "шартномаи ҷамъиятӣ" принсипи истиқлолияти халқро, ҳамчун сарчашмаи ҳокимият ифода менамояд. Аз ин рӯ ҳуқуқи одамонро ба манъ намудани шартномаи ҷамъиятӣ, агар ҳукмрон онро ба манфиати мардум мувофиқ нанамоянд, асоснок менамояд. "Ҷамъияти умумӣ- навишта буд Д. Дидро, ин дастоварди хусусии миллат аст, ки ба ҳокимон барои истифодаи муваққатӣ, барои роҳбарӣ ва нигоҳдорӣ дода мешавад". Анъанаи либералии давраи Эҳё фақат қонунияти ҳокимиятеро қабул дорад, ки дар асоси ризоияти халқ, яъне қонунӣ ба амал омадааст.

Дар сохтори ҳозираи сиёсӣ мафҳуми қонуният пеш аз ҳама бо ҷараёни татбиқи сиёсат, бо сохтори манфиатҳо, муайян кардани мақсадҳои иҷтимоӣ ва каму беш бо сохторҳои умумиқабулкардаи ҳокимият алоқаманд аст.

Дар айни ҳол чунин сарчашмаҳои гуногуни қонуният мавҷуданд:

-қонунигардонӣ, яъне қонунӣ ба расмият даровардани ташкилотҳои нави ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва сохтори ҳукмронӣ;

- қонунияти идеологӣ, ки эътиқоди ботинӣ дар дурустӣ ва ҳаққонияти ҳокимият аст;

- қонунияти сохторӣ, ба ташкилотҳои муайяни сохтор ва меъёрҳо такя намуда, қонунияти системаро дарбар мегиранд.

М. Вебер се навъи қонуният ё "асосноки дохилӣ барои муайян кардани ҳукмронӣ"-ро ҷудо кардааст.

Якум, ин обрӯи (авторитет) доимӣ, обрӯи ахлоқӣ ва риоя намудани онҳо ҳамчун ҳукмронии "анъанавӣ".

Дуюм, обрӯи истеъдоди шахсияти ғайриоддӣ, харизм, майдони садоқату боварии шахсӣ.

Сеюм, муқаррар кардани қонун, қоидаҳо ва меъёрҳои оқилона муайяншуда. Ин навъҳои дар боло зикршуда чунонс ки маълум аст, ба таври расмӣ ва қонунӣ бо ҳам айният доранд.

Дар фаъолияти сиёсии муосир чунин мутобиқат кам дучор мешавад, зеро ҳастии сиёсии ҳокимият ҳамеша аз ҳастии ҳуқуқӣ мураккаб аст. Сохторҳои муназзами сиёсӣ бошанд, баъзан аз сохтори ҳуқуқӣ васеътар ва бисёр вақт аз систематизатсияи ҳуқуқӣ дур мегарданд, ки бо он ин ҳаққонияти қонун паст мешавад. Вале агар қонун ҳама қоидаҳои бозиҳои сиёсиро фарогир набошад ва шубҳаро ба миён оварад, пас қонунияти ҳокимият низ бебаҳс намемонад. Ҳокимияти қонунӣ дар сурате мешавад, ки агар онро аксарияти аҳолӣ эътироф намояд. Вале на ҳамеша табақаҳои ҷамъиятӣ, гурӯҳҳои ифодагари манфиатҳои онҳо, нуфузҳои сиёсӣ, қонунияти ҳокимияти мавҷударо собит менамоянд. Бинобар ин, элитаи сиёсии ҳукмрон, сарварон, ташкилотҳои сиёсӣ бояд доимо қонунияти ҳокимияти худро пойдор созанд.

Таҳлилҳои сиёсӣ нишон медиҳанд, ки қонунияти ҳокимият бо самаранокии он алоқаманд аст. Ҳукумат метавонад қонунияти худро аз даст диҳад, агар самаранокии фаъолияти он ба тарзи намоён поён равад. Дар натиҷа эҳтимолияти иваз намудани элитаи сиёсӣ ва сохтори ҷамъиятӣ ба миён меояд. Ҳокимияте, ки аксари аъзоёни ҷамъият онро ғайриқонунӣ (ноҳақ) ҳисоб мекунанд, вале қобилияти амали самаранок дорад, беш аз пеш аз ҷониби тобеони ҳокимият тарафдорӣ мебинад.

Ҳокимияти беадолат ва бесамар дар ҳама давру замон танҳо бо зулм худро нигоҳ медорад, вале оқибати зулм аз даст додани ҳокимият аст.

Қонуният метавонад, режимҳои гуногунро дарбар гирад, аз ҷумла тоталитарӣ ё авторитарӣ. Вале пеш аз ҳама ба қонунияти ҳокимият режими демократӣ эҳтиёҷ дорад, ки дар он гуногунафкории сиёсӣ ва идеологӣ барои баҳси

қонунияти қувваҳои сиёсии ҳукмрон роҳҳои нав пайдо месозанд. Зарурати тезу тунд дар назорати ҳамдигар оид ба ҳаққоният ва беадолатии ҳокимият пайдо мешавад. Дар ин ҳолат қонунҳо ва иҷозати ҳокимият ба рафтори омма бояд ба принсипҳои роҳбарияти конститутсионалӣ ва эътирофи пойдории идеалҳои асосии демократӣ такя кунад.

Субъектҳои ҳокимият дар асоси қонун, таҳкиму нигоҳдории он дар густариш ва бардавомии ҳукмронии худ манфиатдоранд. Ҳанӯз Монтеске дар асари машҳури худ "Дар бораи рӯҳи қонунҳо" соли 1748 дар хусуси ин тамоил навишта буд, ки ҳар шахси мансабдор майл дорад, аз он сӯ истифода кунад ва онро ҳар чӣ зиёдтар то имконияти охирин дар дасти худ нигоҳ дорад. Объекти ҳокимияти сиёсӣ-халқ бошад, мекӯшад ба андозаи бештар барои худ озодӣ ба даст оварад. Элитаҳои сиёсӣ дар кӯшиши нигоҳдории ҳокимият метавонанд ба афзоиши амалҳои манфӣ: маҷбурсозӣ, зӯроварӣ даст зананд. Дар ин сурат амалҳои мусбат, ки барои фармонбардорӣ намудан ҳавасманд мегардонанд, кам мешаванд. Номуносибӣ дар ҳокимият меафзояд, дар ҷамъият муносибатҳои байни синфҳо, табақаҳои иҷтимоӣ, гурӯҳи манфиатҳо вайрон мешавад. Дар бисёр мавридҳо сарварони ҳокимият аз вазифаҳои ваколатии худ берун мебароянд ва бештар барои ҳалли вазъи низоъҳо қувваро истифода мебаранд. Дар натиҷа ҳокимият обрӯи хешро гум намуда, ба беадолатӣ роҳ медиҳад, ки ин яке аз аломатҳои бӯҳрони сиёсӣ мебошад.

Қонуният равшан нишон медиҳад, ки қувваи ҳокимият бо ҳокимияти қувваҳо баробармаъно нест. Қувва бадтарин ва камсамартарин воситаи истифодаи ҳокимият мебошад. Ин воситаи охирини нигоҳдории ҳокимият аст, вале на такягоҳ барои ҳукмронии бардавом.

Мафҳуми эҳтиёҷмандии қувваҳои ҳокимият ба ҷонибдории халқ зарурати таҳрири ҳамешагии сиёсати ҷамъиятиро тақозо дорад, ки дар он баробарии мақсадҳои иҷтимоӣ ва воситаҳои нигоҳдории ҳокимият риоя шуда

бошанд. Санъати ҳукмронии сиёсӣ низ дар ҳамин мебошад. Ҳар қадар ки ҳокимият ба одамон наздик бошад, ҳамон қадар сарчашмаи ҳаққонияти он асосноктар аст. Боварӣ ба ҳокимият ин захираи бузурги иловагиест, ки имкон медиҳад ба идеалҳо, арзишҳо ва рафтори одамон таъсир расонад.

# САРВАРИИ СИЁСӢ ВА ЭЛИТАИ СИЁСӢ

Маълум аст, ки имрӯз дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои рӯ ба истиқлол ҷараёни тағирёбии низоми сиёсии ҷомеа ниёз ба сарварони сиёсӣ ва элитаи сиёсии ташаббускор дорад. Онҳо метавонанд ҳадафи асосиро муайян намуда, ба тарафдорони худ самтҳои лозимӣ ва барномаҳои асосноки фаолиятро пешниҳод намоянд. Дар баробари ин онҳо таваҷҷӯҳи тарафдоронашонро ба худ ҷалб намуда, фаолияти сиёсии хешро қавӣ мегардонанд. Ин аст, ки сарварии сиёсӣ яке аз элементҳои асосии ҳаёти ҷамъиятӣ ба шумор меравад ва нақши ӯ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа рӯз то рӯз меафзояд. Ҳамаи ин далолат ба он менамояд, ки талабот ба омӯзиш, тадқиқот ва таҳлили проблемаҳои ба онҳо вобаста меафзоянд.

## 1. Моҳият ва табиати сарварии сиёсӣ

Мафҳуми "сарвар" дар илми сиёсатшиносӣ аз забони англисӣ (tolead) гирифта шуда, маънояш баранда ё ин ки роҳнамо мебошад. Сарварӣ яке аз механизмҳои якҷояшавии фаъолияти дастаҷамъиест, ки шахс ё ин ки қисми гурӯҳи иҷтимоӣ нақши муҳимеро иҷро мекунанд. Яъне фаъолияти гурӯҳҳоеро муттаҳид менамояд, ки амалҳои сарварро дастгирӣ менамоянд. Сарварӣ ҳамчун фаолияти муайян дар асарҳои муаллифони қадима Плутарх, Геродот ва Арасту низ ба назар мерасад. Онҳо тасвири қаҳрамониҳои сарлашкарҳо, подшоҳонеро, ки офарандагони таъриху маданият мебошанд, хеле гуногунранг тасвир намудаанд. Дар асрҳои миёна низ дар таърихи фалсафаи адабиёти форсу тоҷик ба масъалаи сарварӣ диққати махсус дода шудааст. Махсусан, дар "Шоҳнома"и Фирдавсӣ, "Насиҳатнома"-и Унсурмаолии Кайковус ва "Сиёсатнома"-и Низомулмулк таълимотҳои гуногуне нисбати сарварӣ пешниход гардидааст, ки вобаста ба шароити замонашон хеле арзишманд менамоянд. Дар замони Эҳё бошад, яке аз аввлинҳо шуда Н. Макиавелли дар китоби машҳури худ "Государь"

образи давлатдорро шарҳ додааст. Дар рушду инкишофи минбаъдаи ҷомеа дар бораи сарварӣ таъсири босазое консепсияи Ф. Нитсше (1844-1890) гузоштаст. Ба ақидаи ӯ танҳо шахсони бузург, фавқулинсонҳо ҳамчун намояндагони олии инсоният таърихро меофаранд. Мувофиқи консепсияи марксистӣ таърихро инсонҳо меофаранд, аммо сабабҳои ташвиқоти амалҳои онҳо, кӯшишҳояшонро дар моддиёт медонанд. Дар ин ҷо нақши шахсият ҳатман дар алоқамандӣ бо фаъолияти синфҳо, гурӯҳои иҷтимоӣ омӯхта мешавад.

Аз ин ҷо саволе ба миён меояд, ки барои чӣ ин ё он шахс сарвар шудан мехоҳад?

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки ин падида заминаи иҷтимоӣ-психологӣ дошта, ҳолати таркибии психикаи инсон аст ва нисбат ба падидаҳои ҳаёти иҷтимоӣ аввалиндараҷа мебошад. Зеро тинати инсон табиатан фардгаро, соҳибмулк ва шефтаи иродаи ҳокмият аст. Бинобар ин аз замони Фрейд як анъанае вуҷуд дорад, ки сарвариро як намуди муайяни дахолаткунӣ, ҳамчун натиҷаи ҳолати асабоният мешуморанд. Ба ақидаи баъзе таърихнигорон ва ҳолнависон як қатор сарварони сиёсӣ гирифтори бемории асабоният буданд (Напалеон ва Линколн, Робеспер ва Рузвелт, Пуанкаре, Гитлер).

Сарварӣ - ҳамчун ҳокимият, ё асоси онро ҳокимият ташкил менамояд. Ин аст, ки он хусусиятҳои хосеро дарбар гирифта, таъсирашро ҳамеша ба мардум, ё ин ки амалан ба омма паҳн мекунад, ки дохили гурӯҳи мувофиқ (созмон, қишри иҷтимоӣ ё синф) мебошанд. **Бояд гуфт, ки сарварӣ ин пеш аз ҳама падидаи ҳокимият аст, сарвари сиёсӣ бошад, барандаи муносибатҳои сиёсӣ мебошад.** Боз нуқтаи назаре нисбати сарвари сиёсии беғайрату тарсу ҳаст, ки файласуфи шинохта Илин И.А. чунин қайд менамояд: " сиёсат ба одам ҳокимият медиҳад, вале на барои зишткорию зулму истибдод... Ҳеҷ чизи фақиртаре аз сиёсатмадори бевиҷдону бемасъулият нест...Вай тарсуи азалиест, ки комёбии сиёсӣ ба даст оварда наметавонад. Ва ҳеҷ чизи хатарноктару зараррасоне чун сиёсатмадори беқалб нест. Гирди номи ӯ метавонад, шӯру мағал ва

ҳайёҳуй ба амал ояд, ки нодонҳо ва бадкорон онро чун "шӯҳрат" қабул мекунанд. Аз гирди ӯ метавонад дарёи хун ҷорӣ шавад: аз вай метавонад харобиҳои даҳшатнок ва азобу укубатҳо ба амал оянд: вале ӯ барои халқи худ роҳҳои таърихиро пайдо карда наметавонад". Ба ҳар ҳол сарвари сиёсӣ бояд дар ҳама ҳолат доною закӣ, дурбину боирода бошад, ки мардумро аз қафои худ бурда тавонад. Барои мисол, мақоми сарвари сиёсӣ, пайғомбари ислом Муҳаммадро(с) пеши назар меоварем, ки ӯ аз замони ҳузури ислом то имрӯз дунёи сиёсатро дар тааҷҷуб мондааст. Аз ин ҷо, нафаре, ки сират ва таърихи ӯро чӣ дар мақоми даъват ва чӣ аз лиҳози сарварӣ, дар ҳолати рушду инкишоф мутолиа намояд, бешубҳа **эътироф менамояд, ки Муҳаммад (с) хотами паёмбарон, исёнгари дунёи маънавӣ ва чеҳраи нотакрори дунёи сиёсат хоҳад монд.**

Бубинед, ки ҳатто дар садаи XX-ум назарияи Хантингтони аврупоӣ "Бархурди тамаддунҳо" то ҷое равнақуривоҷ ёфт, ки бархе аз мутахасиссону коршиносон ба он тобиши диниву мазҳабӣ дода, ногузир будани он ақидаро тасдиқ менамуданд. Аммо таълимоти дини Ислом ва ё ин ки намояндагони он ба василаи рафтори худ, намунаи комили он таълимот шуда, назарияи "Гуфтугӯи тамаддунҳоро" ба ҷомеаи башарият пешниҳод намуданд, ки дар асоси он бояд дӯстиву бародарӣ ҷавҳари асосии муоширати миллату давлатҳои гуногун гардад.

Дар воқеъ, муҳаббату бародарӣ асоси тамаддуни ислом ва муколлама мантиқи ислом мебошад. Аз ин рӯ, Муҳаммад (с) на танҳо ба василаи гуфтор, балки бо рафтори беҳтарину олитарини хеш, мардумро ба сулҳу салоҳ, покӣ ва бародарӣ даъват менамуд.

Хулоса, асосе, ки Муҳаммад(с) барои тамаддуни башарият устувор сохт дар гуфторе, ки Алӣ ибни Абу Толиб аз ӯ нақл мекунад, ба пуррагӣ ошкор мегардад. Алӣ (р) аз равиши ӯ пурсид. Ҷавоб дод: "Маърифат сармояи ман аст, ақл асоси дини ман, муҳаббат асоси кори ман, шавқ марқаби ман, ёди Худо аниси ман, эътимод ганҷинаи ман, ғам рафиқи ман, илм ҳарбаи ман, сабр ридои ман,

ризоят ғанимати ман, фақр ифтихори ман, зуҳд ҳирфаи ман, яқин қудрати ман, ростӣ шафеи ман, ибодат мояи кифояти ман, кӯшиш фитрати ман ва хушнудии ман дар намоз аст". Аз ин бар меояд, ки Муҳаммад (с), таълимот, сиёсат, рафтор ва гуфтори ӯ саршори арзишҳои ахлоқӣ буда, барои тамаддуни башарият намунаи олии сарвар, эҳёгари сулҳу салоҳ ва бародарӣ мебошад. **Ӯ то имрӯз дар миёни аҳли башар ҳамчун бузургтарин сарвари дунёи сиёсат ва намунаи ҳама давру замон қадр карда мешавад, ки ифтихори ҳамагон аст.**

Сарвари сиёсӣ ин шахсест, ки қобилияти муттаҳид намудан, роҳбаладӣ намудан ва роҳбари ҳаракатҳои гурӯҳи муайяни одамон, ҳизбҳо, кишварҳо ва ташкилотҳоро дорад.

Барои сарвари сиёсӣ аз ҳама муҳим сиёсати касбӣ эҷод намудан аст, ки вобаста ба манфиати гурӯҳи иҷтимоӣ худро муаррифӣ менамояд. Барои ин муҳим он аст, ки дар аввал агар корманди сиёсӣ фаъолияти хешро дар асоси донишҳои назариявии сиёсӣ бунёд намояд, пас ӯ қодир мегардад, ки ба муносибатҳои сиёсӣ таъсир расонда, онҳоро тағйиру инкишоф диҳад. Истифода набурдани донишҳои назариявӣ дар амал дар дигаргуниҳои сиёсӣ ба натиҷаҳои хуб намерасонад. Масалан, агар сиёсатмадор таёрии субъекти сиёсиро барои иҷрои мақсадҳои гузошташуда ба назар нагирад, гумон аст, ки ба мақсадҳояш ноил гардад.

Ҳамин тавр, фаҳмиши сарвари сиёсӣ ду ҷанбаи муҳимро дарбар мегарад. **Якум,** статуси шартии вазифавии алоқаманд бо доштани ҳокимият; **дуюм,** субъективият дар иҷрои нақши иҷтимоӣ ва сифатҳои шахсию рафтори ҳақиқӣ дар мансаби ишғолнамуда. Аз ин ҷо саволе ба миён меояд, ки асоси фаҳмиши сарварӣ чист? Ё табиати ин падида чӣ гуна аст?

Ба ҷавоби ин саволҳо фикру ақидаҳои гуногуне мавҷуд аст. Баъзан сарвариро сифати барҷастаи шахс ҳисобида онро бо чунин сифатҳо муайян менамоянд: ақли тез, иродаи матин, қувваи пурҷӯш, қобилияти беҳамтои

ташкилотчигӣ ва ғайра. Дигаре онро истеъдоди фитрӣ-худодӣ ва вобаста ба таълиму тарбия ва таҷрибаи зиндагӣ низ медонад.

## 2. Навъҳо ва тарзи муайяни сарварии сиёсӣ

Яке аз навъбандиҳои маълуми сарварие, ки аз таълимоти М.Вебер сарчашма гирифта, ба роҳу равиши қонунияти ҳокимият вобастагӣ дорад, ин сарварии сиёсӣ мебошад. М.Вебер онҳоро ба се навъи асосӣ ҷудо менамояд: сарварии анъанавӣ, сарварии ақлгарой-қонунӣ ва сарварии харизматикӣ.

1.**Сарварии анъанавӣ** ин доҳиёни қабилаҳо, шоҳигариҳо ва г. мебошанд, ки нуфузи онҳо дар одату анъанаҳо таҷассум меёбанд.

2. **Сарварони ақлгарой-қонунӣ** сарвароне мебошанд, ки бо роҳи демократӣ интихоб шудаанд ва ба қонунӣ будани низоми сиёсӣ боварӣ доранд.

3.**Сарварони харизматикӣ** соҳиби сифатҳои барҷаста ва қобилияти баланди роҳбарию хосиятҳои мутлақ мебошад.

Ҳамин тавр, дар асоси навъи аввали сарварӣ одат ва анъана, дуввум ақлгарой ва сеюм боварӣ ва эҳсосот ҷой гирифтаанд.

Дар муносибат бо ҳариф мутахассисон чунин навъҳои сарвариро муайян менамоянд:

- сарвари фанатик - сарваре, ки барои тезу тунд шудани низоъ кӯшиш намуда, мехоҳад бо ҳар восита ҳарифи худро нобуд намояд;

- сарвари розишаванда - сарваре, ки барои дарёфт намудани консенсус кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Инчунин навъҳои дигари сарварӣ мавҷуд аст, ки ба характер, ҷои кор ва касбашон арзёбӣ мегарданд. Ба монанди сарвари озод, сарвари байрақбардор, сарвари хизматгор, сарвари ҳаннот, сарвари оташин, сарвари парлумонӣ, сарвари бюрократ, сарвари демагог, сарвари технократ. Дар баробари ин боз таснифоти дигари сарварӣ мавҷуд аст: амалдорони сиёсӣ ба роҳбарон ва

мухолифон, бузургон ва хурдҳо, пролетарӣ, буржуазӣ, майдабуржуазӣ, капиталистӣ, сотсиалистӣ, коммунистӣ, ки вобаста ба тағйироти ҷомеа нақши худро муайян менамоянд:

- муттаҳид намудани омма;
- қабули қарори самаранок;
- сафарбарии омма ва ғайра.

Маълум аст, ки агар шахс дар режими мушаххас сарвари сиёсӣ шавад, бояд соҳиби сифатҳое бошад, ки ба режими мазкур ҷавобгар бошанд. Агар барои системаи сиёсии Тоҷикистони солҳои 60-90 уми асри XX сарвари иҷроӣ аз боло талаб карда мешуд, ҳоло бошад, ин масъала тамоман тағйир ёфтааст. Дар айни замон аз сарвари сиёсӣ ташаббускорӣ, зиракии сиёсӣ, омодагии назариявӣ, боварикунонии мардум, мантиқи қавӣ доштан, бо рақибон қобилияти муколама доштан, маданияти баланди сиёсӣ ва ахлоқи хуб, дар ҳалли қабули масъалаҳо мустақил будан талаб карда мешавад.

Барои сарвари сиёсии имрӯза таҳлил ва хулосабарории вазъи иҷтимоию сиёсӣ бо дурнамои тараққиёт ва пешниҳод аз вазъи мушкил хеле муҳим аст. Сарвари сиёсӣ бояд нотиқ, доно ва сухангӯ бошад. Ӯ бояд дар маҷлису ҷамъомадҳо баромад кардан, мусоҳибаронӣ намудан ва дар сӯҳбат бо оммаи мардум худро идора карда тавонад.

### 3. Элитаи сиёсӣ

Дар ҳаёти сиёсии ҷомеа шаҳрвандони ҷудогона ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ одатан он қадар фаъолнокӣ нишон намедиҳанд. Пешдастӣ ва фаъолнокӣ хоси гурӯҳи махсусест, ки онро элитаи сиёсӣ меноманд. Ин гурӯҳ ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ҳокимиятро ба даст гирифта идора намояд.

Элитаи сиёсӣ ҳамчун ақаллияти нисбати мустақил тавсиф дода мешавад. Он дорои сифатҳои муайяни психологӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ буда, дар қабули қарорҳои ҳокимияти сиёсӣ ва таъсиррасонӣ ба онҳо бевосита иштирок менамояд. Дар баробари ин робитаи элитаи сиёсӣ бо табақаҳои ҳукмрони иқтисодӣ якҷоя шуда, ҳамчун падидаи баробари дусамта баррасӣ мегарданд.

Элитаи сиёсӣ - ин на танҳо воқеияти ҳаррӯза, балки оиндаи тамаддуни инсоният мебошад. Шарти мавҷудияти онро омилҳои зерин ташкил медиҳанд:

1. Маънавиёти психологию иҷтимоии одамон, қобилияту имкониятҳои гуногун ва хоҳиши мухталифи иштирок дар сиёсат.

2. Қонуни тақсими меҳнат, ки амали нисбии идоракунии меҳнат ва самаранокии онро талаб менамояд.

3. Аҳмиятнокии баланди ҷамъиятии меҳнати идоравӣ ва водоркунии мувофиқи он.

4. Имконияти васеи истифодаи фаъолияти идоравӣ барои ба даст овардани имтиёзи иҷтимоӣ дар шаклҳои гуногун.

5. Нофаолии сиёсии шумораи зиёди аҳолӣ, шавқу ҳавасҳои муҳими ҳаётӣ, ки аз доираи сиёсат берунанд.

Элитаи сиёсиро вобаста ба меъёрҳои гуногун таснифот мекунанд, ки муҳимтаринашон чунинанд: сарвар, ки ҳокимияти сиёсиро бевосита роҳбарӣ мекунанд ва мухолиф; сардори олӣ, ки қарорҳои барои ҳокимият муҳимро қабул мекунад; миёна, ки ҳамчун барометри афкори умум баромад мекунад; маъмурӣ- хизматчиён-маъмурон (бюрократия).

Ҳамин тавр, элитакунонии ҷомеаи муосир барои ташаккул додани элитаи сиёсии ҷомеа самарабахшу муфид аст. Ташаккул додани чунин механизми сиёсӣ дар ҷомеа зарур аст, ки фаъолияти самарабахши элитаи сиёсӣ ва назорати онро таъмин намояд. Ҳалли ин масъала асосан аз намояндагии иҷтимоии элитаи сиёсӣ вобастагӣ дорад.

Намояндагии иҷтимоии элитаи сиёсӣ бошанд, аз як қатор сабабҳо вобастагӣ дорад. Яке аз онҳо баромади иҷтимоӣ ва тобеияти иҷтимоии аъзоёни элита мебошад. Ба сифати кафолати намояндагии иҷтимоии элита тобеияти ташкилотчигии (ҳизбӣ ва ғайра) роҳбарон мебошад.

Дар ҷомеаи муосир механизми ҳизбии назоратҳоро аз болои элита институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ пурра мекунанд. Ба чунин институтҳо интихобот, васоити ахбори омма, пурсиши афкори умум ва ғайра дохил мешаванд.

Ба намояндагии иҷтимоӣ ҳайати сифатӣ ва самараноки элита, системаи интихоботӣ он таъсири калон мерасонад.

Ба системаи гилдявӣ пӯшидагӣ, интихоби номзадҳо ва вазифаҳои баланд аз табақаи поинтари худи элита, оҳиста-оҳиста баромадан ба боло мавҷудияти сифатҳои бисёри институтсионалӣ-талаботи расмӣ ба ишғоли вазифа ва майл ба азнавсозии шакли мавҷудаи роҳбарӣ хос аст.

Системаи антрепренерии интихоб дар бисёр ҷиҳатҳо бо системаи гилдиявӣ мухолифат мекунад. Ба ин система имконияти васеи ишғоли вазифаи роҳбарӣ барои намояндагони ҳама гуна гурӯҳҳои иҷтимоӣ, шумораи ками талаботи расмӣ, шиддатнокии рақобат барои ба даст овардани вазифаи роҳбарикунанда; аҳмиятнокии аввалиндараҷаи сифатҳои шахсӣ, фаолии фардӣ ва маҳорати истифодаи шуури омма ба фоидаи худ хос аст.

Ҳар ду системаи ташаккулёбии элитаи сиёсӣ тарафҳои мусбат ва манфии худро доранд. Доираҳои зоҳиршавии онҳо дар бисёр ҳолат аз шакли режими сиёсӣ вобастагӣ дорад. Аммо дигаргуниҳои иҷтимоию сиёсии ҷомеа ва инқилобҳои замони баъди ташаккули элитаҳои сиёсиро ба миён овард, ки ба хусусиятҳои хоси миллату минтақаҳои мухталиф рост меоянд. Элитаҳои сиёсии баргузида бештар ба корношоямии сиёсии хеш тан дода самти фаъолияти хешро ба куллӣ тағйир медиҳанд. Аммо ашрофзодагӣ ва психологияи элитавии худро ба ҳеҷ навъ аз даст додан намехоҳанд. Онҳо кӯшиш менамоянд, ки ба элитаи сиёсии нав дар бисёр ҳолатҳо мамоният эҷод намоянд. Онҳоро ба деҳотӣ будан, ба маҳалгароӣ ва баъзан ба камсаводию камфарҳангӣ сиёҳ намуда, ояндаи тараққиёти ҷомеаро зери шубҳа мегузоранд. Албатта чун муносибат барои рушду инкишофи ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Элитаи сиёсӣ бояд намунаи ибрат ва пешвои миллату бунёдкориҳои нав бошад, ки дар ташаккули фаъолиятҳои сиёсӣ нақши пешоҳангро иҷро карда тавонад. Махсусан фаъолнокии сиёсӣ имрӯз барои Тоҷикистони азизи мо муҳимтарин масъалаҳои худшиносию худогоҳиро ба миён меоваранд, ки дар шинохти масъала бештар ба элитаҳои сиёсӣ вобастагӣ доранд.

# СИСТЕМАИ СИЁСИИ ҶОМЕА

Системаи сиёсӣ - маҷмӯи унсурҳои ҷудогонаест, ки дар ягонагӣ системаи институтҳои давлатӣ ва ғайридавлатиро ташкил дода, бо ёрии онҳо дар ҳаёти сиёсии ҷомеа идоракунии соҳаҳои гуногуни ҳаёт таъмин гардида, ҳокимияти сиёсӣ ба амал бароварда мешавад.

## 1. Назарияи умумии системаи сиёсӣ

Донишҳои илмӣ оид ба системаи сиёсӣ натиҷаи инкишофи дарозмуддати ҷамъиятӣ мебошанд. Дар замони ҳозира дар илми сиёсӣ ду равияи муайян нисбати системаи сиёсӣ падид омадааст: марксистӣ ва ғайримарксистӣ. Ҳар яке аз онҳо саҳми худро дар омӯзиши ҳодисоти сиёсии ҳаёти ҷомеа гузоштаанд.

**Консепсияи сиёсии** ҷомеа, ки бо номи асосгузори он К.Маркс **марксистӣ** ном гирифтааст, аввалин шуда таҳлили системавии ҳаёти сиёсии ҷомеаро ба амал баровард. Моҳияти асосии иҷтимоӣ ва мақоми ишғол кардаи гурӯҳҳои гуногуни ҷамъиятӣ, ки унсурони системаҳои сиёсии замонро ташкил медоданд, дар он баён шудааст. Марксизм аз он сарчашма мегирад, ки пайдоиши муносибатҳои сиёсӣ ва тақсимшавии ҷомеаро ба синфҳо бо таҳаввулоти дуру дарози тараққиёти ҷомеа, пайдоиши моликияти хусусӣ ва давлатӣ зич алоқаманд медонад.

Аз ин нуқтаи назар, агар таърихан аввалин институти системаи сиёсӣ давлат ҳисоб ёбад, пас баробари пайдоиши давлат меъёрҳои сиёсӣ, аз ҷумла, ҳуқуқӣ низ ба амал омаданд. Режимҳои муайяни сиёсӣ ва идеологияи ҳукмрон низ ташаккул ёфта, маданияти сиёсӣ ҳамчун системати тасаввурот ва намунаҳои ахлоқи сиёсӣ ба ташаккулёбӣ шурӯъ намудааст. Инкишофи системаи сиёсӣ бошад, ба пайдоиши гурӯҳҳои нави ҷамъиятӣ ва мураккабшавии муносибатҳои байни онҳо зич алоқаманд аст, ки маънидоди пурраи онро марксизм додааст.

Ташаккули гурӯҳҳои нав ҳамеша дар ҷараёни муборизаи байни синфҳо ба амал меомад. Синфҳои

ҷамъиятӣ, табақаҳои иҷтимоӣ, миллатҳо, гурӯҳҳои касбӣ, занон, ҷавонон ва г. ташкилотҳои худро созмон медиҳанд, то манфиатҳои онҳоро ифода ва ҳимоя намоянд. Аз ин ҷо манфиатҳои гуногуни иҷтимоӣ ифодаи объективии мубориздаи доимии байни синфҳо ва гурӯҳҳои онҳо мебошад. Байни ҷамъиятҳои калони иҷтимоӣ ва ташкилотҳои онҳо муносибатҳои гуногун - мубориза, ҳамкорӣ ва бетарафӣ ба амал меояд. Ин муносибатҳои сиёсӣ асоси ҳалли масъалаҳо доир ба давлат, барои сохтори ҷамъиятӣ мувофиқи идеологияи ин ё он синф мебошанд. Ҳамин тавр, фаҳмиши марксистии системаи сиёсии ҷомеа аз мавқеи синфию таърихӣ бармеояд.

**Равияҳои ғайримарксистӣ.** Сиёсатшиносоне, ки дар мавқеи ғайримарксистӣ меистанд, роҳи таърихии ташаккулёбии муносибатҳои синфиро ба худи мафҳуми "сиёсат" дар як қатор тасаввур менамоянд. Дар байни равияҳои ғайримарксистӣ се нуқтаи назарро доир ба омӯзиши системаи сиёсӣ фарқ кардан зарур аст.

1. Прагматикӣ - мактаби амрикоӣ.

2. Конститутсионию институтсионӣ - мактаби фаронсавӣ.

3. Ба андозаи муайяни фалсафӣ - мактаби Олмони Ғарбӣ.

Тарафдорони нуқтаи назари якум системаи сиёсиро ҳамчун "арсаи корчаллонии сиёсат", ҳамчун ҷое, ки раванди сиёсӣ ба амал бароварда мешавад, маънидод мекунанд (Р.Кларк). Сиёсатшиноси машҳури ин мактаб Д. Истен буд, ки вай дар зери мафҳуми "системаи сиёсӣ" ҳаёти сиёсиро дар назар дошт.

Мактаби сиёсии фаронсавӣ асосан системаи сиёсиро бо режими сиёсӣ айнан як чиз меҳисобад. Ин нуқтаи назарро М. Дюверже тарафдорӣ карда, чунин меҳисобад, ки ин мафҳумҳо амалан ба ҳам муродиф мебошанд. Сиёсатшинос Д.Г. Лавров дар зери мафҳуми системаи сиёсӣ гуногунии қувваҳои сиёсӣ ва ҳамкории байни онҳоро мефаҳмад. Дар ин ҷо мафҳуми системаи сиёсӣ маҳдуд карда шуда, фақат як тарафи фаъолияти вай, яъне режими сиёсӣ, дар назар дошта мешавад.

Барои мактаби Олмони Ғарбӣ инкишофи ақидаҳо оид ба системаи сиёсӣ, ки аз тарафи М. Вебер баён шуда буд, хос аст. Вай ин мафҳумро ба давлат ва сохти он муносиб меҳисобид. Барои ҳамин ҳам, ба ақидаи М. Вебер, системаҳои сиёсӣ аз рӯи таклифҳои ташкилёбии давлат фарқ мекунанд. Масалан, системаи сиёсии ратсионалӣ, ки зодаи инқилоби буржуазӣ буд ба бегонагардонии инсон ва давлат дар идеалҳои озодӣ, баробарӣ, асос ёфтааст; харизматикӣ, ки дар он давлат ба як шахс, ки дар асоси донишҳои муайяни касбӣ амал мекунад ва аз рӯи акидаҳои шахсе, ки танҳо вай тарзи ҳалли масъалаҳоро медонад, итоат мекунад.

Тарафдорон ва пайравони М. Вебер аз нуқтаи назари вай дур намешаванд. Ҳамин тавр, президенти ассотсиатсияи байналхалқии илмҳои сиёсии Олмони Ғарбӣ профессор К. Бойме тасдиқ мекунад, ки системаи сиёсӣ ин натиҷаи равандҳои сиёсат мебошад.

Мавҷудияти нуқтаи назари гуногун дар байни сиёсатшиносони Ғарб оиди "системаи сиёсӣ" ин пеш аз ҳама сабаби амиқ омӯхтани масъала мебошад. Ҳамзамон қайд кардан лозим аст, ки дар байни сиёсатшиносони равияи ғайримарксистӣ назарияи ягонаи мувофиқи системаи сиёсӣ вуҷуд надорад. Ба зиёд будани ақидаҳо оид ба мафҳуми "системаи сиёсӣ" нигоҳ накарда, диққати асосӣ ба равандҳои сиёсӣ, ахлоқи сиёсӣ дода мешавад. Онҳо дар доираи ин ё он иттиҳодияҳо - иттифоқҳои касаба, фирмаҳо, клубҳо, театрҳо ва ғайра равона карда мешаванд.

## 2. Моҳият, сохт ва вазифаҳои системаҳои сиёсӣ

Назарияи системаи сиёсӣ дорои мафҳумҳоест, ки бо ёрии онҳо моҳияти ҳодисаҳо ва равандҳои он муайян карда мешаванд. Дар байни онҳо чунин мафҳумҳои асосӣ ба монанди "давлат", "идоракунӣ", "худидоракунӣ", "демократия", "вазифаҳои системаи сиёсӣ", "сохти системаи сиёсӣ" мебошанд. Барои ифодаи вазифаҳои системаи сиёсӣ чунин мафҳумҳо ба монанди "раванди сиёсӣ", "фаъолияти сиёсӣ", "тартиботи сиёсӣ" ҳам мавҷуданд.

Системаи сиёсӣ дар худ чунин зерсистемаҳои ҷамъиятӣ аз қабили иқтисодиёт ва маънавиётро муттаҳид намуда, вазифаҳои батартибоварӣ, мувофиқати тарафайни мақсадҳо, ҳамкорӣ ва дигар чунин хосиятҳоро ифода мекунад. Аз ин рӯ, методи муҳими омӯзиши системаҳои сиёсӣ ин методи таҳлили систематикӣ буда, дар асоси он қонуни диалектикии ба ҳам алоқамандӣ ва бо ҳам вобастагии мақсадҳо дар табиат ва ҷомеа ифода меёбанд.

Пас фарқияти системаи сиёсӣ аз дигар системаҳои ҷамъиятӣ дар чист? **Фарқияти аввал** дар сарварии системаи сиёсӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки вай ҳокимияти олиро дар ҷомеа ба амал баровард, қонунҳои он барои тамоми ҷомеа ва ҳар як зерсистемаи он ҳатмӣ мебошанд.

**Дуюм**, ин вобастагии системаи сиёсӣ аз сохти иқтисодию иҷтимоии ҷомеа аст. Сарварии ҳокимиятро дар ҷомеа ба даст гирифта, системаи сиёсӣ инчунин дар худ надстройкаеро, ки аз тарафи базиси иқтисодии ҷомеа муайян карда мешавад, таҷассум мекунад.

**Сеюм** ин мустақилияти нисбӣ мебошад. Он ба мавҷудияти механизми махсус, сохт, нақшаҳо ва вазифаҳо вобаста аст. Системаи сиёсӣ яке аз зерсистемаҳои расмии ҷомеа мебошад. Муносибатҳо дар чорчӯбаи он чун қоида аз рӯи меъёрҳои махсуси ҳуқуқӣ ва сиёсӣ танзим меёбанд.

**Чорум**, системаи сиёсӣ ба тамоми ҷомеа таъсири фаъолона дорад. Ин бартарӣ бо он маънидод карда мешавад, ки он сарварии ҳокимияти сиёсиро ба даст гирифта, имконияти идора кардани боигариҳои ҷамъиятиро дорад. Ин хусусиятҳо мансуби системаҳои сиёсии гуногунмиқёс мебошанд. Ҳар як форматсияи ҷамъиятию иқтисодиро онҳо ба мазмуни алоҳида пурра гардонида метавонанд.

Системаи сиёсӣ ташкилоти мураккабе мебошад, ки мавҷудияти ҷамъиятро ҳамчун вуҷуди ягона ва соҳиби идоракунии марказонидашуда таъмин менамояд. Барои ҳамин ҳам яке аз вазифаҳои муҳими таҳлили ин объект ҷудо кардани элементҳои муҳими ташкилкунандаи он, омӯзиши амалиёти инкишоф ва ҳамкорӣ мебошад.

Дар адабиёти сиёсӣ одатан чор гурӯҳи элементҳои системаи сиёсии ҷамъиятӣ вобаста ба нақшаҳо ва вазифаҳо ҷудо карда мешаванд:

1) иттиҳодияҳои сиёсӣ;
2) муносибатҳои сиёсӣ;
3) меъёрҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ;
4) шуури сиёсӣ ва маданияти сиёсӣ.

Иттиҳодияҳои сиёсии ҷамъиятиро ҷузъҳои таркибии зерин ташкил медиҳанд: а) давлат бо тамоми хусусиятҳои он (ташкилотҳои олӣ ва маҳаллии давлат, ташкилотҳои иҷроия, ҳифзи ҳуқуқ, қувваҳои мусаллаҳ ва ғайра); б) ҳизбҳои сиёсӣ; в) иттифоқҳои касаба; г) иттиҳодияи ҷавонон ва ғайра. Ба ташкилоти сиёсии ҷомеа пеш аз ҳама институтҳои (ташкилотҳо, муассисаҳо), ки бо фаъолияти ҳокимияти сиёсӣ алоқаманд, дохил мешаванд. Ба амалбарории фарқиятҳои давлат ё мубориза барои ҳокимият ин фаъолияти асосии ташкилотҳои сиёсӣ ба шумор меравад. Худи ташкилотҳои сиёсӣ ин давлат ва ҳизбҳои сиёсӣ мебошанд. Фаолияти чунин ташкилотҳо ба монанди иттифоқҳои касаба, ҷавонон, занон ва ғайра, ҳарчанд ки бо амалигардонии ҳокимияти сиёсӣ алоқаманд аст, вале ин танҳо яке аз соҳаҳои фаолияти он мебошанд.

Ба ғайр аз ташкилотҳои сиёсӣ ба сохти системаи сиёсӣ инчунин муносибатҳои сиёсӣ ҳам дохил мешаванд. Онҳо дар худ гуногунии муносибатҳои ҷамъиятиро таҷассум намуда, дар натиҷаи амалигардонии ҳокимияти сиёсӣ ё бо сабаби он ба вуҷуд меоянд. Вобаста ба сохти субъективӣ муносибатҳои сиёсиро ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст. Пеш аз ҳама ин муносибати байни синфҳо, миллатҳо ва давлатҳо мебошанд. Онҳо асоси системаи сиёсиро ташкил дода, дар фаолияти ташкилотҳои сиёсии дахлдор ва муносибатҳои онҳо таҷассум меёбанд. Гурӯҳи дигарро муносибатҳое ташкил медиҳанд, ки дар раванди фаъолияти ҳокимияти сиёсӣ, таъсири органҳои роҳбарикунанда ва идоракунанда ба равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданӣ мерасанд. Ба гурӯҳи сеюми муносибатҳои сиёсӣ, яъне муносибатҳоеро ворид кардан мумкин аст, ки байни ташкилотҳо ва муассисаҳои ҷамъиятӣ ба амал меоянд.

Яке аз ҷузъҳои асосии системаи сиёсиро меъёрҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Онҳо асоси меъёриашонро ташкил медиҳанд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ муносибатҳои сиёсиро ба танзим дароварда, ба онҳо низом бахшида, матлубу номатлуб буданро аз нуқтаи назари мустаҳкамкунии системаи сиёсӣ муҳайё мекунанд. Бинобар ин дар назар доштан мумкин аст, ки дар ҳар як ҷамъият қувваҳои иҷтимоие вуҷуд дошта метавонанд, ки на тарафдори ақида ва меъёрҳои сиёсию ҳукмрон, балки тарафдори дигар ақидаҳо мебошанд. Дар натиҷаи ба ҳаракат даромадан ин қувваҳо метавонанд, системаи мавҷударо муташанниҷ гардонанд. Ба воситаи меъёрҳои ҳуқуқи сохторҳои давлатӣ ба маълумоти ҷомеа, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва шахсони алоҳида мақсадҳои хешро асоснок карда, қарорҳои сиёсӣ қабул менамоянд.

Ба қатори ҷузъҳои сиёсии ҷомеа инчунин шуури сиёсӣ ва маданияти сиёсӣ низ дохил мешаванд. Мазмуни шуури сиёсӣ дар намуди фаолияти сиёсӣ ба амал меояд. Он бо сохти сиёсӣ зич алоқаманд буда, дар худ ҷузъи ҳақиқии фаолияти онро таҷассум мекунад.

Барои фаъолияти сиёсӣ маданияти сиёсӣ дар ҷомеа аҳамияти фавқуллода дорад. Маҳз вай хислатҳои тамоми ҳаёти сиёсӣ, институтҳои сиёсӣ, муносибатҳо ва равандҳо мебошад. Бе назардошти он ҳаёти сиёсии ҷомеа, аз он ҷумла, муносибатҳои сиёсӣ ва механизми ҳокимияти сиёсиро фаҳмидан номумкин аст. Аҳамиятнокии маданияти сиёсӣ пеш аз ҳама дар он аст, ки вай оромии системаи сиёсиро таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, ҳар як ҷузъи таркибии системаи сиёсӣ ҷойи муайяну дақиқ дошта, дар ҳаёти сиёсии ҷомеа нақши муҳимро мебозанд.

Системаи сиёсии муайян ва ҷузъи ба он дохилшаванда мазмуни иҷтимоӣ дошта, таҷассуми манфиатҳои муайяни иҷтимоӣ мебошанд, моҳияти он ҳам дар ҳамин аст.

Моҳияти системаи сиёсӣ дар вазифаҳои он маълум мешавад. Гуногунӣ ва вусъатнокии нишонаҳои фаъолияти сиёсиро ба назар гирифта, чунин вазифаҳои онро ҷудо кардан мумкин аст:

а) муайян кардани мақсад ва вазифаҳои давлат ё мақсадгузориҳои сиёсӣ;

б) сафарбаркунии захираҳо барои ба даст овардани мақсад ва вазифаҳое, ки дар назди ҷомеа, қувваҳои иҷтимоӣ ва синфӣ роҳбарикунандаи он меистанд;

в) интегратсияи тамоми ҷузҳое, ки ба системаи сиёсии ҷомеа дохил мешаванд;

г) легитимизатсия ё ин ки тасдиқ кардани қонунӣ будани ҳуқуқи худ доир ба идоракунии ҷомеа.

Вазифаи мақсадгузории сиёсӣ низ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Мақсад ҳамчун пешбинии вазъияти оянда мебошад, ки ба он одамон ва ташкилотҳои онҳо бошуурона кӯшиш менамоянд. Асосгузории коркарди мақсадҳои сиёсӣ, ки ба тағйирёбии ҳокимият, институтҳои сиёсӣ, инкишофи демократия, муносибатҳои миллӣ ва г. сару кор доранд, ифода меёбанд. Интихоб ва барқарор кардани мақсадҳо фаъолияти қатъии сиёсӣ ба таҳлили илмӣ, равандҳои ба амал омадаистода, баҳисобгирӣ ва пешгӯиҳои ҳаматарафа, фаъолияти муҳими сиёсиро талаб мекунанд.

Системаи сиёсӣ вазифаи мутобиқгардонӣ ва интегративиро иҷро мекунад. Барои таъмин намудани устувории системаи сиёсӣ лозим меояд, ки вай манфиатҳои иштироккунандагони ҳаёти сиёсиро ба назар гирифта, зиддиятҳои дар байни онҳо ба амал меомадаро ба танзим дарорад. Инчунин қувваҳои синфҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ташкилот ва ҳаракатҳо ва манфиатҳои онҳоро мутобиқ гардонад. Системаи сиёсӣ вазифадор аст, ки ҷузъҳои гуногуни сохтори иҷтимоӣ ва миллиро дар асоси консепсияи арзишҳои асосӣ ва идеалҳо, ки онҳоро пеш аз ҳама қувваҳои асосии ҷомеа мешуморанд, интегратсия намояд.

Вазифаи қонунигардонӣ ё ин ки батанзимдарории тартиботи фаъолияти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа аҳамияти калон дорад. Дар назар дошта мешавад, ки барқарор кардани чунин фаолияти одамон, гурӯҳҳо, ташкилотҳо, шаклҳои муносибати байни онҳо ва давлат, риояи манфиатҳои умумӣ ва барқарор кардани

муносибатҳои ҷамъиятиро таъмин менамояд. Меъёрҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, идеалҳо ва арзишҳо. сабабҳо ва асосҳои ахлоқии ҷамъиятиро, ки ҳамчун кӯмак барои дур кардани низоъҳо ва тасдиқ намудани тарзи ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ки дар натиҷаи инкишофи ҷомеа ба миён меоянд, ба манфиати синфҳои ҳукмрон ҳал мекунанд.

Ҷузъҳои номбаршуда ва вазифаҳои системаи сиёсӣ чизи шахшуда набуда, аз рӯи ҳисоби вазъияти қонунияти таърихии сатҳӣ ба даст овардаи иқтисодиёт, маданият, некӯаҳволӣ, устувории сиёсӣ инкишоф меёбанд.

### 3. Шаклҳои системаҳои сиёсии муосир

Сохти сиёсии ҷомеа устувории муносибатҳои сиёсиро ифода намуда, шаклҳои онро тавсиф медиҳад. Дар инкишофи назарияи шаклҳои системаи сиёсӣ намояндагони машҳури равияи структуравӣ-функсионалӣ Г. Элмонд, С. Вербер, Т. Парсонс, К. Каплан ва ғ. саҳми муносиб гузоштаанд.

Дар солҳои 50-ум ва аввали солҳои 60-уми асри XX дар масъалаи типологизатсияи системаҳои сиёсӣ нуқтаи назари Г. Элмонд ҳукмрон буд. Мувофиқи он равияи асосии типологияи системаҳо ин як қатор лаҳзаҳои маданиятшиносӣ ва ахлоқие буданд, ки чӣ ба система ва чӣ ба субъектҳои он хос аст. Дар солҳои охир ин равия бо танқиди хеле асоснок рад карда шуд. Ҳамчун аломатҳои типологии системаҳо як ё якчанд хусусиятҳои фарқкунандаи ин ё он системаи сиёсӣ гирифта мешуданд. Дар асоси типология баъзан равияи "устувор"-и Т. Парсонс кор карда шуда буд. Парсонс чунин меҳисобид, ки тавсифи нисбатан умумӣ ва заминадори системаи сиёсӣ ин алоқаи байни ҷузъҳои он мебошад. Тартибот дар муносибатҳои байни онҳо ба тамоили худнигоҳдории система, ки дар мафҳуми мувозинат ифода меёбад, зоҳир мешавад. Фарқи ин намуди системаҳо ин тамоили муқобилият нисбат ба дигаргуниҳо, кӯшиши системаҳо оид ба нигоҳ доштани сохтори аввал мебошад. Аслан сохт ба ақидаи Парсонс, дар мувофиқати аъзоёни он нисбати арзишҳои асосӣ пайдо мешаванд.

Марксизм аз нуқтаи назари форматсионӣ ба таҳлили ҳодисоти ҳаёти сиёсӣ сару кор дорад. Намуди системаи сиёсӣ, мазмун, ҷиҳатҳои хос ва хусусиятҳои он пеш аз ҳама дар асоси он, ки системаи сиёсии мавҷуда ба кадом синф мансуб аст, муайян карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки намудҳои системаи сиёсӣ аз рӯи базиси иҷтимоию иқтисодии ҷомеа муайян карда мешаванд. Ҳар як форматсияи иҷтимоӣ-иқтисодӣ фақат базис ва намуди надстройкаи сиёсии ба худ хосро дорост. Системаи сиёсии аз нав бавуҷудомада зуд такмил меёбад, қувват мегирад, нав мешавад ва ба базиси худ мутобиқ шуда, институтҳои сиёсии нави ҳокимият ва идоракуниро ба миён меоварад. Ҳамзамон, аз арсаи сиёсӣ хосиятҳои кӯҳнашудаи синфҳои ҳукумрон ва системаи идоракунии онҳо рафта, ба ҷои онҳо қувваҳои нави сиёсӣ падид меоянд. Онҳо бо шакл ва намуди хоса надстройкаи сиёсиро тағйир медиҳанд. Супоришҳои иҷтимоии идораи онҳоро дар системаи ҳизбҳои ба онҳо муносиб ва дигар институтҳои сиёсӣ ба ҷо меоваранд.

Системаҳои сиёсии муосирро ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1.Системаи сиёсии ҷомеаи буржуазӣ;

2.Системаи сиёсии ҷомеаи сотсиалистӣ;

3.Системаи сиёсии мамлакатҳои тараққикардаистода.

Ҳамин тавр, системаи сиёсиро аз нуқтаи назари таҳлилӣ, ки аз ҷиҳати тавсиф ва сохти дохилӣ ҳамчун системаи мураккаби махсус ва аз як чанд қисмҳои таркибии мухолиф амал мекунад, бояд омӯхт. Барои омӯзиши пурра ва ҳаматарафаи чунин маҷмӯи системаҳо ё ин ки зерсистемаҳо сохт ва ҷузъҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятиро ба он дохил карда, нуқтаи назари ҳаматарафа ва тафриқавӣ ба вуҷуд овардан лозим аст.

Системаи сиёсии ҷомеаи капиталистии муосир ин ташкилоти синфие мебошад, ки мавҷудияти ҷомеаро ҳамчун организми том ва мақсаднок идоракунандаи ҳокимияти сиёсӣ имконият медиҳад. Аз ин ҷо, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки вазифаи аввалиндараҷаи таҳлили ин система ин таҳлили зерсистема ва ҷузъҳои он, омӯзиши фаолият, инкишоф ва ҳамкории онҳо мебошад.

Ифодаи нисбатан хоси системаҳои сиёсии ҷомеаи буржуазии муосир намудҳои онро, ки дар мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ва ИМА ташаккул ёфта буданд, ҳисобидан мумкин аст. Таҳдиди қатъӣ ба устувории системаи сиёсӣ ин имконияти дар вақти интихобот ба сифати шиори сиёсӣ бардоштани масъалаи тақсимоти давлат ё ин ки боигарӣ мебошад. Одатан масъалаи аз нав тақсимкунӣ ба воситаи таснифи гурӯҳҳои иҷтимоие, ки яке аз онҳо соҳиби имтиёзҳо буда, ҳуқуқҳои дигаре маҳдуд карда шудаанд, амалӣ мегардад.

Ноустуворӣ хусусияти хоси системаҳое мебошад, ки ҳамин гурӯҳҳо аз дуто зиёданд.

Як қатор тадқиқотчиёни Ғарб, масалан Г. Экстайн системаҳои сиёсии ҷомеаи буржуазиро ба се шакл ҷудо мекунад: ба шакли якум онҳо системаеро мансуб медонанд, ки бо консенсус асос ёфтаанд (масалан Британияи Кабир). Ба намуди дуюм системаҳое, ки ба таври механикӣ интегратсия карда шуда, ҳамбастагии институтҳои дохилӣ ва субъектҳои он бо равияи тақсимоти масъулияти сиёсӣ таъмин карда мешаванд. Ба гурӯҳи сеюми вай системаҳои обшинагиро, ки дар муносибатҳои якдилӣ байни гурӯҳҳои ҷудогонаи худи системаҳо асос ёфтааст, мансуб медонад.

Бо ҳама умумият хусусиятҳои синфии сохти сиёсии ҳозира асосан дар мамлакатҳои капиталистӣ, ки барои онҳо тарзи буржуазии демократӣ, ҳукмронии монополистии сармоя ҳангоми тараққиёти нисбатан баланди "ҷомеаи гражданӣ", институтҳои сиёсии он хос мебошад, системаҳои якхела нестанд.

Барои фаҳмидани моҳияти системаи сиёсии ҷомеаи сотсиалистӣ ба саволҳои зерин ҷавоб додан муҳим аст: а) ба манфиати кӣ ҳокимияти сиёсӣ амалӣ гардонида мешавад? б) кӣ ва чӣ тавр ҳокимиятро амалӣ мегардонад?

Системаи сиёсии ҷомеаи сотсиалистӣ дар худ механизмеро таҷассум мекунад, ки ба воситаи он мақсад ва вазифаҳои тараққиёти ҷамъият кор карда шуда, воситаҳои ба даст овардани мақсад ва иҷроиши вазифа муайян карда мешавад.

**Ба саволе, ки ба манфиатҳои кӣ ҳокимияти давлатӣ амалӣ гардонида мешавад, ҷавоб ягона аст:** ба манфиати халқ, чунки ҳокимияти халқӣ тамоили асосии фаъолияти система мебошад. Саволи дуюм диққати моро ба он сохторҳои сиёсие ҷалб мекунад, ки ба воситаи онҳо ҳокимияти сиёсӣ амалӣ гардонида мешавад. Ҷузъҳои таркибии системаи сиёсӣ аз давлат сар карда то ташкилотҳои ба ном ғайрирасмӣ, намудҳои гуногуни меъёрҳои гуногуни иҷтимоӣ ва пеш аз ҳама, сиёсӣ, мебошанд. Ба системаи сиёсӣ коллективҳои меҳнатӣ бо сабаби иштирок кардани онҳо дар ташкилотҳои намояндагии ҳокимияти давлатӣ дохил мешаванд.

Системаи сиёсии мамлакатҳои тараққикардаистода (асосан давлатҳои Осиё, Африқо, Америкои Лотинӣ) бо як қатор хусусиятҳои нисбатан нави тараққиёт, ки ба қафомондагӣ ва тобеъияти онҳо вобаста аст, тавсиф карда мешавад. Хусусияти умумии системаҳои сиёсиро дар мамлакатҳои тараққикардаистода чунин қайд кардан мумкин аст:

- дар қисми зиёди мамлакатҳои тараққикардаистода системаҳои сиёсӣ бо роҳи инқилобӣ ба вуҷуд омадаанд;
- нақши давлат афзалиятнок мегардад;
- нақши омили субъектӣ, ки дар нақши махсуси арбоби сиёсӣ, дар "персонализатсия" падид меояд, муҳимтар мегардад.

Барои таҳлили аниқтари онҳо донишҳо оид ба системаҳои сиёсии ҷудогона ва ҳамкории онҳо талаб карда мешаванд.

# ОППОЗИТСИЯИ СИЁСӢ

Маълум аст, ки мақсаду мароми оппозитсия мубориза бурдан мебошад, лекин мубориза на танҳо барои барҳам задани системаи идоракуние, ки ба вай писанд нест, балки барои тағйир додани система равона мегардад. Яъне ба низоми муайян ба муросо омадан, ҳатто дар ҳолате ки вай хеле пурқувват аст. Аз ин ҷиҳат зарурати пайдоиши оппозитсия дар ҳокимият маълум аст. Яъне оппозитсия бояд ҳокимиятро пайгирӣ намояд ва пеши роҳи он ҳамеша маълум бошад. Умуман, аз назари илмӣ оппозитсия бояд дар назари ҳокимият пурқувват намояд.

## 1. Мафҳуми "оппозитсияи сиёсӣ", шакл ва намудҳои он

Фаҳмиши имрӯзаи мафҳуми "оппозитсия" ва паҳлӯҳои гуногуни он баъд аз ба даст овардани истиқлолияти ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мавриди таҳлилу тадқиқи ҷиддӣ қарор ёфт,ки яке аз мавзуҳои муҳими илмҳои сиёсӣ ба шумор меравад. Ҳамин тариқ, дар нашри русии "Қомуси сиёсӣ" оппозитсия чунин маънидод шудааст: оппозитсия (аз калимаи лотинии opposition)- ҳамчун мухолифат ва муқобилияти сиёсати муайян, самти сиёсӣ, амали сиёсӣ; шахс, ҳизб ва ташкилоте, ки дар якҷоягӣ бар зидди системаи сиёсии давлат баромад мекунанд, нишон дода шудааст. Аммо дар таҷриба ва илми сиёсӣ гурӯҳбандии гуногуни шаклҳо ва намудҳои оппозитсияи сиёсӣ мавҷуд аст.

Якум, аз рӯи муносибат бо ҳокимият вай метавонад, қонунӣ ва ғайриқонунӣ бошад.

Дуюм, аз рӯи макони фаъолият метавонад, парламентӣ ва ғайрипарламентӣ бошад.

Сеюм, аз рӯи усули фаъолият метавонад, системавӣ ва ба ҳолатҳо рӯоваранда бошад.

Намудҳо ва шаклҳои оппозитсия аз иқтидори низои сиёсӣ ва инчунин аз системаи ташкилшавии вай дар раванди сиёсӣ вобастагӣ дорад. Дар ҳолате, ки иқтидори низоъ дорои таҳдиди ҷиддӣ аст, аллакай, ҳаракатҳои

инқилобӣ ҷоннок ва мухолифин пурқувват мегарданд. Бештар фаъолияти муваффақонаи мухолифин аз чунин омилҳо вобаста аст. Якум, аз рӯи қонун мустаҳкам намудани ҳуқуқ ва озодиҳо, ҷамъомадҳо ва ақидаҳо. Дуввум, ба инобат гирифтани фикру пешниҳодҳо ҳангоми қабули қарор аз тарафи парламент ва ғайра.

Аз рӯи рафтори муносибат бо ҳизби ҳукмрон ва ҳокимият бошад, оппозитсияро бо чунин шаклҳо аз ҳам фарқ мекунанд:

- мӯътадил;
- қонунӣ (барои кӯмак ва муросо бо ҳокимият омода аст);
- асоснок (конструктивӣ);
- вайронкунанда, мутлақан инкоркунандаи самти пешгирифта (ғайриқонунӣ).

Аз рӯи шароите, ки оппозитсияи сиёсӣ амал мекунад, онҳо метавонад, расмӣ ва ғайрирасмӣ бошад. Ҳамин тариқ, оппозитсияи сиёсӣ ин механизми мушаххаси ташкилшавии гуногунандешии сиёсӣ, қобилияти субъектҳои сиёсат бо мавқеи ягона ба муносибати ҳизби ҳукмрони ҳукумат, вобастагии фикри аксарият ба ҳокимият ба шумор меравад. Ба ақидаи мо, мақсади ниҳоии оппозитсия ин эътирофи вай дар майдони сиёсат мебошад. Бинобар ин ягона воситае, ки онҳо ба ин мақсади худ ноил мегарданд, ин муқобилгузории мубориза ба системаи амалкунанда мебошад. Чуноне ки мутахассисон қайд мекунанд, мо дар муқоиса бо Аврупо дар шароити дигар ҷой дорем, яъне дар макони, ки урфу одатҳои бисёрасра дорад. Аз ин рӯ, мо вазифадор ҳастем, ки дар шароити истибдоди шарқӣ кафолати оппозитсияро аз рӯи қонун ифода намоем. Вобаста ба ин ақидаҳои мухталиф мавҷуданд. Масалан, дар Осиёи Марказӣ парламенти дохилаш беҳизб ва суст ба қисмҳои сиёсӣ ҷудошуда мавҷуд аст, аз ин рӯ, зарур аст, ки дар байни ҳизбҳои ҳукуматӣ ва оппозитсия дар мавриди муносибати онҳо бо сарвари давлат ва самти сиёсии пешгирифта сарҳад ҷудо карда шавад. Аз ин ҷо барои фаҳмидани саволе, ки чиро дар ин самт бояд қонун ба тартиб дарорад? Шояд зарур аст, қайд намоем, ки объект

ва соҳаи идоракунӣ, субъектҳо ва кафолати фаъолияти оппозитсия муайян карда шавад.

Ба ақидаи мо соҳаи батартибандозии қонун бояд муносибати байни хокимият ва оппозитсия бошад. Дар қонун бояд фаҳмиши оппозитсия, вазъият, кафолати фаъолияти боимтиёзи оппозитсия ҷой дошта бошад. Аммо барои он, ки ҳамаи ин гуфтаҳо амалӣ гарданд ва хокимияти амалкунанда онҳоро таъмин намояд, бояд оппозитсия пурқувват ва дорои шуури интелектуалии баланд бошад. Вобаста ба ин масъала оппозитсияи демократӣ-коммунистӣ дар Тоҷикистон бозии сиёсиро бохтанд. Зеро дар нақши оппозитсия асоси исломгароён фаъолияти амалӣ намуданд. Вале онҳо низ дар охир ҳамчун оппозитсия оҳиста-оҳиста нуфузро аз даст доданд. Сабаб ин буд, ки онҳо бештар ба кайфияту ҳиссиёт такя намуда, фаҳмишу шуури аҳолии мамлакатро бо роҳи қалбакӣ ба худ кашида буданд. Оид ба муносибат ва шаклҳои оппозитсияи тоҷик то имрӯз фикру андешаҳои мухталиф мавҷуд аст, ки ба баъзе шаклҳои дигари мавҷуда рост намеоянд.

## 2. Оппозитсия ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ

Масъалаи оппозитсияро ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ дар дигар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ низ қайд менамоянд. Онҳо алоқамандии зич доштани оппозитсияро ба низоъ бештар қайд мекунанд. Бояд гуфт, ки мавҷуд будан ва шаклҳои гуногуни бавуҷудоии оппозитсия аз иқтидори низоъҳои сиёсӣ ва ҳаҷми рӯзмарраи онҳо дар раванди сиёсӣ вобастагии калон дорад. Аз ин рӯ, ошкор сохтани мундариҷаи фаҳмиши "оппозитсияи сиёсӣ" имкон медиҳад, ки фарқияти ҳамаи зуҳурот ва падидаҳое, ки бо мафҳуми оппозитсия ифода мегарданд, дарк карда шавад. Аксар вақт дар зери мафҳуми оппозитсияи сиёсӣ ақалияте фаҳмида мешавад, ки назари онҳо ва мақсади онҳо мухолифи аксари иштироккунандагони раванди сиёсии амалкунанда мебошад. Ҳамин тариқ, мафҳуми "оппозитсияи сиёсӣ" хислати хоси субъекти амалкунандаи низоъро дорад. Яъне, аксуламалеро васф мекунад, ки сиёсат, мавқеъ ва бартарии низоъро баён менамояд.

Бояд қайд кард, ки мавҷудияти оппозитсия дар он мамлакатҳое, ки рӯҳониён ба ҳар восита барои дастгирии шахсияти сарвари сиёсии амалкунанда кор мекунанд, имконпазир аст. Лекин дар мамлакатҳое, ки оппозитсия дар системаи сиёсӣ институтикунонида шудаанд, мавҷудияти ғайриқонунӣ доранд. Умуман, оппозитсияи сиёсӣ ҳамчун ҳастии ҷамъиятӣ дар ҷомеа ҷои худро дорад. Моҳияти асосии оппозитсияи сиёсӣ дар он аст, ки фаъолони озордидаи табақаҳои гуногуни иҷтимоии аҳолӣ, гурӯҳҳое, ки дар мубориза барои ҳокимият мағлуб шудаанд аз таъсиррасонии ҷиддӣ ба ҳокимият дур мегарданд. Ҳамзамон, кӯшиш менамоянд, ки барои мубориза ба восити ин ё он методи режими сиёсӣ ва ҳоким муттаҳид шаванд.

Пайдоиши падидаҳои нав дар таркиби оппозитсияи сиёсӣ талаб менамояд, ки ин масъала ба таври алоҳида ва муфассал тадқиқ шавад. Дар ин ҷо мо ба он диққат медиҳем, ки сабаби мӯъҷизаофарии сиёсӣ кадом омилҳоро дар бар мегирад. Албата ин ҷо ба таври фаврӣ иваз намудани воқеияти сиёсӣ ва инкишофи сиёсикунонии ҷомеа хеле ҷиддӣ аст. Ба қисми омилҳои инкоршуда бошад инҳоро ворид намудан мумкин аст: суст будани фикрронии сиёсӣ, пайдарпайии маданияти сиёсии ихроҷшаванда. Чуноне ки маълум аст, асотир ва тассавуроти нодурусти сиёсӣ мутобиқи барномаҳо ва нақшаҳои стратегӣ ташаккул меёбанд. Ташкилёбии онҳо бештар барои баланд намудани мавқеъ, ҷалб намудани электорат, яъне барои зиёд намудани манбаъҳо зарур аст. Дар онҳо бештар манфиатҳое таҷассум меёбанд, ки ба воқеияти мавҷуда аҳамият намедиҳанд.

Оппозитсияи мусаллаҳона чун қоида ҳамин гуна ҳолатро муайян мекунанд, зеро ки матлаби вай ба даст даровардани ҳокимият ба таври зӯрӣ мебошад. Вале шакли дигари шарҳи ин барнома вуҷуд дорад, зеро на ҳамаи оппозитсия масъаларо ба таври инқилоб ҳал намудан мехоҳанд.

Якум, оппозитсия чун қоида иттифоқи ҷамъиятӣ-сиёсие мебошад, ки дар аввал худро возеҳу равшан

муқобили қувваи сиёсии давлат дар самти масъалаҳои барномавии сиёсат, манфиатҳои базавӣ, афкори асосӣ ва мақсадҳо мегузорад. Дуввум, он ки оппозитсия аз ташкилоти сиёсии ҳаммаслакон- яъне ҳизб, гурӯҳ, ҳаракат ва ғайра ташкил ёфтааст. Сеюм, ин ки он қодир аст, барои мубориза ва мубоpизаро барои бартарӣ доштан ва инкишоф додани ҳолати муносибати ҳокимият давом диҳад. Дар охир оппозитсия дар он вақт ташкил мешавад, ки сарвари сиёсӣ дошта бошад ва ҳамаи муттаҳидшудагонро дар рӯҳияи принсипҳои барномаи худ тарбия намояд ва худаш намунаи ибрати дигарон бошад.

Барои баҳо додани дараҷаи тахассусии оппозитсия дар илмҳои сиёсӣ нуқтаи назари гуногун вуҷуд дорад. Аз он ҷумла оппозитсияи маъмулӣ, иҷтимоӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва сиёсӣ.

1.**Оппозитсияи маъмулӣ** дар ячейкаи ибтидоии ҷомеа-оила, обшина, байни оилаҳо ва қабилаҳои авлодӣ ба вуҷуд меояд. Вай одатан дорои характери агрессивӣ мебошад ва доимо бо натиҷаҳои душвор ва ногувор барои ҳамаи аъзои оила ба анҷом мерасад.

2.**Оппозитсияи иҷтимоӣ** бошад, дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки дар ҷомеа нобаробарӣ ва ноадолатии иҷтимоӣ ҷой дошта бошад. Инчунин дар шароите, ки байни бою камбағал тафовут ба миён омада бошад, пайдо шудани оппозитсия амри воқеъист.

3.**Оппозитсияи иҷтимоӣ-сиёсӣ** одатан ақаллияти иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеаро дарбар мегирад, ки дар давлати демократӣ онҳо низ дорои оянда ва ҳуқуқҳои муайяне мебошанд, ки бояд аз тарафи ҳокимият ва аксарияти органҳои интихобии ҳокимият ба назар гирифта шавад.

4.**Оппозитсияи сиёсӣ** дар сиёсат метавонад, дар дараҷаҳои гуногуни ҳукмронӣ ва дар ҳокимияти гуногуни давлатӣ ва ҳизбӣ дар дохили онҳо арзи ҳастӣ намояд. Оппозитсияи сиёсӣ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ба сифати гурӯҳи ҳизбҳои муташаккил, ташкилотҳои ҷамъиятӣ амал мекунад, ки ба муқобили сиёсати пешгирифтаи элитаи сиёсӣ аз рӯи идеология ва барнома амалӣ мегардад. Дар парламент бошад, он ақаллияти сиёсиеро мефаҳманд, ки

ба муқобили аксарияти сиёсие, ки дар сиёсати худ бо мақсадҳо ва методҳо ҳокимияти давлатиро месозанд, меистад.

Оппозитсия ба таври объективӣ арзи ҳастӣ намекунад, яъне на ҳамчун зуҳуроти доимӣ, балки дар рафти ташаккули низоъ ташкил меёбанд. Агар шароитҳои мусоиди иҷтимоӣ вуҷуд дошта бошанд, оппозитсияи комил ва конкретӣ пайдо шуда метавонад. Ин натиҷаи қонунии оппозитсия дар системаи иҷтимоӣ-сиёсӣ аст. Оппозитсия ба сифати қувваи рӯзмарра дар он замоне пайдо мешавад, ки мухолифати вай дар системаи марзҳо иҷозат дода шавад ва ё то андозае назорат карда шавад. Саволе ба миён меояд, ки ба оппозитсия чӣ таъсир мерасонад, ки дар бисёр ҳолатҳо амали танқидӣ ва популистиро пеш гирифта, фаъолияти ҳокимиятро халалдор месозад? Посух ин аст: барои он ки баъзе ақаллиятҳои норозӣ ба оппозитсия табдил ёбанд, ба онҳо бояд комилан шароит муҳайё бошад.

Онҳо бояд мутобиқи фикр ва тартиботи ҷомеа норозигии оммаро ифода карда тавонанд. Вагарна онҳо аз ду таркиб иборат мешаванд: оппозитсияи ба таври фардӣ ташкилшуда, яъне ифодакунандаи манфиати шахсӣ ва оппозитсияи номуташаккили дорои манфиатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва электоралӣ.

Дар шароитҳои муайян ва мусоид оппозитсия бояд аз рӯи ягон стратегия амал намояд ва дорои мақсади муфассал, равшан ва амалишаванда бошад. Чӣ хеле ки Р. Дал қайд мекунад, оппозитсияеро, ки таркиби муайян дорад, мавҷудияташро тасдиқ намудан даркор, ба шарте ки дар чунин шароит оппозитсия дорои чунин моҳият бошад. Фарз мекунем, ки гурӯҳҳои А дар дохили ҳокимият ҳастанд ва гурӯҳҳои Б не. Гурӯҳи Б-ро метавонем, оппозитсия номем, ба шарте ки стратегияашон ба муқобили стратегияи гурӯҳҳои А равона шуда бошад. Агар оппозитсияи фикрҳо ва стратегияҳо вуҷуд надошта бошанд, пас оппозитсия низ вуҷуд надорад. Зиддиятро метавонем дар ҳолати муқобилгузарӣ нисбати ҳокимият оппозитсия номем.

Бо мазмуни дигар гӯем, бояд мубориза комилан мувофиқат кунад, яъне агар ҳокимият бо ҳамроҳии оппозитсия шуморида шавад, мумкин аст, ки дар фаъолияташ аз тарафи оппозитсия маҳдудиятҳо пайдо гарданд. Агар баъзе одамон эълон кунанд, ки ҳокимият ба онҳо писанд нест, ҷанҷол кунанд ва дар сари ҳар қадам онҳоро таҳқир кунанд ҳам, имкониятҳое вуҷуд дорад, ки ҳокимият сиёсати худро пеш мебарад. Ҳамзамон ба ин норозигӣ аҳамият надода, онҳоеро, ки тартиботи ҷамъиятиро вайрон намудаанд, паси панҷара мефиристанд ва танҳо як қисми одамони норозӣ метавонанд, дар статуси муайян идао намоянд, на ин ки дар рақобати сиёсии ҳокимият.

Инчунин оппозитсияи сиёсӣ метавонад, дар дохили ҳизб ё ташкилоти интихобӣ аз гурӯҳҳои ашхосе иборат бошанд, ки ба муқобили қарорхо ва афкори аксарият баромад намоянд. Пайдоиши оппозитсияро аз рӯи доираи муайян чунин тасаввур кардан мумкин аст: зиддияти иҷтимоӣ-сиёсӣ, кайфияти сиёсӣ ва амали эътирозии омма, ҳолати ба низоъ бархӯрдан, низои сиёсӣ дар самтҳои ифодакунандаи низоъ ва оппозитсияи намудҳои гуногун.

Оппозитсияро дар навбати худ аз рӯи характер ва шаклҳояш ба чунин шаклҳо ҷудо менамоянд: таркибӣ (констурктивӣ), илмӣ, деструктивӣ, қонунӣ, мӯътадил, радикалӣ, парламентӣ ва ғайрииарламентӣ.

Оппозитсияи парламентӣ муқобили самти сиёсати пешгирифтаи ҳукумат баромад намуда, кӯшиш менамояд, ки онро ба истеъфо барорад. Фаъолияти вай аслан дар атрофи парламент амалӣ гардида, аз рӯи тартиботи он маҳдуд карда мешаванд. Вай чун қоида аз рӯи меъёри ҳизбӣ ва ё дар асоси гурӯҳҳои ҳизбӣ ташаккул меёбад.

Оппозитсияи ғайрипарламентӣ бошад, ба сифати эътирозчӣ фаъолияти худро дар шакли маҷлисҳо, намоишҳо, ҷамъомадҳо, роҳпаймоиҳо ва ғайраҳо ба роҳ мемонад. Масалан, дар Тоҷикистон чунин оппозитсияи ғайрипарламентӣ дар моҳи феврали соли 1991 бо ташаббуси оппозитсияи исломӣ ва коммунистӣ ташкил шуда буд.

Маҳз ҳамин равандҳои манфиатҳои элитаҳои нав ва кӯҳнаро дар фазои сиёсии Тоҷикистон такон дод. Онҳо хусусиятҳои мундариҷаи низои сиёсиро пурра намуданд ва баъд аз истиқлоликунонӣ оппозитсияи ғайрипарламентӣ ва қувваҳои ҳаракаткунадаи ислоҳоти сиёсӣ дар ҷумҳурӣ гардиданд.

Ислоҳоти демократӣ ба зиёиёни ҷомеа имконияти пешниҳод кардан ва ташаккул додани сарваронеро дод, ки нияти мубориза ба ҳокимиятро доранд. Яке аз таҳлилгарон оид ба ин масъала қайд мекунад, ки: қисми зиёии аз моҷароҷӯён таркибёфта, ки истиқлолиятро ҳама интихобкорона қабул намуданд, аз мавқеи манфиатҳои авлодӣ баромад карда, фикри ғалат карданд. Лекин элитаи роҳбарикунандаи кӯҳна ин далелро писандидан нахост ва кӯшиш намуд, ки аз тамоми воситаҳои истифода намояд, то ки бо рақобати сиёсӣ мубориза барад.

Бояд гуфт, ки оппозитсияи сиёсӣ дар давлатҳое, ки муборизаи идеологияҳо вуҷуд надоранд, арзи ҳастӣ карда наметавонад. Кӯшиши нест намудани оппозитсия ҷомеаро ба шакли тезутунди давлатдорӣ ба мисли авторитаризм ва тоталитаризм оварда мерасонад. Бо шинос шудани паҳлӯҳои гуногуни низои байни тоҷикон, имкони фаҳмидани далелҳое пайдо мешавад, ки ташаккули низоъ сохторӣ набуд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки оппозитсия ҳамчун ҳарифи органҳои ҳокимият бояд, ки тартиботи конститутсиониро ҳимоя кунад ва кафолати мустаҳкамии сиёсӣ, сарқонун ва тараққиёти иқтисодӣ бошанд. Аз ин нуқтаи назар системаи давлатдорӣ дар он вақт мустаҳкам мешавад, ки ҳокимияти пурқувват аз тарафи оппозитсияи пурқувват таъсир ва маҳдудиятро ҳис менамояд. Қайд намудан ба маврид аст, ки оппозитсия чӣ тавре, ки буд ва ҳаст доимо дар дилхоҳ низоми сиёсӣ ҳамчун норозигии ҷамъиятӣ аз тарафи табақаҳои гуногуни ҷомеа ва шахсиятҳои алоҳидаи сиёсии роҳбарикунандаи элита дар ин ё он сатҳ арзи ҳастӣ мекунад. Мавқеи оппозитсия дар ҷомеа ва муносибати вай бо элитаи роҳбарикунанда аз низоми сиёсӣ вобастагии калон дорад.

Имрӯз маълум аст, ки барои шаҳрвандони Тоҷикистон узви оппозитсия будан хавфнок нест.

Лозим ба ёдоварист, ки имрӯзҳо элитаи роҳбарикунанда мавҷудияти институти сиёсиро инкор намекунад. Яъне, имрӯз оппозитсия дар Тоҷикистон мавҷуд аст ва дар чунин шаклҳо фаъолият дорад:

- оппозитсияи фардӣ;
- оппозитсияи институтсионалӣ- муташаккил;
- оппозитсияи парламентӣ.

Ҳамин тариқ, институти оппозитсияи сиёсӣ дар системаи сиёсии Тоҷикистон мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Оппозитсияи сиёсӣ натиҷаи системаи иҷтимоӣ дар маҷмӯъ ва ё субъектҳои алоҳидаю муносибатҳои онҳо ба шумор меравад. Ташаккулёбии вай аз рӯи талаботҳои субъектҳо ва манбаъҳои мавҷуда барои таълимоти онҳо вобастагӣ дорад.

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ СИЁСӢ

Дар таърихи афкори сиёсӣ андешаҳо дар мавриди хислат, мазмун, таркиб ва хусусиятҳои истиқлолият гуногунанд. Аммо ҷиҳатҳои умумие вуҷуд дорад, ки таълимоти донишмандонро ба ҳам наздик менамояд. Аксари онҳо истиқлолияти кишварро дар ду навъи асосӣ: истиқлолияти дохилӣ ва истиқлолияти хориҷӣ тасниф намудаанд. Ба истиқлолияти дохилӣ ғояҳои халқ, конститутсия, қонун, парламент ва ғайраҳоро мансуб медонистанд. Яъне, мавҷудияти чунин институтҳои ҷамъиятию сиёсиро шарти зарурии воқеияти истиқлолият медонистанд. Ба сифати шарти зарурии истиқлолияти хориҷии кишвар бошад ҳуқуқи комили давлатҳоро оид ба ҳалли масъалаҳои гуногуни давлатию ҷамъиятӣ меҳисобанд.

## 1. Истиқлолият ҳамчун назарияи сиёсӣ

Маълум аст, ки асри XX ба таърих чун асри пурфоҷиа ва зиддиятноктарин ворид гардидааст. Дар таърихи Тоҷикистон ин ба як тезутундии ба худ хос зоҳир гардида, ҷумҳуриро дар маркази дигаргуниҳои иҷтимоию сиёсӣ қарор дод. Дар чунин давраҳои мушкил дар маънавиёт, фарҳанг, сиёсат ва рӯҳияи омма ба вуҷуд омадани душвориҳо хос аст. Ҳамин гуна давраҳо дар таърихи Ватани мо хеле зиёд буданд. Яке аз онҳо ба аввалҳои асри XX рост меояд, ки кишвари мо ба ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ дохил карда шуда буд. Дигараш замони пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ қаламдод мешавад. Бояд гуфт, ки ҳар як давраи таърихӣ ба худ хусусиятҳои хосеро дарбар гирифта, нақши муайяни иҷтимоию сиёсии худро мерос мегузорад. Ин аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханронию баромадҳои хеш масъалаҳои худшиносию худогоҳии миллиро дар инкишофи истиқлолияти Тоҷикистон баръало нишон дода, таҳлилҳои ҷолиби диққате нисбати истиқлолияти сиёсӣ намудааст.[15]

[15] Ниг.: Раҳмонов Э.Ш. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Иборат аз чор ҷилд.-Душанбе 2002.

Ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ ба мо имконият дод, ки оид ба рушду инкишофи соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ аз назари нав андеша намуда, роҳҳои муносиби тараққиётро ҷустуҷӯ ва дарёфт намоем. Аз ин рӯ, мо бояд дар бунёди давлати соҳибистиқлол бо ифодаи иродаи сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон саҳмгузор бошем, то битавонем, ҷомеаро ба пояи баланди рушди "иқтисодию сиёсӣ, илмию техникӣ бардорем". Ба хусус дар ин марҳилаи тақдирсозе, ки тарбияи худшиносии миллӣ бояд ба сатҳи сифатан нав бардошта шавад. Ҳамин заруратро Президенти кишвар дар вохӯриҳо бо кормандони соҳаи маориф, дар мулоқотҳояш бо зиёиён, бо ҷавонон ва дар Паёми ҳамасолаашон ба Маҷлиси Олӣ борҳо таъкид намуда, зарурати пурзӯр намудани нақши маорифу илмро дар ҳаёти ҷамъиятӣ махсус таъкид менамояд. Дар баробари ин боз таҳдиди нави бӯҳрони ҷаҳонӣ низ таъсири манфии худро ба ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ муайян карда истодааст.

Аз ин бармеояд, ки ба истиқлоли комил мушарраф гардидани мо хусусияти хоса дошта, ба системаи муайяни арзишҳо таъсири босазое гузоштааст. Бинобар ин, дарки пурраи озодии истиқлолияти сиёсӣ ва шинохти давлати миллӣ барои ҳар як шаҳрванд ва сиёсатмадорони касбии Тоҷикистон хусусияти хоса гирифта, ба раванди истиқлолият тарҳи нав ҷорӣ намуд. Дар ин раванд нақши идеологияи сиёсӣ афзун гашт, чунки таҷрибаи сиёсӣ, фаъолияти институтҳои сиёсӣ ва мубориза барои механизми нави давлатӣ дар мадди аввал баромад. Воқеан идеологҳо дар давраи инқилобу ислоҳотҳои амиқ ба як қувваи бузурге табдил ёфта, таҷрибаи муайяни нави сиёсиеро рӯи кор меоваранд. Онҳо самти ҳаракати қувваҳои гуногуни иҷтимоиро муайян мекунанд. Ба ақидаи мо, идеологҳо метавонанд дар худшиносии миллию давлатдорӣ инқилоб намоянд ва аз ин ҷо метавонанд ҷанбаи сиёсии шахс, синф ва ҷамъиятро тағйир диҳанд. Онҳо ба иҷтимоигардонии сиёсии шахсият дар сиёсат ҳиссаи арзандае мегузоранд ва ба ин маънӣ низ ҳама гуна идеология ҷаҳонбинии сиёсию иҷтимоӣ мебошад.

Хулласи калом, масъала дар он аст, ки мо бояд бо кадом роҳу усул идеология ё ин ки таъминоти истиқлолияти сиёсиро ба мардум биомӯзем, ки ин ҳунари эҷоди муносибатҳоро аз худ намоянд. Барои ҳалли ин гуна масъалаҳо аз нигоҳи назариявӣ бояд ба хотираи таърихии миллат такя намуда, тамоми дастоварду арзишҳои миллиро ба истиқлолияту озодӣ вобаста донем. Аз тарафи дигар, усул ё идеологияи муносибатҳоеро ба миён овардан лозим меояд, ки ба ваҳдати миллӣ такя намуда, барои ояндаи давлату миллат хизмат карда тавонанд.

Истиқлолият назарияи сиёсиест, ки бо роҳбарияти олӣ ё ҳокимияти сиёсӣ пайваст аст. Мафҳуми "истиқлолият" (шакли ғарбии истифодаи он "суверенитет" мебошад, ки аз забонҳои лотинӣ ва франсавӣ гирифта шудааст) маънои "ҳокимияти олӣ"-ро дорад. Маълум аст, ки мафҳуми "Истиқлол" дар забони мо аз калимаи арабӣ омада, маънояш -мухтору мустақил будан,озод будан дар иҷрои коре, мустақили ва сохибихтиёрӣ аст.Аз ин рӯ, замоне,ки мо ин вожаро мавриди истифода қарор медиҳем, пеши назарамон мафҳумҳои гуногуни дигаре, ки ба вожаи "миллат" вобастагӣ доранд, пеши рӯ меоянд. Ба монанди "худшиносии миллӣ","ҳуввияти миллӣ", "миллатгароӣ", "огоҳии миллӣ", "амнияти миллӣ" ва ғайраҳо. Зеро ин ду мафҳум бо ҳамдигар алоқамандии зич дошта, дар рушду инкишофи давлату миллатҳо нақши муҳиме доранд. Дар аксарияти кишварҳо бошад, мафҳуми истиқлолият раванди қабули қарори сиёсиро дар дохили давлат ва барои идораи корҳои давлатӣ ифода менамояд.

Истиқлолият навъҳои гуногунро дорад. Аммо истиқлолияти сиёсӣ, истиқлолияти давлатӣ ва истиқлолияти иқтисодӣ бештар муҳиманд. Баъзан истиқлолияти сиёсӣ ва давлатиро як мешуморанд, ки ин хатост. Мафҳуми "истиқлолияти сиёсӣ" нисбат ба мафҳуми "истиқлолияти давлатӣ" васеътар буда, ҳодисаҳои гуногуни ҳаёти сиёсии ҷомеаро фаро мегирад. Аз ҷумла, он истиқлолияти давлатиро низ дар бар мегирад. Яъне, истиқлолияти давлатӣ яке аз шаклҳои асосии зуҳури истиқлолияти сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Истиқлолияти сиёсӣ

муносибатҳои байни давлат ва шаҳрвандро таҳлил менамояд. Шарти тартиботро ошкор месозад. Асоси истиқлолияти сиёсиро масъалаи кӣ қудрати қабули қонунҳо, муайян намудани тартибот ё тағйири онҳоро дорад, ташкил менамояд. Истиқлолияти сиёсӣ фаолияти субъектҳоест, ки ба воситаи давлат ё дар ҳудудҳои он амал менамоянд ва кафолат медиҳанд, ки мустақилият ва соҳибихтиёрӣ дар инкишофи ҷомеа риоя гардад.

Истиқлолияти давлатӣ ду хосияти асосӣ дорад:

а) хосияти дохилӣ;

б) хосияти берунӣ.

Истиқлолияти дохилии давлат ҳолатест, ки ҳокимияти олӣ ва бемаҳдуди давлат нисбати ҳамаи субъектҳо эътироф карда мешавад. Дар сурати низоми мавҷудаи корҳои давлатиро риоя накардан ё амалҳои мухолифи манфиатҳои давлат ва ҷомеаро ихтиёр намудани ҳар гуна субъектҳои сиёсат, мақомоти давлатӣ ҳуқуқи комил доранд, тамоми воситаҳои таъсиррасонӣ ва ҳатто, фишороварию зӯригарии қонуниро истифода намуда, риояи низоми сиёсию ҳуқуқиро таъмин намоянд.

Хосияти берунии истиқлолият маънои ҳокимияти олии давлатро эътироф ва эҳтиром намудани давлатҳои дигар, пеш аз ҳама давлатҳои бузург ва ҳамсоякишварҳоро дорад.

Истиқлолияти сиёсӣ дар ҳаёти ҷомеа ва кишварҳо тағйироти куллиро ба миён меоварад. Он заминаи асосии ҳалли вазифаҳои ҳаёти умумимиллӣ ва мубориза дар роҳи пешрафти иҷтимоии кишвар ба шумор меравад. Барои барҳам додани қафомонии иҷтимоию иқтисодӣ ва аз байн бурдани ҳар гуна зулму истибдод, оқилона истифода бурдани захираҳои инсонӣ ва сарватҳои табиат, мутаносибан, аз рӯи манфиатҳои кишвар ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунанда ва дигар раванду падидаҳои ҷомеаи инсонӣ замина муҳайё менамояд. Истиқлолияти сиёсӣ имконият медиҳад, ки дар арсаи байналхалқӣ талаботу манфиатҳои кишвар беҳтар ҳимоя карда шаванд. Кишвари соҳибистиқлол дар ҳалли масъалаҳои гуногуни байналхалқӣ бештар ҳисса гузошта метавонад.

Соҳибистиқлол гаштани кишварҳо дар замон ва макони дигар мазмун ва тобиши нав пайдо менамоянд. Таърих гувоҳӣ медиҳад, ки истиқлолият ба даст овардани халқҳо ва кишварҳо масъалаи хеле мураккаб буда, муборизаи пуршиддати сиёсиро дарбар мегирад. Ин муборизаи сиёсӣ дар шаклҳои гуногун ба амал меояд. Аксар вақт истиқлолият дар натиҷаи муборизаи ғайриосоиштаи халқҳо ба даст оварда мешавад. Ин ҷиҳатро таърихи муборизаи мамлакатҳои бо ном "ҷаҳони сеюм" баҳри истиқлолият борҳо тасдиқ намудааст. Дар аксарияти ин мамлакатҳо муборизаи дуру дарози оммаи мардумро нерӯҳои сиёсии ватанпарвар сарварӣ намудаанд. Дар ин айём нерӯҳои сарвари мубориза, асосан аз рӯи манфиатҳои худ амал менамуданд. Яке аз ин гуна қувваҳо буржуазияи навташкил буд, ки кӯшиши аз зери таъсири метрополия баровардани кишварро дошт. Мақсади асосии онро таҳкими ҳукмронии капитали дохилӣ, капитали миллӣ ва дар охир пурра ҳукмрони ҷомеа гардидан ташкил медод. Пеш аз ҳама барои истиқлолияти бадастомада мо бояд паҳлуҳои асосии манфиятҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намоем, то ин ки онҳо аз мадди назари шаҳрвандон дар канор намонанд. Инҳо: идеология, сиёсат, психологияи шахс ва ҷомеа, масъалаҳои ҳокимияти давлатӣ, таҳкими демократия, ба даст овардану ҳимоя кардани ваҳдати ҷомеа, ривоҷи фаъолияти бунёдкорона, эҳёи маънавӣ ва таъмини ҳуқуқҳои баробари ҳамаи шаҳрвандони дар ҳудуди Тоҷикистон мебошанд.

## 2. Баъзе омилҳои таърихию сиёсии истиқлолияти Тоҷикистон

Мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон, ки ба ҷараёни рушди мамлакат нақши худро гузоштааст аз бисёр ҷиҳат ба мустақилияти он вобастагӣ дорад. Гуногуншаклии миллӣ ва фарҳангӣ дар нақши дурнамои таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам бартарии амиқе буд.

Маълум аст,ки **ғайриклассикӣ** будани раванди таърихии Тоҷикистон ва ба таърихи он хос будани

**ирратсионализму** дар он ҷой доштани ҳама гуна "хаёлоти хом" (химер) ва давра ба давра аз система ба берун мондан овард. Чунин ба назар мерасад, ки сабаби асосии давраи таърихии (форматсионии) доимо бозгаштани таърих ба шаклҳои консервативӣ ва инкишофи суст дар Тоҷикистон ин хело пурзӯр будани решаҳои падаршоҳии сохтори мамлакат мебошад, ки сохторҳои анъанавии кӯҳнаро аз нав ба вуҷуд меоваранд. Сабаби дигараш шояд ин дур будан аз ҳаёти сиёсии пурраи мустақил ва дар зери тасарруфи ҳамсоягону ҳомиёни нисбатан пурқудрат будану аз онҳо вобастагӣ доштан аст.

Дар воқеъ , пас аз барҳам хӯрдани давлати Сомониён, тоҷикон қариб ҳазор сол давлати миллии худро аз даст дода буданд. Онҳо дар ҳаёти сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣ дар ҳудуди давлатҳои салтанатронии ғайритоҷикӣ умр ба сар бурда бошанд ҳам, намояндагони оқилу бофарҳанги он танҳо ба сабаби маърифати баланди илмӣ, воқиф будан аз сиёсату маорифпарвариашон ба сифати кормандони зеҳнӣ мисли судяҳо, муллоҳо ва роҳбаладони давлатӣ фаъолона иштирок менамуданд, аммо барои амалӣ намудани иродаи худ дар ҳаёти давлатӣ, онҳо имконияти васеъ надоштанд.

Хулоса, таърихи Тоҷикистонро чунин тасаввур кардан мумкин аст, ки он мисли занҷири гузаришҳо аз як давраи мушкил ба давраи дигари вазнин буда, ҳамзамон ҳамеша кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки ин мушкилиҳо бартараф карда шаванд. Ин мақсад ҳам бештар таҳти сарпарастии бегонагон анҷом дода мешуд. Тадқиқотҳои зиёди олимони барҷастаи мамолики гуногун арзи вуҷуд доранд, ки аз асли масоили дахл намудаи мо гувоҳӣ дода, воқеияти ҷой доштаро тасдиқ менамоянд. Ҳоло имконияти асосӣ барои ҳамчун миллат боқӣ мондани тоҷикон, ин қобилияти дар халқ зуҳур ёфтани мустақилона муайян намудани тақдири худ, доштани иродаи матин ва пурра бартараф намудани мухолифати дохилимиллӣ мебошад.

Бозсозие, ки соли 1985 дар Иттиҳоди Шӯравӣ шурӯъ карда шуд, барои истиқлолияту озодии халқҳои зиёде аҳамияти бузурги ҳаётӣ дошт. Истилоҳи "бозсозӣ"

наметавонад, тамоми ҳаҷми тағйиротеро ифода, намояд, ки дар натиҷаи он ба амал оварда шуд. Ҳатто худи "меъморон"-и бозсозӣ дар ибтидо гумон надоштанд, ки ташаббуси ба мақсади наҷот додани сохтори фармонфармоию маъмурӣ сар кардаашон, аз зери назорат мебарояд. Ин на бо бозсозӣ, балки бо гузаронидани тағйиротҳои контрреволюционӣ дар ҳаёти халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ табдил ёфт. Маълум аст, ки дар таърихи инсоният таркишҳои иҷтимоӣ кам набуданд. Сабаби асосии ба вуҷуд омадани таркишҳои иҷтимоӣ чӣ дар гузашта ва чӣ дар замони мо ин амиқ дарк накардан ва ё муносибати хунукназарона намудан ба ҳалли проблемаҳое буд ва мебошад, ки ҷомеаро ба ташвиш меоварданд. Фаҳмиши имрӯзаи равандҳои рушди ҷамъият такмили усулҳои пай дар пайи ҳамаи масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ, маънавию иқтисодӣ ва идораи мамлакатро тақозо мекунад. Танҳо дарки объективии ҳамин масъала сиёсатиислоҳотҷӯёнаи як қатор давлатҳоро муайян кард ва ба онҳо имконият дод, ки мухолифатҳои иҷтимоии дохилиашонро нисбатан дуруст ҳал намоянд.

Қобили зикр аст, ки ҳамин гуна тағйироти иҷтимоӣ дар бисёр давлатҳои собиқ низоми сотсиалистӣ пешбинӣ шуда буданд. Тағйирёбии сиёсати берунии Иттиҳоди Шӯравӣ барои рушду инкишофи равандҳои инқилобию бозсозӣ дар он мамлакатҳо низ имконияти мусоид фароҳам овард. Халқҳои ин давлатҳо дар давоми таърихи нимасраи худ ба хубӣ дарк карданд, ки модели сиёсию иқтисодии собиқ барои ҳаёти ояндаи онҳо тағйирот металабад. Далели ин гуфтаҳо таҷрибаи Ҷумҳурии Демократии Олмон ва Олмони Федеративӣ ба шумор меравад, ки яке бо роҳи шӯравӣ ва дигаре бо роҳи классикӣ инкишоф ёфтанд. Тағйиротҳо ба давлатҳои собиқ сотсиалистии аврупоии шарқӣ бо суръати бисёр баланд ба таври ҷиддӣ таъсири худро расониданд.

Бозсозие, ки дар давраи ҳукмронии Горбачёв М.С., шурӯъ гардида буд, бо як қатор душвориҳо ва монеаҳо дучор гардид, зеро дар нақшаи пешакии чорабиниҳои характери субъективӣ, аз ҳаёти воқеӣ дур буда ва

психологияи мардуми шӯравиро фаронагиранда камбудиҳо хеле зиёд ҷой доштанд. Маҳз ҳамин душворию моисаҳо ва нодиданиҳои ояндаи мамлакат ҷомеаро ба гурӯҳҳои ба ҳам мухолиф ҷудо намуданд.

**Гурӯҳи якум:** ҷонибдорони бозсозӣ, ки тағйироти қатъии тамоми сохтори ҷамъиятро талаб намекарданд. Тезиси асосиашон: гузаронидани ислоҳот дар сохтори сотсиалистӣ, федератсия ва бозори танзимшаванда.

**Гурӯҳи дуюм:** ҷонибдорони бозсозии қатъӣ, ки пурра шикастани системаи фармонфароию маъмурӣ, даст кашидан аз мақсадҳои афсонавӣ, эътироф намудани ҳуқуқи худмуайянкунии миллатҳо ва ташкили иттиҳоди озоди давлатҳои мустақилро талаб мекарданд. Дар иқтисодиёт бошад ,онҳо дар ҷои асосӣ бозори озод ва мавҷудияти шаклҳои гуногуни моликиятро мегузоштанд.

**Гурӯҳи сеюм:** мухолифини бозсозӣ, ки баъзан рӯирост ва бештар пардапӯшона баромад мекарданд. Мақсади онҳо возеҳу равшан буд: бо роҳҳои гуногун нигоҳ доштани системаи фармонфароию маъмурӣ, роҳ надодан ба гуногунандешии ақидаҳо, нигоҳ доштани нақши роҳбарикунандаи ҲКИШ дар системаи сиёсии Иттиҳоди Шӯравӣ, ҳимояи номенклатураи давлатӣ ва ғайраҳо[16].

Албатта дар раванди бозсозӣ ба вуҷуд омадани ин гуна гурӯҳҳо рушду инкишофи ҷамъиятро мураккаб мегардонад. Давлатҳои аврупоии собиқ қаноти сотсиалистӣ ба зуддӣ аз масъалаҳое, ки рушду инкишофи ҷамъиятро бозмедоштанд, халос шуданд ва ба ҳаллу фасли амалии масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ шурӯъ намуданд.

Қувваҳои мухолифи бозсозӣ, ки ақоиди бузургдавлатиро ҷонибдорӣ мекарданд, камбудиҳо ва мушкилиҳои масъалаи миллиро моҳирона истифода бурданд. Ба онҳо ҳаллу фасли ин масъала аз он сабаб даст додааст, ки дар давоми 70 соли мавҷудияти сохтори шӯравӣ мақомоти марказӣ на танҳо масъалаи миллиро ҳал накарданд, балки ин масъаларо бемасъулиятона баррасӣ намуданд. Дар замоне, ки ҷонибдорони бозсозӣ нақшаи амиқи бозсозии ҷомеаи баъдишӯравиро тариқи усули

[16] Ниг.: А.Холиқзода. Таърихи сиёсии тоҷикон. Душанбе, 1994.-с.111

озмоиш ва бо дарназардошти хатогиҳо месохтанд, мухолифони тағйиротҳои бузург баръакс фаъолона аз паи кор шуданд.

Ба сифати ҳадафи аввалин Қаробоғи Кӯҳӣ интихоб карда шуд. Баъд аз ин бо истифодаи фаҳмиши дурӯғини масъалаҳои миллӣ ва дарки худшиносии миллӣ, ки танҳо шурӯъ шуда истода буд, хунрезиро дар байни ӯзбакону туркҳои месхетӣ дар Фаргона барангехтанд. Дар Молдова ақидаи сохтмони республикаҳои сотсиалистии Гагауз ва Приднестровро пешниҳод намуданд. Ва ҳатто дар ҳамон вақте, ки укёнуси даҳшату ваҳшоният қариб дар тамоми фазои Иттиҳоди Шӯравии собиқ пош хӯрд, Тоҷикистон бо хусусиятҳои ба худ хос аз дигар ҷумҳуриҳо фарқ мекард. Тоҷикистон ягона ҷумҳурие буд, ки пурра ба ақидаҳои коммунистӣ дода шуда буд ва кӯр-кӯрона онро тай мекард. Халқҳои ҷумҳуриҳои Наздибалтик, Украина, Гурҷистон ва Арманистон ба таври назарнорас бошад ҳам, баъзан норозигии худро аз сиёсати тоталитарии ҳамонвақта нишон медоданд.

Тоҷикистон бошад, ҷумҳурии "иҷрочӣ" ва нисбатан ором буд. Ақидаҳои демократӣ ва озодихоҳона дар Тоҷикистон танҳо дар ибтидои бозсозӣ ва он ҳам бошад, таҳти таъсири сахти ақидаҳои нави озодихоҳонаи Россия ва ҷумҳуриҳои наздибалтик пайдо шуданд. Аз ин рӯ, тааҷҷубовар нест, ки дар Тоҷикистон ин раванд нисбат ба Литва, Латвия ва Эстония, ки аллакай то Иттиҳоди Шӯравӣ анъанаҳои демократӣ доштанд, бо душвориҳои хело зиёд ба амал омаданд.

Ҳаракатҳои аввалини озодихоҳона дар атрофи мақоми забони тоҷикӣ ва анъанаҳои миллӣ ба вуҷуд омаданд. 22 феврали соли 1990 гирдиҳамоии сокинони шаҳри Душанбе барпо гардид ва онҳо талаб карданд, ки ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шавад. Ҳамин тавр ҷомеаи аз ҳама ором пас аз 4 соли бозсозӣ якбора ба ҷӯш омад. Гирдиҳамоӣ ва маҷлисҳо яке аз паси дигаре дар тамоми қаламрави Тоҷикистон мегузаштанд, то он лаҳзае, ки ба мақсади гузошташуда ноил нашуданд. Дар бораи сифати ғалаба ва натиҷаҳои он чизе намегӯем.

Дар давраи бедоршавии сиёсӣ яке аз паси дигаре ташкили ҳаракатҳои ҷамъиятию сиёсии ҷонибдорони бозсозӣ шурӯъ гардид. Соли 1988 аллакай дар Ӯротеппа ва Конибодом ҳаракати ҷамъиятию сиёсии "Ваҳдат" ва дар Кӯлоб "Ошкоро" ташкил карда шуд. Феврали соли 1989 дар шаҳри Душанбе зиёиёни пешқадам ҷамъияти "Маърифат"-ро ташкил намуданд. Моҳи майи ҳамон сол клуби сиёсии "Рӯ ба рӯ" ташкил карда шуд, ки дар байни аҳолӣ нуфуз пайдо кард. Клуб ба маркази тарбияи сиёсии ҷавонон табдил ёфт. Сентябри соли 1989 маҷлиси муассисони ҳаракати ҷамъиятию сиёсии "Растохез" ва ғайраҳо шуданд. Фаолнокии сиёсии омма бо ин маҳдуд нагардид. Аз ташкили ҳаракатҳо ба дараҷаи баландтаре ба таъсиси ҳизбҳои сиёсӣ гузаштанд. Ҳамин тавр, Ҳизби демократии Тоҷикистон ташкил карда шуд. Ҳизби сиёсии дигар-Ҳизби назҳати ислом аз мавҷудияти худ хабар дод. Дар ҷумҳурӣ мунтазам ҳаракатҳои гуногун ташкил карда шуданд, ки хусусияти маҳалчигӣ доштанд. Аксар вақт ташаббускори таъсиси ҳамин гуна ҳаракатҳо номенклатураи минтақавӣ буд, ки мансабҳои роҳбарикунанда ва таъсири идории худро ба омма аз даст дода буд. Мақсад маълум буд - ба ҳаракату ташкилотҳои маҳаллӣ такя намуда, бозгаштан ба ҳаёти сиёсӣ. Минтақаеро дар мамлакат номбар кардан душвор аст, ки дар он гурӯҳҳои гуногуни ташаббускор, шӯроҳои ҳамоҳангсозӣ, ҳаракатҳои гуногуни мустақил ва ҳаракату ассосиатсияҳои гражданӣ амал намекарда бошанд. Воситаҳои нави ғайрианъанавии ҷалб намудани гурӯҳҳои иҷтимоии гуногуни аҳолӣ ба системаи муносибатҳои сиёсӣ, ки то ба ҳол номаълум буданд, ба вуҷуд омаданд.

Дар вилояти Хатлон, чун дар тамоми Тоҷикистон якбора дараҷаи фаъолияти иҷтимоию сиёсии одамон боло рафт. Дар шаҳри Кӯлоб ва як қатор ноҳияҳои вилоят конфоронси муассисони Ҳизби демократии Тоҷикистон гузаронида шуданд. Чуноне ки зикр гардид, аввалин ҷамъиятҳои мустақил соли 1989 дар вилояти Хатлон таъсис дода шуданд. Онҳо масъалаи вилояти Кӯлобро, ки каме пештар барҳам хӯрда буд, манъи сохтмони заводи

аккумляторсозиро дар шаҳри Кӯлоб ва бартараф намудани қафомонии иқтисодию фарҳангии шаҳру навоҳиро гузоштанд. Замонавӣ будани масъалаҳои бардошташуда ва ҷонибдории аҳолӣ дар муддати кӯтоҳ онро ба ҳаракати муташаккил мубаддал гардонид. Аввалан клуби ҷамъиятию сиёсии "Ошкоро" ташкил карда шуд, ки ба он намояндагони тамоми табақаҳои аҳолии шаҳру навоҳӣ ворид гардиданд. Агар қисми зиёди аъзоёни клуб бо нияти нек ба он дохил шуда бошанд, пас як қисми алоҳидаи ба ҳама маълум бо шиорҳои қолабӣ, худро чун "ҳимоятгарони халқ" намоиш доданд.

Дар байни онҳо ашхоси "ҷабрдида"низ буданд, ки дар вақтҳои гуногун худро беобрӯ гардонидаанд ва онҳо кӯшиш ба харҷ медоданд то худро дар назари мардум сафед намоянд. Дар баромадҳояшон асосан дар бораи бо кор таъмин набудани қисми муайяни аҳолӣ, хусусан ҷавонон, далелҳои маҳалгароӣ, камбудиҳо дар фаъолияти мақомоти ҳизбию шӯравӣ ва баррасии сусти масъалаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят сухан меронданд.

Демократияю ошкорбаёнӣ ва қонуни қабулнамудаи собиқ Шӯрои Олии ИҶШС "Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ" ба ташкилотҳои динӣ ва намояндагони рӯҳониён роҳи васеъ кушод. Қисмати муайяни рӯҳониён, ки дар мавқеи фундаментализм ва қувваҳои тахрибкунандаи ба онҳо ҳамроҳшуда меистоданд, кӯшиш мекарданд, ки дар роҳи минбаъдаи инкишофи ҷамъиятию сиёсии вилояту ҷумҳурӣ нуқтаи назари худро таҳмил намоянд.

Июни соли 1990 дар Астрахан анҷумани муассисони Ҳизби Назҳати Ислом шуда гузашт, ки яке аз сокини ҷумҳуриамон муовини амир интихоб гардид. Дар таъсиси ҲНИ намояндагони тамоми минтақаҳои калони мусулмонии ИҶШС иштирок карданд.Воқеан ҳам ҳизб умумииттифоқӣ буд, аммо ин таъйинот расман дар номи расмиаш сабт нагардида буд. ҲНИ-и умумииттифоқӣ ба худ вазифаи ҳамоҳангсозии кӯшишҳои тамоми иттиҳодияҳои мусулмониро дар ИҶШС барои анҷом додани мақсадҳои умумӣ гирифта буд. Ба сифати мақсадҳои умумӣ пешниҳод шуда буданд:

- муттаҳид намудани мусулмонон;
- эҳёи ислом ;
- аз ҷиҳати сиёсӣ бедор намудан ва амалӣ намудани ҳуқуқи ҳар як мусулмон барои ташкили ҳаёташ дар асоси Қуръон ва Сунна. Инчунин зикр карда шуда буд, ки ҳизб "дар интихоботи тамоми мақомоти давлатӣ иштирок мекунад...".[17]

Октябри соли 1990 иҷлосияи Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон қарор қабул намуд, ки мутобиқи он дар қаламрави ҷумҳурӣ фаъолияти шӯъбаи тоҷикистонии ҲНИ-и умумииттифоқӣ манъ карда шуд, чунки барномаи он ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф буд. Сарфи назар аз ин 6 октябри соли 1990 дар деҳаи Чортути ноҳияи Ленин кумитаи ташкилӣ конфоронси муассисонро гузаронида роҳбарияти шӯъбаи ин ҳизбро интихоб намуд.

Қисмати дигари ашхоси рӯҳонӣ мақсадҳои барномавӣ ва оинномавии Ҳизби исломиро оид ба масъалаҳои мураккаб дар соҳаҳои маънавӣ ва фарҳангӣ маъқул надонистанд ва рӯирост таъсиси ҳизберо, ки тантанаҳои ақоиди исломро тариқи муборизаи озод бо сохти мавҷуда вазифаи асосии худ ҳисобидааст, маҳкум намудаанд.

Ҳамин тавр, хусусияти фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон боиси як қатор омилҳо гардид. Пеш аз ҳама, мухолифатҳои дохилимиллӣ дар ҷумҳурӣ то ибтидои соли 1991 дар шакли низоъ ба амал наомада буданд. Сониян, низоми сиёсии ҷумҳурӣ ба вуҷуд наомада буд. Таъсисёбии аҳзобу ҳаракатҳо давом доштанд. Шумораи субъектҳои низоми сиёсӣ, ки аксар вақт ягон манфиатҳои наверо инъикос намекарданд, зиёд мегардиданд. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ кӯшиш ба харҷ медоданд, ки расман сарвар гарданд ва фаъолияти худро ба интихоботҳои дар пешистода ба мақомоти намояндагии ҳокимият равона карда буданд.

Бозсозии ҷамъияти шӯравӣ бевосита на танҳо ба ислоҳоти империя, балки ба тезутунд ва рӯирост гардидани камбудиҳою беадолатиҳо овард. Вақте ки муборизаҳо барои озод гардидан аз фишорҳои марказ сар шуд,

[17] Ниг.:Мусульмане в инокофессиональной среде. М., 1995. -С.27.

ҷумҳуриҳои Наздибалтик бисёр чиз талаб намекарданд. Мақсади ягонаи онҳо ба озодии иқтисодӣ ноил гардидан буду халос. Аммо маркази империя медонист, ки аз даст додани фишангҳои иқтисодӣ иқтидори иқтисодӣ ва обрӯи сохти Шӯравиро мекоҳонид. Аз ин рӯ, ҳимоятгарони империя, ки такягоҳашон Ҳизби коммунист буд муқовимати шадид нишон медоданд ва ба ҳар роҳ кӯшиш ба харҷ медоданд, то дар давлатҳои наздибалтик иғво андозанд ва бо ин роҳ барои ба мақсадҳояшон ноил гардидан халал расонанд. Аммо халқҳои ин ҷумҳуриҳо, ки дараҷаи кофии донишҳои ҳуқуқӣ ва таҷрибаи муҳорибаи сиёсӣ доштанд ба ин иғвоҳо бо фаъолнокии умумии миллӣ ҷавоб доданд, ки инро воқеаҳои январии соли 1991 дар Литва нишон доданд. Фитнаангезии маркази империя ба он овард, ки халқҳои ин ҷумҳуриҳо аввалин шуда истиқлолияти миллӣ ба даст оварданд. Мунтазам дигар ҷумҳуриҳо низ дар бораи истиқлолияташон эълон карданд ва нуқтаи баландтарини он аз ҷониби Шӯрои Олии Федератсияи Россия моҳи маи соли 1991 қабул гардидани ҳуҷҷат дар бораи истиқлолияти давлатӣ буд. Баъд аз ин ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ низ, дар бораи истиқлолияташон эъломияҳо қабул карданд. Аммо ин ҳуҷҷатҳо ба таври расмӣ мавҷуд буданду аз истиқлолияти воқеӣ шаҳодат намедоданд.

Дар он вазъияте, ки ҷумҳуриҳои шӯравӣ қарор доштанд сарварони сиёсии Ҳизби коммунист худашонро гум карданд ва бо ҳар роҳ кӯшиш ба харҷ медоданд, то империяро наҷот диҳанд.

**Гурӯҳи якум** таҳти роҳбарии Елтсини ноӯҳдабаро, ки онро Горбачёви софист низ тарафдорӣ мекард, ҷонибдори қабули созишномаи нав буданд, ки бояд ҳамаи ҷумҳуриҳои шӯравиро ба Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Мустақил муттаҳид мекард.

**Гурӯҳи дуюм,** ки ба он Раиси парламенти ИҶШС Лукянов, Крючков ва дигарон роҳбарӣ мекарданд, мехостанд бо роҳи диктатура ИҶШС-ро аз парокандашавӣ нигоҳ доранд.

**Гурӯҳи сеюм**, ба мақсади пешгирӣ намудани созишномаи нав, 18 августи соли 1991 бо роҳи зӯрӣ Горбачёвро аз ҳукумат маҳкум карданӣ шуда табадуллоти давлатӣ карданд. Аммо онҳо ба мақсади гузоштаашон нарасиданд. Ташаббуси онҳо аз ҷониби қувваҳои гуногун ба муқовимати рӯйрост дучор шуд. Ҳамин тавр воқеаҳои августи имконоти камтарини нигоҳ доштани якчанд ҷумҳуриро дар ҳайати давлати конфедеративӣ аз даст дод ва ҳамин тариқ ба пурра барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ мусоидат намуд. Дар роҳбарияти Тоҷикистон чунин ранг гирифтани ҷараёни рушди воқеаҳоро интизор набуданд ва ҳатто кӯшиши табадуллоти давлатиро ҷонибдорӣ намуданд. Аммо пеш аз он ки расман аз истиқлолияти сиёсии Тоҷикистон эълон намоянд, намояндагони халқ ба роҳбари ҷумҳурӣ Маҳкамов Қ.М., нобоварӣ эълон карданд.

9 сентябри соли 1991 таҳти фишори "қувваҳои демократӣ"парламенти Тоҷикистон дар бораи истиқлолияти ҷумҳурӣ декларатсия қабул намуд. Ин рӯз дар таърихи халқи тоҷик чун Рӯзи истиқлолият ворид гардид. Тоҷикистон чун давлати мустақил ба арсаи олам ворид гардид ва зиёда аз 110 давлати ҷаҳон истиқлолияти Тоҷикистонро эътироф намуданд ва дар байни онҳо Ҷумҳурии Исломии Эрон аввалин мебошад. Мутобиқи Конститутсия интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки қувваҳои гуногуни сиёсӣ гузашт ва Раҳмон Набиев Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Намояндаи "қувваҳои демократӣ" Д. Худоназаров бошад, аз байни 9 нафар довталаби мақоми президентӣ ҷои дуюмро гирифт. Аммо мутаассифона, интихоботи президентии ҷумҳурӣ ба ризоияти миллӣ мусоидат накард ва баръакс ба ғаму ғурбати нави миллӣ ибтидо гузошт.

Муборизаро барои ҳокимият ва таъсирро дар байни қавмҳои минтақа дар Тоҷикистон падидаҳои зерин мураккаб гардониданд:

- шиддати этномиллӣ дар муносибати байни бюрократияи тоҷикони шимолӣ ва кӯҳистони Бадахшон;

- фаъолияти гурӯҳҳои зиёиёни душанбегии рӯҳияи баланди миллидошта (бо даъвоҳои территориявӣ ба Ӯзбекистону Қиргизистон баромад карданд);

- даъвои ҳокимият намудани табақаи болоии рӯҳониёни мусулмони маҳаллӣ (муллоҳо).

Ин мубориза пас аз эълон намудани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон хело тезутунд гардид. 11 маи соли 1992 Президент Раҳмон Набиев тахти фишори мухолифон бо иштироки онҳо ба таъсиси ҳукумати муросоӣ розӣ шуд. Намояндагони мухолифин бояд сеяки мансабҳои вазириро соҳиб мешуданд. Аммо бо ин мубориза хотима наёфт. 7 сентябри соли 1992 Раҳмон Набиевро маҷбур намуданд, ки ба аризаи истеъфояш имзо гузорад. Ҳукумате ташкил карда шуд, ки онро Акбаршо Искандаров сарварӣ мекард. Воқеан ин ба хунрезиҳои ҷанги гражданӣ ибтидо гузошт. 16 ноябри соли 1992 дар Хуҷанд иҷлосияи махсуси Шӯрои Олиро гузарониданд ва Эмомалӣ Раҳмонов Раиси Шӯрои Олӣ интихоб гардид. 6 декабри соли 1992 мубориза и яроқнок барои Душанбе сар шуд, ки пас аз як ҳафта бо бартарии қувваҳое, ки Эмомалӣ Раҳмоновро пешниҳод намуда буданд, анҷом ёфт. Аммо роҳбарони мағлубгардидаи Қӯрғонтеппа, Ғарм, Бадахшон ва табақаи болоии рӯҳониёни мусулмон яроқҳои худро нагузоштанд. Намояндагони зиёди мухолифин ба хориҷа ҳиҷрат карданд. Ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон давом мекард.[18]

Умеди он ки пас аз ба даст овардани истиқлолият рушду тараққиёти ҷумҳурӣ ба зинаи сифатан нав мебарояд, ҳамин тавр мисли орзу боқӣ монд. Ба ғайр аз ин дар худи Тоҷикистон бархӯрдҳои сиёсӣ ва мухолифатҳои гуногуни гурӯҳҳои этникӣ ба фоҷиаи воқеии иҷтимоӣ оварданд. Дар ин бора ҳисоботи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ибтидои соли 1993 паҳн карда шуда буд, шаҳодат медиҳад. Дар натиҷаи муҳосираи дурударози роҳҳои оҳан ва мошингард, набудани захираҳои моддию техникии зарурӣ ва хело зиёд гаштани кӯчбандии аҳолӣ иқтисодиёти

[18] Ниг.:Ю.В.Ганковский. События в Таджикистане и их резонанс в мире.- М., 1995. -С.69-70.

мамлакат фалаҷ гардид. Маблағи умумии зарари иқтисодӣ зиёда аз 200 млрд. рублро ташкил дод.

Истеҳсоли молҳои саноатӣ якбора паст гардид, истеҳсоли молҳои талаботи ҳаррӯза дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 1992 24,5% поён омад. Ҳамон вақт дар вилояти Қӯрғонтеппа задухӯрдҳои хунин мегузаштанд. Дар он ҷо молҳои саноатӣ ба маблағи 1,5 млрд . рубл истеҳсол нагардиданд. Ҷанг ба нақлиёти ҷумҳурӣ низ зарари калон расонид (танҳо шумораи мошинҳои дуздидашуда ва нобудкардашуда ба 5000 ҳазор адад мерасид), мошинҳои боркаш ва вагонҳои мусофиркаши зиёде аз кор бароварда шуданд. Маблағи умумии зарар дар ин соҳа ба 4 млрд. мерасад. Аз ҳама зарари бештар ба соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ расонида шудааст. Ҳосил пурра ғундошта нашуд, фондҳои асосӣ ғорат карда шуданд ва маблағи зарар 29 млрд. рублро ташкил дод. Ҷанги шаҳрвандӣ кӯчбандии дохилӣ ва хориҷии аҳолиро пурзӯр намуд. Дар ҷумҳурӣ дар як муддати кӯтоҳ ба таври расмӣ 537 ҳазор паноҳандагон ба қайд гирифта шуданд. Танҳо дар Душанбе шумораи паноҳандагон ба 120 ҳазор мерасид. Роҳи ҳалли дигари масъаларо наёфта, як қисми аҳолӣ маҷбур шуданд қаламрави ҷумҳуриро тарк намоянд.[19]

Албатта фоҷиаи асосии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ин қурбон гардидани одамон мебошад. Ҷанги бародаркуш ҳаёти "қариб сад ҳазор одамонро" қурбон намуд (бештар аз ҷанги соли 1945 бо Ҷопон ва тақрибан чор маротиба камтар аз ИМА дар солҳои ҷанги дуюми ҷаҳон).[20]

Шумораи дақиқи қурбоншудагон то ба ҳол маълум нест. Дар ҷумҳурӣ аз 20 то 80 ҳазор адад яроқи оташфишон дар дасти аҳолӣ мавҷуд буд. Ба қабули қонунҳои қатъӣ ва кӯшишҳои қувваҳои ҳукуматӣ, ки ба бесилоҳгардонӣ машғуланд нигоҳ накарда, то ба ҳол шумораи хело ками яроқ супорида шудааст. "Танҳо ибтидои соли 1996 дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон сарҳадбонон 19 ҳодисаи вайрон кардани сарҳадро бартараф намуданд ва 28

[19] Ниг.:Садои мардум. 1994. 15 март.
[20] Ниг. Жизнь наиональностей. 1993. №3-4.- С.5.

вайронкунандаи сарҳадро боздошт намуданд. Дар ин давра сарҳадбонон 750 кг моддаи муходара ва 159 кг афюнро ошкор намуда, мусодира намуданд.[21]

Гузашта аз ин дар доираҳои гуногун савол ба миён меояд: Кадом амалҳо сабаб гардиданд, ки Тоҷикистон ба ин воқеаҳои хунин ва фоҷиавӣ рӯ ба рӯ гардид? Ба ин савол вобаста ба назари сиёсӣ ва ҷонибдорӣ ба ин ё он ҷониб ҷавобҳои зиёде ҳастанд, вале ҷавоби асосӣ дар паси якбора соҳиби истиқлолият гардидан ва озодии сиёсиро дарк карда натавонистани тоҷикистониён пинҳон мемонад. Тоҷикистониён якбора тӯҳфаи ғайриинтизорӣ гирифтанд, ки ба он тайёр набуданд.

Имрӯз ҳар як давлати соҳибистиқлол роҳи инкишоф ва тараққиёти худро муайян мекунад. Ин роҳ бояд ба талабот, таърих, хусусият ва шароитҳои ҷуғрофии мардум мувофиқат намояд. Ҳодисаҳои дар боло зикргашта боз як бори дигар тасдиқ мекунанд, ки дар ин роҳ қатъият ва ҷуръатнокӣ зарур аст. Чӣ тавре ,ки таҷрибаи талхи мо нишон дод, набояд ба сиёсатмадорони ҳавобаланду софист тобеъ шуд, чунки онҳо барои нигоҳ доштан ва ноил гардидан ба манфиатҳои шахсиашон халқро бо душворӣ ва азобу шиканҷа рӯ ба рӯ мегардонанд.

Иқтисодиёт бояд аз сиёсат боло гузошта шавад ва онро набояд бо идеология махлут кард. Мутаассифона, дар Тоҷикистон ин тавр нашуд. Ғурури сиёсии роҳбарони гурӯҳҳои гуногун аз манфиат, орзу ва омоли халқ боло гирифт ва дар натиҷа ба ин гуна натиҷаҳои хунин сабаб шуд.

Бунёдгароёни исломӣ ва баъзе ҳаракатҳои нави сиёсӣ барои ташаккул додани теъдоди зарурии афкори ғаразнокашон дар таърихи давлати соҳибистиқлолу озод татбиқи пешинаи аз ҳама душвори давраи гузаришро пеш гирифтанд. Ин даврае буд, ки асоси ҷамъияти пештара барҳам мехӯрд. Аммо Ҳукумат, ки халқ роҳбариро ба он бовар карда буд, аз озмоиш нагузашт ва нотавонии худро нишон дод. Ҳукумат вазъиятро назорат карда натавонист, гузашт намуд ва қатъият нишон надод. Воқеоти хунини

[21] Московский комсомолец. 1996. 24 апреля. -С.3

Тоҷикистон боз як бори дигар нишон доданд, ки мавҷудияти қонунҳои хуби демократӣ ин маънои онро надорад, ки чизи аз ҳама асосӣ-риояи қонун аз ҷониби шаҳрвандон ва ташкили ҷамъияти шаҳрвандӣ ба вуҷуд оварда шудааст. Вазъияте, ки қонунҳо амал намекунанд, шаҳрвандон аз доираи амали қонун берун мондаанд ва аз дасти Ҳукумат амале намеояд, ин ба тақсимшавии ҷамъият ба гурӯҳҳои ба ҳам мухолиф ва тезутунд гардидани мухолифати дохилӣ меоварад.

Бунёдгароён дар ибтидои истиқлолият бо истифода аз шиорҳои иғвогаронаи худ, ки ба паҳлӯҳои аз ҳама душвори ҳаёти халқи оддӣ дахл мекарданд, диққати мардумро аз ҳалли масъалаҳои муҳими ҳаётӣ дур намуданд ва онҳоро ташвиқ намуданд, ки ярок ба даст гиранд. Агар сохтори сиёсии давлатӣ коршоям мебуд, имкони гирифтани пеши роҳи фоҷиаи хунин аз эҳтимол дур набуд. Вале аз сабаби вуҷуд надоштани чунин дурнамо мақсадҳои ҳукуматдорон барои оммаи васеи аҳолӣ норавшан буд ва онҳоро ба худ ҷалб намекард.

Воқеаҳои Тоҷикистон равшану возеҳ нишон доданд, ки дар Осиёи Марказӣ гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ бо як ҷаҳиш анҷом наёфта, он бояд зина ба зина анҷом ёбад. Бунёдгароёни исломӣ ва "демократҳо" мақсад доштанд, ки аз рӯи принсипи инқилобӣ амал намоянд, вале ин ба онҳо муяссар нашуд. Онҳо қонунҳои тараққиёти ҷомеаро барои тоҷикистониён бо қимати хело баланд пардохт намуданро талаб намуданд. Аз ҳама фоҷианокаш он аст, ки озодӣ ва истиқлолиятро на аз душмани беруна, балки аз бародари тоҷикистонии худ гирифтан мехостанд.

Аммо баробари дар мамлакат барқарор гардидани сохтори нави конститутсионӣ низои дохилимиллӣ роҳи ҳалли худро наёфт. Аз ин сабаб як қисми мухолифин бар асари даргирии ҷанги шаҳрвандӣ ба давлати ҳамсояи Афғонистон фирор карданд.

Соли 1994 қувваҳои мухолифин интихоботи президент ва қабули Конститутсияи нав, моҳи феврали соли 1995 интихоботи парламентро бойкот эълон карданд. Онҳо нигоҳ доштани шиддатро дар сарҳади Тоҷикистону

Афғонистон ва дар ноҳияҳои Тавилдараю Ғарм, ки дар қисмати ҷанубу шарқии мамлакат ҷойгиранд, раво донистанд. Ҳукумат таҳти назорати СММ якчанд давраҳои гуфтушунидро гузаронид, ки он ба ивази гаравгонон ва ба имзо расонидани оташбаси муваққатӣ имконият дод. Инчунин комиссияи муштарак оид ба масъалаи паноҳандагон ва гурӯҳи нозирони СММ дар Тоҷикистон ташкил карда шуд. Оташбас аз 20 октябри соли 1994 сар шуда буд, агарчӣ ҷонибҳо онро доимо риоя намекарданд. Нарасидани маводи озуқа моҳҳои октябру ноябри соли 1994 ба мушоҳида мерасид. Ҳукумат ва ҷонибдорони он пай дар пай аз боварии халқ баромадан гирифтанд, обрӯи пешинаашон устувор нагардиданд. Вайрон кардани ҳуқуқҳои асосии инсон, куштори ваҳшиёнаи беҷазои ходимони сиёсӣ, ҷамъиятӣ, журналистон, соҳибкорон ва ҳуқуқшиносон давом мекард. Ташкилкунандагони ин кушторҳо на танҳо исломиёни демократ буданд, балки аъзои он гурӯҳҳои силоҳбадаст ҳам буданд, ки дар ташкилу барқароркунии сохтори конститутсионии мамлакат ширкат варзида буданд, аммо аз сабаби сустии назорати умумидавлатӣ яроқ барои онҳо манбаи даромад ва маънои аслии зиндагиашон гардида буд. Ҳукумат кӯшиш ба харҷ медод, ки ин гурӯҳҳоро муттаҳид созад, аз болои онҳо назорат барқарор намояд ва онҳоро ба ҳайати гурӯҳҳои навтаъсисгардидаи Қувваҳои мусаллаҳ ворид намояд, аммо ҳалли ин масъала бисёр мушкил буд. Гуфтан зарур аст, ки ин гурӯҳҳои таҳти назорат қарорнадошта бештар вақт вазъиятро муташаннич месохтанд.

Тавассути кӯшишҳои муштараки Комиссариати Олии СММ оид ба паноҳандагон ва Ҳукумат ҷараёни бозгашти паноҳандагони тоҷик аз Афғонистон тезонида шуд. Масъалаи дигар ин авҷ гирифтани ҷинояткорӣ буд, ки дар Тоҷикистон рӯз то рӯз тараққӣ мекард. Дар гузаштаи наздон дур ҷинояткорӣ дар ҷумҳурӣ кам набуд, аммо бо барҳамхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ин ҳодиса ба машғулияти ҳаррӯзаи қисме аз шаҳрвандон табдил ёфт ва бесабаб набуд, ки ҳатто аҳолӣ ҳам дигар ба он аҳамият

намедод. Макомоти ҳифзи ҳуқуқ нотавонии худро зоҳир мекарданд. Агар пештар дар бораи амалҳои алоҳида ё баъзан гурӯҳи ҷинояткорон сухан мегуфтанд, пас дар солҳои 1995-96 амалҳои ҷинояткоронаи минтақавию мазҳабӣ ба амали муқаррарӣ табдил ёфта буданд.

Низои дохилимиллӣ - ин на танҳо бархӯрд дар соҳаи муносибатҳои минтақавӣ, балки инъикоси мухолифатҳо дар байни ҷонибҳои гуногуни талаботи ҷамъиятӣ дар рушди миллӣ мебошад, ки дар муносибати рушди миллӣ зуҳур меёбад ва дар муносибати мухолифати ашрофзодагон ҷӣ ба шакли инфиродӣ ва ҷӣ дар дараҷаи давлатӣ зуҳур меёбад.

Шарт нест, ки ҳар як мухолифати дохилимиллӣ ҳатман ҳамаи давраҳоро гузарад. Дар дунёи мутараққӣ имконият намедиҳанд, ки давраи тавлидёбии низоъ ба давраи мухолифатҳо табдил ёбад ва дар асоси гузаштҳои тарафайн тадбирҳои пешгирӣ меандешанд. Ана ҳамин тавр дар Тоҷикистон, низ то соли 1993 на ҳизбҳо на ҳаракатҳои ҷамъиятӣ натавонистанд фаъолияти босамар дошта бошанд, ба омма таъсир расонанд, зеро барномаи миллии дақиқ ва асоспоки тадбирҳои амалӣ намудани онро соҳиб набуданд.

Аз ин рӯ, сиёсати миллӣ мазмунан бояд ба инкишоф додани арзишҳои умумиинсонӣ дар муҳити миллӣ, аз қабили ҳуқуқи умумии озоди интихоби ҳар як халқ самти тараққиёт ва рушди миллии худро дошта бошад. Ҳуқуқи интихобот амалан бо ҳуқуқи худмуайянкунӣ, мустақилияти иқтисодӣ ва ҳалли сиёсӣ бо озодии шахсият ва миллатҳо вобаста мебошад. Анҷом додани худмуайянкунии миллӣ бояд ҳуқуқи ҳамаи халқҳоро барои интихоби шакли давлати миллӣ мутобиқи имкониятҳои воқеии қавми мазкур дар бар гирад.

Яке аз таъинотҳои сиёсати миллӣ дар шароити давлати сермиллат, ин омили танзим ва бартараф намудани низоъҳои байнимиллӣ, таҳияи роҳҳои ҳаллу фасли онҳо бо воситаҳои нисбатан оддӣ мебошад. Низои яроқнок, истифодаи қӯшун барои ҳаллу фасл намудани низоъҳои миллӣ на танҳо дар дохили Тоҷикистон, балки дар дохили

ҳама гуна давлати дигар бояд пурра барҳам дода шавад. Аз рӯи "маълумоти экспертҳо дар қаламрави собиқ шӯравӣ 170 минтақаи низоъ мавҷуд аст. Аз онҳо 30 низоъ дар шакли фаъол ва дар 10 низоъ бошад кор то истифодаи қувва расидааст[22].

Аммо имрӯз ҳангоми ҳалли як қатор проблемаҳои ҷӣ сиёсӣ ва ҷӣ иҷтимоӣ дар доираи ИДМ равандҳои муттаҳидшавӣ ҷои муҳимро ишғол мекунанд. Дар назди ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ масъалаи ҳифзи сарҳадҳои берунии ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ хело тезутунд шуда истодааст. Аз рӯи баъзе сабабҳо дар ин масъала ҷои асосиро Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол мекунад. Баъд аз пошхурдани Иттиҳоди Шӯравӣ қитъаи сарҳадии Тоҷикистону Афғонистон яке аз "нуқтаҳои гарм" дар харитаи ИДМ гардид. Ин қабл аз ҳама қочоқи маводи мухадара, яроқу муҳимот, шумораи муҳоҷирони ғайрирасмӣ тариқи сарҳади берунии Иттиҳод, мухолифати яроқнок дар қаламрави Тоҷикистон мебошад.

Ҳамин тавр, дар шароити тезутунд гардидани шиддати байнимиллӣ ва дохилимиллӣ нақш ва методҳои сиёсии ин низоъҳо ва имкониятҳои ин муносибатҳо афзун мегардад. Барои он ки низои дохилимиллӣ дар Тоҷикистон ҳалли худро ёбад ҳар ду ҷониб корҳои зиёдеро анҷом доданд. Роҳбарияти мамлакат конунгузории муайянеро таҳия намуд, ки барои шахсони ба Ватан баргашта амният кафолат дода мешуд. Ҳама хоҳишмандоне, ки хоҳиши дар муборизаи сиёсӣ иштирок карданро доранд, метавонанд ба тартиби муқарраршуда ҳизбу ҳаракаташонро ба қайд гиранд ва тариқи методҳои сиёсӣ мубориза баранд. Ин роҳи ягонаи ҳалли масъала мебошад.

Ҳамзамон, шарти асосии бошууронаи ҳалли сиёсии низои дохилимиллии Тоҷикистон ин таҳлили сабабҳои бавуҷудовардашудаи он ва динамикаи фаъолияти муштаракаи ҷонибҳои мухолиф аст. Раванди соҳибистиқлолгардии Тоҷикистон дар шароити вайрон гардидани системаи тотолитарӣ хело душвор мегузашт.

[22] В.Лысенко. Развитие федеративных отношений в современной России.- М., 1995. С.152.

Дар ин ҷо вазъият-сабаб нақши асосӣ бозидааст: тезутунд гардидани бӯҳрони иҷтимоию иқтисодӣ, маъюсӣ аз арзишҳои маънавию идеологии пешина, васеъ гардидани ошкорбаёнӣ ва озодии маънавӣ. Бедор шудани ранҷишу озорҳои даҳсолаҳо ҷамъгардида ва рӯпӯшкардашуда, пурзӯр гардидани рӯҳафтодагӣ, пайдо шудани талабот ба такягоҳи маънавии дигар, ки ақоиди эҳёи миллиро инъикос менамояд аз шумораи ин сабабҳо буданд. Дар ҳамин гуна фазо таркиши худшиносии миллӣ дар Тоҷикистон шакли ғайритамаддуниро ба худ гирифт. Минтақаи бузурги низоӣ ба вуҷуд омад. Иқтидори низоӣ, ки солҳо дар ҳолати сардӣ буд, озод гардида, андоза ва зуҳуроте ба даст овард, ки доир ба суст шудани худшиносии миллӣ дар ҷамъияти тақсимгардидаи дорои падидаҳои миллии минтақавӣ ва маҳаллӣ гумон кардан мумкин буд. Тоҷикон, ки дар давоми таърихи дурударози худ ҳаёти сиёсии комил надоштанд ва якбора соҳиби истиқлолият гардиданд ба ҳаёти мустақилона чӣ дар дараҷаи сиёсӣ ва чӣ дар дараҷаи психологӣ тайёр набуданд. Ҳоло имконияти рушду инкишофи тоҷикон ҳамчун миллат ин ташаккул додани арзишҳои дақиқи умумимиллӣ, бартараф намудани ба маҳалҳо тақсимшавӣ ва таҳияи идеяи миллии худӣ мебошад, ки бе он давлат вуҷуд дошта наметавонад. Ҳамин тавр, истиқлолияти Тоҷикистон дастовард ва заминаи бузурги озодиест, ки дар раванди ташаккулёбии арзишҳои миллӣ нақши босазое хоҳад гузошт.

## 2. Манфиатҳои миллӣ дар раванди соҳибистиқлолӣ

Манфиатҳои миллӣ бар пояи мероси фарҳангӣ ва арзишҳои маънавии халқи тоҷик асос ёфта, манфиаятҳои ҳаётан муҳими шаҳрвандон, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятиро ташкил медиҳанд ва ба ҳимояи истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистон нигаронида шудаанд[23]. Бинобар ин, манфиатҳои миллӣ ҳамчун маҳаки ташкилкунандаи давлат аз рӯи чунин меъёрҳо фарқ

[23] Ниг.: К. Ҷалилов. Национальные интересы как система образующий элемент таджикской государственности //Таджикистан и современный мир. №2. 2003.-С.92.

мекунад: аз рӯи дараҷаи умумият: шахсӣ, гурӯҳӣ ва ҷамъиятӣ; аз рӯи самт: иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавӣ; аз рӯи характери субъект: миллӣ, мазҳабӣ, иҷтимоӣ; аз рӯи дараҷаи даркшавандагӣ: стихиявӣ ва ё дар асоси барномаи амалкунанда; аз рӯи имкониятҳои иҷрошавандагӣ: воқеъӣ ва ғайривоқеъӣ (хаёлӣ); аз рӯи ҷараёни тараққии ҷомеа: пешқадам, зараровар ва қафомонда. Баъзан тадқиқотчиёни дигар чор манфиати миллии дарозмӯҳлатро нишон медиҳанд: талабот ва ҳимояи ватан, баланд бардоштани некӯаҳволии иқтисодии миллат, барпо намудани тартиботи мусоиди ҷаҳонӣ ва паҳн намудани арзишҳои демократӣ. Баъдан чор дараҷаи баҳодиҳии манфиатҳоро пешниҳод менамоянд: **1. манфиатҳои ҳаётан муҳиму зарурӣ; 2.ҳаётан муҳим; 3.муҳим ва 4.музофотӣ.**[24] Ин чор манфиати асосии таркибии миллӣ проблемаҳои дарозмӯҳлате мебошанд, ки дар шуури ҷомеа ва ҳангоми тақсим намудани захираҳои ҳукуматӣ байни якдигар рақобат мекунанд. Давраҳои афзоиш ва кам шудани аҳамияти онҳоро на ба моҳу солҳо, балки ба даҳсола чен мекунанд. Илова бар ин, то он вақте, ки роҳбарони сиёсӣ бо забони манфиатҳои миллӣ ва афзалиятҳои миллӣ гап заданро давом медиҳанд, олимон ва тадқиқотчиён бояд ин мавзӯъро аз мадди назар дур насозанд, балки баъзе вазифаҳои муайян намудани чунин манфиатҳоро ба зиммаи худ гиранд.

Ҳамин тариқ, раванди соҳибистиқлолӣ дар шароитҳои харобшавии сохти тоталитарӣ дар Тоҷикистон хеле мушкил мегузашт. Ин ҷо нақши шароит-сабабро ташаннуҷи бӯҳрони иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ, ноумедӣ аз арзишҳои пешинаи маънавӣ ва ғоявӣ густариши сарҳадот, озодбаёнӣ ва озодии маънавӣ ва ғайра боздидаанд. Ҷанги шаҳрвандӣ ҳамчунин бо таҷаммуи сабабҳо вобаста буд. Дар байни онҳо порокандашавии пурраи Иттифоқи Шӯравӣ, ки намояндагони кишварро ба ҳаёти мустақилона нишон дод, ҷамъияти анъанавӣ, ки дар он нақши бузургро робитаҳои маҳалгароӣ (минтақавӣ) ва

---

[24] Ниг.: Вазифаҳои нави Амрико: манфиатҳои миллии ИМА дар олами дигаргуншуда.- С.7-8.

қавмӣ, мубориза‌и элитаи кӯҳнаву нав барои ҳокимият ва интернатсионализатсияи мунокиша, нақши муҳим мебозад. Дар якҷоягӣ ҳамаи ин омилҳо сохт ва динамикаи мунокишаи байни тоҷикон ва ҳамчунин мушкилоти бо натиҷаҳои сиёсӣ-иҷтимоии он вобастаро пайдо мекарданд. Аммо барои он ки иқтисодиёти кишварро аз нуқтаи сокит ба ҳаракат оварем, кӯшишу ғайрати зиёде зарур шуд, ки пештар ба назар мерасид. Оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ барои ба кор андохтани иқтидори давлат ва ташкили сохтумони объектҳои ба давлат ниҳоят зарур мамоният мекарданд. Ба ҳар ҳол Ҳукумати Тоҷикистон тавонист дар ин самт ҳам рахна эҷод кунад. Дар нимаи дуюми солҳои 1990 дар ҷумҳурӣ раванди бунёдкорӣ шурӯъ шуд, ки дарҳол ба шароити одамони оддӣ асар кард. Сохтмони роҳи автомобилгарди Кӯлоб-Хоруғ-Кулма-Қароқум, нақби Анзоб, НБО-и Сангтӯда, азхудкунии кони гази Хоҷасартез ва Хоҷабоқирғон, сохтмони фурӯдгоҳи Кӯлоб ва таъмиру азнавсозии фурӯдгоҳи Душанбе ва Хуҷанд, барқарорсозии роҳи оҳани Вахш-Ёвон шурӯъ шуд. Як қатор объектҳои саноатии хурду калон дар деҳаҳо, шаҳрҳо ва вилоятҳо таъсис гардиданд, таъмир ва нигоҳдории хонаҳои истиқоматӣ сар шуд, барқароркунии роҳҳои харобкардашуда ва пулҳо, махсусан дар водиҳои Рашт ва Вахш. Ғайр аз ин даҳҳо муассисаҳои муштарак бо кишварҳои хориҷӣ дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ барпо гардиданд[25].

Қувваи дигарро иттиҳодияҳо ва ҳаракатҳои ҷамъиятию сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ташкил медоданд, ки вобаста ба мақсадҳои худ дар муборизаи сиёсӣ саҳм мегирифтанд. Нерӯҳои пешқадам мақсади ба пуррагӣ нест намудани зулми иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодӣ ва таъмини истиқлолияти комилро доштанд. Ба ин гурӯҳ дар аксарияти мамлакатҳо қисми зиёди ҳарбиёни ватандӯст шомил мегаштанд. Ба муборизаи ярoқноки оммаи мардум онҳо роҳбарӣ намуда, бештар таъсир мерасониданд. Қувваҳои сиёсӣ, ки ба моҳият ва мазмуни муборизаи худ сарфаҳм

[25] Ниг.: Асосҳои давлатдории мо (таҳти таҳрири М.Убайдуллоев).-М., 2002. -С.337.

рафтаанд, мақом ва нақши хоссаро ба худ мегиранд. Оммаи мардум онҳоро дастгирӣ менамоянд, мадад мерасонад. Таҷрибаи гурӯҳи мамлакатҳои рӯ ба инкишоф собит менамоянд, ки ҳизбҳои сиёсии халқӣ ё демократӣ бештар манфиатҳои оммаи мардумро пуштибонӣ менамуданд ва аз ин сабаб аз тарафи аҳолӣ дастгирӣ меёфтанд. Аз ин ҷост, ки дар ташхиси пешрафти ҷомеа нақши асосӣ марбути онҳо буд.[26]

Тавре маълум аст, бӯҳрони сохти иқтисодии аввала ду мавҷи муҳоҷирати солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва пас аз ҷанг аз Тоҷикистон ба Федератсияи Русия, ба Афғонистон ва ҷумҳуриҳои дигари Осиёи Миёна нишон доданд, ки муҳоҷирати оммавӣ боз як муаммои амниятӣ мебошад. Ин муаммо пеш ба рӯзномаи масъалаҳои амният дохил карда нашуда буданд, чунки вай аниктараш масъалаи ҳифзи ҳуқуқӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ масъалаҳои аз ҳама душвор дар соҳаи ҷараёни муҳоҷират густариш ёфтаанд. Ҳатто бе назардошти он, ки Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2000, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба муҳоҷират" қабул шудааст ва Хадамоти давлатии муҳоҷиратӣ дар назди Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда буд, ҳоло ҳам баъзе тарафҳои ҳуқуқии масъалаҳои муҳоҷират коркард нашудаанд. Ба ҳар сурат, баргаштани муҳоҷирони гуногун аз кишварҳои дигар, ки аксари онҳо муҳоҷирони "иқтисодӣ" мебошанд, аз худ масъалаи афзуншавии амниятро зоҳир менамояд. Умуман, инкишофи вазъияти муҳоҷират ба оромӣ ва аз ин рӯ, ба амният низ таъсири калон мерасонад.

Бо ҳамин зайл, масъалаҳои гуногуни иҷтимоию сиёсие мавҷуданд, ки барои ҳалли онҳо на танҳо проблемаҳои иқтисодӣ, балки дарки истиқлолияти сиёсӣ лозим меояд. Махсусан, масъалаи мақоми миллати номдор, ки яке аз душвортарин проблемаҳо ба шумор меравад, бояд мавқеи худро муайян намояд. Дар ин раванд муҳимтарин масъала бояд худшиносӣ ва ҳуввияти миллӣ барои ваҳдату

[26] Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ.- Душанбе, "Деваштич", 2007. саҳ. 181-194.

якпорчагии Тоҷикистон бошад. Миллати номдор дар ҳар сурат бояд дар гирду атрофи хеш дигар ақаллиятҳо ва бошандагони Тоҷикистонро муттаҳид намуда, ҳувияте барпо намояд, ки боиси рушду ифтихор гардад. Дар ин сурат ҳар гуна дахолати хориҷию мазҳабӣ, динию ифротгароӣ наметавонад, мақсадҳои ғаразнокеро дар кишвари мо амалӣ гардонанд.

Тоҷикон воқеан мардуми озода ва озодпараст буда, барояшон истиқлолият бузургтарин арзишест, ки онро чун гавҳараки чашм парсатиш менамоянд ва ба он ифтихор доранд. Истқлолият ин асоси давлатдориест, ки солиёни дароз миллати тоҷик онро интизорӣ мекашид. Бинобар ин дигар ҳеҷ як қувваи носолим ва пастию баландии ҳаёти иҷтимоӣ наметавонад, ки ин гояи бузурги миллии моро халалдор намояд. Истиқлолият дурнамои рушду инкишофи миллату кишвари мо ва ояндаи дурахшони ин сарзамин аст. Аз ин лиҳоз аз замони фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти том марҳилаи нави худшиносии миллӣ оғоз ёфт. Худи худшиносӣ ин воситаи муҳиме барои ба маънавиёт расидани инсон аст.

Истиқлолияти бадастомада низ дар ин муддат пояҳои худшиносии миллиро мустаҳакам намуда, мардумро ба бунёдкориву якпорчагӣ равона намудааст. Акнун барои шакли пурра гирифтани истиқлол омилҳои дигаре низ лозим меоянд. Масалан, Тойнбӣ яке аз машҳуртарин таърихшшиносони дунё дар мавриди шакл гирифтани тамаддун чунин мегӯяд: " Тамаддун замоне шакл мегирад, ки тамоми корҳои ақлонии як миллат ба сурати одат дароянд". Ҳамин тавр, оҳиста-оҳиста истиқлолият ҳам бояд барои мо одат шавад. Хулласи калом, мо бояд бо кадом роҳу усуле набошад мӯҳтавои асосии истиқлолияти сиёсиро ба мардум биомӯзонем ва тамоми дастоварду арзишҳои миллиро ба истиқлоли том вобаста донем.

# ДАВЛАТ ДАР СИСТЕМАИ СИЁСӢ

Давлат қисми марказии системаи сиёсӣ ва омили муҳими тараққиёти ҷамъият мебошад, чунки дар он гуногунии манфиатҳои сиёсӣ ҷамъ шуда, ҳодисаҳои ҳаёти ҷомеа аз нуқтаи назари ҳаётӣ будан барои ҳама танзим карда мешаванд. Давлатро аксари фанҳои ҷамъиятӣ меомӯзанд. Ҳар яке аз онҳо соҳаи махсуси омӯзиши худро дорад. Сиёсатшиносӣ давлатро аз нуқтаи назари натиҷабахшии иҷтимоии фаъолияти ҳокимияти сиёсӣ меомӯзад.

## 1. Пайдоиш ва моҳияти давлат, сохт ва вазифаҳои он

Дар шароити имрӯза давлат омили муҳими тараққиёти ҷомеа ба шумор меравад, ки идоракунии ҷамъият, мудофиа, сохтори иқтисодӣ ва иҷтимоиро амалӣ мегардонад. Ба замми ин давлат соҳиби чунин нишонаҳое мебошад, ки онро аз дигар институтҳои сиёсӣ фарқ мекунонанд. Ба қатори онҳо чунин нишонаҳо дохил мешаванд:

а) давлат дастгоҳи махсусеро нигоҳ медорад, ки вай ба кори идоракунӣ омода аст, он ба воситаи ташкилотҳои худ - қонунбарор, иҷроия, назорати муҳофизати ҳуқуқ ва ғайра амал мекунад;

б) ба давлат монополияи ҳокимият хос буда, он аз рӯи тақсимоти муайяни ҳудуди ташкил ва ифода карда мешавад;

в) давлат соҳиби ҳуқуқ ва имконияти амалӣ гардонидани сиёсати дохилӣ ва берунӣ мебошад;

г) танҳо давлат бо баровардани қонун ва қоидаҳои барои аҳолӣ ҳатмӣ ваколат дорад;

д) давлат ҳуқуқи монополиявиро барои ситонидани андоз аз аҳолӣ ва ташаккулдиҳии андозро соҳиб аст.

Давлат ҳамчун натиҷаи эволютсияи дурударози ҷомеаи инсонӣ пайдо шудааст. Кӯшишҳои нахустини тадқиқи назариявии давлат ҳанӯз дар Юнони қадим ба вуҷуд омада буданд. Масалан, Арасту ақидаеро дар бораи

давлат баён карда буд, ки табиат сарнавишти инсонро дар ҷомеа тасвир кардааст ва бинобар ин давлат натиҷаи муқаррарии дигаргунӣ дар соҳаҳои ҷомеаи инсонӣ мебошад.

Вобаста ба нақши давлатдории тоҷикон дар масири таърих Н. Амиршоҳӣ менависад, ки агарчӣ таърихи давлатдории тоҷикон аз миёнаи ҳазорсолаи аввали қабл аз милод ибтидо мегирад, лекин дар ин сатрҳо нигориши онро дар қарнҳои IX-XIV мелодӣ мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод. Матлаб он аст, ки дар ин айём на ҳама аз мавҷудияти кулли давлатҳои ба истилоҳ "тоҷикӣ", яъне давлатҳое, ки худи тоҷикон ташкил кардаву дар онҳо ҳукумат рондаанд ба хубӣ огаҳанд...дар ҳоле, ки шумораи онҳо беш аз шаш адад буд. Чун давлати Сомониён дар он миён бузургтару машҳуртар аст, боқӣ ҳама дар тафаккури мардум зери сояи Сомониён мондаанд... Омӯзиши таърихи онҳо собит месозад, ки тоҷикон ҳамеша дар вазъиятҳои ногувортарини сиёсиву иҷтимоӣ сарварии кишвари хешро ба дасти худ гирифтаанд ва ҳамеша ҳомии марзу бум ва илму фарҳанги хеши худ будаанд.[27] Ин аст, ки сохтори идорӣ ва давлатдории онҳоро дар тӯли асрҳои баъдина бисёр миллатҳои мухталифи ҷаҳон сармашқи кори худ намуда, дигар низомҳои баъдинаро эҷод намуданд. Сабаби аз даст додани чунин як системаи бузурги давлатдории Сомониён бошад, баъзан муаммоҳо низ дорад, аммо бештари мутахассисони коршинос аз даст додани давлатдориро дар бегонапарастии ин сулола мебинанд. Махсусан, ба сари ҳокимият овардани Сабуктегин ва ҳамроҳонаш.

Давраи Эҳё (XIV-XVI) афкори сиёсиро аз маҳдудияти динӣ озод намуд. Маккиавелӣ ба хулосае омад, ки асоси ахлоқи сиёсиро на ахлоқи насронӣ, балки фоида ва қувва ташкил медиҳад. Давлат сохтори шахшуда набуда , тағйирёбанда аст, ки ба мувофиқати қувваҳои мубориз, пеш аз ҳама ашрофон ва халқ вобаста мебошад. Муборизаи халқ ва ашрофзодагон - сарчашмаи

[27]Ниг. Амиршоҳӣ: Давлатдории Тоҷикон дар асрҳои IX-XIУ-.Душанбе. 1999.- С.6

тараққиёти давлат ба шумор меравад. Дар ин назария мазмуни давлатдорӣ дар муқобилияти байни феодалҳо ва халқ дида шудааст.

Дар давраҳои барқароршавии муносибатҳои буржуазӣ пайдоиши давлат бо моликияти шахсӣ алоқаманд карда мешавад. Чунин нуқтаи назарро Т.Гоббс, Ҷ.Локк тарафдорӣ кардаанд. Онҳо давлатро ҳамчун натиҷаи шартномае, ки байни тобеон ва ҳокимият баста шудааст, меҳисобанд. Давлат ба ифодаи Локк, ин натиҷаи ризоияти одамоне мебошад, ки бо хотири нигоҳ доштани моликияти шахсии худ ихтиёран ба маҳдуд кардани озодӣ тобеъ шуда, ба ташкил додани ҳокимияти сиёсӣ розӣ мешаванд.

Дар асри XIX назарияи пайдоиши давлат хеле васеъ паҳн шуда буд. Онро аз мубориза то зӯроварӣ ҳамчун омилҳои дигаргунсозии сохтори ҷамъият мепиндоштанд. Мувофиқи ин назария давлат баъд аз ғалабаҳои гурӯҳҳои поёни ҳукмронии ғолибон аз болои мағлубон ташкил меёбад.

Назарияи марксистӣ пайдоиши давлатро ба тақсимшавии ҷамъият ба синфҳо алоқаманд медонад. Ташкилоти давлатии аз тарзҳои авлодӣ ва оилавӣ тавлидшаванда дар натиҷаи зарурати муҳофизати манфиатҳои гурӯҳҳое, ки соҳиби воситаҳои истеҳсолот буданд, ба давлат табдил меёбанд. Дар натиҷаи ҳукмронии як қисми надстройка, аломатҳои муносибатҳои истеҳсолӣ, пеш аз ҳама, муносибати моликияти шахсӣ ба воситаҳои истеҳсолот муайян карда мешавад.

Таҳлили таърихии пайдоиши давлат дар асари Ф.Энгельс "Пайдоиши оила, моликияти хусусӣ ва давлат" ва асари В.И.Ленин "Давлат ва револютсия" пурра дода шудааст. Марксизм давлатро ҳамчун қувваи аз ҷамъият пайдошуда, вале худро аз он бологиранда ва аз он бегонашуда тавсиф мекунад. Аз ин бармеояд, ки моҳияти ҳокимияти давлатӣ дар ҷамъияти истисморкунанда дар зӯроварии синфи ҳукмрон, ҳукмронии сиёсии вай, ки нисбат ба меҳнаткашон раво дониста шудааст, ифода меёбад. Давлат на танҳо ҳамчун дастгоҳи зӯроварӣ, маҷбуркунӣ, инчунин дастгоҳи идоракунӣ ҳам мебошад.

Марксизм се ҳолати асосии давлатро ҷудо менамояд:

1.Мавҷудияти системаи махсуси ташкилотҳо ва иттиҳодияҳое, ки ҳокимияти умумиро амалӣ мегардонанд.

2.Мавҷудияти асосҳои ҳуқуқие, ки системаи муайяни қоидаҳоро мустаҳкам мегардонанд.

3.Мавҷудияти ҳудуди муайян, ки дар вай қонуниятҳои мавҷуда паҳн мешавад.

Ҳамин тавр, давлат ин ташкилоти синфии таърихан алоқамандест, ки бо сохти иқтисодии муайяншуда ва ҳокимият муносибатҳои ҷамъиятии мавҷударо ҳимоя мекунад ва дар як вақт ҳамчун намояндаи тамоми ҷомеа баромад менамояд.

Давлат ва ҷамъият вазифаҳои муҳимро иҷро мекунанд. Дар адабиёти илмӣ фикрҳои зиёду гуногун оид ба ин масъала мавҷуданд. Ин бо он маънидод карда мешавад, ки баробари тараққиёти давлат зиёдшавии шумораи вазифаҳои он ба назар мерасад. Бинобар ин давлатҳое, ки дар марҳилаҳои гуногуни тараққиётанд, метавонанд шумораи гуногуни вазифаҳоро соҳиб шаванд. Муайян намудани шумораи вазифаҳо, инчунин аз фаҳмидани роҳҳо ва таҳлили омилҳо вобаста мебошад.

То вақтҳои охир ҳангоми баёни назарияи марксистӣ оид ба давлат тезиси маълуме пешниҳод карда мешуд, ки мувофиқи он дастгоҳи фишороварӣ ба синфҳои мутеъ ба хотири манфиатҳои синфҳои ҳукмрон мебошад. Аммо таҳлили фақат ин тезис назарияи марксистиро оид ба давлат хароб мегардонад. Агар асарҳои Энгелс "Анти-Дюринг", "Пайдоиши оила, моликияти хусусӣ ва давлат"-ро таҳлил намоем, он гоҳ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

- давлат баробари дараҷаи ташаккулёбии общинаҳо ё ин ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва тақсимоти меҳнат инкишоф ёфтааст;

- ин раванд ба пайдоиши гурӯҳҳои нави иқтисодӣ ва дорои манфиатҳои худ оварда расонид;

- мубориза манфиатҳои мухолифи гурӯҳӣ ва умумӣ пайдошуда ба поймол намудани манфиатҳои баъзе гурӯҳҳо оварда мерасонад;

- зарурати иҷроиши вазифаҳои умумӣ ва мувофиқи

муҳофизати манфиатҳои умумӣ ба миён меояд.

Агар мутлақгардонии вазифаҳои паҳнгардонӣ ба "Левиофан" тобеъ оварда бошад, он гоҳ мутлақгардонии вазифаҳои муҳофизати манфиатҳои умумӣ ба "Шартномаи ҷамъиятӣ" -и Ж.Руссо оварда расонид. Ҳарду усулҳои номбурда яктарафа мебошанд. Ҳақиқат бошад, ба тарзи диалектикӣ таърихан мушаххас мебошад. Ин имкон медиҳад, ки ба сифати омили асосӣ вазифаҳои зерини дохилӣ ва берунии давлатро ҷудо намоем:

1.Муҳофизати системаи иқтисодӣ ва иҷтимоии амалкунанда.

2.Танзими фаъолияти хоҷагӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ.

3.Муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ.

4.Вазифаҳои маданӣ-тарбиявӣ.

Ба вазифаҳои беруна чунин омилҳо дохил мешаванд: муҳофизати манфиатҳои давлатии мавҷуда дар арсаи байналхалқӣ, таъмини мудофиаи давлат ё ғолибии ҳарбӣ ё сиёсӣ дар муносибат ба дигар давлатҳо; инкишофи муносибатҳои мӯътадил бо дигар кишварҳо; ҳамкории фоиданоки дутарафа, иштирок дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ дар асоси принсипи ҳамзистии осоиштаи давлатҳои соҳиби сохтори гуногуни иҷтимоӣ; инкишофи тарзҳои гуногуни интегратсия ва иштирок дар тақсимоти байналхалқии меҳнат.

Вазифаҳои давлат ин муайян намудани роҳҳои асосии фаъолият ва ҳалли масъалаҳои асосии марҳилаи муайяни тараққиёти таърихӣ мебошанд.Дар кадом сохтори давлат ин вазифаҳо амалӣ гардонда мешаванд ва чӣ тавр онҳо дар байни ҷузъҳои механизми давлатӣ тақсим карда мешаванд? Сохтори амалии механизми давлатӣ дар худ маҷмӯи ташкилот ва иттиҳодияҳои махсусеро муттаҳид менамояд, ки барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ равона карда шудаанд.

Ҷузъҳои асосии механизми давлатӣ:

1. Ташкилотҳои намояндагӣ (марказӣ ва маҳаллӣ).
2. Ташкилотҳои иҷроияю тақсимотӣ.
3. Ташкилотҳои назорати давлатӣ.

4. Системаи судӣ.
5. Ташкилотҳои муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ.
6. Ташкилотҳои бехатарии давлатӣ.
7. Қувваҳои мусаллаҳ.

Бояд гуфт, ки дар чорчӯбаи фаъолияти давлатӣ масъалаи тақсимоти ҳокимият ҷои муҳимро ишғол менамояд. Дар адабиёти илмии имрӯза муносибат ба ин масъала якхела нест. Солҳои зиёд ақидае вуҷуд дошт, ки назарияи "тақсимоти ҳокимият" аз рӯи характери худ буржуазӣ аст ва марксизм онро ҳамчун радкунандаи табиати синфии давлат маҳкум мекунад. Чунин мешумориданд, ки дар давлати сотсиалистӣ тақсимоти ҳокимиятҳо вуҷуд надошта, фақат ташкилотҳои ваколатҳои гуногундошта мавҷуданд. Дар асоси фаҳмиши имрӯза тақсимоти ҳокимиятҳо идеяи Монтеске оид ба маҳдуд намудани вазифаҳои ҳокимиятҳои қонунбарор, иҷроия ва судӣ меистад. Ба онҳо инчунин ҳокимияти сардори давлатро низ илова мекунанд.

Сардори давлат дар дараҷаи муайян як қатор соҳаҳои ҳокимияти қонунбарор, иҷроия ва судиро дар худ якҷоя месозад. Чунин ҳисобида мешавад, ки сардори давлат инчунин ҳокимияти олӣ низ ба шумор меравад. Дар мамлакатҳои гуногун сардори давлатро монарх (шоҳ, ҳоким ва ғ.), президент, раис ва гайра ном мебаранд. Тартиби гуногуни иваз шудани ин вазифа мавҷуд аст: меросӣ, тарзҳои гуногуни интихоботӣ ва ғасб бо роҳи зӯроварӣ. Сардори давлат чунин вазифаҳоро иҷро менамояд:

1. Намояндагӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ, ҳуқуқи даъват намудани сессияҳои ғайринавбатии ташкилотҳои қонунбарор ва ҳуқуқи парокандакунии онҳо, иҷрои вазифаҳои сарфармондеҳ, супурдани мукофотҳо ва ғ.

2. Ҳуқуқи ташаббуси қонунбарорӣ, ҳуқуқи "вето" гузоштан ба қонунҳо ва ғ.

3. Ҳуқуқи авф кардан.

Вазифаҳои ҳокимияти қонунбарор (парлумон, Шӯрои Олӣ, Маҷлиси Олӣ ва ғ.) қабул, дигаргунӣ ба манъи қонунҳо, таъмини назорат аз болои фаъолияти ҳокимияти иҷроия, созмон додани ташкилотҳои давлатӣ ва ғайра мебошанд.

Ҳокимияти иҷроия масъалаҳои фаъолияти рӯзмарраи ташкилотҳои давлатиро ҳал намуда, иҷроиши вазифаҳои асосии давлатро таъмин менамояд. Ташкилоти асосии ҳокимияти иҷроия ин ҳукумат аст, ки аз сардорони вазоратҳо ва ташкилотҳо иборат мебошад. Тартиби ташаккулёбии ҳокимият метавонад, гуногун бошад. Масалан, дар ИМА ҳукумат аз тарафи президент ташкил карда шуда, аз тарафи конгресс тасдиқ карда намешавад. Дар Англия ҳукумат аз тарафи роҳбари ҳизбе, ки дар парлумон аксариятро ташкил медиҳанд, ташкил карда шуда, баъд аз ҷониби сардори давлат - шоҳ тасдиқ карда мешавад. Дар Тоҷикистон ҳокимияти иҷрояро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки раисии онро Президент ба ӯҳда дорад амалӣ менамояд. Президент ба сифати сардори ҳокимияти иҷроия бевосита ба ташкили фаъолияти ҳукумат ва мақомоти мухталифи он таъсир расонида метавонад.

Одатан ҳокимият ба шакли том ду вазифаро иҷро менамояд: **Якум**, роҳбарии бевоситаи фаъолияти дастгоҳи давлатӣ дар кори гузаронидани сиёсати дохилӣ ва берунӣ. **Дуюм**, банизомдарорӣ дар асоси қонунҳои мавҷуда.

Ҳамин тавр, сардори давлат ташкилотҳои қонунбарор, иҷроия ва судӣ, яъне дар маҷмӯъ системаи ташкилотҳои давлатии роҳбарикунандаро ташкил медиҳад. Фаҳмидани таснифи ҳамкорӣ ва алоқаи байни онҳо барои таҳлили илмии системаҳои давлатӣ аҳамияти калон дорад. Системаи сохторҳои давлатӣ, алоқаи байни онҳо, тақсимоти вазифаҳои ин ё он тарзи фаъолияти идоракунии давлатиро муайян месозад.

## 2. Намуд ва шаклҳои давлат

Маълум аст, ки дар доираи равияи форматсионию синфӣ чор намуди давлатҳоро ҷудо менамоянд: **1.ғуломдорӣ; 2.феодалӣ; 3.буржуазӣ; 4.сотсиалистӣ;** Шакли давлат аз рӯи тарзи истеҳсолот, ки надстройкаи он давлат аст, муайян карда мешавад. Шакли таърихии давлат - ин мазмуни аломатҳои маълум мебошад, ки ин ё он

форматсияи ҷамъиятию иқтисодиро муайян месозанд. Қобили қайд аст, ки шаклҳои давлат якдигарро иваз менамоянд. Ин ивазшавӣ метавонад, вобаста аз вазъияти конкретӣ - таърихӣ ба амал ояд.

Гузашта аз ин, намудҳои давлатҳо бояд аз шаклҳои давлатдорӣ фарқ намоянд. Онҳо аз рӯи маҷмӯи усулҳо ва методҳои амалигардонии ҳокимият аз тарафи он синфҳои ҷамъиятие, ки ба онҳо ҳокимияти давлатӣ мансуб аст, фарқ карда мешаванд. Дар адабиёти илмӣ мафҳуми намуди давлатҳо ҳам бо мазмуни васеъ ва ҳам бо мазмуни маҳдуди ин вожа истифода бурда мешавад. Дар ҳолати аввал намуди берунаи ҷомеаи муайяни синфӣ фаҳмида мешавад. Ин ё он шакли давлат дар зери таъсири омилҳои гуногун ба амал меояд. Муҳимтарини ин омилҳо ба ҳам мувофиқ будани қувваҳои синфӣ, анъанаҳои таърихии таъсири шахсиятҳои фаъоли машҳури давлатӣ, шароитҳои геополитикӣ ва ғ. мебошанд. Ғайр аз ин шакли давлат аз бисёр ҷиҳат аз шаклҳои роҳбарӣ, тарзи муайяни қонунбарорӣ, масалан, монархия ё республикаи парламентӣ ё ин ки системаи президентӣ, инчунин аз режими сиёсӣ вобаста мебошад.

Барои фаҳмидани ҷараёнҳои сиёсӣ ва сиёсати муайяни давлатдорӣ масъалаи шаклҳои идоракунӣ аҳамияти калон пайдо мекунад. Дар зери мафҳуми "шакли идоракунӣ" ташкили ҳокимияти олии давлатӣ, тартиби ташкилёбии ташкилотҳои вай ва муносибати онҳо бо аҳолӣ фаҳмида мешавад. Мувофиқи ин маънидод давлатҳо ба монархия ва республика тақсим мешаванд. Монархияҳо дар навбати худ ба мутлақ ва маҳдудшуда ҷудо мешаванд. Монархияҳои мутлақ барои ҷамъиятҳои ғуломдорӣ ва феодалӣ, маҳдудшуда барои ҷамъияти буржуазӣ хос мебошанд. Республика ин шакли идоракуниест, ки ба воситаи ташкилотҳои интихобӣ амалӣ гардонида мешавад. Республикаҳо аристократӣ ва демократӣ мешаванд. Республикаи аристократӣ барои ҷамъиятҳои ғуломдорӣ ва феодалӣ, демократӣ барои ҷамъияти капиталистӣ хос мебошанд. Хусусияти асосии вай дар он аст, ки табақаҳои васеи аҳолӣ дар интихоботҳо иштирок мекунанд.

Республикаҳои парламентӣ ва президентӣ инчунин бо шаклҳои омехтаи идоракунӣ соҳибанд. Аммо ҷудокунии шаклҳои идоракунӣ ба монархӣ ва республикавӣ зуҳуроти гуногуни онҳоро ба итмом намерасонанд. Масалан, Шветсияи монархистӣ назар ба республикаҳои Покистон, Ирон ё Ироқ демократитар мебошад.

Барои ҳамин ҳам "режими асосӣ" ҷорӣ карда шудааст ва ба мо лозим меояд, ки мафҳумҳои режими "давлатӣ" ва "сиёсӣ"-ро аз ҳамдигар фарқ намоем. Мафҳумҳои нишондодашуда якмаъно нестанд. Режими давлатӣ ин усулҳои амалигардонии ҳокимияти давлатӣ ва режими сиёсӣ дар натиҷаи амалиёти тамоми ҷузъҳои сиёсии системаи сиёсӣ ташаккул меёбад. Режими давлатӣ метавонад авторитарӣ, тоталитарӣ ва демократӣ бошад.

Режими авторитарӣ маҳдудияти ҳуқуқ ва озодиҳо шаҳрвандон, худсарӣ ва ҳокими мутлақ будани дастгоҳро ифода менамояд.

Режими тоталитарӣ тамоми воситаҳои маҷбурсозӣ, назорат аз болои ахлоқи шаҳрвандонро истифода мебарад. Ҳама ба назорати боло тобеъ аст.

Режими демократӣ бо риояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон алоқаманд буда, худсарии шахсони вазифадор ва ташкилотҳои давлатиро маҳкум мекунад.

Чи тавре, ки таҷриба нишон медиҳад, характери режим ва шакли идоракунӣ метавонад ба ҳама мувофиқ наояд. Масалан, давлатҳои сотсиалистии собиқ, ки соҳиби шакли идоракунии республикавӣ буданд, аз ҷиҳати мазмуни худ давлатҳои авторитарӣ ва тоталитарӣ буданд. Аммо чунин давлатҳои буржуазӣ ба мисли Шветсия, Белгия ва Норвегия аз рӯи шакл монархияҳои конститутсионӣ бошанд ҳам, аммо мазмунан давлати демократӣ ҳисобида мешаванд.

Дар илмҳои буржуазӣ бар хилофи назарияи марксистӣ, намудҳо ва шаклҳои давлат ба тарзи дигар ҷудо карда мешаванд. Ин ба набудани шавқу рағбат дар таҳқиқи вобастагии байни сохтори сиёсӣ ва муносибатҳои синфӣ, аз як тараф ва муносибатҳои моликиятӣ, аз тарафи дигар маънидод карда мешавад. Дар назарияҳои буржуазӣ

диққати асосӣ ба ҷузъҳои интститутсионалию юридикӣ, таҳлили қиёсии сохторҳои расмӣ, амалиёти вазифаҳои давлатӣ, масъалаи муносибатҳои ҳокимиятҳои қонунбарор ва иҷрои масъалаҳои ҳалталаби маданӣ, сиёсӣ ва ғ. дода мешавад.

Дар зери мафҳуми сохтори давлатӣ сохтори ҳудудии давлат, характери муносибатҳо байни қисмҳои ташкилкунандаи онҳо, инчунин муносибати ҳар яке онҳо ба давлат умуман дар назар дошта мешавад. Тамоми давлатҳо аз рӯи сохтори ҳудудии худ ба се гурӯҳ: унитарӣ, федеративӣ ва конфедеративӣ тақсим мешаванд.

**1.Унитарӣ** ин давлате мебошад, ки дар худ ташкилоти ҷудогонаи давлатӣ дошта, соҳиби системаи ягонаи мақомоти олӣ, системаи ягонаи қонунбарорӣ ва системаи ягонаи идоракунӣ мебошад. Масалан, Булғория, Полша, Руминия, Фаронса ва ғ. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ давлати унитарӣ мебошад. Мувофиқи Сарқонуни ҶТ "Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад"

**2.Федератсия** - шакли сохтори давлатиест, ки он чун қоида дар давлатҳои сермиллат ҷорӣ карда шудааст. Вай худ давлати иттифоқии мураккабест, ки аз якчанд давлатҳои дигар иборат буда, ҳар яке аз онҳо соҳиби мустақилияти муайяни қонунию сиёсӣ мебошанд. Дар мафҳуми федератсия ҳалли масъалаҳои муҳими ҳаётӣ дохил мешаванд: мудофиаи давлат, сиёсати беруна, андозсупории ягона, маблағгузории ягона, конститутсияи умумӣ ва ғ. Масалан, давлатҳои федеративие, ки дар асоси принсипи миллӣ-территориявӣ ташкил шуда буданд; ИМА, Олмон ва ғайра шуда метавонанд.

**3.Конфедератсия** - ин иттифоқи давлатҳоест, ки истиқлолияти худро нигоҳ дошта, барои мутобиқ кардани як қатор амалиётҳои худ асосан дар сиёсати беруна ва ҳарбӣ, муттаҳидшаванда мебошанд. Ин иттиҳодияи байнидавлатие мебошад, ки дар он маблағгузории ягона, дастгоҳи бюрократии умумӣ барои ҳама мавҷуд набуда, қувваҳои мусаллаҳ ба як давлат мансубанд. Конфедератсия нисбатан кам вомехӯрад ва чун қоида барои ташкилшавии федератсия замина фароҳам меоварад.

Яке аз масъалаҳои асосии ҳастии имрӯза ин усули такмили сохтори демократӣ ва тараққиёти давлат мебошад. Ҳамчун кафолати демократия давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор меравад. Оид ба давлати ҳуқуқбунёд аз он нуқтаи назар мулоҳиза кардан лозим аст, ки ҳар як давлат бо ҳуқуқ алоқаманд мебошад, вале на ҳар як давлатро ҳуқуқбунёд номидан мумкин аст. Идеяи давлати ҳуқуқбунёд ҳанӯз дар давраи атиқа ба амал омада буд. Ин мафҳумро дар илм И.Кант дохил намуда, аз тарафи дигар идеологҳо такмил ёфтааст. Давлати Тоҷикистон низ худро давлати ҳуқуқбунёд эълон намуда, таъмини волояти қонун, эҳтироми инсон, риояи ҳуқуқ ва озодии шаҳрвандонро кафолат медиҳад, ки ин яке аз хусусиятҳои инкишофи давлати демократӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ ва дунявӣ мебошад,ки дар он принсипҳои адолати иҷтимоӣ риоя шуда, муносибатҳои динӣ дар доираи низоми ҳуқуқӣ танзим мешаванд.

Принсипҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд дар илм чунинанд:

Ҳукмронии қонун. Қонуне, ки хоҳиши халқро ифода мекунад, омили асосии пешравони давлати ҳуқуқбунёд буда метавонад. Дар марҳалаи дигаргунсозии ҷомеа вазъият тағйир ёфта, мақоми илмҳои ҳуқуқӣ баланд мегардад. Бештар қонунҳо кор карда шуда, заминаҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд чунин гузошта мешаванд:

а) баробарии ҳама дар назди қонун;

б) масъулияти дутарафаи шаҳрвандон дар назди давлат ва давлат дар назди шаҳрвандон;

в) устувории озодиҳои шахс, ҳуқук ва манфиатҳои он, номус ва обрӯи вай. Ҳамаи ин дар қонун навишта шуда буд, аммо механизми амалигардонии вай мавҷуд набуд;

г) тақсимоти ҳокимият (қонунбарор, иҷроия, судӣ).

Ҳамин тавр, дар давлати ҳуқуқбунёд бояд ҳамаи он чизе, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ фоиданок аст, шахсӣ нашуда, ба фоидаи умум монад. Ин принсипҳо сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ ва маданияти одамонро талаб мекунанд.

Сохтани давлати ҳуқуқбунёд бояд, ки бо мутлақияти дастгоҳи давлатӣ нуқта гузошта, ба принсипи на халқ барои давлат, балки давлат барои халқ оғоз бахшад. Базиси иҷтимоӣ фақат он вақт дар давлати ояндаи ҳуқуқбунёд сохта мешавад, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккул дода шавад.

# РЕЖИМИ СИЁСӢ

Мафҳуми режими сиёсӣ дар ҳаёти ҳаррӯза истифода шуда, ҳамчун мафҳуми асосии-илмӣ сиёсӣ ба шумор меравад. Донистани ин асосҳо махсусан, дар ҷомеае, ки дар давраи гузариш ё ин ки дар давраи азнавсозии режими сиёсии хеш қарор дорад, хеле муҳим аст.

## 1. Режими сиёсӣ, мазмун ва ҷузъҳои он

Мураккабии фаҳмиши мафҳуми "режими сиёсӣ" дар бисёрченакии ҳаёти сиёсӣ мебошад. Аз ин рӯ, якчанд дараҷаи истифодабарии мафҳуми "режими сиёсӣ"-ро ҷудо кардан мумкин аст. Вақтҳои охир ин мафҳум бо системаи сиёсӣ монанд карда мешавад, ё ин ки ба маънои маҳдуд барои усулҳои амалигардонии ҳокимияти давлатӣ истифода бурда мешавад.

Мафҳуми режими сиёсӣ маънии васеъ ҳам дорад. Дар сиёсатшиносии Ғарб ин мафҳумро дер боз барои тавсифи вазъи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа истифода мебаранд. Сиёсатшиноси машҳури фаронсавӣ М.Дюверже тавсифи васеи режими сиёсиро ҳамчун мувофиқати муайяни системаи ҳизб, усулҳои овоздиҳӣ, як ё якчанд намудҳои қабули қарорҳо, пешниҳод карда буд. Дар ҷомеашиносии мо масъалаи режими сиёсӣ имрӯз аз мавқеи васеътар ҳамчун ҳодисаи махсуси сиёсӣ, ки дар он ягонагии ногусастании се институти сиёсӣ- ташкилоти сиёсии ҷомеа, системаи методҳои амаликунандаи ҳокимият ва маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳо маънидод карда мешавад. Аммо то ҳол ягонагӣ чӣ дар фаҳмиши мазмун ва чӣ дар сохти режими сиёсӣ ва муносибати вай бо системаи сиёсӣ вуҷуд надорад. Онро ҳамчун "усули амалкунандаи системаи сиёсӣ", сохти сиёсӣ, "тартиботи сиёсӣ" истифода мебаранд. Сиёсатшиноси поляк Е.Вятр таҳти мафҳуми режими сиёсӣ маҷмӯи тартиботи қонун ва татбиқи амалии ин маҷмӯъро дар амалия мефаҳмонад. Ҳамин тариқ, "режими сиёсӣ" гӯё имконият медиҳад, ки маҷмӯи институтҳоеро, ки дар қонуни асосӣ дарҷ шудаанд, ба ҳаққонияти раванди сиёсӣ

бояд якҷоя шаванд. Ба замми ин тамоили маънидод кардани режими сиёсӣ ҳамчун натиҷаи ҳамкории тамоми омилҳои ҷамъиятӣ, ки ба ташаккул додани сохти сиёсии худи мамлакат имконият медиҳад, хеле васеъ паҳн шудааст. Мисоли ин таърифи олими франсавӣ Жан Луи Кирмон оиди режими сиёсӣ шуда метавонад. Вай мегӯяд, ки тахти мафҳуми режими сиёсӣ маҷмӯи ҷузъҳои тартиботи идеологӣ, институтсионалӣ ва сотсиологиеро мефаҳмонад, ки ба ташаккулёбии ҳокимияти сиёсӣ дар мамлакат дар марҳилаи муайян имконият медиҳанд.

Қисматҳои нисбатан умумии режими сиёсӣ: сохти институтҳо, қонунӣ будан, шакл ва нақши давлат, маҷмӯи ҳизбҳо мебошанд. Муфассалтар ду қисми аввали онҳоро дида мебароем, ки дар мавзӯъҳои дигар дида намешаванд. Режимҳои сиёсӣ аз рӯи сохти институтҳояшон фарқ мекунанд. Доираҳои институтсионалии режимҳои сиёсӣ, тарҳи саҳнаи сиёсӣ ва иҷрокунандагони нақшҳоро муайян мекунанд. Барои тавсифи режимҳои сиёсӣ таҳлили ҳамкории ҳокимиятҳои қонунбарор ва иҷроия, ташкилотҳои марказӣ ва маҳаллӣ: вазъи ташкилотҳои ҷазодиҳанда; шароити фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ; ташкилотҳои оммавӣ; қувваҳои сиёсӣ, ки фаъолияти онҳо ба тартиб дароварда шудааст; вазъияти ҳуқуқи шахсият; вазъи воситаҳои ахбори омма ва ғайра лозим аст. Барои он ки тасаввуроти дуруст оид ба режими сиёсӣ пайдо намоем, пеш аз ҳама нуқтаҳои зеринро ба назар гирифтан лозим аст:

1. Сифат ва тарзи фаъолияти сохти институтҳои сиёсӣ.
2. Усулҳо ва тартиби ташаккулёбии онҳо.
3. Намудҳои қабули қарорҳо.

Омили қонунӣ будан барои фаҳмидани характери режими сиёсӣ фавқулоддаю муҳим мебошад. Режимҳои сиёсӣ чӣ дар ҳокимияти қонунӣ ва чӣ дар ҳокимияти ғайриқонунӣ асос ёфта метавонанд. Мафҳуми қонуни будан дар аксар вақт ҳамчун ҳокимияти қонунӣ ё соҳиби ваколатҳои конститутсионӣ маънидод карда мешавад. Аммо аниқтараш онро ҳамчун қонунӣ будани давлат ё ин

ки мувофиқати арзишҳои он, ки режими сиёсӣ дар он асос ёфтааст, ифода кардан мумкин аст.

Асоси қонуниятро, ба ақидаи М.Вебер, махз шинохтани давлат аз тарафи тобеон, боварӣ ба сифати адолатнокии он, мувофиқат бо тақсимоти анъанавии ҳуқуқ ва вазифаҳо ташкил медиҳанд. Агар режими сиёсӣ дар ризоияти васеи омма асос ёфта бошад, он гоҳ бо режими қонунӣ (ва давлат) сарукор дорем.

Принсипҳои қонуният метавонанд, сарчашмаҳои гуногун дошта бошанд, вале ҳамаи онҳо соҳиби қувваи тобеъкунандае мебошанд, ки ба устувории режими сиёсӣ равона карда шудаанд. Онҳо бо ифодаи сиёсатшинос Санистебан "формулаи мӯъчизавиеро ташкил медиҳанд, ки он дар муносибати давлат бо тобеон дар системаи дилхоҳи сиёсӣ асос меёбад". Ҳар қадаре, ки тамоили қонуният дар шуури ҷамъиятӣ чуқур реша давонда бошад, ҳамон қадар зарурияти истифодабарии зӯроварӣ кам мешавад. Аммо истифодабарии мунтазами он ҳангоми қонуниятро аз даст додани давлат ногузир мегардад.

Типологияи қонуниятҳое, ки имрӯз васеъ истифода бурда мешаванд, аз тарафи М.Вебер тартиб дода шудаанд. Вай принсипҳои қонуниятҳоеро ҷудо мекунад, ки дорои сарчашмаҳои гуногунанд:

а) дар анъана ва урфу одат, ки чун асоси меъёри муносибатҳои роҳбарӣ ва итоаткорӣ мебошанд;

б) дар ҳукмронии ҳуқуқ ва қонун ҳамчун меъёри асосӣ, ки қоидаҳои амиқ ифодашудаи ахлоқи идоракунандагон ва идорашавандагонро дода бошанд;

в) дар хислатҳои фарққунандаи шахсияти роҳбар - ҳукмронии харизматикӣ ба қувваи тобеъкунандаи омма табдил ёфта, анъана ва қонунҳоро аз байн бурда, дигаргуниҳои институтсионалиро амалӣ гардонад.

Дар шароити ҳозира усули муҳими асоснокгардонии қонунияти режимҳои сиёсӣ идеология мебошад. Агар бо ёрии он тарафдории давлат аз тарафи омма таъмин карда шавад, ақидае ташаккул меёбад, ки мувофиқи он системаи сиёсии мувофиқ ба талаботҳои ҷомеа ҷавоб дода, арзишҳои шинохтаи онҳо мувофиқ мебошанд.

## 2. Типологияи режимҳои сиёсӣ

Типологияи режимҳои сиёсӣ якҷоя бо нахустин кӯшишҳои маънидодкунии олами сиёсӣ ба миён омадааст. Аз Афлотун ва Арасту сар карда, мутафаккирон кӯшиш мекарданд, ки таснифоти режимҳои сиёсиро (монархия, олигархия, аристократия ва демократияро) таҳлил карда бароянд. Чунин типология дар воқеъ таҷрибаи сиёсати ҳамонвақтаро таҷассум менамояд. Фарқияти режимҳои сиёсии муосир бошад онҳоро ба ду намуди асосӣ тақсим менамоянд: **1.демократӣ 2.ғайридемократӣ.**

Фарқияти байни режимҳои демократӣ ва ғайридемократӣ дар хусусияти сохт ва амали институтҳои онҳо мебошад. Ин дар тарзи тақсимот ва якҷоякунии ҳокимият, инчунин нақши ҳуқуқ дар сохти институтҳои вай, тарз ва тартиби ташаккулёбии онҳо таҷассум меёбад.

Шаклҳои гуногуни тақсимоти ҳокимият ва режимҳои демократӣ ва ғайридемократӣ ҳамчун фарқият байни системаҳои плюралистӣ ва монистӣ падид меояд. Ба ақидаи Монтеске ин ба пайдоиши зулм ва зӯроварӣ монеъ гашт ва дертар механизми маҳдудкунии соҳибистиқлолии давлат бо роҳи "плюрализми сиёсӣ" ташаккул ёфт. Дар ин ҳолат қабули қарорҳои сиёсӣ дар давлат натиҷаи ҳамкорӣ ва рақобати марказҳои якдигарро мувозинаткунанда ба шумор мераванд.

Фарқияти байни режимҳои демократӣ ва зиддидемократӣ дар характери тақсимот, инчунин дар дараҷаи якҷоякунии мувофиқи монархияи тобеъгардонӣ мебошад. Аз рӯи хусусияти сохти давлат режимҳои мустаҳками муттамарказонида ва режимҳои бо ҳокимияти тақсимшударо фарқ кунонидан мумкин аст. Се намуди муттамарказонидани ҳокимият вуҷуд дорад: **1.мутлақияти шоҳию-сулолавӣ; 2.ҳокимияти мутлақ-авторитаризми шахсию гурӯҳӣ, этатизм-абсолютизми (мутлақият) давлатӣ-бюрократӣ ва 3.авторитарӣ.** Системаи маҷбурӣ-фармонфармоӣ, муттамарказонии сахт дар ҳолатҳои фавқулодда, дар лаҳзаҳое, ки сарфакунии тамоми қувваҳои ҷомеа зарур мешавад; ҳангоми норасоии захираҳо (одамӣ,

истехсолӣ, ашёи хом); дар вазъияти фавкулоддае, ки таҳдид ба худмуайянкунии ҳаёт ба миён меояд (бӯҳрони иқтисодӣ, экологӣ, демографӣ, энергетикӣ ва этикӣ); таҳдиди ҷанг, асорат ва истило. Дар ҳолатҳои дигар натиҷаҳои манфии ҳокимияти марказонидашуда (назорати сахти муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки ҳаёти шахсӣ, ба танзим даровардани интизомнокии ҳаёт, маҳдуд кардани ташаббуси шахсӣ, маҳдудкунии ҳуқуқ ва озодиҳои мардум) имконият намедиҳанд, ки қарорҳои натиҷабахш қабул карда шаванд ва дар охир ба тараққиёти ҷомеа монеъ шаванд.

Масъалаи муҳими режимҳои демократӣ ин ҷустуҷӯи чунин механизми қонуние (конститутсионӣ) мебошад, ки манфиатҳои мухтории ҳар як субъектро ба назар гирифта ба карахтшавии ҳокимият, ба ноқодирии он дар қабули мақсадҳои умумию натиҷабахши сиёсӣ оварда нарасонад. Ҳалли ин масъаларо дар таҷрибаи режимҳои демократии Ғарб бо роҳи васеъ намудани ҳуқуқҳои мухторияти маҳалла ё миллӣ, ки ба воситаи худидоракунии давлати федеративӣ ва мунисипалӣ ба амал бароварда мешавад, ҷустуҷӯ мекунанд.

Барои он ки оид ба режимҳои демократӣ ва зиддидемократӣ тасаввурот пайдо намоем, нақши ҳуқуқ ва сохти институтҳои ҳокимиятро низ ба назар гирифтан лозим меояд. Мазмуни асосии давлати ҳуқуқбунёд дар тобеъгардонӣ ба ҳуқуқ, ҳокимиятҳои конститутсионӣ ва маъмурӣ, ҷамъиятӣ ва ба болои онҳо амалигардонии назорати ҳуқуқӣ мебошад. Дар шароити ин режим худи давлат ҳуқуқҳои, тамоми иттиҳодияҳои иҷтимоиро ҳамчун шахси алоҳида эҳтиром карда, дар муносибат ба онҳо шароити баробар фароҳам месозад. Дар ин ҷо қонун шахсияти алоҳидаро муҳофизат намуда, қонунияти олӣ ин ҳокимияти додгоҳӣ мебошад. Режими давлати ҳуқуқбунёд ба режими давлатдории политсиявӣ ва диктаторӣ, ки дар онҳо политсияи сиёсӣ ҳукмрон аст, бештар шаклҳои зӯроварӣ ва назоратро истифода мебарад. Дар ин ҷо ҳокимияти давлатӣ ва маъмурӣ якҷоя амал мекунад.

Қисмати асосии фаъолияти режимҳои сиёсӣ, шакл ва тартиби ташаккулёбии институтҳои он (меросӣ, иттиҳодиявӣ, ҳокимияти интихоботӣ) мебошад. Тарзи меросии давлат (монархия, империя) ба гузашта мансуб буда метавонанд. Дар таҷриба шаклҳои қабилавӣ, оилавӣ ва хешутаборӣ вуҷуд дошта метавонанд. Ҳокимияти табақавӣ хоҳиши шаҳрвандии аҳолиро ифода накарда, аслиҳаи ҳокимияти корпоративӣ мебошад. Дар ин ҷо сухан дар бораи бартарии гурӯҳҳои муттаҳиди сарбаста меравад, ки дар ҳаёти сиёсӣ аз пайи мақсадҳои хеш мебошанд. Режими корпоративӣ режимҳои сиёсии Италияи фашистӣ, Германия, Испания ва Португалияи миллатгаро буд.

Ҳокимияти интихоботӣ. Интихоботҳо яке аз ҷузъҳои муҳими муайянкунандаи характери режими сиёсӣ мебошанд. Аммо ҳокимияти интихоботӣ на ҳамеша хоҳиши шаҳрвандии аҳолиро ифода мекунад. Вай метавонад, дар намуди интихоботҳои озоди демократӣ амалӣ гардад, инчунин метавонад ба қудрате хизмат намояд, ки, ҳатто режими диктаторӣ рӯпӯш месозад. Маҳдудкуниҳои гуногун оид ба роҳ додани шаҳрвандон ба интихоботҳо ҷой доранд. Инҳо меъёрҳои зиддимоликиятӣ, маърифатӣ, синфӣ, табақавӣ, муқимӣ, этникӣ ва ғ. мебошанд.

### 3. Намуд ва шаклҳои фаъолияти режимҳои демократӣ ва зиддидемократии муосир

Қиёси умумитарини режимҳои демократӣ ва ғайридемократӣ нишон медиҳанд, ки дар ҳаёти воқеӣ шаклҳои гуногуни алоҳидаи фаъолияти онҳо вуҷуд доранд. Барои ҳамин аксар вақт чунин мешуморанд, ки режимҳои сиёсӣ ин системаи сиёсии кишварҳои алоҳидае мебошанд, ки аз бисёршаклии табиии миллӣ ва таърихӣ гирифта шудааст.

Дар ҷаҳон намудҳои гуногуни режимҳои демократӣ мавҷуданд, ки тақсимоти аз тарафи омма қабул кардашудаи онҳо дар вобастагӣ аз хусусияти тақсимоти давлатҳо ба

идоракунии президентӣ ва парламентӣ муайян карда мешаванд. Намунаҳои классикии инҳо ИМА ва Британияи Кабир мебошанд. Аммо миқдори муайяни режимҳои демократии Ғарб бо мушкилӣ ба ин намуди "тоза" дохил мешаванд. Дар шакли идоракунии нимпрезидентӣ (Фаронса) нақши президент нисбат ба намунаи анъанавии парламентарӣ муҳимтар мебошад. Системаҳои омехтаи "парламенти президентӣ", ки дар худ хусусиятҳои ҳар ду намуди режими демократиро таҷассум мекунанд, низ мавҷуданд (Швейтсария). Инчунин якчанд намудҳои режими парламентарӣ амал мекунанд. **Шакли якуми** режими парламентарӣ ин аксарияти як ҳизб дар парлумон аст, вақте ки як ҳизб метавонад ҳокимиятро ташкил диҳад (Британияи Кабир). Дуюм, системаи коалитсионии парлумонӣ вақте ки кабинетҳо дар асоси коалитсияи ҳизбҳои гуногун ташкил мешаванд, чунки ҳеҷ яке аз онҳо аксарияти мутлақро дар парлумон (Олмон, Италия ва ғ.) ташкил намедиҳанд. Намуди сеюм режими консенсуалии парлумонӣ дар ҷомеаҳое, ки дорои гурӯҳҳои гуногуни этникӣ ва минтақавӣ мебошанд (Белгия).

Ба ҳамаи камбудӣ ва зиддиятҳо нигоҳ накарда, режимҳои демократии асосан амалкунанда нисбат ба диктатураҳои алтернативии соҳиби афзалият ҳалкунанда мебошад: демократия зиддиятҳои дохилиро пахш накарда, онҳоро мешиносад ва дар дохили ҷомеа дар доираи қонунии созишкорӣ ва ҳамкорӣ мубориза мебарад.

**Режими либералӣ (либералӣ-демократӣ).** Дар шароити ҳозира вақте ки тамоилҳои дигаргунсозӣ дар як қатор режимҳои тоталитарӣ ва авторитарӣ дар демократия падид меоянд, сиёсатшиносон ба сифати марҳилаи гузариши махсус вазъи системаи сиёсӣ режими либералӣ-демократиро қайд мекунанд. Режими либералӣ тамоми ташкилотҳоро ба ғайр аз онҳое, ки барои ҳокимият мубориза мебаранд, тарафдорӣ мекунанд:

1. ҷомеаи шаҳрвандиро ҷоннок мегардонад, ҳаракати ҳифзи ҳуқуқ зиёд мешавад, иттифоқҳои касабаи комилҳуқуқ ва ҳатто, мухолифини сиёсӣ пайдо мешаванд;

2. ҳангоми амали режими либералӣ давлат маҷбур аст, ки бо тобеон гуфтушунидро сар намуда, як қатор ҳуқуқ ва озодиҳо диҳад, дар ин замон "демократияи маҳдудшуда" ё ин ки нишонаҳои расмии демократия - парлумон, интихоботҳои мунтазам, эътирофи мухолифин, амалӣ гардонида мешаванд;

3. ҳангоми режими либералӣ ҷомеа ба ҳукумат таъсир кардан мегирад. Аммо фаъолияти мухолифин аз доирае, ки ба система таҳдид мекунад берун намебарояд, рақобати ҳақиқӣ барои хокимият мавҷуд нест.

Принсипи махфии меъёри режими либералӣ - "ҳама чиз иҷозат дода шудааст, ба ғайр аз табаддулоти ҳокимияти демократӣ. Ҳамаи он чизе, ки иҷозат дода шудааст, аз тарафи қонун манъ карда нашудааст".

**Режими тоталитарӣ.** Мафҳуми тоталитаризм барои тавсифи системаҳои сиёсие, ки барои назорати пурра (тоталитарӣ) аз болои тамоми ҳаёти ҷомеа ва умуман аз болои хаёти ҳар як шахс дар алоҳидагӣ кӯшиш мекунад, истифода бурда мешавад (миллатгарой, фашизм ва ғайраҳо). Инчунин дигар мафҳумҳо ба монанди режими тоталитарӣ. Шароитҳои умумие, ки барои ташаккулёбии чунин режимҳо имконият медиҳанд, инҳоянд: вайроншавии сохторҳои анъанавӣ, зарурати сафарбар кардани умумии қувваҳо барои азнавсозии босуръат дар шароити тараққиёти таъқибкунанда; бар зидди хатари берунӣ ва дохилӣ; набудан ё ин ки ноустувории ҷомеаи шаҳрвандӣ ва институтҳои демократӣ.

**Нишонаҳои тоталитаризм.**

1. Муттаҳидкунии давлат дар доираи як ҳизби ягонае, ки бо усули ғайридемократӣ ташкил шудааст.

2. Мавҷудияти идеологияи ягона ва ҳатмӣ. Ин идеология кӯшиш мекунад, ки маҷмӯи аввалаи арзишҳоро ба нав иваз намояд (давлат, нажод, миллат, синф). Интизомнокӣ дар муносибат ба ҳизб ва давлат дар муқоиса нисбат ба дигар арзишҳо аввалиндараҷа мебошад (материалӣ, динӣ, эстетикӣ).

3. Банизомдарорӣ ва сиёсигардонии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, фарқият байни давлат ва ҷомеа, соҳаҳои

сиёсӣ ва ғайрисиёсӣ аз байн рафтаи ҷомеаи шаҳрвандӣ вайрон мешавад.

4. Системаи зӯроварии ҷисмонӣ ва психологӣ мувофиқи принсипи асосии ҷомеаи тоталитарӣ кӯшиш мекунад, ки системаи мураккаби ҷамъиятиро ҳамчун намунаи нисбатан оддӣ ва танзимшаванда табдил диҳад.

**Режими авторитарӣ.** Дар зери ҳокимияти авторитарӣ одатан ҳокимиятеро мефаҳманд, ки дар натиҷаи обрӯ ва эътибор асос ёфтааст. Вале ин бо роҳи демократӣ барқарор шудааст. Авторитаризм ин муттаҳидгардонии ҳокимияти сиёсӣ дар дасти як шахс ё гурӯҳӣ на он қадар калон, дар идоракунии вай роҳ надодани шахсони дигар мебошад.

Намудҳои авторитаризм: популистӣ ба оммаҳои баробарҳуқуқ такя мекунад; либералӣ ба ташкил кардани бозор кӯшиш мекунад; ҳарбӣ ба қувваҳои мусаллаҳ такя мекунад; теократӣ, вақте ки ҳокимият дар дасти табақаи динӣ мебошад. Ин режимҳо асосан дар вақти гузариш ба миён меоянд.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда дар байни режимҳои авторитарӣ лаҳзаҳои умумиро ҷудо намудан мумкин аст:

1. нақши марказиро дар ин ҷо нигоҳ доштани ҳокимияте мебозад, ки қонун маҳдуд накарда, бо роҳи дилхоҳ таъмин карда мешавад. Аз он ҷумла зӯроварӣ, истифодабарии усулҳои ҷазодиҳӣ нисбат ба муқобилони фаъоли режим;

2. барои авторитаризм ҷаҳонбинии ягона барои ҳама хос нест. Ҳокимият қодир аст, ақидаҳои дигари сиёсӣ, плюрализми сиёсии маҳдудшударо, ки аз тарафи "институтҳои демократӣ" назорат карда мешаванд ва то он вақте ки онҳо ба система дахолат намекунанд, пазирад. Ин ҷамъият аз рӯи принсипи "ҳама чиз иҷозат дода шудааст, ба ғайр аз сиёсат" сохта шудааст;

3. табақаи ҳукмрон чун қоида ба блоки қувваҳои гуногун, ки дар амалигардонии функсияҳои давлат бо усулҳои авторитарӣ якхела манфиат доранд, такя мекунад. Маҳз барои ҳамин ҳам дар ин гуна режимҳо роҳбари обрӯманд нақши муҳимро мебозад;

4. фарқи авторитаризм аз системаи тоталитаризм дар он аст, ки вай ба соҳаҳое, ки ба сиёсат алоқаманд нестанд, дахлдор намешавад, (иқтисодиёти вай метавонад, чӣ марказонидашуда ва чӣ бозорӣ бошад). Барои ҳамин ҳам бӯҳрони режими авторитарӣ ҳамчун ҳодисаи дохилисиёсӣ инкишоф меёбад. Системаи сиёсии тоталитарӣ расман аз иқтисодиёт баланд шуда, онро фақат бӯҳрони дохилии худи сохтори сиёсии ҷамъиятӣ вайрон карда метавонад. Ҳамин тавр, агар гузариш аз авторитаризм ба демократия пеш аз ҳама маънои иваз шудани режими сиёсиро дошта бошад, он гоҳ гузариш аз тоталитаризм ба демократия, ки ҷомеаи мо аз сар гузаронида истодааст, ин ивазшавии сохти иҷтимоӣ-иқтисодӣ буда, вазифаи ташаккулёбии асосҳои демократии ҳаётро мушкил мегардонад.

# ФАЪОЛИЯТИ СИЁСӢ ВА ИШТИРОКИ СИЁСӢ

Масъалаи муносибати инсон ба ҳокимият ва роҳҳои интиқоли арзишҳои аз як насл ба насли дигар, дар тӯли таърихи афкори сиёсӣ ҳамеша мавриди баҳсу муҳокима қарор ёфтаанд. Аз ин рӯ, дар фанни сиёсатшиносӣ масъалаи фаъолияти сиёсӣ ва иштироки сиёсӣ яке аз проблемаҳои рӯзмарра ба ҳисоб меравад.

## 1. Сохт ва усулҳои фаъолияти сиёсӣ

Сиёсатмадорон фаъолияти сиёсиро ҳамчун иштирок дар коркард ва амалигардонии сиёсат дар ҳаёт, амалиёти рафтори худ ба худ рӯйдиҳанда ва муташаккилии гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ташкилотҳо ва шахсиятҳои муайян дар ба амалбарории манфиатҳои мувофиқи сиёсӣ дида мебароянд.

Пеш аз баррасии моҳияти фаъолияти сиёсӣ мо бояд худи мафҳумҳои фаъолияти сиёсӣ, иштироки сиёсӣ ва рафтори сиёсиро муайян намоем. Ин мафҳумҳо аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздиканд ва аксар вақт дар адабиётҳои илмӣ ҳамчун мафҳумҳои баробармаъно истифода мешаванд.

Иштироки сиёсӣ ин ҷалб шудани аъзоёни ҷомеа дар ин ё он шакл дар раванди дохилии муносибатҳои сиёсию ҷамъиятӣ мебошад. Дар доираи иштироки муайян рафтори фардӣ ва гурӯҳӣ якхела набуданашон мумкин аст, чунки фардҳо ва гурӯҳҳои умумӣ аз рӯи хислатҳои худ метавонанд фаъолияти гуногун нишон диҳанд. (фаъол, ғайрифаъол, осоишта ва маҷбурӣ).

Дар нишондоди тавсифи ҳодисаҳои сиёсӣ мафҳуми "рафтори сиёсӣ" ҳамчун мафҳуми васеътар аз ҷиҳати ҳаҷм ва моҳият нисбат ба мафҳуми "фаъолияти сиёсӣ" истифода мешавад. **Чунки ҳар гуна фаъолияти сиёсӣ ин рафтори сиёсӣ аст, аммо на ҳар гуна рафтор ин фаъолият аст.** Инчунин бепарвоии сиёсӣ, рӯҳафтодагӣ, бегонашавии моҳият ин бефаъолиятии сиёсӣ, аммо дар якҷоягӣ ин як навъи махсуси рафтори сиёсӣ ҳисобида мешавад.

Дар натиҷаи фаъолияти сиёсии фаъол асоси муносибатҳои сиёсӣ (истеҳсолӣ, тақсимотӣ, шахсӣ, ҳокимият ва ғ) дигар шуданаш мумкин аст, ки ин дар охир метавонад ба дигаргуниҳои қатъӣ дар муносибатҳои шахс ва ҷомеа оварда расонад.

Таркиби фаъолияти сиёсӣ бисёр мураккаб буда, ба он чунин элементҳо дохил мешаванд: субъект ва объектҳои фаъолияти сиёсӣ, вазъияти амалишавии онҳо, мақсадҳои фаъолияти сиёсӣ, усулҳои фаъолияти сиёсӣ. Субъектҳои фаъолияти сиёсӣ ин синфҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҳизбҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, коллективҳо ва шахсиятҳо ба ҳисоб мераванд. Ин ҷузъи таркибии фаъолияти сиёсӣ мебошад, чунки маҳз манфиатҳо ва талаботҳои субъектҳо моҳияти фаъолияти сиёсиро ташкил медиҳанд. Ҳамзамон ин қувваи водоркунандае мебошад, ки одамонро маҷбур месозад, дар як самти муайян амал намоянд.

Аз сабаби он ки дар сиёсат қонеъ гардонидани талабот ва манфиатҳо танҳо ба воситаи ба даст овардани ҳокимият муяссар мегардад, ба даст овардани ҳокимият яке аз объектҳои асосии фаъолияти сиёсӣ маҳсуб мешавад. Талаботи асосии одамон, ки барои қонеъ гардонидани он фаъолияти сиёсӣ равона шудааст, ин талаботҳои иқтисодӣ ва моддӣ аст. Дар баробари ин манфиатҳои сиёсӣ аз манфиатҳои маънавӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ва онтологӣ пайдо мегарданд.

Бояд қайд кард, ки манфиатҳои сиёсӣ бевосита аз манфиатҳои иқтисодӣ ва дигар талаботҳо пайдо намешаванд. Талаботҳо он вакт ба манфиатҳои сиёсӣ мубаддал мегарданд, ки агар субъектҳои иҷтимоӣ онро дарк намоянд. Дар он ҳолате, ки шахс, синф ва ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ дарк менамоянд, ки қонеъ гардонидани талаботҳои иқтисодӣ фақат бо роҳи бартараф кардани ин ва ё он ҳокимият ё тағйирот ба он ворид кардан ба амал меояд, он гоҳ талаботҳои иқтисодӣ ба манфиатҳои сиёсӣ мубаддал мегарданд ва ба фаъолияти сиёсӣ даъват мешаванд.

Ба оммаи мардум ва синфҳо барои дарк намудани талабот ва манфиатҳои сиёсӣ ҳамчун намоянда ҳизбҳои

сиёсӣ эътироф шудаанд. Ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои оммавӣ роҳбарони сиёсии худро пешбарӣ менамоянд, ки онҳо пешвои асосии сиёсат ва идеологияи ин ё он синф ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба шумор мераванд.

Баъзе сиёсатмадорон шахсиятро ягона субъекти ҳақиқии фаъолияти сиёсӣ меҳисобанд. Мавқеи сиёсатмадорони ҷудогона бисёртар аз боварии сиёсӣ вобаста аст. Боварии сиёсӣ ин ҳолат ва эҳсосоти иҷтимоию психологиест, ки ҳам ба шахсони алоҳида ва ҳам ба умумияти одамон хос мебошад.

Боварии сиёсӣ ба дониш ва хислатҳои шахсии арбоби сиёсӣ, моҳияти фаъолияти ҳизбҳо, органҳои давлатӣ ва ғ. асос меёбад. Дониши костаи субъекти боварӣ ба боварии кӯр-кӯрона ба ходимони сиёсӣ оварда мерасонад, ки ин асоси популизм шуда метавонад. Объекти асосии фаъолияти сиёсӣ ин давлат ва органҳои он мебошад. Давлат ҳамзамон ҳам объект ва ҳам субъекти фаъолияти сиёсӣ аст. Субъект будани давлат дар он асос меёбад, ки он худро бо воситаҳое, ки дар даст дорад ҳимоя мекунанд, муносибатҳои субъектҳои гуногуни фаъолияти сиёсиро ба тартиб медарорад. Аз он ҷумла, синфҳо, миллатҳо, ҳизбҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шахсиятҳоро ба як доираи муайяни низом дохил менамояд

**Дуюм,** ҷузъи таркибии фаъолияти сиёсӣ ин ҳолати сиёсӣ ва шароитҳои амалишавии онро дарбар мегиранд. Доираи фаъолияти сиёсӣ аз омилҳое ташаккул меёбанд, ки дар айни замон субъект наметавонад онҳоро тағйир диҳад ва ё агар тағйиротҳо ба амал оянд ҳам, онро пешгирӣ карда наметавонанд. Шартҳои баамалбарории фаъолияти сиёсӣ аз омилҳои тағйирёбанда ташкил мешаванд, ки онҳо фаъолияти сиёсиро ба ягон самт равона, мусоидат ва маҳдуд мекунанд. Ин омилҳое мебошанд, ки ба вазъияти дохилии мамлакат, таъсир расонида метавонанд. Онҳо қобилияти фаъолияти институтҳои сиёсиро, дар доираи субъектҳои фаъолияти сиёсӣ ва таносуби умумии қувваҳои сиёсӣ муайян мекунад.

Яке аз муҳимтарин ҷузъҳои таркибии мӯҳими фаъолияти сиёсӣ ин воситаҳои амалишавии он мебошад. Хусусияти хоси усулҳои фаъолияти сиёсӣ аз он иборат аст, ки интихоби он ба бисёр омилҳо вобаста аст, аз ҷумла, ба фаҳмиши маънавӣ ва ахлоқӣ истифодаи воситаҳои харобкунанда ва моҷароҷӯёна, усулҳои таҳдидҳои сиёсӣ, тарсондан, сиёҳ кардан, ҳаннотии сиёсӣ ба таъминоти мақсад ва натиҷаҳои фаъолияти сиёсӣ оварда мерасонад, новобаста аз он ки онҳо хайрхоҳона ва инсондӯстона буданд.

Муайянкунии услубҳои фаъолияти сиёсии одамон қабули қарори сиёсиро пеш мегузорад, ки интихоби эътирофшудаи яке аз вариантҳои имконпазири фаъолияти сиёсӣ мебошад. Вазифаи асосии қабули қарори ба танзим даровардани вазъиятҳои ихтилофнок ин мутобиқ кардани манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ мебошад.

Мувозинати сиёсӣ ва ҷомеа дар он ҳолате ба даст меояд, ки соҳибони ҳокимияти сиёсӣ бо талаботҳо ва умедвориҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мувофиқат кунанд. Дар ин ҳолат аксарияти шаҳрвандон ба қабули қарорҳо итоат мекунанд. Аксар вақт чунин ҳолат ба воситаи усули гузашт кардан, чустуҷолокӣ (ҳилагарӣ) истифодаи ақидаи ҷомеа ва созиши консесус таъмин карда мешавад.

Маълум аст, ки созиш ин яке аз усулҳои фаъолияти сиёсӣ буда, аз ризоияти дуҷониба бо роҳи гузашти тарафайн иборат мебошад. Иштирокчиёни созиш кӯшиш менамоянд, ки дараҷаи баҳамоии ақидаҳоро пайдо кунанд ва дараҷаи мувофиқати манфиатҳоро муайян намоянд. Барои муваффақ шудан ба созиш дараҷаи баланди маданияти сиёсии иштирокчиёни тарафайн, таърифи аниқи фан ё объектҳои баҳси он, ки дар ин шароит ҳар як тараф мегавонад ба он майл кунад ва обрумандии гурӯҳҳое, ки гуфтушунид мегузаронанд, зарур аст. Аммо чунин ҳолатҳо низ метавонад асоси мавҷудияти танҳо яке аз тарафҳо дида шаванд. Чунин вазъиятҳо характери носозишгарӣ доранд ва бо дигар воситаҳо ҳал мешаванд.

**Консенсус** - маънои ризоияти аксари одамони ҳар як иттиҳод нисбати ҷанбаҳои аз ҳама зарууртар бе

гузаронидани овоздиҳии расмӣ дорад. Дар консенсус иштирокчиёни мубоҳисаҳо ба хотири корҳои умумӣ аз пешниҳоди муқобилиятҳои расмӣ худдорӣ мекунанд. Ин яке аз имкониятҳои ҳалли бисёр масъалаҳои баҳснок ва баромадан аз вазъиятҳои душвор аст. Нуқтаи интиҳоии ба даст даровардани консенсус ин эътирофи манфиатҳои дигарон, ҳуқуқ ва зиндагии онҳо мебошад. Ин кафолати он аст, ки манфиатҳои шумо аз тарафи дигарон эътироф карда мешаванд. Бинобар ин консенсус дараҷаи баланди тамаддун, маданият ва ҷамъият мебошад.

Муваффақияти консенсус дар он аст, ки вай истифодаи қувва, фишори зӯрӣ ва итоати аққалият ба аксариятро роҳ намедиҳад. Консенсус ин ҳалли масъалаҳо бо овоздиҳӣ набуда, балки ин мувофиқати манфиатҳо ва муносибатҳо мебошад. Консенсус муаррифкунандаи сулҳи оқилона ва бошуурона аз рӯи масъалаҳои асосӣ аст. Дар давраи тавсияти фаъолияти сиёсӣ мубоҳисаҳое истифода мешаванд, ки дар он намояндагони ҳокимият, экспертҳо, намояндагони тарафҳои манфиатдор ва гурӯҳҳои ҷамъиятӣ иштирок мекунанд. Ба туфайли ин имконияти муайян намудани нуқтаҳои заифи вариантҳои тахминшудаи ҳалли масъалаҳои амалӣ пайдо мешавад.

Муносибатҳои ғайританқидӣ дар натиҷаи қадрношиносии яктарафаи ҳариф ва аз будаш зиёд қадр кардани кувва ва имкониятҳои худ пайдо мешаванд. Ин ба он оварда мерасонад, ки субъекте, ки қарор қабул кардааст, қодир нест, ки оқибатҳои қабули қарорро баҳо диҳад. Баҳои ғайриинтиқодии қарорҳои қабулшуда ба тафсири ғаразноки воқеаҳои сиёсӣ оварда мерасонанд. Муносибатҳои ғайриинтиқодӣ қисман дар натиҷаи муносибатҳои манфӣ ба ҳалли масъалаҳои пайдошуда ба миён меоянд. Чунин ҳолатҳо дар шароите мумкин аст, ки яке аз гурӯҳҳои доираи ҳукмрон ҳуқуқҳои имтиёзноки қабули қарорро бе баҳисобгирии дигар доираҳои сиёсӣ ва аҳолӣ соҳибӣ мекунанд. Монополия ба маҳдудияти мубоҳиса дар муҳокимаи лоиҳаи қарор ва пешниҳоди як вариант чун варианти ягона оварда мерасонад. Баъзан ҳолате ба миён меояд, ки аз моҳияти қарорҳои сиёсӣ чунин

омилҳо: муқобилияти мухолифин, муносибатҳои манфии афкори ҷамъиятӣ ва ғайра истисно карда мешавад. Маслан, маҳрум намудан аз ваколатҳои муайян, имкониятҳои сафар ба хориҷа, муҳокима дар воситаҳои расмии ахбори омма ба воситаҳои маҷбурнамоӣ дохил мешавад. Ё ин ки додани беиҷозат ба ин ё он шахс дар истифодаи хизмати муаяйн ва манфиат, ҳуқуқи истифодаи каналҳои махсуси ахбор ва ғайраҳо ба воситаҳои боварикунонӣ дохил мешаванд.

Баъзан барои ба даст овардани рафтори дилхоҳи субъектҳои фаъолияти сиёсӣ манипулятсия истифода мешавад, ки шахс ё гурӯҳи муайян ба рафтори шахс ва гурӯҳи дигар бо истифодаи ақида, вазъият, хислатҳои шахсӣ, талаботҳо ва ғайра таъсир мерасонад.

Воситаи махсуси фаъолияти сиёсӣ ин конформизм - мавқеи шахс, гурӯҳҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки ҳамчун тобеъ шудан, замонасозӣ кардан, қабули пасти тартиботи мавҷуда ва ақидаи ҳукмрон тавсиф мешаванд. Конформизм ин натиҷаи надоштани мавқеи шахсӣ, бепринсипӣ, мағлубият, пайравии бемулоҳиза аз қафои аксарият мебошад. Конформизми сиёсӣ аз маданияти пасти сиёсӣ шаҳодат медиҳад.

Ислоҳот ҳамчун усули фаъолияти сиёсӣ ба воситаи гурӯҳи одамоне, ки ҳавасманданд, тағйиротҳои сиёсӣ ба манфиати дастгирии сохти ҷамъиятии мавҷуда рӯй диҳад, амалӣ мешавад. Ислоҳот гузариши ҳокимиятро ба синфи дигар пешбинӣ намекунад. Натиҷаҳои ислоҳот бештар ихтилофноканд: аз як тараф сабаби инкишофи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мешавад, аз тарафи дигар синфҳои ҳукмрон бо воситаи ислоҳот кӯшиш мекунанд қабули револютсионии оммаро паст намуда, ҳукмронии худро нигоҳ доранд.

Ғайр аз дида баромадани усулҳои осоиштаи фаъолияти сиёсӣ шаклҳои зӯроварона низ мавҷуд аст; ҷанг, мубориза мусаллаҳона байни давлатхо ва синфҳо.

Револютсия тағйиротҳои сифатноки ҷомеа; контреволютсия- муносибати синфи сарнагуншаванда ва сарнагуншавада ба революсияи иҷтимоӣ, мубориза

барои барқароркунии сохти кӯҳна мебошад. Дар давраи аз ҳад тезу тунд шудани муборизаи сиёсӣ диктатураи системаи ҳукмронии сиёсии синфи муайян пайдо мешавад. Дар бисёр маврид диктатура ба чунин фаъолияти сиёсӣ ҳамчун террор ҳамроҳӣ мекунад.

Усулҳои *фаъолияти сиёсии* гурӯҳҳои иҷтимоӣ аксар вақт аз рӯи қувва ва мавқеи ҷаъмиятиашон муайян карда мешаванд. Дар навбати худ иқтидори гурӯҳ аз ҳаҷми моликият, аз шумораи гурӯҳ, қобилияти сарварон, ки бештар манфиатҳои гурӯҳҳоро комилан инъикос мекунанд, вобаста аст. Нерӯҳои гурӯҳ дар вобастагии зич аз таъсири онҳо ба доираҳои ҳарбӣ, армия, қувваҳои бехатарӣ қарор дорад.

## 2. Шаклҳои фаъолияти сиёсӣ

Маълум аст, ки шаклҳои фаъолияти сиёсӣ гуногун мешаванд. Ин фаъолият дар амалишавии ҳокимият ё зидди амалишавии он, дар ташкилотҳо ва ҳаракатҳои расмиву ғайрирасмӣ, дар интихоботҳо, райъпурсиҳо, дар митингҳо, намоишҳо ба воситаи мутбуот, радио, телевизион, дар сӯҳбатҳои сиёсӣ, мубоҳисаҳо ва ғайра амалӣ мегарданд. Шакли махсуси фаъолият дар ҳаёти сиёсӣ ин қироати матбуоти даврии сиёсӣ ва адабиётҳо, муҳокимаи барномаҳои телевизион мебошад.

Фаъолияти сиёсӣ метавонад, ҳамчун усули эътироз зидди ғайриқаноатбахш будани мавқеи чизҳо, ки масалан, ба ҳаракатҳои экологӣ хос аст арзи вуҷуд дошта бошад. Он метавонад шакли талаботи тағйир додани ҳолати мушаххасро ба воситаи усулҳои муайян дигаргун намояд.

Сиёсатшиносон иштироки фардӣ ва коллективӣ, ихтиёрӣ , маҷбурӣ, фаъол ва ғайрифаъол, анъанавӣ ва навоваронаро дар сиёсат тафовут мекунанд. Аз рӯи миқёс он ба иштироки сиёсӣ дар маҳал, ноҳия ва сатҳи миллӣ тақсим мешавад. Агар имрӯзҳо сиёсатмадорон дар бораи фаъолияти сиёсӣ чизе гӯянд, сухан на он қадар дар бораи ҷалб намудани шаҳрвандон ба қарорҳое, ки ба ҷои онҳо ҳокимият қабул мекунад меравад, балки сухан дар бораи

он меравад, ки чӣ гуна доираи васеи одамонро субъектҳои комилҳуқуқи ҳаёти сиёсӣ гардонанд. Аз ин рӯ, иштироки сиёсӣ ин на танҳо иҷозат гирифтан, ба ҳуқуқ соҳиб шудан, балки қобилияти дарк намудан, баён ва ҳимоя кардани манфиатҳои худ дар системаи сиёсӣ шуда метавонад. Дар байни шаклҳои эътиқодманди иштироки сиёсӣ аз ҳама маълумаш овоздиҳӣ мебошад. Барои омӯзиши он корҳои зиёди мутахассисон дар соҳаи илмҳои иҷтимоӣ бахшида шудаанд. Тадқиқотҳои онҳо нишон медиҳад, ки фаъол будан ҳангоми овоздиҳӣ ин фарқият дар доираи сохти давлатӣ аст. Касе бо майлу рағбат ва фаҳмида дар овоздиҳӣ иштирок мекунад, касе аз рӯи принсип овоз намедиҳад, касеро ба ғайрат овардан ва бовар кунондан лозим аст. Чи тавре ки тадқиқотҳои сотсиологии солҳои охир нишон медиҳанд; аксар вақт одамоне ба овоздиҳӣ майл доранд, ки маълумоти хуб доранд. Ё дар ин ноҳия муддати дароз зиндагӣ мекунанд, оилаҳои сиёсатдон ва фаъол, ҳисси баланди қарзи шаҳрвандӣ, аз сиёсат бештар хабардорбудагон, ва шаҳрнишинон мебошанд..

Интихобот ягона воситаест, ки таввасути он, ҳатто, шаҳрвандони ғайрифаъол метавонанд ходимони сиёсиро барои амалиётҳошон мукофотонанд ё ҷазо диҳанд. Дар он ҷое, ки моҳияти интихобот инкишофи заруриро ҳамчун таъсири ҷамъият ба сиёсат нагирифтааст, беитоатии мардум ҳаракатҳои пинҳонӣ, ошӯб, шӯриш имконпазир мегардад. Албатта, на ҳама вақт интихоботҳо метавонанд воситаи таъсир ба сиёсат бошанд. Варианти дигар низ мумкин аст, махсусан дар системаҳои тоталитарӣ. Маҳз ба воситаи интихобот манипулятсия таъсири омма ба сиёсат маҳдуд мешавад. Одатан қонунҳои гуногуни интихоботӣ, интихобот ва инчунин рафтори интихобшавандагонро ба тартиб меандозад. Се шакли назорати интихобот мавҷуд аст:

1.ба танзим даровардани ҳайати электорат (интихобшавандагон) бо мақсади кам кардани таъсири он интихобшавандагоне, ки мухолиф ҳастанд;

2.қалбакисозии натиҷаҳои интихобот ба воситаи ташкилотҳои ҳавзаҳои интихоботӣ ва сӯиистифода аз натиҷаҳои овоздиҳӣ;

3. маҳдуд кардани нақши интихобот дар ташаккулёбии органҳои истифодашуда.

Аксар вақт назар ба интихобот чунин элементҳои демократияи бевосита ҳамчун плебисит (раъйи умумӣ барои ҳалли масъалаҳои муҳим) ва овоздиҳӣ истифода мешаванд.

Плебисит ин пурсиши умумихалқӣ оид ба ин ё он масъалаҳои сиёсӣ, ки онро органҳои болоии давлатӣ барои ба даст овардани афкори муҳим мегузаранд. Аввалин плебиситҳо дар шимоли Юнон ва Рим мегузаштанд, ки дар он ҷо табақаҳои поёнӣ овоздиҳии кушод мегузарониданд, аз ин ҷост, ки ин мафҳум пайдо шудааст. Ҳоло бошад, мафҳуми плебисит қариб ки истифода намешавад ва ба ҷои он ба мафҳуми референдум афзалият дода шудааст.

Референдум ин қабули қонун, ки пешакӣ аз тарафи парламент, ҳукумат ё сарвари давлат тасдиқ шудааст. Референдуми манфӣ ин қабул накардани лоиҳаи қонун аст.

Воситаҳои махсусе, ки ба воситаи он фардҳо манфиатҳои худро бо ҳукумат мувофиқат мекунонанд, ин мақсадҳои муташаккили гурӯҳҳо мебошад. Онҳо ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим мешаванд: гурӯҳи манфиатҳои ҷамъиятӣ, ки барои ҳама кушода аст ва гурӯҳҳои манфиатҳои махсус, ки ба онҳо танҳо гурӯҳҳои муайяни одамон дохил мешаванд (ҳуқуқшиносон, ронандагон, соҳибкорон ва ғайра). Дар мамлакатҳои гуногун гурӯҳҳои манфиатҳои ҷаъмиятӣ чунин муаррифӣ шудаанд: масалан чунин ташкилотҳо ба монанди ҷамъияти ҳифзи ҳайвонот, ассотсиатсияҳои экологӣ, фонди кӯмак ба кӯдакон, гуруснагон ва ғайра.

Гурӯҳҳои манфиатҳои махсус ин ташкилотҳои муаллимон, духтурон, коркунони соҳаи савдо ва гайраро дарбар мегирад. Дар бисёр мамлакатҳо масҷид ҳамчун гурӯҳи манфиатҳои махсуси пурқувват амал мекунад. Аксар вақт ин гурӯҳҳо чунин воситаҳоро истифода мебаранд:

- шурӯи кори судӣ. Ин усул махсусан дар ҷойҳое таъсирбахш аст, ки дар он ҷо принсипи тақсимоти

ҳокимият ва анъанаҳои соҳибихтиёрии мудофиаи судӣ истифода мешаванд;

- тартиботи оммавӣ, ба вуҷуд овардани афкори ҷамъиятӣ;

- лоббикунони ин кӯшишҳое, ки барои таъсир ва манфиатҳои гурӯҳҳоро мебардоранд, равона шудааст.

Ба шаклҳои фаъолияти ғайриэътиқодӣ дохил мешаванд: корпартоиҳои ғайрирасмӣ, намоишҳои ғайриқонунӣ, зарар расонидан ба моликият, зӯроварӣ, коршиканӣ, гаравгон гирифтан, куштор, ҷанг, револютсия, дуздӣ ва ғ.

Дар қатори шаклҳои муташаккили фаъолияти сиёсӣ, шаклҳои ғайримуташаккил низ ҷой доранд. Ба онҳо дохил мешаванд: ҳаракатҳои эътирознок, шӯбҳо, митингҳо, намоишҳо. Афзоиши элементҳои номуташаккил дар раванди сиёсӣ ба натиҷаҳои банақшагирифта дар сиёсати давлатӣ, ба истеъфои роҳбарон, ҳамла ба биноҳои органҳои ҳуқуқӣ, ба амалиётҳои таҷовузкоронаи омма, ба қатлу ғорат оварда мерасонад.

Бояд гуфт, ки дар сиёсат бисёр вақт қувваҳое пайдо мешаванд, ки кӯшиш мекунанд натиҷаҳои ҳаракатҳои номуташаккилро истифода баранд ва аз онҳо маблағи муайяни сиёсиро ба даст оранд. Ба ин маъно ҳизбҳо, ҳаракатҳои моҷароҷӯёна ва ҳаракатҳои миллӣ хосанд.

Маълум аст, ки ҳаракати сиёсии шаҳрвандон барои ҷамъият зарур аст. Аммо чӣ чиз метавонад мардумро ба иштироки сиёсӣ ҳавасманд кунад? Кадом омилҳо ба фаъолияти сиёсии шахс таъсир мерасонад? Аз рӯи ақидаи сиёсатшиносон ин омилҳо чунинанд: дараҷаи демократинокии ҳаёти ҷомеа, оила, ки арзишҳои муайяни сиёсиро дода метавонад. Инчунин системаи маориф, ки мақсадҳои муайяни сиёсиро нишон медиҳад ва ҷои муттаҳидшавии наврасон мебошад, воситаҳои ахбори омма ва ҳодисаҳои ҷудогонаи сиёсӣ. Ҳамаи ин омилҳо ба андозаи гуногун ба рафтори сиёсии шаҳрвандон ҳамчун ҷараёне, ки ба рӯҳафтодагии сиёсӣ ва нобоварӣ ба сиёсат мебарад, таъсир мерасонад. Ҳамзамон, дар ин ҷо зарур аст, ки сабаби фаъолнокии сиёсиро ба назар гирем.

Дар байни сабабҳои зиёд дар ҷои аввал талаботҳои эҳсосӣ, яъне талаби баён намудани норозигии худ ба арзишҳои муайяни сиёсӣ, баёни изтиробу ташвиши худ меистад.

Мақсади дигар муайян намудани иштирок дар ташкилотҳои ғайрирасмӣ он аст, ки онҳо ба одамон назар ба ташкилотҳои сиёсии расмӣ бештар мувофиқ хизмат мекунанд. Нақши калонро ин ҷо талабот ба ҳисобикунӣ, яъне ба амал баровандани қудрат ва қобилияти шахс мебозад. Ғайр аз он иштирок дар сиёсат тарафҳои муайяни яке аз талаботҳои инсон - талаботи муоширатро таъмин менамояд. Беназирии сиёсат дар он аст, ки дар ин ҷо фард имконият пайдо мекунад, ки бо гурӯҳҳои калони одамон муошират кунад, ба мақсадҳои онҳо ҳамроҳ шавад, ба рафтори онҳо таъсир расонад. Дар муносибат бо гурӯҳҳои калон баробари ин шаҳрвандии одамон офариниши худ ҳамчун аъзои ҷомеа тараққӣ мекунад.

Ҳамин тавр, фаъолияти сиёсӣ, иштироки сиёсӣ ҳодисаи мураккаби сиёсӣ -ҷамъиятӣ маҳсуб мешавад, ки устувории сиёсиро муайян менамояд. Ба ақидаи мо вазифаи сиёсатмадорон ин муайян намудан, ки кадом маълумот барои коркарди қарорҳои сиёсӣ ба ҳокимият, мақсадҳо ва талаботҳои мувофиқи гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ зарур аст. Зеро қабули дуруст ва боадолатонаи чунин қарорҳо оромии ҷомеаро таъмин менамоянд.

# ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ

Дар адабиёти муосир мафҳуми "ҳизби сиёсӣ" шарҳу эзоҳи гуногунро дарбар мегирад. Масалан, тавсифи анъанавии ҳизб, ки барои илмҳои сиёсӣ хос аст, чунинанд: Ҳизб қисми нисбатан фаъол ва мустақили ин ё он синф ва ё табақае мебошад, ки манфиатҳои онҳоро ифода менамояд. Инчунин тавсифи дигари абстрактие мавҷуд аст, ки мувофиқи он "ҳизб ин давлат дар дохили давлат", "звенои пайвасткунанда", "миёнарав байни давлат ва ҷомеа" мебошад.

## 1. Моҳияти ҳизби сиёсӣ, шакл ва вазифаҳои он

Ташкил ёфтани ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ ҳанӯз дар асри XIX, ба миён омадааст. Дар он замон мафҳуми "ҳизб" ҳуқуқи одамонро ифода менамуд. Имрӯз бошад, дар фаҳмиши моҳияти ҳизби сиёсӣ се нуқтаи назар мавҷуд аст:

1. Ҳизб ҳамчун умумияти ақидавии одамон.
2. Ҳизб ҳамчун ташкилоте, ки ба тартибот ва мартаба асос мегузорад..
3. Ҳизб ҳамчун намояндаи синфи муайян.

Фаҳмиши ҳизб ҳамчун гурӯҳи идеологӣ аз равияҳои либералӣ сар мешавад. Б. Констан дар соли 1816 навишта буд, ки "ҳизб" ин гурӯҳи одамоне, ки таълимоти муайянеро мешиносанд. Чунин маънидодро бисёр равияҳои илмӣ ҳам тарафдорӣ менамоянд. Ҳанӯз Давид Юм дар "Эссе оид ба ҳизбҳо" (1760) диққати асосиро ба он далел равона намуд, ки идеология нақши муҳимро дар марҳилаи аввали ташкилёбии ҳизб бозида, ба кори муттаҳидкунии қувваҳои пароканда хизмат менамояд. Танҳо баъдтар вай ба ҷои ташкилоте мебарояд, ки ба тартибот асос мегузорад. Д. Юм ҳизбҳоро ҳамчун институти ҳатмӣ ва як шакли муайяни идоракунӣ медонад.

Сиёсатшиносони Ғарб тавсифи иҷтимоии ҳизби сиёсиро маҳдуд намуда, аҳамияти асосии он далелеро, ки ҳизби сиёсӣ як қисми синф ва пешравии хоси вай аст, ба назар намегиранд. Масалан, сиёсатшиноси франсавӣ

М.Дюверже ҳизбро ҳамчун ташкилоти дар доираи системаи давлатӣ амалкунанда медонад. Чунин мавқеъ ба ҷараёни мутлаққунонии соҳаҳои институтсионалии фаъолияти ҳизб асос гузошт.

Равияи марксистӣ бошад, мавқеи дигар дорад. Вай қувваи ташаккулдиҳанда ва фаъолияти амалии ҳизбро бо тақсимкунии ҳокимият ба синфҳо алоқаманд менамояд.

Ҳизби пролетарӣ дар шароитҳое ба вуҷуд меояд, ки синфи коргар аз марҳилаи "синф дар худ" ба зинаи "синф барои худ" мегузарад, то ки мустақилона дар сиёсат ширкат намояд.

Дар консепсияи К.Маркс ва Ф.Энгельс ҳизб ҳамчун марҳилаи минбаъдаи инкишофи синфи коргар, ҳамчун синфи том, ҳамчун шакли ҷамъиятию сиёсии мавҷудияти ин умумият тасвир мегардад.

Дар сиёсатшиносии муосир зиёда аз 20 таърифи ҳизби сиёсӣ мавҷуд аст,ки бо шаклҳои гуногун пешниход гардидаанд. Аз он ҷумла: "Ҳизби сиёсӣ ин иттифоқи ихтиёриест, ки бо умумияти идеологӣ, манфиату идеалҳои сиёсию иҷтимоӣ, маданию миллӣ ва ғайраҳо асос меёбад, ки барои иштироки фаъолона дар ҳаёти сиёсии ҷомеа алоқаманд буда, мақсади минбаъдааш ба даст оварадни ҳокимияти сиёсӣ ва ё иштирок намудан дар амалӣ гардонидани ҳокимият дар давлат мебошад".

Дар ташаккулёбии ҳизбҳо Макс Вебер се марҳиларо ҷудо менамояд: **гурӯҳи аристократӣ, клуби сиёсӣ, ҳизби оммавӣ.** Вале шарт нест, ки тамоми ҳизбҳо ба навбат марҳилаҳои нишондодашудаи инкишофро паси сар намоянд. Масалан, ҳар сеи ин марҳиларо факат ҳизби либералӣ (вигҳо) ва консервативӣ (торҳо) дар Англия тай кардаанд. Фаъолияти дигар ҳизбҳои муосир таърихи на он қадар тӯлонӣ доранд. Қисми зиёди онҳо дар шакли ҳизбҳои оммавӣ ташкил ёфтаанд.

Гурӯҳи аристократӣ фақат дар он вақт ба сифати марҳилаи ҳизби сиёсӣ дониста мешавад, ки дар он ҷузъҳои дигари марҳилаи инкишофи хизб пайдо шаванд. Инчунин вақте ки маҳдуд бошад ҳам, вай дар доираи системаи парлумонӣ амал намояд. Масалан, гурӯҳи либералҳо ва

консерваторон дар Англия дар нимаи дуюми асри XVII ба вуҷуд омада буданд. Фарқияти байни онҳо сараввал характери динӣ дошт, (вигҳо-пуританҳо ва торҳо, англичанҳо), торҳо - тарафдорони шоҳ Якови I, вигҳо бошанд, муқобилони он буданд). Дар вақтҳои охир сифати фарқиятҳо дар байни ин ҳизбҳо якчанд маротиба тағйир ёфт. Дар амал ин мубориза барои ҳокимият байни табақаҳои гуногуни ашрофон буд. Дар атрофи онҳо доимо лагери иттифоқчиён аз байни парламентарҳо ва сиёсатмадорон ҷамъ меомаданд.

Клуби сиёсӣ ба сохтори нисбатан мураккаби ҷомеа гуногунандешӣ, рақобат дар соҳаи сиёсат мувофиқ аст. Клубҳо аксар вақт берун аз ташкилотҳои намояндагии ҳокимият ҳамчун марказҳои ташвиқи идеологияи табақае, ки дар атрофи нашриёти маҷаллаҳо, толорҳои рафиқона ва ё иттифоқҳои пинҳонӣ муттаҳидшуда ба вуҷуд меомаданд. Инчунин, клубҳое низ мавҷуд буданд, ки ба фаъолияти парлумонӣ алоқамандананд. Масалан, клуби сиёсии депутатҳои бритонӣ дар давраи инқилоби буржуазии Фаронса дар асри XVIII номи якобиниро аз ҷои вохӯрӣ дар масҷиди Якови Муқаддас гирифта буд. Якобинчиҳо дар соли 1791 дар тамоми Фаронса 448 клуб доштанд.

Ҳизбҳои оммавӣ бошанд, дар Аврупо дар нимаи дуюми асри XIX пайдо шудаанд. Онҳо аз клубҳо бо он фарқ мекарданд, ки ба ҷустуҷӯи роҳҳои расонидани таъсири оммавӣ ҷӣ дар муҳити парлумонӣ ва берун аз фаъолияти парлумонӣ машғул буданд. Пайдоиши ҳизбҳои сиёсӣ ба монанди инқилобҳои буржуазӣ, пайдоиши парлумонҳо ва парламентаризм алоқаманд буд.

Сабаби асосии ташкилёбии ҳизбҳои оммавӣ васеъшавии ҳуқуқи интихоботӣ буд, ки ба баландшавии мақом ва таъсири ҳизб имконият дод.

Пайдоиш ва мавҷудияти ҳизбҳо бо мавҷудияти зиддияту рақобат байни манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ маънидод карда мешавад. Мисол, барои ташкилёбии ҳизбҳои миллию сиёсӣ дар ИМА пайдоиш ва ташаккулёбии системаи дуҳизба, зиддиятҳо байни ду

гурӯҳи буржуазия доираҳои савдою молиявии Шимоли Шарқ ва плантаторони Ҷануб нақши муҳим бозиданд. Заминаҳои пайдоиши ҳизбҳо ва мувофиқати принсипҳои консенсуси байни ҳазбӣ дар аввали асри XIX гузошта шуда буданд. Барои азнавсозии босуръати системаи иҷтимоӣ-иқтисодию сиёсии иттифоқи Амрикои Шимолӣ ҷанги шаҳрвандӣ аҳамияти калон дошт.

Инчунин меъёрҳое мавҷуданд, ки бо ёрии онҳо таснифоти ҳизбҳои сиёсӣ ба амал баровarda мешавад. Ҳамин тавр, анъанаҳои либералӣ меъёри муҳимтарини таснифоти хусусияти идеологӣ дорад.

Аз рӯи хусусияти фаъолияти идеологӣ ва характери таълимотӣ ҳизбҳо: инқилобӣ - ба дигаргунсозии сифатию радикалии ҷомеа кӯшиш менамоянд; реформистӣ - ба беҳтар намудани ҳаёти ҷамъиятӣ бе дигаргунсозиҳои қатъии сохтори мавҷуда; консервативӣ - ба мустаҳкам нигоҳ доштани шаклҳои ташаккулёфтаи ҳаёти ҷамъиятӣ; реаксионӣ, ки мақсади онҳо қисман ва ё тамоман бозгаштан ба форматсияи пешина ва ё ба марҳилаи пешинаи ин ё он форматсияи ҷамъиятӣ мебошад.

## 2. Системаи ҳизбҳо ва хусусиятҳои онҳо

Системаи ҳизбӣ ин иттиҳодияҳои ҳизбҳои ба ҳам алоқаманд мебошад, ки барои ба даст овардан, нигоҳ доштан ва амалӣ гардонидани ҳокимият кӯшиш менамоянд. Ба таркиби системаи ҳизбӣ он ҳизбҳое дохил мешаванд, ки дар фаъолияти худ аз рӯи қоидаҳои умумии мубориза амал карда, дар доираи системаи муайян фаъолият менамоянд. Системаҳои ҳизбӣ гуногунанд, яке аз онҳо парокандагии коалитсияи ҳамеша тағйирёбандаи ҳизбҳои сиёсии мухталиф мебошад. Баъзан, онҳоро системаҳои ҳизбии плюралистии бисёрсоҳа меномандки дар дигар муносибатҳои байниҳамдигарӣ ҳизбҳои сиёсӣ дар асоси оромии нисбӣ ба тартиб дароварда шудаанд.

Фаъолияти системаҳои ҳизбӣ аз рӯи дараҷаи инкишофи сиёсии гурӯҳҳои иҷтимоӣ, таносуби қувваҳои синфӣ, анъанаҳои таърихӣ, шаклҳо ва усулҳои мубориза

ва ҳукмронӣ, таркиби миллӣ, аксари тасаввуротҳои динӣ муайян карда мешаванд.

Системаҳои ҳизбӣ, инчунин аз рӯи меъёрҳои риояи принсипҳои умумии мубориза ва ҳамкорӣ фарқ мекунанд. Дар таҷрибаи ҳаёти сиёсӣ гурӯҳҳои зерини системаи ҳизбиро чунин ҷудо менамоянд:

- буржуазию демократӣ;
- фашистӣ;
- авторитарӣ.

**1. Системаи аввал буржуазию демократӣ.** Дар асри XIX дар Аврупо ва Амрикои Шимолӣ бо баланд шудани мавқеи интихобкунандагон ташаккул ёфтааст. Ин система дар шароити ҳукмронии иқтисодӣ, сиёсӣ ва идеологии буржуазия нисбатан мӯътадил ва устувор мебошад. Аммо вақте ки система ба воситаи таҳдид ба ҳукмронӣ ноил мегардад, буржуазия ба усулҳои фаъолияте, ки аз доираи ба танзимдарории ҳуқуқӣ мебарояд, даст мезанад. Мисолҳои равшани ин табаддулот ҳарбӣ ва ғалабаи диктатураи тоталитарӣ дар Чили мебошад, ки соли 1973 ба амал омада буд. Меъёрҳои ҷузъии системаи буржуазию демократӣ ба омилҳои зерин алоқаманданд; дар ҷомеа муборизаи доимӣ барои ҳокимият идома меёбанд. Яке аз воситаҳои ба даст овардани ҳокимият интихоботҳои умумӣ мебошанд; ҳокимиятро ҳизб ва ё ҳизбҳо амалӣ мекунанд, ки аксарияти аъзоёни худро дар парлумон ворид менамоянд, оппозитсия доимо ошкоро ба муқобили ҳизби амалкунанда мубориза мебарад; байни тамоми ҳизбҳо дар дохили система розигӣ дар асоси меъёрҳои мавҷуда ба даст дароварда мешавад.

**2. Системаи дуюм- ҳизбӣ фашистӣ.** Дар ҷаҳони муосир чунин системаҳо ба таври ошкоро мавҷуд нестанд. Дар чашми тамоми олам онҳо худро дар симои фашизми Италия ва Олмон бадном карданд. Дар шакли аслӣ бошад, системаи ҳизбии фашистӣ режими гитлериро ба амал овард, ки онро бо хусусиятҳои зерин ифода намудан мумкин аст: ба таври ошкоро танҳо ду ҳизб амал мекунад, дигар ҳизбҳо пароканда мешаванд; ҳизб аз болои давлат ҳукм ронда, ба сифати ҳизби бартаридошта фаъолият

мекунад; дастгоҳи ҳизб ба дастгоҳи ҳокимият сахт алоқаманд аст.

Пайдоиши чунин система натиҷаи бӯҳрони усулҳои демократӣ дар амалӣ намудани ҳокимияти буржуазӣ мебошад. Одатан бевосита сабаби табаддулоти фашистӣ яку якбора пурзӯршавии таъсири қувваҳои инқилобӣ ва инчунин ба сари ҳокимият омадани соҳибони сармояи монополистӣ мебошанд.

Системаи ҳизбии фашистӣ ин усули махсуси ташкили ҳокимияти сармояи монополистӣ мебошад. Дар чунин ҳолат базаи иҷтимоии ҳаракати фашистиро одатан намояндагони буржуазияи хурд, қисми миёнаҳоли меҳнаткашони ба таъсири демократияи популистию иҷтимоӣ гирифторшуда ташкил медиҳанд. Аз ҳама пештар ба системаҳои ҳизбии гитлерӣ фашизми Италия, ки бо роҳи яккаҳизбӣ якчанд сол боз пеш рафта истода буд, бештар наздик буд. Масалан, дар Италия аз давраи табаддулоти фашистии соли 1922 то ҷорӣ намудани қонунҳои фавқулодда дар соли 1926 системаи бисёрҳизбӣ амал мекард. Дар Олмон торумори бисёрҳизбӣ марҳила ба марҳила дар давоми ним сол аз январ то июли соли 1933 амалӣ гардонида шуда буд.

**3. Системаи сеюм - ҳизбии авторитарӣ.** Барои чунин система хусусиятҳои зерин хос аст: шахси асосии амалкунанда чӣ дар таълимот ва чи дар таҷрибаи сиёсӣ ба давлат мутеъ аст. Ҳизби ҳукмрон ин одатан ҳаракати васеи ҷамъиятие мебошад, ки тарафдории оммавии сиёсати идораи марказии давлатро ташкил менамояд. Ҳизб гӯё "нақши дуюм"-ро мебозад, агарчи вай роҳбари давлат аст, бевосита вазифаҳои идоракунии давлатро ба худ намегирад ва онҳоро эълон намекунад. Ҳизбҳое, ки фаъолият доранд, вале ҳукмрон нестанд, дар мамлакат ба маҳдудиятҳо дучор мешаванд. Вазифаҳои онҳо одатан аз тарафи қонун муайян карда мешаванд. Онҳо ҳуқуқ надоранд, ки дар интихобот бо барномаҳои мустақили худ амал намоянд. Ташкилотҳои марказии давлат пешакӣ тақсимоти ҷойҳоро дар парлумон амалӣ мекунанд. Ҳамаи маҳдудиятҳои нишондодашуда имконияти рақобати

байнихизбиро дар мубориза барои ҳокимияти давлатӣ аз байн мебарад. Системаи авторитарӣ баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон дар мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ ва мамлакатҳои рӯ ба инкишоф маъмул гаштааст.

Дар дохили системаи ҳизбӣ байни ҳизбҳо вобастагиҳои гуногун мавҷуданд, ки онҳоро қоидаи ҳизбӣ меноманд. Онхо одатан бо тағйир ёфтани вазъият пайдо шуда, тағйир меёбанд.

Қоидаи ҳизбӣ ин мавҷудияти иттиҳодияи ҳизбҳои нисбатан фаъол дар назар дошта мешавад, ки барои иштирок дар амалӣ гардонидани ҳокимияти давлатӣ кӯшиш менамоянд. Ин асосан барои системаи ҳизбии буржуазию демократӣ хос аст, ки дар қоидаҳои бисёрҳизбие, ки шаклҳои гуногуни конститутсионии ҳамкорӣ ва муборизаро барои ҳокимият таҷассум менамоянд, фарқ мекунанд.

Масалан, қоидаи бисёрҳизбӣ чунин маъно дорад, ки ягон ҳизби дар парлумон буда, ба мустақилона идора кардан имконият надорад. Дар ин ҳолат коалитсияи роҳбарикунанда ва ё ҳокимияти ғайриҳизбӣ ташкил карда мешавад, ки аксариятро дар парлумон ташкил намедиҳанд ва маҷбуранд, ки байни якдигар созишкорӣ намоянд.

Қоидаи бисёрҳизбӣ дар Италия, Белгия, Голландия ба ҳукми анъана даромадаст. Дар амалияи сиёсӣ вай бо нооромии нисбии ҳокимияти иҷроияи давлатӣ фарқ мекунад. Қоидаи бисёрҳизбӣ имконият медиҳад, ки роҳҳои ҳалли алтернативии масъалаҳо ҷустуҷӯ карда шаванд, то ба мусобиқаи ҳизбҳо шароит муҳайё гардад. Ҳамин тавр, шароитҳои дар мамлакат барои як ҳизб тааллуқдошта амалан ба ду-се ҳизб имконияти иштирок кардан дар идоракунии давлдат медиҳанд.

Қоидаи дуҳизбӣ дар ҳолате мақом дорад, ки ҳар ду ҳизби пурқувват ба қабул намудани ҳокимият ва амалӣ гардонидани фаъолияти мустақилонаи вай қодир бошанд. Дар мавриде, ки яке аз ин ҳизбҳо ҳокимиятро ба даст медарорад, дигараш ба оппозитсия мегузарад. Вале қоидаи духизбӣ чунин маъно надорад, ки дар ин ё он мамлакат ҳатман ду ҳизб мавҷуд бошад. Дар Британияи Кабир,

масалан, якчанд ҳизб мавҷуд аст: консервативӣ, лейбористӣ, сотсиал-демократӣ, коммунистӣ, инчунин як қатор ташкилотҳои сиёсӣ (ҳизби кооперативӣ, ҳизби миллии уэлсӣ, ҳизби миллии Шотландия, фронти миллӣ ва ғ.). Сарфи назар аз ҳолати номбурда, мамлакат соҳиби системаи классикии дуҳизбӣ мебошад. Фақат ду ҳизб-консерваторон ва лейбористон якдигарро иваз намуда, ҳукуматро ташкил медиҳанд ва мақсадҳои асосии сиёсати дохилаю хориҷии давлатро муайян мекунанд.

Системаи ҳизбии ИМА низ ба таснифоти додашуда дохил мешавад. Дар тамоми ин соҳаҳо **республикачиҳо** ва **демократҳо** барои ҳокимият мубориза мебаранд. Хусусияти қоидаи амрикоӣ дар он аст, ки ҳизб дар ин мамлакат дуюмдараҷа аст. Системаи ҳизбии ИМА фақат пеш аз интихоботҳо фаъол гардонида мешавад ва онҳо, сохторҳои идоракунанда ва тартиботи доимӣ надоранд.

Сохти дуҳизбаи тағйирдодашуда шаклан дуҳизбии классикиро пеши назар меорад, дар он ду ҳизби пурқуввате мавҷуд аст, ки қобилияти ташкили ҳукумат ва рақобати байни якдигарро дороанд. Вале ҳеҷ кадоме аз онҳо дар парлумон аксариятро ташкил намедиҳанд ва онҳо бояд барои ташкили ҳукумат бо ҳизби сеюм ба коалитсия дохил шаванд.

Сохти ғояи ҳукмфармо дар он вақте ба амал меояд, ки як ҳизб дар сари ҳокимият бетанаффус 25 сол меистад. Системаи мажоритарии интихоботҳо фаъолияти ҳизбҳои анъанавиро тарафдорӣ намуда, кори қувваҳои нав инкишофёфтаи сиёсиро мушкил мегардонанд. Сохти ғояи ҳукмфармо дар Шветсия ташаккул ёфтааст, ки сотсиал-демократҳо дар муддати 50 сол дар сари ҳокимият буданд. Дар Япония Ҳизби либерал-демократӣ аз аввали пайдоиши худ то соли 1955 дар сари ҳокимият буд: Дар Ҳиндустон бо танаффусҳои кӯтоҳ аз соли 1927 дар сари ҳокимият Конгресси миллии Ҳинд меистад.

Баёни масъалаи дуюмро ба охир расонида, ба он диққат додан лозим аст, ки дар дохили укладҳои алоҳидаи ҳизби коалитсияи ҳизбҳо мавҷуд аст. Дар ҷаҳони муосири капиталистӣ онҳо одатан мустаҳкам набуда,

тағйирёбандаанд (масалан, дар Италия, Португалия). Дар як қатор мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ коалитсияи ҳизбҳо ва ташкилоту харакатҳои ҷамъиятии гуногун мавҷуданд.

Бисёр ҳизбҳои сиёсӣ дар давоми даҳсолаҳо ба таври куллӣ тағйир ёфта, дар инкишофи худ ба муваффақиятҳои муайян ноил гашта, бисёр талхии мағлубиятро аз сар гузаронидаанд. Дар ин раванд яке дарси ибрат гирифта мустаҳкам шуд, дигаре аз арсаи сиёсӣ берун шуданд, сеюмин аз муваффақиятҳои аввал саргарм гашта, дар канори ҳодисаҳои ҷамъиятӣ мондаанд.

### 3. Ташаккулёбии бисёрҳизбӣ

Бисёрҳизбӣ дар асри XIX ба вуҷуд омада, дар охири асри XX ҳақиқати воқеии ҳаёти ҷамъиятию сиёсии бисёр мамлакатҳо гашт. Соли 1990 дар сайёра 172 давлати мустақил мавҷуд буд. Дар 19-тои онҳо фаъолияти тамоми ҳизбҳо манъ карда шуда буданд. Дар 29-кишвар фақат як ҳизб (ҳукуматӣ) амал мекард ва дар 124-мамлакат якчанд ҳизбҳои сиёсӣ фаъолият мекарданд (тақрибан дар нисфи ин давлатҳо ҳукуматҳои коалитсионӣ ташкил шуда буданд).

Таҷрибаи таърихии инкишофи собиқ Иттиҳоди Шӯравиро нишон додан лозим аст, ки барои чӣ дар тӯли 70 сол танҳо системаи якҳизбӣ амал мекард.

Дар соли 1917 дар Россияи подшоҳӣ зиёда аз 50 ҳизби сиёсӣ маълум буданд, ки манфиатҳои табақавию гурӯҳҳои гуногуни ин давлатӣ гуногунмиллатро ифода мекард. Ғалабаи Инқилоби Октябр ҷамъбасти баромадҳои фаъолонаи коргарон, деҳқонони камбағал гардид, ки болшевикон роҳбарӣ мекарданд. Аммо дар инқилоб нақши муҳимро эсерҳои чап бозиданд. Инчунин меншевикон ва дигар қувваҳои прогрессивӣ низ саҳм гузоштанд. Барои мисол таркиби анҷумани II Умумироссиягии шӯроҳоро мегирем. 390 болшевик, 160-эсер, 72 меншевик, 14 меншевик-интернатсионалист, 7-сотсиалисти украинӣ. Баъд аз ин ба сохтори ҳукумат 7 намояндаи эсерҳои чап дохил шуданд. Ба ин нигоҳ накарда, болшевикон ва эсерҳои

чап дар натиҷаи хотима ёфтани ҷанг, ки бо мақсади гирифтани ҳокимият ҳарду ҳизб моҳи октябри соли 1917 қувваҳояшонро ҷамъ карда буданд, пароканда шуданд. Дар анҷумани IV фавқулоддаи шӯроҳо (марти 1918) фраксияи эсерҳои чап ба шикастани сулҳи Брест даъват намуданд. Тобистони ҳамон сол сафири Олмон Граф Мирбахро дар Москва мекушанд ва ба шӯриши мусаллаҳона сар карданд.

В.И.Ленин имконияти бисёрҳизбиро дар давраи сотсиализм рад намекард, вале маҳдуд намудани фаъолияти онро зарур мешуморид. Ба ақидаи ӯ ҳамаи ҳизбҳо бояд ба қарорҳои сиёсии моҳи октябри соли 1917 дар анҷумани Дувуми умумироссиягии шӯроҳо қабулшуда аз рӯи қонун рафтор кунанд. Яккаҳизбӣ дар ИҶШС натиҷаи чунин омилҳои таърихӣ буд: муборизаи болшевикон барои ҳокимият дар шӯроҳо, амалиёти дигар ҳизбҳои чап, давом кардани ҷанги 1-уми ҷаҳон, амалиёти аксулинқилобиён ва интервенсияи хориҷӣ ва масъалаҳои дигаре, ки бо муҳосираи иқтисодии давлати ҷавон ба миён омада буданд.

Бинобар ин тамоили тағйиротҳои мураккаб ва зиддиятноки таърихӣ баъд аз Октябр, саҳифаҳои қаҳрамононаю фоҷианоки мардуми Шӯравӣ ба фаъолияти ҲКИШ зич алоқаманданд. Ба системаи фармонфармоию маъмурӣ мансуб гашта, ҳизб кӯшиш мекард, ки назоратро аз болои тамоми равандҳои ҳаёти давлатӣ, хоҷагӣ ва идеологӣ ба даст гирад. Дар натиҷаи ин фаъолияти он нақши ташкилотчигии сиёсии омма аз даст рафт.

Дар баробари ин дар шароити сиёсигардонии омма дар ҷомеа тасаввурот дар бораи он ки яккаҳизбӣ аллакай қодир нест, манфиатҳои табақаҳои иҷтимоии ҷомеаро ҳимоя кунад ва амалӣ гардонад, ҳукмрон гаштааст. Дар солҳои 1989-1990 дар мамлакат раванди пуршӯри ташаккулёбии ҳизбҳои сиёсии нав, иттиҳодияҳои ҷамъиятию сиёсӣ ташкил ёфта, анҷуману конференсияҳои ташкилии онҳо шуда гузаштанд. Анҷумани сеюми намояндагони халқ ба қонуни асосии ИҶШС тағйирот дароварда, бо ин асоси ҳуқуқиро барои ташаккулёбии системаи нави бисёрҳизбӣ гузоштанд.

Ҳоло дар арсаи сиёсии мамлакатҳои мушатаракулманофеъ қариб шумораи онҳо аз як чанд сад то якчанд хазор наздик мешавад. Муайян намудани шумораи аксарияти мутлақи ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳо имрӯз кариб ки номумкин аст.

Мувофиқи мақсад, ҳизбҳои нав ташкишударо шартан чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст.

Тамоиюли сотсиалистиро ҳизбҳои сотсиалистӣ тарафдорӣ менамоянд. Ҳангоми тартиб додани ҳуҷҷатҳои барномавии онҳо ҷӣ таҷрибаи ватанӣ ва ҷӣ таҷрибаи сиёсии гузаштагон ва инчунин тадқиқотҳои назариявии ҳамкорони хориҷӣ истифода бурда шуданд.

Сотсиалистон мақсадҳои муҳофизати коргарони кироя ва шаклҳои гуногуни истисморро қайд намуда, ба ҳаракати оммавии меҳнаткашон такя карда, фаъолият доранд. Мақсад он аст, ки ҳар як инсон ба дараҷаи муайян хӯҷаини тақдири худ буда, ба қувваҳои берунаю ба он мутеъ набуда , хоҳ ҳокимияти давлат бошад, хоҳ аз сармоя, тобеъ набошад. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки бегонашавии коргарро аз воситаҳои истеҳсолот дур намоянд.

Гурӯҳи ҳизбҳои тамоюли умумидемократӣ дошта бо гуногунии худ тасниф карда мешаванд. Онҳо "ҳизби сиёсии демократӣ", ҳизби либерал-демократӣ,иттифоқи демократҳои конститутсионӣ, ҳизби конституттсионӣ-демократӣ ва ғайраро дар бар мегиранд. Ҳамаи ин ташкилотҳо назарияи бозор ва соҳибкории озод, давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон, бисёрҳизбӣ ва ғайримарказикунонии идоракунии иқтисодиётро тарафдорӣ мекунанд. Фаъолияти сотсиал-демократҳо ба принсипҳои парламентаризм, адолати иҷтимоӣ, демократия, башардӯстӣ ва ислоҳотчигӣ асос меёбад. Сарчашмаҳои идеявии худ онҳо хислатҳои беҳтарини сотсиал-демократия, анъанаҳои ҳаракатҳои демократии мамлакатҳо мероси назариявию амалии сотсиал-реформизми байналхалқӣ, мероси тафаккур ва амалияи башардӯстии ҷаҳониро медонанд.

Дар ин ҷода ҷои махсусро ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсии характери динӣ дошта низ ишғол менамоянд. Аз ин

рӯ,ташкилотҳои иттиҳодиявие, ки барномаи онҳо ба табақаҳои муайяни иҷтимоӣ нигаронида шудааст, рӯз то рӯз васеъ паҳн шуда истодаанд.

Дар Тоҷикистон моҳи апрели соли 1990 Шӯрои Олӣ якчанд қарору қонунҳое қабул намуд, ки онҳо ба демократикунонии ҷомеа роҳи васеъ кушоданд. Баъдтар Шӯрои Олии Тоҷикистон ду қонуни дигар қабул намуд, ки мувофиқи он дар ҷумҳурӣ созмону ҳизбҳои гуногун дар доираи Қонуни асосӣ (Конститутсия) амал карда метавонанд. Ҳамин тавр, дар як муддати кӯтоҳ дар Тоҷикистон чандин ҳизбу созмонҳои нав ташкил ёфтанд.

**Ҳизби Демократии Тоҷикистон (ҲДТ).** Анҷумани муассисони он моҳи августи 1990 дар ш.Душанбе баргузор шуда, ойинномаю барномаи худро қабул намуданд. ҲДТ бояд барои ислоҳоти демократии Тоҷикистон ва кафолати озодиҳои сиёсии шаҳрвандон мусоидат мекард. Ойиннома ва барномаи он бештар хусусияти ҷунбишҳои иҷтимоӣ-демократӣ дошт.

**Ҳизби Наҳзати Ислом (ҲНИ).** Ин ҳизб ҳам барои ташкил ёфтани ҲДТ ба арсаи сиёсӣ омад. Саркардагони ҲНИ 15-20 сол пеш фаъолият менамуданд, вале ба таври махфӣ онҳо ташаккул ёфтани онро инкор менамоянд. Анҷумани кушоди муассисони он моҳи октябри соли 1991 баргузор гардид. Мувофиқи Ойиннома ва Барномааш ҲНИ хусусияти парлумонӣ дошта, ҳар гуна зӯровариро маҳкум менамуд. Аммо дар амал ин тарз нашуд. Ҳаминро бояд қайд кард, ки ташкил ёфтани ҲНИ дар байни диндорон ва пешвоёни он ҷараёнҳои гуногунро ба вуҷуд овард.

**Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон (ҲКТ).** Баъди ба қисмҳои ҷудогона тақсим шудани Ҳокимияти шӯравӣ аъзоёни ҳизби коммунист дар ҷумҳурии мо ба чанд гурӯҳ тақсим шуданд. Махсусан баъди ҷаласаи якуми моҳи апрели соли 1990, ки Шӯрои Олии Тоҷикистон қонунӣ аз байн бардоштани моддаҳои Қонуни асосӣ доир ба мақоми роҳбарикунандаи ҳизби коммунистӣ дар системаи сиёсӣ, теъдоди зиёди коммунистон аз узвият тамоман даст кашиданд. Қисми дигарашон пешвою роҳбаладии ҳизбҳою

чунбишҳои гуногуни ҷумҳурӣ гаштанд. Аъзоёни асосии ин ҳизб агарчи миқдоран хело ҳам кам шуда бошанд, лекин ба мақсаду мароми худ то ҳол содиқ буданашонро инкор наменамоянд.

**Ҳизби Халқи Демократии Тоҷикистон (ҲХДТ).** 10 декабри соли 1994 дар анҷумани муассисонаш дар ш.Душанбе ташкил шудааст. 15 декабри соли 1994 дар Вазорати адлияи Тоҷикистон номнавис шудааст. Органи нашриётиаш рӯзномаи "Минбари халқ" аст.

Роҳбари ҳизби мазкур аз 18 апрели соли 1998 ба души Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон , Эмомалӣ Раҳмон вогузор гардидааст.

ҲХДТ дар доираи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, инчунин Ойиннома ва Барномаи худ амал мекунад. Дар Ойинномаи ҲХДТ мақсад, вазифаҳо ва усули асосии фаъолияти ҳизб, сохтори ташкилӣ ва демократияи дохилии ҳизбӣ, вазъи ҳуқуқӣ, амвол ва қатъи фаъолияти ҳизб хеле рушану возеҳ ифода ёфтааст.

Барномаи ҲХДТ низ аз мақсадҳои стратегӣ ва принсипҳои асосии фаъолияти ҲХДТ дар ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёт иборат мебошад. Тавассути сиёсати бунёдкорона ва тадбиқи барномаи худ ин ҳизб бо дарки масъулияту қудрати зеҳнии аъзоёнаш дар ташкили сохтори нави давлатӣ саҳми арзанда мегузорад. Бо ин маъно ҲХДТ чун зодаи замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон худро ҳизби масъулияти таърихӣ дошта медонад.

Дар масъалаи таҳкими давлатдорӣ, ҳимояи Ватан, манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият, таъмини манфиатҳои муҳим ва ҳаётан муҳим дар ҷомеа то имрӯз нақши босазое гузошта, барои ба танзим даровардани расму русум, афзоиши шиддати вазъи демографӣ ва аз бунбасти иқтисодӣ баровардани кишварамон кӯшишу талошҳои зиёде менамояд.

Мақсади асосии ҲХДТ пеш аз ҳама бунёди давлати демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва ягона буда, ҳадафи асосиаш таъмини рушди устувори иқтисодиёт ва

мустаҳкам намудани пояҳои давлати миллӣ мебошад. Яке аз вазифаҳои асосии ҲХДТ ин дар сатҳи сиёсати давлатӣ бардоштани ифтихори миллӣ, худогоҳиву худшиносӣ ва ҳуввияти миллӣ ба шумор меравад.

Дар соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ ин ҳизб мавқеи хешро дар доираи ҳаракатҳои сиёсии байналхалқӣ муайян намуда барои ноил гардидан ба арзишу муқаддасоти эътирофгардидаи умумибашарӣ талош меварзад. Ақида, ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои ғоявии ҳарифони сиёсии хешро дар бисёр мавридҳо эҳтиром намуда, ҳамеша ба гуфтушуниди самарабахш бо дигар ҳизбу иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ омода мебошад.

Гузашта аз ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҲХДТ дар фаъолияти хеш таи чанд соли охир ба дастовардҳои зиёде ноил гирдида, ҷойгаҳ ва нуфузи зиёдеро дар байни шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба даст овардааст.

Ҳамин тавр, дар ҷумҳурӣ ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ ба монанди Ҳизби аграрии Тоҷикистон, Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон ва Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон ташкил ёфтаанд. Ҳизбҳои сиёсӣ аз рӯи қонун худашон метавонанд, ки фаъолияти хешро қатъ намоянд. Ба замми ин фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро фақат органҳои судӣ метавонанд қатъ гардонанд. Албатта, ин амалиёт дар сурате раво дониста мешавад, ки онҳо тартиботи ҷамъиятиро вайрон намуда, қонунҳои ҷориро ба инобат нагиранд. Чуноне ки Суди олии Тоҷикистон фаъолияти ҲНТ ва ҲДТ-ро барои ҳодисаҳои соли 1990-1992 қатъ намуда буд.

Хулоса, бисёр ҳизб ва ҳаракатҳои сиёсии аз нав ба вуҷудомада мавқеи худро пурра муайян накарда, ба вазъи сиёсӣ сарфаҳм нарафта, саросемавор кӯшиш менамуданд, ки мавқеи роҳбариро дар ҷомеа ба даст гиранд. Дар баробари ин ба ҷойи аввал на манфиати амалии шахси алоҳида, балки мубориза барои бартарии консепсияи худ гузошта мешавад. Барои ин на кӯшиши боваркунонӣ, балки нуқтаи назар, роҳҳои инкишоф, шиору раванд ва ё идеологияи худро бо роҳи дигар амалӣ гардониданӣ мешаванд. Ҳатто имрӯз ҳам баъзе ҳизбҳои сиёсии

Тоҷикистон ба вазъи сиёсии мамлакат пурра сарфаҳм нарафта ба қобилияти иқтисодиву сиёсии хеш дуруст баҳогузорӣ карда наметавонанд. Онҳо дар бисёр ноҳияву шаҳрҳои мамлакат на танҳо намояндагӣ, балки як нуқтаи телефонӣ надоранд, аммо дар даъвои ба даст овардани ҳокимият талош варзиданро хеле дӯст медоранд. Чунин аст, табиати бисёр ҳизбҳои сиёсӣ, ки омӯзишу тадқиқоти онҳо боз далелҳои аҷиберо метавонад пайдо намояд.

# ТАШКИЛОТ ВА ҲАРАКАТҲОИ ҶАМЪИЯТИЮ СИЁСӢ

Ташкилотҳо ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ то ҷойе характери сиёсӣ дошта аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ менамоянд. Агар раванди инкишофи ташкилотҳои ҷамъиятиро дида бароем, пас гуфтан мумкин аст, ки онҳо аз ҳаракатҳои ҷамъиятӣ бо он фарқ мекунад, ки аз мунтазам пурзӯр шудани принсипҳои ташкилӣ сарчашма мегирад. Вале хатари пурзӯршавии мутамарказонии идоракунӣ, ки дар амалия аксар вақт ба мубаддал гардидани ташкилоти ҷамъиятӣ ба расмиятпарастӣ оварда мерасонад.

## 1. Ташкилот ва ҳаракатҳои сиёсӣ, типология ва раванди инкишофи онҳо

Дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ташкилот ва ҳаракатҳои сиёсӣ нақши муҳимеро иҷро менамоянд. Дар шакли умумӣ ҳаракатҳои ҷамъиятро ҳамчун кӯшиши якҷояи одамон барои амалӣ гардонидани мақсади умумӣ муайян кардан мумкин аст. Ҳаракатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба мақсадҳои асосии худ аҳамияти гуногун доранд:

1. Ҳаракатҳои ҷамъиятии характери ғайрисиёсӣ дошта ё онҳое, ки дар мубориза барои ҳокимият иштирок накарда, тағйир додан ва ё мустаҳкам намудани системаи мавҷудаи муносибатҳои сиёсиро дар ҷомеа мақсади худ намешуморанд.

2. Ҳаракатҳои ҷамъиятии характери сиёсӣ дошта (ва ё ҳаракатҳои сиёсӣ). Онҳое, ки барои тағйир додани шароитҳои мавҷуда ё мустаҳкам намудани онҳо бо роҳи таъсир расонидан ба ҳокимият ё бо роҳи мубориза барои ҳокимият кӯшиш мекунанд.

Ба ҳаракатҳои ҷамъиятии ғайрисиёсӣ ҳаракатҳои нафақахӯрон, соҳибхоназанон, ҳаракатҳои феминистӣ ва ғайра дохил мешаванд. Нақши онҳо дар системаи сиёсии ҷомеа чун қоида, он қадар бузург нест. Аммо дар шароити ҳозираи сиёсигардонии умумии ҳаёти ҷамъиятӣ ягон

ҳаракати ҷамъиятӣ наметавонад, ки аз ҳалли бавосита ё бевоситаи масъалаҳои сиёсӣ тамоман дар канор монад. Бинобар ин, дар бораи характери ғайрисиёсии ин ва ё он ҳаракати ҷамъиятӣ нисбатан сухан гуфтан лозим меояд.

Ба ташкилотҳои ҷамъиятии анъанавӣ иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои ҷавонон ва занон дохил мешаванд. Ҳамаи онҳо дар асоси ҳаракатҳои мувофиқи талаботи ҷомеа ба амал омадаанд. Ҳудуди аниқу муайянро дар байни ташкилотҳои ҷамъиятию ҳаракатҳои ҷамъиятӣ гузаронидан душвор аст. Ҳоло дар системаи сиёсии ҷомеа ҳаракатҳои ҷамъиятие, ки фаъолияташон характери сиёсӣ дорад, аҳамияти зиёдтарро соҳибанд.

Ҳаракатҳои ҷамъиятии характери сиёсидошта, бо чунин зарурият дар фаъолияти ҷамъиятию сиёсӣ иштирок мекунанд: дар ташкилёбии сохторҳои давлатӣ, дар ташаккулёбии афкори умум, дар муҳокима ва қабули қарорҳои сиёсӣ, дар амалигардонии назорати иҷтимоӣ ва ғ.

Ҳаракатҳои ҷамъиятиро ба шаклҳои зерин тасниф намудан мумкин аст:

1. Аз рӯи аломати иҷтимоию синфӣ: Ҳаракатҳое, ки характери синфӣ доранд (коргарӣ, деҳқонӣ, буржуазӣ). Ҳаракатҳое, ки характери байнисинфӣ доранд ва дар баъзе ҳолатҳо характери беруназсинфӣ доранд) миллӣ-озодихоҳӣ, зидди ҷангӣ, экологӣ ва ғ.): ҳаракатҳое, ки манфиатҳои табақаи ҷамъиятӣ ва гурӯҳи муайяни касбӣ (зиёиён, ҳарбиён, табибон, ва ғ.)-ро ифода менамоянд. Дар ин ҳолат табақаҳо ё гурӯҳҳо ба монанди синф фаъолият менамоянд ё ин ки ҳаракатҳои сиёсии кӯшишҳои гурӯҳҳои онҳоро ифодакунанда ташкил мекунанд.

2. Вобаста аз муносибатҳои онҳо ба сохти мавҷуда: консервативӣ, реформистӣ, инқилобӣ, аксулинқилобӣ.

3. Вобаста ба дараҷа ва шаклҳои ташкилии ҳаракатҳо: номуташаккил суст ташкил шуда (ҳаракатҳои оммавии демократҳо); ҳаракатҳои муташаккил (ҳизбҳои сиёсӣ).

Ҳаракатҳои сиёсӣ раванди махсуси инкишофи худро доранд. Онҳо чунин марҳилаҳои инкишофро аз сар мегузаронанд:

а) омода сохтани заминаҳои инкишоф: зинаҳои инкишофи оянда аз боло бо роҳи таъсири ташвиқоти

тарафдорон, аз пойн бо роҳи изҳори ақида, ки бо шакли устувор медароянд, сохта мешаванд;

б) марҳилаи ба амал омадани тарзи иҷрои кӯшишҳо. Кӯшишҳо метавонанд дар шакли барномаи тартибдодашудаи том ва ё қисман дар шакли баромадҳои роҳбарони ҳаракатҳо, ки дар дараҷаи мақсадҳои умумӣ аён мегардад;

в) марҳилаи ташвиқот. Ташвиқот дар тамоми марҳилаҳои инкишофи ҳаракат ҷой дорад, вале дар марҳилаи ишорашуда он ба ҷои аввал мебарояд;

г) марҳилаи инкишофи фаъолияти сиёсӣ. Дар ин марҳила диққати худро барои дар ҳаёт татбиқ намудани талаботҳои барномавӣ бо роҳи мубориза барои ҳокимият ва ё таъсир расонидан ба ҳукумат дода мешавад;

д) марҳилаи ба итмом расидани ҳаракати сиёсӣ. Ҳаракати сиёсие, ки мақсадаш амалӣ гаштааст ё амалӣ нашуда мондааст, ба марҳилаи хомӯшшавӣ ворид мешавад.

Барҳамхӯрии ҳаракати ҷамъиятӣ ба таври ҷиддӣ фақат дар он ҳолат рӯй медиҳад, ки талаботҳои иҷтимоии он ба амаловарда шаванд. Вале бартараф намудани ҳаракати сиёсӣ бо воситаҳои маъмурӣ ба мақсад мувофиқ нест.

Бояд гуфт, ки дар аввал ташкилоту ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ҷузъи муҳими системаи сиёсӣ ба шумор рафта, ба фаъолияти ҷузъҳои дигари вай таъсири муайян мерасонанд.

## 2. Ҳаракатҳои демократӣ дар хаёти ҷамъиятию сиёсии кишварҳои Ғарб

Дар системаи сиёсии ҷомеаи капиталистӣ ду шакли ҳаракатҳои ҷамъиятӣ аҳамияти калон доранд: гурӯҳҳои фишороварандаи сармояи калон ва ҳаракатҳои демократии оммавӣ.

Ба ҳокимияти давлатӣ, соҳаи сиёсат таъсир расонида истода, "гурӯҳҳои фишорвар" сармояи калон, системаи алоқаҳои ҷамъиятию сиёсиро ба вуҷуд овардаанд, ки дар муносибатҳои сиёсӣ нақши муҳимро мебозанд.

Фаъолияти асосии ҷамъиятии сиёсии сармояи калон бо шаклҳои зерин амалӣ гардонида мешаванд:

1. Иттифоқҳои соҳибкорон ва ассотсиатсияҳо.
2. Гурӯҳҳои монополистӣ.
3. Монополияҳои алоҳида.

Қайд намудан зарур аст, ки ҳамаи ин институтҳо на танҳо вазифаҳои иқтисодӣ, балки сиёсиро низ, ки байни худ зич алоқамандаанд, иҷро мекунанд. Хусусияти хоси иттифоқи соҳибкорон ва ассотсиасияҳо ин баландшавии босуръати миқёси ташкилотҳои мавҷуда, зиёдшавии шумораи шакл ва корпоратсияҳои ба онҳо дохилшаванда ҳангоми пурқувватшавии равияҳои марказонидани онҳо мебошад. Ҳамин тавр, конфедератсияи саноати Британия дар аввали солҳои 80-ум зиёда аз 90% ширкатҳоеро, ки зиёда аз 1000 нафар коргар доштанд, муттаҳид мекард. Мустаҳкамшавии сохтори дохилии ташкилотҳои соҳибкорӣ, зиёдшавии штатҳои коргарони доимӣ ба чашм расида, имкониятҳо барои сохтани "трестҳои ақлӣ" пурзӯр мешаванд.

Ба ғайр аз ин ҳаҷми баландшудаистодаи фаъолияти сиёсию ташкилотии иттиҳодияҳои соҳибкориро, ки ба муҳофизати қувваҳои сиёсӣ афкори васеи ҷамъиятӣ ба рафтори интихобкунандагон таъсири муҳим мерасонад, қайд намудан зарур аст.

Сиёсати ассотсиатсияҳои калони соҳибкорӣ дар муносибаташон ба ин ва ё он ҳизбӣ сиёсӣ метавонад, нақши муҳимро на танҳо дар маъракаи пешазинтихоботӣ, балки дар фаъолияти ин ва ё он ҳукумат иҷро намоянд.

Гурӯҳҳои фишоровар бо расонидани таъсири худ ба равандҳои қабули қарорҳо аз тарафи дастгоҳи давлатӣ дар соҳаҳои гуногуни сохтори вай маҳдуд мешавад.

Гурӯҳҳои фишоровар шакли махсус гурӯҳҳои лоббиро шумурдан мумкин аст, ки дар соҳаи парлумонӣ амал карда, ба раванди қонунбарорӣ таъсир мерасонанд. Онҳо метавонанд, ки ба воситаи ҳизбҳои сиёсӣ ба сиёсати давлатӣ таъсир расонида, мустақилона арзи ҳастӣ намоянд.

Масъалаи гурӯҳҳои фишовар то замонҳои наздик қобили омӯзиши сохтори сиёсии капитализм буд. Вале таҷрибаи солҳои охир дар бораи мавҷудияти гурӯҳҳои фишор дар мамлакатҳои сотсиалистӣ низ шаҳодат медиҳад, ки онҳо манфиатҳои минтақавӣ, соҳавӣ ва идоравиро таҷассум менамоянд. Манфиатҳои гурӯҳи фишороварро метавонанд иттиҳодияҳое, ки соҳаи муайяни манфиатҳои давлатиро тарафдорӣ менамоянд, таҷассум намоянд.

Сатҳи дигаре, ки дар он фаъолияти ҷамъиятию сиёсии ғайриҳизбии корчаллонии калон паҳн мешавад, ин гурӯҳҳои моноплистӣ (комплекси ҳарбию саноатӣ, корчаллонии нафтӣ, табақаи иттиҳодияҳои бонкӣ) мебошанд.

Гурӯҳҳои монополистӣ сохтори мунтазами ташкилӣ, роҳбарияти расман интихобшаванда бо аъзогии расмӣ надоранд. Чун қоида онҳо ба воситаи иттиҳодияҳои сохтаи худ, ки чун воситаи таъсири онҳо хизмат мекунад, фаъолият менамоянд. Гурӯҳҳои монополистӣ ҳамаҷониба кӯшиш мекунанд, ки иттифоқро бо маъмурияти давлатӣ, аз он ҷумла, бо роҳи ҷалб намудани фаъолони машҳури сиёсӣ ба иттифоқи худ ва тарафдории сиёсии он мустаҳкам намоянд.

Соҳибони монополияҳои калон ба қувваи иқтисодӣ такя намуда, дар ташаккулёбии сиёсати ичтимоию иқтисодии давлат иштирок намуда, на танҳо роҳбарони хоҷагӣ, балки симои сиёсӣ ҳам мегарданд. Вақте ки онҳо дар кумитаҳои консултативӣ ҷойҳоро ишғол намуда, ба сифати муайян баромад мекунанд, пас ин мақоми сиёсии онҳо расмӣ мегардад.

Сохтани департаментҳои сиёсӣ ҳангоми идораи ширкату корпоратсияҳои калон, "алоқаҳои сиёсии махсус ба парлумон", "сиёсигардонии" шахсони вазифадори олии монополияҳо - ҳамаи ин ба он далолат мекунад, ки фаъолияти сиёсӣ ба қисми ҷудонашавандаи фаъолияти ҷории тамоми ташкилотҳои ҷамъияти буржуазӣ мубаддал гаштаанд. Дар қатори ташкилоту ассотсиатсияҳои гуногун, ки дар асоси мансубияти онҳо ба ин ё он умумияти

касбӣ ташкил шудаанд, бо мақсади ҳимояи талаботҳои махсус дар арсаи сиёсӣ, ҳаракатҳои оммавию ҷамъиятии гуногун фаъолият мекунанд.

Ҳаракатҳои демократии муосир шаклҳои гуногун доранд. Аломатҳои таснифоти онҳо чунинанд:

- аломати касбии ҳаракати табибон, олимон, нависандагон, адвокатҳо, фермерҳо ва ғ.;
- аломати ҷинсию синну солӣ: ҷавонон, занон, ҳаракати нафақахӯрон;
- аломати территориявӣ: шаҳрӣ (ноҳиявӣ), давлатӣ, минтақавӣ (миллӣ), ҳаракатҳои байналхалқӣ;
- усулҳо, шаклҳо ва воситаҳои фаъолият: волонтарҳо, ташаббуси шаҳрвандӣ, ҳаракати алтернативӣ;
- мақсад ва соҳаҳои асосии фаъолият: зиддиҷангӣ, экологӣ, занон, ҷавонон, ҳаракатҳо барои баробарҳуқуқии миллию нажодӣ, ҳаракатҳои ҳифзи истеъмолкунандагон, ҳаракатҳои динӣ ва ғ.

Ҳангоми муфассал дида баромадани ҳаракатҳои оммавии демократӣ ба тадқиқи хусусияти баъзеи онҳо, муайян намудани мақсадҳо ва воситаҳои асосии фаъолияташон, хусусияти онҳо дар мамлакатҳои гуногун, нақши онҳо дар системаи сиёсии ҷомеа аҳамият додан зарур аст.

Мақсади онҳо дигаргунсозии умумидемократии ҷомеа ва ҳимояи манфиатҳои васеи шаҳрвандӣ мебошад. Таърих мисолҳои зиёди чунин ҳаракатҳои ҷамъиятиро ёд дорад. Онҳо дар ташаккулёбии демократияи буржуазӣ, дар кори васеъшавӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнаткашон нақши муҳим бозидаанд.

Дар солҳои 30-юми асри XX дар қатори ҳаракатҳои мамолики Аврупои Шарқӣ ҳаракати васеи зиддифашистӣ паҳн шуд. Дар солҳои ҷанги дуюми ҷаҳон ҳаракати муқобилият ба истилогарони олмонӣ, японӣ ва итолиёвӣ аҳамияти калони сиёсӣ дошт, ки яке аз омилҳои ба ҷанги озодихоҳию зиддиимпериалистӣ мубаддал гаштани ҷанги дуюми ҷаҳон гардид. Аз нимаи солҳои 60-ум ҳаракатҳо барои хотимаи ҷанг дар Ветнам қувват гирифтанд. Имрӯзҳо дар тамоми ҷаҳон ҳаракатҳои зиддиҷангӣ барои

фавран қатъ намудани низоҳои ҳарбӣ дар минтақаҳои гуногуни дунё баланд шуда истодааст.

Хусусияти муҳими ҳаракат барои сулҳ, ки он аз дигар ҳаракатҳои демократии оммавӣ фарқ мекунад - ин характери байналхалқии он мебошад. Ин бо характери асосии масъалаи ҷанг ва сулҳ алоқаманд буда, дар ташкили амалҳои якҷоя, дар мавҷудияти як қатор сохторҳои байнидавлатӣ аён мегардад. Боз як фарқияти ҳаракати зиддиҷангӣ ин тобиши сиёсии он мебошад. Дар ҳаракатҳо баҳри сулҳ бисёр ташкилотҳои ҷамъиятию ҳизбҳои сиёсӣ, инчунин намояндагони институтҳои ҷамъиятии оилавӣ, иттифоқи касаба, калисо фаъолона иштирок мекунанд. Ҳаракати зиддиҷангӣ боз як паҳлӯи дигар низ дорад. - ин таҷассуми ҷудошавии байни ҷомеаи шаҳрванди ва институтҳои ҳокимияти давлатӣ мебошад. Он ба равияҳои аз тарафи давлат ҳавасмандкунонии ҷомеа муқобил меистад.

Дар бисёр мамлакатҳо ҳаракати зиддиҷангӣ ба омили доимии ҳаёти миллӣ мубаддал гаштааст. Вай ба беҳтар намудани вазъи байналхалқӣ дар дигаргуниҳои мусбӣ дар ҷаҳони муосир ҳиссаи муайяне мегузорад.

Дар дараҷаи муайяни ҳаракатҳои зиддиҷангӣ барои сулҳ заминаи ақидавию психологиеро гузоштаанд, ки барои тафаккури нави барномаҳои барҳамдиҳии умумии силоҳи ядрой сохтани ҷаҳони беярок тартиб мешавад. Ҳоло дар назди ин ҳаракатҳо вазифаҳое истодаанд, ки ба манъи озмоишҳои силоҳи ядрой, сохтани минтақаҳои беяроқ, кам кардан ва барҳам додани силоҳҳои стратегии ҳамлаовар ноил гарданд.

Ҳаракати занон, ки заминаи онҳо феминизм буда, таърихи қариб дуасра дорад, дар солҳои 60-ум нисбатан фаъол мегардад. Имрӯзҳо вай на танҳо бо оммавӣ гардиданаш, балки бо тағйирёбӣ ва васеъшавии базаи иҷтимоияш фарқ мекунад.

Мавқеи нобаробарии зан дар сиёсат, соҳаи ичтимоию иқтисодӣ, маданият ва ҳаёти шахсӣ кӯшишҳои мулоҳизаронӣ ва ҳалли ин масъаларо пеш меорад. Ҳиссаи иштироки занон дар парлумон, ҳукумат ва ташкилотҳои

худидоракунии маҳаллӣ паст аст. Дар ИМА иттифоқҳои феминистии "Албастиҳо", "Нон ва садбарг", "Ҷӯробҳои сурх", дар Англия "Маъракаи миллӣ барои ҳифзи исқоти ҳамл", "Занони қаҳролуд", "Занҳо ба муқобили зӯроварӣ ба занон", дар Фаронса "Шуазир", дар Голландия "Долле Минас" ва ғайра мебошанд. Бисёр ташкилотҳои либералию ислоҳотчигӣ мавҷуданд. Инҳо "Лигаи мубориза бахри баробарии занон", "Гурӯҳи занони немис", "Иттифоқи демократии занони Финляндия" ва ғайра мебошанд.

Дар баробари фаъолияти равшаннамоии худ ин ташкилотҳо нақшаҳои алтернативӣ низ месозанд - хонаҳо барои занони танҳо, барои пиронсолон, лагерҳои истироҳатӣ ташкил мекунанд.

Дар марҳилаи муосир феминизм аз идеологияи ҳаракати занон мунтазам ба назарияи инкишофи ҷамъиятии алтернативӣ табдил ёфта истодааст.

Дар байни ҳаракатҳои оммавии демократӣ ҷои махсусро ҳаракатҳои экологӣ бо назардошти фаъолияти сиёсӣ мураккаб ва сатҳи масъалагузории онҳо, аҳамияти ҷамъиятии вазифаҳои пешниҳоднамуда ишғол менамоянд. Дар мамолики мутараққӣ озмоишҳои тадқиқотҳои ядроӣ, тараққиёти энергетикаи атомӣ ва махсусан саноати химия, инчунин норасогиҳои технологию садамаҳо ба пайдоиши касалиҳои пештар номаълуми шуоъ, эндокринӣ, аллергия ва заҳролудшавӣ оварда расонидаанд. Нохушии ҳақиқӣ, боронҳои кислотавӣ растаниҳоро нест ва заминро заҳролуд намуда, ба обҳои зеризаминӣ, дарёҳо, кӯлҳо зарари калон мерасонанд. Дар замони ҳозира фақат дар музофоти Онтарио (Канада) аз ин боронҳо зиёда аз 148 кӯл хушкидааст.

Аз рӯи маълумоти олимон, бӯҳрони экологӣ баланд ва зиёда шуда, шиддатнокии иҷтимоии бо ин алоқаманд пурзӯр мегардад. Ҳаракати экологӣ ва донишҳои экологӣ худ яке аз роҳҳои муайяни ин ҷустуҷӯ мебошад.

Гурӯҳҳо ва ҷамъияти рӯҳбаландон, ки вазъи муҳити табиати онҳоро ноором сохтааст, ҳанӯз то оммафаҳм шудани мафҳуми "топология" дар мамолики Ғарб пайдо шуда буданд.

Ҳаракатҳои экологии муосир тарҳи муайни ташкилӣ доранд. Дар атрофи онҳо кадрҳои доимии фаъолон ташкил шуда, ташкилотҳои умумимиллии экологӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳамин тавр, дар Англия дар баробари ҳизби экологӣ "Дӯстони замин", "Гринпис" ва ғайра фаъолият доранд. Имрӯзҳо вакилони "сабз" дар ташкилотҳои олии қонунбарори Италия, Белгия, Финляндия, Португалия, Люксембург иштирок мекунанд. Дар интихоботҳои сатҳҳои гуногун экологҳо аз 3 то 10% овозҳоро мегиранд. Иштироки маълуми экологҳоро дар арсаи муборизаи сиёсӣ, барномаи амалӣ ва таклифҳое, ки онҳо баромад кардаанд, ба миён овардаанд.

Мароми барномавии онҳо чунин аст:

1. азнавсозии равандҳои истеҳсолии неъматҳои моддӣ бо назардошти камшавии захираҳои энергетикию ашёи хом;

2. даст кашидан аз тамоюли баландшавии мунтазами иқтисодиёт;

3. кӯтоҳ кардани рӯзи корӣ. Экологҳои франсавӣ таклиф менамоянд, ки ҳафтаи корӣ то 30 соат бошад;

4. ҳифзи муҳити зисти инсон;

5. дар тамоми зинаҳо демократикунонии раванди қабули қарорҳо, додани худмухтории васеъ ва ҳуқуқҳо ба коллективҳои меҳнатӣ дар иттиҳодияи муассисаҳо, ҷавонон, тамоми аҳолӣ дар ташкилотҳои ҳокимияти маҳаллӣ ва дар системаи таъминоти иҷтимоӣ.

Таклифҳои доир ба сиёсати берунаи экологчиён бо мақсаднокию вусъаташон фарқ мекунанд:

1. даст кашидан аз силоҳҳои ядроӣ ва муқаррарӣ;

2. ҳалли низоъҳои гуногун бо роҳи осоишта;

3. манъ кардани содироти ярок;

4. тамоман қабул накардан ва муборизаи қатъӣ бар зидди нақшаҳои гуногуни "ярокноккунӣ", ҷойгиркунонии системаҳои нави ракетаҳои дурпарвоз.

Ҳамин тариқ, ақидаҳо, тамоилҳо, арзишҳо ва ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмии экологчиён аз он ақидаҳое, ки дар ҷомеаи буржуазӣ ҳукмронанд, фарқ мекунанд. Аксарияти интихобкунандагон ва фаъолон дар ҳизбҳои

экологӣ ташкилотҳои худро чун системаи чапи алтернативӣ медонанд. Онҳо ба системаи ҷамъиятии мавҷуда эътирози ҷиддӣ баён намуда, дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа таъсири хешро мерасонанд.

Дар байни фаъолони ҳаракатҳои экологӣ намояндагони касбҳои эҷодӣ, ки дараҷаи баланди маълумотро талаб мекунад, муаллимон, табибон, коргарони хизмати иҷтимоию ҷавонон зиёданд.

Фаъолияти парлумонии экологчиён бо амалиёти ғайриоддӣ фарқ карда, характери оппозитсионӣ дорад. Экологчиён, чун қоида, ба ҳукумат аз нисф зиёди талаботҳоро равона карда, лоиҳаҳои қонунии зиёд, саволҳои хаттию шифоҳиро пешниҳод менамоянд. Онҳо минбари парлумониро барои муҳокимаи мавзӯъҳои барои синфи доро номақбул моҳирона истифода мебаранд.

Яке аз масъалаҳои муҳими мубоизаи демократӣ дар ҷаҳони Ғарб ин мавқеи намояндагони гурӯҳҳои хурди этникии ҳуқуқҳояшон поймолшавандаи аҳолии маҳаллӣ ва муҳоҷирон ба шумор меравад. То аввали солҳои 80-ум зиёда аз 40 млн. нафар дар мавқеи коргарони хориҷӣ қарор доштанд, ки аз онҳо тахминан 15 млн. нафарашон дар мамолики Аврупои Ғарбӣ ва 5-7 млн. нафарашон дар ИМА буданд. Ақаллиятҳои миллӣ дар мамолики Аврупои Ғарбӣ аз 5 то 10%-ро ташкил медиҳанд. Оммаи асосии онҳо дар зинаҳои пасти иҷтимоӣ қарор доранд ва кори аз ҳама каммузд, вазнин ва сиёҳро иҷро мекунанд, ки аз онҳо табақаҳои дигари коргарон рӯ мегардонанд. Ин яке аз сабабҳои пайдоиши ҳаракатҳо барои ҳуқуқҳои шаҳрвандии сиёҳпӯстон бо роҳи ташкили эътирози умумии ғайризӯроварӣ ва фишоровари доимӣ ба доираҳои ҳукмрон мебошад. Поймолкунии ҳуқуқҳо дар додани музди кор, давомнокии вақти корӣ, додани кафолат ва ҳуқуқҳои иҷтимоӣ то ҳол мавҷуд аст. Дар рафти ин мубориза ҳаракатҳои барои ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ба тарафдории либералҳои сафед ноил гашта, муносибатро бо ҳаракатҳои иттифоқи касаба барқарор менамоянд. Қабули қонунҳо доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандон ҳуқуқи интихоботӣ, инчунин гузаронидани барномаи мубориза бо камбизоати муваффақ гаштаанд.

Барои инкишофи ҳаракатҳои демократии оммавӣ иттиҳодияи ҷавонони радикалии чап, эътирозкунандагони солҳои 60-70-уми асри XX аҳамияти калон дошт.

Баромадҳои оммавии ҷавонон ва махсусан донишҷӯён, ба вазъи иҷтимоию сиёсӣ дар давлатҳо таъсири ҷиддӣ мерасонад. Баромадҳои зиддиҳукуматии ҷиддии донишҷӯён дар Италия соли 1985, дар Фаронса соли 1986, дар Испания соли 1987 ба вуҷуд омаданд.

Донишҷӯён эътирози норозигии худро нисбати беадолатиҳое, ки дар ҷаҳони Ғарб ҳукмронанд, баён мекунанд: 54% одамон изҳор карданд, ки онҳоро баландшавии рӯҳияи нажодпарастию шовинистӣ, гуруснагӣ дар ҷаҳони сеюм (53%), бекорӣ (52%), терроризм (49%) ба ташвиш меоварад.

Донишҷӯёни амрикоӣ на як бору ду бор масъалаи поймолкунии ҳуқуқҳои аҳолии сиёҳпӯсти ИМА-ро дар системаи маориф бардошта, бо даъватҳои васеъ намудани намояндагони донишҷӯёни сиёҳпуст, дар ташкилотҳои худмаълумотгирии донишгоҳҳо баромад намуданд.

Дар солҳои 80-уми асри XX донишҷӯёни аксар мамлакатҳо ташкили накшаҳои алтернативии ба ҷавонони бекор дахлдоштаро ташкил карданд. Иштироки ҷавонон дар ҳаракатҳои умумидемократӣ ба пурзӯршавии таъсири ақидаҳои озодии иҷтимоӣ ва коркарди тасаввуроти ҳақиқӣ доир ба роҳҳои азнавсозии ҷаҳон дар асоси демократия имконият медиҳад. Қайд кардан зарур аст, ки амалан тамоми ҳаракатҳои ҷамъиятӣ дар мамлакатҳои капиталистӣ характери сиёсӣ дошта, дар ин ё он давра мубориза ро барои дигаргунсозиҳои демократӣ, объекти мутақобилаи қувваҳои гуногуни ақидавию сиёсӣ мебошад.

### 3.Ташкилот ва ҳаракатҳои ҷамъиятию сиёсии Тоҷикистон

Аввалин ҳаракатҳои ҷамъиятию сиёсӣ дар ҷумҳурии мо дар атрофи мавқеи забони форсии тоҷикӣ ва анъанаҳои миллӣ ба вуҷуд омад. Дар сар то сари Тоҷикистон

ҷамъомаду гирдиҳамоиҳои пай дар пай ба амал омаданд. Оқибат 22 июли соли 1989 Сессияи Шӯрои Олӣ Қонуни забонро қабул кард. Ва ин завқу шавқи азнавсозии ҷомеа, мардумро яку якбора ба созмон додани ташкилоту ҳаракатҳои гуногуни ҷамъиятию сиёсӣ тела дод. Гузашта аз ин созмонҳои ҷонибдори бозсозӣ аллакай соли 1988 дар Кӯлоб "Ошкоро" дар Ӯротеппа "Ваҳдат" ташкил ёфта буданд.

Соли 1989 маҳфили сиёсии "Рӯ ба рӯ" ташкил ёфт, ки дар аксарияти ноҳияҳои ҷумҳурӣ обрӯ пайдо кард. Ин маҳфил ба маркази тарбияи сиёсии ҷавонон табдил ёфт, агарчи тарзи корбарию баъзан баҳсҳои ҳангоматалабонаи он ба бисёриҳо маъқул намеафтид.

Ҳаракати ҷонибдорони бозсозии "Растохез". Ин ҳаракат маҷлиси муассисони худро 15 сентябри соли 1985 барпо кард. Анҷуман Ойинннома ва Барномаи созмонро тасдиқ намуд. Дар барномаи "Растохез" қисматҳои сиёсию ҳуқуқӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, маданию фарҳангӣ ва миллиро пешбинӣ намуд. Вале оҳиста-оҳиста бо таъсири қувваҳои беруна ва дигар ҳизбҳо дар дохили ин созмон тағйироту хусусиятҳои маҳалгароӣ пайдо шудан гирифтанд, ки ба ташаббускории дигар созмонҳои ҷамъиятию сиёсӣ ба монанди "Лаъли Бадахшон", "Меҳри Хатлон", "Ҳамдилон" ҷамъияти ҳамшаҳриҳои вилояти Хуҷанд - "Зарафшон", "Истаравшан" ва ҷамъияти ҳамшаҳриҳои водии Ғарм "Ватан" ва дигарон замина гузошт.

Ҳамин тавр, таҷрибаи мамлакатҳои гуногун нишон медиҳанд, ки на ҳамаи ташкилот ва ҳаракатҳои гуногуни ҷамъиятӣ то ба охир ба принсипҳои эълоншудаи худ содиқ мемонанд. Воқеаҳои нанговари Тоҷикистон ҳам онро ба пуррагӣ нишон дода, надоштани таҷрибаи кофии корӣ ва дур будани аксарияти аъзоёни ин созмону ташкилотҳоро аз маданияти сиёсӣ тасдиқ менамоянд. Ҳоло аксарияти ин ҷунбишҳо фаъолияти худро қатъ намуданд, ё рӯ ба шакли дигар гардонидаанд.Дар баробари ин боз дигар ташкилот ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ пайдо шуда фаъолият бурда истодаанд, ки дар рушду инкишофи ҷомеа нақши муҳим

мегузоранд. Аз он ҷумла "Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи кишвар" сиёсати пешгирифтаи Президенти Тоҷикистонро дар роҳи густариши ҷомеаи шаҳрвандӣ ташвиқ ва мардумро ба тарбия ва бузургдошти муқаддасоти сулҳу субот ва ҳамзистии осоишта даъват менамоянд. Ҳоло дар кишвари мо зиёда аз 200 ташкилоту ҳаракатҳои ҷамъиятиву сиёсӣ амал менамоянд,ки дорои фикру андешаҳои мухталиф мебошанд.

# ШУУРИ СИЁСӢ ВА МАДАНИЯТИ СИЁСӢ

Идеяи асосии мавзӯъ кушодани моҳияту мазмуни шуур ва маданияти сиёсӣ мебошад. Хусусият ва зиддиятҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа на танҳо бо ёрии муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии синфӣ муайян карда мешаванд, балки ба онҳо шуури сиёсӣ ва маданияти сиёсӣ низ таъсир мерасонанд. Хусусияти ҳар яке аз ин масъалаҳо водор менамояд, ки мундариҷаи асосии онҳо кушода шуда, ҳудудҳои пахншавӣ ва таъсирашон бо паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа муайян карда шаванд.

## 1. Шурри сиёсӣ: моҳият, мазмун ва шаклҳои он

Ҳаёти сиёсии ҷомеа ҳам идома ва ҳам натиҷаи фаъолияти бошууронаи синфҳо, миллатҳо, табақаҳои иҷтимоӣ, шаҳрвандон ва институтҳои сиёсӣ мебошад. Аз нуқтаи назари фалсафӣ, шуур ин инъикоси ҳастии ҷамъиятӣ, образи субъективии олами объективӣ мебошад. Аз нуқтаи назари сотсиологӣ, шуур инъикоси манфиат ва тасаввуроти табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ, синфҳо, миллатҳо ва умуман ҷомеа дар ҳаёти маънавии одамон мебошад.

Шуури сиёсӣ қисми таркибии шуури ҷамъиятӣ мебошад. Шуури ҷамъиятӣ- маҷмӯи усулҳои инъикоси маънавии муносибати одамон ба ҷомеа ва ба худи онҳост, ки дар натиҷаи ҳаёт ва фаъолияти умумиятҳои иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ ба вуҷуд меояд. Шуури сиёсӣ- инъикоси ҳастии сиёсист. Ҳастии сиёсӣ маҷмӯи тамоми ҳаёти сиёсӣ, таҷриба ва муносибатҳои сиёсӣ ба шумор меравад. Қайд кардан зарур аст, ки ба сохтори сиёсӣ омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, таърихию миллӣ ва маданӣ таъсир мерасонанд. Дар ҷомеаи мо ба шуури сиёсии халқ на танҳо равандҳои ислоҳоти системаи сиёсӣ, балки вазъи бӯҳронии соҳаи иқтисодиёт, паст шудани сатҳи зиндагӣ, ахлоқ, нобоварӣ ба фардо, баланд шудани ҷинояткорӣ, масъалаҳои муҳити зист ва ғайра таъсир доранд. Ба шуури сиёсӣ омилҳои минтақавӣ, демографӣ ва дигарҳо низ таъсири худро мерасонанд.

Шуури сиёсӣ характери синфӣ дорад, ҳарчанд ки дар худ шакли хусусиятнокии ифодаи манфиатҳои сиёсии онҳоро таҷассум менамояд. Тавре ки маълум аст, сиёсат ин муносибати байни синфҳо оид ба ҳокимияти давлатист.

Шуури сиёсӣ инъикоси ғайрифаъоли ҳастии ҷамъиятӣ нест, чунки он метавонад аз амалия пеш гузашта, инкишофи равандҳои сиёсиро пешгӯӣ карда, ба ҳаёти сиёсӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа таъсир расонад.

Шуури сиёсӣ зуҳуроти бисёрсоҳа мебошад. Дар таркиби шуури сиёсӣ метавонад, шуури инқилобӣ, консервативӣ ва ислоҳотчигӣ бошад. Он метавонад, ки эмпирикӣ (таҷриба, амалия), назариявӣ, илмӣ, ақидавӣ, рӯирост ба шуур муқобил ва ғайра бошад.

**Сохти шуури сиёсӣ:** (консервативӣ, эмпирикӣ, инқилобӣ)

Сатҳи назариявии шуури сиёсӣ дараҷаи нисбатан баланди шуури сиёсист, ки маҷмӯи ақидаҳо, таълимотҳоеро дар бар мегирад, ки дар асоси раванду тадқиқи муносибатҳои сиёсӣ сохта шудаанд.

Дар шуури назариявӣ, ҷои марказиро идеологияи сиёсӣ ишғол менамояд. Идеология (аз калимаи юнонӣ гирифта шуда, маънояш мафҳум, идея- таълимот)- маҷмӯи ақидаҳои синф, миллат, табақаҳои иҷтимоӣ мебошад, ки ба мубориза барои ҳокимият бахри амалӣ сохтани мақсадҳои худ алоқаманд аст.

Дараҷаи шуури сиёсӣ дар асоси таҷрибаи ҳаррӯзаи амалӣ ташкил ёфта, нишонаҳои ҳаёту фаъолияти сиёсии ҷомеаро бевосита ба қайд мегирад. Ҳамаи ин дар ҷамъи мушоҳидаҳо, таҷрибаҳо ва тасаввуротҳо, ки дар раванди сиёсӣ ба амал меоянд, инъикос мегарданд.

Шуури ҳаррӯзаи сиёсӣ дар худ маҷмӯи ақидаҳо, тасаввуротҳо ва нуқтаҳои назарро инъикос менамояд, ки аз таҷрибаи ҳаррӯзаи ин ё он синф, табақаи аҳолӣ ва ё гурӯҳи одамон ба вуҷуд меоянд. Шуури сиёсии эмпирикӣ ва ҳаррӯза бо хусусиятҳои иҷтимоию психологӣ фарқ мекунад: рӯҳияҳо, ҳиссиётҳо ва эҳсосот. Ҳамчунин натиҷаи

ин хусусиятҳо мутаассиршавии якбора аз шароитҳои сиёсии тағйирёфта аст, ки баъзан ба рафти раванди сиёсӣ таъсири ҳалкунанда мерасонад. Сатҳи иҷтимоию сиёсии шуури сиёсӣ дар тӯда -умумияти устувори одамон, ки фаъолияти онҳо одатан пешгӯинашаванда аст ва баъзан ба зери таъсири қувваҳои муташаккили синфӣ меафтанд, равшан аён мегардад.

Ба таркиби шуури ҷамъиятӣ чунин шаклҳои шуур дохил мешаванд: гурӯҳӣ, оммавӣ ва шуури умуминсонӣ.

1. Шуури гурӯҳӣ сараввал номуташаккил ва дар дараҷаи шуури ҳаррӯза ташаккул ёфта, фаъолият мекунад, сипас нисбатан бошууронатар дар дараҷаи иштироки роҳбарони гуногун зоҳир мегардад. Шуури насли калонсол ва хурдсолон, гурӯҳҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, синфӣ, миллӣ, касбӣ, синну солиро фарқ кардан лозим аст.

2. Шуури оммавӣ - маҷмӯи ақидаҳо, тасаввурот, хаёлоти хом, ҳис, рӯҳия буда, қодир аст, ки шавқро зиёд созад. Аз рӯйи мазмуни худ вай умуман ба шуури ҷамъиятӣ мувофиқ нест.

3. Шуури оммавӣ дар истеҳсолот, истеъмолот, мухолифат, сиёсат ва истироҳат мавҷуд аст. Онро зиддиятнокӣ, қобилиятнокӣ ва дигаргуниҳои ногаҳонӣ тасниф мекунанд. Шуури оммавии сиёсӣ дар ҳама ҷомеа якранг нест. Бисёр сиёсатшиносони ИМА дувоздаҳ шакли шуури сиёсии оммавии ғайримарксистӣ аз ҷумла: неоконсервативӣ, анъанавӣ, либералӣ, технократӣ, радикалию сотсиалистӣ ва ғайраро ҷудо мекунад.

Ислоҳоти сиёсии дар мамлакати мо баамаломада ноқобилии "ягонаги"-и ақидавию сиёсии ҷомеаи шӯравиро нишон дод, ки дар бораи ин ташкилоту ҳаракатҳои ҷамъиятию сиёсии шаҳрвандон ва ҷараёнҳои равияашон ғайрисотсиалистӣ шаҳодат медиҳанд. Аввал дар шуури мо шиори "касе, ки бо мо нест, муқобили мост" ғолиб буд. Ҳоло бошад, фраксионӣ будан, танқид карда намешавад.

Шаклҳои шуури сиёсиро ба таври нақшавӣ чунин тасвир кардан мумкин аст:

Шаклҳои шуури сиёсӣ:

| Гурӯҳӣ | Оммавӣ |
|---|---|
| Гурӯҳҳои калону хурд, расмию ғайрирасмӣ, синфӣ, миллӣ, касбӣ, синнусолӣ. | а)шуури умуминсонӣ, идеологӣ, консервативӣ, авторитарӣ, радикалии чап, сотсиал-демократӣ, анархо-синдикалистӣ, миллию чудоихоҳӣ, конформистӣ, буржуазию миллӣ ва ғ. б) шуури сиёсии ғайримарксистӣ, либералию технократӣ, либералию ислоҳотчигӣ, анъанавӣ, неоконсерватӣ, радикал-романтикӣ, радикал-этникӣ. |

Ҳамин тариқ, ҳаёти сиёсии ҷомеа бо омилҳои бисёри бо ҳам алоқаманд : иқтисодӣ, иҷтимоию синфӣ, муносибату манфиатҳои миллӣ, иҷтимоию психологӣ, идеологӣ, маданӣ ва ғ. муайян карда мешавад.

## 2. Маданияти сиёсӣ ва нақши он дар системаи сиёсии ҷомеа

Маълум аст,ки дар фаҳмиши маданияти сиёсӣ алоқамандии сиёсат бо маданият аён мегардад. Сиёсат ин фаъолият дар соҳаи муносибатҳо байни синфҳо, миллатҳо ва давлатҳо мебошад.

Маданият - сатҳи муайяни таърихии инкишофи ҷомеа, қувваҳои эҷодӣ ва қобилиятнокии инсон аст, ки дар усулҳои ташкили ҳаёт ва фаъолияти одамон, инчунин дар арзишҳои моддию маънавии офаридани онҳо аён мегардад. Мафҳуми маданият дараҷаи тараққиёти ҷомеаро инъикос менамояд. Дар шакли моддӣ он ҳамчун воситаи меҳнат, технологияи истеҳсолот, меъёрҳо, санъат ва ҳуқуқ баромад мекунад.

Дар шакли маънавӣ он дар тасаввуроти гуногун оид ба олами атроф ва худи инсон, ақидаҳо, идеалҳо, назарияҳои илмӣ, идеология ва ғайра амалӣ мешавад. Маданият ҳамчун мафҳум ва зуҳурот бисёрҷониба аст. Аз як тараф, маданият мафҳуми ҳаёту фаъолияти одамон аст,

аз тарафи дигар, худи ҳаёт ва фаъолият дар муҳити маънавии конкретию таърихӣ ба амал меояд ва бо маданият ғайримустақим гардонида мешавад. Маданият ба соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ тақсим шуда, ҳамчун маданияти моддию маънавӣ истеҳсолӣ, иқтисодӣ, ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, экологӣ,бадеӣ, сиёсӣ ва ғайра падид меояд.

Ҳар як навъи фаъолияти одамон, ҳар як зуҳуроти иҷтимоӣ дар ҷомеаи синфӣ бо сиёсат алоқаманд аст. Маданияти сиёсӣ амалан ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа гузашта, ба дигар намудҳои ҳокимият таъсир мерасонад. **Соҳиби маданияти сиёсӣ набуда, кас сиёсатмадори соҳибтаҷриба ва ботадбир нахоҳад шуд.** Инсон дар фаъолияти ҳаёти сиёсӣ дар баҳодиҳӣ, маданияти муошират, ташаббус ва созиш комёбиҳо намеёбад.

Имрӯз ба мавқеи сиёсии шахс сарфаҳм рафтан, манфиатҳои ӯро ба ҳисоб гирифтан, таҳаммул намудан, дастгирӣ кардан, ризоиятро ба даст овардан, муносибатҳои мухталифи маданиро инкишоф додан барои ҳамаи инсонҳо хеле зарур аст. Дар воқеъ, баъзан бо системаи ҷамъиятии кишварҳои дигар забон ёфтан назар ба мамлакати худ осонтар аст. Дар ин бора воқеаҳои Арманистон, Озарбойҷон ва Тоҷикистон низ шаҳодат дода метавонанд.Аз ин рӯ, маданияти сиёсие лозим меояд, ки на танҳо санъати имконпазир, балки сиёсати ҳақиқӣ ҳам шуда тавонад.

Раванди азнавсозии ҳаёти сиёсии ҷомеа имкониятҳои идоракунии сиёсӣ, иқтисодӣ, дигаргуниҳои иҷтимоию маънавиро бештар гардонидааст. Аз ин ҷо, талабот ба баландшавии нақши маданияти сиёсӣ меафзояд.

Маълум аст, ки маданияти сиёсӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ бо пайдошавии синфҳо ва давлат ба вуҷуд омадаст. Шарқи Қадим, Юнони атиқа, Рим ҳама сарчашмаҳои мадании азхудкунии ҳаёти сиёсиро талқин менамуданд. Пайдоиши донишҳо оид ба сиёсат, давлат, ахлоқи сиёсӣ ва маданияти идоракунии ҳаёти ҷамъиятӣ, истифодаи онҳо дар амалия ҳамчун пайдоиши маданияти сиёсӣ дар ин кишварҳо хеле инкишоф ёфта буд. Мафҳуми "маданияти сиёсӣ" аввалин бор аз тарафи мутафаккири

давраи маърифати буржуазӣ И.Г.Гердер истифода шудааст. Дар охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX ин мафҳум дар асарҳои олимони рус В.В.Ивановский, М.Я.Остраградский низ вомехӯрад.

Заминаи асосии назариявии маданияти сиёсӣ аз тарафи К.Маркс ва Ф.Энгельс гузошта шуда буд. В.И.Ленин аввалин маротиба дар адабиёти марксистӣ ба мафҳуми "маданияти сиёсӣ" баъд аз инқилоби Октябр бо сабаби инкишофи давлатдории Шӯравӣ, тарбияи меҳнаткашон, ба баландшавии маданияти онҳо рӯ овард. Маданияти сиёсӣ дар дарки марксистию ленинӣ хусусияти равшан ифодаёфтаи синфӣ дорад.

Дар солҳои 50-уми асри XX, вақте ки тадқиқи ҷузъии маданияти сиёсӣ сар шуд, дар сиёсатшиносии Ғарб номҳои сиёсатшиносони амрикоӣ Г.Алмонд, С.Верба, Пауэлла маълум гаштанд. Онҳо маданияти сиёсиро ҳамчун системаи сиёсии дар дониш, ҳиссиёт ва баҳои шаҳрвандон аёнгашта, мепиндоранд. Инчунин диққати асосиро дар таҳлили маданияти сиёсӣ аслан ҷабҳаҳои субъективию психологӣ равона намудаанд. Дар сиёсатшиносии Ғарб Ж.П.Кот, Муне (Фаронса), Р.Дал, Л.Пай, Розенбаум (ИМА) ва ғайра дар масъалаҳои маданияти сиёсӣ тадқиқотҳои зиёде намудаанд.

Маданияти сиёсиро шартан ба равияҳои зерин ҷудо менамоянд: а) маданияти сиёсӣ ҳамчун таҷриба; б) ҳамчун дараҷаи фаъолияти сиёсӣ; в) ҳамчун раванд, донишҳо ва ақидаҳои инсон. Вобаста ба ин хусусиятҳо таърифҳои гуногуни маданияти сиёсӣ пайдо гардидааст. Дар таърихи классикии маданияти сиёсӣ, таърифи сиёсатшиносони амрикоӣ Г.Алмонд ва Пауэлла хеле машҳур дониста мешавад. Дар фаҳмиши онҳо маданияти сиёсӣ маҷмӯи том, шарти мавҷудияти тамоюлҳои фардии иштирокчиёни системаи мавҷуда мебошад. Ин соҳа омили субъективиест, ки асоси фаъолияти сиёсиро ташкил дода, онҳоро соҳиби аҳамияти муайян мегардонанд.

Ба мавқеи Г. Алмонд ва Пауэлла олими поляк Е. Вятр низ наздик аст, ки ба ақидаи ӯ, маданияти сиёсӣ ин умумияти мавқеъҳо, маҷмӯи меъёрҳои ахлоқ мебошанд, ки муносибатҳои давлат ва шаҳрвандро дарбар мегиранд.

Ҳамин тавр, маданияти сиёсӣ ягонагии диалектикии донишҳо, сиёсат, муносибат ба сиёсат ва ахлоқи амалии сиёсиест, ки ба ҷузъҳои фаъолияти сиёсӣ якҷоя карда шудааст. Дар сохтори маданияти сиёсӣ се қисми асосиро ҷудо кардан мумкин аст: когнитивӣ, меъёрию баҳодиҳӣ ва ахлоқӣ. Ҳангоми таснифи таркиби маданияти сиёсӣ дар сатҳи когнитивии он чунин ҷузъҳо ба монанди донишҳои сиёсӣ, маълумотнокии сиёсӣ, усулҳои тафаккури сиёсӣ аён мегарданд. Ҷузъи меъёрию баҳодиҳандагӣ ҳиссиёти баҳодиҳии рӯҳияҳо, анъанаю одатҳо, арзишҳо, меъёрҳо, мақсадҳои идеалҳои сиёсӣ, ки ифодакунандаи тамоюлҳо ва мақсадҳои шахсӣ ба монанди шуурнокӣ, масъулияти сиёсӣ, шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, башардӯстӣ ва ғайра инъикос меёбанд. Мавҷудияти ҷузъи ахлоқӣ асосан шаклҳои фаъолияти сиёсӣ ба талаботҳои маданияти сиёсӣ ҷавобдиҳанда вобаста аст.

Маданияти сиёсӣ, дар фаъолияти институтҳо (давлат, демократия, қонуни асосӣ, ҳуқуқ ва ғайраҳо) ифода меёбад.

Вазифаи азхудкунӣ ва дигаргунсозии муносибатҳои сиёсӣ ба манфиати синфҳо, миллатҳо, табақаҳои иҷтимоӣ. Амалӣ гаштани он бо мулоҳизаронии назариявии ҳаёти сиёсӣ ва истифодаи донишҳои азхуднашуда дар фаолияти амалии ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҳокимияти давлатӣ ва дигар қувваҳои сиёсӣ алоқаманд аст:

- батанзимдарорӣ , бо ёрии он консенсус тасдиқ мегардад;

- тарбиявӣ, ин вазифа ба ташаккулёбии шахсият, баландшавии шуури сиёсӣ бо роҳи иштироки бевоситаи одамон дар идоракунӣ, масъулиятнокии шаҳрвандӣ равона карда шудааст;

- пешгӯӣ, донистани вазъи маданияти сиёсии синфҳо, табақаҳои иҷтимоӣ ва гурӯҳҳои аҳолӣ, тамоилҳои арзишии ба онҳо хос ва баҳодиҳии ҳаёти сиёсӣ имконият медиҳанд, ки соҳаҳои имконпазир ва фаъолияти амалиро дар вазъияту шароитҳои конкретии иҷтимоию сиёсӣ пешбинӣ намоянд;

- мусоидатӣ, шакли алоқаи инсон ба системаи сиёсӣ, аъзоёни дигари ҷомеа, пайдарпаии наслҳо ва ҳамкории аъзоёни тамоми ҷомеаро таъмин менамояд.

Маданияти сиёсӣ дар худ синтези маданияти сиёсии тамоми синфҳо ва дигар **умумиятҳои** иҷтимоиро ҳангоми бартарӣ доштани нақши синф ё гурӯҳи иҷтимоии ҳукмрон таҷассум менамояд. Он дар худ нишонаҳои маданиятҳои сиёсӣ, анъанаҳои аз гузаштагон меросмондаро нигоҳ медорад.

Маданияти сиёсии ҷомеа якранг маълум намегардад. Ҳаёт нишон дод, ки демократикунонии мубоҳисаҳо, гуногунандешии афкор аз рӯйи масъалаҳои гуногун сатҳи донишу эътиқоди сиёсиро маълум менамояд. Ҷаҳонбинии маҳдуди сиёсӣ бе ташаббуси иҷтимоӣ ҳоло ҳам дар коллективҳои меҳнатӣ васеъ паҳн шудааст. Дараҷаи гуногуни донишҳои сиёсӣ дар қабул ва тарафдории қарорҳои конкретӣ аён мегардад. Маданияти сиёсии шахсият дар зери таъсири маданияти ҷомеа ба вуҷуд меояд, ки аз тарафи шахсият ба воситаи таҷрибаи фардӣ, дараҷаи дониш ва хусусиятҳои психологии он қабул мешавад. Маданияти сиёсии шахсият дар сафи донишҳои сиёсӣ, аз он ҷумла, донистани анъанаҳо, принсипҳо, меъёрҳо ва усулҳои фаъолияти сиёсӣ, ахлоқи шаҳрвандӣ, фаъолии иҷтимоӣ аён мегардад. Ҳар қадаре, ки ақидаҳои сиёсӣ чуқур андешида шуда бошанд, ҳамон қадар эътиқодҳо мустаҳкаманд.

Таснифоти гуногун дар сиёсатшиносии Ғарб ва марксистӣ маълум аст. Сиёсатшиносони Ғарб С.Верба ва Г.Алмонд се намуди маданияти сиёсиро пешниҳод мекунанд: **патриархалӣ, райиятӣ ва фаъолӣ**. Ҳангоми пайвастани онҳо намудҳои омехтаи маданияти сиёсӣ, ки аз ҳама дараҷаи баланди он ба ақидаи онҳо "маданияти шаҳрвандӣ" мебошад, ба вуҷуд меояд.

Ҳоло бошад, маданиятҳои хурди миллӣ, минтақавӣ, дохилисинфӣ ва байнисинфӣ маълуманд:

1. Радикалӣ - ба дараҷаи баланди маҳдудияти иҷтимоӣ ва фаъолияти баланди сиёсӣ.

2. Ислоҳотчигӣ -(намояндагон) - зиёиёни каторӣ бо дараҷаи миёнаи маҳдудияти иҷтимоӣ, дараҷаи баланди фаъолияти сиёсӣ, ки бо роҳбарони сиёсӣ муносибати мусбӣ доранд.

3. Оппортунистӣ - (табақаи эҷодӣ)- дараҷаи пасти маҳдудияти иҷтимоӣ ба дараҷаи баланди фаъолияти расмии сиёсӣ ва ғайрирасмӣ, ба роҳбарони расмии сиёсӣ муносибати мусбат, ба ғайрирасмӣ манфиатдошта.

Аз ин ҷо, раванди демократикунонии ҷомеа чунин нуктаҳоро талаб мекунад:

1. азнавсозии идеологияи сиёсӣ, озод намудани он аз догматизм;

2. дар шуури одамон ташаккул ёфтани арзишҳои сиёсӣ ва иҷтимоию ахлоқӣ, озодӣ ва шаъни шахсият, баробарии иҷтимоӣ ва адолат, башардӯстӣ ва ватандӯстӣ;

3. муносибати эҳтиёткорона ба маданияти гузашта;

4. ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, муҳайё намудани шароитҳо барои паси сар намудани бегонашавӣ аз ҳокимият, таъмини ҳимояи сиёсию иҷтимоӣ;

5. азнавсозии система ва илмҳои ҷамъиятӣ, ба шакли башардӯстона баргардонидани системаи таълим ва тарбия;

6. қабули қарорҳои сиёсии касбӣ, кордонӣ, принсипҳои башардӯстию демократӣ, меъёрҳои ҳуқуқ ва ахлоқ, масъулияти шаҳрвандӣ;

7. ташаккули маданияти сиёсӣ ва муошırати байналмилалӣ.

Марҳилаи имрӯзаи инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар роҳи демократикунонии минбаъдаи онҳо иштироки боз ҳам васеи шаҳрвандонро дар идоракунии корҳои давлат ва ҷомеа дар бар мегирад.

Салоҳияти баланди сиёсӣ, тайёрӣ ба амалҳои фаъол дар соҳаи сиёсат, донишҳои васеи сиёсӣ, фаъолиятнокии сиёсиро талаб мекунад. Омӯзиши соҳаҳои гуногуни маданияти сиёсӣ барои дарки равандҳои сиёсӣ, ки дар ҷомеаи муосир ба амал меоянд, зарур мебошад.

Маданияти сиёсӣ ба рафтори одамон ва фаъолияти ташкилотҳои гуногун, баҳодиҳии гурӯҳҳои ҳукмрон ва роҳбарони алоҳидаи сиёсӣ муайян намудани ҷои худ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа таъсир мерасонад.

# СИСТЕМАИ ИНТИХОБОТӢ. МОҲИЯТИ ПАРЛУМОН ВА ИДОРАКУНИИ ПРЕЗИДЕНТӢ

Дар интихобот мавқеи муайянро пеш аз ҳама интихоби сиёсӣ ишғол менамояд, ки ба ташаккулёбии ташкилотҳои ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, корҳои сиёсии дохилию берунӣ ва ҷо ба ҷо гузории қувваҳои сиёсӣ дар мамлакат таъсири амиқ мерасонад. Чуноне, ки дар Эъломияи ҳуқуқи башар омадааст: Ҳар як шахс ҳуқуқ дорад,ки дар идораи мамлакати худ бевосита ё тавассути намояндагони озодона интихобкардаи худ иштирок кунад. Иродаи халқ бояд бунёди ҳокимият бошад. Ин ирода бояд дар интихоботи даврӣ одилона ва бесохтакорӣ, ки ҳатман ба тарзи ҳамагонӣ баробарҳуқуқона ва бо роҳи овоздиҳии пинҳонӣ ё ба воситаи принсипҳои монанди ин доир гардидааст, ифода ёбад.(Моддаи 21-и Эъломия)

## 1. Интихобот ҳамчун ҷузъи асосии системаи сиёсии ҷомеа

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон халқи кишварро қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳисобида озодӣ, ва ҳуқуқи шахсро муқаддас эълон мекунад. Илова бар ин, моддаи 8-и Сарқонуни Ҷумҳурӣ муайян мекунад, ки "дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад". Маънии зикршуда ва инчунин амали гардонидани ҳадафи асосии ҷамъият -барпо намудани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, тақозо мекунад, ки воситаҳои ахбори омма ба омили тавонои демократикунонии ҷараёни ҳаёти ҷамъиятию сиёсии мамлакат табдил дода шаванд... Аз тарафи дигар, ҳар гуна монеъагузории ҳукуматӣ, маъмурӣ ва ё меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар роҳи ташаккули ВАО-и озод ва ифодакунандаи ақидаҳои мухталиф пардаро аз рӯи режимҳои ба ном демократӣ мебардорад. Ва чӣ тавр ки коршиносони ҷаҳонӣ борҳо қайд намудаанд, яке аз нишондиҳандаҳои асосии озодии ахбори омма маҳз тарз, мазмун ва дараҷаи инъикоси маъракаҳои интихоботӣ дар

воситаҳои электронии ахбори оммаи (телевизион ва радио) ин ё он кишвар мебошад.[28]

Маълум аст, ки дар замони ҳозира барои тайёрӣ ва гузаронидани интихобот нақши асосиро ҳизбҳои сиёсӣ мебозанд, зеро пешбарии номзадҳо ба интихоботи мансабҳои давлатӣ, ташкил намудани барномаи пешазинтихоботӣ, интихоби онҳо мувофиқи рӯйхати муайяни ҳизбӣ амалӣ гардонида мешаванд. Сиёсатшиноси олмонӣ Т.Элвайн мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ ва маъракаҳои интихобиро қайд намуда менависад, ки " барои ҷой дар парлумон имрӯз фақат ҳизб мубориза мебарад: интихобкунанда метавонад аз байни номзадҳои ҳизбӣ ё рӯйхати ҳизбҳо касеро интихоб намояд. Яъне ҳизбҳои сиёсӣ звенои муттаҳидкунанда дар байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ, халқ ва ҳукумат мебошанд".

Принсипҳои асосии ҳуқуқи интихоботӣ чунинанд: принсипи умумият, баробарӣ, овоздиҳии пинҳонӣ ва ғайра. Ба тартиб даровардани онҳо пеш аз ҳама ба конститутсия ва дигар санадҳои ҳуқуқии давлат вобастагӣ дорад.

Ин аст, ки интихоботро яке аз ҷузъҳои асосии системаи сиёсии ҷомеа маҳсуб медонанд. Ба ҳамагон маълум аст имрӯз дар Тоҷикистон ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун звенои муттаҳидкунанда дар байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ, халқ ва ҳукумат баромад намуда бо барномаҳои пешазинтихоботии хеш баробар ва бо ҳисси баланди маданияти сиёсӣ худро муаррифӣ намуда, соҳиби фоизҳои гуногуни овозҳо гардидаанд. Аз ин ҷо, саволе ба миён меояд, ки барои ба даст овардани чунин интихоботи шаффофу демократии ва нахустин дар таърихи Ҷумҳурӣ дар сатҳи баланди маданияти сиёсӣ гузаронида шуда, кадом омилҳо мусоидат намуданд? Албатта барои гузаронидани ин чорабинии муҳими сиёсӣ нақши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳизбу созмонҳо, васоити ахбори умумӣ ва шаҳрвандон хеле калон аст. Аммо таҷрибаи начандон тулонии солҳои соҳибистиқлолӣ ва гузаронидани чорабинию дигар ҷашнҳои худшиносӣ барои эҷоди

[28] Ниг.:С.Коливер,П.Мерлоу. Дастурамали инъикоси маъракаҳои интихобот бо воситаҳои электронии ахбори умум дар мамлакатҳои дорои низои демократии давраи гузариш..Институти ҷомеаи кушод.ш.Душанбе -1999.С-14

маданияти сиёсӣ бештар заминаи босазое гузошта тавонистанд.

Маълум аст, ки худи Сессияи ноябрии соли 1992-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санаи таърихии фавқуззикр дар таърихи навини тоҷикон нақши бузургеро иҷро намуда, ба сарнавишти тозаи миллати мо тағйироту иловаҳои ҷиддӣ ворид кард. Аз гузашта сабақ омӯхта баъди Сессия Ҳукумат бештар ба ҷустуҷӯи омилҳои муттаҳидгари тоҷикон майл пайдо намуд. Дар баробари ин, хусусиятҳои хоси ҳар минтақаро ба назар гирифта зарурияти дарёфти кӯшиш ба орзӯҳои барои ҳамаи минтақаҳои умумиро пеш гирифт. Аз ин рӯ, як омили комили муттаҳидгар дар идеологияи давлатӣ пайдо карда шуд ва он дар амал принсипи таҳкими истиқлолияти давлатии мо гардид. Ё ин ки чорабиниҳои сиёсии соли 1994-ум гузаронида шуда (интихоботи Президент ва қабули Сарқонун) низ дар ҷобаҷогузорӣ ва муайян кардани мавқеи тарафҳо таҷдиди ҳуқуқӣ бахшид. Ифодаи иродаи аксарияти аҳолии дар интихоботи Президенти мамлакат ва тарафдории Сарқонун маънои онро дошт, ки низоми муайяне барои бунёди ҷомеаи навин гузошта шуд. Дар асоси плюрализм ва бисёрҳизбии сиёсӣ ҳизбҳои гуногун ба арсаи сиёсат ворид гардида аз паи мақсаду нуфузи хеш ба муборизаҳои ҳизбию сиёсӣ зиёдтар таваҷҷӯҳ намуданд. Вале ба ҳамаи ин нигоҳ накарда дар ҷомеаи мо дифисити якфикрӣ дар миёни азҳоби сиёсӣ ба амал наомад. Бояд гуфт, ки ин холат аз бисёр ҷиҳат ба Ҳизби ҳалқи демократии Тоҷикистон нерӯи тоза бахшид, ки он самтҳои фаъолияти худро боз ҳам ҷонноку фаъол гардонид.

Дар интихоботи гузаштаи парламентии соли 2000-ум шаш ҳизби сиёсӣ ширкат варзид. Дар ин интихобот системаи мутавозеъ (пропорсионалӣ) ва мажоритарӣ истифода шуд. Ба воситаи рӯйхати ҳизбӣ дар парлумон бояд 21 намоянда шомил мегардид. Лекин ин ҷойҳоро дар ҷамъбаст номзадҳо аз Ҳизби халқӣ-демократӣ, Ҳизби коммунистӣ ва Ҳизби наҳзати ислом байни худ тақсим намуданд. Ҳамзамон, ҳизбҳои дар интихобот ширкатварзида бар ҳудуди интишороти натиҷаи овоздиҳӣ

эътирозе надоштанд. Сабаб чӣ буд? Ба назари мо чунин муносибат аз бисёр ҷиҳат ба нуфузу эътибори Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон вобастагӣ дошт. Ӯ дар тассавуроти аксари аҳолӣ ҳамон замон ҳамчун шахсияте шинохта мешуд, ки қодир буд, ҳамаи мушкилиҳоро бартараф намояд ва масъалаҳоеро, ки имрӯз ҷомеа ба онҳо рӯ ба рӯ гаштааст, ҳал намояд. Чунин боварӣ ба Эмомалӣ Раҳмон ба он асос меёбад, ки дар тӯли солҳои фаъолияташон танҳо ба ӯ муяссар гашт, ки ҳама кӯшишоти фишори зӯроварӣ ба ҳокимиятро чӣ аз ҷониби нерӯҳои сиёсии тамоюли радикалидошта ва чӣ аз ҷониби онҳое, ки бо роҳи зӯрӣ, силоҳ кӯшиши ба сари ҳокимият омадан доштанд, пешгирӣ карда тавонист. Яъне, сиёсати пешгирифтаи Сарвари мамлакатро шаҳрвандони Тоҷикистон сиёсати конструктивӣ, бунёдкорӣ ва муттаҳиднамоии миллат шуморида, ба ӯ ҳамчун сарвари сиёсӣ эътиқоду маҳбубияташон боз ҳам дучанд гардид.

Ба замми ин дар фаъолияти корияшон кушодани иншоотҳои бузург, бунёди нерӯгоҳҳои барқӣ, кушодану васли роҳу туннелҳо, пурзӯр намудани сиёсати берунаи хориҷӣ, бедору ғанӣ гардониданн ифтихори миллӣ, вусъат бахшидан ба вазъи таълиму тарбия ва тандурустӣ низ шаҳодат ба он медиҳад, ки мардуми Тоҷикистон ба Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва оянддаи дурахшони Тоҷикистон боварӣ ва эътиқоди қавӣ доранд.

Дар интихоботи соли 2010-ум бошад, ҳамагӣ ҳашт ҳизби сиёсӣ ширкат варзиданд. Интихобот аз рӯи қонунгузории интихоботи Ҷумҳурӣ назар ба интихоботҳои пешин шаффофу озодонатар гузашт, ки дар он панҷ ҳизби сиёсӣ ба парлумони нав ҷой ёфтанд. Аммо аксарияти овозҳо боз ҳам насиби Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон гардид. Барои мисол танҳо рафти ташкил ва гузаронидани интихоботи як ноҳияи шаҳри Душанберо пеши назар меорем. Соли ҷорӣ дар баробари дигар воқеаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ба саҳифаҳои таърихи мамлакат ҳамчун соли интихоботи Маҷлиси намояндагон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ даъвати чорум дохил гардид. Чуноне, ки маълум аст, дар асоси фармони

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.12.2009 сол интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ба рӯзи 28.02.2010 сол таъин гардида буд ва маъракаи омодагӣ, ташкил ва гузаронидани интихоботи вакилони халқи ноҳияи Сино оғоз гардид. Ҳамин тавр, 23-юми декабри соли 2009 иҷлосияи 20-уми Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Сино бо қарори худ таҳти №20/3-197 комиссияи ноҳиявии интихоботро дар ҳайати ҳафт нафар тасдиқ намуд.

Аз ҳамон рӯз сар карда, корҳои ташкилӣ ва омодагӣ ба интихобот оғоз ёфт. Комиссияи ноҳиявии интихоботӣ дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ" ва дигар қонунҳоро ба роҳбарӣ гирифта, корро дар асоси нақшаи чорабиниҳо ба роҳ монд.

Мувофиқи талаботи қонуни зикршуда дар ноҳия 40 ҳавзаи интихоботии ноҳиявӣ ташкил карда шуд, ки ба ҳайати комиссияҳои ҳавзавӣ намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ, зиёиён ва онҳое, ки таҷрибаи хуби гузаронидани интихоботро доштанд, дохил карда шуданд. Барои таъмин кардани овоздиҳӣ дар ноҳия 79 участкаи интихоботӣ ташкил карда шуд. Комиссияи интихоботии ноҳиявӣ дар фаъолияти худ бештар ба он аҳамият дод, ки ҳамаи марҳилаҳои тайёрӣ ба интихобот ҷиддан дар асоси талаботҳои қонун сурат гирад.

Дар маъракаи пешбарии номзадҳо ба вакили ҳамаи ҳизбҳои сиёсии дар ноҳия фаъолият доштаанд; хизби коммунистӣ, ҳизби наҳзати ислом, ҳизби сотсиалистӣ, ҳизби демократӣ, ҳизби сотсиал-демократӣ, ҳизби ислоҳоти иқтисодӣ ва ҳизби халқи демократӣ номзадҳои худро ба вакилии Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Сино пешбарӣ кардаанд. Дар маҷмӯъ аз тарафи ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ дар 40 ҳавзаи интихоботӣ 116 вакил пешбарӣ гардид. Дар рафти тайёрӣ ба интихобот 9 нафар номзадҳо дар асоси ариза номзадии худро қатъ карда аз фикрашон даст кашидаанд. Дар ҷамъбаст ному насаби 107 нафар номзадҳо дар бюллетенҳои овоздиҳӣ навишта шуд.

Ҳамин тавр, 28-уми феврали соли 2010 интихобот дар асоси риояи қатъии талаботҳои қонун баргузор шуд. Дар интихобот аз шумораи умумии 112498 нафар рӯйхатбудагон 92553 нафар интихобкунандагон иштирок карданд, ки 81,92 фоизро ташкил менамуданд.

Интихоботи баргузоршудаи 28-уми феврали соли 2010 бо бисёрамояндагӣ, фазои озод, демократӣ, бисёрҳизбӣ ва якдигарфаҳмӣ аз интихоботи гузашта фарқ мекард. Аз ҳама муҳим масъулияти интихобкунандагон дар интихоботи вакили худ тағир ёфта буд. Натиҷаи ҳамин буд, ки дар 40 ҳавзаи интихоботӣ интихобот бо муваффақият гузашта, вакилон бо гирифтани аз нисф зиёди овозҳо соҳиби номи баланди вакилӣ гардиданд. Дар маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Сино намояндагони касбу кори гуногун аз коллективҳои меҳнатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ интихоб шудаанд.

Ҳайати сифатии вакилон дар интихоботи даъватӣ 4 нисбат ба интихоботи пештара хеле беҳтар шудааст. Ҳамаи 40 нафар вакили интихобшуда дорои маълумоти олӣ буда, аз ҷумлаи онҳо 10 нафар кормандони соҳаи хизмати давлатӣ, 21 нафар роҳбарони ташкилоту корхона ва муассисаҳои таълимӣ, 8 нафар намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва муассисаҳои илмӣ мебошанд. Аз ҷумлаи вакилони ноҳиявӣ 5 нафарашон олимон, профессор, дотсентҳо, номзади илм мебошанд.

Ҳайати сифатии вакилони маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Сино аз рӯи ихтисос ва касбу кор гуногун аст. Ба ҳайати вакилон 4 нафар омӯзгорон, 7 нафар духтурон, 9 нафар муҳандисони соҳаҳои гуногун, 5 нафар иқтисодчиён, 10 нафар мутахассисони дигар соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла 13 нафар занон шомиланд.

Дар ҳайати вакилон 39 нафар аз ҳизби халқӣ демократӣ ва 1 нафар аз ҳизби коммунистӣ интихоб шуданд. Синну соли ҳайати вакилон чунин аст:

- то 30 сола 1 нафар - 2,5%
- то 40 сола 8 нафар - 20,0%
- то 50 сола 12 нафар - 30,0 %
- то 50 сола боло 19 нафар - 47,5%

Ҳамин тариқ, мавҷудияти бисёрҳизбии имрӯза дар мамлакати мо гувоҳи дар ҷомеа мавҷуд будани мавқеи гуногун аз рӯи масъалаҳои мухталифи ҳар як узви ҷомеа мебошад, ки оҳиста-оҳиста ба таври табиӣ ва беозор қабул шудан гирифт. Ҳарчанд дар ҳалли ин масъалаҳо мувофиқат нашудан ба ҳизбҳои алоҳида баъзан душвор менамояд, вале ягон ҳизби ҳозир амалкунанда, чӣ ҷонибдорон ва чӣ мухолифони Ҳукумат ба барномаи (платформаи) ҳизби халқӣ-демократӣ оид ба инкишофи ҷомеа ягон барномаи ҷиддии алтернативӣ пешниҳод карда натавонистанд. Шабоҳати мақсад ва вазифаҳои барномавии бисёр ҳизбҳо ба сиёсатмадорон имкон дод, ки вариантҳои ташаккули ҳаракати васеи шаҳрвандиро бо ширкати ҳамаи аҳзоби сиёсӣ ва дарёфти мувофиқатномаи миллиро дар асоси барномаи Ҳизби халқӣ-демократӣ пешниҳод намоянд. Ин буд фаъолнокии сиёсие, ки ба рафти интихобот таъсири амиқе расонида мавқеи Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистонро дар байни дигар аҳзоби сиёсӣ баръло муайян намуд. Дигар шаҳрвандони Тоҷикистонро барои райъ додан бо ваъдаҳои хушку холӣ боварикунонидан мушкил гардидааст. Ин вазъият дар интихоботҳои дигар низ боз мушкилу шаффофтар мегардад.

## 2. Системаҳои интихоботӣ ва шаклҳои онҳо

Системаи интихоботӣ маҷмӯи қоидаҳое мебошад, ки аз тарафи қонун муайян карда шудаанд.Дар замони ҳозира ду системаи интихоботии нисбатан маълум амал мекунад, ки онҳоро ҳамчун системаи **мажоритарӣ** ва **пропорсионалӣ** муаррифӣ менамоянд.

Дар системаи мажоритарӣ фақат овозҳо ба тарафдории ҳамон номзаде ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки аксарияти овозҳоро соҳиб гаштааст. Ин система дар Британияи Кабир, Канада, ИМА, Фаронса, Япония амал мекунад.

**Системаи интихоботии мажоритарӣ аз ду шакл иборат аст: аксарияти мутлақ ва аксарияти нисбӣ.**

Дар системаи мажоритарии аксарияти мутлақ ба шахси ғолиб лозим аст, ки нисф зиёди овозҳоро дар ҳавзаи интихоботии мавҷуда ба даст оварад (50% +1 овоз). Вале дар амалия ба даст овардани аксарияти мутлақи овозҳо хеле мушкил аст, чунки барои ин ба номзад лозим меояд, ки дар ин ҳавза соҳиби эътибори калон бошад. Маҳз барои ҳамин ҳам овоздиҳӣ бо ин система дар ду давр гузаронида мешавад ва барои иштирок дар давраи дуюм фақат ду номзаде, ки шумораи нисбатан зиёди овозҳоро дар даври якум соҳиб шудаанд, роҳ дода мешаванд. Ҷамъбасти овозҳо дар даври дуюм аз рӯи системаи дигар муайян карда мешавад. Масалан, аз рӯи системаи мажоритарии аксарияти нисбӣ. Чунин тартибот дар Фаронса аз соли 1958 инҷониб амал мекунад.

Дар системаи мажоритарии аксарияти нисбӣ ҳамон номзаде ғолиб дониста мешавад, ки овозҳои ба даст овардаи он аз овозҳои соҳибгаштаи ҳар яке аз нисф камтар бошад. Агар якчанд депутат соҳиби шумораи якхелаи овозҳо шаванд, он гоҳ масъала бо роҳи қурапартоӣ ва ё аз рӯи синну сол ҳал карда мешавад. Дар ҳолати аз ҳавза пешниҳод намудани як номзад интихобот гузаронида нашуда, номзад интихобшуда ҳисобида мешавад. Ин пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки аз рӯи ин система як овозе, ки номзад метавонад ба тарафдории худ диҳад, басанда аст.

Барои ҳар ду шаклҳои системаи мажориатрӣ камбудиҳои зерин хос аст:

- амалигардонии принсипи ҳуқуқи интихоботии умумӣ таъмин намешавад. Овозҳои ба тарафдории номзадҳои мағлубшуда додашуда ба ҳисоб гирифта намешаванд ва интихобкунандагоне, ки ба тарафдории онҳо овоз додаанд, имконияти намояндагони худро ба ташкилотҳои интихоби пешниҳод намуданро аз даст медиҳанд, ё ин ки иродаи онҳо таҳриф карда мешавад;

- ҳизбе, ки дар интихобот шумораи камтари овозҳоро назар ба рақиби худ ба даст овардааст, ба ин нигоҳ накарда, дар ташкилотҳои намояндагӣ ҷойҳои нисбатан зиёдро ба даст меоранд;

- ду ва ё зиёда ҳизбҳое, ки ба тарафдории онҳо шумораи якхелаи интихобкунандагон овоз додаанд,

шумораи гуногуни мандатҳои депутатиро соҳиб мегарданд;

- ҳизбҳое, ки аз тарафи аҳолии деҳот тарафдорӣ карда мешаванд, дар ҳолати имтиёзнок мемонанд;

- роҳбари давлат - президент, ки бевосита аз тарафи аҳолӣ интихоб карда мешавад, метавонад, ки электорати аксарияти мутлақро дар мамлакат таҷассум намояд.

Чунин муаммоҳо дар натиҷаи кушодани ҳавзаҳои интихоботӣ ё ин ки аз рӯи тақсими овозҳои интихобкунандагон дар ҳавзаҳои интихоботӣ ба амал меоянд.

Ҳамзамон, қайд менамоянд, ки бартарияти асосии ин система дар он аст, ки вай имконияти ташкил намудани ҳокимияти мӯътадил, ки ба аксарият дар парлумон такя мекунад, фароҳам оварад. Вале ин оромии сунъӣ бо роҳи маҳрум намудани ҳукумат аз ҳизбҳои хурд ташкил карда мешавад. Системаи интихоботии пропорсионалӣ ба принсипи мутаносиби байни овозҳои додашудаи интихобкунандагон ва мандатҳои ба даст овардаи онҳо такя мекунад. Дар интихоботҳое, ки аз рӯи ин система гузаронида мешаванд, номзадҳо ба ташкилотҳои намояндагӣ фақат аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ (ҳар яки онҳо рӯйхати номзадҳои худро пешниҳод мекунанд), пешниҳод карда мешавад. Агар маҷмӯи рӯйхатҳои алоқаманд ё ин ки мустаҳкам истифода бурда шавад, он гоҳ интихобкунанда ба тарафдории рӯйхати номзадҳои ин ва ё он ҳизб дар шакли том овоз медиҳад. Дар баробари ин тақсимоти мандатҳои ба дастовардашуда дар дохили рӯйхати ҳизб аз рӯи тартибе, ки номзадҳо дар рӯйхат ҷой гирифтаанд, амалӣ гардонида мешаванд. Дар замони муосир ин система хеле кам истифода бурда мешавад, мисол, дар Исроил ва Испания.

Дар системаи рӯйхатҳои "озод" ва ё "ноустувор" интихобкунанда на танҳо барои рӯйхати ҳизб дар шакли том овоз медиҳад, балки муносибати худро низ ба воситаи тарҷеҳдиҳӣ ва ё преференсия (афзалият додан) ба ҳар як номзад ифода намояд. Овоздиҳии бартариятнок ин муқаррар намудани тартиботи номзадҳо дар рӯйхати як

ҳизб аз тарафи интихобкунанда мебошад, ки барои вай қулай аст. Интихобкунанда рақамҳоро бо навбат ба муқобили якдигар,якчанд ва ё тамоми номзадҳо мегузорад.

Дар ин система онҳое интихобшуда ҳисобида мешаванд, ки на дар аввали рӯйхат бошанд, балки шумораи нисбатан зиёди преференсияро ба даст оварда бошад, (дар Австрия, Италия, Швейтсария, Шветсия) амалӣ мешавад.

Баъд аз овоздиҳӣ ба тақсимоти мандатҳо шурӯъ мекунанд. Дар асоси муайян намудани шумораи мандатҳои ин ва ё он ҳизб принсипи квотаи интихобӣ меистад. Квотаи интихобӣ гуфта шумораи овозҳоеро меноманд, ки барои интихоби як депутат зарур аст. Ҳар як ҳизб аз рӯи ҷамъи квотаи интихоботие, ки дар ҳавзаи мавҷуда маълум аст, мандати депутатиро соҳиб мегардад. Мувофиқи қоида, қонунҳо бузургии квотаро қайд намекунанд ва ба усулҳои ҳисоб нишон медиҳанд.

Дар қиёс бо системаи интихоботии мажоритарӣ системаи пропорсионалӣ ду бартарияти асосӣ дорад. Якум, вай имконият медиҳад, ки чунин ташкилотҳои марказию маҳаллии намояндагие, ки ташкил карда мешаванд, сохти онҳо мувофиқати амалии қувваҳои ҳизбиро дар мамлакат нисбатан мукаммал таҷассум намоянд.

Дуюм, ин система, агар бо дигар "қоидаҳои" иловагӣ вайрон карда нашавад, намояндагиро ҳатто ба ҳизбҳои хурд ҳам таъмин менамояд. Вале дар амалия системаи пропорсионалӣ аксар вақт бо ёрии қоидаҳои махсусе, ки дар қонун дарҷ шудаанд, вайрон карда мешаванд. Ба чунин қоидаҳо "нуқтаи монеавӣ" ва "эзоҳоти фоиданок" дохил мешаванд. Мувофиқи қоидаҳо ҳизбҳое, ки шумораи овозҳои мувофиқи қонун мукарраршударо ба даст наовардаанд, барои иштирок дар тақсимоти ҷойҳо роҳ дода намешаванд. Овозҳое, ки ба тарафдории ин ҳизбҳо дода шудаанд, дар вақти ҳисоби квотаи интихоботӣ ба назар гирифта намешаванд. Чунончи: дар Исроил "нуктаҳои монеавӣ" аз ҳама кам - 1%, шумораи умумии дар тамоми мамлакат мавҷуда, дар Туркия аз соли 1982-10%-ро талаб мекунанд. Яке аз усулҳои вайрон намудани

системаи пропорсионалӣ дигаргунсозӣ мебошад. Ба интихобкунанда имконият медиҳад, ки номҳои номзадҳои дар рӯйхати ҳавза додашуда аз як рӯйхат ба рӯйхати дигар гузаронад ва ё номзадҳои навро пешниҳод намуда, онҳоро ба рӯйхат дохил намояд.

Усулҳои номбаршуда вайронкуниҳои ҷиддии системаи пропорсионалӣ мебошанд, ки ба дараҷаи муайяни принсипи пропорсионалиро вайрон карда, далели интихобкунандагонро бекор мекунанд. Ба ғайр аз ин дигаргунсозӣ имконият медиҳад, ки ба қаллобии факту рақамҳои интихобкунандагон ҳангоми ҳисоби овозҳо роҳ дода шавад.

Системаи интихоботӣ ва интихобот умуман воситаест, ки ба туфайли он яке аз ҳизбҳои сиёсии рақобаткунанда дар ташкилотҳои намояндагӣ аксарияти ҷойҳоро соҳиб мешавад.

Ҳизбҳои ҳукмрон кӯшиш мекунанд, ки системаҳои сиёсиро ба фоидаи худ тағйир диҳанд, то ки ҳиссаи намояндагони худро дар ташкилотҳои давлатии интихоботӣ аз ҳисоби ихтисори намояндагии қувваҳои оппозитсионӣ, ҳизбҳои хурд, ки ба вайрон кардани иродаи интихобкунандагон оварда мерасонад зиёд, намоянд.

Дар назар доштан лозим аст, ки системаи интихоботӣ пеш аз ҳама дар зери таъсири хусусиятҳои иҷтимоию синфӣ, миллӣ, таърихӣ, динӣ ва ғайра, ки ба ҳар як давлати алоҳида хосанд, ташаккул меёбад.

Дар илмҳои сиёсӣ мафҳуми "идоракунӣ" бо ду маъно истифода мешавад. Маънои васеаш тарзи барқарор намудани ҳокимият ё таносуби байни ҳукумати қонунгузор, иҷроия ва судӣ мебошад. Маънои маҳдудтараш ҳокимиятронист. Ба ҳамин тариқ, фикру ақидаҳо оид ба шаклҳои идоракунӣ гуногунанд, ки ин пеш аз ҳама баҳс дар масъалаи мақоми ҳокимият ва ҳокимияти иҷроия дар системаи сиёсии ҷомеа мебошад. Тақсимоти асосии системаи сиёсӣ ба шакли президентӣ ё парлумонӣ ин тарзи барқарор намудан ё бозхонди ҳукумат аст. Агар парлумон сохти ҳокимиятро барқарор карда натавонад, дар он ҳолат майл ба системаи президентӣ лозим аст.

Масалан, Фаронса ба системаи идоракунии парлумонӣ дохил мешавад, лекин дар он ҷо шакли идоракунии президентӣ ҳукмфармост. Боз ба ин системаи парлумони Британияи Кабир системаи президентӣ Иёлоти Муттаҳида монанд шуда метавонанд. Агар ба ин системаҳо критерияҳои ҷудогона, ба монанди мансаб, тарзи интихоб ва доираи ҳуқуқи президентӣ дохил намоем, дар он ҳолат аз бисёр ходисаҳои гуногуни системаи давлатдорӣ ё шаклҳои идоракунӣ воқиф мегардем. Ин аст, ки дар аксари мамлакатҳои тараққиёфта шаклҳои гуногуни идоракунӣ қариб, ки дар як низоми муайян пеш мераванд.

### 3. Идоракунии парлумонӣ

Шакли идоракунии парлумонӣ ҳамчун муносибати ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия худро зоҳир менамояд. Ҳукумат бошад, аз нафарони зиёди ҳизбҳои парлумон ташкил меёбад. Масалан, Парламенти кишвар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ном дошта,мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузории ҷумҳурӣ буда , аз ду палата - Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат аст. Мӯҳлати ҳарду маҷлис 5 солӣ аст.Маҷлиси Миллӣ 33 аъзо дошта , 8 нафари дигар аз ҳавзаҳои бисёрмандата интихоб мешаванд.Узви Маҷлиси миллӣ шахсе интихоб ва таъин шуда метавонад,ки ба синни 35 расида,соҳиби таҳсилоти олӣ буда ва ҳадди аққал 7 соли охир шаҳрванди Тоҷикистон бошад.

Маҷлиси Намояндагон палатаи доимиамалкунанда буда,аз 63 вакил иборат аст.Онҳо ба муддати 5 сол аз ҷониби шаҳрвандони Тоҷикистон бевосита интихоб карда мешаванд.Вакили Маҷлиси Намояндагон шахсе интихоб шуда метавонад,ки ба синни 25 расида ,ҳадди ақал 5 соли охир шаҳрванди Тоҷикистон бошад.Аз 63 нафар вакили Маҷлиси Намояндагон 41 нафар дар ҳавзаҳои якмандатии интихобот ва 22 нафарашон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявии интихобот интихоб мешаванд.

Масъалаи мазкур, дар Аврупо собиқаи таърихӣ дошта, бо шаклу мазмуни мухталиф арзи вуҷуд дорад. Масалан,

дар охири солҳои 80-ум сотсиалистони Испания бо шарофати дар парламент аксариятро соҳиб шудан, кабинет (ҳукумат)-и якҳизбӣ ташкил намуданд ва онҳо ҳокимиятро байни дигар ҳизбҳо тақсим накарданд. Дар ҳамон вақт дар Италия ягон ҳизб натавонист, дар парламент шумораи муайянеро ба даст орад, то ки мустақилона ҳукуматро ташкил намоянд. Аз ин рӯ, ҳамаи панҷ ҳизбро лозим омад, ки муттаҳид шаванд ва дар якҷоягӣ хукуматро ташкил намоянд. Новобаста аз он ки як ҳизб аз дигарон бартарӣ дорад, ё ин ки якчанд ҳизбҳои пурқувват дар парламент мавҷуданд, бояд аксарияти парламент ҳукуматро дастгирӣ намоянд. Одатан монарх (чи тавре, ки дар Британия ва Испания) ё ин ки президенти "заиф" (дар Германия ё ин ки Исроил) аз сарварони аҳзоби пурқувват талаб мекунанд, ки ҳукуматро ташкил кунанд. Дар чунин давлатҳо мафҳумҳои "кабинет" ва "ҳукумат" ҳамчун синоним истифода мешаванд. Сарвазир баъди гузаронидани машварат бо ҳизбҳое, ки бояд онро дастгирӣ кунанд, гурӯҳҳои номзадҳоро барои мӯҳлати вазирон (барои ҳукумат) эълон мекунад ва онҳо инчунин аъзои парламент ба шумор мераванд. Ин вазирон вазорат ё департаментҳои гуногуни ҳукуматро сарварӣ мекунанд, ки шомили шохаи иҷроияи ҳокимият мебошанд. Сарвазир ва ҳукумат (кабинет) дар назди парламент ҳисоботдиҳандаанд. Парлумон - органи олии ҳокимияти қонунбарор аст. Парлумон аз ҳукумат ҳисоботи давриро оид ба сиёсат, иҷозат додани ҷамъиятҳои муҳими сиёсӣ ва нобоварӣ изҳор намудан нисбати ҳукумат, ҳуқуқи талаб намуданро дорад. Дар ҷумҳурии парлумонӣ ҳокимият дар ихтиёри парлумон мебошад, ки ҳатто сардори давлатро ҳам интихоб менамоянд. Дар амал ҳокимияти иҷроия ба ҳукумате тааллуқ дорад, ки дар асоси интихоби парлумонӣ бунёд шуда, дар назди парлумон ҷавобгариро ба дӯши хеш мегирад. Ҳар як вакили парлумон соҳиби ду имтиёз мебошад. Имтиёзи аввал ҷавобгарӣ ба дӯши хеш надоштанд, дуюм шахси дахолатнопазир будан аст. Ба замми ин вакили парлумон чунин ҳуқуқҳоро дорост: Ҳуқуқи пешниҳод намудани фикру андеша дар қабули

қонун, ҳуқуқи овоз додан ё овоз надодан, ҳуқуқи хаттӣ ё шифоӣ талаб намудани ин ё он дархост.

Асоси системаи парлумонӣ системаи бисёрҳизбӣ мебошад, ки баҳри инъикоси равандҳои ҷомеа замина мегузорад. Давлатҳои дорои чунин система қариб, ки аксари мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ, Австралия, Канада ва Япония мебошанд. Дар ин давлатҳо беқурбшавии пул бениҳоят паст буда, валютаи устувори миллӣ, проблемаҳои дохилию берунӣ камтаранд.

Дар як қатор мамлакатҳои Аврупо, ба монанди Фаронса, Португалия, Юнон, Полша мансаби президентӣ мавҷуд аст, аммо дар ҳеҷ яке аз онҳо идоракунии президентӣ вуҷуд надорад. Ҳукуматро дар ҳама ҷо парлумон боз мехонад. Ҳатто дар мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ҳам - Олмон, Испания, Португалия ва ғайра, ки анъанаи он сохти тоталитарӣ вуҷуд доранд, идоракунии парлумониро интихоб намудаанд, то ки фирефтаи диктатура нагарданд.

Ҳамин тавр, шакли дигари идоракунӣ низ мавҷуд аст, ки идоракунии тарзи омехта ном дорад.

Дар он ҳам-унсурҳои идоракунии президентӣ ва ҳам унсурҳои идоракунии республикаи парлумонӣ мавҷуданд. Ин хоси давлатҳои Фаронса, Финляндия ва Португалия аст. Дар ҷумҳуриҳои назди Балтика бошад, унсурҳои идоракунии тарзи парлумонӣ аллакай мавҷуданд. Сабабаш ин аст, ки анъанаҳои боқимондаи то замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва таъсири маданияти Ғарб ба онҳо хеле зиёд аст.

Дар ИМА бошад, аз системаи тақсимоти ҳокимияте, ки бо номи "муқобилҳо" машҳур аст ва бо исрори асосгузорон ба ин муваффақ шудаанд, ифтихор дорад. Мувофиқи системаи мазкур ҳеҷ як шоха наметавонад, қисми зиёди ҳокимиятро соҳибӣ намояд. Баъди раҳоии истиқлолият аз дасти монарх-Георги III ва воҳимаи вай дар диктатураи иҷроия, асосгузорони мазкур системаеро ташкил намуданд, ки дар он як шоха ба муқобили шохаи дигар баромад мекунад. Ин системаи адолатноки фавқулодда ба шумор рафта, дар барҳам задании

ташкилшавии тиранияи Амрико нақши таъсирбахш бозидааст. Ҳамчунин ин система ҳам вазнинуноҳинҷор ва ҳам фавқулодда оҳиста амалкунанда шохаи иҷроияро бо шохаи қонунгузори ҳокимият ба мубориза даъват мекард. Танҳо дар баъзан ҳолатҳо яке аз шохаҳои ҳокимият ба он чизе ки хостор буд, муваффақ мешавад. Ҳардуи ин шохаҳо метавонанд, таъсири якдигарро маҳдуд созанд. Конгресс метавонад, лоиҳаҳои қонунеро, ки барои президент афзалиятноканд, қабул накунад, аммо президент низ ба қонунҳои аз тарафи Конгресс пешниҳодшуда метавонад, вето гузорад. Баъзе олимон қайд мекунанд, ки ҳолати вазнини фаъолнокӣ- ин нормаи системаи президентии америкоӣ мебошад.

Мубоҳиса миёни ду шохаи ҳокимият оид ба ҳалли масъалаҳои муҳими ҳуқуқӣ метавонад, то як сол идома ёбад, масалан, гузаронидани ислоҳот дар системаи андоз ва монанди инҳо. Президент наметавонад, Конгрессро пароканда намояд ва интихоботи навро таъин кунад, вай аз рӯи муқарраротидаврагӣ гузаронида мешавад. Конгресс наметавонад, президентро аз кор озод намояд. Ин амал танҳо аз рӯи тартиби импичмент суръат мегирад. Аз рӯи тартиби импичмент танҳо як президент-Эндрию Ҷексон дар соли 1868 аз вазифа барканор шуда буд, лекин Сенат ба вай ягон хел ҷазо муқаррар накард. Ричард Никсон бошад, пеш аз овоздиҳӣ дар палатаи намояндагон оид ба масъалаи тасдиқи импичмент истеъфо дод.

Намояндагони Аврупои Ғарбӣ ақида доранд, ки системаи Амрико бенатиҷа ва хато мебошад. Дар ҳақиқат онҳо системаҳои муосиреро истифода мебаранд, ки баъди кор карда баровардан ва қабули Сарқонуни ИМА пайдо шудаанд. Дар системаҳои парламентии аврупоӣ омехташавии ҳокимият дида мешавад ва бархӯрди шохаҳои ҳокимият вуҷуд надорад. Инчунин, баъзан вақт байни ҳокимияти иҷроия ва қонунгузор фарқ гузошта намешавад, зеро ки шахсони мансабдори олӣ дар ҳокимияти иҷроия аксаран аъзои парламент ба шумор мераванд. Мутобиқи системаҳое, ки дар Британияи Кабир, Ҷопон ва Исроил истифода мешаванд, сарвазир пеш аз оне,

ки сарвари ҳокимияти иҷроия мешавад, метавонад, чун дигар парламентҳо аз тарафи парламент интихоб гардад. Сарварони аҳзоби пурқувват барои ташкили ҳукумат пешниҳоди махсус (монарх ё президенти заиф)-ро соҳиб мегардад. Баъдан касоне, ки узви ҳукумат ё кабинет мешаванд, аз парламент ба органи иҷроия гузашта ба сарвари машғул мешаванд. Онҳо ҳамеша вазифадоранд, ки ба парламент ҳисобот диҳанд. Айни замон тақрибан сад узви парламенти британиягӣ дар як вақт ба мансабҳои гуногуни органҳои ҳокимияти иҷроия соҳибанд. Ин мансабдорони давлатӣ дар як вақт инчунин қонунгузорон шуморида мешаванд. Ҳукумат ҳамчун як кумитаи парламент ба шумор рафта, дар системаи давлатӣ идораи ҳокимияти иҷроия вазифаи он аст.

Вакте ки парламент маҷлис гузаронидани мешавад, дар он узви ҳукумате, ки дар як вақт узви парламент ҳастанд, вазифадоранд ба саволҳои онҳо посух гардонанд. Дар аввали ҳар сессияи палатаи ҷамоаи парламенти Британия соати саволу ҷавоб гузаронида мешавад. Узви ду аҳзоби асосӣ дар курсиҳои рӯ ба рӯ, ки дар як тарафаш ҳукуматчиён ва дар дигар тарафаш мухолифин бояд бошанд, ҷойгир мешаванд. Қатори якуми курсиҳои ҳукуматро узви кабинет ва қатори якуми курсиҳои мухолифинро ҳукумати имконет- ( кабинет) яъне онҳое, ки узви парламент ҳастанд ва агар ҳизбашон дар интихоботи оянда ғолиб ояд ҳукуматро соҳиб мешаванд, ишғол мекунанд. Он аъзоёни парламент, ки дар ягон органи ҳокимияти иҷроия фаъолият намекунанд, дар паси аъзоёни ҳукуматӣ ҷойгир мешаванд ва онҳоро "пасикурсиҳо" меноманд. Аксарияти саволҳоро ба сарвазир ва узви кабинет мухолифин медиҳанд. Саволҳо дар аввал ба таври хаттӣ дода мешаванд, вале баъди зиёд шудани саволҳои хаттии онҳо ҷои худро ба саволҳои шифоӣ медиҳанд. Саволҳо бештар барои фаҳмидани фикри ҳукумат дар бораи проблемаҳои сиёсӣ дода мешаванд. Посухҳо ба танқид дучор мешаванд ва мухолифин чун қоида барои ҳукуматро дар ҳолати ноӯҳдабароёна мондан ва ғолибиятро дар интихоботи оянда таъмин намудан, кӯшиш

мекунад. Дар аксарияти системаҳои парламентӣ соати саволу ҷавоби британиёгӣ вуҷуд дорад. Дар ИМА, ҷое, ки тақсимоти ҳокимият мавҷуд аст, кумитаҳои Сенат ё ин ки Палатаҳои намояндагон метавонанд аз узви ҳукумат ҳисобот талаб намоянд. Дар комитет (ҳукумат) баромад намудан ва ҳисобот додан, маънои онро надорад, ки дар назди парламент баромад карда истодан ва ҳангоми посух ба саволҳо ба танқиди сахт гирифтор шудан лозим аст. Президент ҳамчун ҳамвазни парламент ва аз он алоҳида барои посух додан ба саволҳо ба Конгресс даъват карда намешавад.

Системаи парламентӣ дорои як қатор афзалиятҳо мебошад. Ҳолатҳои ноилоҷӣ ва ноҷорӣ ҳангоми мубоҳиса миёни шохаҳои қонунгузор ва иҷроия хоси ин система нест, зеро ҳам шохаи иҷроия ва ҳам шохаи қонунгузорро як ҳизб роҳбарӣ мекунад. Агар консерваторони британиёгӣ дар Палатаи ҷамоа ҷои аксариятро соҳиб шаванд, сарварони партияҳо ба таври механикӣ иҷрокунандаи мансабҳои олии давлатӣ мешаванд. Вақте, ки дар ҳукумати консервативӣ лоиҳаи қонуни нав кор карда бароварда мешавад, онро барои қабул ба Палатаи ҷамоа мефиристанд. Хеле кам ҳолатҳое мешаванд, ки қабули лоиҳаи қонун ба душвориҳо дучор мегардад, ё ин ки аз назарҳо дур мемонад, чунки узви парламент-консерваторҳо амалан доимо тобеи иродаи роҳбари ҳизб мебошанд. Агар байни узви ҳизби ҳоким ва роҳбарони ин ҳизб норозигӣ ба амал ояд, онҳо метавонанд аз дастгирӣ даст кашанд ва дар боби нобоварии ҳукумат гап зананд. Дар чунин ҳолат ҳукумат аз по афтида шуморида мешавад ва ӯро лозим аст, ки бо гурӯҳи нав, ки аксарияти Палатаи ҷамоа онро дастгирӣ мекунанд, ҷой иваз намояд. Агар дар рафти интихобот дар парламент аксарияти овозаҳоро мухолифин ба даст оранд, комитети кӯҳна ба истеъфо меравад ва ҷои онро сарварони ҳизби ғолибомада, ки як вақтро ҳукумати имконӣ шуморида мешуд, ишғол менамояд. Ҳам дар ҳолати якум ва ҳам дар ҳолати дуюм тӯл кашидани ноиттифоқӣ миёни шохаҳои иҷроияи қонунгузори ҳокимият ғайриимкон аст, зеро онҳо бо ҳам

якҷояанд. Дар системаи парламентӣ сарвазир ва кумита метавонад хеле зуд хориҷ шаванд. Дар парламент овоздиҳӣ нисбати масъалаҳои муҳим дар қатори овоздиҳии истеъфои ҳукумат шуморида мешавад. Агар овоздиҳӣ ба фоидаи сарвазир анҷом наёбад, вай аниқ мекунад, ки аксарияти парламент вайро дастгирӣ намекунанд ва ӯ ба истеъфо меравад. Ҳолатҳое мешавад, ки ҳатман сарвазири нав таъин кардан лозим аст. Имконияти пайдоиши чунин ҳолат нест, ки ба вай бори дуюм овоз диҳанд. Ба ин импичменте, ки дар давоми як соли президентии Никсон Вашингтон фалаҷ шуд, мисол шуда метавонад. Агар ки ҳукумат хатогии бузурги сиёсӣ содир кунад, парламент метавонад онро пеш аз мӯҳлат ба истеъфо барорад. Вақте ки аксарияти амрикоиҳо сиёсати президент Картерро қаноатбахш наҳисобиданд, системаи ИМА натавонист иқдоме пеш гирад, то ки ӯро пеш аз мӯҳлат (январи 1981) аз Қасри сафед озод кунанд.

**Проблемаҳои мушкилоти системаҳои парламентӣ**

Баъзан дар системаҳои парламентӣ низ проблемаҳо пайдо мешаванд. **Аввалан**, аз сабаби оне, ки узви парламент чун қоида пайравони сардори сиёсӣ ҳастанд, натиҷаи интихобот ва овоздиҳиро метавон ба таври амиқу дақиқ пешгӯӣ кард. Ҳизбҳое, ки ҳукуматро дастгирӣ мекунанд, ба лоиҳаи қонуне, ки аз тарафи комитет пешниҳод шудааст, овоз медиҳанд. Аҳзоби мухолифини ҳукумат бар хилофи чунин лоиҳа овоз медиҳанд.

Баромадҳо дар толори маҷлиси парламент ва гуфтугӯҳо дар роҳравҳо ба ягон чиз таъсири амалӣ расонида наметавонад. Қонунгузорон ба таври иродаи ҳизби худ овоз медиҳанд. Дар чунин система узви парламент аз мустақимии худ истифода карда, ба чопи қонунҳо машғул мешавад, ки узви ҳукумат онҳоро барои тасдиқ кардани қарорҳо истифода мебаранд. Ҷои ягон шубҳа нест, ки ҷараёни қабули санадҳои қонунгузорӣ бонатиҷа, босуръат ва ратсионалӣ шудаанд. Лекин дар чунин система органи қонунгузор аллакай наметавонад бо органи иҷроия истодагарӣ кунад, ё ин ки бо ташаббуси

мустақиллона баромад кунад. Дар робита бо ин талаботҳои Аврупои Ғарбӣ дар муқоиса бо Конгресси ИМА дар Вашингтон хеле заифа ва бемазмунанд. Зеро дар Конгресси қонунгузорон ҳам ҳолате мешавад, ки бо президент ба ифоқа биёянд ва ҳатто вай сарвари яке аз ҳизбҳо низ ба шумор равад. Бисёре аз парламентҳои аврупоӣ бо назорати мустақилӣ ва танқидии ҳамкорони амрикоияшон мехоҳанд, онҳоро мавриди санҷиш қарор диҳанд. Зеро узви палатаҳои намояндагон ва Сенат, ки дар фаъолияти худ нисбати ҳокимияти иҷроия озод мебошанд.

**Сонияи** ин, ки аз рӯи системаи ҳизбӣ ва интихоботӣ дар демократияи парламентӣ метавонад, ҳизбҳои сершумор мавҷуд бошад, ки баъзан ягонтои онҳо ба аксарияти ҷойҳо соҳиб шуда наметавонанд. Ин маънои онро дорад, ки барои назорати аксарияти ҷойҳо дар парламент ҳизби пурқувватро лозим аст, ки бо ҳизбҳои на он қадар калон коалитсияро ташкил кунанд. Чун қоида сарвари ҳизби пурқувват сарвазир мешавад, сарвари дуюми узви пурқувват бошад дар ҳукумат ба сифати вазири корҳои хориҷӣ фаъолият мекунад. Дигар мансабҳо дар кабинет ба воситаи гуфтушунид таъин карда мешаванд. Барои мисол ба сифати ҳукумати коалитсионии муосир ҳукумати Италия ва Исроилро метавон ном бурд ва ин намунаҳо нишон медиҳанд, ки чунин коалитсия метавонад, проблемаҳоро пайдо кунад. Аз рӯи коалитсия дар байни ҳамкорон тез-тез мухолифат пайдо мешавад, ки сабабаш самтҳои пешгирифтаи ҳизбҳо мебошанд. Дар охир як ё якчанд ҳизб аз доираи коалитсия берун мешавад, ки ин ба камшавии аксарияти ҷойҳо дар парламент ва нестшавии коалитсия бурда мерасонад. Баъди чунин ҳолат аз сабаби дастгирӣ намудани аксарият аз тарафи парламент, масъалаи овоздиҳӣ ба нобоварии ҳукумат ва барҳам хӯрдани ҳукумат пеш меояд. Чунин ҳодисаҳо ба ноустуворӣ, доимо иваз шудани кабинетҳо (ҳукумат) ва талафоти ҳокимияти органҳои иҷроия бурда мерасонад. Масалан, дар Италия баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ивазшавии зиёда аз панҷоҳ ҳукумат ба назар расидааст. Лекин, дар назари аввал ҳамаи инҳо он қадар бад нестанд.

Бояд гуфт, ки мафҳуми "ҳукумат" ҳаммаъноi "кабинет" аст, яъне ҳардуяшон баробармазмун ҳастанд ва дар Италиё одатан кабинетҳо баъди гуфтугӯи байни як ё якчанд ҳампешагони коалитсияи мавҷуда дар асоси сохтори пешина ташкил карда мешаванд. Бадии кор дар он аст, ки сарвазирро лозим меояд барои устувории коалитсия таъсири зиёдтарро ба роҳ монад. Бинобар ин вай метавонад, ноустувориро бо нияти эълон доштани самти нави сиёсӣ, ки метавонад, яке аз ҳизбҳо-аъзои коалитсияро дур намуда, мавриди санҷиши қарор диҳад. Хатари асосие, ки системаҳои парламентии бисёрҳизба ба он рӯ ба рӯ мешавад, ин имобилизм- аз ӯҳдаи ҳалли проблемаҳои бузург набаромадан аст. Ин ҳолатро метавон бо ҳолати номутаносибие, ки дар системаҳои президентӣ ба вуқӯъ меоянд баробар шумурд.

Албатта на ҳамаи системаҳои парламентӣ ба иммобилизм рӯ ба рӯ ҳастанд. Масъалаи дар Британияи Кабир, Германияи Ғарбӣ, Шветсария ва Испания кабинетҳои самарабахш мавҷуданд, ки дар онҳо қариб, ки умуман тақсими ҳокимият ба ҳукуматҳои коалитсионӣ дида намешавад. Бузургии аҳзоби ин мамлакатҳо дар он аст, ки онҳо ҳукуматро дар алоҳидагӣ ба таври мустақилона ташкил мекунанд ва ё аз фурсати кулай истифода бурда, танҳо аз рӯи мақсади ҳизб намояндаҳо дар парламент фаъолият мекунанд. Чунин ҳолат дар РФО (ФРГ) як маротиба дар соли 1982 рух дода буд. Ин ҳолат вақте, ки як ҳизби на он қадар калони демократҳои озодихоҳ аз сотсиал-демократҳо ҷудо шуда бо демократҳои христианӣ дар як коалитсия ҳамроҳ шуд, рух дода буд.

Дар Британияи Кабир вайроншаии кабинетҳо аз сабаби ҷудо шудани ҳизбҳо аз коалитсия на он қадар зиёд мушоҳида мегардад. Чунин ҳолат дар ин ҷо як бор бо сабаби аз тарафи Ҳизби миллатгароӣ Шотландия рад кардани ҳамкорӣ бо ҳукумат ва дастгирӣ кардани ақаллиятҳои лейбористӣ рух дода буд. Сотсиал-демократҳои шведӣ, ки дар Риксдол аксариятро ташкил намекарданд дар сари ҳокимият бе дастгирии ҳизбӣ на он

қадар калони коммунистӣ қарор доштанд. Дар охир ба таври умумӣ метавон гуфт, ки дар коалитсия чӣ қадар ҳизбҳо бисёртар бошанд, ноустуворӣ дар он ҳамон қадар зиёдтар мешавад.

**Сохтори парламентҳо (Дупалата ё якпалата)**

Тахминан аз се ду ҳиссаи парламентҳои дунё органҳои қонунгузори дупалатагӣ мебошанд, ки аз палатаи болой (Сенат дар ИМА, Палатаи лордҳо дар Британияи Кабир, Бундестраг дар ФРГ) ва палатаи поёнии (Палатаи ҷамоа дар Британияи Кабир, Бундестаг дар Олмон) иборатанд. Чунин парламентҳо органҳои қонунгузори дупалатагӣ номида мешаванд. Ба мазмуни номи онҳо нигоҳ накарда, палатаи болой нисбати палатаи поёнӣ ваколатҳои камтар дорад. Танҳо ду палатаи Конгресси ИМА баробарваколат ҳастанду халос. Ба шумораи ками давлатҳо парламенти якпалатагӣ хос аст. Аз қабили Конгресси миллӣ дар Республикаи Халқии Хитой, Риксдал дар Шветсия, Кнессет дар Исроил. Дар як муддати муайян дар собиқ Югославия барои муқоиса парламенти панҷпалатагӣ ташкил намуданд. Парламенти ғайримуқаррарӣ дар Югославия чуни буд: се палатагӣ, ки аз сафедпӯстон, шахсони гуногуннажод ва ҳиндуҳо иборат буда, дар як палата ҷойгир будаанд,

Сабаби мавҷуд будани парламентҳои дупалатагӣ дар давлатҳои федеративӣ ба таври равшан маълум аст. Дар палатаи болой компонентҳои системаи федералӣ ва дар палатаи поёнӣ компонентҳои округҳое, ки дар асоси принсипҳои аҳолии ташкил шудаанд, нишон дода шудааст. Чунин нақша барои ба созиш омадан дар Сарқонуни ИМА сабт шудааст: дар Сенат штатҳо нишон дода шудааст, вале дар Палатаи намояндагон халқ нишон дода шудааст. Дар давлатҳои федералӣ бояд палатаи болоии парламент мавҷуд бошад. Масалан, дар Бундесрати Германияи Ғарбӣ даҳ замин нишон дода шудааст, ки аз рӯи масъалаҳои конститутсионалӣ ваколати вай ба ваколати палатаи поёнӣ баробар аст. Лекин аз дигар ҷиҳат палатаи поёнӣ, яъне Юндестаг ваколатҳои васеъро доро мебошад ва

метавонад, ки қарорҳои Бундестратро бекор намояд. Лекин норавшан аст, ки палатаи болоӣ барои давлатҳои унитарӣ то кадом андоза лозиманд.

Палатаи лордҳои Британияи Кабир асосан монанди клуби мубоҳисавии шахсони рӯзгордидае мебошад, ки онҳо хатогиҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки аз тарафи палатаи поёнӣ ба таври шитобкорона қабул шудаанд, фош мекунанд. Палатаи ҷамоа танҳо бо овозҳои худ, ки аксариятро ташкил медиҳад, қарорҳо ва норозигии Палатаи лордҳоро рад карда метавонад. Чунин ҳолат дар Сенати Фаронса низ рух додаст. Яъне, органе, ки ба воситаи интихоботи ғайримустақим қабул шудааст ва манфиатҳои истеҳсолкунандагони маводҳои хоҷагии қишлоқро ифода мекунад, соҳиби аксарияти овозҳо мебошанд. Дар Зеландияи Нав, Дания ва Шветсия дар давраҳои охир дар ин мамлакатҳо палати болоӣ дар парламент барҳам дода шуданд.

### 4. Идоракунии президентӣ

Дар шакли идоракунии президентӣ ҳукуматро президент интихоб намуда, ба ҳама сарварӣ менамояд. Президент - садри давлат, соҳиби ҳуқуқу ҳокимияти хеле калон мебошад. Президент сардори давлат ва ҳокимияти иҷроия аст. Парлумон наметавонад, ки президентро аз вазифа сабукдӯш ё барои камбудиҳо нисбати ӯ нобоварӣ изҳор намояд, чунки президент бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ интихоб мегардад.

Дар кишвари мо низ Президенти Тоҷикистон сарвари давлат ва Ҳукумат буда, аз ҷониби шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба тарзи умумӣ мустақим, баробар ва ба овоздиҳии пинҳонӣ ба мӯҳлати 7 сол интихоб мешавадЯк шахс ба вазифаи Президент бештар аз ду мӯҳлат пай дар пай интихоб шуда наметавонад.

Дар демократияи президентӣ тақсимоти ҳокимият ба шохаҳои қонунгузор ва иҷроия ба таври равшан ба назар мерасад. Аломати асосии фарққунандаи чунин система дар он аст, ки дар он президент шахсияти номиналии дорои ваколатҳои маҳдуд нест, балки вай сарвари ҳукумат аст.

Президент дар системаи президентӣ дар назди органи қонунгузори ҳокимият ҷавобгар нест. Ин ҷо алоқаи зичи миёни ҳокимиятҳои иҷроия ва қонунгузор вайрон мешавад. Президент алоҳида интихоб мешаванд ва вазирон ё ин ки сардорони департаментҳо аз дохили парламент интихоб намегарданд. Албатта, дар ИМА шахсиятҳои воломақом ва судяҳо бояд аз тарафи Сенат тасдиқ шаванд. Ин ду шоха наметавонанд ба якдигар фармон диҳанд ва аз болои якдигар назорат бубаранд, ки ин намегузорад дар парламент онҳо ҷой дошта бошанд. Ин омил ба системаи президентӣ низоми бардавомро медиҳад.

Умуман, дар давраи идоракунии президентӣ пароканда намудани парлумон мумкин нест. Аз тарафи дигар президент ҳам ҳуқуқи пароканда кардани парлумонро надорад. Албатта, ҳалли ин масъалаҳо пеш аз ҳама ба Қонуни асосӣ (Конститутсия) вобастагӣ дорад. Агар механизми пароканда намудани парлумон ё сабукдӯш намудани президент аз мансаб дар Конститутсия дарҷ ёфта бошад, нишондодҳои боло хилофи қонун шуда наметавонанд. Вале дар ҳама давру замон ҳамкорӣ ва якҷоягии президент бо парлумон баҳри рушду камоли давлат ногузир аст.

Гуфтан ҷоиз аст, ки системаи президентӣ ниҳоят системаи душвор ба шумор меравад. Масалан, дар Русия дар ин система ба гайр аз Думаи давлатӣ, Президент ва Шӯрои Вазирон боз Иттиҳоди Федератсия, Шӯрои Бехатарӣ ва Идораи президентӣ мавҷуд аст. Ба замми ин дар назди президент боз Шӯрои Олии иқтисодӣ, Шӯрои Олии машваратӣ ва Шӯрои экспретӣ мавҷуд аст.

Дар ҷумҳуриҳои президентӣ аксар вақт сохтори ҳукумат кашол меёбад. Масалан, дар комил ё ҷамъ намудани ҳукумати Ҷ.Буш ду моҳи пурра аз байн сипарӣ шуд, аммо ягон масъалаи муҳими давлатӣ ҳалли худро наёфт. Баъзан ҷонибдорони системаи президентӣ далел пеш меоранд, ки аз чӣ сабаб дар Иёлоти Муттаҳида таҳаввули қатъӣ дар системаи давлатдорӣ намешавад. Дар ҳақиқат, ягон маротиба низомиён дар ин мамлакат сохти

президентиро аз байн набурдаанд. Аммо ҳодисаи қатли президент дар ин мамлакат ҷой дошт, ки баъди он табадуллоти сиёсӣ ба амал омад. Марги президент Ф.Рузвелт ва ба сари ҳокимият омадани Г.Трумен, куштори Ҷ.Кеннади ва ба сари қудрат омадани Л.Ҷонсонро табадуллоти қатъии ин мамлакат шуморидан мумкин аст.

Ҳамин тавр, дар системаи президентие, ки анъанаҳои заифи демократӣ арзи вуҷуд доранд, эҳтимолияти яккаҳокимӣ бисёр калон аст. Масалан, дар Филиппин Ф.Маркос президент интихоб шуду баъди он қариб бист сол ҳокимиятро ба ҳеҷ кас надод. Чунин проблемаҳо дар Парагваю Никарагуа низ ҷой доштанд.

Дар мамлакатҳои қисмати аврупоӣ замоне ҷидду ҷаҳди таъсис намудани системаи президентии шакли амрикоӣ мавҷуд буд, аммо баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ аз он бисёриҳо рӯй гардониданд. Сабаби асосиаш ин буд, ки президент ваколатҳои ниҳоят калонро соҳиб буд, яъне салтанати ӯ қариб ҳудуди муайян надошт.

Ҳокимияти президентӣ ҳама вақт мавқеи ҳизбҳои сиёсиро паст мезанад. Умуман ин система барои мамлакатҳои гуногунмиллат рост намеояд. Сабабаш намояндагони бисёр халқият ва миллатҳои кӯчак наметавонанд, ки президент интихоб шаванд.

Таърих исбот намудааст, ки демократия бо маънои томаш ҳеҷ вақт ба яккароҳбарии ҳокимият рост намеояд.

Ҳар як ҳизби ба сари қудрат омада барои гузашта, ҳозира ва ояндаи хеш дар назди шаҳрвандон ҷавобгарии маънавиро ба дӯши худ мегирад, ки ин ба сохту асоси давлатдорӣ таъсири амиқе мерасонад. Аммо президент чунин ҷавобгариро надорад. Дар вақтҳои охир камбудиҳои ҳокимияти президентиро дар баъзе давлатҳо дарк намуда истодаанд. Аммо дар аксарияти кишварҳои Шарқ нисбати ҳокимияти президентӣ фикру ақидаҳои мухталиф мебошанд, ки оид ба ин масъала баҳсҳо дар машғулиятҳои семинарӣ бояд сурьат гиранд.

# НИЗОИ СИЁСӢ ВА ҶОМЕА

Дар рушду инкишофи ҷаҳони муосир тағйиротҳои гуногуну хеле амиқ ба назар мерасанд ва онҳо таҳлили-маҷмӯи ҳамаи омилҳои ба раванди таърихӣ таъсирбахшро талаб менамоянд. Асри сипаришуда ҳам дар раванди тағйиротҳои куллӣ ба инсоният на танҳо дастовардҳои бузурги илмӣ-техникӣ, ғанӣ гардонидани осори маданӣ ва дигар комёбиҳои бузург дод, инчунин дар доираи дигаргунии ҷиддии харобиовар, ҷангҳо, бадбиниҳои нажодӣ, динӣ, терроризми байналхалқӣ ва дигаргуншавии ислоҳнашавандаи арзишҳои умумиинсониро низ ба вуҷуд овард.

Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ин қайд менамояд, ки "оташи ҷангҳои хурду бузург лаҳзае хомӯш нагаштааст. Сару садоҳои пуризтироб аз расонаҳои хабарии олам қариб ҳар рӯз ба гӯш мерасад ва сайёраи Замин аз таркиши бомбаву снарядҳои реактивӣ қариб ҳар соат меларзад. Ҷисми сабзи замин оғӯштаи хун мегардад, даҳҳо шаҳрҳои ободхаробу валангор гардида, садҳо ҳазор одамони бегуноҳ қурбони ҷанги беамон мешаванд. Бо шикастани империяи абарқудрати Иттиҳоди Шӯравӣ тақсимбандии геополитикии ҷаҳон дар интиҳои асри 20 ва оғози асри 21 ҷараёни тоза мегирад. Марзбандиҳои минтақавӣ, мазҳабӣ ва иқтисодию сиёсӣ вусъат мепазирад. Талошҳои ошкору ниҳон бахри ба даст овардани бозорҳои ҷаҳонӣ, захираҳои ашёи хом, манбаъҳои сӯзишворӣ ва боигариҳои табиӣ боло мегирад ва дар ҳамин замина гоҳ дар машриқу гоҳ дар мағриб ҷангу низоъҳои қавмию мазҳабӣ доман меафрозад".[29] Чунин тафовути ҷиддиро дар натиҷаҳои раванди гӯё ягона аз ҷониби тамаддуни умумибашарӣ чӣ тавр шарҳ бояд дод?

Маълум мешавад, ки дар асри 20 чунин системаи ягонаи фаҳмиш, тамаддуни муттаҳидгари мақсад ва арзишҳои ягона мавҷуд набуд. Инчунин барои созмон додани он шароит ҳанӯз пухта нарасида буд. Қувваҳои

[29] Раҳмонов Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз "Ориён то Сомониён". Душанбе. С.8.

марказгурези характери ҷудоигарой дошта бешак бар нерӯҳои марказшитобу муттаҳидгар бартарӣ доштанд. Аз ин ҷиҳат, дар ин ҷо моҳият ва гуногуннавъии низоъҳои сиёсӣ, аз ҷумла низои Тоҷикистон бо паҳлӯҳои мухталифаш баррасӣ мешавад.

Низои сиёсӣ натиҷа ва шарти тағйироти чӣ сохтори иҷтимоӣ, чӣ омилҳои алоҳида ва дар маҷмӯъ муносибати байни онҳо мебошад.

Маълум аст, ки низои сиёсӣ ҳамеша ҳамсафари табиии тараққиёт ва тағйироти ҷомеа ва шахсиятҳо мебошад. Аз ин рӯ, барои дарёфти ҳалли мусолиҳатомез ва танзиму анҷоми муваффақона таҳлилу омӯзиши ҳаматарафаи онҳо лозим меояд. Махсусан, омӯзиши таҷрибаи низои Тоҷикистон, ба ақидаи мо, сармашқест барои пешгирӣ ва хомӯш намудани оташи низоъҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ. Ҳамчунин баъзе муносибатҳои таҷрибаи ҷаҳониро оид ба низои сиёсӣ ва хусусиятҳои танзими он тадқиқ кардан лозим аст. Албатта, ҳамаи хусусиятҳои хос ва ҷабҳаҳои гуногуни низои сиёсӣ ба таври пурра мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд. Аммо дар айни замон гузориш ва пешкаши масъалаи мазкур аз назари илмӣ ва амалӣ хеле бомаврид ва зарур аст.

### 1. Низои сиёсӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ

Мафҳуми "низои сиёсӣ" дар фаъолияти ҳаррӯзаи касбии сиёсатшиносон ва дар сатҳи шуури оммаи шаҳрвандони оддӣ ба таври васеъ истифода мешавад. Бунёди комили масъалаи низои сиёсиро дар нақши илмӣ ва амалӣ яке аз масъалаҳои мубрам метавон шумурд. Имрӯз дар ҷомеа гумон аст падидаи дигаре ёфт шавад, ки аз рӯи хосияти худ маънои мухолифат ва низои ҳамешагиро барои ҳокимият бо чунин саҳеҳӣ ифода карда тавонад.

Низои сиёсӣ пеш аз ҳама ин бархӯрди бошууронаи омилҳои ҷамъиятии манфиатҳояшон ба ҳам зид мебошад. Он бо баҳонаи ҳокимияти сиёсӣ ва амалиёти он дар ҷомеа пайдо ва инкишоф меёбад. Далели асосии методологӣ дар таҳлили мафҳуми низои сиёсӣ муайян намудани табиати

он мебошад. Дар адабиёти илмӣ доир ба табиати низои сиёсӣ назарҳои гуногуну хилофи якдигар мавҷуд аст. Мувофиқи фаҳмиши материализми таърихӣ низои сиёсиро комилан ва ё асосан зиддиятҳои иқтисодӣ тавлид месозанд ва он ифодагари зиддиятҳои иқтисодӣ мебошанд. Иқтисодиёт дар ниҳояти кор нисбат ба сиёсат омили муайянкунанд, вале барои баъзе навъҳои системаи ҷамъиятӣ ва давраи муайяни таърихӣ нақши дуюмдараҷа дорад. Вазъи имрӯзаи сиёсӣ ҳақиқат будани ин тезисро ҳамвора собит месозад.

Низоъҳо дар дохили сиёсат ва доираҳои дигари системаи ҷамъиятӣ танҳо бо зиддиятҳои иқтисодӣ не, балки бо коллизияҳои зиёди иҷтимоӣ муайян карда мешавад. Агар ҳама низоъҳо ба иқтисодиёт вобаста мебуд, он гоҳ масъалаҳои сиёсии азиятдиҳандаи ҷомеа худ ба худ, аз рӯи дараҷаи пешравии иқтисодиёт ҳал мегардиданд.

Эътирофи ягонаи омили синфии муайянгари ҳама низоъҳои сиёсӣ, аз рӯи ақидаи Р.Дарендорф, хилофи таҳлили мушаххаси ошкор намудани хусусиятҳои муҳимтари мӯҷиботи иҷтимоии задухӯрдҳо мебошад.

Ақидаҳое низ ҳастанд, ки ба низои сиёсӣ ҳамчун оқибати зиддиятҳои идеологӣ баҳо дода мешавад. Дарвоқеъ, дар бисёр мавридҳо задухӯрдҳои сиёсӣ аз рӯи номувофиқатии мавқеъ ва ақидаҳои сиёсӣ барангезонида мешаванд. Бо вуҷуди ин, сиёсатшиносони касбӣ назар ба таълимотҳои идеологӣ бештар ба манфиатҳои воқеӣ такя мекунанд.

Баъзе назариячиён кӯшиш мекунанд, ки сабабҳои сар задани низоъро дар психологияи худи фаъолияти сиёсӣ ва муносибатҳои сиёсӣ дарёбанд. Масалан, сиёсатшиноси машҳури олмонӣ Шмит сарчашмаи низои имконпазири дар вазъияти ғайриоддӣ воқеъшавандаро дар муқобилгузории мафҳумҳои "дӯст-душман", ки хоси сиёсат аст, медид. Аз рӯи табиати худ, ба фикри Шмит К., ин муқобилгузорӣ на нормативӣ ва на сирф рӯҳист. Имрӯз ҳақиқат аст ва чун имконияти воқеӣ дода шудааст ва "халқҳо дар асоси он гурӯҳбандӣ мешаванд". Муҳокимаронии олими олмонӣ танҳо як қисмати ҳақиқат

аст. Дарвоқеъ, дар вазъияти тезутунди низои сиёсӣ тарафҳо аз рӯи қолаби тазодии "дӯст-душман" амал мекунанд. Вале асоси муносибати душманонаро ягон чизи дигар не, балки пеш аз ҳама зиддияти манфиатҳои сиёсӣ ташкил медиҳад. Ҳикмати ҳаматарафа маълуму машҳури "барои сиёсатмадор дӯсту душман вуҷуд надорад, фақат манфиат вуҷуд дораду бас" аз ҳамин ҷост.[30]

Фаъолияти сиёсӣ танҳо дар фазои муқобилгузории - "дӯст-душман" сурат намегирад. Вай ҳамчунин фаъолиятро аз рӯи мувофиқати манфиатҳои мухталифи гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва баробаркунонии онҳо низ, ки дар роҳи расидан ба созиш бенизоъ намешаванд, дар бар мегирад.

Яке аз омилҳои низои сиёсӣ ба манфиатҳои умум мурочиат кардани он мебошад. Ҳар як тарафи рақобаткунанда кӯшиш менамояд ба сифати манфиати умумӣ ва ҳатмӣ манфиатҳои он гурӯҳи иҷтимоиро гузорад, ки муддаои он аст. Кӯшишоти худро бошад, фақат омили ҳукмрон, яъне касе, ки дорои ҳокимияти сиёсист, амалӣ мегардонад. Манфиатҳои мардумони оддӣ ва мутаносибан қувваҳои сиёсии ҳимоятгари онҳо поймол мешаванд. Имконияти воқеии гуногунии мавқеъ ва амали тарафҳо маҳз дар ҳамин аст. Аз ҳамин сабаб, тафриқаи ҳақиқии омилҳои мухолиф бо роҳи муқобилгузории мафҳумҳои тазодии "ҳукмрон - фармонбардор", "ҳокимон-тобеон" мегузарад. Аз ин рӯ, низоъҳо ҳамеша ва дар ҳама ҷо ҳамсафари ҳар гуна раванди инкишоф буда, одатан маҳз дар доираи сиёсат бештар зуҳур меёбанд. Зеро маҳз тавассути аз худ кардани усулҳои сиёсии мубориза гурӯҳҳо ва қувваҳои алоҳида ба низоъ ҷавоб гардонида метавонанд.

Ҳамин тавр, вобаста ба он ки сиёсат кори ҷамъиятӣ гардид, табиати ҷараёни низоъҳои сиёсӣ ҳам тағйир ёфта, дар ҷаҳони имрӯза дар қиёс ба давраҳои гузашта дигар гардид. Яъне, бо тараққиёт ва ё тағйири сохтори ҷамъиятӣ ва хислати ҳокимияти сиёсӣ ҷараёни низоҳои сиёсӣ ҳам таҳаввулоти мураккабе дида, вобаста ба мақсади

[30] Шмит К. Понятия политического //Вопросы социологии, 1992, Т.1.-С.41.

ширкаткунандагон шаклҳои гуногун пайдо карда истодааст.

Дар омӯзиши низоъҳои сиёсӣ имрӯз метавон ду ҷараёни асосиро ҷудо намуд:

а) назарияи функсионалӣ, ки дар он диққати асосӣ ба масъалаи субот ва пойдории системаи иҷтимоӣ дода мешавад (Г.Парсонс, Р.Мертон ва диг.);

б) назарияи структуравӣ, ки дар он масъалагузории низоъ дар фаҳмидани ҷараёни иҷтимоӣ ҷойи асосиро ишғол мекунад (К.Маркс, Р.Дарендорф).

Намояндагони ҷараёни аввал ҳангоми омӯзиши низоъҳои сиёсӣ онҳоро дар фаъолияти ҳаётии сохтор на ҳамчун ҳодисаи характернок ва зарурӣ, балки баръакс чун ҳодисаи ғайримукаррарӣ баҳогузорӣ мекунанд. Бинобар ин, барои онҳо сохтори иҷтимоии пурсамар ҳамонест, ки дар ташкилоти худ ба равнақи чунин ҳодисаҳо роҳ намедиҳад.

Назари Р.Дарендорф дар фаҳмиши сарчашмаи низоъҳои сиёсӣ бо он фарқ мекунад, ки ӯ ин сарчашмаро дар ассотсиатсияҳои қонунӣ гардонидашуда мебинад. Бо ҳамин шахсият (авторитет) дар баробари ҳокимият яке аз он захираҳои рамзии комёб шумурда мешавад, ки дар атрофи он дар сохтори иҷтимоӣ низоъ авҷ мегирад.

Бояд зикр кард, ки ҷустуҷӯи чунин асосҳо агар пештар фақат дар сатҳи хусусиятҳои физикии фаъолияти ҷамъиятҳо маҳдуд мешуд, баъдҳо тавлиди чунин рӯйдодҳоро ба доираи шуур ва маданияти инсоният бештар алоқаманд мекардагӣ шуданд. С.Хантингтон дар мақолаи "Бархӯрди тамаддунҳо" яке аз чунин назарияҳои маълуму машҳури хешро ифода намудааст. Моҳияти ин назария дар дарки бӯҳрони нави фарорасидаистодаи тамаддун, ки дарояндаи наздик худро дар шакли низоъҳои сиёсии боз ҳам фоҷиаовар намудор месозад, ифода меёбад.

С.Хантингтон дар бунёди чунин низоъҳои сиёсӣ бо ҳам мувофиқ наомадани тамаддуни аврупоӣ-христианӣ ва осиёгӣ - мусулмониро мебинад: "Ман гумон мекунам, ки,- таъкид медорад ӯ - дар олами пешомада истода сарчашмаи асосии низоъ аллакай на идеология ва на иқтисодиёт

мешавад. Сарҳадҳои асосии ҷудокунандаи инсоният ва сарчашмаи бештари низоъҳоро маданият (тамаддун) муайян мекунад. Миллат - давлат симои асосии амалкунанда дар корҳои байналхалқӣ мегардад, вале низоъҳои аз ҳама асосии сиёсати умумибашарӣ дар байни миллат ва гурӯҳҳои ба тамаддуни гуногун мутааллиқ сурат мегирад. Бархӯрди тамаддун омили асосии сиёсати ҷаҳонӣ мегардад. Хатти таркиш дар байни тамаддунҳо ин ҳатти низоъҳои оянда хоҳад гашт".[31]

Агар ба номгӯйи "нуқтаҳои даргир"-и олам, ки вақтҳои охир ба вуҷуд омадаанд, назар андозем, дидан душвор нест, ки дар ин низоъҳо унсури маданӣ-тамаддунӣ нақши муҳим дорад. Низои сиёсии дар собиқ Югославия баамаломадаро чун бархӯрди байни тамаддунҳои православии Ғарб ва мусулмонӣ ҳисоб кардан мумкин аст. Дар тасдиқи назарияи Хантингтон ҳамчунин низои байни Фаластину Исроилро низ мисол меоранд, ки дар асоси ин низоъ, агар аз консепсияи он назар кунем, бархӯрди тамаддуни яҳудӣ ва исломӣ меистад.

Ҳамин тавр, яке аз муҳаққиқони соҳаи низоъшиносӣ Р.Дарендорф чунин меҳисобад, ки ҷамъиятҳо аз ҳамдигар бо мавҷуд будан ё набудани низоъ дар онҳо фарқ намекунанд, балки аз рӯи муносибати ҳукумат ба онҳо фарқ мекунад. Тавассути санъати идоракунӣ низоъҳо аз омили таркононандаи система ба омили танзимкунандаи он табдил меёбанд. **"Он кассе, ки бо низоъ тариқи онро эътироф намудан ва танзим намудан муносибат мекунад, ӯ ба зери назорати худ назму тартиби таърихро ба дасти худ мегирад. Касе, ки ин имкониятро аз даст медиҳад ин назму тартибро ба дасти душмани худ медиҳад".**

## 2. Низои сиёсӣ ва ҷаҳони муосир

Агар моҳияти низоъҳои сиёсиро дар ҷаҳони имрӯза ҷиддитар таҳлил намоем, маълум мегардад, ки сабаби пайдоиши онҳо хеле зиёд аст. Ба ақидаи мутахассисон, сабаби асосии низоъҳои сиёсӣ имрӯз ҳам бархӯрди

[31] Ниг.: Хантингтон. Дар ҳамон ҷо.-С.33-49.

манфиатҳои миллии давлатҳои абарқудрат мебошад. Манфиатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ дар ин низоъҳо нақши басо бузург мебозанд, инчунин дар ин ҷо даъвоҳои ҳудудӣ ва кӯшиши дар асоси қонуни ба амал овардани давлати соҳибистиқлол ва мубоҳисаҳои мухтлифи дигар низ ҳаст. Дар чунин ҳолат ҳамкории давлатҳо дар бисёр ҷамъиятҳои ҳозира ҷойи худро ба рақобати фирқаҳои сиёсӣ медиҳад. Чунин тамоюл ба тадриҷ дар доираи шуури инсоният ва рафтори онҳо ҳукмфармо гардида, кишварҳоро ба бархӯрди сиёсӣ ва муқовимати тамоюлоти арзишҳои гуногун тела медиҳад.

Бешак, дар чунин ҳолат дар бисёр мамлакатҳои дар муҳити мухталиф таҷрибаи кофии зистан надошта, унсурҳои ҳиссиёти манфии ашхосеро, ки ба сари қудрат мехоҳанд биёянд, суст мегардонад. Вақте ки чунин омилҳо раванди гузариши низоъҳои сиёсиро дар ҷомеа муайян мекардагӣ мешаванд, онҳо ба идораҳои демократии акнун ба роҳи барпо намудани чунин ҷомеа дар ҷараёни ҳалли низоъҳо тазъиқ меоранд. Таҷрибаи қарибулвуқӯи ҷомеаи тоҷикон, ки дар тӯли панҷ сол чудоиандозии кушода ва оқибатҳои онро равшан намуда буд, фоҷианокии чунин рафти низои сиёсиро нишон дод. Дар замоне, ки зарурати ҳалли муқовимат ба миён меояд, элитаи сиёсии нав ташаккулёфта бо сабаби надоштани таҷриба дар ҳалли механизми низои сиёсӣ оҷиз монда, фалаҷ мегардад. Ҳамин буд, ки раҳбарияти сиёсии Тоҷикистон ҳалокатоварии ҳар гуна муносибати яктарафаро дар ҷараёни ҳалли лаҳзаҳои баҳснок вобаста ба қоидаҳои амалиёти ҳокимияти сиёсӣ дуруст дарк намуда буд. Инчунин бо роҳи эътирофи мухолифини сиёсӣ рафта, роҳи ҳалли мусолиҳатомези қазияро ҷустуҷӯ намуд. Ҳамин тариқ, Тоҷикистон дар натиҷаи ин муносибат тавонист ба худ захираҳои мусбиеро дарёбад ва низои сиёсии баамаломадаро, ки инкишофи минбаъдаи он метавонист, ба оқибатҳои басо фоҷиабор оварад, мусбат ҳал намояд.

Назари дуюм ба низоъҳои сиёсӣ чунин менамояд, ки вазъияти дар солҳои охир баамаломадаи ҷаҳон хеле мураккаб шуда истодааст. Бо ташаккули ақидаҳои нав оид

ба тағйири шаклҳои муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳо, ки ба ҷустуҷӯи роҳҳои рафъи онҳо тавассути маҳдуд кардани фазои ҳаётан зарурӣ ва ҷараёни барпо кардани миллат - давлат равон аст, характернок аст. Азбаски "қоидаҳои бози"-и эҷодкардаи онҳо аз "манфиатҳои миллиашон" бармеоянд, ин назарияҳо дар аксари мавридҳо ба маҳдуд гардонидани дигар манфиатҳо равона шудаанд. Фаҳмост, ки дар ҷаҳоне, ки захираҳои табиӣ ва ҳаётӣ беш аз пеш маҳдуд мегардад, кӯшиши бартараф кардани камшавии ин фазои ҳаётӣ бо усулҳои пешбурди муборизаҳои сиёсӣ боло мегирад. Ин ҷараён бо ташкили элитаи нав ва муборизаи он барои ҳуқуқ ва тафсири рамзҳои миллат-давлат, вобаста ба фаҳмиши "манфиатҳои миллӣ"-и ин ҷамъият вобаста аст. Ҳамзамон, ин ба таъмини даст ёфтан (дар шаклҳои гуногун) ба захираҳои асосии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва роҳ надодан ба вусъати зӯрӣ ва таҷовуз бурда мерасонад. Масалан, яке аз муаллифони амрикоӣ барои муайян кардани "манфиатҳои миллӣ" ҳудуд (чорчӯба) пешниҳод менамояд. Ӯ дар байни манфиатҳои миллӣ, стратегӣ ва хусусӣ фарқ гузошта, ба хулосае меояд, ки дарки арсаи байналхалқӣ аз ҷониби онҳое, ки сиёсати ИМА-ро ташаккул медиҳанд, ба **чор** манфиати дарозмӯҳлати устувори ташкилдиҳандаи "манфиати миллӣ" вобастагӣ дорад: **талаботи дифои Ватан, баланд бардоштани вазъи иқтисодии миллат, ташкили низоми муосири олам ва густариши арзишҳои демократӣ.**

Сипас, муаллиф ин чор меъёри баҳоро дар манфиатҳои тезутунд пешниҳод менамояд: барои зистан муҳим, ҳаётан муҳим, ҷиддӣ ва музофотӣ (ҷузъӣ). Чаҳор ташкилдиҳандаи манфиати миллии асосӣ ва чаҳор меъёри тезутундии онҳоро ӯ дар чорчӯбаи нақшае муттаҳид месозад. Ин ба сиёсатмадор имконият медиҳад, ки масалан, манфиатҳои мухолифи тарафҳои иштирокчии низоъро баҳогузорӣ ва қиёс намояд. Муаллиф қайд менамояд, ки имрӯз мо дар дохили мамлакатҳо бештар афзоиши сохторҳоеро мушоҳида менамоем, ки баҳри асолати миллӣ аз кишварҳое, ки ба онҳо шомиланд, вобаста набуданро талаб мекунанд. Гузашта аз ин, то даме, ки сарварони сиёсӣ бо

забони манфиатҳои миллӣ ва афзалияти миллӣ гуфтугӯ мекунанд, олимон бояд ин мавзӯъро нодида нагиранд, балки ба худ дар муайян кардани моҳияти чунин манфиатҳо баъзе ӯҳдадориҳо дошта бошанд.

Дар чунин ҳолат тамоюли нақши асосӣ дар ҷараёни ташаккул ва изҳори "манфиатҳои миллӣ" чун зуҳуроти миллӣ пайдо шудан мегирад. Агар дар як ҳолат аломати миллатчигӣ ба ҷониби навсозӣ ва демократикунонии ин ҷомеа нигаронида шавад, дар ҳолати дигар - ба ҷониби таҳкими гузаштаи ҳуввияти миллӣ ва хештаншиносӣ нигаронида мешавад. Бояд зикр кард, ки дар фазои сиёсии бисёр кишварҳои ИДМ шакли дуюми тасдиқи миллатчигӣ дар ҷараёни муборизаи байни элитаҳо баҳри азнавтақсимкунии таъсир ва тафсири рамзҳои давлат мушоҳида мегардад. Бо ҳамин тамоюл ба миллатгароӣ дар рафтори сиёсии гурӯҳҳои мазкур тадриҷан сарчашмаи ташаккули вазъияти низоъ мегардад.

Ба назари мо, қабл аз он ки зуҳуроти миллатгароиро дар низоъҳои сиёсӣ шарҳ диҳем, мебояд муайян кунем, ки дар хусуси кадом миллатгароӣ сухан меравад, ба кадом андоза ва чӣ тарз дар он унсуру хусусиятҳои хосси даври қадим, ҳимояи манфиатҳои этникию миллии ин халқ ва кӯшишот ба модернизатсиякунӣ алоқамананд. Гузашта аз ин, ҳангоми таҳлили мушаххаси ин масъала муайян мегардад, ки миллатгароии ҳар халқ бо тафсири худшиносии миллии ба таҷрибаи таърихии муносиб такягар, ба каму беш дар шуури оммаи этнос ё гурӯҳи миллӣ ташаккул ё густариши тасаввурот дар бораи худ, дар бораи ҳамсояҳои наздик ва дар бораи миллатҳои таърихии ҷаҳони имрӯза алоқаманд аст.

Вале ин ҷо миллатгароӣ бо масъалаҳои шаҳрвандӣ, давлати ҳуқуқбунёд, афзалияти ҳуқуқи шахсият ё ҳуқуқи гурӯҳҳои этникӣ, халқҳо ва миллатҳо рӯ ба рӯ мегардад. Ҷустуҷӯи роҳҳои баромад аз чунин вазъият бо кӯшиши дар заминаи миллатгароӣ барангезандаи низоъ ва бо ҳар роҳ нуфузи ҳукмронии худро дар ҷамъият баланд бардоштани гурӯҳҳо меоварад. Бинобар ин метавон гуфт, ки сарчашмаи бисёр низоъҳои сиёсӣ дар худи сохтори давлати

сермиллат гузошта шудааст. Баъзан вақте ки аз ҷониби бисёре аз ин давлатҳо идеологияи миллӣ пуштибонӣ ёфта, ба мубоҳисаи хусусиятҳои миллии дигар халқҳои дар ҳудуд сукунатдошта нигаронида мешавад, барои онҳо ҳамеша вазъияти низоӣ ба вуҷуд омада, ба низоъҳои пуршиддат мубаддал мегардад. Яъне, равшан аст, ки дар бисёре аз ин давлатҳо ҳоло дар пешоварди "манфиатҳои миллӣ" воситаи саркӯби чунин радикализм мавҷуд нест. Ҳамин ки дар зери фишори бӯҳрони иҷтимоию иқтисодӣ иқтидори ин давлатҳо суст шудан мегирад, ҳамоно дар заминаи миллӣ унсурҳои фавқуззикри таҳрикгарии низои сиёсӣ комилан зуҳур мекунанд. Бояд тазаккур дод, ки ҳаёти сиёсии бисёр кишварҳои ИДМ воқеияти чунин бӯҳронро тасдиқ карданд.

Агар инро ба асос гирем, метавон гуфт, ки низоъ дар Тоҷикистон ҳанӯз дар охири солҳои 80-ум ва ибтидои 90-уми асри XX сар зада истода буд. Ошкорбаёнӣ ва тағйироти демократӣ ба зиёиён имкон доданд, сарваронеро ба майдон орад, ки нияти барои ҳокимият мубориза бурдан дошта, истиқлолиятро басо саросемавор қабул карданд. Вале саркардаҳои онвақтаи роҳбарикунанда инро эътироф кардан намехостанд ва кӯшиш мекарданд, ки бо чунин рӯйдод чун бо рақобати сиёсӣ мубориза баранд. Роҳбарияти сиёсии ҳамонвақта ба ҷои он, ки низои сиёсии пайдошудаистодаро оқилона ҳал намояд, усули кӯҳна - усули саркӯб кардани рақибро истифода бурд. Дар натиҷа низоъ ба марҳалаи хатарнок, яъне ба рақобати ошкорои тарафҳо расид.

Ҳамзамон, агар мо кӯшиш намоем, ки ба иқтидори низоии дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии давлатҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон баамаломада ягон навъ баҳогузорӣ намоем, пас дар амали вазъияти ҷанҷолӣ таъсири омилҳои гуногунрангро дидан душвор нест. Ҳангоми нишон додани тарҳҳои имконпазири иқтидори низоии кишварҳои минтақа мо сайъ мекунем, ки омилҳои дар боло зикршудаи барангезандаи чунин вазъиятро ба асос гирем. Агар, масалан, дар Ӯзбекистон ва Қирғизистон ба шиддати вазъияти низоъҳо муносибати оштинопазири

байни ҳокимият ва мухолифин таъсири бештаре касб намуда бошад, пас дар Тоҷикистон бештар ба шарофати расидан ба сулҳ қонунигардонии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла тамоюли динӣ дошта ҷараён гирифта, пас рақобат ба ҳадди ақал расонда шуд. Ба ақидаҳои гуногун оид ба исломи сиёсӣ нигоҳ накарда, метавон бо боварӣ гуфт, ки яке аз дастовардҳои асосии ҷараёни созиш дар Тоҷикистон бо осоиштагӣ ворид гаштани ислом ба ҷараёни сиёсӣ маҳсуб меёбад.

Муносибати байниҳамдигарии сиёсат ва ислом масъалаи басо нозук ва мураккаб аст. Тоҷикистон бо ҳалли ин масъала таҷрибаи нодири мувофиқкунонии манфиатҳои сиёсии гурӯҳҳои гуногуни ҷамъиятиро, ки ҳатто ба дин назари зиддиятнок доранд, ба тамоми ҷаҳон пешниҳод намуд. Ҳоло дар Тоҷикистон муносибати байни ҳукумат ва ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ дар маҷрои созгор ҷорӣ аст ва бинобар ин ба шиддати вазъият таъсир намекунанд. Дар қиёси баъзе кишварҳои ҳамсоя, ки дар он ҷоҳо барои дар майдони сиёсӣ маҳдуд кардани ҳастии ҳамагуна ҳизбҳо, ҷунбишҳои мухолифин фаъолона қадам мегузоранд. Дар Тоҷикистон, баръакс, бисёр ҳизбҳои сулуки мухолифин низ дар сохтори ҳукумат пешниҳод шудаанд. Бисёре аз онҳо, дар интихоботи парламентӣ ширкат намуда, курсиҳои депутатиро дар идораи қонунгузорӣ соҳиб гардиданд ва худро чун хизби парламент нишон доданд. Дар Тоҷикистон дар доираи фаъолияти Ассотсиатсияи сиёсатшиносони озод ва Шӯрои ҷамъиятӣ механизми гуфтугӯи ҳокимияти сиёсӣ бо дигар қувваҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ низ ба кор андохта шуд. Гуфтаҳои боло маънои онро надорад, ки дар Тоҷикистон ба шарофати расидан ба сулҳ иқтидори низоовари ҷамъиятӣ худ аз худ аз байн рафт. Ҳаргиз не, вай фақат хосияти тартиботии худро ба ченакҳои позитсиявӣ, ки вобаста ба омилҳои барангезандаи низоъҳо барои худ ҷалби ҳокимиятии муайяни давлатро талаб мекунанд, иваз намуд. Агар низоъҳои тартиботии сиёсӣ бо мақсаднокии худ ба тағйироти сохтори мавҷудаи давлатӣ мувофиқат намояд, ин аломати бесуботии ин ҷомеа набуда, ҳодисаи муқаррариест, ки ба инкишофи

сохтори ҷамъиятӣ ба андозаи ҳалли онҳо дар доираи қонун мусоидат менамоянд.

Дар айни ҳол, иқтидори низоии ҷомеа дар Тоҷикистон вобаста ба ҳал нагардидани бисёр масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ё кашолёбии ҳалли онҳо дар ҳар лаҳзаи мувофиқ метавонад суботу оромиро дар ҷумҳурӣ вайрон намояд. Чунин ҳолат метавонад бисёр гурӯҳҳоро ба бадном кардани шакли дунявӣ, демократии ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ ҳавасманд гардонад.

Қайд намудан лозим аст, ки дар давлатҳои сермиллат ба вуҷуд омадани низоъҳои сиёсии дохилидавлатӣ на танҳо ба шароитҳои дохилӣ, инчунин бо шароитҳои берунӣ низ вобастагӣ дорад. Ин имконият медиҳад, ки дар давлатҳои сермиллат ба сифати сар задани имконпазири низоъҳои сиёсӣ миллатгароии ақаллиятҳои миллиро махсус таъкид намоем. Махсусан, ин вазъият дар ҳаёти сиёсии кишварҳои нави дар фазои баъдишӯравӣ ташкилшуда ҷой дорад. Имконияти фарзии алангаи низои сиёсиро дар ин асос, бахусус, дар фазои зикршуда, ки бисёр давлатҳои нав аллакай манфиатҳои маҳдуди миллӣ ва геополитикии худро ҳимоякунон ба низои якдигар комгор гаштанд, инкор кардан мукмкин нест. Агар ин аланга рух диҳад, вай оқибати басо вазнин дошта метавонад.

Бинобар ин, ҷалби Тоҷикистон ба ҷараёни ҳозираи сиёсати байналхалқӣ боз яке аз ҷиҳатҳоест, ки фазои сиёсии он майдони низоъ ба вуҷуд меоварад. Ҳамин тариқ, **низои сиёсӣ** муборизаи мақсадноки субъектҳои ҷамъиятӣ бо манфиатҳо, арзишҳо ва мақсадҳои мухталиф дар системаи муносибатҳои ҳокимият, ҳукмронӣ ва роҳбарии сиёсӣ мебошад. Мафҳуми "низои сиёсӣ" муборизаи як қувваи ҷомеаро бо қувваи муқобили дигари ҷомеа барои нуфуз дар идораҳои ҳокимияти давлатӣ, барои роҳ ёфтан ба қабули қарорҳои аҳамияти умумидошта, барои ширкат дар сариштакунии захираҳо ва ғайраҳо ифода мекунад.

Низои сиёсӣ хоҳ ошкоро бошад, хоҳ ниҳонӣ, сабабҳои идеологӣ дорад. Ҳарчанд омили идеологӣ дар тақобули сиёсӣ нақши асосӣ надошта бошад ҳам, он вазифаи муҳимми ташкилотчигӣ ва сафарбарнамоиро иҷро намуда, ба як қатор паҳлӯҳои низоъ таъсир мерасонад.

# МУЗОКИРОТ: УНСУРҲО ВА УСЛУБУ АНЪАНАҲОИ ГУФТУШУНИД

Дар рушду инкишофи ҷаҳони муосир тағйиротҳо он қадар амиқ ва назаррасанд, ки таҳлили маҷмӯи ҳамаи омилҳои ба раванди таърихӣ таъсирбахшро талаб мекунанд. Раванди гуфтушунид чун ҳодисаи нави инкишофу пешрафти ҷомеа шоистаи эътибори ҷиддӣ мебошад. Ҳамзамон, музокирот чун нуктаи асосии ба ҳам омадани проблемаҳои мураккаб дар ҷаҳони муосир ба ҳисоб меравад. Маълум аст, ки инсон бидуни муносибату робита бо одамони дигар ҳаётро дар ҷомеа тасаввур карда наметавонад. Бинобар ин дар равандҳои гуфтушунид чун нуқтаи ба ҳам омадан проблемаҳои ҷанг ва сулҳ, музокирот миёни тарафҳои бо ҳам мухолиф, давлатҳо ва халқҳо ҷамъ меоянд.

## 1. Музокирот ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ

Музокирот яке аз роҳҳои самаранок ва сермаҳсули таъсири идорӣ ба низоъҳои байнигурӯҳӣ, аз ҷумла низоъҳои сиёсӣ мебошад, ки дар раванди татбиқи он тарафҳои муқобил мубодилаи афкор менамоянд, мавқеъҳои худро наздик мекунанд ва дар бораи роҳҳои танзими низоъ, тариқи гузаштkунии дуҷониба ба созиш мерасанд.

Маълум аст, ки унсурҳои услуби музокирот ва анъанаҳои он дар Тоҷикистон таърихи хело қадима доранд. Аз ҷумла, дар адабиёти форсу тоҷик масъалаҳои муҳими инсонӣ, монанди тарзи пеш бурдани музокирот ва кушодани гиреҳи мушкилоти гуногуни иҷтимоию сиёсӣ баррасӣ гардидааст. Онҳо дар шакли анъанавӣ монанди машварати кӯҳансолон, миёнаравии шахсони обрӯманд, пешвоён, олимону шахсони диндори соҳибмартаба, сулҳи муваққатӣ, фидядиҳӣ ё пардохт барои гуноҳи содирнамуда (хунбаҳо ва гайраҳо) мавҷуд буданд. Ҳамаи ин усулу воситаҳоро дар бисёр сарчашмаҳои илмию адабӣ ба монанди "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ, "Сиёсатнома"-и

Низомулмулк, "Ахлоқи мӯҳсинӣ"-и Ҳусейн Воизи Кошифӣ ва дигарон вохӯрдан мумкин аст.

Гузашта аз ин, таърихан аксари низоъҳои иҷтимоию сиёсӣ, оилавию шахсӣ бо миёнаравии намояндагони қонунгузории ислом ҳаллу фасл мегардиданд. Масалан, яке аз усулҳои танзими низоъ дар сатҳи шахсӣ ин фидядиҳӣ ё хунбаҳо буд. Ин маблаг тақрибан 15 ҳазор танга ё бо розигӣ мувофиқа ба даст овардан бо усули гуфтугӯ бо ҷабрдидагон буд. Усули дигар ин сулҳи муваққатӣ ё оташбас буд. Масалан дар асри XVII баъди он ки хони Урганҷ Абдулғозӣ қабилаҳои маҳаллӣ ва тамоми Хоразмро муттаҳид намуд, якчанд маротиба дар иттифоқ бо сарварони қабилаҳои туркман ба Самарқанду Бухоро ҳам тохтутоз намуд. Махсусан, тохтутозҳои солҳои 1655, 1658 ва 1662 барои аҳолии водиҳои зироаткори давлати Бухоро хело вазнин буданд. Дар ҳамон вақт Абдулазизхон наметавонист ба урганҷиҳо муқобилияти зарурӣ нишон диҳад. Аз ин рӯ ба Абдулғозӣ сулҳ баст ва бо ҳамин восита то вақти муайяне мамлакатро аз тохтутози хоразмиҳо эмин нигоҳ дошт[32].

Қайд намудан лозим аст, ки гузаштагони мо барои ҳаллу фасли низоҳои замони худ усулу тарзҳои гуногуни иҷтимоию ахлоқиро истифода мебурданд. Мутаассифона, имрӯзҳо бисёри ин усулу тарзҳо аз хотирҳо рафтаанд, агарчӣ онҳо ҳангоми танзими низоъҳои шахсӣ, оилавӣ, иҷтимоию сиёсӣ, минтақавӣ ва динӣ ҳоло ҳам муҳим мебошанд. Бештар имрӯз танзими низоъ бо шаклу усули зурӣ амалӣ мегардад, ки ин услуби начандон дурусти ба эътидол овардани вазъият аст.

Дар замони Шӯравӣ бошад, проблемаи низоъ ва усулҳои танзими он бештар аз тарафи ҷомеашиносон рад карда мешуд, тезиси тезутунд гардидани муборизаи синфӣ, ки хоси солҳои 30-40-ум буд, низоъро ба сатҳи гурӯҳӣ ва шахсӣ (халқ ва душмани халқ) расонида буд. Низоъҳо набояд дар сатҳи ҷомеа вуҷуд медоштанд. Бештари амалҳои эътирозӣ дидаю дониста рӯпӯш карда мешуданд,

[32] Мирзоев А.М. Сайидои Насафи и его место в истории таджикской литературы.Сталинабад.1954 С

ки оқибат рафта-рафта ба нуқтаи баланди он низоъҳои дохилии Шӯравӣ оварда расониданд.

Аз солҳои 50-ум шурӯъ карда "назарияи бидуни низоъ", аз ҷумла дар адабиёт, санъат ва фазои маънавии ҷомеа пешниҳод гардида буд, яъне низоъ метавонист, дар байни "хуб" ва "аъло" вуҷуд дошта бошад. Ин назария чун назарияи мухолифи диалектика ва барои назарияи марксизм - ленинизм бегона буд, ки камбудиҳо ва душвориҳои воқеии ҷомеаро рӯпӯш менамуд. Лекин дар ҳаёт ва назария то охирҳои солҳои 80-ӯм обу ранг додани ин проблема идома дошт. Умуман, "Назарияи бидуни низоъ" як қисмати идеология ва психологияи солҳои рукуъ маҳсуб мегардад.

Дар Тоҷикистон дар замони бозсозӣ падидаҳои эҳёи миллӣ фаъол гардида, мубориза и зиёиён бар зидди низоми ҳизбию авлодӣ пурзӯр гардид. Минтақаи пайдоиши низоъ ва бархӯрдҳои мусаллаҳона ба вуҷуд омаданд, ки имрӯз натиҷаи он маълуму машҳур мебошад. Ин аст, ки дар айни замон тадқиқоти низои тоҷикон, унсурҳои услубӣ ва душвориҳои танзими он барои ҷомеа моҳияти махсус доранд.

## 2. Нақши анъана дар танзими низои Тоҷикистон

Воқеан, анъана ин маҷмӯъи арзишҳои моддӣ ва маънавии мероси иҷтимоию фарҳангии ҷомеа ва ё гурӯҳои алоҳидаи ҷамъиятӣ буда, аз насл ба насл мегузарад.[33] Ин аст,ки нақши анъана ҳамчун усули ба танзим даровардани вазъият дар низои тоҷикон хело бузург аст.Зеро он ҳодисаи иҷтимоии мураккаб буда, ба худ дараҷаҳои гуногун ва шаклҳои тафаккури ҷамъиятиро пайваст мекунад ва ахиран онҳоро ба муносибатҳои ҷамъиятӣ табдил медиҳад. Ҳамин тавр, дар ҷомеаи Тоҷикистон то ҳол чанд институту робитаҳои анъанавӣ ва унсурҳои услубии музокирот мавҷуданд, ки нақши худро дар рушди низои миёни тоҷикон бозиданд ва мумкин аст, ки имрӯз ҳам баъзе аз

[33] Ниг.:Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо.Душанбе .2007.С-7.

онҳо барои паст кардани сатҳи шиддатнокӣ дар вазъияти баъди низоъ истифода бурда шаванд. Аз он ҷумла:

1. Машварати кӯҳансолон - инҳо гурӯҳи одамони обрӯманд буда, ягон вазифаи давлатиро ишғол намекунанд. Аммо онҳо хусусан ҳаёти ҷамъиятҳо, кишвару деҳот ва маҳалҳои алоҳидаро ба расмиёт медароранд ва ташкил мекунанд. Ҳамчунин вазифаи ҳимояи аъзои худро аз хатари берунӣ эълом медоранд. Аксар вақт бо минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ робита надошта, мустақилона бисёр масъалаҳои рӯзмарраро худашон ҳаллу фасл менамоянд.

2. Ҷамъомадҳои мардона - инро гурӯҳи одамоне ташкил мекунанд, ки робитаи дӯстона, хешутаборӣ ва муносибатҳои ҳамсоягӣ доранд. Ҳамин гуна вохӯриҳо тақрибан дар ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон дар сатҳи маҳаллаҳо, деҳаҳо, чойхонаҳо ва гузарҳо ба шакли анъана даромадаанд. Одамон мубодилаи афкору иттилоот мекунанд ва якҷоя масъалаҳои ҳаётиро ҳаллу фасл менамоянд. Бояд гуфт, ки фаъолияти иҷтимоии ин гурӯҳи ҷомеа хело бузург мебошад. Шояд яке аз сабабҳои ташкили ду майдони ба ҳам мухолиф дар ш.Душанбе ин натиҷаи кор ва гуфтугӯ дар ин чамъомадҳо буд. Онҳо ба ташкили афкори ҷамъиятӣ дар бораи мақсадҳои қувваҳои мухолифин ва ҷонибдорони давлатӣ дар бисёр минтақаҳо мусоидат намуданд.

3. Анъанаи рақобат. Дар ҷомеаи тоҷикон одатҳои қадимаи рақобати иттиҳодияҳои ҷавонон (гурӯҳҳо, ноҳияҳо, минтақаҳо) аз бозиҳои варзишии аспдавонӣ, бузкашӣ шурӯъ гардида, то мубориза барои сарварӣ дар ҳама соҳаҳо нақши муҳим мебозанд. Дар тарҳи низоъҳои дорои хусусияти иҷтимоию маишӣ, кашмакашҳои миёни ҷавонони кӯлобию помириро нишон додан мумкин аст, ки то нимаи солҳои 80-уми асри XX дар пойтахти Тоҷикистон давом доштанд. Низоъ дар миёни иттиҳодияҳои ҷавонон хусусияти динӣ ё этникӣ надошт. Сабаби асосии низоъ-рақобат барои роҳбарӣ - сарварӣ дар байни ҷавонони пойтахт буда, ташкилкунандагони низоъ гурӯҳҳои

мафиозии қабилавии сатҳи ҷумҳурӣ буданд, ки марказҳи махсуси ҷудоиандозӣ доштанд. Низоъ байни ҷавонон аксар вақт якбора ба вуқӯъ мепайвастанд. Баъзан овозаҳо паҳн мекарданд, ки гӯё тарафи муқобил касе аз "одамони моро" лату кӯб намудааст ё ин ки кӯшиши воқеии зӯровариро татбиқ намудааст. Ҳамон вақт низоъҳо ҳаллу фасли худро на дар сатҳи ҳукумат, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, балки дар сатҳи сарварон, варзишгарон меёфтанд. Сарварон, нафарони обрӯманд "муҳокима"-и худро дар паси дарҳои пӯшида мегузарониданд ва дар он ҷо қарорҳои қатъӣ барои пароканда намудани ин ё он гурӯҳ қабул менамуданд. Дар ҳамин гуна вазъият сарварони номӣ ва нафарони обрӯманд метавонистанд ба тӯдаи ҷавонони башӯромада таъсир расонида, тарафҳои мухолифро ба сулҳу салоҳ оваранд. Ҳамаи инро ба назар гирифта қувваҳои "демисломӣ" ва "тарафдорони ҳукумат" то дараҷаи муайяне ҳисобу китоб, ранҷишу захмҳои чандсола ва рақобати пешинаи иттиҳодияҳои ҷавонро "зинда гардониданд". Ин дафъа сарварон - варзишгарон натавонистанд, тарафҳоро ҷудо намоянд.

4. Табақаҳои маънавӣ - сайидҳо, тураҳо, хоҷаҳо, эшонҳо ва ғайраҳо мутобиқи ривоятҳо авлодони пайғамбар Муҳаммад (с) мебошанд ва дар байни аҳолӣ табақаи мустақил ба ҳисоб мераванд. То ҳоло дар аксари минтақаҳои Тоҷикистон, аз он ҷумла дар вилояти Суғд ва гурӯҳи ноҳияҳои Рашт ин табақа соҳиби обрӯю эҳтироми хосса мебошанд. Авлоди ин одамон мақоми сарвариро аз рӯи баромади авлодиашон нигоҳ медоранд.

5. Пирҳо (муаллимони маънавӣ) - гурӯҳҳое мебошанд, ки ба ҷамъиятҳои гуногуни сӯфиён вобастаанд. Онҳо амалан дар ҳаллу фасли ҳамаи масъалаҳои ҳаётӣ ба шогирдони худ - муридҳояшон таъсири амиқ мерасонанд. Ин равия аз ҳама бештар дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, баъзе ноҳияҳои тобеи марказ ва ҳамчунин дар ноҳияҳои самти Рашт таъсири зиёд дорад. Имрӯз дар Тоҷикистон чун дар гузашта намояндагони рӯҳониён дар танзими низои дарозмуддат обрӯи калон доранд, чунки обрӯю эҳтироми онҳоро анъанаҳо қонунӣ намудааст.

Дар баробари институтҳои анъанавӣ дар раванди мӯътадилгардонии ҷомеа истифодаи роҳҳои анъанавии унсурҳои услуби муоширати иҷтимоӣ дар масҷидҳо, қисман дар чойхонаҳо ва хонаҳои мардум зарур аст. Ин усули корӣ бояд дар Тоҷикистон берун аз мадди назари давлат намонда, барои тағйири рӯҳияи душманонаи дар ҷараёни низоъ ба вуҷуд омада истифода бурда шаванд.

Ҳаллу фасли низои тоҷикон пештар дар сатҳи ташкили миёнаравӣ ва музокирот буд. Барои ин зарур омад, ки шабакаи ташкилотҳои миёнрави ҳукуматӣ ва ғайрирасмӣ ташкил карда шаванд, ки бо ҳамдигар муносибати мутақобила намоянд. Ё мумкин буд, ки усулҳои анъанавии ҳаллу фасли низоъ, ки дар ҷамъиятҳои дигар истифода мешаванд, омӯхта шаванд, то ки раванди мо бо азхуднамудани бартариҳои дигар системаҳо мувофиқ кунонида шавад.

Пӯшида нест, ки аз ибтидои низои тоҷикон якчанд созишномаҳо дар бораи сулҳ таҳия гардида ба имзо расиданд, аммо онҳо мардумро ба сулҳ оварда натавонистанд. Ин, пеш аз ҳама, ба он вобаста буд, ки дар ҳамон вакт дар миёни тарафҳои бо ҳам муқобил шахси миёнараву сулҳовари ботаҷриба набуд. Масалан, ҳанӯз моҳи июли соли 1992 дар Хоруғ намояндагони ҳамаи ҳизбҳою созмонҳои сиёсӣ, роҳбарони ҷузъу томҳои ҳарбӣ, рӯҳониён, роҳбарони кумитаҳои иҷроияи вилоятҳои ҳамонвақтаи Ленинобод, Қурғонтеппа, Кӯлоб ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон "Созишномаи сулҳ"-ро ба имзо расониданд, ки иҷрои бечунучарои раванди онро ваъда доданд. Аммо чунин услуби танзими низоъ фаъолият намуда натавонист.

### 3. Музокирот ва баъзе хусусиятҳои он

Ҳамзамон, дар фазои сиёсии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ақидаи ташкили музокироти миёни тоҷикон аз тарафи Русия ва баъзе ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ба миён омаданд ва ин ақида оҳиста-оҳиста дар ҳаёт татбиқ гардид. Давраи аввали музокироти миёни тоҷикон моҳи апрели

соли 1994 дар Москва таҳти сарварии СММ бо иштироки Русия, Қиргизистон, Узбекистон, Эрон, Покистон ва Афғонистон ифтитоҳ ёфт. Гуфтушунидҳо дар атрофи се гурӯҳи масъалаҳо: гурезаҳо, қатъ намудани амалиётҳои ҳарбӣ ва проблемаи тақсими ҳокимият гузаронида шуданд.

Умуман, дар давоми 40 моҳе, ки раванди гуфтушунид давом кард, намояндагони ҷонибҳо дар дараҷаҳои гуногун 20 вохӯрӣ, аз ҷумла дар 9 шаҳр машваратҳо гузарониданд. (6 вохӯрӣ дар Теҳрон, 5 вохурӣ дар Москва ва яктогӣ вохӯрӣ дар Алмаато, Бишкек, Исломобод, Кобул, Машҳад ва Хостдеҳ). Албатта, самаранокии ин вохӯриҳо нобаробар буд. Иштирокчиёни гуфтушунидҳо ҳамагӣ 36 ҳуҷҷат аз ҷумла: 12 протокол, 12 изҳороти муштарак, 5 баёнот (коммюнике), 3 созишнома, 2 декларатсия, 1 меморандум ва як муқаррарот дар бораи Комиссияи Оштии миллӣ қабул карданд.[34]

Ҳамин тавр, дар баробари усулҳои анъанавӣ ва расмии танзими низоъ боз раванди фаъолияти сулҳовари берун аз доираи ҳукуматӣ мавҷуд аст, ки дар доираи музокироти миёни тоҷикон дар конференсияи Дартмут намояндагӣ шудааст.

Ҷаласаи аввалини он дар доираи музокироти Тоҷикистон моҳи марти соли 1993 дар Москва шуда гузашт. Вохӯриҳо дар асоси музокироти давомкунанда гузаронида шуданд. Мақсади ниҳоӣ ба роҳҳои имконпазири тағйирот дар муносибатҳои мутақобилаи низоъ мутамарказонида шуданд. Ҳамин тавр аз соли 1993 то соли 2001 иштирокчиёни музокирот 30 маротиба гуфтушунид доир намуданд.

Масалан, ҳамаи иштирокчиёни музокироти навбатии дафъаи 30-юми миёни тоҷикон дар доираи конференсияи Дартмут дар андешаи ягона буданд, ки музокирот дар давоми 8 сол (1993-2001) воқеаи намоёне дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд ва дар орому мӯътадил гардидани ҳаёти ҷамъиятию сиёсии мамлакат нақши бузургеро бозидааст. Онҳо вазъияти иҷтимоию

---

[34] См.: Белов Е.В. Исторический опыт переговорного процесса по урегулированию межтаджикского конфликта (1993-1997). //Автор. дис. на соис.учен.степ. канд.ист.наук. Душанбе, 1999.

сиёсӣ ва иқтисодиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, қайд менамоянд, ки бе шакку шубҳа таҳкими мўътадилгардонии ҷамъиятию сиёсӣ, амнияти шахсии шаҳрвандон, гузаронидани ислоҳот дар мақомоти идораи давлатӣ дар доираи дигаргуниҳои иқтисодӣ давом дорад. Аммо дар баробари ин падидаҳои мусбат дар ҷумҳурӣ як қатор проблемаҳои ҳалнагардидаи ҷамъиятию сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, аз қабили камбизоатӣ, коррупсия, маводи нашъадор, бекорӣ, мигратсияи меҳнатӣ ва ғайраҳо боқӣ мондааст, ки ҳолати баъди низоии ҷомеаро халалдор намуда метавонад.

Ба андешаи мо, усулҳои анаънавӣ ва ғайрианъанавии танзими низои дохилимиллӣ дар Тоҷикистон асосан бояд ба консепсияи оштии миллӣ такя намоянд. Ин консепсия аз ақидаи танзими низои минтақавӣ ва муқаррар намудани сулҳу созиши ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон тариқи гуфтушунид, муомилоти дохилимиллӣ, сиёсати гузашт тариқи таҳияи созишномаҳои қобили қабули тарафайн барои ҳаллу фасли проблемаҳои тезутунди сиёсӣ иборат мебошад.

Ҳамзамон, шарти асосии ҳаллу фасли ниҳоӣ ва бошууронаи низои дохили Тоҷикистон имрӯз таҳлили сабаб ва унсурҳои услуби фаъолияти мутақобилаи тарафҳои низоъро талаб менамояд. Танзими низоъ бо сохтори системаи сиёсӣ, махсусияти фаъолияти он ва маданияти сиёсии ҷомеа вобастагии калон дорад. Барои ҷомеаи Тоҷикистон шакли услуби қобили қабул, вақте ки низоъ дар шароити музокироти кушода баррасӣ мешавад, яъне иштирокчиёни низоъ имконияти таҳия ва муқоисаи мавқеашон, ки манфиату арзишҳои онҳоро ифода мекунад, дошта бошанд.

Ҳамин тавр, раванди соҳибистиқлол ва васеъ гардидани сарҳади ошкорбаёнӣ ва озодии маънавӣ, ки дар ақидаи эҳёи миллӣ баён мегардад, ба миён меояд. Зеро тоҷикон дар давоми таърихи ҳазорсолаи худ ҳаёти сиёсии мукаммал надоштанд ва яку якбора соҳиби истиқлолият гардида, ба фаъолияти мустақилона чӣ дар сатҳи сиёсӣ ва чӣ психологӣ пурра тайёр набуданд. Ҳоло имконияти ягона

барои боқӣ мондани тоҷикон ҳамчун миллати соҳибдавлат ин дар ташаккули раҳнамоиҳо ва арзишҳои нисбатан дақиқи умумимиллӣ, рафъ намудани тақсимкунии ҷомеа ва ташаккули идеяи миллӣ, ки бидуни он давлат буда наметавонад, мебошад.

Аммо, пеш аз ҳама, барои ин дар сарзамини тоҷикон сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ зарур аст. Ин аст, ки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон оид ба ин масъала кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода истода идеологияи тоҷиконро идеологияи сулҳ номидааст.

Бар замми ҳамаи ин масъала дар он аст, ки имрӯз мо бояд чӣ тавр ва бо кадом роҳҳо унсурҳои услуби музокиротро ба мардум биомӯзонем. Инчунин ҳунари эҷодии муносибатҳои дуҷонибаю сеҷонибаро аз худ намоем, зеро дар дунё низоъҳои наве пайдо шуда истсдаанд, ки дар онҳо дастгоҳҳои давлатӣ корношоянанд. Аз ин рӯ, усул ё ин ки унсурҳои муносибат ва таҷрибаҳои нави гуфтушунидеро ба вуҷуд овардан лозим меояд, ки бароиояндаи пешравии миллат хизмат карда тавонанд.

## СИЁСАТИ ДЕМОГРАФӢ

Бисёре аз самтҳои сиёсати демографӣ бо сиёсати иҷтимоӣ зич алоқаманд мебошанд. Ин пеш аз ҳама ҷиҳати мақсаднокии вай ба равандҳои таҷдиди аҳолӣ мебошад. Аз ин ҷо чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки амалиёти роҳбаринамоие, ки ба таҷдиди аҳолӣ сафарбар карда шудааст, бояд ба чораҳои сиёсати демографӣ марбут бошанд. Дар ин сурат таърифи дақиқ барои ташаккулёбии афкори ҷамъиятӣ қисми асосии ҳар гуна сиёсат мебошад. Давлат мақсади сиёсати демографиро эълон карда истода, муносибати худро ба вазъияти амалкунандаи демографӣ ё ба зарурияти тағйир додани он муайян мекунад.

### 1. Сиёсати демографӣ ва моҳияти он

Калимаи "демография" лотинӣ буда, "демос" - халқ, "графия" - тасвир мебошад. Ин мафҳум аслан тасвири

аҳолиро ифода мекунад. Демография ҳамчун як соҳаи илм зиёда аз сесад сол боз арзи вуҷуд дорад. Ин илм дар бораи аҳолӣ буда, шумора, сохт, ҷойгиршавӣ ва ҳаракати аҳолиро меомӯзад. Пас, маълум мешавад, ки категорияи асосии демография аҳолӣ мебошад.

Таҷдиди аҳолӣ ба се гурӯҳи фарқкунанда ҷудо мешавад: васеъ, оддӣ ва маҳдудкардашуда. Агар шумораи насли кӯдакон аз волидайн зиёд бошад, дар ин сурат васеъшавӣ, агар баробар - оддӣ ва агар кам бошад, таҷдиди маҳдудкардашуда аст. Ҳангоми таҷдиди маҳдудкардашуда ба амал омадани раванди депопулятсия ногузир аст, ки камшавии шумораи аҳолии давлат ё минтақаро ифода мекунад. Ин яке аз намудҳои бӯҳрони демографӣ ба шумор меравад. Депопулятсия натанҳо дар натиҷаи кам шудани шумораи таваллуд, инчунин дар натиҷаи ҳодисаҳои табиат, касалиҳои гузаранда, ҷанг ва муҳоҷирати зиёд ба амал меояд.

**Якум** Зарурияти идоракунии инкишофи демографӣ, пеш аз ҳама, бо зарурияти қонеъ гардонидани талаботҳои ҷамъиятӣ дар таҷдиди аҳолӣ ва ҷойгиршавии он дар ҳудуди мамлакат муайян карда мешавад. Дар минтақаҳое, ки миқдори таваллуд барои таҷдиди оддии аҳолӣ паст аст, мақсади асосии сиёсати демографӣ ин фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои баланд бардоштани дараҷаи таваллуд, ки ба раванди депопулятсияшавӣ монеъ мешавад, равона карда шудааст. Дар минтақаҳое, ки дараҷаи баланди таваллуд ба чашм мерасад, фароҳам овардани шароитҳо барои танзим кардани он тавсия дода мешавад.

**Дуюм** идоракунии равандҳои демографӣ ба кам кардани ихтилофҳои мавҷуда байни мақсадҳои ахлоқи демографии индивидуалӣ дар дараҷаи оила ва мақсадҳои инкишофи демографии давлати алоҳида ё минтақаи алоҳида равона карда шудааст. Барои ин тамоми чораҳоро андешида, интихоби озоди қарорҳоро доир ба ин ё он ҳодисаи демографӣ (таваллуди кӯдак, муҳоҷират ва ғ.) аз тарафи давлат ва ташкилотҳои он имконият додан лозим аст. Иҷроиши ин шарт ҳуқуқи давлатро доир ба афзалияти

ҳавасмандгардонии он равандҳои демографие, ки бештар ба мақсад ва вазифаҳои инкишофи демографӣ мувофиқанд, инкор намекунад.

**Сеюм**, таъсири мақсаднокро ба он равандҳои алоҳидаи демографӣ расондан лозим аст, ки онҳо дар оянда метавонанд ба тезутундшавии вазъияти демографӣ чӣ дар дараҷаи миллӣ ва чӣ дар ҳудуди минтақавӣ оварда расонанд.

Ҷой ва вазифаи сиёсати демографиро дар системаи умумии сиёсат муайян кардан ниҳоят душвор аст. Барои ин бояд муайян кард, ки тағйиротҳо дар инкишофи демографӣ барои мамлакати муайян чӣ аҳамият доранд; самаранокии ин сиёсат ба сиёсати демографӣ ва самараи аз он мегирифтагӣ чӣ гуна аст; аҳамияти он барои сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва миллӣ чӣ тавр аст.

Сиёсати демографӣ дастовардҳои муайянкардашудаи сифатӣ ва шуморавии нишондодҳои инкишофи демографиро дар бар мегирад, ки ба мақсадҳои пешравии иқтисодӣ-иҷтимоии ҷамъият мувофиқ бошанд.

Сиёсати демографӣ бояд, ки комплексӣ бошад, ки тамоми соҳаҳои инкишофи демографиро дарбар гирад: миқдори таваллуд, фавт ва дарозумрӣ, никоҳ, мустаҳкамшавии оила, равандҳои муҳоҷират, беҳтар шудани таркиби сифатии аҳолӣ.

Дар системаи афзалиятҳои сиёсати демографӣ яке аз ҷойҳои аввалро ба низом даровардани миқдори таваллуд ишғол мекунад. Ин сиёсат маҷмӯи чорабиниҳои давлатиро пешбинӣ мекунад, ки ба паст намудан, нигоҳ доштан ё баланд бардоштани дараҷаи таваллуд равона карда шудааст.

Ҳангоми амалӣ гардондани сиёсати демографӣ чораҳои иқтисодӣ, маъмурӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ - психологиро андешидан зарур аст.

1.Чорабиниҳои иқтисодӣ- ин ёрдампулӣ ба кӯдакон, рухсатии пулакӣ (қисман ё умуман) барои ҳомиладорӣ ва нигоҳубини кӯдакон, додани имтиёз ҳангоми гирифтани хона ва қарз барои сохтмони хона мебошанд.

2.Чораҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ қарорҳои қонунбарорро,

ки искоти ҳамлро манъ мекунанд ё иҷозат медиҳанд, синну соли аққалӣ барои арӯсу домод ҳангоми никоҳ муайян мекунад, дарбар мегирад.

3.Ҷораҳои иҷтимоӣ-психологӣ барои банақшагирии миқдори таваллуд дар мувофиқат бо манфиатҳои инкишофи демографии мамлакат сафарбар карда шудаанд.

**2.Демография ва сиёсати демографӣ дар ҷаҳони муосир.**

Масъалаҳои демографӣ масъалаи куллист. Инро ба таркиши демографӣ, ки аз миёнаҳои асри XX ба вуҷуд омада истодааст ва яке аз омилҳои ҷудонашавандаи тараққиёти инсоният мешуморанд, алоқаманд мекунанд. Шиддатнокии ин таркишро мо метавонем, аз рӯи нишондодҳои афзоиши аҳолии ҷаҳон мушоҳида кунем.

То соли 1950 аҳолии сайёра 2,5 млрд. одамро ташкил медод. То соли 2000 аз рӯи мушоҳидаҳо ин рақам ба 6,2 млрд. нафар мерасад. Аз ин ҷо чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар як муддати кӯтоҳ дар муқоиса ба тамоми марҳилаҳои гузаштаи таърихи инсоният фақат дар муддати 50 сол аҳолии ҷаҳон 3,6 млрд. нафар зиёд шудааст, ки ин аз даҳҳо ҳазорсолаи таърихи пешин 1,5 маротиба зиёд аст.

Дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон вазъияти гуногуни демографӣ ба амал омадааст. Тарзҳои таҷдиди аҳолӣ дар мамлакатҳои тараққикарда ва тараққикардаистода ба ҳам муқобил мебошанд. Зиёда аз 80% афзоиши аҳолии ҷаҳон ба дӯши мамлакатҳои тараққикардаистодаи Осиё, Африқо, Амрикои Лотинӣ рост меояд. Дар оянда баландшавии ин ба 90% пешбинӣ шудааст. Васеъшавии таъсиси воситаҳои тиббӣ, ки дараҷаи фавтнокии аҳолиро то андозае паст кардаанд, пурзӯр кардани назорат аз болои касалиҳои гузаранда, васеъгардонии миқёси таъминоти озуқа аз ҳисоби зиёдшавии истеҳсоли маҳсулотҳои озуқаворӣ. Инчунин бо роҳи зиёд шудани содирот дар давлатҳои тараққикардаистода ба баланд шудани дараҷаи афзоиши аҳолӣ мусоидат намуданд. Дар бисёр мамлакатҳои тараққиёфта ин нишондод дар як сол 3%-ро ташкил

медиҳад, ки ду баробар зиёд шудани аҳолиро дар муддати камтар аз 23 сол мефаҳмонад. Дар гузашта пешравиҳои илми тиб ва дигар омилҳо дараҷаи фавтнокиро паст намуда, ба пешравиҳо дар дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ алоқамандананд. Ин дараҷаи кам шудани фавтнокӣ, ки барои амалӣ гардонидани он ба мамлакатҳои аврупоӣ 100-150 сол лозим омада буд, дар баъзан мамлакатҳои тараққикардаистода дар 15-20 соли охир ба даст оварда шуд.

Дар ин минтақаҳои кураи замин назарияи "мероси умумии инсоният, ки мувофиқи вай тамоми захираҳои сайёра чӣ табиӣ ва чӣ дар натиҷаи тараққиёти тамаддун ба вуҷуд омада, бояд ки дар байни тамоми мамлакатҳо аз рӯи ҳиссаи онҳо дар шумораи аҳолӣ тақсим карда шавад.

Проблемаи демографӣ дар Аврупо ҳам тезутунд аст (албатта ба маънои дигар). Ин дар баланд шудани шумораи шахсони танҳои 25-30 -сола, дар пастшавии шумораи оилаҳои якфарзанд, ки ҳатто таҷдиди оддии наслро таъмин карда наметавонанд, ифода меёбад. Дар ин ҷо савол дар бораи марг ё ҳаёти ин ё он халқ дар таърихи дарпешистода мебошад. Дар бисёр мамлакатҳои нисбатан тараққикарда зарурияти воқеии баланд бардоштани дараҷаи миқдори таваллуд пеш омадааст.

Кам шудани миқдори таваллуд дар мамлакатҳои тараққикардаистода худ аз худ ба амал наомада, баландшавии маданияти демографии аҳолӣ ва мунтазам муҳокимаи масъалаҳои ба он алоқаманд то андозае сабаб шуданд. Дар ин ҷо сухан дар бораи тақдири халқҳои том дар сарзамини таърихии онҳо меравад. Дар як қатор мамлакатҳои тараққикардаистода кӯшишҳои гуногуни манъ кардани миқдори таваллудро ба кор бурда истодаанд. Бо ин мақсад чораҳои гуногуни сиёсати демографӣ андешида мешаванд.

Масалан, дар Хитой сиёсати оилаи якфарзанда гузаронида мешавад. Соли 1981 дар он ҷо Кумитаи давлатии банақшагирии таваллуд ташкил карда шуд. Аз тарафи давлат як қатор омилҳои иқтисодию маънавие иҷозат дода шудааст, ки оилаҳои ҷавон бо як фарзанд

қаноат кунанд. Занҳо ӯҳдадоранд, ки як кӯдак тарбия кунанд ва шаҳодатномаҳои "аълочии ба нақшагирии таваллуд" ба онҳо супорида мешаванд. Чунин оилаҳо ҳангоми кӯдакро ба боғча, ба хизматрасонии тиббӣ бурдан ва таъмини ҷои зист имтиёз доранд. Ба кӯдаки ягона инчунин дар вақти дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ афзалият дода мешавад. Волидайне, ки соҳиби як фарзанд, то 14-солагии кӯдак ҳар моҳ ба миқдори 10%-и музди кори ёрдампулӣ мегиранд. Онҳо аз супоридани андоз барои тарбия ва таълим озод карда мешаванд. То 8-солагӣ ба кӯдак хизмати бепули тиббӣ расонида мешавад. Чунин чораҳо дар Пекин, Шанхай ва дигар музофотҳои Чин ба кор бурда мешаванд. Баъд аз таваллуд шудани кӯдаки сеюм (то синни ба 14 расидани он) ба миқдори 10%, кӯдаки чорум -15%, кӯдаки панҷум - 20% аз музди кори волидайн нигоҳ дошта мешавад. Дар музофотҳо қонунҳои муваққатӣ дар бораи таваллуд амал мекунанд. Аз тарафи ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ муҳити эҳтиром ва ҳавасмандгардонии волидайни якфарзанддор ва баръакс, муҳокимаи оилаҳои бисёрфарзанд ташкил карда мешаванд. Дар мамлакат кори васеи фаҳмондадиҳӣ бурда мешавад. Ягон корхона ё идора, маҳалҳои истиқоматӣ дар шаҳр ва қишлоқҳо дар маҳаллаҳо нестанд, ки дар онҳо якфарзандӣ тарғиб карда нашавад.

Аммо амалигардонии сиёсати оилаи якфарзандӣ ҳамчун роҳи ҳалли масъалаи демографӣ бар хилофи ақидаҳои устувори анъанавӣ оид ба оила дар Хитой мебошад. Аҳолии қишлоқ, ки 80%-и тамоми аҳолиро ташкил мекунад, то ҳол ба дарк кардан ва амалигардонидани нишондоди оилаи якфарзанда тайёр нестанд. Ин ба зиддияти наслҳо ва як қатор масъалаҳои психологӣ ва иҷтимоӣ оварда мерасонад, ки инҳо мураккабшавии муносибатҳо дар оила, ҷудошавии аъзоёни калони оила (агар фарзанди аввал дар оила духтар бошад ва волидайн шаҳодатномаро дар бораи оилаи якфарзанда гирифта бошанд, дар ин вақт ақидаи анънавии зарурати соҳиби писар, яъне давомдиҳандаи қавм будан пеш меояд, мебошанд.

Ба мамлакатҳое, ки барномаи маҳдуд кардани таваллудро дар амал тасдиқ мекунанд, дар Осиё, Ҳиндустон, Покистон, Индонезия, Бангладеш, Эрон, Шри-Ланка, Малайзия, Сингапур, Тайланд, Филиппин ва ғайра дохил мешаванд. Дар байни мамлакатҳои африкоӣ, ки сиёсати демографии онҳо ба паст кардани таваллуд равона карда шудааст Тунис, Миср, Габон, Гану, Зимбаб, Марокко ва диг. дохил мешаванд.

Бисёре аз мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ сиёсати демографиро хамчун мақсади муносибати ҷиддӣ кардан ба аҳолӣ пеш гирифтаанд.

Бисёре аз мамлакатҳои Аврупо пештар аз дигарҳо тағйиротҳоро дар равандҳои демографӣ, масалан дар паст кардани таваллуд ва фавтнокӣ ҳис карданд. Ба ин омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-демографӣ мусоидат карданд. Аз онҳо чунин равандҳоро ба мисли шаҳрпарастӣ, тағйирёбии сохти иҷтимоӣ, баландшавии дараҷаи саводнокӣ ва маданиятнокӣ, зарурияти ба кор таъмин будани занон, баландшавии синну сол барои ақди никоҳ бастан, зиёдшавии шумораи ҷудошавиҳо ва ғайра номбар кардан мумкин аст. Ҳамин тавр, дар Шветсия синни миёнаи ақди никоҳ аз 28 барои домод ва 25,3 барои арӯс дар нимаи аввали солҳои 80-ум қабул шудааст.

Дар ин ҷо омилҳои психологӣ низ аҳамияти калон доранд. Масалан, тағйирёбии нишондодҳои самараноки оилаҳо доир ба камфарзандӣ. Дар гузашта фарзандон ба волидон ҳамчун ёрдамчиҳои оянда дар кор ва нигоҳубинкунандагон дар давраи пиронсолӣ лозим буданд. Дар натиҷаи пешравиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ин вазифаҳо ба дӯши ташкилотҳои ҷамъиятӣ гузаштанд. Бозгардонии ҷараёни иқтисодӣ-иҷтимоии фарзандон ба волидайн кам мешавад ва талаботи волидайн ҳам ба шумораи кӯдакон кам мегардад.Ин аст,ки дараҷаи на он қадар баланди таваллуд ва фавтнокии бечунучаро ба паст шудани афзоиш оварда расонид.

Чораҳои ҳавасмандгардонии иқтисодие, ки дар Шветсия ҳанӯз аз соли 1936 ба роҳ монда шуда буда, системаи ёрдампулиҳои оилавӣ, андозӣ пешраванда

вобаста ба шумораи кӯдакон ва ёрии қарзӣ ба оилаҳои ҷавонро дар бар мегирад. Ёрдампулӣ ба ҳар як кӯдак, новобаста ба шумораи онҳо то синни 16-солагӣ (ё ин ки 19-солагӣ, агар хонад) дода мешавад. Рухсатӣ аз рӯи ҳомиладорӣ 32 ҳафта давом карда, 90% музди корӣ дода мешавад.

Дар Фаронса чораҳои иқтисодие, ки сиёсати фаъоли демографиро аз соли 1939 ба амал баровардаанд, ба се гурӯҳ тақсим мекунанд:

а) ёрдампулиҳои оилавии мунтазам ;

б) ёрдампулиҳои яквақта;

в) имтиёзҳои истиқоматӣ.

Ёрдампулиҳои яквақта ва ҳармоҳа барои тавлиди кӯдак ҳар моҳ дар Австралия, Люксембург, Шветсария, Дания, Финляндия, Италия, Норвегия ва ғайра дода мешаванд.

Давлатҳои муштаракулманофеъ дар муносибатҳои демографӣ намунаи хеле пасти муосирро нишон медиҳанд. Дар ин минтақа вазъияти мутақобили демографӣ баръало маълум аст. Он ҳолате дар назар дошта шудааст, ки барои мамлакатҳои тараққикардаистодаи Осиё, Африко ва Амрикои Лотинӣ хос аст ва вазъе, ки ҷихати фарққунандаи мамлакатҳои Аврупо ва Амрикои Шимолӣ мебошад. Дараҷаи таваллуд дар минтақаҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва миллӣ гуногун аст. Коэффисенти умумии таваллуд (шумораи миёнаи кӯдакон) дар Ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна хеле баланд аст.

Нигоҳ доштани дараҷаи баланди таваллуд дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва Озарбойҷон бо устувории анъанаҳои миллӣ ва мадании серфарзандӣ, нигоҳ доштани анъанаҳои патриархалии сернаслии оила маънидод карда мешавад. Аммо амалӣ гардонидани сиёсати стандартии демографӣ нисбат ба минтақаҳои гуногун ба натиҷаҳои манфӣ оварда мерасонад.

Яке аз масъалаҳои муҳимтарини инкишофи аҳолии ҷумҳуриҳои муштаракулманофеъ ин ҳиҷрати худсарона мебошад. Дар натиҷаи пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва тезутундшавии муносибатҳои миллӣ вазъияти муҳоҷират дар як қатор ҷумҳуриҳо хеле баланд шуд.

Бисёре аз ин масъалаҳо характери давомдор дошта, барои ҳалли худ таъсири дуру дароз ва мақсаднокро талаб мекунанд.

Ҷиҳати муҳими сиёсати демографӣ дар марҳилаи ҳозира бартараф кардани равияҳои номуносиби касалӣ ва фавтнокии аҳолӣ мебошад.

Ҳамаи ин гуфтаҳо шоҳиди онанд, ки сиёсати мунтазами демографӣ танҳо дар шароитҳои мӯътадили иҷтимоӣ-иқтисодии тараққиёти давлат амалишаванда мебошад. Набудани шароитҳои мӯътадил таъсири манфии худро ба миқдори таваллуд, фавтнокӣ, муносибатҳои аҳолӣ ва равандҳои муҳоҷират мерасонад.

Беҳтаршавии вазъияти демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун дар дигар ҷумҳуриҳои Осиёси Марказӣ бо ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ зич алоқаманд мебошад.

Дар шароитҳои депопулятсия ташаккулёбии сиёсати демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Таҳлили сабабҳои зиёд шудани таваллуд, баланд шудани дараҷаи фавтнокӣ дар гурӯҳҳои алоҳидаи синну соли аҳолӣ, хусусан фавти кӯдакон, ҷараёни инкишофи оила, самаранокӣ ( ва самти ҳиҷрат) зарур аст.

Маҷмӯи танзими сиёсати демографӣ бояд, ки бо сиёсати давлат дар бораи тандурустӣ, маориф, беҳтар кардани таъминоти нафақа, таъминоти маишӣ ва сиёсати манзил алоқаманд бошанд.

# ДИН ВА СИЁСАТ

Дуруст дарк намудани асли дину сиёсат имрӯз барои донишҷӯй хеле муҳим аст. Бояд аз ҳарду истифода намуда, ба роҳу равиши муосири ҷомеа мутобиқат пайдо намуд. Дар ин ҷода бештар намояндагони илмҳои ҷомеашиносӣ бояд саҳм дошта бошанд. Онҳо ба ҳама шаклу мазмуни нави таълим нигоҳ накарда, нагузоранд, ки ба тарзи сунъӣ халои илмию идеологиро бегонагон дар ҷомеаи мо пур намоянд. Умуман, таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҳимояи дину дигар манфиатҳои рушди ақлӣ бояд нақшаи дурнамои миллии хешро дошта бошад.

## 1. Дин ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ

Дин яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ буда, дар раванди ҳаёти ҷомеа нақши муҳим мебозад. Ба андешаи мутафаккирон ва ҷомеашиносони олам дин як падидаи отифӣ ва эҳсоси дарунист, ки заминаи пайдоиши он то ҷое оҷиз будани дарки инсон нисбати ҳаводиси табиат мебошад.

Файласуфи Юнони қадим Демокрит чунин андеша дошт, ки "Асоси ҳама динҳо тарс аст". Дин моҳиятан эътиқодест ба як қувваи фавқултабиӣ, ки дар заминаи он эътиқод, масоили ахлоқӣ ва иҷтимоии инсон тарҳрезӣ мегардад. Чун дин дарбаргирандаи масоили ахлоқӣ ва иҷтимоии инсонӣ мебошад, пас тавассути ин ду унсур вориди саҳнаи сиёсат хоҳад шуд. Зеро ахлоқ ва иҷтимоъ унсурҳои таркибии сиёсат буда, ҳадафи он амалӣ гаштани манфиатҳои инсонӣ мебошад.

Умуман, табиати ҷаҳонбинии динӣ хеле мураккаб буда омӯзиши амиқеро талаб менамояд. То вақтҳои наздик дар адабиёт ва тадқиқотҳои илмӣ динро ҳамчун рамзи торикию ҷаҳолат ва бесаводию бемаърифатӣ қаламдод мекарданд. Ҳол он ки дин- зуҳуроти муайяни ҷамъиятӣ ва як рукни маданияти маънавӣ буда, арзишҳои умумиинсониро дар бар мегирад. Маълум аст, ки мазмуни ғоявӣ ва нақши ҷамъиятии дин бо мурури замон тағйир

ёфта, дар лаҳзаҳои гунгоуни таърих вазифаҳои мухталифро иҷро кардааст. Аз ин рӯ, ба ҷаҳонбинии динӣ ҳамавақт баҳои якхела додан ғайриимкон аст. Чунончӣ, дар замони ҳозира дин барои ҳимояи инсон, ҳуқуқҳои умумибашарӣ, арзишҳои ахлоқӣ, ягонагию якдилии халқҳо заминаи боэътимоде пайдо менамояд. Ҳамзамон, ҷаҳонбинии динӣ метавонад, гояҳои тамоман хилофи ин, яъне таассуб, ҳисси бадбинӣ ва ғайраро ривоҷ диҳад, ки дар таърих чунин воқеаҳо кам нестанд. Хусусан ҳодисаҳои нанговари ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон барои исботи ин фикр далели мӯътамад ба шумор меравад. Гузашта аз ин, ба ҳамагон маълум аст, ки ихтилофи динӣ ва худи диндорон дар ҷараёни воқеоти сиёсӣ чӣ гуна нақш бозиданд ва чӣ таъсире гузоштанд.[35]

Дар дин меъёрҳои ахлоқие низ вуҷуд доранд, ки қисме аз онҳо мусбӣ ва қисми дигаре манфӣ мебошанд. Аз ҷумла адолат ва зулм. Дин таргибгари адолат буда, маҳкумкунандаи зулм мебошад. Маҳз ин ду амал динро воридӣ саҳнаи сиёсат месозад. Динро аз раванди ҳаёт дар канор гузоштан имконнопазир мебошад. Зеро дар он ҷомеае, ки зулму истисмор авҷ мегирад, дин ҳамчун тарғибгари адолати иҷтимоӣ вориди сиёсат мегардад. Аз ин хотир, дар раванди таърих нерӯҳои мухталифи сиёсӣ барои расидан ба ҳадафҳои хеш динро ҳамчун яроқи идеологӣ дар бисёр мавридҳо истифода намудаанд.

Олими диншиносн советӣ Д.М. Угранович қайд менамояд, ки ахлоқ, иҷтимоиёт ва ташкилотҳои динӣ марзи дину давлатро муштарак месозанд. Мақсад ва вазифаи дину давлат ба истиснои эътиқод, ки дар дин вуҷуд дорад, муштарак мебошад. Зеро таъмини ваҳдат, амният, сулҳу субот ва адолати иҷтимоӣ аз мақсад ва вазифаҳои асосии дину давлат мебошад. Ба андешаи яке аз мутафаккирони ҷаҳони ислом Муҳаммад Иқбол " дин ҷон аст ва давлат ҷисм". Пас ин дуро аз ҳам ҷудо сохтан имконнопазир мебошад.

Таъсири мутақобила миёни сиёсат ва дин вуҷуд дорад. Ҷомеашиносонро оид ба масъалаи мазкур ба се гурӯҳ метавон ҷудо намуд:

---

[35] Ниг.: Қурбонов А.Ш.Аз дин то фалсафа. Душанбе.1984.С.5 -6.

1. Гурӯҳе бар чунин андешаанд, ки сиёсат барои идораи умури зиндагӣ лозим буда, дин низ ҳамчун падидаи отифӣ ва эҳсоси дарунӣ, ки тарғибгари ахлоқи ҳамидаи инсонӣ мебошад, наметавон онро сарфи назар намуд. Аз ин рӯ, робитаи сиёсат ва динро бояд нигоҳ дошт.

2. Гурӯҳи дуввум, бар чунин андешаанд, ки дин ва сиёсат марзи муштарак дошта, ҳатто ҳукумат бояд дар хизмати дин бошад. Ин назарияи идеологҳои исломӣ мебошад.

3. Гурӯҳи сеюм, чунин андеша доранд, ки дин зараровар буда, онро бояд аз сиёсат дар канор гузошт.

Дар раванди таърих дин дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа нақши барҷаста бозидааст.

Дини Зардуштӣ, ки асоси таълимоти фалсафии онро дуализм, яъне ду мабдаъ, яке Худои некию равшаной-Аҳурамаздо ва дигаре Худои бадию торикӣ-Аҳриман ташкил медиҳад, тавонист дар ташаккул ва инкишоф додани тафаккури сиёсии мардуми форсу тоҷик нақши муҳим бозад. Принсипҳои асосии Зардуштия дар ахлоқ пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек мебошад.

Яке аз ҳадафҳои асосии ин таълимот ғалаба кардани некӣ бар бадӣ ва адолат бар зулм мебошад. Чун таълимоти мазкур, ки тарғибгари адолат ва некӣ буду бадӣ ва зулмро маҳкум менамуд, мардумро даъват менамуд, ки бар муқобили зулми золимони замон мубориза баранд ва ин боиси фаъол гардидани мардум дар раванди ҳаёти сиёсӣ мегардид. Зардуштия тавонист, бо ин таълимоти худ дар ташаккул ва инкишофи тафаккури сиёсии мардуми форсу тоҷик мусоидат намояд.

Қабл аз зуҳури Исои Масеҳ дар Яҳудия назарияи "Зуҳури Мессия" вуҷуд дошт. Аз он хотире, ки қавмҳои яҳуд ҳамеша дар зери зулму истисмори румиҳо ва юнониҳо қарор доштанд, аз ин лиҳоз орзуи истиқлолияти сиёсиро дар қалби худ мепарвариданд. Яъне, мутобиқи назарияи мазкур гӯё, ки шахсе дар қавми яҳуд зуҳур мекунад ва барои онҳо истиқлолияти сиёсӣ мебахшад. Ҳукуматдорон дар симои Исои Масеҳ шахси сиёсӣ ва инқилобиро медиданд ва аз ин хотир Исои Масеҳ аз замони тавлид то замони марг ҳамеша дар зери таъқибу фишороварӣ қарор дошт.

Дини насронияро дар ибтидо табақаи болоии ҷомеа напазируфтанд ва онро дини ғуломон ва камбағалон меномиданд. Зеро таълимоти насрония таскиндиҳандаи қалби мазлумон буда, вориди Малакути Осмон гаштани сарватмандонро душвор медонист. Аз ин хотир дар ибтидо табақаи болоии ҷомеа дар нисбати насрония таваҷҷӯҳ надоштанд. Дар Инҷил омадааст:

"Ва боз ба Шумо мегӯям: аз сӯрохии сӯзаҷ гузаштани уштур осонтар аст, аз он ки сарватдор ба Малакути Худо дохил шавад". Матто:19:24.

## 1. Имондор ва ҳукуматдор дар сиёсат

Масъалаи эътиқоду боварӣ ва ҳукуматдорӣ дар сиёсат яке аз проблемаҳои муҳиме мебошад, ки дар сарчашмаҳои илмию динӣ бо шаклу мазмуни мухталиф пешниҳод гардидаанд. Масалан : муносибати Исои Масеҳ дар нисбати ҳукуматдорон чунин буд:

1. Ҳар шахс бояд ба ҳокимиятҳои боло итоат кунад: зеро ҳеҷ ҳокимияте нест, ки аз Худо набошад ва ҳокимиятҳои мавҷуда аз ҷониби Худо барқарор шудаанд.
2. Бинобар ин ҳар кӣ ба ҳокимият муқобилият кунад, бар зидди амри Худо исёнкарда маҳсуб ёфта, исёнгарон гирифтори маҳкумият хоҳанд шуд.
3. Зеро ки ҳокимон на барои некӯкорон, балки барои бадкорон хавфноканд. Оё мехоҳӣ аз ҳокимият тарсе надошта бошӣ, корҳои нек кун ва сазовори таърифи вай хоҳӣ шуд.

Дар ибтидо таълимоти насронияро табақаи болоии ҷомеа напазируфтанд, валѐ тадриҷан сафи пайравони он рӯ ба афзоиш меорад. Ин амал боиси ба таҳлука афтодани табақаи болоии ҷомеа ва элитаи сиёсии ҳукмрон мегардад. Аз он хотире, ки дар ҷомеа бӯҳрони иҷтимоӣ ҳукумрон буд, давлат аз он хавф мебарад, ки табақаи поини ҷомеа, ки аз камбағалону ғуломон иборат буд, дар ҳар лаҳза метавонанд даст ба инқилоб зананд.

Император Константин аз ин хавф бурда ба хулосае меояд, ки аз рақобат кардани давлат бо дин, иттифоқ

бастани давлат бо дин ва истифода намудани идеологияи динӣ баҳри амалӣ гаштани ҳадафҳои иҷтимоию сиёсии давлат беҳтар аст. Бо роҳбарии император Константин соли 325 дар Никей анҷуман даъват гардида дар он муносибати давлат бо дин муайян карда мешавад ва дини насрония ба дини давлатӣ табдил меёбад.

Тадриҷан дини насронӣ ба дини ҳукмрон табдил ёфта, диктатураи дин дар Аврупо ба вуҷуд меояд. Дар асри XIII дар насрония суди калисоӣ бо номи инкивизитсия (калимаи лотинӣ, маънояш таҳқиқ намудан) ба вуҷуд меояд.

Суди калисоӣ шахсонеро, ки андешаҳои равшани сиёсӣ ва илмӣ доштанд, мулҳид эълон намудаву ҷазо дода, ба қатл мерасонид. Ин таъқибу фишороварии падарони масеҳи боиси бедор гаштани нафрати оммаи мардум мегардад ва бо мурури замон диктатураи дин дар Аврупо таназзул пазируфта ин тарзи муносибати падарони масеҳӣ заминаи пайдоиши материализм мегардад. Дар ин марҳилаи таърихӣ бӯҳрони идеологӣ Аврупоро дар худ фаро мегирад.

Дини насронӣ феълан дар таргибу ташвиқи идеологияи худ аз воситаҳои гуногун аз ҷумла мактабҳо, донишгоҳҳо, муассисаҳои тандурустӣ, матбуот, радио ва телевизион моҳирона истифода намуда ба элитаи сиёсии ҳукмрон ва ташкилотҳои оммавӣ такя намуда, дар раванди ҳаёти сиёсии ҷомеаи Аврупо нақши фаъол мебозад.

Ислом дар баробари буддоия ва масеҳият сеюмин дини ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Аз рӯи шумораи пайравони динӣ баъд аз масеҳият дар ҷои дуюм қарор дорад. Таълимоти идеологии ислом дар тафаккури садҳо миллион сокинони Осиё ва Африқо таъсир мерасонад. Дар кишварҳои ғайриисломии дунё даҳҳо масоҷид ва садҳо марказҳои омӯзиши исломӣ амал мекунад. Ислом ин ҷаҳонбинии динӣ буда, идеологияи он дар раванди ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа нақши бузурги ахлоқӣ дорад.

Ислом нисбат ба буддоия ва масеҳият дар раванди ҳаёти сиёсӣ нақши бузургтар бозидааст. Зеро ислом аз

ибтидо бо сиёсат омезиш ёфта, як қатор ҳукуматҳои исломӣ, ки хилофат, аз ҷумла хилофати хулафои рошиддин, хилофати уммавиён, хилофати аббосиён, хилофати фотимиён ва охирин империяи исломӣ бо номи хилофати усмонӣ, дар таърих нақши сиёсӣ бозидааст. То ба имрӯз ислом дар кишварҳои исломӣ ҳамчун идеологияи расмии давлатӣ амал менамояд.

Ислом дар он марҳилаи таърихие дар нимҷазираи Арабистони Саудӣ зуҳур намуд, ки саропои нимҷазираи арабро парокандагии сиёсӣ дар худ фаро мегирифт. Бисёрхудоӣ яке аз омилҳои асосии парокандагӣ гардида, амният ва сулҳу суботро халалдор месохт. Муҳаммад (с) пайғамбар дар баробари он ки асосгузори дини мубини ислом буд, ӯ давлати ҷадиди арабиро ба вуҷуд оварда, таввасути таълимоти яктопарастии худ тавонист, қавму қабоили арабро муттаҳид созад.

Муҳаммад (с) дин ва сиёсатро бо ҳам омезиш дода, сарварии ҳокимияти динӣ ва дунявиро бар ӯҳда дошт. Аз он хотире, ки ислом аз ибтидо бо сиёсат омезиш дошт, то ба имрӯз нақши идеологии он дар раванди ҳаёти сиёсии ҷомеа хеле барҷаста мебошад.[36]

Метавон якчанд оётеро аз Қуръон ва аҳодиси набавӣ зикр намуд, ки хосияти сиёсӣ доранд:

"Эй ононе, ки имон овардаед, фармон баред Худо ва расулро ва соҳибони амр аз худатонро", Қуръон; 4;59.

"Онон ки фармонравоияшон диҳем дар замин ба пой доранд намозро ва бидиҳанд закотро ва фармон меронанд ба ҳубӣ ва боз медоранд аз бадӣ ва барои худост фарҷоми корҳо" Қуръон, 22:41.

"Ҳоким ва маҳкум, соҳиби амр ва маъшур дар назди қонуни асосӣ як ҳастанд, ҳокимон ҳеҷ бартарӣ надоранд" (Ҳадис).

"Беҳтарин эмом ва роҳбари Шумо касоне ҳастанд, ки Шумо ононро дӯст дошта ва онон Шуморо дӯст дошта бошанд ва Шумо дар ҳақи онон дуои хайре кунед ва онон дар ҳақи Шумо дуои хайр мекунанд. Бадтарин роҳбар

---

[36] Ниг.Виктор Сычев "США и мусальманский мир", -Душанбе, "Ирфон", 1989 с.24.

касест, ки Шумо ононро нахоста бошед ва онон Шуморо нахоста бошанд ва Шумо бар онон нафрин кунед ва онон ба Шумо нафрин мекунанд". (Ҳадис)

"Эй гурӯҳи мӯминон дароед ба сулҳ ҳамагӣ ва пайравӣ накунед гомҳои шайтонро, ки ӯ барои Шумо душмани ошкорост". Қуръон; 2:208.

"Ва ононе, ки пазируфтанд даъвати парвардигори худро ва ба ҷой доштанд намозро ва корашон ба машварат дар миёни худашон бошад ва аз он чӣ рӯзиашон додем бубахшанд". Қуръон; 42:38.

"Агар доварӣ мекунед, дар миёни мардум доварӣ кунед, ба адл". Қуръон. 4:59.

"Худованд амр мекунад, ба адолат ва некӣ ва бахшиш ба хешовандон ва наҳй мекунад аз фуҳҳашо ва амали ношоиста ва зулму ситам ва андарз медиҳад, шуморо шояд ёдовар шавед". Қуръон; 16:90.

"Навид додааст худованд ононеро, ки имон оварданд ва кирдори шоиста карданд".Қуръон; 5:9.

"Маҷбур кардан дар дин ҷоиз нест". Қуръон; 2:256.

"Пас шахсе, ки бихоҳад имон оварад ва шахсе, ки нахоҳад кофар шавад". Қуръон: 18:29.

"Ва чанг бизанед ба ресмони худованд ва пароканда машавед ва ёд оваред неъмати Худоро бар шумо ҳангоме, ки душмани якдигар будед, пас дӯстӣ афканд миёни дилҳои шумо то ба неъмати ӯ бародарон шавед". Қуръон; 3:103.

"Ва набошед монанди ононе, ки пароканда шуданд ва ихтилоф карданд пас аз он ки омад бар эшон нишонаҳои равшан". Қуръон; 3:105.

Яке аз масъалаҳои пурихтилоф дар таърихи ислом, ки ҷудоиро дар миёни мусулмонон ба вуҷуд овард, ин таъин намудани халифа ва ё худ сарвари сиёсӣ буд. Ҳанӯз Муҳаммад (с) дар замони бемории худ аз саҳобагоне, ки дар назди ӯ ҳузур доштанд, талаб мекунад, ки қоғаз ва қалам биёваред, то ман бинависам, ки баъд аз ман сарвари Шумо кист, то пароканда нашавед. Ин хоҳиши пайёмбарро саҳобагон иҷро нанамуданд ва Умар ибни Хаттоб гуфт: "Пайёмбар бемор аст ва барои мо Қуръон, яъне каломи Худованд баҳри ҳалли ин масъала кофӣ мебошад". Баъд

аз вафоти ӯ мусулмонон ба ду гурӯҳ ҷудо гардиданд. Яке чунин андешаро пеш мегузошт, ки эмомот дар миёни уммат аст ва дигаре чунин талаб менамуд, ки эмомот бояд аз аҳли байти пайёмбар бошад ва онҳо Алӣ - писарамак ва домоди пайёмбарро пешбарӣ мекарданд. Ин ихтилофот, ки моҳиятан хосияти сиёсӣ дошт, ҷудоиро дар миёни мусулмонон ба вуҷуд овард. Дар ибтидо ин ҷудой хосияти идеологӣ надошт, вале бо мурури замон мусулмонон аз лиҳози идеологӣ мусаллаҳ гардида, ба мазҳаби аҳли суннат ва аҳли ташаюъ ҷудо гардиданд ва дар заминаи ин ду фирқаи исломӣ тибқи маълумотҳо имрӯз тахминан зиёда аз 270 фирқа дар дини мубини ислом амал менамоянд. Ҳанӯз пайёмбари ислом дар замони зиндагии худ дар яке аз аҳодиси худ фармудаанд, ки баъд аз ман уммати ман ба ҳафтоду се фирқа ҷудо хоҳад шуд, зеро яҳудият ба ҳафтоду як, масеҳият ба ҳафтод фирқа ҷудо гаштааст. Ин ҷудоиҳо боиси ба вуҷуд омадани таассуби мазҳабӣ гардида, зиддият ва моҷароҳои мазҳабиро дар ҷаҳони ислом ба миён оварда иттиҳоди исломиро аз миён бурданд.

Пайёмбари ислом тавонистанд, тавассути ин ояти Қуръон, ки "Ҷанг бизанед ба ресмони худованд ва пароканда машавед"[37] амал намуда, қавму қабилаҳои арабро муттаҳид сохтанд ва парокандагии сиёсиро аз миён бурданд, вале мусулмонон баъд аз вафоти ӯ натавонистанд, ки иттиҳоду вахдатро шиори худ қарор бидиҳанд ва аз ҷудой худро дар канор нигоҳ доранд.

Дар масъалаи сарварии сиёсӣ андешаҳои сиёсии донишмандони мазҳабии тасаннун ва ташаюъ аз ҳам фарқ мекунанд. Ба андешаи аҳли тасаннун сарвари сиёсӣ шарт нест, ки шахсияти рӯҳонӣ бошад, шарт он аст, ки мусулмони бо тақво ва одил бошад. Ӯ танҳо ба идоранамоии давлат бояд машғул бошад ва масоили диниро бояд Шӯрои уламо ҳал намояд.

Донишмандони аҳли ташаюъ чунин андеша доранд, ки сарвари давлат бояд шаҳсияти рӯҳонӣ ва маълумоти динӣ дошта бошад, яъне ӯ бояд муҷтаҳид ва инсони комил бошаду роҳбарии дину давлатро бар ӯҳда дошта бошад.

[37] Қуръон: 3:103

Яъне, мардум ҳам дар умури динӣ ва ҳам дар умури дунявӣ рӯ ба ӯ оранд.[38]

Дар ибтидо мансаби хилофат сирф хосияти сиёсӣ дошт, вале баъдан ба ин мансаб хосияти динӣ дода шуд. Худованд дар ояти Қуръон мефармояд: "Ман қарор додам дар замин ҷонишин ва халифаи худро". Худованд дар ин ояти карима халифаи худ инсонро дар назар дорад, зеро ӯ мегӯяд, ки "Инсонро бар сурати раҳмони хеш офаридаам", яъне инсон бузургтарин махлуқи Худо мебошад. Зеро инсон дорои ҷавҳари ақлонӣ буда, соири мавҷудоти олам аз ин гавҳари бузург, ки мабдаи донишу маърифат аст, бебаҳра мебошанд.

Уламои дин ин ояти Қуръонро хосияти сиёсӣ бахшида, сарвари сиёсиро халифа ва ҷонишини Худованд эълон намудаанд.

### 3. Сохтори сиёсии кишварҳои мусалмонӣ

Сохтори сиёсии кишварҳои мусулмониро ҷомеашиносон ба се қисм ҷудо намудаанд:

1. Он кишварҳои мусалмоние, ки идеологияи расмии онҳо дунявӣ буда, қонунҳои гражданӣ, яъне сохтори ҳуқуқию конститутсионӣ амал менамояд. Гарчанде ки идеологияи дунявӣ амал намояд ҳам, вале дар баъзе аз ин кишварҳо, чун Республикаи демократии Яман дар моддаи 47 конститутсия ва моддаи 4 Конститутсияи Ироқ ислом ҳамчун дини давлатӣ дониста шудааст. Ба ин сохтори сиёсӣ аслан он кишварҳои мусулмоние шомил мегарданд, ки дорои режимҳои прогрессивӣ мебошанд.

2. Ба гурӯҳи дуюм он кишварҳое шомил мегарданд, ки аслан дунявӣ мебошанд, ки баъзе қонунҳои динӣ низ дар конститутсияи ин кишварҳо сабт гардидааст, яъне конститутсияи онҳо омехта мебошад, аслан масъалаҳои ахлоқӣ тавассути меъёрҳои шариати исломӣ тарҳрезӣ гардидаанд. Масалан, принсипҳои исломӣ дар сохтори давлат ва сиёсат дар моддаи 3-юми Конститутсияи Сурия,

---

[38] Муҳаммад Масҷиди Ҳалолӣ. "Заминаҳои тафаккури сиёсӣ дар қаламрави ташаюъ ва тасаннун". "Алҳудо" 1369. с.136.

Алжир, моддаи 3-юми Конститутсияи Тунис, Судон ва моддаи 15 Конститутсияи Миср таҷассум ёфтаанд. Баъд аз вафоти Носир мувофиқи Конститутсияи кишварҳои мазкур ба органҳои интихоботӣ пешбарӣ кардани шахсони ҳизбие, ки ҳизби онҳо исломро ҳамчун сарчашмаи қонунҳо намедонад, манъ аст. Дар Малайзия ва Марокко дар сохтори давлатӣ Шӯрои уламои исломӣ амал мекунад, ки масоили ахлоқиро мутобиқ ба таълимоти ислом месозанд.

3. Ба гурӯҳи сеюм он кишварҳои мусулмоние шомил мегарданд, ки ислом расман идеологияи давлатӣ қабул шудааст. Тамоми қонунҳои давлатӣ дар асоси шариат тарҳрезӣ гардидаанд (Арабистони Саудӣ, Аморати Араб, Ливия, Лубнон, Покистон, Республикаи арабии Яман, Эрон)[39].

Мувофиқи пешниҳодоти Созмони конфронси исломӣ давлати исломӣ бояд дорои принсипҳои зерин бошад:

1. Инсоният як оила мебошад ва ҳамаи инсонҳо дар назди худованд баробар мебошанд. Бояд таассуби нажодиву миллӣ ва динию мазҳабӣ вуҷуд надошта бошад.

2. Давлат бояд манфиатҳои ҳамагонро баробар ҳимоя намояд. Барои давлат ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандон дар ҷои аввал гузошта шавад.

Идеологҳои исломӣ чунин пешниҳод менамоянд, ки бояд давлати конфедеративии исломӣ таъсис дода шавад. Дар давлати конфедеративӣ ҳар як давлати мусулмонӣ истиқлолияти миллию сиёсии худро нигоҳ дошта, соҳиби сарвари сиёсӣ мебошад. Ҳамчунин сарҳад ва урфу одатҳои миллии худро нигоҳ медоранд. Дар давлати конфедеративӣ сарвари ягона, идеологияи ягона ва сарҳади ягона бояд амал намояд. Ҳар як аъзои конфедератсия дар сиёсати дохилии худ мустақил мебошад.

Яке аз муаррихон ва сиёсатмадорони ироқӣ Абдураҳмон ал Базаз навиштааст, ки "Тафовут миёни ислом ва масеҳият оид ба нақши сиёсӣ бозидани онҳо дорои омилҳои объективӣ мебошад. Зеро асосгузори дини насрония Исои Масеҳ яҳудӣ буд ва яҳудият соҳиби давлати мустақил набуданд ва дар тобеъияти империяи Рим қарор

[39] Ислам в современной политике стран востока, "Москва", 1986 с.95.

доштанд ва аз ин хотир дини насрония дар ибтидо ба муқовимати шадиди қувваҳои сиёсӣ рӯ ба рӯ гардид ва натавонист, дар ҳаёти сиёсӣ нақши барҷаста бозад"[40].

Олими замони Шӯравӣ Бартолд дар китоби худ "Халиф и султан" қайд мекунад, ки иттифоқ миёни давлат ва дин яке аз масъалаҳои муҳим дар ҷаҳон ислом мебошад. Берунӣ мутафаккири бузурги ҷаҳони ислом чунин меандешад, ки "Иттиҳоди давлат ва дин зинаи баландтарини ташаккулёбии ҷомеаи инсонӣ мебошад, зеро ҷавҳари дин адолат, бародарӣ, баробарӣ, озодӣ ва сулҳу амният мебошад"[41].

Сарвари сиёсӣ дар таълимоти исломӣ интихобӣ мебошад. Абубакр мегӯяд: "Эй бародарон, ман шахси беҳтарин дар миёни Шумо нестам, барои ман кӯмак ва маслиҳати Шумо лозим мебошад. Агар ман фаъолияти хуб намоям, маро ҷонибдорӣ намоед, агар хатогӣ содир намоям, ислоҳ намоед. Мусулмонон бояд ҳамеша ҳақиқатро дар чашми роҳбар гӯянд. Пинҳон намудани камбудиҳои сарвар ин хиёнат аст. Барои ман заиф ва тавоно як мебошад. Ман мехоҳам, ҳам барои инҳо ва ҳам барои онҳо одил бошам. Итоат намоед бар ман ҳамчуноне, ки ман итоат мекунам ба худованд ва пайёмбар. Агар ман вайрон кунам қонуни Худо ва расули ӯро, пас ман ҳуқуқи роҳбарӣ кардан надорам".

"Рӯҳи ислом мутобиқ ба ҳокимияти сиёсии дунявӣ мебошад. Зеро дар давлат ҳар як шахс мувофиқи қобилияташ ҳуқуқ дорад дар идоранамоӣ ширкат варзаду адолат ва озодӣ бояд ҳукмфармо бошад"[42].

Дар солҳои 70-80-уми қарни XX-ум дар ҷаҳони ислом таҳаввулоти бузург ба вуҷуд омад. Дар ин марҳилаи таърихӣ як қатор ташкилотҳои байналмилалии исломӣ ба вуҷуд омаданд, ки ҳадафи асосии онҳо паҳн намудани таълимоти исломӣ дар тамоми сайёра ва ба вуҷуд овардани иттиҳоди исломӣ мебошад. Аз ҷумла, яке аз ташкилотҳои бонуфузи байналмилалии исломӣ Созмони конфронси исломӣ мебошад, ки он соли 1969 дар шаҳри

---

[40] Виктор Сычев США и мусульманский мир. Душанбе "Ирфон", 1989 с.25.
[41] Бартольд В.В. Халифат и султан. Соч.6.М., 1966, с.29.
[42] Н.В. Жданов, А.А. Игнатенко. "Ислам на пароге XXI века", М., 1989, с.180

Марокко (Работ) таъсис ёфта, 57 кишвари дунё ва созмони озодибахши Фаластинро дар бар мегирад. Аз ҷумла, Тоҷикистон низ аъзои ин ташкилоти бонуфузи байналмилалӣ буда, ҳадафи асосии ин ташкилот ба вуҷуд овардани робитаҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ байни кишварҳои аъзо мебошад. Ин ташкилот моҳи августи соли 1990 дар Қоҳира Декларатсия оид ба ҳуқуқи инсон дар исломро қабул менамояд, ки он аз 25 модда иборат аст. Дар ин ҳуҷҷати муҳими сиёсӣ тамоми паҳлӯҳои ҳуқуқи инсон тарҳрезӣ гардидаанд.

Ташкилоти дигари байналмилалии исломӣ Лигаи ҷаҳони Ислом мебошад, ки он соли 1962 дар Арабистони Саудӣ таъсис дода шудааст. Шӯрои ин ташкилот намояндагони рӯҳониёни мусулмонони 50 кишвари оламро дар бар мегирад. Ин ташкилоти байналмилалии исломӣ барои мусалмононе, ки дар кишварҳои исломӣ ва ғайриисломӣ зиндагонӣ мекунанд, барои сохтани масоҷид, таълимгоҳҳо кӯмаки молиявӣ расонида, адабиёти исломиро дар тамоми сайёра паҳн менамояд.

Ҳадафи асосии Лигаи ҷаҳони Ислом паҳн намудани таълимоти ислом дар тамоми сайёра мебошад.

Ташкилоти дигари байналмилалии исломӣ Конгресси ҷаҳони Ислом мебошад. Ин ташкилоти байналмилалии исломӣ дар соли 1926 дар Макка таъсис ёфтааст. Феълан дар 60 кишвари олам шӯъба дошта, қароргоҳи он шаҳри Карочӣ мебошад. Мақсади ин ташкилот истиқлолияти комили иқтисодию сиёсӣ, ба даст овардани кишварҳои мусулмонӣ ва ба вуҷуд овардани иттиҳоди исломӣ мебошад. Дар раванди ҳаёти сиёсии кишварҳои исломӣ нақши ҳизбҳои сиёсӣ, ки хосияти динӣ доранд, хеле барҷаста аст.

Ҳизбҳои исломиро асосан ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1. Ҳизбҳои сиёсие, ки хосияти модернизатсионӣ доранд. Аъзои ин ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди ҳаёти сиёсии кишварҳои мусулмонӣ нақши фаъол мебозанд. Ба ин гурӯҳ чунин ҳизбҳо дохил мешаванд: ҳизби "Истиқлол" дар Марокко, "Лигаи мусулмонон" дар Покистон, "Ҳизби наҷоти миллӣ" дар Туркия.

2. Ҳизбҳои исломие, ки сохтори онҳо бо "Бародарони исломӣ"-и асримиёнагӣ ва ҳизбҳои муосир омехта карда шудааст. Ин гуна аҳзоби сиёсӣ дар ҷануби Осиё ва ҳизби "Ихвонулмуслимин" дар кишварҳои арабӣ амал менамояд.

3. Ҳизби уламо, ки ба ин гурӯҳ аҳзоби сиёсӣ дохил мешаванд, "Ҳизби ҷумҳурии исломӣ" дар Эрон, "Ҷамоати уламо" дар Покистон, "Ҷамоати уламо" дар Ҳиндустон ва дар дигар кишварҳои мусулмонӣ ин гуна азҳоби сиёсӣ амал менамоянд[43].

Дар баробари ҳизбҳои расмии исломӣ инчунин ҳизби ғайрирасмӣ бо номи "Ҳизбуттаҳрир" амал менамояд. Ҳадафи ин ҳизб ба вуҷуд овардани хилофати исломӣ ва муқобил гузоштани ҷаҳони Ислом дар нисбати ҷаҳони Ғарб мебошад.

Баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар системаи сиёсии худ рӯ ба модернизатсияи сиёсӣ оварда, аз системаи якҳизбӣ ба системаи бисёрҳизбӣ гузашт. Дар баробари дигар аҳзоби сиёсӣ ҳизби "Наҳзати Ислом" низ ба расмият шинохта шуда, ба фаъолият шурӯъ намуд. Феълан ҳизби мазкур дар раванди ҳаёти сиёсии ҷомеа ширкат варзида, дар баробари дигар аҳзоби сиёсӣ дар системаи сиёсии ҷомеа фаъолият менамояд. Мақсад ва вазифаҳои ҳизби Наҳзати Ислом мувофиқи оинннома чунин аст:

1. Ташаккул додани ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа;

2. Ташаккул ва инкишоф додани принсипҳои демократия;

3. Боло бардоштани маданияти сиёсии шаҳрвандон, махсусан маданияти занон ва ҷавонон;

4. Ташаккул додани арзишҳои исломӣ, миллӣ ва инсонӣ дар ҷомеа;

5. Нигоҳ доштани якпорчагии ҳудуди Тоҷикисон;

6. Таъмини ваҳдати халқҳо ва муносибати бародарона миёни онҳо;

[43] "Ислам в современной политике стран востока". М., 1986, с.75.

7. Нигох доштани истиқлолияти иқтисодию сиёсӣ ва маданиии Тоҷикисон;

8. Амалӣ сохтани ҳадафҳои хеш тавассути ҳокимияти давлатӣ[44].

Дар баробари дигар аҳзоби сиёсӣ расман амал намудани ҳизби "Наҳзати Ислом" дар раванди ҳаёти сиёсии ҷомеа нишонаи амалӣ гаштани принсипҳои демократия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Боло бардоштани маърифати динии ҷомеа беҳтар аз он аст, ки мардум дар ҷаҳолати динӣ фурӯ раванд. Зеро аз ҷаҳолати динии мардум метавонанд, қувваҳои иртиҷоӣ истифода бурда, нерӯҳои террористиро дар ҷомеа парвариш намоянд ва баҳри амалӣ гаштани манофеи идеологию сиёсии худ вазъи ороми ҷомеаро ноором созанд. Дин, ки яке аз шаклҳои ҷаҳонбинӣ аст, онро сарфи назар намудан аз имкон берун мебошад. Аз ин хотир берун овардани мардум аз ҷаҳолату таассуби динӣ ба манфиати давлату ҷомеа мебошад.

Дар воқеъ дини мубини ислом новобаста ба оне, ки шашсад сол пас аз дини насронӣ ташаккул ёфтааст ба қиёс аз дигар динҳои бузурги ҷаҳонӣ дар пояи болотару волотаре қарор дорад. Таълимоти асосии динӣ-ахлоқии паёмбари ислом, Муҳаммад (с), ки ба асосҳои дигар динҳои қадима ва махсусан ба таълимоти насронӣ, ки ҳақиқатро эътироф мекунад намакин гардидааст.

Аз ин рӯ, ҳар ки мехоҳад ба инсоният ва пешрафти он хизмат кунад, бояд асосҳои ҳақиқати куллро дар дини мубини ислом дарк намуда, онро барои сулҳу салоҳ, дӯстиву рафоқат, баробарию бародарӣ ва покиву ҷавонмардӣ амалӣ намояд. Ҳадафи дини ислом пеш аз ҳама, ахлоқи пок, фикру амали саҳеҳ, созиш ва назм байни афрод ва ҷомеа мебошад. Ин аст, ки Муҳаммад(с) бузургтарин инқилоби рӯи заминро падид овардааст. Ӯ ҳамчун шахсияти таърихӣ аз беҳтарин сифатҳои инсонӣ бархурдор буд, ки дигарон аз вай баҳрабардорӣ намуда ба ҳар як сухану амалаш пайравӣ менамуданд. Ҷаноби

[44] А.К. Зайферт, А. Крайкемайзер "О совместимости политического ислама в безопасности в пространстве ОБСЕ". Душанбе 2003. с.52.

Муҳаммад (с) шахси паҳрезкор, фурӯтан ва чунон чеҳраи нотакроре дар сиёсати давру замон буданд, ки то ҳанӯз ҷаззобияти сарварию бузургияшон мардуми дунёро дар ҳайрат гузоштааст. Ин ҷаззобият натанҳо мусалмонони ҷаҳонро мафтун гардонидааст, балки бузургони дину мазҳабҳои дигарро низ ба худ ҷалб намудааст. Масалан, Бернард Шоу менависад: "Ман ҳамеша ба дини Муҳаммад(с) ба воситаи хислати наҷиби зинда буданаш ниҳояти эҳтиромро доштам. Ба назари ман ислом танҳо мазҳабе аст, ки истеъдоди тавофуқ ва тасаллут, тағйири зиндагӣ ва мувоҷеҳа бо асрҳои мухталифро дорад. Ман пешбинӣ мекунам, ки аз ҳоло осори он падидор шудааст, ки имони Муҳаммад(с), мавриди қабули Аврупои фардо хоҳад буд. Ба ақидаи ман, агар марде мисли ӯ роҳбарии ҷаҳони навро ба ӯҳда бигирад дар ҳалли мушкилоти он пирӯз хоҳад гашт ва сулҳу саодатро, ки орзуи башар аст, амалӣ ва таъмин менамояд". Чунин аст рисолат, азамат ва бузургии паёмбари ислом, ки ӯро ҳамчун сиёсатмадори бемисл, пешвои олиқадр ва роҳнамои дӯстиву рафоқат мешиносанд. То ҷое, ки ба мо аз таърихи ҷангҳои доманадори байни қабилаҳои араб маълум аст, аз назари паёмбарамон нисбати ҷангу хунрезӣ ӯ ба безорӣ расида буд. "Ин вазъ фикри Муҳаммад(с)-ро ба оромишу сулҳ моил ва аз ҷангу хунрезӣ безор сохта буд". Чуноне ки маълум аст, эшон дар тамоми зиндагонии хеш дар кори ҷанг дақиқу муқтасид буд ва ҷуз ба ҳангоми зарурат барои дифоъ аз дину ақида бад-он тан намедод.

Муносибате, ки дини Муҳаммад(с) ба мухолифини худ, чӣ дар сулҳу салоҳ ва чӣ дар ҳолати ҷанги бо яҳуд ва насронӣ доштааст аз рӯи нармию бузургворӣ қобили таҳсину офарин буда, ҷанбаҳои исонии он дар назди дигар адёну тамаддунҳо ошкор ва муайян мебошад. Дар дини Муҳаммад (с) ҳамаи мардум бо тамоми ихтилофоте, ки дар баҳрамандӣ аз мазоҳири зиндагӣ доранд дар назди Худованд баробаранд. Касе ба хотири сарвату бойгарӣ ё нажод, ранги пӯст бо дигаре бартарӣ надорад. Бартарӣ ва фазилат танҳо дар покӣ ва паҳрезгорӣ мебошад. Шахси сарвандманд дар дини ислом бояд ҳуқуқу воҷибаи моли

худро ба бечорагону бенавоён бипардозанд. Умуман, ҳифзи дустию аҳди дерин ҳам нишонаи эътиқоду имондорӣ дар Ислом мебошад. Мувофиқи ҳадиси паёмбари ислом ҳазрати Муҳаммад (с) "талабулилм фаризатун ъало кулли муслимин вал муслиматин" - яъне талаби илм фарз аст ба тамоми мусулмонон, бар мардон ва бар занон. Аз ин рӯ, бештари мардумон дар талаби илм руҷӯи хосса дошта, муносибати худро ба илму адаб ба таври мухталиф баён менамоянд. Гузашта аз ин, муҳимтарин арзиши ҳаёти ҷомеаи инсонӣ ин шуури динӣ мебошад, ки нақши он аз дуриҳои таърих то ба имрӯз дар ҷомеа хеле бузург аст. Аз ин рӯ, инкишофи дин аз соддатару аниқ кардан ва озод намудан аз ҳар чизе, ки ӯро пӯшида медошт, аз қадимулайём аз ҷониби нобиғаҳои бузурги асрҳо ба ҷо оварда шудаанд. Масалан, граф Толстой менависад: "Ҳар кӣ мехоҳад ба инсоният ва пешрафти он хизмат кунад, бояд он динеро, ки дар он тавлид шудааст, яклухт инкор накарда, балки баръакс, асосҳои ҳақиқати куллиро, ки дар ислом аст, дарк намояд ва кӯшиш кунад, ки онро пӯшида дошта, пок намояд". Дарвоқеъ, на мисли зумрае аз ҷавононе, ки имрӯз фирефтаи сиёсати пардапӯшонаи дину мазҳабҳои бегона шуда, аз аслу насаби хеш рӯй мегардонанд. Чунин бегонашавӣ ба раванди ташаккулёбии хуввияти динию миллӣ таъсири манфӣ расонида, унсурҳои нави бегонашавиро ба миён меоваранд, ки хатари ҷиддие ба миллат аст.

# МИЛЛАТҲО ВА МУНОСИБАТҲОИ МИЛЛӢ ДАР ҲАЁТИ СИЁСИИ ҶОМЕАИ МУОСИР

Масъала ва муносибатҳои миллӣ дар ҳаёти сиёсии мамлакатҳои гуногунмиллат ҷои махсусро ишғол мекунад. Зеро ягон масъалае нест, ки таркиби миллии аҳолиро ба ҳисоб нагирифта, онро ҳал намудан мумкин бошад. Муносибатҳои миллӣ мафҳуми мураккаби иҷтимоию сиёсӣ буда, шакли махсуси муносибатҳои ҷамъиятиро дарбар мегирад.

Дар системаи муносибатҳои миллӣ ҷиҳатҳои сиёсӣ бисёр муҳим ва ҳалкунанда ба шумор меравад. Ин пеш аз ҳама ба он алоқаманд аст, ки давлат ҳамчун далели асосии ташаккулёбӣ ва инкишофи миллату муносибатҳои дохилии миллатҳо, муносибатҳои иҷтимоию синфӣ дониста мешавад. Аз ин рӯ, сиёсат ҳамчун фаъолият дар соҳаи муносибати байни гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ муаррифӣ мешавад. Аз ин сабаб, ҳамаи ҷанбаҳои муносибати байни халқияту миллатҳо характери сиёсӣ доранд. Аз ин ҷо, мураккабию гуногунпаҳлӯ будани ин масъаларо ба назар гирифта, ҳангоми омӯзиши он диққати асосиро ба масъалаҳои зерин равона менамоем.

## 1. Миллат ва муносибатҳои миллӣ: мафҳум ва мазмуни асосӣ

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки таи солҳои охир дар илмҳои ҷомеашиносӣ мавриди баҳсу талош қарор гирифтааст, масъалаи миллат ва мафҳумҳои ба он вобастаю тобеи: идеяи миллӣ, худшиносии миллӣ, худогоҳии миллӣ, ифтихори миллӣ, мафкураи миллӣ, миллатпарастӣ ва ғ.ҳ. мебошад. Аз ин рӯ, муҳаққиқону олимон, намояндагони илму дини равияҳои мухталифи ҷомеа ба ин масъала таваҷҷӯҳи хоссае пайдо намуда, қоидаву таъриф ва шарҳу баёни зиёде пешниҳод намудаанд. Аммо мсаъалагузории илмӣ ё ин ки вожаҳои илмӣ ва умумии ин фаҳмишҳо бештар зери таъсири методалогияи аврупоию русӣ қарор гирифта, ба мафкура ва забонҳои гуногун мутобиқ гардидаанд.

Новобаста ба ин , фаҳмиши марксистии миллат бо унсурҳои асосии муайянкунандаи он ва фаҳмишҳое мавҷуданд, ки то имрӯз ифодаи онҳо бештар марбут ба ҳукумат, давлат ва сиёсатҳост. Дар забони тоҷикӣ ҳам истилоҳи миллат имрӯз чун як воҳиди иҷтимоӣ истифода бурда мешавад. Ҳоло он ки вожаи "миллат" аз забони арабӣ гирифта шуда, маъноят роҳу равиш мебошад. Худи арабҳо дар айни замон дар маънои калимаи "миллат"-и имрӯзаи мо "қавм " ё "шаъб"-ро истифода мебаранд. Масалан онҳо мегӯянд: "Аш-шаъб-ул-тоҷикӣ", "Аш-шаъб-ул-мисрӣ","Аш-шаъбу-ул-форсӣ" ва г.

Ба ҳар ҳол истифодаи вожаи "миллат" дар забони тоҷикӣ баробарвазни фаҳмишҳои муосири илмии ин вожа буда, баҳси идея ё ин ки андешаи миллиро ба таври пурра фаро гирифта метавонад. Мафҳуми "идея" ба андешаи мо, назар ба мафҳуми "андеша" васеътар буда, тобиши сирф илмию идеологӣ дорад. Аз ин ҷо саволе ба миён меояд, ки идеяи миллӣ чист? Ба ақидаи мо, идеяи миллӣ падидаест, ки андеша ва арзишҳои умумимиллиро фаро гирифта, барои рушду нумӯи ҳаматарафаи ҳаёти ҷомеа ва ноил гардидан ба мақсад ва манфиятҳои миллӣ дар марҳилаҳои гуногуни тараққиёт ба кор бурда мешавад.

Идеяи миллӣ бештар ҷанбаи идеологӣ дошта, барои таъин ва сафарбар намудани гурӯҳи иҷтимоӣ ва амали гардонидани фаъолнокӣ истифода мешавад. Ин аст, ки дар тӯли таърихи башарият халқияту миллатҳо барои ба даст овардани озодӣ, истиқлолият, сулҳу салоҳ, рушду нумӯъ ва ифтихори миллӣ, рӯ ба озодагони миллат оварда, эҳтиёҷмандии хеш ва ҷомеаро ба идеяҳои нав ба нави милли муайян менамуданд. Масалан, дар Юнони кадим мардум тамоми дастовардҳои хешро ба идеяи умумимиллии юнонӣ вобаста намуда, файласуфону сиёсатмадоронро пешво ва такмилдиҳандагони тафаккуру тарзи ҳаёти юнониҳо мешумориданд. Албатта, чунин муносибату эътиқод ба миллату андешамандони миллӣ буд, ки дар Юнони қадим одамон аз кушторҳои бераҳмонаю ғоратгарӣ даст кашида тамоми қуввату ғайрати хешро ба бузургтарин идеяи миллиашон - Бозиҳои

Олимпӣ сарф менамуданд. Дар ин ҷо мо мебинем, ки идеяи миллӣ дар ташаккули аҳлоқ, рафтор, гуфтор ва кирдори юнониҳо мавқеи хоссаеро ишгол намуда ба онҳо нерӯи нав бахшидааст. Маълум аст, ки то замоне, ки юнониҳо ба зери тасарруфи румиҳо дохил набуданд, ҳеҷ як намояндаи миллати дигарро дар Олимпияда ширкат варзидан намегузоштанд. Ба ақидаи онҳо, идеяи Бозиҳои Олимпӣ, ки хоси юнониҳо буд бояд танҳо ба худашон хизмат менамуд. Юнониҳо хуб дарк менамуданд, ки Бозиҳои Олимпӣ барои аз байни бурдани симои душманӣ ва рақобати дохилии байни қабилаю минтақаҳои Юнон нақши бузурге мебозанд. Ҳамзамон, идеяи шахси ҳаматарафа ташакуллёфта низ эҷоди замони Юнони қадим аст. Масалан, дар бораи одамони бетарбияву бемаданият юнониҳо чунин андеша доштанд: " Ӯ на хонда метавонаду на шино кардан". Акнун саволи дигаре ба миён меояд, ки аз чӣ сабаб юнониҳо дар масири таърих бо чунин андешаҳои воломақоми миллии нотакрор, истиқлолият, давлатдорӣ ва қисми зиёди сарзаминашонро аз даст доданд? Ба ин савол посух ва далелҳои зиёде овардан мумкин, аммо як чиз муссалам аст, ки новобаста ба вазъи иқтисодии муназзаму мураттаб ва эҷоди тамаддуни бошукӯҳ қисми зиёди Юнон аз лиҳози моддию маънавӣ, фиску фасод, тӯҳмату буҳтон гирфтори бадбахтиҳои зиёде шуда буд. Бинобар ин азамати Юнон дар ҳам шикаст ва сарнавишти андешаҳои миллию мазҳабӣ ба вайронию шикаст мубтало гардид.

Бояд гуфт, ки идеяи миллӣ вобаста ба давру замон, вақту макон, характери тамоили инкишофу тағйирёбии хешро вусъат бахшида ҳамеша ҳамсафари инсон ва ҷомеа мебошад. Дигаргуниҳои ҷомеа, манфиатҳои бақодорӣ ва манфиатҳои ҳаётан муҳим баъзан водор менамоянд, ки андешаҳои нав ба нав дар раванди ҷаҳонишавӣ мавқеи хосса дошта бошанд. Маълум аст, ки аксари идеяҳои бузурги ҷаҳонӣ маҳсули андешаҳои музофотӣ ва шахсиятҳое мебошанд, ки ба Шарқ таалуқ доранд. Ва бештари андешаҳои умумиинсонӣ дар Шарқ тавлид ёфтаанду дар Ғарб амалӣ гардидаанд, ки сари ин масъала баҳсҳои тӯлоние мавҷуд аст.

Бояд тазаккур дод, ки ду идеяи бузурги замони имрӯза-пешниҳоди сарварони ду кишвари ҳамзабон - Тоҷикистону Эрон низ ба қатори идеяҳои бузурги ҷаҳонӣ шомил гардидаанд.

**Идеяи аввал,** ин "Гуфтугӯи тамаддунҳо" аст, ки бо пешниҳоди Ҷумҳурии исломии Эрон, Созмони Миллали Муттаҳид соли 2001-умро Соли гуфтугӯи тамаддунҳо ва 10-солаи аввали асри 21-ро даҳсолаи байналмиллалии фарҳанги сулҳ ва мубориза бар зидди зулм нисбат ба кӯдакон эълон намуд.

**Идеяи дувум** -пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмонов мебошад, ки соли 1999 аз минбари СММ оид ба мавҷуд будани проблемаи "Оби тоза" садо дод ва бо қарори СММ соли 2003 соли байналмилалии амалиёти "Об барои ҳаётро Ассамблеяи генералии СММ ҷонибдорӣ намуда, резолютсия қабул кард. Зеро проблемаи об ин на танҳо проблемаи масъалаи иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ, балки яке аз аз масъалаҳои муҳими амнияту манфиатҳои ҳаётан муҳими миллӣ ба шумор меравад. Мувофиқи нишондоди мутахассисон аксарияти хайфу хатар ва таҳдидҳои асри 21 ба проблемаҳои об вобастагӣ дорад. Дар баробари ин боз таҳдидҳои ғайранъанавие низ мавҷуданд, ки метавонанд амнияти миллию арзиро бо дигар усулҳои ғайрирасмӣ ба воситаи обҳои ошомидани ва дарёҳои назди сарҳадӣ халалдор намоянд.

Мутаассифона, то ҳол бад шудани вазъи экологӣ ҳамчун анъана ба сифати таҳдид барои амнияти миллӣ таҳлилу тадқиқи пурра наёфтааст. Ҳатто дар баъзе минтақаҳои ҷаҳон, ки нарасидани оби тоза пурра ҳис карда мешавад ин масъала ба доираи саволҳои таҳдид ба амнияти миллӣ дохил карда намешавад. Аз ин рӯ, идеяи "Оби тоза" дар маҷмӯъ ба сифати манфиатҳои ҳаётан муҳим дохил шуда, андешаи бузурги умумимиллӣ мебошад. Дар баробари ин андешаҳои аз нав эҳё намудани саҳифаҳои аз ёд рафтаи таърихи тоҷикон, оштии миллӣ- сулҳофарӣ, роҳкушоӣ ва аз вартаи бӯҳрони иқтисодӣ озод намудани Тоҷикистон низ идея ва андешаҳои бузурги миллие

мебошанд, ки барои пурра амали намудани онҳо худшиносӣ, хуввият ва ҷасорати миллӣ лозим меояд.

Ба замми ин, бояд тазаккур дод, ки мансубияти этникӣ, худогоҳии миллӣ ва рақобатҳои этникӣ сифатҳои фарққунандаи худшиносии инсон ва фаҳмишу асоси таркибии идеяи миллии гардидаанд. Дар баробари ин, тағйиротҳои муносибатҳои иқтисодӣ, мансубияту ҳамбастагии миллӣ ва худогоҳии миллӣ ба қувваи дучанд тағйиру инкишоф ёфта, ба арзишҳое, ки омили рушду нумӯи давлату миллат шуда метавонанд, таъсири баръало гузошт.

Ин аст, ки баъди ба даст овардани истиқлолият дар сиёсати давлатдории ин ё он кишварҳои муштаракулманофеъ масъалаҳои муҳими дохилие пайдо гардидаанд, ки барои ҳаллу фасли онҳо на танҳо давраи муайян, балки идея, шинохти миллӣ ва ватанхоҳию ватандӯстӣ ба миён омад. Масъалаи миллати таҳҷоӣ (титулдор) ва муносибату мавқеи он ба дигар миллату халқиятҳо бошад, дар сиёсати миллии ин кишварҳо хусусан оид ба масъалаҳои демографӣ, забон, хотираи таърихии миллӣ, сарҳади миллӣ ва бисёр масъалаҳои диғар боз ҳам фаъол гардид. Андешамандону сарварони сиёсие, ки аз таъриху маданият ва рисолатҳои миллии хеш бохабар буданд бо ҳар роҳ халоии "интернатсионализми дуругин"ва идеологияи бегонашавиро бо фароҳам овардани заминаҳои устувори иқтисодӣ ва андешаҳои мазмунан миллӣ ғанӣ гардонида, мавқеи миллати худро муайян намуданд. Масалан, дар Туркманистон бисёр арзишҳою суннатҳои миллӣ мисли забон ва сару либоси миллӣ аз нав эҳё гашта шаклу мазмуни миллиро ба бар намуданд. Ҳамин тавр, ҳар як кишвари соҳибистиқлол рӯ ба идея ва ғояи нави миллӣ намуда, роҳҳои нави ҳамкорӣ ва ҳамбастагиро барои тағйиротҳои куллӣ дар иқтисодиёт ва тарзи ҳаёт дарёфтанист.

Аммо дар партави масъалаҳои номбурда яке аз проблемаҳои ҷиддие, ки арзишҳои миллату халқиятҳоро муаррифӣ менамояд мавриди тадқиқоти ҷомеашиносон қарор наёфтааст. Ин арзиш варзиш аст, ки ба назари

ҷомеашиносони муосир шояд як омили оддие бошад, ки ба давлату миллат начандон ошноии сиёсие дошта бошад. Вале таърих гувоҳ аст, ки сиёсатмадорону файласуфони қадим аввалин такмилдиҳандагону эҷодгарони варзиш ва тафаккуру тарзи ҳаёти солим буда, барои ташаккули шахсӣ ҳаматарафа инкишофёфта, варзишро василаи асосии тарбияи ҷисму рӯҳ пешниҳод намуда,пешравии давлату миллатро бе варзиш тасавур карда наметавонистанд. Варзиш ҳамчун идеяи миллӣ миллату халқият, давлату кишварҳоро ба ҳам муттаҳид намуда, дар тӯли таърих садди роҳи бартараф намудани ҷангу низоъҳои дохилию берунии бисёр мамлакатҳои ҷаҳон гардидааст.

Бубинед, ки худи Афлотун, Арасту, Сукрот ва Демокрит худ варзишгарони номие буданд, ки баъзеашон дар Бозиҳои Олимпӣ ширакт варзида ҷойҳои намоёнро ишғол намудаанд.Онҳо варзишро ҳамчун шавқу завқ ва иштиёқи миллие, ки ҷомеаро дар атрофи идеяи ягона муттаҳид карда ба паҳлавонию қаҳрамонӣ ҳидоят менамояд, муаррифӣ менамоянд. Ҳамзамон, ин файласуфону донишмандон сурату сират, зебогии ҷисму рӯҳи инсон, рафтору гуфтор, одобу ахлоқро ба варзиш муносибат дода, иродаи варзиширо асоси рушду инкишофи инсони комил ва давлатдорӣ мешуморанд. Тадқиқотҳои солҳои охир муайян менамоянд, ки яке аз самтҳои истифодабарии варзиши олимпӣ бо мақсадҳои сиёсӣ, яъне ҳаматарафа истифода бурдани варзиш дар маҷмӯъ ва Бозиҳои Олимпӣ дар ягонагӣ барои баланд бардоштани нуфузи кишвару миллатҳои гуногун дар арсаи байналмиллалӣ мебошад. Бинобар ин, аҳамияти сиёсии музаффариятҳои олимпӣ дар 15-20 соли охир дар тафаккури ҷамъиятии бисёр мардуми мамлакатҳои ҷаҳон тасдиқ ёфтааст. Ин аст, ки ба даст овардани муваффақияту ғалаба дар варзишҳои Олимпӣ бештар ба сифати яке аз омилҳои асосии обрӯю эътибори миллӣ ба шумор меравад. Масалан, имрӯз идеали миллии ҳар як Доғистонии Кафкоз ин гуштини тарзи озод аст. Онҳо роҳи ягонаи худмуаррифии миллиро танхо дар ҳамин намуди варзиш дида, тамоми имкониятҳояшонро барои ба даст овардан

ва амалӣ намудани ин идеали миллӣ истифода менамоянд. Ё ин ки сиёсати имрӯзаи варзиши Эронро таҳлил намуда, кас ба хулосае меояд, ки ин кишвар тамоми имкониятҳои дохилиашро барои ба даст овардани музаффариятҳои варзишӣ истифода менамояд. Ин аст, ки онҳо ин идеяи миллиро барои шинохту тарғиботи миллию мазҳабӣ бо тамоми паҳлӯҳои сиёсӣ мавриди истифода қарор медиҳанд.

Яъне, ин кишвар варзишро дар қатори дигар арзишҳои суннатӣ хеле мақоми воло дода, ба он ҳамчун идеяи миллӣ муносибат зоҳир менамояд.

Ҳамин тавр, раванди сиёсикунонии Бозиҳои Олимпӣ низ дар солҳои наздик натанҳо кам намегардад, балки он доираи калони шумораи мамлакатҳоеро, ки музаффариятҳои Олимпиро дар вобастагӣ бо инкишофи худшиносии миллӣ ва баланд гардидани нуфузи мамлакатҳо дар арсаи байналмиллалӣ мебинанд, дарбар мегирад.

Чуноне ки ҷамъбасти Бозиҳои XXVIII Олимпиадаи 2004-ум нишон медиҳад, аксарияти кишварҳои ширкаткунанда ба ҷоизаҳои Олимпӣ сарфароз нагардидаанд. Аз 202 кишваре, ки дар Олимпиада ширкат варзидаанд, 127 кишвар ягон намуд медалро соҳиб нагардиданд ва 145 мамлакати дигар ба ягон медали тилло мушарраф нагардиданд. Чунин муносибат ва номуваффақияти ба он оварда расонид, ки бисёр кишварҳо муносибату сиёсати варзишии хешро тағйир дода, бештар ба дигар намудҳои Бозиҳои минтақавӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуданд.

Ширкат варзидан дар чунин мусобиқаҳои дуввумин дараҷа назар бо Бозиҳои Олимпӣ ба давлатҳои тараққиёти варзишашон паст имконият медиҳад, ки дастовардҳои варзишгарони худро то андозае намоиш дода тавонанд. Аз ин рӯ, мавқеи умумии иҷтимоию иқтисодии имрӯзаи ҷомеа ва системаи арзишҳои он, ки ба онҳо намоиши дастовардҳо ва пешравию музаффариятҳои варзиши дар бисёр ҳолатҳо аҳамияти бозиҳои континенталӣ ва минтақавиро муайян менамояд, хеле гуногун мебошад. Аз ин ҷо саволе ба миён меояд. Барои чӣ Ҳукуматҳои

мамлакатҳои гуногун кӯшиш менамоянд, ки барои гузаронидани мусобиқаҳои байналмилалӣ ҳуқуқ пайдо намоянд? Албатта ҷавоб ин аст, ки чунин кишварҳо пеш аз ҳама бо мақсади ташвиқоти дастовардҳои иқтисодии мамлакаташон ва ба даст овардани шинохти сиёсие, ки ба дигар воситаҳо комёб намегарданд.

Дар айни замон, шумораи мамлакатҳое, ки барои гузаронидани Бозиҳои минтақавӣ кӯшиш менамоянд, аз шумораи кишварҳое, ки метавонанд Бозиҳои Олимпиро гузаронанд хеле зиёд мебошанд. Масалан, барои гузаронидани Бозиҳои XXX Олимпӣ 5 шаҳри бузургтарини дунё бо инфрастурктураи васеи варзишӣ кӯшиш менамуданд (Париж, Лондон, Москва. Ню-Йорк ва Мадрид). Лекин барои гузаронидани Бозиҳои континенталию минтақавӣ қариб, ки дар ҳама қитъаҳои олам кишварҳои зиёде кӯшиш менамоянд. Аз ин бармеояд, ки варзиш ҳамчун идеяи миллӣ барои рушду нумӯъи ин кишварҳо ва ҳамбастагии дохилӣ омили бузурге шуда метавонад.

Масалан, Бозиҳои XV Осиёгӣ, ки соли 2006 дар шаҳри Доха (Қатар) баргузор гардид, аз ҷумлаи чунин Бозиҳои минтақавӣ мебошад.Ин кишвар албатта натанҳо ба гузаронидани Бозиҳои Олимпӣ қудрат надорад, балки ҳатто рақобате ба кишварҳои калони варзишӣ карда наметавонад. Ҳамин тавр, чунин мамлакатҳо, ки нуфузи мӯътадил дар арсаи байналмилалӣ надоранд, метавонанд ба воситаи ширкат варзидан дар Бозиҳои континенталию минтақавӣ муносибатҳои дипломатӣ ва нуфузи хешро баланд бардоранд. Ташкилкунандаи Бозиҳо ба ин восита нуфузи байналмиллалии хешро баланд бардошта, масъалаҳои сиёсии дохили худро ҳаллу фасл карда метавонад. Масалан, барои Испания Бозиҳои Баҳримиёназаминӣ соли 1955 хеле роли калон бозид. Яъне, ин Бозиҳо имконияти калоне буданд, ки ин мамлакатро аз бумбасти сиёсӣ раҳо доданд. Умуман, гузаронидани Бозиҳои минтақавӣ метавонанд, нигоҳи мардумро ба варзиш ва кишвари ташкилотчӣ ба таври мусбӣ тағйир диҳанд. Ё ин ки Бозиҳои V Осиёи марказие, ки дар соли

2003 дар шаҳри Душанбе баргузор гардидаанд, онҳо низ як такони ҷиддие ба тафаккури мардуми кишварҳои ҳамсоя ва варзиши кишвар дод, ки ин ҳам маҳсули Бозиҳои минтақавӣ мебошанд. Гузаронидани Бозиҳои V Осиёи Марказӣ ва дастгирӣ он ин нақшаи дурнамои сиёсии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон буд,ки боварии намояндагони дигар кишварҳоро ба мӯътадили авзои сиёсии Тоҷикистон ва сулҳу салоҳ боз дучанд намуд.

Имрӯз дар сатҳи байналмилалӣ низ баъзе тағйиротҳои сиёсӣ-варзишие пайдо шуда истодааст, ки давлатҳои абарқудрат тамоми имкониятҳояшонро на барои варзиши чолокию зебой, қахрамонию паҳлавонӣ, балки барои нишон додани қуввату қудрат ва болодастӣ ба дигар кишварҳо равона месозанд.

Музаффарият ва фахри миллие, ки аз дастовардҳои варзишӣ дар мусобиқаҳои калони байналмилалӣ ба даст меоянд, метавон гуфт, ки ин дастовардҳо василаи муттаҳидкунандаи миллат ва ташаккули тасаввурот ё маълумоти муайяни сиёсӣ мебошад. Масалан, барои Тоҷикистон ҳамчун давлати рӯ ба тараққие, ки арзишҳои суннатӣ ва фарқиятҳои таърихии миллии хешро, мехоҳад муаррифӣ намояд, натиҷаҳои варзиши миллӣ натанҳо аҳамияти давлатӣ, балки маънои сиёсӣ низ дорад. Ба ақидаи мо Бозиҳои минтақавию континенталӣ аз назари сиёсию иҷтимоӣ аз Бозиҳои Олимпӣ болотар меистанд. Натиҷаҳои ба дастовардаи варзишгарон дар ин Бозиҳо воситаи ҳамбастагии миллӣ ва ташаккули диди нави сиёсиро нисбати минтақаю миллатҳои гуногун ба миён меорад. Варзиш ҳамчун идеяи миллӣ василаи наздиктарин барои муттаҳид намудани давлату миллат, тарзи ҳаёти солим бояд мавриди таҳлилу тадқиқоти ҷомеашиносон қарор ёбад.

## 2. Моҳият ва равандҳои асосии инкишофи муносибатҳои миллӣ дар замони ҳозира

Инсон аз ҷиҳати биологӣ мафҳуми ягонаи томро ифода намуда, аз рӯи қонунҳои иҷтимоӣ амал карда, ба

гурӯҳҳои гуногун ҷудо мешавад. Яке аз нишонаҳои хоси ин гуногуншаклиро этнос ва гурӯҳҳои этникӣ ташкил медиҳанд.

Этнос (аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маънояш - қабила, халқ)- маҷмӯи таърихии одамоне, ки муҳити географии махсусро ишғол карда, дорои хусусиятҳои умумӣ, маданият, забон, тарзи тафаккур, инчунин фаҳмиши ягонагӣ ва фарқияти хеш мебошад. Дар зери мафҳуми гурӯҳҳои этникӣ имрӯз гуногуншаклии халқҳои ҷаҳон, яъне қабилаҳо, халқиятҳо, миллатҳо ва гурӯҳҳои этникӣ фаҳмида мешавад.

Муносибатҳои миллӣ пеш аз ҳама муносибати байни одамонеро, ки ба халқиятҳои гуногун тааллуқ доранд, ифода менамоянд. Аз ин рӯ, дар вақти дида баромадани муносибатҳои миллӣ пеш аз ҳама моҳияти масъалаи миллиро кушодан лозим меоянд.

Масъалаи миллӣ ин пеш аз ҳама масъалаи муносибатҳои нобаробарҳуқуқии миллатҳо, тақсимоти миллатҳо ба имтиёздору камҳуқуқ ва бузургдавлатию ҷабрдидагон мебошад. Он дар нобаробарии дараҷаи тараққиёти иқтисодию мадании миллатҳои гуногун, қафомондагии миллатҳои камнуфуз аз миллатҳои соҳибимтиёзу абарқудрат зоҳир мешавад. Ҳамин тавр, муҳити зиддиятҳои миллӣ, зиддият ва бадбинӣ аз рӯи мансубияти миллӣ, ки дар натиҷаи таъсири ду омили аввал - нобаробарҳуқуқӣ ё ин ки режими имтиёзҳои миллӣ ва маҳдудкунии ҳуқуқ ба вуҷуд меоянд. Инчунин ин масъала нобаробарҳуқуқии миллатҳо ва дастрас намудани арзишҳои иқтисодӣ ва маданиро метезонад.

Масъалаи миллӣ доимо мазмуни конкретӣ-таърихӣ дошта, маҷмӯи проблемаҳои миллиро дар ин ё он зинаи тараққиёти давлат дар бар мегирад. Инчунин ҳангоми ҳалли яке аз онҳо масъалаи дигари душвортару мураккаб ба миён меояд, ки ба дараҷаи баландтари тараққиёти худи миллатҳо алоқаманд аст. Аз ҳамин сабаб ҳалли пурраи масъалаи миллӣ дар тамоми ҷабҳаҳо бо истифодаи ченакҳои ягонаи иҷтимоӣ номумкин аст. Барои ҳалли ин масъала ягон намуд дастурамале, ки онро дар тамоми

зинаҳои рушду инкишофи давлат ва тамоми минтақаҳои баробар истифода бурдан мумкин бошад, мавҷуд нест. Ҳар як марҳилаи нав дар тараққиёти ҷамъият дар соҳаи муносибатҳои миллӣ проблемаҳои навро ба миён мегузорад. Бешубҳа, то замоне, ки миллатҳо вуҷуд доранд, ҷой доштани чунин масъала ногузир аст.

Ҳамин тариқ, масъалаи миллӣ - ин маҷмӯи проблемаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ғоявию фарҳангӣ буда, дар раванди муоширати дохилидавлатӣ ва байнидавлатӣ, байни халқияту миллатҳо зоҳир мегардад.

Вобаста ба ақидаи дар боло зикр шуда принсипҳои сиёсии ҳалли масъалаҳои миллиро дида мебароем.

Принсипи асосии сиёсию ҳуқуқие, ки барои бо тарзи демократӣ ба танзим даровардани муносибатҳои байни миллатҳо муҳим аст, ин принсипи худмуайянкунии миллӣ мебошад. Бечунучаро шинохтан, эътироф намудани ҳуқуқи ҳар як шахсу халқ, барои худмуайянкунӣ- ин асоси стратегияи сиёсӣ дар соҳаи муносибатҳои миллӣ мебошад.

Асоснок намудани ҳуқуқи миллатҳо ба худмуайянкунӣ, яке аз талаботҳои асосии қувваҳои демократӣ буда, мазмуни васеъ дорад. Яъне аз ҳуқуқи озодона интихоб намудани сохтори давлатдорӣ сар карда, то ҷудошавии давлат, ташкил намудани давлати мустақил, озодона интихоб кардани институтхо ва рамзҳои давлатдорӣ, ҳуқуқи ҳар як миллат дар роҳи ҳалли мустақилонаи масъалаҳои иқтисодию сиёсӣ, иҷтимоию маданӣ мебошад.

Принсипи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои миллӣ новобаста ба забон, дин, нажод ва миллат вуҷуд дошта, таъмини баробарҳуқуқии комили ҳама миллату шаҳрвандонро талаб менамояд.

Ба қатори масъалаҳои муҳимтарини сиёсӣ инчунин проблемаи сохтори давлатдории миллии халқҳо дохил мешавад. Мафҳуми давлатдории миллӣ чиро ифода мекунад? Пеш аз ҳама тарзи ташкил намудани ягонагии маъмурию ҳудудии давлат, хусусиятҳои ба он алоқамандии ҷузъҳои минтақавии он инчунин муносибати ҳар яки онҳо дар маҷмӯъ ба давлат мебошад.

Аз ин ҷиҳат давлатҳо ба шаклҳои унитарӣ, федеративӣ ва конфедеративӣ тақсим мешаванд.

Давлати **унитарӣ** - чунин сохти давлатдорие мебошад, ки бо роҳбарияти марказонидашудаи маъмурию давлатӣ ва мавҷуд набудани сохторҳои алоҳидаи давлатӣ маънидод карда мешавад. Давлати унитарӣ сохти давлатдории ягона ва ҷудонашаванда буда, дар доираи давлат мухторияти васеи ҳудудӣ ва миллӣ мумкин аст. Дар ҷаҳони муосир давлатҳои унитарии гуногунмиллат, Чин, Испания, Руминия, Ветнам, Лаос ва ғайра мебошанд.

**Федератсия** ин сохтори давлатдорӣ ба давлатҳои сермиллат хос мебошад. Федератсияҳо метавонанд, чӣ дар асоси ҳудуди маъмурӣ ва чӣ дар асоси миллию ҳудудӣ ташкил ёбанд. Федератсия сохти мураккаби давлатдории иттифоқиро таҷассум мекунад, ки сохторҳои дигари давлатие, ки ба он дохил мешаванд, онҳо ҳуқуқи муайяни мустақилияти сиёсӣ доранд. Сохторҳои давлатие, ки (штатҳо, заминҳо, музофотҳо, ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва ғ.) давлати федеративиро ташкил медиҳанд, субъектҳои федератсия ба шумор мераванд. Ташкили федератсияи онҳо якҷоя дар Қонуни асосӣ шартҳои асосии дохил шудани худро қайд намуда, салоҳиятдории федератсияро нисбат ба сохторҳои ба он марбута маҳдуд мекунанд. Дар як вақт ҳар як сохтори давлатӣ ё ин ки миллӣ-давлатии аъзои федератсия ҳам тақсимоти маъмурию ҳудудии шахсӣ, қонуни худ, ташкилотҳои қонунбарор, иҷроия ва додгоҳҳои худ ва ҳам ташкилотҳои федералӣ (иттифоқӣ), конститутсия ва шаҳрвандиро доранд.

Федератсия дар ҷаҳон мавқеъҳои мустаҳкамро ишғол мекунад. Ин усули сохтори давлатдорӣ на танҳо дар шароити ҷамъиятҳои гуногунмиллат, балки дар онҳое ҳам, ки омили миллӣ нақши асосиро иҷро намекунад, дучор меояд. Дар кураи замин давлатҳои федеративӣ кам набуда, онҳо аз рӯи қоида абарқудрат ва бонуфуз мебошанд. Масалан, дар минтақаи ИМА, Канада, Мексика, Бразилия, Аргентина, дар Аврупо - Олмон, Австрия, дар Осиё - Ҳиндустон, Малайзия, Покистон, дар Африко - Нигерия ва ғайраҳо мебошанд. Сохтори федеративӣ ба суст

намудани марказияти ҳокимият, мухторият, мустақилият ва инкишофи шаклҳои демократии роҳбарият имконият медиҳад.

**Конфедератсия** - (аз лотинӣ -шартнома бастан, иттиҳод намудан) ин иттифоқи сиёсии давлатҳои соҳибихтиёр мебошад, ки мавҷудияти мустақили худро нигоҳ дошта, танҳо барои мутобиқ кардани як қатор фаъолиятҳои худ, асосан дар соҳаи сиёсати берунӣ ва дохилӣ ва инчунин ҳарбӣ муттаҳид мешаванд. Шакли номбурда ташкилотҳои марказие дорад, ки аз рӯи қонун нисбат ба давлатҳои аъзои конфедератсия ҳуқуқи бевоситаи ҳокимиятӣ надоранд, лекин соҳиби як қатор ваколатҳо мебошанд, ки бо ризоияти аъзоёни он муайян карда шудаанд.

Фарқияти федератсия аз конфедератсия пеш аз ҳама дар шаклҳои хуқуқии мустаҳкамшавии ин ташкилотҳои давлатӣ мебошад. Федератсия дар асоси Конститутсия ва конфедератсия дар асоси шартнома амал мекунанд. Конфедератсия ҳамчун шакли ташкилоти давлатӣ нисбатан кам вомехӯрад ва чуноне, ки таърих гувоҳ аст, характери муваққатӣ дорад. Барои мисол Швейтсарияро номбар кардан мумкин аст, ки аз соли 1791 то 1818 конфедератсия ба шумор мерафт. Соли 1818 қонуни асосӣ қабул карда шуд, ки дар асоси он Швейтсария ба давлати ягонаи федеративӣ табдил дода шуд. Чуноне ки дидем, тамоилҳои инкишоф пеш аз ҳама мустақилияти куллии конфедератсия ба федератсия мебаранд.

Инчунин таърих ҳолатҳои азбайнравии конфедератсияро низ медонад. Одатан ин масъала ба он алоқаманд аст, ки дар байни давлатҳо муносибатҳои фоиданоки тарафайн ва алоқаҳои инкишофёбӣ ба вуҷуд оварда намешаванд. Ҳамин тариқ конфедератсияе, ки соли 1982 байни Сенегал ва Гамбия ташкил шуда буд, моҳи сентябри соли 1989 аз байн рафт. Шакли ҳозираи конфедератсия - ин шартнома, иттифоқҳои ҳарбӣ-сиёсӣ, созишномаҳо ва иттиҳодияҳо мебошанд.

Дар сиёсати миллӣ муҳимтарин масъала ин масъалаи мувофиқати миллию интернатсионалӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои мӯътадилгардонии ин муносибатҳо мебошад. Фаъолияти

субъектҳои тарафайни масъалаи номбурда мураккаб ва зиддиятнок тараққӣ мекунад, зеро онҳо дорои манфиатҳои гуногунанд. Маҷмӯи ин манфиатҳо ба ҳам алоқамандӣ ва тобеияти тарафайнро ифода намуда, тараққиёту пешравии иттиҳод ва ҳар як миллату халқиятро таъмин менамоянд.

Дар шароити имрӯза набояд ба идеяи тобеъ намудани манфиатҳои миллӣ, ба интернасионализм, балки ба алоқамандии онҳо такя кард. Албатта, ин мақсад худ аз худ ба даст наомада, он дар натиҷаи гузаронидани сиёсати миллии мунтаззаму фаъол, ки барои ҷорӣ намудани вай ташкил кардани механизми ягонаи амалии давлатӣ, ҷамъиятӣ ва иқтисодӣ чунин омили муҳими муттаҳидкунандаи манфиатҳо ноил гаштан имконпазир аст.

Акнун дар шакли умумӣ моҳият ва нишонаҳои асосии сиёсати миллатгароиро дида мебароем. Миллатгароӣ-воқеияти бисёрсоҳа ва гуногуншакл мебошад. Сарфи назар аз нишонаҳои конкретии миллатгароӣ он дорои чунин аломатҳои муайянкунанда аст: эътирофи аломатҳои фарқноки миллии хеш ва ба миллатҳои дигар муқобил гузоштани он; кӯшиши таъмин намудани бартарии миллии хеш, қонеъ гардонидани манфиатҳои он, беэътиноӣ зоҳир намудан нисбат ба манфиатҳои дигар халқҳо ва ҳатто дар мавридҳои қулай маҳдуд намудани ҳуқуқҳои дигар миллатҳо. Ҳамин тавр, миллатгароии як гурӯҳ метавонад, як ҳиссиёти миллатгароии гурӯҳи дигарро бедор намояд.

Дар сиёсати имрӯзаи давлатдорӣ лозим меояд, ки мафҳуми миллиро аз миллатгароӣ фарқ намоем. Ин яке аз шартҳои асосии роҳбарӣ ва идоракунии сиёсӣ дар соҳаи муносибатҳои миллӣ мебошад. Ба мафҳуми аввал кӯшиши аз рӯи қонун ва ҳуқуқи ҳар як миллат барои нигоҳ доштани хусусиятҳои миллии худ, яъне забон, урфу одат, тарзи зиндагонӣ ва хотираи таърихӣ ё ин ки ҳамаи он чизҳое, ки инсон бе онҳо ҳиссиёти миллӣ, шарафи миллиро гум мекунад, дохил мешавад. Миллатгароӣ бошад, мафҳуми дигари миллии галат маънидод шуда мебошад. Баъзан, гузариш ба дигаре (аз миллӣ ба миллатгароӣ) дар натиҷаи ба эҳсосот дода шудан ба амал меояд. Бахусус, вақте ки талаботҳои оддии иҷтимоӣ иҷро карда намешаванд,

идеяҳои мавҷудияти бартарии миллӣ паҳн шуда, кӯшишҳои дарёфт кардани гунаҳгорон аз намояндагони миллатҳои дигар ва бадбинии миллӣ ба миён меоянд. Оид ба ин масъала дар солҳои охир баҳсҳои гуногуне низ рӯи кор омаданд, ки баъзе мутахассисон миллатгароиро барои пешрафт ва ташаккули ин ё он миллат амр зарурӣ мешуморанд. Чунин муносибат дар баъзе кишварҳои ҷаҳон ба он оварда расонид,ки мардум дар атрофи идеяи номбурда ба баъзе ҳуввиятҳо низ мушарраф гардидаанд.

Бояд гуфт, ки мубориза и қатъӣ ба муқобили нишонаҳои миллатгароии ифротӣ, ҳалли демократии масъалаҳои миллӣ, ташаккулёбии маданияти муоширати байни миллатҳо - шартҳои асосии пешрафти иҷтимоии тамаддуни инсонӣ мебошанд.

Масъалаи муносибатҳои миллиро таҳлил намуда, маълум кардан лозим меояд, ки дар замони ҳозира равандҳои асосии тараққиёт сабабҳои баландшавии худшиносии миллӣ гардида истодаанд. Ин ҳолат дар як вақт дар мамлакатҳои аз ҷиҳати таърихӣ, тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ, урфу одат ва маданияти сиёсиашон гуногун ба амал омадаанд. Инчунин роҳҳои асосии ташаккулёбии маданияти муошират байни миллатҳоро низ муайян кардан лозим аст.

Яке аз нишонаҳои тамоили ҳаёти миллии инсоният дар даҳсолаҳои охир баланд шудани мақоми омили миллӣ дар тараққиёти ҷаҳонӣ мебошад. Тадқиқотчиёни Ғарб ин падидаро "эҳёи этникӣ" меноманд. Дар ҷаҳон ҳоло зиёда аз панҷ ҳазор халқ вуҷуд дорад, ки зиёда аз 90% онҳо дар мамлакатҳои сермиллат зиндагӣ мекунанд.

Яке аз сабабҳои эҳёи этникӣ ин афзудани нобаробарии халқҳо дар замони муосир аст. Дар шароити ҳозира равандҳои интегратсионии иқтисодӣ метавонанд, ки ба поймол намудани манфиатҳои ҷудогонаи миллӣ ва дигар иллатҳо оварда расонанд. Дар ин сурат метавонад, "комплекси миллие" ба вуҷуд ояд, ки вай ҳамчун кӯшиш барои худсобиткунии миллӣ маънидод карда шавад. Ин барои тамоми ҷаҳон асоси боэътимоди худсобиткунии миллӣ ва баландшавии худшиносии миллӣ ба шумор

меравад. Албатта, ин суст шудани шиддатнокии байналхалқӣ ва баланд шудани тамоили демократӣ ва маданист.

Вобаста ба ин чунин савол ба миён меояд: аз чӣ сабаб ин эҳё дар як қатор мамлакатҳо нисбатан оромона гузашта, асосҳои қобили қабул дорад, вале дар баъзе мамлакатҳои дигар характери мураккабу ноором дошта, боиси задухӯрдҳои миллӣ мегардад?

Агар ба ин ҳодиса ба таври васеъ назар афканем, он гоҳ ду роҳи инкишофиояндаи муносибатҳои миллиро дидан мумкин аст.

Якум, гузариши эҳёи миллӣ ба ҷараёни ҷудошавии миллӣ, бадбинии миллӣ ва низоъҳои миллӣ, ки ба якдигар алоқамандӣ доранд. Бар замми ин аз ҳама хатарноктарин на низоъҳои этникӣ дар дохили як мамлакат, балки зиддиятҳои умумибашарӣ байни халқҳои Шимолу Ҷануб, Ғарбу Шарқ мебошанд. Дар асоси ин чунин омилҳо ба мисли зиёд шудани фарқият дар соҳаи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, дар таъмини техника ва истифодаи технологияи ҳозиразамон, проблемаи қарздории давлатҳои "ҷаҳони сеюм" аз мамлакатҳои тараққикарда мебошад. Ба ғайр аз ин, эҳёи миллӣ ба характери прогрессивии худ нигоҳ накарда, масъалаи ҳамзистии халқҳои гуногунро мушкил гардонид. Равандҳои демографӣ ва муҳоҷирин бошанд на танҳо ба таври куллӣ харитаи этникии ҷаҳонро тағйир медиҳанд, балки ба як қатор пешравиҳои калони характери иҷтимоӣ дошта имконият медиҳанд. Масалан, дар ИМА ва Аврупо дараҷаи афзоиши аҳолӣ дар як сол як фоиз дар мамлакатҳои "ҷаҳони сеюм" бошад се-чор фоизро ташкил карда, ба тағйирёбии таносуб ва муносибати байни аҳолии сафедпӯсту дигарон оварда истодааст. Инчунин сеяки аҳолии Африко имконияти хӯронидани худро надоранд.

Ҳамаи ин барои тезутунд шудани муносибатҳои байни миллатхо асоси ҷиддӣ шуда истодаанд. Дар солҳои охир қувваҳое низ пайдо шудаанд, ки барои ба мақсадҳои сиёсии худ расидан, омилхои этникиро истифода мебаранд, ки ин хеле хатаровар аст. Онҳо бо ин роҳ низоъҳои байниоилавӣ ва байналмиллиро ба вуҷуд оварда истодаанд.

Дар солҳои 70-80-уми асри XX бисёр давлатҳои саноатии Ғарб ҳам бо тезутундшавии проблемаи этникӣ ва нажодӣ рӯ ба рӯ шуда буданд. Дар мамлакатҳои ҳайати миллиашон гуногун ба монанди Белгия, Канада, Франсия, Британияи Кабир, Испания ба сабаби инкишофи нобаробари иқтисодӣ, маданӣ ва сиёсии минтақаҳои миллӣ бисёр миллатҳои хурд кӯшиши ба даст овардани намудҳои гуногуни худмуайянкуниро намудаанд.

Тезутундшавии муносибатҳои байни миллатҳо дар солҳои охири асри XX дар як қатор давлатҳо, ба монанди собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, Югославия, Чехословакия, Булғория, Руминия ба амал омад, ки баъзе аз онҳо ба давлатҳои мустақил ҷудо шуданд.

Имрӯз тамоили интеғратсияи миллатҳои гуногун дар тараққиёти Аврупои Ғарби афзалият дорад. Аллакай то соли 1993 нақшаи ташкил кардани бозори ягонаи бемарз, то миёни соли 1998 ташкил кардани бонки умумии марказӣ, аз якуми январи соли 1999 ба муомилот баровардани арзи ягона - евро дар назар дошта шуда буд. Расман ин маънои табдил додани Иттиҳоди Аврупо ба як намуди Иёлоти Муттаҳидаи Аврупо мебошад, ки Иттиҳоди бузургтаре дар сиёсати байналхалқӣ ва хоҷагии ҷаҳонӣ мегардад. Чунин суръатнокии муттаҳидшавии иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ ба наздикшавии халқҳо ва пайдоиши насли сифатан нави аврупоӣ оварда мерасонад. Лекин дараҷаи баргардониданӣ мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ ба ҷараёни тараққиёти ба ном тамаддуни умумибашарӣ бо роҳи интегратсионӣ маънои бо давлатҳои боқимондаи Аврупои Ғарбӣ пеш рафтанро дорад, ҳарчанд ки миллатгароии гузаро, сепаратизм ва дигаргунии ҷиддии ҷомеа дар заминаи миллатгароӣ аз назар дур нест. Ҳамин тавр, равандҳои интегратсионӣ дар дигар минтақаҳои ҷаҳон ҳам равнақ ёфта истодаанд.

Чунин воқеиятро ба назар гирифта, синфҳои ҳукмрони як қатор мамлакатҳои аврупоӣ фаъолона сиёсати ҳавасмандгардонии тараққиёти мероси маданию этникӣ, ҷудо кардани воситаҳо барои омӯзонидани забонҳои миллатҳои хурд, инкишофи дузабонӣ, танзимкунии

барномаҳо оид ба омӯзиши таърихи этникиро ба амал бароварда истодаанд. Масалан, дар Британияи Кабир воситаҳои ахбори умум забонҳои гурӯҳҳои муҳоҷирро истифода мебурдагӣ шуданд, инчунин барномаҳои махсуси садо ва симо барои муҳоҷирон ташкил намудаанд. Ҳамин тавр, соли 1982 дар Манчестер аввалин мактаби динии мусулмонӣ кушода шуда буд.

Эҳёи миллӣ дар мамлакатҳои Ғарб асосан бо тамоилҳои вайронкунанда алоқаманд нест. Аммо ин омилро дар назар дошта, гуфтан ба маврид аст, ки роҳ барои беҳбудӣ дар соҳаи масъалаҳои миллӣ дар ин мамлакатҳо ҳам хеле дароз буд. Тахминан то миёнаи солҳои 60-уми асри XX-ум дар ин ҷо зӯровариҳо ва поймол намудани ҳуқуқи нажодӣ ҷой доштанд.

Таҷрибаи мусбии ҳалли масъалаи миллӣ дар бисёр мамлакатҳо ба дараҷаи зарурӣ андӯхта шудааст. Дар соҳаи ташаккулёбии маданияти муошırати байни миллатҳо таҷрибаи ИМА-ро нисбатан ибратбахш меноманд. Маълум аст, ки сохти этникӣ ва нажодии ин давлат аз сохти этникии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҳам мураккабтар мебошад. Агар дар ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ зиёда аз 100 миллат зиндагӣ мекард, дар ИМА, ба таври дигар, тамоми дунё "ҷамъ" омадааст. Дар ин ҷо гурӯҳҳои миллие зиндагӣ мекунанд, ки ба доираҳои калонтарини этникии инсоният тааллуқ доранд.

Қайд кардан лозим аст, ки тағйирёбии сиёсати давлат оид ба равандҳои миллӣ дар ИМА, дар тафовут аз гузаштаи на он қадар дур ба тараққиёти маданияти миллӣ на танҳо монеъ намешавад, балки барои инкишофи минбаъдаи он замина фароҳам меоварад. Дар ИМА аз равияе, ки мувофиқи он бояд намояндагони тамоми халқҳо ба ҳам омехта шуда, хусусиятҳои миллии худро гум карда, танҳо ба амрикоӣ табдил мeёфтанд, даст кашиданд. Ба ғайр аз ин, давлат ба ҳар гурӯҳ озодии эҳёи маданият ва забони онро додааст. Гурӯҳҳои миллӣ намояндаҳо ва дастаҳои фолклории худро ташкил карда меоянд. Доир ба истифодаи таҷрибаи ИМА қайд кардан лозим аст, ки тарбия дар рӯҳияи эҳтироми миллӣ бо ёрии мактаб ва

масҷид, конунияти мувофиқ ва ташвиқи дуруст дар васоити ахбори умум, илмҳое мебошанд, ки ба ташкилёбии маданияти муоширати байни миллатҳо имконият медиҳанд. Масалан, бо мақсади ташаккулёбии ақидаи мусбати ҷамъиятӣ, нисбати муҳоҷирон, ки ҳазорон-ҳазор ҳар сол аз тамоми гӯшаву канори дунё ба ин мамлакат меоянд, воситаи ахбори умум ҳамеша қайд мекунанд, ки муҳоҷирон инҳо сармояҳои нав, маҳоратҳои нав, малакаҳои нави меҳнатӣ, истеъмолкунандагони нав ё ин ки муҳоҷират ин яке аз пояҳои асосии гулгулшукуфии Амрико буда, фоидаи мусбии он нисбат ба манфиаш, хеле зиёд аст.

Вале нодуруст мебуд агар мо қайд мекардем, ки ҳамаи масъалаҳои этникӣ мутлақо ҳалли худро ёфтаанд ва дар ин ҷо носозгории миллӣ вуҷуд надорад. Як қатор далелҳое вуҷуд доранд, ки маҳдуд кардани ҳуқуқҳои нажодиро тасдиқ мекунанд. Ин поймолкунии ҳуқуқ на танҳо дар муносибати аҳолии сафедпӯст ба сиёҳпӯст, балки дар он шаҳрҳое, ки қисми зиёди аҳолиро сиёҳпӯстон ташкил карда, вазифаҳои роҳбарикунандаро ишғол мекунанд, ҷой дорад.

Ҳамин тариқ, эҳёи этникӣ дар худ масъалаи характери умумитамаддунӣ доштаро таҷассум мекунад. Дар баъзе ҳолатҳо он ба таври осоишта гузашта, ҳамчун гарави беҳбудии тараққиёти минбаъда мебошад, вале дар баъзе ҳолатҳо характери деструктивӣ дошта, сабабгори муносибатҳои ҷиддӣ мегардад. Ҳамзамон, раванди дигаре, ки бо ҷараёни пастшавии равандҳои муҳоҷират дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҷабҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ алоқаманд аст, ба наздикшавии миллатҳо дар ҳамкории зичи онҳо оид ба ҳалли масъалаҳое, ки дар назди инсоният истодаанд, шароит фароҳам меоваранд.

# РАМЗҲОИ СИЁСӢ

Рамзҳо таърихи хеле қадима дошта, дар равандӣ зиндагии одамон нақшҳои гуногунро ичро менамоянд. Одамон ба воситаи аломату ишора ва рамзҳои гуногун дар рӯи замин, сангҳо, чӯбу дигар ҷисмҳои сахт баъзан мақсаду маром ва фикру ақидаҳои хешро баён менамуданд. Оҳиста-оҳиста бо пайдо шудани хат аломату рамзҳо хусусиятҳои худро тағйир дода, бештар ба андешаҳои фалсафӣ омезиш ёфтанд.

## 1. Рамз ҳамчун ҳодисаи иҷтимоӣ-маданӣ

Пайдо шудани катибаҳо дар замин, сангҳо ва кӯҳҳои сангин баъдтар дарривоҷу равнақи рамзҳои мухталиф заминаи муҳиме гузошт. Оҳиста-оҳиста дар натиҷаи инкишофи ҷомеа талабот нисбати шинохти давлату давлатдорӣ, муайян намудани мақоми одамон аз рӯи ашё, либосҳои гуногун, шинохти шахсиятҳои мӯътабару ашрофзодагон, рамзҳои гуногун, сару либос ва баъзан нишонаҳои муайянкунандаи ашё, одамон ва кишварҳо ба миён омаданд. Ҳатто кишварҳое, ки тобеи империяҳои бузурги Рим, Юнон ва Форсҳо буданд, кӯшиш менамуданд, ки бисёр нишонаҳои худро аз намуди зоҳирӣ сар карда, то идоракунии давлат ба ин кишварҳои абарқудрат мутобиқ намоянд. Аз ин истифода намуда абарқудратон мекӯшиданд, ки акси ин кишварҳоро бо рамзҳои гуногун рӯи сангу деворҳо оваранд. Дар бисёр катибаҳо то имрӯз коршиносон метавонанд, ки аз намуди кӯлоҳ, ярок ва дигар нишонаву рамзҳо муайян намоянд, ки он намоянда ё нишонаи кадом кишвар мебошад. Ё ин ки "Нигораи фурӯҳар", феҳристи адабиёт ва дастовардҳои ахлоқии китоби Авестост. Дар шакли фурӯҳар ду бол кашида шуда, ин болҳо нишонаи он аст, ки инсон бояд ҳамеша рӯ ба тараққӣ биравад. Рӯйи болҳо ба 3- қисмат ва рутба тақсим шуда ва он намудори андешаи нек, гуфтори нек ва кирдори нек аст. Дар миён ва камар ҳалқа ва ё чанбаре овезон аст. Ҳалқа аломати доираи рӯзгори васеъ ва бепоёни инсон дар

он воқеъ шуда мебошад. Инсон бояд дар миёни ин чанбара рӯзгори дар фикри озодӣ ва парвоз бошад. Дар миёни чанбара ду реша намоён ва овезон аст. Ин ду реша нишони ду решаи сапнати мену ва ниграимуну, яъне хубӣ ва бадӣ аст.

Аз миёни чанбара ду риштa нишони дигаре, ки дорои 3-бахш аст, овезон мебошад. Ин ниғор нишонаи андешаи бад, гуфтори бад ва кирдори бад аст, мақсуд ин аст, ки инсон бояд ба нерӯи спант мену сифоти бадро ба дур бифканад ва онро забун созад"[45].

Маълум аст, ки элементҳои ақлгароӣ ва ҳиссиёти озодии миллии инсон дар ҷаҳони анъана, асотир, **рамз ва** қиссаҳо ҳамеша ҳамрадифи зиндагӣ мебошад. Бинобар ин, намудҳои гуногуни рамзҳои бузурги динӣ Салиб, Ҳилол ва Киштии Нӯҳ дар муқоиса хеле оддӣ бошанд ҳам, вале системаҳои томи теологиро таҳти назорат қарор доранд. Ҳар як рамз мавзуъҳои гуногунро муаррифӣ менамояд ва ҳар як мавзӯъ низ рамзҳои мухталифро мефаҳмонад. Омезиши рамзҳо на танҳо ахборотро дар бораи муҳити табиӣ, балки дар бораи идея, идеал ва қоидаҳои этникӣ-сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра муайян менамояд. Ҳар як рамз хусусияти хоси ахбороти дохилӣ барои иҷрокунандагон ва тадқиқотчиёнро дорост. Рамзу нишонаҳо дар баробари маънои ба худ дохилиашон боз қисмҳои берунаи маданиро нишон медиҳанд, ки мазмуни онҳо асоси маданияти дилхоҳи халқро ташкил медиҳад. Нишон ва рамзҳо хислати воқеъӣ ва шартӣ доранд. Ба нишонҳои воқеъӣ хусусиятҳои ашё, сару либос ва ғайраҳо, нишонҳои шартӣ бошанд, хусусиятҳои махсус ва ғайримахсус доранд. **Нишону рамзҳо аз қадимулайём дар санг ҳаккокӣ, дар чӯб наҷҷорӣ ва дар матоъ нақшдӯзӣ мешаванд.** Дар тамаддуни башарият дар байни рамзҳои гуногун ду рамз: сувастӣ (свастика) ва салиб таърихи хеле қадима доранд. Вожаи сувастӣ (аз забони санскрит гирифта шуда аз ду қисм "су" ва "астӣ" иборат буда, маънояш "ҳастии хуб", "зиндагии хуб") буд. Дар дини ориёиҳо сувастӣ рамзи офтоб ва ҳаракати он мебошад. Дар буддизм сувастиро рамзи комилӣ ҳисобида, онро нишони хушбахтӣ ва рамзи дини буддоӣ мешумориданд.

[45] Мехрдоди Мехрон. "Фалсафаи Шарк". Техрон-1341 х. С.224.

Умуман, рамзи сувастиро аксарияти халкҳои кадима мувофики дину мазҳаби худ кабул намуда, дар он унсурҳои ба худ наздикро ворид намудаанд.

Рамзи салиб бошад, аз дини Митроя ба масеҳӣ гузаштааст. Мувофики навиштаи О.В. Вовек салиб дар ибтидо рамзи умумии Коинот, осмон, ду хати буриши баробарпаҳлӯ чор тарафи оламро нишон медод. Нишонаи ҳамбастагии болову поён, замину осмон ва ҳаёту марг ва сулҳу салоҳ буд. Дар Осиёи пеш салиб рамзи хушбахтӣ, дар Бобул чор давраи моҳтоб, дар Сурия чор унсури олами ҳастиро ифода менамуд. Дар Чин салиб дар дохили чоркунчаи баробарпаҳлӯ ҷой дода шуда, рамзи мувозинати заминро нишон медиҳад.

## 2. Макоми рамзҳо дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ

Мусаллам аст, ки манфиатҳои моддии табакаҳои гуногуни иҷтимоӣ ҳамчун як омили инкишофи раванди таърихию ҷамъиятӣ мебошанд. Аз ин рӯ, дар муайян намудани мӯҳтавои манфиатҳо ва рафтори одамон сифатҳои ватандӯстӣ, бародарӣ, садокат ба оила, ғамхорӣ ба беморон, пиронсолон, ҳамчунин шаклҳои гуногуни анъана ва урфу одатҳо накши ҳалкунанда мебозанд. Инсонро на танҳо интихоби аклонӣ, донистани фоида, манфиатҳои иктисодӣ, балки эътикод ва боварӣ низ барои рушду инкишоф такони ҷиддӣ медиҳанд.

Маълум аст, ки баркарор намудани андешаи вокеӣ ва моҳияти сиёсии ҷомеа танҳо дар он ҳолат муяссар мегардад, ки агар вокеияти объективӣ омӯхта шавад. Ҳамзамон, ҷанбаи асотирӣ, анъанавӣ дар ташаккули тасаввуроти асосии инсон оид ба ҷаҳоне, ки ӯро иҳота кардааст, ба тарзи дуруст омӯхта шавад.

Аз ин ҷо метавон гуфт, ки кисми ҷудошавандаи худшиносии ҳар як халк, миллат ва давлат, рамз ва идеали онҳо ба таърихи гузашта ва ҳозираи онҳо вобастагии зич дорад. Онҳо ҳамчун унсурҳои бо ҳам алокаманди маданияти сиёсӣ мебошанд. Рамзҳо шартан метавонанд , ба тарики графикӣ (салиб, досу болға, сувастӣ ва г),

шаклҳои инсонӣ ё ин ки дигар шаклҳо (Марианна-дар Фаронса, Джон Булл-дар Англия, амаки Сэм-дар Амрико, хирс-дар Русия, шутурмурғ- дар Австралия ва ғ.) бошанд. Бояд гуфт, ки рамзҳо дар рафтору фаъолияти ҳамешаи одамон таъсири муҳим мерасонанд. Дар бисёр мавридҳо на худи рафтори ҳокимон, сиёсатмадорон ва ҳизбҳои сиёсӣ, балки андозаи андешаҳои рамзии системаи рамзҳои ҳукмрон дар ҷомеа одамонро ба шаклҳои муайяни иҷтимоӣ сафарбар менамоянд. Бинобар ин, маълум аст, ки аз замонҳои пешин то таъсиси давлатҳои миллӣ сарварони сиёсӣ, рамзҳои гуногуни миллиро эъҷод ва истифода намудаанд. Аз ҷумла, парчам, гимн, конститутсия, аломатҳои пулӣ, иду маросимҳо бо мақсади муттаҳидсозии миллат дар атрофи ин ё он идеология, ки одамонро ба ягон самти фаъолият сафарбар менамояд, маҳсуб меёбанд.

Дар айни ҳол, ҳар як кишвар соҳиби парчами давлатӣ ва ё миллӣ буда, ин шаҳодати мустақилияту ҳуқуқи баробар доштан дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Дар зери парчами давлатӣ аксари сарварони давлатҳо (президент, монарх) ба вазифа шурӯъ намуда, қасам ёд мекунанд, ки барои ватан ва халқ ҳамеша содиқ мемонанд. **Парчами давлатӣ** муқаддасотест, ки таҳқир нисбати он дар аксарияти кишварҳои олам ҳамчун ҳуқуқвайронкунии ҷиноӣ дониста мешавад. Парчам дар якҷоягӣ бо гимн ва дигар муқаддасоти давлатӣ дар аксарияти кишварҳои олам, ҳамчун фарогири муқаддасоти миллат қабул карда мешавад. Мутаассифона, дар аксари мавридҳо, вақте ки шаҳрвандони як давлат мехоҳанд, нисбати дигар давлат эътироз ва норозигӣ баён намоянд, парчами онро ба таври расмӣ оташ мезананд.

Ҳамчун анъана ва рамзи фахру ҳуввияти миллӣ ягон маросими расмӣ бе баланд бардоштани парчами давлатӣ намегузарад. Парчам дар қароргоҳи сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо дар баъзе кишварҳо дар бисёр муассисаҳои давлатӣ ва биноҳои баланду намоён барафрохта мешавад. Дар рӯзҳои идҳои расмии давлатӣ парчам дар биноҳои

ҷамъиятӣ овехта мешавад. Парчам рамзи ивазнашавандаи вохӯриҳои байналхалқии дутарафа ё бисёртарафаи гуфтушунидҳо мебошад. Парчамҳое, ки дар овезаҳои қисми пеши бинои СММ аст, рамзи аъзо будани ин кишварҳо ба ин ташкилоти байналмиллалӣ маҳсуб меёбад.

Дар баробари парчам ҳамчун рамзи давлатӣ дар тасаввури шаҳрвандон **нишон (герб)** низ ба ҳисоб меравад. Баъзан ба сифати элементи марказии герб сурати растаниҳо, ҳайвонот ва гайраҳо истифода бурда мешаванд.

Мазмунан нишони шер-шоҳи ҳайвонот ё уқоб-ҳокими миёни паррандаҳо ҳамчун рамзи пурқудратӣ ва бузургии давлат, маглубнашавандагии лашкар ё ҳокимияти олии монарх ва сарварони давлатҳоро нишон медиҳанд.

Масалан, дар нишони давлатии Русия расми уқоби дусара ин рамзи қадимаи ҳокимият, қувват ва хирадмандӣ аст.

Уқоб бо ин сифат аллакай дар ҳуҷҷатҳои Юнони Қадим дар асри VII то мелод инъикос ёфтааст, ки ин иттиҳоди шоҳигариҳои мидӣ ва асурӣ мебошад. Мутобиқи маълумотҳои мавҷуда уқоби дусара дар байни рамзҳои олӣ дар асри XV пайдо шудааст. Ҳамчуноне, ки муаррихон меҳисобанд, расми уқоби тиллоӣ дар сояи сурх ин баъди издивоҷи Ивани III князи бузурги Москва бо хоҳарзодаи императори охирини Византия София Палолог пайдо шудааст.

Дар баробари герб ва парчам ҳамчун рамзи давлатию миллӣ **суруди миллӣ** (гимн) мавқеи хосса дорад ва он дар тантанаҳои расмию давлатӣ, инчунин дар рӯзҳои идҳои миллию варзишӣ садо медиҳад.

Инъикоскунандаи рӯҳи миллӣ, омили мусоидаткунандаи худшиносии миллӣ ва дар навбати худ ҳамчун симои давлат инчунин метавонад, дар ҷои муҳорибаҳои шадид, марказҳои динӣ ва дигар шаҳрҳо барафрохта шавад. Муқаррарист, вақте ки сухан дар масъалаи сиёсӣ меравад, дар зери мафҳумҳои Душанбе-Тоҷикистон, Вашингтон ИМА, Москва-Русия фаҳмида мешавад.

## 3. Рамз ва нишонҳои давлатии Тоҷикистон

Маълум аст, ки баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 худро кишвари соҳибистиқлол эълон кард. Президент ва Конститутсияи худро қабул карда, сохти тараққиёти худро интихоб намуд. Мақсади асосӣ-ин бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, ягона ва дунявӣ мебошад. Бо ин мақсад Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурӣ як қатор Қарорҳоро чун: "Дар хусуси тасдиқ намудани Низомномаи нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 24 ноябри соли 1992 бо Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қонуни Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7.09.1994 "Дар хусуси тасдиқи Низомномаи суруди миллӣ", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.03.1995 "Дар хусуси дар рӯҳияи ватанпарварӣ тарбия намудани ҷавонон ва эҳтиром намудани Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кард. Баъди қабули Қонуни асосӣ, ки ҳуҷҷати сарнавиштсоз ва рамзу нишонҳои давлатӣ аст ва нишонҳои фарқкунандаю ифтихори мустақилияти Тоҷикистон мебошанд, муносибат ба тарзи ҳаёту сохти давлатдорӣ тағйир ёфт. Пеш аз ҳама Тоҷикистони азизи мо соҳиби рамзҳои миллӣ; Парчами давлатӣ, Нишони давлатӣ, Суруди миллӣ, Пули миллӣ ва Забони давлатӣ гардид. Ин нишону аломатҳои номбурда, ба рушду инкишофи худшиносии миллӣ, идеяи миллӣ ва тарзи ҳаёти иҷтимоию сиёсии мо таъсири амиқе расонид. Ҳамзамон барои амалӣ гардонидани мақсадҳои миллии дар пеш истода ва баланд бардоштани ифтихору ҳуввияти миллӣ шарҳи шинохти Қонуни асосӣ ва рамзҳои давлатиро пешниҳод менамоем:

**Қонуни асосии (Конститутсияи) Ҷумҳурии Тоҷикистон:** Қонунҳои асосӣ солҳои 1929, 1931, 1937, 1978 ва 1994 қабул шуданд. Конститутсияе, ки амал мекунад, 6 ноябри соли 1994 қабул гардида, 26 сентябри соли 1999 ва 22 июни соли 2003 ба он тағйироту иловаҳо ворид карда шудаанд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фарогири 10 боб ва 100 модда мебошад. Бобҳои он иборатанд аз:

асосҳои сохтори конститутсионӣ;
ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрвандон;
1 Маҷлиси Олӣ;
2 Президент;
3 Ҳукумат;
4 ҳокимияти маҳаллӣ;
5 Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;
6 суд;
7 прокуратура;
8 тартиби тағйироти Конститутсия.

**Парчами давлатии Тоҷикистон:** Парчами Тоҷикистон матои росткунҷаест, ки аз се ранги уфуқӣ иборат буда, рахи боло ранги сурх, рахи мобайн ранги сафед ва рахи поёнӣ ранги сабз дорад. Андозаи рахи болоию поёнӣ баробар буда, рахи сафед якуним баробар паҳнои ҳар яке аз онҳо мебошад. Дар мобайни парчам, дар рӯи рахи сафед тоҷ ва болои он 7 ситора дар шакли нимдоира ҷой доранд.

**Нишони давлатии Тоҷикистон:** Нишони Тоҷикистон аз тасвири тоҷ ва 7 ситораи дар шакли нимдоира ҷойгиршуда, дар партави нурҳои офтоби аз паси кӯҳҳо бароянда иборат буда, атрофашро аз самти рост хӯшаҳои гандум ва аз самти чап шохаҳои пахтаи шукуфон иҳота кардаанд. Болои чамбара бо тасмаи серанга ҳошиябандӣ шуда, дар қисми поён рӯи лавҳ китоби боз ҷойгир аст.

**Президент:** Президенти Тоҷикистон сарвари давлат ва Ҳукумат буда, аз ҷониби шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба тарзи умумӣ, мустақим, баробар ва бо овоздиҳии пинҳонӣ ба мӯҳлати 7 сол интихоб мешавад. Ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ, ки синни ӯ аз 35 кам набошад, забони давлатиро донад ва дар қаламрави ҷумҳурӣ на камтар аз 10 соли охир истиқомат дошта бошад, метавонад, ба номзадии Президент пешниҳод гардад. Шахсе ба номзадии Президент ба қайд гирифта мешавад, ки ҳадди ақал 5 фоизи интихобкунандагон ба пешниҳоди номзадии ӯ имзо гузошта бошанд. Як шахс ба вазифаи Президент бештар аз ду мӯҳлат пай дар пай интихоб шуда наметавонад.

**Ливои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:** Ливои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон матои махмалини хоси росткунҷаест, ки аз се рахи уфуқии ҳамранги Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст. Дар маркази Ливо тасвири "Дирафши Ковиён" омадааст, ки он нишони хос ва босуботи давлатдории миллӣ аз даврони қадим аст. Дар қисми болоии "Дирафши Ковиён" найза тасвир ёфтааст, ки рамзи ирода ва қудрати ҳифзи давлат мебошад. Қисмати чаҳоргӯшаи "Дирафши Ковиён" чаҳор тарафи ҷаҳонро таҷассум мекунад. Дар маркази "Дирафши Ковиён" шери болдор ҳамчун рамзи қудрат, нерӯмандӣ ва шукӯҳи давлат дар заминаи осмони кабуд тасвир ёфтааст. Дар болои тасвири шери болдор тоҷ ва ҳафт ситора ҳамчун асоси Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд. Дар қисмати болоии чӯбдасти ливо лавҳаи заррин васл шудааст, ки дар он номи хонаводагӣ, номи падар ва номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зикри мӯҳлати салоҳияти конститутсионии ӯ ҳаккокӣ мегардад. Нӯги чӯбдасти ливо шакли гунбази зарринро дорад.

**Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон:** Суруди миллӣ (гимн) таронаи давлатӣ ва умумихалқӣ буда, дар он тамоми орзую омоли мардуми Тоҷикистон ифода ёфтааст.

Матни сурудро шоир Гузназар Келдӣ ва мусиқии онро Сулаймон Юдаков эҷод кардаанд:

Диёри арҷманди мо,
Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод,
Саодати ту, давлати ту бегазанд бод.
Зи дурии замонаҳо расидаем,
Ба зери парчами ту саф кашидаем, кашидаем.

Зинда бош, эй Ватан.
Тоҷикистони озоди ман!

Барои нангу номи мо
Ту аз умеди рафтагони мо нишонаӣ,
Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ,
Хазон намерасад ба навбаҳори ту,
Ки мазраи вафо бувад канори ту, канори ту.

Зинда бош, эй Ватан.
Тоҷикистони озоди ман!

Ту модари ягонаӣ,
Бақои ту бувад бақои хонадони мо,
Мароми ту бувад мароми ҷисму ҷони мо.
Зи ту саодати абад насиби мост,
Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост, ҳабиби мост.

Зинда бош, эй Ватан.
Тоҷикистони озоди ман![46]

[46] Ниг.: Қ.Расулиён .Тоҷикистон.Душанбе.2009.С. 17-38.

# СИЁСАТ ВА ВАСОИТИ АХБОРИ ОММА

Васоити ахбори омма яке аз институтҳои муҳимтарини системаи сиёсӣ ва ҷомеаи муосир ба ҳисоб рафта, дар аксар мавридҳо онро дар баробари ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ ҳокимияти чорум низ меноманд. Ҳокимияти чорум ном гирифтани ВАО аз он хотир аст, ки дар баробари се шохаи ҳокимияти давлатӣ дар ҷомеа таъсири муайяне дорад. ВАО бо сиёсат низ алоқаи зич дошта, дар ташвиқу тарғиби он мавқеи муайянеро ишғол менамояд. Ин аст, ки сиёсати замони муосирро бе воситаҳои нашрӣ, радио ва телевизион тасаввур кардан номумкин аст. Ҳамзамон, васоити ахбори омма ҳамчун институти муҳими ҷамъиятӣ як қатор вазифаҳоро иҷро менамояд. Аз он ҷумла , огоҳонидани мардум аз ҳодисоту воқеоти гуногуни мамлакат ва ҷаҳон, иҷтимоикунонӣ ва ташаккулдиҳии шуури мардум, реклама дар шаклҳои гуногун, иттилооти фарҳангӣ-фароғатӣ ва ғ. Дар адабиётҳои илмӣ-тадқиқотӣ бошад, бештар чунин вазифаҳои муҳими ВАО баррасӣ карда мешаванд:

- ҷамъоварӣ ва паҳн кардани иттилоот;
- интихоб ва шарҳу эзоҳи иттилоот;
- ташаккул додани афкори ҷамъиятӣ;
- паҳн намудани фарҳангу маданият.

Умуман, васоити ахбори омма дар ҳама соҳаҳои ҳаёт ва институтҳои ҷомеа нақши худро мегузорад. Аз ҷумла, ба сиёсат, тандурустӣ, маориф, дин, фарҳанг ва монанди инҳо. Пешравии маданият ва фарҳанги омма низ бо роҳҳои гуногун тибқи ВАО ташаккул ёфта, паҳн мегардад. Махсусан, воситаҳои ахбори омма дар ташаккулёбӣ, амалигардӣ ва эҳёи шуури ҷамъиятӣ нақши бузург дорад.

## 1. Нақши ВАО дар системаи сиёсии ҷомеа

Бояд тазаккур дод, ки фазои иттилооти ҷаҳони муосир гуногунпаҳлӯ буда, ҳамаи ҷабҳаҳои мухталифи ҷомеаро дар бар мегирад. Дар баробари ин ВАО-ро дар маҷмӯъ ба ду гурӯҳ тақсим менамоянд: якум, васоити ахбори оммаи чопӣ ва дуюм васоити пахши электронии ахбор мебошад.

Васоити ахбори оммаи чопӣ ҷараёни иттилоотиро бо ёрии нашри матнҳо ва тасвирҳо амалӣ мегардонад. Ба ин пеш аз ҳама рӯзномаву маҷаллаҳои ҳаррӯза дохил мешавад. Бояд гуфт, ки рӯзномаву маҷаллаҳо метавонанд, ба ҳама гуна равандҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ таъсири ҷиддӣ расонанд. Ин омил дар ҳама давру замон боиси эътироф аст. Масалан, Ш. Талейран гуфта буд: "Бо газета баҳс кардан ин корест, бемаънӣ. Онро бастан қулайтар аст, чунки ақидаи охиринро газета мегӯяд"[47].

Маълум аст, ки муддати тӯлонӣ ба сифати дастрасии иттилоотӣ барои ҷомеа рӯзнома ва маҷаллаҳо хизмат менамоянд. Истифодабарандагони ВАО бошанд, намояндагони он табақаи ҷомеа ба шумор мераванд, ки ба донишу маълумот дастрасӣ доранд. Аммо рӯзнома ва маҷаллаҳо на танҳо хабар ва маълумотҳои сиёсиро пешниҳод менамоянд, балки ба ахбори иқтисодӣ низ сару кор доранд. Дар баробари ин боз маводҳои дорои характери фароғатӣ ва ахбори маҳаллиро ба аҳолӣ пешкаш менамоянд. Бо ин роҳ ба мардум омӯзиш медиҳанд, ки худро узви ҷомеаи ҷаҳонӣ тасаввур намуда, дар воқеоти гуногуни олам ширкат варзанд ва ҳеҷ набошад, аз хабарҳо огоҳ бошанд.

Дар навбати аввал як қатор нашриётҳо ё ба сифати ташкилотҳои ин ё он ҳизби сиёсӣ баромад мекунад ва ё дар шаклҳои мухталиф ба ҷараёни сиёсӣ ҷалб карда мешаванд. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳизбҳои сиёсии расмӣ дорои нашряи худ мебошанд, ки ба воситаи онҳо мақсаду маром ва мӯҳтавои фаъолияти хешро ба мардум муаррифӣ менамоянд, чунончӣ:

1. нашрияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон: "Минбари халқ";
2. нашрияи Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон: "Нидои ранҷбар", "Голос Таджикистана", "Тоҷикистон овози";
3. нашрияи Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон: "Наҷот";
4. нашрияи Ҳизби Демократии Тоҷикистон: "Адолат";
5. нашрияи Ҳизби Сотсиалистии Тоҷикистон: "Иттиҳод";

---

[47] Роман Костицын "Роль СМИ". www.webknow.ru/reklama_00001.html

6. нашрияи Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон : " Сотсиал-демократ" мебошанд.

Ба ақидаи мутахассисон давраи гузариши ВАО, махсусан, матбуот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба якчанд марҳилаҳо ҷудо карда мешавад. Марҳилаи аввал ба давраи бозсозӣ алоқаманд аст. Дар ин давра мустаҳкамкунии фаъолияти матбуот, аз ҷумла матбуоти тоҷик шуда гузашт. Дар соли 1990 дар Тоҷикистон қонуни нисбатан демократӣ "Дар бораи нашр ва дигар васоити ахбори омма" қабул мегардад ва он дар баробари нашриётҳои давлатӣ сабаби пайдо гардидани нашриётҳои ғайридавлатӣ мегардад.

Марҳилаи дуюм, ки аз соли 1991 то соли 1993-ро дар бар мегирад, давраи авали фаъолияти нахустин рӯзнома ва маҷаллаҳо дар соҳаи матбуоти озод ба шумор меравад. Дар ин давра рӯзномаҳои хусусӣ, нашриёти ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ яке аз паси дигар пайдо мешуданд. Аз ҷумла "Ҷоми ҷам", "Ҳафтғанҷ", "Сухан", "Сомон", "Тоҷикистон", "Наҷот" ва монанди инҳо.

Марҳилаи сеюми (1993-1995) таърихи нави васоити ахбори оммаи Тоҷикистон, ки давраи баъди ҷанги шаҳрвандиро дар бар мегирад, замони таназзули ВАО ба шумор меравад. Аз рӯи қайди тадқиқотчиёни ватанӣ барои ин давра террор, хушунат нисбати рӯзноманигорон, мавҷудияти сензураи сахт, маҳдудияти дастрасӣ ба иттилоот, қатъ гардонидани фаъолияти як қатор рӯзномаҳои хусусӣ хос мебошад. Дар марҳилаи мазкур дар Москва рӯзнома ва маҷаллаҳои "Чароғи рӯз" ва "Дарё", ки дар Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда буданд, ба фаъолият оғоз намуданд.

Марҳаллаи чорум (1995-1997). Дар ин давра дар ҷараёни ташаккулёбии васоити ахбори оммаи Тоҷикистон тамоюлҳои ихтилофнок дида мешавад. Баъди имзо гардидани "Созишномаи истиқрори Сулҳ ва ризоияти миллӣ" ва инчунин барҳам додани низоъҳои дохилӣ дар мамлакат фаъолияти ҷамъияти рӯзноманигорон қувват гирифт. Рӯзномаҳои ҷамъиятӣ-сиёсии озод, ба мисли "Истиқлол", "Бизнес и политика", "Чархи гардун",

"Дайджест-пресс" дар ин марҳила пайдо гардиданд. Дар баробари ин 14 декабри соли 1996 бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи телевизион ва радиошунавоӣ", ки бо тамоюлҳои гуногуни замон ихтилоф дошт, дар масъалаи озодии сухан дар инкишофи васоити ахбори оммаи Тоҷикистон таъсири нав гузошт.

Марҳалаи панҷум (1997-2000)- давраи пайдоиши сулҳу ваҳдат дар алоқамандӣ бо инкишофи ВАО, ки баъди имзои "Созишномаи истиқрори Сулҳ ва ризоияти миллӣ" ба вуқуъ омаданд, ба шумор меравад. Дар ин давра нашриёти ташкилотҳои ҷамъиятӣ пайдо шуда фаъол мегарданд. Масалан, рӯзномаи нашриёти ҳаракати миллии Тоҷикистон- "Ҷунбиш", нашриёти иттифоқи журналистони Тоҷикистон- "Социальное партнёрство" ва ғ. Инчунин дар ин давра барқарор кардани як қатор рӯзномаҳои фаъолияташон қатъ гардида, ба вуқӯъ омаданд. Чунончӣ, рӯзномаи "Гулбонг", "Крим-инфо", "Замондошт", маҷаллаи "Гули мурод" ва ғ.

Марҳалаи шашум (2000- то имрӯз). Дар ин давра сохтани шӯмораи зиёди васоити ахбори оммаи электронии ғайридавлатӣ, дар баробари нашриётҳои давлатӣ, мустаҳкамкунии фаъолияти нашриёти чопии хусусӣ, ташаккул додани бозори иттилоотӣ, ворид намудани технологияи иртиботии муосир дар соҳаи ВАО-и Тоҷикистон дида мешавад. Қайд кардан лозим аст, ки дар давоми 6-7 соли охир зиёда аз 70 нашриёти чопӣ ба қайд гирифта шудааст. Шумораи маҷаллаҳо бошад, мувофиқи маълумоти соли 2006 то ба 64 мерасанд. Аммо бояд тазаккур дод, ки аксарияти нашриётҳои мамлакат ба таври доимӣ нашр намешаванд.

Ба гурӯҳи рӯзномаҳои фаъоли ҷомеаи муосири Тоҷикистон инҳо дохил мешаванд: "Азия-плюс", "Оила", "Рекламная газета", "Миллат", "Тоҷикистон" ва ғ.

Агар рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои мавҷударо аз рӯи мутааллиқ буданашон ба ягон муассиса тақсим намоем, чунин гурӯҳҳо пайдо мешаванд:

1. рӯзнома ва маҷаллаҳое, ки ба идораҳои давлатӣ тааллуқ доранд;

2. рӯзнома ва маҷаллаҳое, ки аз тарафи секторҳои ғайридавлатӣ чоп
мегарданд;

3. рӯзнома ва маҷаллаҳое, ки аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ чоп мешаванд;

4. рӯзнома ва маҷаллаҳое, ки аз тарфи соҳибкорон чоп мегарданд.

Бояд гуфт, ки васоити ахбори оммаи нашрӣ дар ҳалли проблемаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа нақши муҳим мебозад. Аз марҳилаҳои инкишофи ВАО-и Тоҷикистон дидан мумкин аст, ки шумораи телевизион ва радио, рӯзномаву маҷаллаҳо зиёд гардида, ба мазмуну мӯҳтавои соҳаи сиёсат ва дигар соҳаҳои давлату ҷомеа таъсири мусбат мерасонад.

## 2. ВАО ҳамчун воситаи пахши иттилоотӣ

Ба категорияи дуюми васоити ахбори омма васоити пахши электронии иттилоот дохил мешавад, ки воситаҳои пахши садою симоро дар бар мегирад. Дар навбати аввал ба ин гурӯҳ радио ва телевизион дохил мешавад.

Радио ва телевизион имконоти истифодаи ҷараёнҳои иттилоотии оммавиро барои мақсадҳои сиёсӣ васеъ мегардонад. Кашфи радио дар охири асри XIX механизми паҳнкунии иттилоотро ба таври куллӣ тағйир дод ва имкони фиристодан ва паҳн кардани ахборро ба воситаи сарҳадҳои давлатӣ ва инчунин ба роҳҳои дур ба вуҷуд овард. Масалан, дар давраи ҷанги дуюми ҷаҳонӣ радио яке аз воситаҳои асосии сафарбаркунии сиёсии ҷомеа ва олоти муҳими ташвиқот ба шумор мерафт.

Радио яке аз воситаи пурқуввати таъсиррасонии идеологӣ ба омма мебошад. Дар соли 1960 дар Банкок аз тарафи ЮНЕСКО дар мавзӯи ташаккули васоити ахбори Осиё конференсия гузаронида шуд. Дар он ҷо қайд гардида буд, ки "радио дорои қудрати бузурге мебошад, ки пахши он ба самти оммаи камсавод нигаронида шудааст. Маълумоте, ки тариқи радио шунида мешавад аз даҳон ба даҳон гузашта, паҳн гардидани маълумот ба он дараҷае рафта мерасад, ки муайян кардани шумораи истифода-

барандагони иттилооти радиоӣ душвор мегардад". Агар мо фаъолияти радио ва телевизионро дуруст муқоиса намоем, пас аз давраи пайдоиши телевизион то воситаи муҳими сиёсат гардиданаш мӯҳлати начандон дароз дида мешавад. Сабаби асосӣ он аст, ки телевизион бештар дар зери таъсири тараққиёти илму техникаи муосир қарор гирифтааст.

Дар ҳолати мӯътадили ҷомеа низ васоити ахбори омма то як дараҷа ба сифати тарғиботчӣ, ташвиқотчӣ ва ташкилотчӣ баромад мекунад. ВАО пеш аз ҳама ҳамчун воситаи иттилоотӣ, воситаи муборизаи сиёсӣ ва дар охир воситаи интишори воқеоти ҷамъиятӣ ва ғайра мебошад. То он даме, ки васоити ахбори оммаи мо дар ин зина қарор мегиранд, онҳо нақши таргиботчӣ, ташвиқотчӣ ва ташкилотчиро мебозанд.

Қайд кардан лозим аст, ки яке аз мақсадҳои асосии ВАО-и Тоҷикистон фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, яъне ба воситаи фурӯши рекламаҳо ва барномаҳои гуногуни фарогатӣ ба даст овардани фоида ва маблағ аст.

Васоити ахбори омма дар ҷомеа бояд нақши катализатори фаъолияти иртиботиро дар самтҳои гуногун бозад. Махсусан, дар ду самт: самти иртиботӣ аз шаҳрвандон ба ташкилотҳои ҳукуматӣ ва баръакс.

Дар намудҳои гуногуни шаклҳои идоракунии давлатӣ ин ҷараён ба таври фарққунанда амалӣ мегардад. Дар ҷомеаи тоталитарӣ самти иттилоот бо як роҳ- аз доираи ҳукуматӣ ба шаҳрвандон равона карда мешавад. Инчунин, ҳатто тасдиқ кардан мумкин аст, ки дар шароити набудани мухолифини сиёсӣ, ташкилотҳою иттиҳодияҳои иҷтимоию сиёсӣ ВАО дар ҷомеа ба сифати ташкилотчӣ ва ҳаракатдиҳандаи қувваҳои ҳокимиятдор мебошанд. Дар ин ҳолат, васоити ахбори омма ба сензураи қатъӣ майл намуда, ба иттилооти фардӣ имкон намедиҳад. Масалан, дар Туркманистон то солҳои наздик истифодаи Интернет барои мардуми омма манъ карда шуда буд. Ва мисоли дигар телевизион ва умуман ВАО дар давраи собиқ Иттифоқи Шуравӣ танҳо ташвиқотчии як ҳизб буданд.

Дар кишварҳое, ки дорои сохтори демократӣ мебошанд, тамоюлҳои иттилоотӣ дар ҳар ду самт озоданд. Муҳимаш ин аст, ки давлати демократӣ дар он вақт метавонад дар назди шаҳрвандонаш масъулият ҳис намояд, ки онҳо дар корҳои ҷамъиятӣ-давлатӣ фаъолона ширкат варзанд. Шаҳрванд дар он ҳолат метавонад аз ҳукумати худ масъулият талаб намояд, ки вай ба давлату ҳукумат чизе карда тавонад. Танҳо васоити ахбори омма метавонад ба сифати алоқаи робитавии имкониятҳои гуногун баромад намояд ва ташаккул додани ҳақиқати сиёсии ҷамъиятро бар дӯши худ гирад.

Тамоюли умумии ҷаҳони муосир дар айни ҳол ин афзудани таъсири телевизион ба мардум ва нисбатан суст гардидани қувваи таъсирбахши васоити нашрӣ ва барномаҳои радиоӣ ба аҳолӣ мебошад. Телевизион дар байни дигар васоити ахбори омма ҳам аз ҷиҳати қувваи таъсирбахшии худ ва ҳам аз ҷиҳати боварии шаҳрвандон сарварӣ дорад. Ин аст, ки дар замони муосир аксари кишварҳои ҷаҳон рӯ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ овардаанд. Одамон нисбатан аз хондану шунидан дида, ба тамошо кардану дидан боварӣ пайдо мекунанд.

Яке аз васоити дигари асосии ахбори оммаи замони муосир Интернет ба шумор меравад, ки дар баробари дигар намуди ВАО дар ҷомеа мақоми худро дорад. Шабакаи Интернет на танҳо имконияти робитаи мактубӣ ва медиявӣ аст, балки сарчашмаи асосии иттилооте мебошад, ки сарҳад надорад. Аз сабаби оне, ки маълумот ва ахбори Интернет тамоми паҳлӯҳои ҳаёти ҷамъиятию давлатиро дар бар мегирад, дар сиёсат низ нақши он хеле бузург аст. Аз рӯи баъзе сабабҳои иқтисодию иҷтимоии мамлакати тозаистиқлоли мо аксари мардум ба ин намуди васоити ахбори омма дастрасӣ надоранд.

Васоити ахбори омма ба мисли дигар соҳаҳо дар системаи сиёсии ҷомеаи тоҷикистониён нақши бузург дорад. Аслан нақшро аз рӯи вазифаҳо муайян мекунанд ва аз ин рӯ вазифаҳои ВАО гуногунпаҳлӯ мебошанд. Аз байни онҳо аз ҳама муҳимтаринаш вазифаи иттилоотӣ аст. Маълумоте, ки аз тарафи ВАО пешкаши мардум мегардад,

на танҳо равшанӣ андохтан ба ин ё он факту рақам, балки шарҳу эзоҳи он ва баҳодиҳӣ низ мебошад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки ВАО шакли васеи иртиботи инсониро таъмин мекунад, ки бо вазифаи иттилоотӣ марбут аст. Вазифаи асосии телевизион ва радиои давлатӣ ва ғайридавлатӣ таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон бо ёрии маълумотҳои муҳими ҷамъиятӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-маънавӣ дар дохили мамлакат ва берун аз он мебошад. Дар баробари ин яке аз вазифаҳои дигари муҳим сиёсикунонии ҷомеа ва баланд бардоштани маданияти сиёсӣ ва шуури сиёсии ҷомеа мебошад.

Дар замони муосир, ки рӯоварии аксари мамлакатҳои олам ба ҷомеаи шаҳрвандӣ афзуда истодааст, телевизион, радио ва матбуотро аз ҷиҳати маблағгузорӣ ва дастгирии давлатӣ ба ду гурӯҳи калон ҷудо мекунанд. Яъне, васоити ахбори оммаро ба ду гурӯҳ- давлатӣ (аз тарафи давлат маблағгузорӣ шаванда) ва ғайридавлатӣ (аз тарафи субъектҳои ғайридавлатӣ.маблағгузорӣ шаванда) тақсим мекунанд.

Бояд зикр кард, ки телевизион ва радиоро аз рӯи модели фаъолият ба тиҷоратӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ ҷудо менамоянд. Ин ба матбуот ҳам тааллуқ дорад. Муносибати ин се навъи модели васоити ахбори омма нисбати сиёсат ва корҳои давлатдорӣ фарқ карда меистад. Масалан, модели тиҷоратии ВАО бештар ба реклама ва фурӯши барномаҳои гаронқиммат машғул буда, барои ташвиқу тарғиб ва дастгирии сиёсати давлат нақши муҳиме намебозанд. Вай бештар ҳамкориро бо иқтисодиёт ва соҳибкорон инкишоф медиҳад.

Модели ҷамъиятӣ ва давлатии васоити ахбори омма аз тарафи мардум ва давлат маблағгузорӣ шуда, пурра ба ташвиқу тарғиби сиёсати давлатӣ ва сафарбаркунии мардум ва ҷомеа машғул аст. Сензураи давлатӣ бештар ба ду навъи модели охирини ВАО равона карда мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки айни замон модели телевизион ва радиоеро, ки сирф ба ин ё он модел мутааллиқ бошад, дарёфт кардан мушкил аст. Ҷомеаи

муосир шакли ташаккулёфтаи модели навро бо номи "модели омехта" тавлид кардааст, ки дар олам ВАО ба он майл мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аксари телевизион ва радио аз рӯи модели омехта фаъолият мекунанд. Масалан, фаъолияти муассисаи давлатии "Телевизиони сафина" аз рӯи ин намуди модели телевизионӣ амал мекунад. Яъне дар фаъолияти он реклама, ҷалби сармоягузорон, фурӯши барномаҳои гаронқиммат ва инчунин тарғибу ташвиқи фаъоли сиёсати давлат дида мешавад.

Муассисаи давлатии "Телевизиони Сафина" баромаду суханрониҳои президент ва инчунин паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба Маҷлиси Олӣ ба таври пахши мустақим ба мардум пешкаш менамояд. Қисмҳои алоҳидаи паёмҳои президентро ба воситаи барномаҳои "Навид", "Сафо", "Мино" ба мардум ба таври васеъ нишон медиҳад. Инчунин дар гузаронидани чорабиниҳои муҳими сиёсӣ, ба монанди 16-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2700-солагии шаҳри Кулоб, соли тамаддуни Ориёӣ, форуми тоҷикон ва тоҷикзабонони тамоми дунё, соли мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, ба воситаи барномаҳои гуногуни сиёсиву иҷтимоӣ иштироки фаъол дорад. Дар ҳодисаҳои сиёсии таърихии мамлакат, ба мисли Интихоботи президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки фаъол дошта, аз комиссияҳои интихоботӣ ва ҳавзаҳои минтақавӣ мардумро ҳар соат аз натиҷаи интихобот шинос менамояд. Дар амалӣ гардонидани сиёсати давлату ҳукумат оид ба расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва коммуникатсионӣ фаъол буда, аз макони сохтмони иншоотҳои дорои аҳамияти стратегӣ наворҳо омода намуда, пешкаши тамошобинон мегардонанд.

Ҳамин тавр, дар адабиёти илмии муосир нисбати нақш ва аҳамияти ВАО дар ҷомеа ақидаҳо гуногунанд, вале дар номгӯи нақшҳои ВАО наметавон афазалиятнокии ин ё он нақшро асоснок кард. Аксарияти олимон дар тадқиқотҳои худ 3 нақши асосии ВАО-ро ном мебаранд, ки хоси ҳама намуди сохтори иҷтимоию сиёсӣ мебошанд:

1. Иттилоотӣ: ВАО ба аудиторияи васеъи ҷомеа оид ба воқеа ва ҳаводис маълумот пешниҳод мекунад.

2. Муоширатӣ: маҳз тавассути ВАО байни аҳли ҷомеа муносибот барқарор мешавад.

3. Фарогатӣ: бо мақсади паст кардани шиддати иҷтимоии ВАО маводи хушкунандаи табъи аъзои ҷомеаро пешниҳод мекунанд.

Омили дигаре, ки озодии шаҳрвандонро дар ҷомеаи демократӣ таъмин мекунад, ин худидоракунӣ ва имконияти озоди қабули қарорҳоро доштани мардум маҳсуб меёбад. Ширкат дар раванди қабули қарорҳо танҳо дар он ҳолат сурат мегирад, агар ҳар як узви ҷомеа маълумоти воқеъиро перомуни ҳама дигаргуниҳо дошта бошад, ва дар ин асос бо дигар аъзоёни ҷомеа мубодилаи озоди афкор карда тавонад. Ҳар қадар иттилоъ бештару дақиқтар, рӯзмарра ва фаврӣ бошад, ҳамон қадар дараҷаи фаъолнокии мардум баланд мешавад. Маълум аст,ки дар кишваре, ки васоити ахбори омма тамоюли маддоҳӣ дошта, ҳамеша ҳукуматро таъриф кунанд, ҳатман ягон ташодулоти ҷиддӣ шуруъ хоҳад шуд. Аммо, агар ВАО рӯирост ин ё он масъала ё камбудии ҷомеаро зери тозиёнаи танқид гирад, дар он кишвар оромӣ таъмин мегардад.

Қувва ва мавқеи ВАО, ки метавонад ба ҳама гуна раванди иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ таъсири ҷидд расонад, дар ҳама давру замон эътироф карда мешавад. Табиист, ки агар ВАО озод бошад, омили муҳимест баҳри бунёди ҷомеаи демократӣ, вале агар ин озодӣ бо ин ё он роҳ маҳдуд карда шавад, ҷойи ВАО-и озодро дасгоҳи иттилоотии давлат гирифта бо суханҳои зиндабод майнаи одамонро пур кардан мегирад. Нисбати аҳамият ВАО ё ин ки озодии он фикру андешаҳо қариб,ки дар аксарияти тадқиқотҳо якхела маънидод карда мешаванд. Озодии васоити ахбори омма ин пеш аз ҳама дахолат накардани давлатро ба раванди паҳн кардани иттилоот барои омма дар назар дорад. Аз ин рӯ,вақтҳои охир бархе аз мутахассисон сари масъалаи таъсири васоити ахбор ба рушду инкишоф ва умуман иқтисодиёти кишвар равона шуда истодааст. Воқеан озодии ВАО ба пешравӣ ва аз байн бурдани камбудиву норасогиҳои ҷомеа таъсири бештаре расонида,

дар бисёр ҳолатҳо танзимгари мушкилиҳои ҷомеа мебошанд. То имрӯз дар Тоҷикистон тахминан наздики 50 ҳафтономаҳои хусусӣ ва ғайридавлатӣ чоп мешавад, ки байни онҳо газетаҳои "Нигоҳ", "Миллат", "Фараж", "Чархи гардун", "Азия-плюс", "Тоҷикистон", "СССР" бештари хонандагонро тавассути маводи интиқодӣ ҷалб намудаанд. Вале агар, мақолаҳои танқидии дар ин ҳафтономаҳо чоп шударо таҳлил кунем, мебинем, ки дар бештари онҳо муносибати эҳтиёткоронаи муаллифон ба қаҳрамонони худ ҳис карда мешавад. Коршиносон бар он ақидаанд, ки дар ин ҳолат, ҷурми худи рӯзноманигорон ва хусусан муассисони ин нашрияҳо нисбат ба намояндагони сохторҳои ҳукуматӣ бештар аст. Дар Тоҷикистон ҳафтономаҳои хусусӣ, ки нисбатан озоданд, характери тиҷоратӣ дошта, бо назардошти нигоҳ доштани рейтинги нашрияҳои худ, муассисон талаб мекунанд, ки газетаҳо ба ҷойи он, ки мавзӯъҳои рӯзмарраи кишварро баррасӣ кунанд, бештар дар бораи ҳаводисе менависанд, ки аллакай ба ҳама маълуму машҳур шудааст. Бештари маводи чопие, ки тавассути ҳафтономаҳои мустақил ба мардум пешниҳод карда мешавад, хусусияти ёддоштӣ дошта, ба мавзӯи ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997, ва ашхоси маъруфе, ки ҳангоми задухӯрдҳо ба ҳалокат расидаанд, бахшида шудаанд. Ниёзи мардум низ ба чунин мавод зиёд аст, чунки саҳифаҳои норавшани ҷанги шаҳрвандӣ то ҳоло хеле зиёданд. Дар воқеъ, танҳо тавассути ВАО роҳбарони ҳукумат ва корхонаҳо метавонанд, оиди равандҳои ҷомеа маълумоти воқеиро гирифта, қарорҳои дуруст қабул кунанд. Маводи ВАО-ро таҳлил карда роҳбарони сохторҳои ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ вазъи ҷомеаро муайян ва тағйиротҳоиояндаро дар ин ин ё он соҳа метавонанд пешгӯйӣ кунанд. Вобаста ба дигаргуниҳои эҳтимоли нақшаҳои худро тарҳрезӣ кунанд, ки ин бешубҳа устувории онҳоро таъмин ва обруву нуфузашонро дар байни аҳолӣ баланд мекунад. Беҳуда нест, ки бойтарин сарватмандон ва маъруфтарин сиёсатмадорони дунё рӯзи кории худро аз мутолиаи рӯзномаҳои "тоза" оғоз мекунанд. Дар кишвари мо бошад, танҳо матбуоти давлатиро, барои

огоҳӣ ёфтан аз қарору супоришҳо ва тағйиротҳои кадрӣ истифода мебаранд.[48]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти кумитаи телевизион ва радио, нашриётҳое, ки ба чопи рӯзномаву маҷаллаҳо, китобу рисолаҳо машғуланд, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нашр ва дигар васоити ахбори омма" ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ танзим карда мешавад.

Тибқи супориши президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2005 сар карда, ҳамаи идораву сохторҳои давлатӣ муваззаф карда шудаанд, ки дар охири ҳар як семоҳа нишастҳои матбуотӣ гузаронида дар назди хабарнигорон оид ба фаъолияти корхонаҳои худ маълумот диҳанд. Бояд қайд кард, ки чунин ҳатмикунонии нишастҳои матбуотӣ дар ягон давлати дигари собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дида намешавад. Аз назари коршиносон вазъи озодии матбуот дар Тоҷикистон дар қиёс бо дигар кишварҳои минтақа ба фоидаи Тоҷикистон аст ва тавассути марказҳои матбуотие, ки ҳамзамон бо ин қарор дар назди корхонаҳои давлатӣ таъсис дода шудаанд, ин нишастҳо аксар вақт бо сенарияи навиштаи роҳбарони ин сохторҳо мегузарад. Дар ҷавоб ба талаби ВАО намояндагони сохторҳои давлатӣ ба марказҳои иттилоотӣ ишора мекунанд, вале нишастҳои матбуотӣ то ҳол на барои дастрасии матбуот ба иттилоот, балки барои ҳисобот дар назди идораҳои назоратӣ гузаронида мешаванд.

---

[48] Ниг.Сайдалиев Д.Макоми ВАО дар рушду инкишофи ҷомеа.//Паёми ДМТ .2008с

# АМНИЯТ ҲАМЧУН ПАДИДАИ СИСТЕМАИ ИҶТИМОИЮ СИЁСӢ

Маълум аст, ки дар доираи таҳлилҳои сиёсатшиносӣ масъалаҳои амният хусусияти муҳими соҳаҳои иҷтимоию сиёсӣ ҷомеаро дар низоми сиёсӣ нигоҳ медорад. Бо дарназардошти ин, амният пеш аз ҳама ҳолати устувори сохти ҷамъият мебошад, ки ба таъсири дохилию берунӣ нигоҳ накарда, қобилияти воқеиро барои рушду нумӯъ фаъол мегардонад. Ин аст,ки бисёр кишварҳои ҷаҳон барои ба танзим даровардани фазои дохилию берунии хеш қонунҳои мухталиф қабул намуда, чорабиниҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ баргузор менамоянд. Аз он ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баъди ба даст овардани истиқлолияти том як қатор қонунҳои мушаххаси амниятӣ қабул намуд.Инҳо:Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи амният" соли 2002, "Дар бораи алоқаи фелдегерӣ" соли 2002", "Дар бораи сирри давлатӣ" соли 2003, "Дар бораи мақомоти амнияти миллии Чумҳурии Тоҷикистон" соли 2008 ва "Консепсияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон " соли 2004 ва ғ.

## 1. Мафҳум, моҳият ва таснифоти амният дар сиёсат

Дар хусуси сохтори беҳтарини давлат мулоҳиза ронда, Арасту дар маркази андешаҳои худ нисбати тарзи идораи корҳои ҷамъиятӣ "мафҳуми амнияти шаҳрвандро" мегузорад. (1) Б. Спиноза мақсади ҳолати шаҳрвандиро "танҳо осудагӣ ва амнияти ҳаёт" (2) Ж.Ж. Руссо "кӯшиши худмуҳофизаткунӣ"-ро муҳимтарин кори давлат мешуморад. (3)

Ба таҳлили пешрафти дастовардҳои афкори ҷамъиятӣ ва донишҳои муосир такя намуда, ҷомеашиноси дигар Р. Арон менависад: "Файласуфон чунин меҳисобанд, ки сиёсат ҳамеша ду мақсадро амалӣ месозад, сулҳи дохили ҷамъият ва муҳофизат аз дигар ҷамъиятҳо". (4) Ба андешаи мо, ҳар нафаре, ки аз ҳимояи ҷамъият бархурдор аст, вазифадор мебошад, ки ба ҷамъият хизмат намуда, ҳиссае

мувофиқи қобилияташ гузорад. Бештари масъалаҳои амниятии шаҳрвандон ин на танҳо вазифаи вазорату кумитаҳои марбута, балки ба ҳар як шаҳрванд вобастагии зич дорад. Ин вазифаҳо дар он зоҳир мегарданд, ки манфиатҳои ашхоси дигар халалдор гардонида нашаванд. Яъне, қонун риоя карда шавад ё ин ки кирдори одам ба дигарон зараровар набошад.

Аз ин лиҳоз, бояд гуфт, ки байни сиёсат ва амният алоқаи қавии генетикӣ мавҷуд аст. Муҳимтарин сабаби пайдоиши сиёсат ҳамчун маҳаки муносибатҳои ҷомеа ин талабот ба муҳофизати аъзоёни ҷамъияти инсонӣ аст. Аз ин рӯ, сиёсат пурра дар ҳукми сиёсатмадорон мебошад, агарчи мақсади онҳо ба манфиатҳои рушди илму давлат ҳам мувофиқат накунанд. Инро ҳам сиёсатмадорон ва ҳам олимон ба пуррагӣ дарк менамоянд. Онҳо кӯшиш менамоянд, ки ҳангоми ба ҳам омадани манфиатҳо роҳи қобили қабули рушди иқтисодро дарёфт намоянд, то ки некӯаҳволии миллат ва амнияти давлатиро таъмин намоянд.

Дар доираи таҳлилҳои сиёсии имрӯза масъалаи амният ин ҳолати сиёсии соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ дар якҷоягӣ ва алоҳидагӣ мебошад. Аз ин нуқтаи назар амният ҳолати устувори сохти ҷамъият, бо нигоҳдошти бутунӣ, новобаста ба дахолати номусоиди дохилӣ ва берунӣ мебошад.

Бо фаҳмиши "амният" ба таври васеъ, ин алоқамандии тафаккури нигоҳдошти низоми иқтисоди ҷаҳонӣ, рафтори то як андоза ягона дар муносибатҳои сиёсии ҷаҳон, эҳтиром ва риояти ҳуқуқҳои инсонӣ лозим меояд. Инчунин андешаи дигаре, ки амният ҳамчун падидаи сиёсӣ баҳри талаботҳои муайяни иҷтимою сиёсӣ ва манфиатҳо хизмат мекунад мавҷуд аст. Аммо ин мулоҳизаи фавқ саҳеҳ нест, бинобар ин таҳқиқу таҳлил ва омӯзиши алоҳидаро талаб менамояд. Чунки амният на танҳо наҳзати сиёсӣ ва воқеӣ, балки масоили фарҳангӣ ахлоқӣ, зиндагии фардии шаҳрвандон, муносибати инсон ба табиат ва ғайраро низ фаро мегирад.

Имрӯз дар илмҳои сиёсӣ вобаста ба мавқеъ ва нуфуз, падидаи амниятро ба гурӯҳҳои зерин: байналмилалӣ,

минтақавӣ ва давлатӣ (миллӣ) тақсим менамоянд. Аз рӯи характер ва моҳияти таҳдид ба амнияти ҳарбӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, иттилоотӣ ва ғ. Аз рӯи муносибат ба субъекти таҳдид ба амнияти дохилӣ ва берунӣ тақсим карда мешаванд. Мувофиқи тадқиқотҳои навини стратегӣ мустаҳкамии амнияти миллӣ ва ҷаҳонӣ пеш аз ҳама аз лиҳози ҳарбӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Таъмини амният ва амалӣ гардонидани он, ҳалли як қатор масъалаҳои маҷмӯавии гуногунеро, ки муҳимтарин ва корбурдтарини онҳо характери сиёсӣ доранд, тақозо менамояд. Гап сари он аст, ки амният нуқтаи муҳими пайдоиши талаботҳо дар низоми пурқуввати ҷомеаи инсонӣ буда, усули махсуси ба низомдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ аст. Бинобар ин, ҳамеша дар пайдоиши сиёсат-амният роли асосиро бозида, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро мегирад. Чунки таҳдиду хатарҳо ба амнияти шахсӣ ва ҷомеа инсонҳоро ҳамеша ба зарурат ва фаҳмиши зиндагии якҷоя барои манфиатҳои умумӣ ва миллӣ водор месозад.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар байни мутахассисон маънидодкунии мафҳуми "амният" ё "амнияти миллӣ" низ мавҷуд аст. Ба назари мо, амният - ин ҳолати ҳифзи шахсият, ҷамъият ва давлат аз таҷовузҳои зиддиҳуқуқӣ ба манфиатҳои онҳо мебошад. Мафҳуми "амнияти миллӣ" бошад, ҳифзи шаҳрвандон, ҷомеа ва сохтори давлатиро дар микёси як кишвар ва давлат дар бар мегирад.

Тасаввуротҳои универсалӣ дар бораи амният, ки онҳоро "релятивизми фарҳангӣ" меноманд, ба вуҷуд меоянд. Аммо гуфтан мумкин нест, ки ба ин масъала ба қадри кофӣ равшанӣ андохта шудааст. Ҳанӯз ҳам дар байни олимон ва муҳаққиқон чӣ нисбати моҳият ва мазмуни мафҳуми "амният" ва чӣ тамоюлҳои инкишоф ва нақши иҷтимоию сиёсии ин падидаи ҷамъиятӣ гуногунфикрӣ вуҷуд дорад. Дар масъалаи он, ки амният чист ва сохти он чӣ гуна аст, ақидаҳо гуногунанд. Масалан, як қатор муаллифон мазмуни мафҳуми "амният"-ро васеъ шарҳ дода, амалан онро бо мафҳуми "манфиатҳои миллӣ" монанд мекунанд. Аммо ин мафҳумҳо бо ҳамдигар алоқаи

зич дошта, аз бисёр ҷиҳатҳо бо якдигар мувофиқат кунанд ҳам, дар байни онҳо тафовутҳо низ ҳастанд. Қайд кардан лозим аст, ки дар луғати энсиклопедии Брокгауз ва Ефро дар мақолаи "Амният" дар бораи таҳдидҳо ба шахсият, ҷомеа ва давлат сухан меравад, инчунин зарурати бартараф намудани чунин хатарҳо, ба монанди аз ҳад зиёд афзоиш ёфтани аҳолӣ, бемориҳо ва ҳодисаҳои нохуш, гуруснагӣ ва "хатарҳое, ки ба несту нобуд шудани моликият таҳдид мекунанд", таъкид карда мешавад.[49] Аз ин рӯ, таҳлили ин проблема бидуни баррасии масъала оид ба намудҳои амният, ки дар асарҳои бисёр мутахассисон мавқеи махсусро ишғол намудааст, имконнопазир мебошад. Онҳо чунин намудҳои амниятро зикр менамоянд: байналхалқӣ, минтақавӣ, миллӣ (давлатӣ), сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, мудофиавӣ ва иттилоотӣ.

| | Амнияти миллӣ |
|---|---|
| Аз рӯи хусусияти манбаъҳои таҳдид | амнияти берунӣ |
| | амнияти дохилӣ |
| Аз рӯи объектҳои амният | амнияти шаҳрванд |
| | амнияти ҷомеа |
| | амнияти давлат |
| Мувофиқи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва фаъолияти инсон | амнияти сиёсӣ |
| | амнияти иқтисодӣ |
| | амнияти ҳарбӣ |
| | амнияти иҷтимоӣ |
| | амнияти иттилоотӣ |
| | амнияти экологӣ |
| | амнияти демографӣ |
| | амнияти энергетикӣ |
| | намудҳои дигари амният |

[49] Ниг.: Лугати энсиклопедӣ // Нашриёти Ирфон, 1989. - С. 304-307

Ҳамин тавр, тадқиқи намудҳои гуногуни амният то ҳол анҷом наёфтааст.Нисбати маҳакҳои ҷудо кардани онҳо ва нисбати натиҷаҳои муайян кардани намудҳои мушаххаси амниятӣ ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд.

Маълум аст, ки ҳамаи намудҳои амният, ки дар байни онҳо робитаҳои ҳамдигарии мураккаб вуҷуд доранд, пеш аз ҳама бо он фарқ мекунанд, ки онҳо дар асоси таъмин ва танзими ҷанбаҳои муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ тафриқагузорӣ карда мешаванд. Инчунин, вақтҳои охир тамоюли ҷудо кардани намудҳои нави амният ба мушоҳида мерасад. Масалан, торафт бештар дар бораи амнияти фарҳангӣ, амнияти зеҳнӣ, амнияти генетикӣ сухан меравад, дар доираи амнияти маънавию ахлоқӣ бошад, чунин намудҳои амният, ба монанди амнияти психологӣ, дар системаи амнияти иқтисодӣ - амнияти техникӣ, технологӣ, инфраструктурӣ, асъорӣ ва намудҳои дигари он мушоҳида карда мешавад.[50] Бо назардошти тадқиқотҳои назариявӣ оид ба таҳлили моҳияти амният ошкор кардани намудҳои он, хусусияти манбаъҳо ва инчунин манбаъҳои таҳдид ва объектҳои он муносибати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар остонаи асри XXI ба дигар кишварҳо муайян менамояд.

Моҳиятан истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳаёти берунӣ ва хориҷии он устувор гардидани принсипи зӯроварӣ накардан, пеш аз ҳама ба бартариятҳои геополитикӣ вобаста мебошанд. Сиёсати давлати мо ба ташаккул додани иқтисоди бозории инкишофёфтаи ҷанбаи иҷтимоидошта ҳамчун қисми таркибии иқтисоди ҷаҳонӣ равона гардидааст. Ягон идеологияи дигар наметавонад, ки мамлакати моро аз ин роҳ бозгардонад..

Ба ҳамин тариқ, соҳаи амният фазои иҷтимоию сиёсиест, ки асосҳои бунёдии ҳастии ҷамъиятро фаро мегирад. Қайд кардан лозим аст, ки танзими махсус ба манфиати муҳофизат аз таҳдиду хатарҳо на ҳамаи падидаю равандҳоеро талаб мекунад, ки маҷмӯи мушаххаси муносибатҳоро тавсиф менамоянд, балки он падидаю равандҳоеро талаб менамояд, ки асоси ҳаётии фаъолияти

[50] Ниг.: Янковский Р.Г. Амнияти маънавию ахлоқии Русия // Сотсис. 1995. №2 - С. 43

ҷомеа ва шаҳрвандони онро муайян мекунанд. Системаи истеҳсолию иқтисодии ҷомеа, соҳаи робитаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии инсон, инчунин соҳаи ҳаёти маънавии ӯ ба мавҷудият ва инкишофи бехатар ниёз доранд. Бо мақсади роҳ надодан ба равандҳои бетартибона ва стихиявӣ - ин соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба тадбирҳои махсуси танзим ба манфиати таъмини тавозуни тадриҷӣ, субот, тамомият ва мутобиқати унсурҳои асосии таъсири берунӣ ва дохилии ҷомеа эҳтиёҷ доранд.

Ҳамин тариқ, чунин фаҳмиши соҳаи амният имкон медиҳад, ки он дар муқоиса ба сиёсат монанд карда шавад. Соҳаи амниятро низ ба монанди майдони сиёсат муҳити зиддиятнок муайян мекунад ва ягонагии он фазои иҷтимоие, ки дар он онҳо интишор меёбанд, дар ҳамин зоҳир мегардад. Дар асоси ин, гуфтан мумкин аст, ки манбаъҳои бисёре аз зиддиятҳои сиёсӣ дар худи системаи давлати сермиллат ниҳонанд.Албата замоне, ки идеологияҳои миллии аз тарафи бисёре аз ин мамлакатҳо дастгиришаванда ба ҳимояи хусусиятҳои хоси халқҳои дар ин кишвар истиқоматкунанда равона гардидаанд. Аз ин рӯ, аксар вақт вазъиятҳои зиддиятнок пайдо шуда, ба низоъҳои шадид табдил хоҳанд ёфт. Яъне маълум аст, ки дар бисёре аз ин давлатҳо ҳанӯз воситаҳои коҳиш додани чунин радикализм ва пешниҳод намудани "манфиатҳои миллӣ" вуҷуд надоранд.

Шубҳае нест, ки майдони амниятро фазои васеъ меҳисобанд, зеро ҳама гуна проблемаҳои бунёдии фаъолияти системаи ҷамъиятӣ бевосита ё бавосита бо проблемаи ҳокимият алоқаманд мебошанд.Ғайр аз ин, тамоми соҳаи амният бо падидаю равандҳои бунёдию дуюмдараҷааш соҳаи бевоситаи муносибатҳои давлатӣ ба шумор мераванд. Масалан, Тоҷикистон шарики стратегии Русия буд ва ҳаст. Русия, чун калонтарин шарики сиёсии Тоҷикистон, метавонад, агар образнок карда гӯем, дар чанд тахтаи шоҳмот бозӣ кунад, вале Тоҷикистон низ бояд ҳамеша сари тахтаи шоҳмот бошад, то лоақал бозиро бой надиҳад. Ин фақат аз сиёсати мо, аз динамизм ва тайёр будани он ба ҳама гуна ҳодисаҳои ғайричашмдошти сиёсӣ дар мамлакатҳои бародари ҳамҷавор вобаста мебошад.

Русия тағйир меёбад ва муносибатҳо бо он низ бояд мутобиқи талаби замон бошанд.Д.А.Медведев ва Э. Раҳмон, метавон гуфт, сиёсатмадорони этникии маҷрои нав мебошанд: онҳо доимо дар ҷустуҷӯи роҳҳои нави ғайриқолабии раҳоӣ аз вазъиятҳои муташанниҷи сиёсӣ мебошанд. Онҳо барои мамлакатҳои худ сиёсатмадорони созанда мебошанд.

Ин аст, ки майдони сиёсат ва соҳаи амният хусусиятҳои умумии зерин доранд:

а) ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дахл мекунанд;

б) муҳити зиддиятнок, соҳаҳои ихтилофноки ҳамкориҳои иҷтимоиро фаро мегиранд.

Ҳамин тариқ, дар бораи амният сухан ронда, қайд кардан лозим аст, ки "амният" ҳамчун истилоҳ баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон ба гардиши фаъол даромад, вақте ки тамоми мамлакатҳои ҷаҳон ба хулосаи умумие омаданд, ки ҷангҳо бағоят харобиовар гардидаанд ва тамоми саъю кӯшиши ҷомеаи байналхалқӣ бояд ба пешгирии ҷанг, яъне иҷрои вазифаҳои таъмини бехатарӣ аз ҷанг равона карда шавад.

Ҳоло соҳаи амният яке аз соҳаҳои асосии фаъолияти ҳар як давлат, ҳадафи муборизаҳои дохилии сиёсӣ, таваҷҷӯҳи ҷомеаи шаҳрвандӣ, тадқиқотҳои илмӣ ба шумор меравад. Ин дар навбати худ муносибати бошууронаро ба проблемаҳои амнияти миллӣ ва байналмилалӣ на фақат аз тарафи мутахассисон, балки аз тарафи доираи васеътари шаҳрвандон талаб мекунад.

Маҳз аз ҳамин сабаб проблемаҳои амният ба яке аз ҷузъҳои барномаи институтҳои таълимӣ ва тадқиқотҳо табдил меёбанд.[51] Дар айни замон соҳаи амният дар дохили доираи васеътари сиёсатмадорон як навъ доираи мутамарказиро ташкил менамояд. Ҳама гуна фаъолияти таъмини амният - ин фаъолияти сиёсист, фаолиятест, ки онро системаҳо ва методҳои сиёсӣ ба танзим медароранд. Фаъолияти таъмини амният ҳамчун фаъолияти муҳимтарини сиёсат баромад мекунад. Он дар зуҳуроти асосии худ моҳият ва мазмуни асосии сиёсатро ифода менамояд. Бояд гуфт, ки амният яке аз объектҳои асосии сиёсатшиносӣ ба шумор меравад.

[51] Ниг.: Кулагин В. М. Амнияти байналхалқӣ. - М.: Аспект Пресс, 2006. - С.14.

Умуман, аз рӯи мушоҳидаҳо ва ҳолати ҳимояи манфиатҳои миллии кишварҳои гуногун бармеояд, ки эътибори давлате, ки давраи дуру дароз амал мекунад, ин эҳтироми ашхосе мебошад, ки онро ташкил медиҳанд. Маълум аст, ки давлат манфиатҳои рушди ақлии онҳоро ғайр аз ҷусту ҷолокии маъмурӣ, ки аз таҷриба ба вуҷуд меояд ба чизи дигаре иваз карда наметавонад. Бояд гуфт, ки кадом давлате, ки ба шаҳрвандони хеш ҳамчун ба "лӯхтак" муносибат мекунад, ҳатто барои мақсадҳои нек, то ки онҳо бе майлон ба он итоат намоянд. Мерасад рӯзе, ки чунин давлат бо чунин шаҳрвандони "лӯхтакмонанд" ягон кори бузурге ба миллати хеш карда наметавонад. Аз ин рӯ, эҳтироми озодии шахс, паст намудани сатҳи камбизоатӣ, маҳв намудани сатҳи бесаводӣ ва ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳими давлатӣ дар ҳама давру замон ниёз ба амният ва пуштибонӣ доранд.

Дурнамои амниятӣ дар асоси ҳамкорӣ бо принсипи иштироки умум мутааллиқ аст, ки ин ҷо вуҷуддошти шумораи институтҳои расмӣ он қадар муҳим нест, аммо дастгирии гуфтугӯи расмӣ муфид ва фоидаовар аст. Амният дар асоси ҳамкорӣ дар бисёри ҳолатҳо ин ҳамкории дипломатӣ байни давлатҳо барои таъмини амнияташон мебошад. Дар мавриди муқовиматҳои ҳарбӣ, дурнамои амният баҳри ҳамкорӣ дипломатияи тадбирӣ ва чораҳои эътимоди ҳарбӣ-сиёсиро ба худ касб мекунад. Яъне, тақвияти гуфтушунидҳои байнидавлатӣ барои амният ва коркарди механизми машварат ва қабули қарорҳо раванди амалигардонидани фаъолияти сиёсиро метезонад. Аз ин хотир, аҳамияти амниятро дар ташкили ҳадафҳои сиёсати миллии давлатӣ ба таври алоҳида қайд кардан лозим аст ва он таҳлили ҷудогонаро талаб менамояд.

Пӯшида нест, ки дар болоравии нуфуз ва эътибори сиёсати ҳар як давлат манфиатҳои амниятӣ мавқеи асосӣ доранд. Масалан, дар банди 46-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти маҳдуд кардани озодиҳои шаҳрвандон ба манфиати таъмини амният ва ҳимояи сохти конститутсионӣ пешбинӣ шудааст.

Ба ин маъно метавон аз муқаддимаи "Стратегияи амнияти миллии ИМА", ки аз тарафи президент Б. Клинтон ба имзо расидааст, мисоли дигар овард, ки бо чунин суханон оғоз мешавад: "Ҳимояи амнияти миллии мо, халқ, ҳудуд ва тарзи зиндагӣ вазифаи асосӣ ва ӯҳдадории конститутсионии маъмурияти ман аст".

Ин гуфтаҳо дар "Стратегия"-и соли 1996 низ такрор шуданд. Қайд кардан зарур аст, ки дар ин ду ҳуҷҷат мавқеъ ва аҳмияти амният чун арзиши сиёсӣ, дар ташаккули сиёсати давлат арзёбӣ шудааст. Аз ин ҷо алоқамандии дохилии генетикии сиёсат, идеология ва амният дар қисматҳои гуногун ва фаъолияти идораи сиёсӣ, дар самт ва моҳияти он таҷассум меёбанд. Яъне, барои таъмини амният ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ алоқамандии сиёсат ба амният ба пуррагӣ дарк карда мешавад.

Дар тадқиқотҳои муосири назариявӣ, ҷиҳати асосии манфиатҳо, ки ба эътибори миллию давлатӣ тааллуқ доранд, маҳз дар соҳаи амният муайян мегарданд. Яке аз тадқиқотчиёни шинохтаи ин соҳа Э.А. Поздняков қайд мекунад, дар зери мафҳуми манфиатҳои умумӣ ҳамеша "таъмини амнияти тамоми ҷомеа фаҳмида мешавад". Ба ақидаи ӯ дар манфиатҳои миллӣ-давлатӣ "талаботҳои ҳаётии миллат ва халқ барои ҳаёт, худмуҳофизатӣ, худбоварӣ ва таъмини амнияти худ" (5) ифода меёбад. Аз ин ҷо бар меояд, ки фаҳмиши дуруст ва аниқи манфиатҳои миллӣ ҳамчун муҳимтарин ҳадаф ва мақсади сиёсати давлат дар асоси барнома ва нишондодҳои илмӣ баҳри рушд ва инкишофи Тоҷикистон дар шароити кунунӣ аҳамияти амалиро доро мебошад.

## 2. Амният ҳамчун воситаи махсуси муносибатҳои ҷамъиятӣ

Чӣ тавре ки маълум аст, мафҳуми "амният" ва "низои сиёсӣ" низ дар фаъолияти рӯзмарраи сиёсатмадорони касбии тоҷик ва ҳамчунин дар дараҷаи тафаккури умумии шаҳрвандони қаторӣ хеле васеъ истифода мешавад. Ба замми ин, алоқамандии байни ин ду мафҳум низ мавриди

баҳсҳои илмӣ қарор дорад. Ба ақидаи мо, ҳолатҳои аҳамияти амалии амниятро дар баъзе мавридҳо низоъ муайян менамояд. Аммо ин ақида шояд заминаи нодурусти фаҳмиши ҳақиқатро нисбати низоъ ба миён оварад. Чунин ҳолатҳои муайян намудани сабабу натиҷаҳои амниятиро дар бисёр марказҳои тадқиқотии Ғарб низ мавриди омӯзиш қарор додаанд. Баъзан онҳо ба таври сунъӣ низоъ андохта, ҳолати амниятиро муайян месозанд. Ин аст, ки масъалаи робитаи амният бо низои сиёсӣ дар айни ҳол ҳалли илмӣ ва амалиро тақозо менамояд.

Низои сиёсӣ- муқовимати ҳадафноки субъектҳои ҷамъиятӣ ва мухолифи манфиатҳои сиёсӣ, арзишҳо ва мақсад ба хотири ҳокимият, идора ва ҳукмронии сиёсӣ мебошад. Инчунин, назарияи "низои сиёсӣ" ва назарияи идораи низоъ ин масъалаҳоро ҳаматарафа дарбар гирифта, моҳияти амнияти воқеиро нишон дода метавонанд.

Аксари муҳаққиқон дар соҳаи амният ва эътидоли низоъ баръакс, ба психологияи идораи низоъҳо дар давраи шиддатнокии онҳо диққати зиёд медиҳанд. Барои тасаввурот дар бораи идораи низоъҳо доштан санъати махсус ё малакаи ба эътидол овардан, ба монанди миёнаравӣ, гуфтушунид ва содироти ҳукмнома мебошад. Вале истифодаи чунин хулосабарориҳо нисбати низоъҳо ҳеҷ гоҳ роҳи ҳаллу фасли пурраи онҳо намебошад. Вуҷуд надоштани иртиботи мутақобилаи байни илми омӯзиши низоъ ва хусусан, идораи низоъҳо нишон медиҳад, ки назарияи низоъшиносӣ ба мо дар хусуси идораи низоъҳо то як андоза маълумот медиҳад. Инчунин назарияи идораи низоъро бисёре аз сарчашмаҳои мутақобилият фарогир нест ва костагии байни онҳоро ба амал меорад. Ин нишони он аст, ки таҷрибаи ҳосилкардаи мо нисбати омӯзиши зинаҳои мураккаб ва оддии низоъ ва амният дуруст нест. Мукаммалии низои сиёсӣ аз муташаккили мутақобилаи комили субъектҳои он аз ҷиҳати ғоявӣ, ки унсури асосии предмети мубориза аст вобастагӣ дорад. Низоъи сиёсӣ бо кадом шакле, ки набошад, хоҳ ниҳонӣ ва хоҳ ошкор бо чунин тартиб ва ташвиқ арзёбӣ меёбад. Дар ин ҷо, харчанд, ки омили идеологӣ дар такомули сиёсӣ роли муайян

намебозад вале вазифаи муҳими мураттабӣ ва сафарбариро адо мекунад.

Ҳамзамон, як қатор ҷанбаъҳои умумӣ-методологии масъалаи амният ва низои сиёсӣ то як дараҷа баҳсталабанд. Хусусан, то дараҷаи лозими омӯхта нашудани мафҳуми амният дар гурӯҳбандии ҷанбаъҳои низоъҳо, ки сабаби пайдоиши онҳо ва усулҳои амалии аз байн бурдани вазъияти низоъҳоро фаро намегирад. Ҳалли ин масъала ба он вобаста нест, ки он аз тарафи ҷомеашиносон мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор наёфтааст, балки дар набудани мувофиқоти назариявии муҳаққиқон дар масъалаҳои асосии он мебошад. Мутахассисон ва муҳаққиқоне, ки дар айни ҳол дар ҷустуҷӯ ва нишондоди ҷаҳонбинӣ ва назардоште қарор доранд, ба таври илмӣ ҷавобгӯи бартарафсозӣ ва ояндабинии низоъҳои дохилию берунӣ мебошанд. Бинобар ин, вобаста ба шаклҳои низоъ чунин тарзи тақсимбандӣ мавриди истифода қарор дорад.

1. Низоъҳои "эҳсосотии идорашаванда".
2. Низоъҳои "доктринаи идеологӣ".
3. Низоъҳои "институтҳои сиёсӣ".

Дар низоъҳои сиёсӣ дар қатори қувваҳои қутбӣ, миёнаравон низ иштирок менамоянд. Дуруст аст, ки дар лаҳзаҳои ҳалкунандаи муборизаҳои сиёсӣ, қисми зиёди миёнаравон аз майдони мубориза ақибнишинӣ мекунанд, ё ин ки ба тарафи муқобил мегузаранд. Албатта, чунин муносибат ба методу усулҳои кории онҳо вобастагӣ дошта, асосашро таъмини амниятӣ ташкил менамояд.

Мушкилии муайянсозии соҳаи амният бо василаи сохтори манфиатҳои ҳаётан муҳим дар он аст, ки масъалагузории он (манфиат-ҳимояи он-амният) аз дохили мазмун ва мӯҳтавои ихтилофнок зоҳир мегардад. Агар ба он розӣ шавем, ки амният ҳолати ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳими шахсият, ҷамъият ва давлат аст, пас аз ин бармеояд, ки манфиатҳои миллӣ ҳамеша ба ҳимоя ва пуштибонӣ зарурат доранд.

Барои мисол, масъалаи оби тоза низ натанҳо масъалаи иқтисодию - иҷтимоӣ ва сиёсӣ, балки яке аз масъалаҳои муҳими амнияту манфиатҳои ҳаётан муҳими

миллӣ ба шумор меравад. Мувофиқи нишондоди коршиносону ҷомеашиносон таҳдидҳои бештари асри XXI ба проблемаҳои об вобастагӣ доранд. Яъне, проблемаҳои оби нӯшокӣ сабаби асосии сар задании ҷангу низоъҳо шуда метавонад.Оид ба ин масъала Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон нуқтаи назари хешро чунин иброз менамояд: "...мо набояд инро ҳамчун манбаи низоъ арзёбӣ намоем,баръакс...бояд ҳамчун воситаи тақондиҳандаи равандҳои интегратсионӣ ва ҳамкории кишварҳои минтақа баҳо диҳем". Албатта, ин проблема новобаста ба дигар паҳлӯҳои экологию сиёсӣ боз ба масъалаи камбизоатӣ низ ҳамбастагӣ дорад. Ҳамзамон, таҳдидҳои ғайрианъанавие низ арзи вуҷуд доранд, ки метавонанд амнияти миллию арзиро бо дигар усулҳои ғайрирасмӣ ба воситаи обҳои ошомиданӣ ва дарёҳои назди сарҳадӣ халалдор намоянд.

Мутаасифона, то ҳол бад шудани вазъи экологӣ ҳамчун анъана бо сифати таҳдид барои амнияти миллӣ таҳлилу тадқиқи пурра наёфтааст. Ҳатто дар баъзе минтақаҳои ҷаҳон, ки нарасидани оби нӯшокӣ пурра ҳис карда мешавад ин масъала ба доираи саволҳои таҳдид ба амнияти миллӣ дохил карда намешавад. Имрӯз, масъалаи оби нӯшокӣ ва ифлосшавии муҳити атроф мо тадқиқотчиёнро водор менамояд, ки проблемаи об ва ҳифзи муҳити атрофро дар маҷмӯъ ба сифати манфиатҳои ҳаётан муҳими кишварҳои Осиёи Марказӣ мавриди таҳлил қарор дода арзиш ва хусусиятҳои ҷудогонаашро баррасӣ намуда тавонем.

Новобаста ба ҳамаи ин одамон мекӯшанд, ки зиндагӣ ва тарбияи фарзандони хешро дар муҳити солими экологӣ гузаронанд, лекин ин арзишҳо дар айни ҳол метавонанд, зери таҳдид на аз таъсири давлатҳои ҷудогона, балки бо таъсири омилҳои беруна гарданд. Ҳатто агар тафаккури либералӣ сиёсатмандонро маҷбур карда натавонад, ки ба об ва экология таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд, худи муҳимияти масъала онро дар мадди аввал пешниҳод менамояд. Дар ин масъала баҳри Арал мисоли хеле амиқ шуда метавонад.

Дар кишварҳои Аврупо баъзе масъалаҳои экологӣ на танҳо ба зиддият, балки ба низои реалӣ ва проблемаҳои

ҳассоси сиёсӣ низ оварда мерасонанд. Кишварҳои Осиёи Марказӣ бошанд, дар айни ҳол баръакс бояд ба ҳамкорӣ ва тадқиқотҳои илмӣ вусъат бахшида роҳҳои ҳал ва иешгирии масъаларо ҷустуҷӯ намоянд.

Ҳамаи ин`проблемаҳо дар маҷмӯъ ба манфиатҳои ҳаётан муҳим дохил шуда, чунин хусусиятҳои глобалиро дар бар мегиранд:

- Тоҷикистон имрӯз дар арсаи байналмиллалӣ ба сифати захирадори потенсиалии оби тозаи нӯшокӣ шинохта шудааст. Бештари таҳдидҳое, ки ба ин масъалаҳо таъсир расонида метавонанд ин марбут ба инсон ва вазъи экологию табиист. Масалан, нестшавии баҳри Арал ба гармшавии минтақа, тағйир ёфтани иқлим ва обшавии пиряхҳо оварда мерасонад, ки ин таҳдиди ҷиддӣ ба муҳити зисти минтақа ва умуман сайёра мебошад;

- дар асри XXI афзоиши эҳтиёҷот ба захираҳои об, новобаста ба ҳаҷми маҳдудашон хеле афзун мегардад. Проблемаҳои таъмини оби тозаи нӯшокӣ ба манфиатҳои ҳаётан муҳими баъзе кишварҳои ҷаҳон таъсири куллӣ расонида арзиши аслӣ, истеъмол ва истифодаи он муносибати нави иқтисодиро тақозо менамояд.

Хулоса, амният нуқтаи ниҳоии ба вуҷуд омадани талабот дар ҳамоҳангсозии кӯшишҳои умумияти инсонӣ ва воситаҳои махсуси танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад ва дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ нақши муҳимеро мебозад. Таҳдид ба амнияти шахс ва иттиҳоди одамон зарурати ташкили ҳаёти муштараки эътирофшударо ба манфиати умум ба вуҷуд меорад. Бинобар ин, воситаи махсуси танзими муносибатҳо дар дохил ва миёни умумиятҳо ба манфиати амният сиёсат мешавад.

## 4. Омилҳои минтақавии амният ва таҳдидҳои навӣ замонавӣ

Баъди ба охир расидани "ҷанги сард" консепсияи амният мубоҳисаҳои гарму ҷӯшонро ба вуҷуд оварад. Соли 1952 А.Уолферс "амният"-ро чун "набудани таҳдид ба сарватҳои ба даст овардашуда" муайян намуд.[52] Ва то ҳол

[52] Уолферс А. Политикал сайенс квотерли. - 1952. № 67. - С. 481.

ин таъриф ба амнияти идеалӣ ё мутлақ мутобиқ аст. Лекин, бо қатъ гардидани "ҷанги сард" мафҳуми арзишҳо ва ё афзалиятҳои ин арзишҳо низ тағйир ёфт. Масалан, С. Ҳоффман, чунин ибрози ақида дошт, ки ба ин маъно байни манфиатҳои миллӣ ва арзишҳо фарқияти арзандае нест.[53] Аммо зери истилоҳи "манфиатҳо" имрӯз манфиатҳои давлат ва мустаҳкам намудани ҳокимияти давлатӣ фаҳмида мешавад. Мафҳуми "арзишҳо" бошад, доираи нисбатан васеи ҳаводисро дар бар мегирад.

Барои барканор будан аз нофаҳмой, густариш аз меъёри зиёди вазифаҳо, зарурати нишон додани ин гуна тахассус, мо чунин меҳисобем, ки сохторҳои амниятӣ бояд на дар ҳамаи таҳдидҳо ба амният, балки, хубтараш ба намуди алоҳида ва мушаххаси таҳдид диққат ҷалб намоянд. Дохил кардани таҳдиди мушаххас метавонад маҳдудияти мувофиқ дар тадиқоти амният бошад. Ба ҷойи категорияи ҳамаҷонибаи таҳдидҳо ба амнияти инфиродӣ, сохторҳои бо масъалаҳои амният сару кор дошта, бояд диққати худро ба таҳдидҳои мушаххас ҷалб намоянд, ки берун аз марзи давлат рух медиҳанд, лекин ба фард таҳдид мекунанд. Танҳо таҳдидҳои амниятии аз манбаъҳои хориҷӣ ба вуҷуд меомада бояд аз тарафи сохторҳои амниятӣ ҳамчун асосӣ баррасӣ карда шаванд. М.Ливай чунин мешуморад: "Таҳдид ба амнияти миллӣ вазъиятест, ки дар он арзишҳои аз ҳама муҳими давлат дар натиҷаи амалҳои беруна зери хавфи зиёде мемонанд".[54] Таҳдидҳои хориҷӣ бояд боиси ташвиш бошанд, ки метавонанд дар сурати бад будани шароит ба муноқишаҳои низомӣ оварда расонанд.[55] Ин таърифи нисбатан васеи таҳдид дар муқоиса бо фаҳмиши анъанавии амният аст.

Имрӯз ташаккули системаи дастаҷамъии амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ масъалаи махсус мебошад. Муносибат ба Афғонистон, чун ба омили асосии ноором гардонандаи минтақа, сатҳ ва самаранокии амният дар Осиёи Марказиро ошкор мекунад. Имрӯз, вақте ки Туркманистон бетараф, Ӯзбекистон тарафдори

[53] Гоффман С. Форин Афферс (март - апрели с.1996). №75. - С. 172.
[54] Ливай М. Интернэшнл секюрити. (тирамох) 1995. №20 - С. 35,40.
[55] Иванс Г.Ҳ амкорӣ бахри сулҳ. - 1993. - С. 6-7.

муносибатҳои номуайян, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Русия ҳоло ба муаммои Афғонистон назари умумӣ ва ягона доранд, дар бораи фаъолияти ҳамоҳангсохташуда оиди таъмини амнияти минтақавӣ сухан рондан душвор аст. А.Ротфелд чунин меҳисобад: "Амнияти миллӣ ва байналмиллалӣ серпаҳлӯ мебошанд. Амният ва муҳофизат, ки инъикоси худро дар сиёсати давлатҳои абарқудрат ва кишварҳои зиёди дигар ёфтаанд, имрӯз нисбат ба гузашта ба маънои нисбатан васеъ баррасӣ мешаванд. Ин мафҳумҳо дигар танҳо бо соҳаи низомӣ маҳдуд нестанд".[56]

Ҳамчунин ақидае ҳаст, ки дар соҳаи амният васеътар фаҳмидани сабабҳои мунокишаҳо барои дуруст муайян гаридани таҳдидҳо ба амният зарур аст. Ин таҳдидҳо дар бисёр мавридҳо ҳамбаста ва ё вобастаанд, онҳо ба худ муаммоҳои амниятии барои давлатҳо анъанавиро ва ҳамчунин саволҳои нав ба вуҷуд омадаро дар соҳаи амният дар бар мегиранд. Ба рӯйхати ин таҳдидҳо дохил мешаванд: 1) низоъҳои этникӣ, динӣ ва байни миллатҳо; 2) муҳоҷирати оммавӣ; 3) мубоҳисаҳои сарҳадӣ; 4) бадшавии экология ва ғ.

Аксарияти ин муаммоҳо, агар дар тӯли тамоми таърихи башарият набошад ҳам, ба ҳар ҳол, якчанд даҳсолаҳо мавҷуд буданд. Бисёре аз ин муаммоҳо имрӯз дар Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ пас аз пароканда шудани Иттиҳоди Шӯравӣ аҳамияти нав пайдо кардаанд.

Воқеиятҳои имрӯза барои давлатҳои Осиёи Марказӣ чунинанд, ки ба ақидаи баъзе сиёсатшиносон, Тоҷикистон дорои омилҳоест, ки ба амнияти минтақа таҳдид мекунад ва метавонад манбаи ноором гардидани вазъият дар Осиёи Марказӣ шавад. Инчунин таҳдиди бузурге, ки амнияти миллии давлатҳои Осиёи Марказиро суст мекунад - ин наркомафия аст. Ривояте пайдо шуда буд, ки гӯё танҳо дар Тоҷикистон ин проблема таҳдидовар аст. Тоҷикистон ҳеҷ гоҳ пинҳон намекард, ки наркомафия воқеан ба ҳолати ҷамъият таъсир мерасонад ва ҳамеша ошкоро ҳамаи

[56] Адам Д.Ротфелд. Системаи байналмилалӣ дар давраи гузариш. Лексия. Маркази ба номи Д.Маршалл. 1996. 7 май (дар картотекаи муаллиф).

маълумотҳоро оид ба наркомафия дар кишвар нашр мекард.

Тоҷикистон ҳанӯз дар соли 2000-ум дар самаранокии мубориза бо қочоқи маводи нашъаовар аз ИМА пеш рафта, ҷои чаҳорумро ишғол кард. Муҳаққиқони зиёд ва сиёсатмадорон зикр мекунанд, ки дар кишварҳои дигари минтақаҳои Осиёи Марказӣ, ки "бо Афғонистон ҳамҷавор ҳастанду аз ҳудуди онҳо, аз рӯи баъзе маълумотҳо, ҷараёни хеле зиёди қочоқи маводи нашъаовар мегузарад ва дар он ҷо мубориза бо ин ҳодиса камсамар аст",[57] маълумотҳо дастраси омма намегарданд.

Тоҷикистон бо ин машғулияти ҷиноии манфӣ муддати хеле дароз мубориза мебарад ва имрӯз ин мубориза ба марҳилаи нав мебарояд. Бисёрии ин масъалаҳо вобаста ба тағйиротҳои геополитикӣ барои амнияти Тоҷикистон ва давлатҳои дигари минтақа аҳамияти нав пайдо кардаанд. Марбут ба ин, аввал, нашъаҷаллобиро чун хавф ба амнияти миллӣ ва минтақавӣ баррасӣ мекунем.

Ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва солҳои пас аз он омадаи нооромии сиёсӣ, пояи мусоидро барои ба маркази бузурги нашъа мубаддал гаштани ҷумҳурӣ бунёд кард. Илова бар он, солҳои охир нашъаҷаллобон ба сифати минтақаҳои киштукори афюн ва банги ҳиндӣ, ки барои истеҳсоли чунин намуди нашъа ба мисоли тарёк, ҳероин, ҳашиш ва марихуана ҳамчун ашё хизмат мекунанд, корҳои зиёде ба анҷом расонидаанд. Онҳо на танҳо ҳудуди Афғонистон, балки як қатор ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон, Қазоқистони ҷанубӣ, Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қирғизистонро аз худ кардаанд. Дар натиҷа як маркази нашъавии наву бузурги байналмиллалӣ пайдо шуд, ки сарварони он акнун танҳо бо Русия ва ё Тоҷикистон қаноат намекунанд, ва ҳамчунин марзи онҳоро барои интиқоли нашъа ба Аврупо ва Амрико истифода мебаранд.

Бинобар ин, Тоҷикистон нуқтаи назареро дар бораи он, ки мубориза бо нашъа яке аз масъалаҳои глобалии ҷаҳон аст, ки бо он башарият рӯ ба рӯ шудааст, дастгирӣ менамояд. "Алҳол, аввали солҳои 90-уми қарни XX ҳаҷми

[57] Тиҷорат ва сиёсат. 2001. №1.

солонаи фурӯши нашъа аз 500 миллиард доллар зиёд буд, ки 8% ҳаҷми умумии савдои байналмилалиро ташкил медод. Даромади наркомафия зимнан ба 60% расид, ки қисме аз он ба густариши бизнеси ғайриқонунии наркоиндустрия маблағгузорӣ мешуд, ба дастгирии молии терроризм, барои паҳн кардани коррупсия равона мешуданд.[58] Даҳ соли охир, бошад гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояти бо фурӯш ва истеъмоли нашъа алоқаманд рӯз аз рӯз густариш меёбад.Аз ин рӯ, Тоҷикистон дар мубориза алайҳи ин кори номатлуб хеле фаъол гашт. Ратификатсияи зидди маводи мухаддири СММ дар солҳои 1961, 1971, 1988 (ноябри 1995, декабри 1996) аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фармони президенти ҶТ "Оиди чораҳои бетаъхир дар бобати таҳкими мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир" ва таъсиси Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати тафтиши маводи нашъаовар (апрели 1996), ки соли 1999 ба Агентии назорат аз болои маводи нашъаовар дар назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи васоити нашъаовар, васоити психотропӣ ва прекурсорҳо"(декабри соли 1999), қабули нақшаҳои давлатӣ ва миллӣ, ки стратегияи Тоҷикистонро дар мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, васоити психотропӣ ва прекурсорҳо ва назорат аз болои гардиши қонунии онҳо, пешгирӣ, табобати нашъамандӣ ва офияти иҷтимоии беморони нашъаманд (июни соли 1996 - майи соли 1999), зиёда аз 30 муоҳидаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо кишварҳо ва давлатҳои гуногуни сайёра. Бояд гуфт,ки як қатор ибтикороти Президенти ҶТ дар бораи таъсис намудани "Хатти амният" дар атрофи Афғонистон дар сессияи Ассамблеяи Генералии СММ моҳи июни соли 1998 пешниҳоди хеле муҳим буд. Дар конфронси байналмилалӣ дар Душанбе "Тоҷикистон бар зидди маводи нашъаовар" (моҳи январи соли 1999) сарвари давлат бо ибтикоре оиди муттаҳид кардани кӯшишҳои кишварҳои иттиҳоди ҷаҳонӣ дар ҳалли масоили наркотизм

[58] Гриненко И.М. Наркобизнес ва амнияти миллӣ. - Киев, 2004. - С. 12.

дар минтақаи Осиёи Марказӣ баромад кард. Ҳамаи ин чораҳо пурра ҳаққонияти худро исбот карданд, махсусан таъсиси Агентии назорат аз болои маводи нашъаовар. Маводҳои оварда шаҳодат медиҳанд, ки нашъаҷалобӣ ва нашъамандӣ на танҳо ба амнияти миллии ҶТ, балки ба тамоми минтақа, таҳдид мекунад. Масъалаи нашъаҷаллобӣ ва нашъамандӣ хусусияти худро дорад. Дар баробари сабабҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ, нашъамандӣ ба ҳаёти сиёсии ҷамъият низ таъсир мерасонад. Ин ҷо сухан дар бораи воситаҳое меравад, ки аз тарафи қувваҳои беруна барои ба вуҷуд овардани вазъияти ноором дар Тоҷикистон, ва умуман, дар давлатҳои ИДМ, ҳосил карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, имрӯз дар ҷаҳон чор минтақаи асосии истеҳсоли маводи мухаддир, ки манбаи асосии таҳдид ба генофонди башарият аст, маълуманд.

Якум - "Секунҷаи тиллоӣ", ки Бирма, Таиланд ва Лаосро дар бар мегирад. Ба минтақаи дуюм - "Ҳилоли тиллоӣ" қисми ғарбии Осиёи Марказӣ (Афғонистон, Эрон, Туркия, як қатор ноҳияҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон) дохил мешавад. Сеюм - соҳилҳои Амрикои ҷанубии халиҷи Гвинея. Ва охирин, чаҳорум ва минтақаи асосии фурӯши кокаин дар қисмҳои Ҷанубӣ ва Марказии Амрико (Колумбия, Боливия, Перу).

Боиси ташвиши махсус аст, ки имрӯз баъзе наркосиндикатҳои байналмиллалӣ аз паҳншавии анвои ғуногуни маводи мухаддир дар Тоҷикистон манфиатдоранд. Истеъмол ва паҳнгардонии намудҳои гуногуни маводи мухаддир аз қабили ҳероин, чарс, афюн ва банги ҳиндӣ далели ин шуда метавонанд.

Марказҳои дур ва наздики маводи нашъаовар на танҳо мақсадҳои иқтисодӣ, балки сиёсӣ низ доранд. Қабл аз ҳама, дар кӯшиши ба вуҷуд овардани ноустуворӣ дар Тоҷикистон, ки билохира ба якпорчагии марзи ҷумҳурӣ таҳдид мекунад.

Илова бар ин, маблағҳои маводи мухаддир барои дастрас кардани мақсадҳои сиёсӣ равона карда мешаванд, барои маблағгузории амалҳои гуногуни қувваҳои

зиддидавлатӣ истифода мешаванд: аз харидани мансабдорон ва истифодаи онҳо ба мақсадҳои хеш сар карда, то ворид намудани намояндагони худ ба органҳои ҳуқуқӣ ва ҳокимияти иҷроия дар сатҳҳои гуногун.

Бо назардошти далелҳои зикршуда, барои таъмини амнияти кишвар, дар навбати аввал алоқаи мустақими наркобизнеси байналмиллалӣ ва таъсири онро ба табаддулотҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ муайян намудан зарур аст. Аз нуқтаи назари илмӣ мо бояд хусусият ва ҳудудҳои хавфи синдикатҳои байналмилалии моводи нашъаоварро таҳлил намоем, амнияти минтақаро пурзӯр кунем.

Айни замон мо бояд фаъолияти ҳалкунандаи хешро алайҳи таҳдидҳое, ки ба шикасти амнияти кишвари мо равона шудаанд, идома диҳем.Ин чунин маъно дорад, ки мубориза беамон бар зидди терроризм, моводи мухаддир, фурӯши ғайриқонунии яроқу аслиҳа, муҳоҷирати ғайриқонунӣ на танҳо вазифаи органҳои (идораҳои) ҳифзи ҳуқуқ, балки муассисаҳои таълимӣ ва ҳамаи шаҳрвандони кишвар низ ҳаст.

Дар баробари ин, лоиҳаи давлатии "Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ" бояд шароитҳои мусоидро барои рушди савдои хурд ва соҳибкорӣ таъмин намояд, ки воситаи асосии тараққиёти давлат ва мубориза барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ мебошанд.

Ба назари мо, ҳалли масъалаи кам намудани камбизоатӣ яке аз омилҳои рафъи таҳдид ба амнияти миллӣ мебошад. Камбизоатиро бартараф намуда, мо ба сифати амният дорои сулҳ мегардем.

Бе асос нест, ки дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2004 Президент зикр намуда буданд: "Бо назардошти он, ки сатҳи зиндагонии аксари мардум то ҳол паст аст ва қисми зиёди онҳо бо ҷойҳои корӣ таъмин нестанд, имрӯз вазифаҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати Тоҷикистон инҳоянд: таъмини зиндагии мӯътадил, риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон, муҳайё сохтани ҷойҳои кории нав, рушди соҳибкории хурду миёна, ташкили шароитҳои мусоид барои барпо кардани

корхонаҳои истеҳсолӣ, ки бо таҷҳизот ва технологияи навтарин муҷаҳҳазанд".[59]

Ҳамин тариқ, Тоҷикистон давлатест, ки баръало фаъолияти наркомафияро ҳис мекунад ва ҳамеша маълумотро оиди нашъамандӣ ва одамоне, ки бо он вобастаанд, дастраси омма мекунад.

Тоҷикистон то ҳол чун садди асосӣ дар роҳи интиқоли маводи нашъаовари Афғонистон ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, Русия ва Аврупо боқӣ мемонад. Раванди сол аз сол афзуншавии ҳиссаи Тоҷикистон дар мусодираи героин ва банг ба назар мерасад. Тибқи маълумоти СММ, Тоҷикистон ба шумораи панҷ давлати ҳамасола ба миқдори зиёд мусодиракунандаи героину банг дохил мешавад. Дар тӯли се соли охир таносуби пулии героину банги мусодирашуда аз рӯи нархҳои миёнаи зиёд дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ эҳтимол 600 миллион доллари ИМА-ро ташкил медод.

Натиҷаи мусбати дар соҳаи мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовари ба даст омада, диққати ҷомеаи ҷаҳониро нисбати Тоҷикистон, чун давлати ба муборизаи зидди маводи нашъаовар фаъолона воридшуда муайян мекунанд.

Нашъамандӣ асосан ба табақаҳои камбизоати аҳолӣ, ки онҳоро на вазъи иқтисодӣ ва на вазъи оила ҳифз намекунад, таъсири ниҳоят харобиовар мерасонад.Имрӯз 72 омили хавфи пайдошавии нашъамандӣ ва вобастагӣ аз нашъа маълум ҳастанд. Онҳо арзиши гуногун доранд ва метавонанд дар доираи шахси алоҳида, оила ва ё ҷомеа амал намоянд. Гуфтан ҷоиз аст, ки худи ҳамин омилҳои хавфе, ки дар дигар ҳолатҳо низ нақши худро мебозанд. Камбизоатӣ, набудани таваҷҷӯҳи зарурӣ, таъсири бади берунаи ҳамсолон, ҷамъияти "бад".

Фаҳмост, ки имрӯз воситаи афсонавие бар зидди истеъмоли маводи мухаддир мавҷуд нест. Маводи нашъаовар аслан бар зидди зиқӣ, ҳарос, хавф ва ё дард маводи тезтаъсир аст. Аммо раҳоии як шахс ва ё тамоми кишвар аз нашъамандӣ амали душвор ва давомнок аст.

[59] Паёми президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ва Маҷлиси Олӣ.

Ва мо бояд ба ин мубориза омода бошем. Мубориза барои одам ва шаҳрванд - кори бошарафона аст, аз ин лиҳоз ба он кӯшишу меҳнати харҷшаванда меарзад.

**Масоили сарҳадӣ**

Масъалаҳои сарҳадӣ, пеш аз ҳама, мубоҳисаҳои ҳудудиро дар бар мегиранд, ки бо тамаъҳои марзу буми дар як тарафи хатти сарҳадӣ мавҷуд буда, алоқамандаанд. Муташанниҷӣ метавонад, дар сурате ба вуҷуд ояд, агар сарҳадот муқаррар нашуда бошад ва ё давлатҳо чунин меҳисобанд, ки сарҳадот нодуруст ва беадолатона муқаррар карда шудаанд. Ин гуна шиддатнокӣ метавонад, ба масъалаи ногувор барои амният мубаддал гардад.

Мубоҳисаҳои сарҳадӣ байни Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон то ҳол ба танзим оварда нашудаанд. То имрӯз ҳудудҳои зиёде қад-қади сарҳад бо Ӯзбекистон минагузорӣ шудаанду дар он ҷойҳо одамони бегуноҳ дар мина таркида мемиранд. Бенизомии марзҳо дар тӯли солҳои зиёд яке аз сабабҳои вазъияти ноором дар минтақаи Осиёи Марказӣ боқӣ мемонад. Бисёр масъалаҳои нави сарҳадӣ пас аз порокандашавии Иттиҳоди Шӯравӣ арзи ҳастӣ карданд. Ҳамин тариқ таҳдиди кӯҳнаи амният дорои мӯҳтавои нав гардид ва дар якҷоягӣ ҷамъи масоили зеринро шомил мегардонад:

1. Тоҷикистон соҳиби сарҳади ниҳоят дарозу тӯлонӣ аст - қариб якуним ҳазор километр бо Афғонистон, ки дар тӯли чанд даҳсола дар он ҷой муқовимати шаҳрвандӣ фурӯ наменишинад.

2. Сарҳадоти Тоҷикистон бо баъзе ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, имрӯз, хусусияти зоҳиран аниқи шиддатнок доранд, ки бо минагузории яктарафа ва қавигардонии тафтишотӣ сарҳадӣ дар минтақаҳои сарҳадии тоҷику ӯзбак, бо мавҷуд будани ҳудудҳои баҳснок ва масъалаҳои истифодаи оқилонаи об ва захираҳои табиӣ дар ҳудудҳои водии Фарғона, бо мавҷудияти масъалаҳои коммуникатсионӣ дар роҳи ҳамкории асосноки транссарҳадӣ, вобастаанд.

3. Натиҷаҳои мониторинги табъи иҷтимоии ҷамъияти тоҷик аз бисёр ҷиҳатҳо бо саволҳое муайян мегарданд, ки бевосита ва ё бавосита ба масоили сарҳадӣ муносибат доранду бо воридшавии транссарҳадии маводи мухаддир ба марзи ҷумҳурӣ ва дар оянда тақсимшавии он ба манотиқи дигар алоқамананд; дар ин асос бо пайдо шудани симои манфии аҳолии тоҷикистоние, ки дар ИДМ ба сифати муҳоҷирони меҳнатӣ қарор доранд; бо вазъи номафҳуми ҳарбӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар Афғонистони ҳамсоя. Дар заминаи дигар сарҳадоти давлатӣ худи сарҳадоти тоҷику афғон намунаи равшани пайдоишу густариши муқовимати тӯлонӣ дар сарҳадоти давлатӣ мебошад.

Ин воқеият як бори дигар муқарраროти одилонаи илмиро оид ба он, ки такроршавандагӣ ва тезутундии масоили сарҳадӣ ҳамеша аз гуногунсатҳии инкишофи сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии муҳити иҷтимоии ҳамҷавор вобастаанд, тасдиқ мекунад.

Ҳамин тариқ, мухолифати сарҳадӣ дар як ҷой ба мунокишаи байнидавлатӣ мубаддал мегардаду дар ҷои дигар - ба ҷараёнҳои тӯлонӣ ва пурдарди садамаи манофеъ. Масалан, яке аз ҷузъҳои таркибии тафаккури сиёсӣ-хусусияти рафтори муҳити иҷтимоии соҳили рости Панҷ он буд, ки даҳҳо ҳазор одамон, бо масъалаҳои давраи мунокиша бархӯрда, дар ғами раҳонидани ҷони хеш ва наздикони хеш буданд. Аз ҳамаи орзую умед нисбати оянда даст кашида, ба ҳолати рӯҳафтодагӣ қарор гирифта буданд.

Бинобар ин, ин ҷо дар бораи ягон хел тафаккури сиёсии аҳолии наздисарҳадии тоҷику афғон ба фаҳмиши анъанавии он сухан рондан душвор аст. Лекин ба инҳо, ба самти бедоркунии манфиати онҳо, аз нуқтаи назари дарки он, ки чӣ ба рағбату талаботи онҳо мувофиқ аст, таъсири иттилоотӣ-психологӣ расонидан мувофиқи мақсад аст.[61]

Аз ҳамин мавқеъ бармеояд, ки танҳо дар ҷараёни соли 1994, якумин бор дар ҳудуди сарҳадии масоҳати баъди шӯравӣ дар самти марзҳои Шаҳритӯс, Қумсангир, Панҷ,

[61] Грановская Р.М. Ҷузъҳои психологияи амалӣ СПб. 1997. - С. 29.

Москва, Шӯробод, Қалъаи Хумб, Ванҷ, Язгулом ва Хоруғи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ҳам ба тартиби нақшавӣ, ҳам аз рӯи аксуламали оперативӣ ва вазъи ҳарбию сиёсӣ зиёда аз 10 чорабинии таъсири коммуникативӣ ба аҳолии наздисарҳадӣ гузаронида шуд.[62]

Одатан, ин чорабиниҳо дар сарҳадҳои тоҷику афғон дар ду марҳала гузаронида мешуданд. Дар марҳалаи аввал ба ном гурӯҳи мутаҳаррик амал мекард. Бо расидан ба раёсати гурӯҳи сарҳадӣ бо қумондонҳо нақшаи ягона коркард ва аниқ карда мешуд, минтақаҳои сарҳад, ки ба ташвиқоти иттилоотиву психологӣ ниёз доранд, муқаррар карда мешуданд. Ба самтҳои фаъолияти бештари қочоқбарони маводи нашъаовар аҳамияти зиёд дода мешуд.

Дар баробари ин, дар ҳудуди Тоҷикистон тӯли 18 сол ҷараёнҳои фаъолонаи муҳоҷиратӣ ба вуқӯъ меомаданд, ки ба тағйирёбии ҷамъияти тоҷикон таъсир расониданд. Дар ин муддат, тибқи маълумоти Кумитаи Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи муҳосиба, 741,8 ҳазор хориҷ ва 373,3 ҳазор нафар ворид гаштанд.[63] Тибқи маълумоти Раёсати муҳоҷирати хориҷаи собиқ Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии ҶТ, дар кишварҳои ИДМ зиёда аз 250000 муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон мавҷуданд, ки шумораашон дар моҳҳои тобистонӣ ба ним миллион мерасад.[64]

Шаклҳои ниҳоят вазнини истифодаи муҳоҷирони тоҷик дар Русия хеле васеъ паҳн шудаанд. Нишонаҳои ғуломӣ, зӯроварӣ ва маҷбурсозӣ ба муносибатҳои меҳнатӣ ва вайрон кардани ҳуқуқи одамон ҳамроҳ мешаванд. Ҳамин тарик, истифодабарии меҳнатӣ аз воқеияти маргиналӣ ба як навъ воқеияти бе мисли ғайриқонунӣ мубаддал мегардад, ки аз нуқтаи назари меъёрҳои демократӣ қобили қабул нест. Ин барои ду кишвари бародар қобили қабул нест, ки оиди муносибатҳои аввалиндараҷа сухан ронда, асноди байналмиллалиро на

[62] Ниг.: Ткаченко К.Н. Офияти тафаккури иҷтимоӣ дар манотики мунокишавӣ. // ВестникДДП ба номи К. Ҷӯраев. № 2. 2004.

[63] Солномаи Кумитаи Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2002. - С. 12.

[64] Бойгонии ҷории Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

танҳо оиди масоили ҳуқуқҳои инсон, балки оид ба масоили муҳоҷирати меҳнатӣ имзо мекунанд. Ба ин якчанд омил мусоидат мекунад:

1) зери таъсири ин, ё он шароит қаноатманд ва омода будани худи коргар ба шароитҳои ғуломонаи меҳнат; 2) муносибати бепарвоёнаи ҷамъият ва ҳукумат ба истисмори меҳнат; 3) тафаккури пасти ҳуқуқии шаҳрвандон ва нобоварӣ ба ҳокимият, ки ба ҳама кишварҳои собиқ ИҶШС хос аст; 4) нобоварии ҳокимият ва ҷамъият ба муҳоҷирон, ксенофобия, ақидаи зидди муҳоҷиратӣ; 5) ришвахӯрӣ.

Ду мавҷи муҳоҷирон солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва пас аз ҷанг аз Тоҷикистон ба Федератсияи Русия, ба Афғонистон ва ҷумҳуриҳои дигари Осиёи Миёна нишон доданд, ки муҳоҷирати оммавӣ боз як муаммои амниятӣ мебошад. Ин муаммо пеш ба рӯзномаи масъалаҳои амният дохил карда нашуда буданд, чунки вай аниқтараш масъалаи ҳифзиҳуқуқӣ ҳисоб мешуд.

Дар давоми 10 соли охир масъалаҳои аз ҳама душвор дар соҳаи ҷараёни муҳоҷиратӣ густариш ёфтанд. Вазъияти барқароршудаи муҳоҷиратӣ дар дохили кишвар ба амнияти давлатӣ таъсири манфӣ мерасонад. Имрӯз миқёси муҳоҷират ва ҷараёнҳои гуногунҳои он роҳҳои нави ҳалли муаммоҳои амниятиро ва бардоштани идораи ҷараёнро ба сатҳи давлатӣ тақозо мекунанд. Бе назардошти он, ки Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 июли соли 2000, Қонуни ҶТ "Оид ба муҳоҷират" қабул шудааст ва Хадамоти Давлатии муҳоҷирати дар назди Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии ҶТ таъсис дода шудааст, ҳоло базаи ҳуқуқии бисёр масъалаҳои муҳоҷиратӣ коркард нашудаанд. Хусусан, бояд шароит муҳайё намуд ва барои ба ҷумҳурӣ баргаштани мутахассисони босалиқа кӯмак расонад. Ба ҳар сурат, баргаштани муҳоҷирони гуногун аз давлатҳои дигар, ки аксари онҳо муҳоҷирони "иқтисодӣ" мебошанд, аз худ масъалаи афзуншавандаи амниятиро зоҳир менамоянд, чунки солҳои муҳоҷират ба кишварҳои дигар аксари муҳоҷирони тоҷикистонии ҳозира дар муассисаҳои гуногуни давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ширкатҳо ва мумкин

аст, дар баъзе ташкилотҳои радикалии динӣ кор мекарданд. Онҳо ҳамчунин метавонанд, барандагони бемориҳо бошанд, ки ба амнияти аҳолӣ таҳдид мекунанд. Умуман, "инкишофи вазъияти муҳоҷират ба оромӣ, ва аз ин рӯ ба амният низ, таъсири калон мерасонад".[65] Ҷанги шаҳрвандӣ, баландравии ноормии сиёсӣ, масъалаҳои иқтисодӣ ва бад гардидани вазъи экологӣ дар Тоҷикистон пас аз худ афзуншавии динамикаи хатар ва амниятро ба миён оварданд. Ба назари мо, афзоиши муҳоҷирати пинҳонӣ, махсусан муҳоҷирати транзитӣ тамоюли ҷиддии муҳоҷиратӣ шуда истодааст. Дарояндаи наздик Русия низ рӯ ба рӯ хоҳад шуд: аввал, бо масъалаҳои муҳоҷирати оммавӣ ва маҷбурӣ аз бисёр кишварҳои ИДМ; дуюм, бо воридшавии назоратнашаванда аз кишварҳои ИДМ. Вобаста бо табдили равандҳои анъанавӣ ва зарурати таъмини дохилшавии мутамаддин ба бозори байналмилалии меҳнат ҳамаи ин Русияро маҷбур месозад ислоҳотҳои қатъӣ ва зарурро доир ба масоили муҳоҷиратӣ шурӯъ намояд. Ба Тоҷикистон барои ин таъсис додани иқтисодиёти озоди миллии хеш зарур аст, ки дар ашёи худаш бо ҷалби маблаггузорони хориҷӣ омехта бошад.

Имрӯз, дар Тоҷикистон бо пойдор будани осудагӣ ва субот, дарояндаи наздик паст шудани фаъолияти муҳоҷиратии аҳолии ҷумҳуриҳоро фикр кардан лозим меояд. Зеро бо афзудани падидаҳои бӯҳронӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар, ҳаҷми муҳоҷират метавонад, зиёд шавад. Нишондодҳои сусти макроиқтисодӣ низ кишварро ба вазъи бадтар мегузоранд ва бевосита ба соҳаи амнияти давлат таъсир мерасонанд.

## Масоили экологӣ

Амнияти экологӣ, пеш аз ҳама, қисми таркибии амнияти миллӣ ва байналмиллалӣ аст, ки бо ҳолати муҳити атроф (захираҳои табиӣ, об, атмосфера, замин, оламҳои растанӣ ва ҳайвонот) алоқаманд аст ва пайдоиши бӯҳронҳои экологӣ ва офатҳоро, ки ба мавҷудият ва

[65] Гайсбург Франсуа. Ҷунбишҳои халқӣ дар Аврупои Ғарбӣ баъд аз "ҷанги сард". // Серваявза. № 33. 1991. - С. 31.

фаъолияти мӯътадили одам (ҷамъият) таҳдид мекунад, пешгирӣ мекунад.[66]

Бадшавии экология солҳои тӯлонӣ ба таври анъанавӣ ҳамчун таҳдид ба амнияти давлатии на танҳо Тоҷикистон, балки ҳамчунин амнияти ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ баррасӣ намешуд. Мисол, захираҳои обии баҳри Арал аз солҳои 60-ум, вақте ки роҳбарияти ИҶШС қарор кард истеҳсоли пахтаро дар Осиёи Миёна зиёд мекунад, тақрибан ба 3 чоряк кам шуданд. Ҳаҷми оби ба баҳри Арал дохил мешуда, аз 60 метри кубӣ ба 60 километри кубӣ дар як сол фаромад. Обҳои ба Арал мерехта бо нуриҳо ва моддаҳои химиявӣ ифлос карда шуда буданд, ки аз тарафи муассисаҳои кишоварзӣ қад-қади маҷрои онҳо истифода бурда мешуданд. "Ин омил дар якҷоягӣ бо намакдор шудани об аз солҳои 80 тақрибан ба 60% зиёд шудани бемориҳои респираторӣ, ҳамчунин бемориҳои бо саратон ва камхунӣ алоқаманд оварда расонд. Аз се як ҳиссаи аҳолии дар атрофи баҳри Арал мезистагӣ, аз "камхунӣ" азоб мекашанд.[67] Аммо ягон ҷумҳурии Осиёи Миёна ба танҳоӣ муаммои баҳри Аралро ҳал кардан наметавонад.

Масъалаи оби ошомиданӣ имрӯз на танҳо масъалаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ, балки яке аз масъалаҳои муҳими амниятӣ мебошад. Имрӯз, бо сабабҳои маълум, бадшавии вазъи экологӣ ҳамчун таҳдид ба амнияти миллӣ баррасӣ намешавад. Баъзан камшавӣ ва ё пурра тамомшавии захираи табиӣ сабаби пайдошавии муноқишаҳо ва таҳдиди амнияти миллӣ мешаванд. Ба ин нигоҳ накарда, баъзе давлатҳо ин масъаларо дуюмдараҷа меҳисобанд ва манофеи муҳими хешро дар кишварҳои дигари ҷаҳон меҷӯянд. Ба сифати мисол муносибатҳои давлатҳои бузургро оид ба захираҳои нафти Ироқ метавонем, орем. Дар баробари ин масъалаи оби соф, ифлоскунии табиат ва атмосфера олимон ва сиёсатмандонро маҷбур месозанд онҳоро дар якҷоягӣ ба сифати манофеи муҳими ҳаётии давлатҳои Осиёи Миёна баррасӣ намоянд. Маълум аст, ки баҳри Арал дар сарҳади

---

[66] Ниг. : Амнияти байналмилалӣ ва қобилияти дифоии давлатҳо. - М., 1998. - С. 25.

[67] Рӯзномаи "Файнэншл таймс". 27 март. 1997.

байни Қазоқистон, Ўзбекистон ва Туркманистон воқеъ аст. Захираҳои обӣ таҳти назорати Тоҷикистону Қирғизистон ҳастанд. Тахминан 55% захираҳои обии Арал дар ҳудуди Тоҷикистон омода мегарданд. Табиист, ки ин қадар ҳаҷми калони об дар ҳудуди на он қадар ҳаҷми калон ба вазъи экологии ҷумҳурӣ сахт таъсир мерасонад ва ба пайдоиши ҳодисаҳои зиёди манфӣ мусоидат мекунад. Умуман, кам шудани захираҳои обии Арал - таҳдид ва муаммои глобалии муосир мебошад.

Тоҷикистон имрӯз ба сифати кишвари захираҳои потенсиалии об дошта шинохта мешавад. Аксарияти таҳдидҳо, ки ба масъалаи амнияти захираҳои обӣ таъсир расонида метавонанд, бо одам ва вазъияти экологӣ вобастаанд. Нестшавии баҳри Арал вобаст ба тағйироти боду ҳаво, гармшавии муҳит, вазъи пиряххо таъсир мерасонад ва ҳамаи ин ба экологияи на танҳо давлатҳои осиёимиёнагӣ, балки умуман Шарқ, таҳдиди ҷиддӣ шуда метавонад. Муаммои баҳри Арал ва кӯли Сарез имрӯз на танҳо таҳдиди дохилӣ, балки масъалаҳои берунаи экологии башарият ҳастанд. Кӯли Сарез дар баландии 3262 метр воқеъ аст. Оби софи дар ҳаҷми 17,3 км3 ҷамъшуда, метавонад аҳолии тамоми ҷаҳонро дар тӯли як сол бо оби ошомиданӣ таъмин намояд. Ин ҷо таҳдиди потенсиалии кӯли Сарезро дар Помир бояд махсус қайд кард. Дар натиҷаи замин- ҷунбии соли 1911 пайдошуда, ин обанбор имрӯз зиёда аз 17 кубокилометр об дорад. Айнан ҳамин миллиард кубометр об ҳамон "Бомбаи Мурғоб" аст, ки бо қудрати он ягон яроқи қатли оми аз тарафи одам сохташуда баробар шуда наметавонад. Миқдори азими об дар ин ҷо на танҳо бо сарбанди табиӣ нигоҳ дошта мешавад, ки мустаҳкамии он дар тӯли зиёда аз 90 соли мавҷудияти кӯл бештар зери шубҳа гузошта мешавад. Рахнаи ин сарбанд бо сели обие таҳдид мекунад, ки метавонад масоҳати 52 ҳазор километри квадратиро пахш кунад. Аз ин "сунамӣ" зиёда аз 5 миллион одам зарар мебинад, иншоотҳои хоҷагии халқ, майдонҳои кишоварзӣ, олами наботот ва ҳайвонот дар ҳудуди чор давлат - Тоҷикистон, Ўзбекистон, Туркманистон ва Афғонистон

нест карда мешаванд. Чӣ тавре ки мебинем, масъалаҳои экологӣ махсусанд ва бо мурури ҳалли онҳо Тоҷикистон чун "ҳудуди ташаккули обрав"-и ҳавзаи баҳри Арал, метавонад ба таври назаррас ҷоришавии обро зиёд кунад, ки ба ин кишварҳои бевосита дар назди Арали ба таври фоҷиавӣ хушкшудаистода воқеъ ҳастанд, манфиатдоранд.[68] Бинобар ин, проблемаи кӯли Сарез низ ҷузъи проблемаи Арал аст ва масъалаи амнияту бузурги обиро ба худ шомил мекунад.

**Омилҳои динӣ-сиёсӣ**

Ба масъалаи фаъолияти сиёсии мутассибон ва бунёдгароён, одатан, мутахассисон ва исломшиносон силсилаи мисолҳои амниятиро таҳлил намуда, муроҷиат мекунанд. Масалан, М. Ливай меҳисобад: "Таҳдид ба амнияти миллӣ вазъиятест, ки дар он арзишҳои муҳими давлат дар натиҷаи фаъолияти бурунмарзӣ зери хатар гузошта мешаванд".[69] Ин таърифи нисбатан васеи хатар аст дар муқоиса бо фаҳмиши анъанавии амният. Айнан, вобаста ба рӯйхати таҳдидҳои гуногун дохил кардани таҳдиди динию моҷароҷӯёна, ки берун аз давлат пайдо мешаванд ва ба амнияти ашхосу ҷамъият таҳдид мекунанд, мо бояд шаклҳои ултрарадикалии онҳоро ба сифати сохти асосии амният баррасӣ намоем.

Тавре ки маълум аст, дар режимҳои авторитарӣ, ки ҳамаи шаклҳои мухолифати сиёсиро манъ мекунанд, дин воситаи ягонаи баён ва рӯйпӯши ҳадафҳои зиёди ба ҳам зид барои таҳаввулоти сиёсию иҷтимоӣ мебошад.

Таҷрибаи ҷанги шаҳрвандӣ соли 1992-1995 дар Тоҷикистон имкон медиҳад, тахмин намоем, ки ин суханҳо ба ҳақиқат мувофиқанд. Дар баробари ин, имрӯз дар Тоҷикистон муносибати ҳокимият ва аналитикҳо ба ислом чун воситаи мубориза, асосан, мусбат боқӣ мемонад. Дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна алҳол ҳизби ягонаи исломӣ

---

[68] Ниг.: Сарчашмаи помирии бӯхрони Арал // Наврӯзи Ватан. 2001. № 6-7. - С. 10-11.

[69] Ливай М. Муҳити атроф масъалаҳои амнияти давлатӣ ҳастанд ё на? // Интернэшнл секюристи. № 20. 1995. - С. 35-40.

Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон аст, ки аз рӯи нишонаи конфессионалӣ таъин шудааст, амал мекунад ва органҳои қонунии худро дар Тоҷикистон дорад. Лекин нозукиҳои хоси баъзе равияҳо ва ҳизбҳои исломиро, алалхусус чун **Ваҳҳобия, Ҳизбуттаҳрир** ва **Салафия**, ки бевосита ба нооромиву бесуботии ҷомеа мусоидат мекунанд, ба инобат нагирифтан мумкин нест. Ин ҷунбишҳо имрӯз чунин қутбҳои идеологиро нишон медиҳанд, ки ба таври тамоюлӣ дар оянда метавонанд, ба низоъҳо ба таҳдид ба амният дар тамоми ҳудуди баъди шӯравӣ оваранд. Ин масъала ҳатто имрӯз дар чаҳорчӯбаи ҷаҳони мусулмонӣ як хел баррасӣ намешавад. Махсусан, ба эҳёи бунёдгароии исломӣ тааллуқ дорад, ки баъзан, ки қувват гирифта, зуд-зуд ба давраҳои ташаннуҷи иҷтимоию сиёсӣ бармегардад. Дар Тоҷикистон ин равияҳои нав, ба назари мо, усули исломи "ғайрианъанавӣ"-ро пеш гирифтанд.

**Ваҳҳобия** равияе мебошад, ки зиёда сесад сол қабл асос ёфтаасту дар Арабистон дар байни қарни XIX ба шарофати дастгирии фаъолонаи Инглистон бартарӣ пайдо намуд. Дар ҳудуди ИДМ ваҳҳобиҳо бори аввал худро ҳангоми ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон соли 1992-93 зоҳир намуданд. Феълан онҳо дар водии Фарғона дар ҷануби Қирғизистон ва Доғистон фаъолона амал мекунанд. Зимнан, усули такя ба табақаҳои поёнӣ, қавмҳои "ранҷида" ва гурӯҳҳои этникиро, ки аз ҳукумат норозианд, ба ҳаёт татбиқ мекунанд. Пешбарони ваҳҳобизм одатан ҷавонони гирифтори таассуб ҳастанд, ки омодагии низомиву ғоявиро дар марказҳои бурунмарзӣ гузаштаанд.[70] Аз ҳамин лиҳоз, имрӯз набояд аз он осудаҳол шавем, ки ваҳҳобиҳо зоҳиран ақаллиятро ташкил медиҳанд. Онҳо одатан дар шароити бӯҳронҳои системавӣ ба табдили табақаи идоракунанда мекӯшанд ва тамоюли бузурге доранд барои паҳнгардонии ҳадафҳои хеш.

**Салафия** дар Тоҷикистон ҷараёни хеле нав аст, ки дар манотиқи зиёди ҷумҳурӣ паҳн гардидааст ва на танҳо аз

[70] Суриков А., Баранов А. Ваҳҳобиҳо чун таҳдиди ақоидӣ // Правда. 05.02.1998.

нуқтаи назари динию сиёсӣ, балки амнияти шаҳрвандон низ хавфи амалию воқеӣ дорад. Салафиён собит мекунанд, ки ҷиҳод - асоси "рӯҳия"-и ислом асту бидуни он ислом мисли тани "беҷон" аст. Онҳо на ин ки такомули инсонро, балки муборизаро баҳри вусъат додани ислом дар тамоми ҷаҳон, ки метавонад хусусияти яроқнок дошта бошад, шакли олии ҷиҳод мешуморанд. Зимнан гурӯҳҳои нисбатан радикалии салафиён ба чунин ақидаанд, ки ҷиҳоди яроқнок натанҳо бо мақсади ҳимоя, балки барои бартараф кардани он мамониятҳое, ки душманони ислом дар роҳи вусъат додани он бо роҳи осоишта барқарор кардаанд, метавонад бурда шавад. Ин гуна назари қатъӣ барои ашхоси гуногуни маргиналӣ ва ашхосу ҷомеаҳои шароити иҷтимоиашон баду ноором имконияти хавфу таҳдидро афзун мегардонад.

**"Ҳизбуттаҳрир"** -ҳизбест, ки аз рӯи густариши фаъолияти хеш байналмилалӣ ва ташкилоти сиёсӣ аст, аз назари моҳият ва мақсад - бунёдгаро ва динӣ мебошад. Тибқи ақоиди "Ҳизбуттаҳрир", масъалаи асосӣ барои мусулмонони тамоми ҷаҳон алҳол таъсиси давлати исломӣ дар шакли хилофат ва инчунин ҳокими ягонаи мусулмонон таъин кардани халифа мебошад. Ҷонибдорони ин ҳизб душманони ашаддии демократия ҳастанд. Онҳо зидди ҳама гуна озодии шахс баромад мекунанд, яъне озодии афкор ва ақоиди динӣ, озодии моликият ва виҷдонро инкор мекунанд ва инчунин мавҷудияти давлати ҳуқуқбунёдро низ.[71]

Хулласи калом,Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ дар марҳилаи кунунии таърихӣ ба якдигар эҳтиёҷ доранд. Илова бар ин, имкониятҳои Тоҷикистон дар масоили зиёди амниятӣ маҳдуданд ва барои фаъол гардондани кори гурӯҳҳои гуногун дар минтақаи зерин шароитҳои муайян мавҷуд аст. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда муносибат ба системаи ташаккулёбандаи амният дар Тоҷикистон бояд, пеш аз ҳама, ба афзалиятҳои миллии хеш ва баъд ба қувваҳои дигар такя намояд.

[71] Ниг. : Макаров. Д.В. Исломи расмӣ ва ғайрирасмӣ дар Доғистон. - М., 2000 с.

# СИСТЕМАИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Одатан зери мафҳуми муносибатҳои байналхалқӣ маҷмӯи системаи алоқаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, дипломатӣ, ҳуқуқӣ, ҳарбӣ, гуманитарӣ ва муносибати байни субъектҳои ҷомеаи ҷаҳониро мефаҳманд. Ба сифати чунин субъектҳо халқиятҳо, давлат, қувваҳои иҷтимоӣ, ҳаракатҳо ва ташкилотҳои дар он амалкунанда баромад мекунанд.

## 1. Тамоюлҳои асосии рушди муносибатҳои муосири байналхалқӣ

Муносибатҳои байналхалқӣ бо роҳи пурпечутоби таърихӣ маҳз дар замони муосир ҷаҳонӣ шуданд. Дар чунин мазмун онҳо симои ҷаҳони муосирро ташаккул медиҳанд, ки дар он зиёда аз 200 давлат, бо миллатҳои гуногун, бо ҳазорҳо забон арзи ҳастӣ доранд.

Маълум аст, ки дар тӯли таърих ба муносибатҳои байналхалқӣ омилҳои форматсионӣ ва тамаддунӣ таъсири ҳалкунанда расонидаанд. Инчунин ба омилҳои форматсионӣ маҳдудкунии давлат аз рӯи аломатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ алоқаманд аст. Ба замми ин фарқияти байни халқиятҳо вобаста ба шароитҳои рушди ҷуғрофӣ ва геополитикӣ, мансубият ба динҳои асосии ҷаҳонӣ ва ташкилотҳои маҳаллӣ, ин ё он фарҳанг ва системаи арзишҳои маънавӣ устувор мешавад. Ҳар як халқият эҷодгари расму ойин, арзишҳои ахлоқӣ, анъана ва минталитети худ мебошад. Дар баробари ин тамоюли умумибашарӣ дар рушду нумӯи халқияту давлатҳо ва ҷомеаи ҷаҳонӣ феълан аҳамияти махсусро касб намудааст. Мавриди қайд аст, ки бо ин тамоюл мутамарказшавии арзишҳои умумиинсонӣ ва масоили глобалии муосир ба маркази тамаддуни ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ алоқаи ногусастанӣ дорад.

Ҳар як миллату халқиятҳо ҷузъи ҷудонашавандаи инсоният мебошанд. Аз ин лиҳоз, табиист, ки арзишу

меъёрҳои умуминсонӣ бояд дар муносибатҳои байналхалқӣ, махсусан муносибатҳои муосири байналмилалӣ асос ёбанд. Арзишу меъёрҳои умуминсонӣ моҳиятан ҳама гуна фарҳанги моддию маънавии одамон, маҷмӯи бузурги донишҳоро дар бораи олам, табиат, ҷамъият, табиати инсоният ва ҷанбаҳои биологию иҷтимоии ӯро фаро мегиранд. Мақсаду вазифа ва арзишу меъёрҳои умумиинсонӣ бо расму ойин, анъана ва арзишҳои халқияту минтақаҳои алоҳида мухолифат намекунад, балки бо онҳо омезиш меёбад ва як маҷмӯаи бузургро ташкил медиҳанд. Масоили муосири глобалие, ки ҳалли онҳо фаъолияти дастҷамъонаи халқияту давлатҳои гуногунро талаб мекунад, шаҳодати гуфтаҳои болост (Масалан, терроризм).

Хусусияти фарққунандаи ин масоил системавӣ, маҷмӯавӣ ва характери умумӣ доштани онҳо буда, шарти муҳимтарини якҷояшавии ҷаҳони муосир ва тамоюли мустаҳкамнамоии алоқаи мутақобилаи сохторҳои иқтисодию сиёсӣ маҳсуб мешавад.

Масоили глобалиро ба чор гурӯҳи асосӣ ҷудо намудан мумкин аст:

1. **Масоили сирф** характери иҷтимоӣ-сиёсӣ дошта: пешгирии ҷанги ядроӣ; қатъ кардани сабқати мусаллаҳшавӣ; ҳалли мусолиҳатомези низоъҳои ҳарбии минтақавӣ, байнидавлатӣ ва байналмиллалӣ; бунёди олами бидуни зӯроварӣ дар асоси боварӣ ва муносибати байни халқиятҳо, устуворнамоии системаи амнияти умум.

2. **Масоили сирф** характери иҷтимоӣ-иқтисодӣ дошта: бартараф намудани қафомонии рушд ва камбизоатию қафомонии фарҳангии ба он алоқаманд; таъмини самарабахшии истеҳсолот ва бозистеҳсоли маводи талаботи ҷаҳонӣ дошта; ҷӯстуҷӯи роҳҳои бартараф намудани бӯҳронҳои энергетикӣ, ашёи хом ва маводи ғизоӣ; мӯътадилкунонии вазъи демографӣ, махсусан дар давлатҳои мутараққӣ; бо мақсадҳои сулҳомез азхуднамудани фазои наздизаминӣ ва уқёнусҳо.

3. **Масоили иҷтимоӣ**-экологии ба вайроншавии минбаъдаи муҳити иҳотакарда алоқаманд. Алҳол зарурати

гузаронидани чорабиниҳо ҷиҳати беҳтар намудани қабатҳои гази атмосфера; рушди бемайлони табиати зинда ва ғайризинда; истифодаи самарбахши захираҳои табиӣ, пешгирии вайроннамоии табиат дар натиҷаи амалиётҳои ҳарбӣ ба миён омадааст.

**4. Масоили инсоният** бо фароғирии ченкунии рушди иҷтимоӣ; риояи ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ; бартарафнамоии гурснагӣ, бемориҳои вабо, шиканҷа; инкишофи маънавии инсоният; бартарафнамоии ҷудокунии одам аз табиат, ҷамъият, давлат ва дигар одамон.

Табиист, ки масъалаҳои зикршударо ҳал накарда, инсоният наметавонад, бӯҳрони тамаддуниро бартараф намояд, ҳаёт ва рушди ҳаматарафаи худро таъмин созад. Тасодуфӣ нест, ки солҳои охир халқиятҳои гуногун хатару таҳдидҳои афзуншавандаро дарк намуда, бо кӯмаки институтҳои миллӣ-давлатӣ, ташкилотҳои минтақавӣ ва байналмиллалӣ амалинамоии фаъоли алоқаю муносибатҳои мутақобила ва чунин принсипҳои муҳимро ба монанди демократияю халъи силоҳ ва инсонгароӣ ба роҳ мондаанд.

Ин принсипҳо хусусияти универсалӣ доранд. Демократикунонии муносибатҳои байналхалқӣ бар хилофи тоталитаризиму авторитаризм ва стереотипҳои бюрократӣ ба ҳаракати қатънашавандаи муосир табдил ёфта, шакли геополитикии рушди инсониятро дар роҳи озодии иҷтимоию сиёсии ӯ касб намудааст. Аз демократикунонии системаи муносибатҳои байналмиллалӣ дараҷаи таъмини истиқлолияти ҳар як давлат, озодии интихоби иҷтимоию сиёсӣ, дахлнопазирӣ, риояи шартномаю ӯҳдадориҳои тарафайн, эҳтироми ҳуқуқҳои давлат ҳамчун аъзои СММ ва дигар ташкилоти минатқавию байналхалқӣ вобастагӣ доранд.

Албатта, субъектҳои муносибати байналхалқиро сарфи назар намуда, мутлаққунонии воқеияти сиёсии ҷаҳони дуруст нест, зеро дар ҳолати вуҷуд доштани режими ғайридемократӣ демократикунонии пурраи равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ ғайриимкон аст. Лозим ба ёдоварӣ аст, ки

муносибатҳои байналхалқӣ новобаста аз муҳимияташон дуюминдарача (дар муносибат бо муносибаҳои миллӣ-давлатӣ ва сохторӣ) мебошанд.

Демократикунонӣ ҳам дар давлатҳои алоҳида ва ҳам дар ҷомеаи ҷаҳонӣ рушд меёбад. Вақтҳои охир масъалаи зарурати ислоҳоти СММ ва демократикунонии ниҳодҳои он баррасӣ мегардад. Соҳиб гаштан ва нигоҳ доштани аъзогии доимии Шӯрои бехатарии СММ аз тарафи панҷ давлати абарқудрати ядроӣ (ИМА, Руссия, Англия, Фаронса, Хитой) ба онҳо имконият медиҳад, ки мавқеашон дар ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ ҳалкунанда бошад. Ин дар ҳолатест, ки Ассамблеяи генералии СММ (дар он қариб намояндагони ҳамаи давлатҳо дохил мешаванд) чунин функсияи назоратиро соҳиб нест.

Дар муносибатҳои байналхалқӣ нақши ташкилотҳои байналхалқӣ хеле бузург аст, ки ба сифати иттиҳодияи характери байниҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ дошта вуҷуд дошта, дар асоси шартномаҳо бо мақсади ҳалли масоили байналхалқӣ, инкишоф додани ҳамкорӣ байни халқиятҳо ва давлатҳо фаъолият мекунанд. Ташкилотҳои байналхалқӣ ба ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масоили мубрами ҷаҳонӣ машғул бошанд ҳам, пешниҳодҳои онҳо характери тавсиявӣ доранд.

Дар ташкилотҳои байниҳукуматӣ намояндагон ё делегатсияи аз тарафи ҳукумат таъйиншуда фаъолият мекунанд, дар ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ бошад, гурӯҳҳо, иттиҳодияҳо, ассосиатсияҳо, инчунин шахсони алоҳида муттаҳид мешаванд.

Демократикунонии муносибатҳои байналхалқӣ ва равандҳои сиёсии ҷаҳониро бе мавҷудияти халъи силоҳ тасаввур кардан душвор аст. Ин раванд доираи васеи муносибатҳои байналмилалиро дар бар мегирад: барҳам додани блокҳои ҳарбӣ-сиёсӣ; мубаддал кардани илм ва истеҳсолоти ҳарбӣ ба ғайриҳарбӣ; озод намудани сохторҳои давлатӣ, сиёсӣ ва маъмурӣ, институтҳои иҷтимоӣ, образи ҳаёти одамон ва мафкураи онҳо аз элементҳои ҳарбӣ.

Инсонгароии муносибатҳои байналхалқӣ ва байнидавлатӣ маънои онро дорад, ки сиёсат ҳамавақт барои одамон аст, яъне ҳуқуқу озодиҳои одамон аз ҳуқуқ ва талаботи давлат боло меистанд, на одамон барои давлат, балки давлат барои одамон вуҷуд дорад.

Бо вуҷуди расидан ба дараҷаи муайяни инкишоф дар соҳаҳои гуногун ҳоло ҳам сабқати мусаллаҳшавӣ, муташанниҷии вазъият дар минтақаҳои гуногуни дунё, даргириҳои минтақавӣ ва ҷангҳои локалӣ ҳоло ҳам вуҷуд доранд. Аз ин лиҳоз, нигоҳдорӣ ва устуворнамоии сулҳ дар саросари ҷаҳон муҳимтарин масоили глобалӣ аст.

Рухдоди воқеаи сентябр ва осебпазирӣ аз дарун сабаб ба таҳаввули масъалаҳои нави байналхалқӣ гардид. Нигоҳи нав нисбат ба манбаъ,макон ва таҳдидҳо тағйир ёфт ва навъе таҳдидро фаро гирифт ва барномарезии дифоиро мушкилтар ва таҷҳизоти замонавиро мавриди шакку шубҳа қарор дод.Ин ҳамла Амрикоро водор ба тафаккури стратегии нав маҷбур сохт ва таҳоҷуми ифротгароён Иёлоти Мутаҳидаро зери хатар андохт.

Бинобар ин аз онҷо, ки Афғонистон ҳомӣ ва паноҳгоҳи гуруҳи террористӣ ба вижа Бин Лодан, ки ҳамлаи 11-уми сентябрро роҳбари карда буд,Осиёи Марказӣ аҳамияти вижае барои Амрико дар ҷанг бо терроризм пайдо кард.Дар ин робита аксар давлатхои минтака барои маъмуриятхои ба истилоҳ башардӯстона ва бархе низ таҳти ҳар шароите фазои ҳавои худро дар ихтиёри Амрико гузоштанд. Агарчи Амрико даъво мекунад, ки дунболи ҳузури низомӣ доими нест ва ҳеҷ навъе тазмини(зомини) амниятӣ ба ин давлатҳо надодааст.

Дар амалиёти низомӣ пас аз 11-уми сентябр дар Афғонистон, ҳар се давлати Кафкоз ба Амрико пешниҳоди ҳамкорӣ доданд.Интиқоли тамоми ҳавопаймоҳои Амрико ва мутаҳидонаш аз Иёлоти Мутаҳида ва Урупои Ғарбӣ аз фазои ҳавои ин ҷумҳури сурат ғирифт ва бадин гуна ҳамкорӣ онҳо нақши асоси дар ҷанг бар зидди терроризм доштааст. Амрико дар ин талоши худ ҳамкории бесобиқаеро аз Русия дарёфт доштааст.Иқдомоти аввалияи ин кишвар дар робита бо кишварҳои Осиёи

Марказӣ низ бо ҳамкорӣ наздик ба Русия ба ҳолати тавозун даромадааст. Ин ду кишвар дар ҳимоят аз ҷанг бар зидди терроризм ба мубодилаи иттилоот пардохта ва қавл додаанд, ки дар оянда ҳамкориҳои бештаре дошта бошанд. Агарчи бисёре дар Русия нигарони мудохилаи Амрико дар "ҳаёти хилвати" Русия мебошанд. Ба ҳар ҳол мизони пойдории ин ҳамкориҳо ва амалкарди он ба унвони асоси ҳамкориҳои бештар миёни ин ду кишвар ба мизони дарки онҳо аз манфиатҳои муштарак вобастагӣ дорад. Дар робита бо аҳамият ин масоил барои давлатҳои Осиёи Миёна ихтимолоте вуҷуд дорад. Нақши фаъоли Амрико дар Осиёи Миёна ҳифзи ҳамкори бо Русияро мушкил хоҳад сохт. Ба ҳар ҳол, авлавият болотар дар равобити Иёлоти Муттаҳида ва Русия ниёзманди онаст, то Амрико дар талошҳои худ барои пешрафти аҳдофи муштарак дар минтақа бо Русҳо ҳамкорӣ кунад.Дар ҳамин ҳол ҳузури нерӯҳои Амрико дар ин кишварҳо ё дар наздики марзҳои онҳо ба ин маъно аст, ки ҳарчи ҳамкории Амрико бо Русия бештар бошад,нуфузи Амрико бар минтақаи Осиёи Миёна низ афзоиш меёбад.

Маълум аст, ки дар ин рӯйдод ду нуқтаро бояд мадди назар гирифт. Аввал ин ки нуфуз ва ҳузури Амрико дар минтақа баъди 11-уми сентябр дар ҳавзаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва амниятӣ заминасозӣ ва фурсатсози муносибе барои ихтиёргири меҳвари Кафкоз-Осиёи Миёна ҷиҳати баҳрабардории геостратегӣ фароҳам намуд. Ин омил раванди мазкурро хеле содда сохт. Дуввум ин ки заруратҳои геостратегӣ таркиби нақшофарини Амрико дар минтақаро низ дучори таҳаввул намуд ва вазни фаъолиятҳои низомӣ, амниятӣ бо давлатҳои дохили минтақа ва канораи он давр зад.

Албатта, таваҷҷӯҳ ба ин нуқта муҳим аст, ки Амрико дар ҳузури баландмуддат дар Осиёи Миёна бо душвориҳо рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Ин мавзӯъ дар навъи нигариши вобаста бар ҳамкориҳои баландмуддати кишварҳои минтақа бо Амрико дар мавориди маҷбур ба додани имтиёзоте гардида, ки бархе аз ин имтиёзот метавонад, бо нақшаи русҳо душвориҳоро барои ҳузури Амрико дар Осиёи

Миёна фароҳам намояд.Бархе аз ин мушкилот ва душвориҳо ба таври зайл мебошанд:

- сохторҳои боқимондаи иқтисодӣ ва фарҳангии даврони Шӯравӣ;
- ҳузури низомӣ ва суннати Русия дар ин манотиқ;
- тафовутҳои фарҳанги ин манотиқ бо Амрико ва Ғарб;

Нигарониҳои Чин ва Русия ва ҳамкории ин ду кишвар дар қолаби дучониба ва созмони ҳамкории Шанхай боиси таҳдид хатари амнияти тавассути нерӯҳои хориҷӣ дар ин манотиқ шудааст.Осиёи Марказӣ барои Чин ҳамчун саҳнае барои ҷилавгирӣ аз густариши нуфузи Амрико ва дар ин ҷиҳат аз ҳамроҳи ва иштироки назар бо Русия низ бархурдор аст, ки натиҷаи он дар маҷлисҳои созмони ҳамкории Шанхай намоён аст.Дар ин ҷиҳат ҳамчунин метавон ба баёнаи иҷлосияи Шанхай таҳти унвони "дастурамали байналмиллали қарни 20-ум ва 21-ум" ишора кард, ки дар воқеъ метавон онро чолиши умда барои Амрико аз назари ҳамоҳанги Русия ва Чин дар баробари Осиёи Миёна қаламдод кард. Ба назар чунин мерасад,ки Маскав ва Пекин ба сурати ҷиддӣ ба дунболи эҷоди фишори ҳарҷи бештар барои коҳиши нуфузи Амрико дар ин манотиқ ҳастанд.

Хуруҷи Амрико аз пойгоҳи Хонободи Узбекистон аввалин кишваре ки имконоти низомиро барои Амрико қарор дод, боис шуд то Иёлоти Муттаҳида талоши наве барои ҳифзи мавқеъи худ дар ин манотиқ оғоз кунад.Ба ҳар ҳол тамриноти низомии муштараки Русия ва Чин, ки ҳамчунон идома дорад баёнгари маҳдудиятҳои қудрати ҷаҳони якҷонибаи Амрико аст.Ин тамринот ҳамчунин паёме барои ҳамсоягони ин ду кишвар дар шимоли шарқи Осиё аст.Ба навиштаи рӯзномаи "Интернашнал херолд трибун" ҳузури низомии Амрико дар Осиёи Миёна натиҷаи ҳамлаҳои 11-уми сентябр буд ва Чину Русия низ барои муддате ин ҳузурро таҳаммул кардаанд. Зеро ин ду кишвар хоҳони сарнагуни толибон ва таваққуфи фаъолиятҳои гурӯҳҳои ифротӣ буданд. Ҳатто агар Амрико нерӯҳои худро аз Осиёи Миёна хориҷ кунад ҳам дурнамои ҳузури доимии Амрико дар Афғонистон, ба мушкилсозӣ

ба назар мерасад.Зеро Русия ҳамвора таваҷҷӯҳи худро ба марзҳои ҷанубии худ зоҳир менамояд. Дар ин ҷо Чин ҳам муддатҳост, ки нигарони ҳокимият бар сарзаминҳои ғарбии худ аст.Аз ин рӯ, саволе, ки бояд барои Амрико матраҳ бошад ин аст, ки оё ин кишвар манфиатҳои дарозмуддате дар минтақа дорад, ки битавонад ҳузури худро дар онҷо баён кунад ё не. Дар воқеъ, Амрико манфиатҳои дар заминаҳои нафт ва дигар манобеи ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна дорад.

Табиист, ки Русия дар ҳамаи ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва Чин низ дар ин минтақа манфиатҳои доимӣ доранд.Чин дар талош буда, бо кишварҳои Узбекистон ва Қирғизистон равобити дӯстонае барқарор намояд ва ҳатто розӣ ҳаст, агар битавонад аз нафту гази Қазоқистон ҳам баҳра бибарад. Аммо дар ин арса кашмакашиҳо бар сари об, энергия ва масоили қавмӣ вуҷуд дорад, ки қобили фаромушӣ нест. Дар воқеъ, Амрико вобаста ба ҳадафҳои ҳаётан муҳими худ ниёзи зарурие ба ҳамкориҳои Русия, ки рақиби қудратманди мантиқӣ аст.

Аз тарафи дигар, ҷалби таваҷҷӯҳи Русия аз қудратнамои ба Шарқ вақте ки тағийр ёбад ва дар сохторҳои ғарбӣ мутамарказ шавад,барои Амрико судманд аст,зеро зимни ҷилавгирӣ аз иттиҳоди Русия бо Чин ва Ҳинд ва ҳатто Ирон, амнияти хатти интиқоли энергетикӣ аз ин манотиқ ба ҷаҳони хориҷро таъмин менамояд. Албатта, Амрикои имрӯза бо эҷоди сипари дифои мушаки вокунишҳо ва таҳарукоти мутақобиле Русияро сабабшуда ,вале мо ҳамчунон ба ин ақидаем, ки қудратҳои минтақави (дохилӣ-хориҷӣ) кафили амнияти Осиёи Миёнаро ба ҳамроҳ намеоваранд. Бинобар ин сулҳ,оромиш,иттиҳод ва амнияти пойдори огоҳонаи кишварҳои Осиёи Миёна беҳтарин рӯйкарди сиёсӣ иҷтимоӣ пешрӯйи он абаркудратҳо мебошад.

Ҳамин тавр, сиёсати хориҷи дарозмуддати Амрико дар манотиқи Осиёи Миёна ва Кафкоз ҳамон сиёсате таъсири комил,баст ва густариши қаламрави қудрати худмуқобила бо ҳаргуна таҳдид ва нуқтаи хатарофарин, ҳифзи вазъи мавҷуд ва дар ниҳоят ҳузур ва нуфузи сиёсӣ-иқтисодӣ ва

амнияти тулонӣ аст, ки Амрико барои дастёбӣ ба ин манофеъ аз ҳамаи қувва ва имконоти худ истифода мекунад. Ҳарчанд худи кишварҳои Осиёи Миёна чандон тамоюле ба ҳузури Амрико надоранд. Амрико бо ҳамкорӣ бо Туркия ва ҳатто Гурҷистон қудратҳое монанди Русия ва Чиниро бо бозиҳои сиёсӣ метавонад, кашонад, то ҳузури худро дар ин минтақа васеъ намояд. Ҳарчанд давлатмардон дар ҳукуматҳои Осиёи Миёна, намояндаи афкори умуми мардуми ин манотиқ ба ҳамин далел аз иттиҳод ва тавонои хубе барои мубориза бо фишорҳо ва таҳдидоти қудратҳои хориҷӣ бархурдоранд , валекин боз ҳам дар чунин фазое ду нуктаи хело қобили таваҷҷӯҳ ва муҳим ба назар мерасад;

1. Вуҷуди дарки муштараки кишварҳои Осиёи Миёна аз таҳдид ва хатарҳои кудратҳои хориҷӣ;

2. Қабули ин нуқта, ки "амнияти минтиқа" беҳтарин ҳолат аст, барои идомаи ҳаёти сиёсии ин минтиқа.

## 2. Тағйироти куллӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ

Чуноне ки маълум аст, масъалаҳои муносибатҳои байналхалқӣ ба унвони яке аз шинохтатарин ҳадафҳои башар ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳ будааст.Аммо тағйиротҳои куллии муносибатҳои яққутбагии ҷаҳон омилҳои нави ин мафҳумро таҳти таъсир қарор доданд, ки дар ин миён терроризм яке аз масъалаҳои он маҳсуб мешавад.

Терроризм мафҳуми норавшани сиёсиест, ки ба таври хулоса шеваи амали ифротӣ ва душманона барои аз майдон дур намудани мухолифин аст. Терроризм навъҳои гуногун дорад: - **терроризми маводи мухаддир, терроризми атомӣ, терроризми фарҳангӣ, терроризми давлатӣ** ва г. Ҳар яке аз навъҳои терроризм аз як сӯ дорои решаҳои хос буда, ки заминаи пайдоишро шакл дода ва дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон осори он ба ҳар шакл маълум аст.. Яке аз решаҳои асосии терроризм, терроризми давлатӣ аст, ки худ маншаи шаклгирии бахшҳои дигаре аз ин ҷараён метавонад бошад. Дар воқеъ, имрӯз мо ба терроризми

давлатии гурӯҳӣ ва фардӣ рӯ ба рӯ ҳастем, ки ҳар як дорои вижагии худ аст. Аз миёни навъҳои терроризм, ки ба сурати фишурда дар ин минтақа муассир будааст, муҳимтарини он терроризми маводи мухаддир аст, ки дар ҳақиқат навъи ниҳонии терроризм ба ҳисоб меравад.

Мафияи маводи мухаддир терроризми пинҳонист, ки дар хидмати навъҳои дигари терроризм қарор дорад. Ба қавли Ҳомид Карзай - раиси Ҷумҳури Афғонистон терроризм ва маводи мухаддир дар ин минтақа бо ҳам гиреҳ хӯрдаанд. Вуҷуди қочоқчиёни маводи мухаддир дар минтақа ва даргириҳо ва низоъҳои доимӣ ҳамчун баҳсҳои нажодӣ, мазҳабӣ ва иқлимӣ заминаи муносибе барои шиддат ғирифтани ин падида дар ин минтақа будааст. Дар канори мавриди зикршуда ҳузури нерӯҳои бегона ва нобаробарии қудрати низомӣ аз омилҳои дигари он аст, зеро ки терроризм силоҳи афроди заиф будааст ва ё касоне, ки барои муқобила бо зулм, ки бар онҳо рафтааст, дорои қудрати муқобилат нестанд.[72]

Аз ҷиҳати ҷуғрофии Афғонистон ва набудани асоси давлати марказии босалоҳият боис шуда, ки гурӯҳҳое аз мухолифони идеологӣ дар ҷойҳои мухталифи ин кишвар паноҳ гирифта, ба амалиёти террористӣ даст бизананд.

Ҳантингтон мӯътақид аст, дар ҷанги байни кишварҳои исломӣ ва ғарбӣ ҳар як аз тарафайн бар нукоти қувват ва заъфи тарафи муқобил сармоягузорӣ кардааст.[73]

Ҳузури Амрико дар ин минтақа ва сиёсатҳои ин давлат, ки худро ба зоҳир дар сатҳи аввали мубориза бо терроризм медонад, ба хусус баъд аз ҳодисаи 11 сентябр фишори зиёде барои минтақа ба хотири "Алқоида" ва "Толибон" ворид овардааст. Ин нуктаро бояд ёдовар шуд, ки раисони кишварҳои Эрону Афғонистон мӯътақиданд ин ду кишвар худ аз қурбониёни аслии терроризм дар ин минтақа будаанд.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар бораи бӯҳрони Афғонистон мизони таъсиргузории ин бурҳон бар

[72] Сайидҳусайни Сайфзода. Муаммои амният ва мушкилоти ҷадиди Ғарб. Интишорти Вазорати хориҷа. Теҳрон, 1383, с. 185.

[73] Ҳантингтон С. Бархурди тамаддунҳо ва бозсозии низоми ҷаҳонӣ. Мутарҷим М. Рафиӣ. Теҳрон, Дафтари пажӯҳишгоҳи фарҳангӣ, 1378, с. 346.

таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоии кишварҳои минтақа ва ҳатто ҷаҳон ва таъсири мутақобили сиёсатҳо ва иқдомоти дигар кишварҳо ва бозингарони байналмиллалӣ бар бӯҳрони Афгонистон мебошад. Ҳеч як аз бозингарони байналмиллалӣ дар бӯҳрони Афғонистон ба андозаи Тоҷикистон вазъияти бо ҳаммонанд надоранд. Аз ҷумла масъалае, ки дар равобити Тоҷикистон бо Афғонистон ба лиҳози амниятӣ аҳамият дорад ин рушди ифротгароӣ, терроризм ва маводи мухаддир аст. Афғонистон маҳалли ором ва паноҳгоҳи хубе барои ҷунбишҳои исломии ифротӣ будааст ва Тоҷикистон ба шиддат нисбат ба он нигарон аст. Яке аз хусусиятҳои умумӣ ва ҷаҳоншумули минтақаи марзӣ доштани гуногунии қавмии иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аст.Мавҷудияти ноороmиҳои дохилӣ дар Афғонистон ҳокимияти ҷангсолорони маҳаллӣ ва набудани ҳокимияти давлатии марказӣ бар сар то сари ин кишвар заминасози мушкилоти амниятӣ барои ҳамсоягон шудааст. Дар ҳамин айём Амрико ба манзури расондани маводи озуқаи мавриди ниёзи нерӯҳои мустақар дар Афгонистон аз роҳи заминии Тоҷикистон истифода менамояд. Вуҷуди анборҳои силоҳ ва муҳимот ба дастрасии афрод ва гурӯҳҳои мухталиф бо ангезаҳои мухталиф чун бунёдгароёни мазҳабӣ, қочоқчиёни маводи мухаддир ва ғайра боиси зиёд шудани падидаҳое чун терроризм ва қочоқи маводи мухаддир ва ноамниҳои марзӣ шуда, ки на танҳо минтақаро таҳти таъсир қарор додаанд, балки вокунишҳои байналмиллалиро низ ба ҳамроҳ доштааст.

Дар қарни XXI эҳтимолан муҳосиботи стратегӣ ва қудрат ҳамчунон омили муҳимме дар рафтори давлатҳо ба шумор хоҳад омад. Сохтори низоми байналхалқӣ чӣ бар асоси имконоти моддӣ таъриф шавад ва чӣ бо вожаҳои амонатгирифташуда аз корҳои иҷтимоӣ ҳамчунон бар равобити байни кишварҳо ба монандӣ дар назар гирифтани манфиатҳои амниятии ҳар кишвар ба василаи давлатмандон таъсири зиёде хоҳад дошт. Бо ин ҳол ба ин маънӣ нест, ки кишварҳо ҳамеша бояд амнияти миллии худро маҳдуд таъриф кунанд. Ин амр ҳамчунин монеъи таъбироти умда дар тартиботи амниятии байналхалқӣ,

гуфтугузорҳои марбута ва таҳаввулоти ҷаҳонӣ барои тағйири дастоварди муомилот, ки хусусияти хоси сиёсати байналмилал аст, нахоҳад буд.

Фишорҳои иқтисодӣ метавонад, ба рушди даргириҳои иҷтимоӣ дар кишварҳо кӯмак кунад ва мумкин аст, асароте бар амнияти ҷаҳонӣ дошта бошад. Ҳаракатҳои зиёди миллатҳо барои муҳоҷират аз кишваре ба кишвари дигар боиси рушди мушкилоти бавуҷудомада аз ҳуввияти гурӯҳӣ шуда, ки дар ин минтақа намоён аст. Бисёре аз далелҳои иқтисодӣ-иҷтимоии ноамнӣ бар ҷаҳони муосир аз камбуди манбаъҳои табиӣ аст. Ҳамон гуна, ки Томас Ҳомер-Диксон низ баён кардааст: камбуди замини кишоварзӣ, об, ҷангал ба ҳамроҳи тағйироти иқлимӣ мисли гарм шудани кураи замин бар амнияти байналмилалӣ таъсир мегузорад. Масалан, назорат бар манбаи оби дарёи Ҳирман ҳамеша бар афзоиши ихтилоф байни Эрону Афғонистон кӯмак кардааст ва печидатар шудани талошҳои лозим барои дастёбӣ ба сулҳи пойдор дар минтақаро дар бар доштааст.

Поёни даврони ҷанги сард, на поёни даврони ихтилофот дар ҷаҳон буд ва на нуқтаи поёни онҳо дар оянда хоҳад буд. Бо шоҳидҳои зиёде воқеъият доштани инро дар ҳама сӯйи ҷаҳон мулоҳиза мекунем. Ҳузури нерӯҳои амрикоӣ дар Афгонистон ва минтақа ва ҷангҳои дигари манотиқ равшан мекунад, ки ҷаҳони оянда бидуни ҷангу даргирӣ нахоҳад буд. Даргириҳои байни гурӯҳҳои мухталифи даруни кишварҳо ва бӯҳронҳое, ки фаротар аз марзҳои кишварҳо мераванд, ҷангҳои нажодӣ-мазҳабӣ ва ақаллиятӣ ҳамчунон боқӣ хоҳад монд. Миллигароӣ нерӯи қудратманд дар саросари ҷаҳон хоҳад буд, ҳамчунон ки ҷомеаҳо пешрафт хоҳанд кард, ихтилофоти таърихӣ бар сари марзҳо давом доранд. Дар солҳои аввали қарни XXI бар хилофи тағйирои муҳим, ки дар ҳавзаи сиёсатҳои ҷаҳонӣ дар ҳоли рух додан ҳастанд, номаълумии суннатӣ дар хусуси амнияти байналмилалӣ ҳамчунон побарҷост. Алббата, бидуни шак, тагйироти ҷадид ва мусбате низ дар ҷаҳоне, ки др он зиндагӣ мекунем, дар ҳоли шаклгирӣ аст, ки бар асоси онҳо метавон гуфт, ояндаи сиёсии ҷаҳон набояд ҳамонанди гузаштаи он бошад. Ин нуктаро бояд

бидонем, ки шароити амниятии ҳоким дар минтақа амнияти кишварҳои Тоҷикистон, Афғонистон ва Эронро, ки дорои забон, дин ва одоби муштарак ва наздик ба ҳам ҳастанд, ба ҳам гиреҳ задааст.

Бо ин ҳол дар ҷаҳоне, ки ҳамеша саршор аз тафовутҳо, тазодҳо ва беэътиноиҳост, ҷустуҷӯ барои ҷомеаи ҷаҳонӣ вобаста ба ҳамкории таомул ва амният қадре мушкил аст, ин ки оё амнияти ҷаҳонӣ қобили дастёбӣ аст, ё не ва чӣ гуна бояд ба он даст ёбем, ҳанӯз номушаххас аст. Ин аст,ки мавзӯъи мазкур ҳамеша барои донишҷӯён ва фаъолони сиёсӣ бо муаммоҳои гуногунаш боқӣ хоҳад монд.

### 3. Назарияи " бархӯрди тамаддунҳо" -и С.Ҳантингтон

Назарияи бархӯрди тамаддунҳоро Ҳантингтон аввал дар шумораи маҷаллаи "Форин афраз"соли 1993 нашр кард. Мундариҷаи мақола дар ин маҷаллаи илова ба зарурияти нисбатан матлуби илмӣ, дорои пешниҳодҳои иҷроӣ барои давлатмардони Амрико ва Ғарб низ буд.

Мақолаи мазкур ба иловаи бархе таҳлилгарони Ғарбӣ ба монанди мақоле аст, ки "Ҷорҷ Кунон" назария пардози барҷастаи даврони сард, дар соли 1947 бо имзо дар ҳамин маҷалла нашр кард ва бо унвони "сиёсати садди нуфуз" пояи стротегияи блоки Ғарб дар мухолифати Шӯравӣ ва кишварҳои тобеаш дар ҳудуди ним асри ҷанги сард қарор гирифт.Хантингтон дар шарҳи назариёташ чунин мегӯяд:

Фарзияи ман ин аст, ки усулан нуқтаи аслии бархӯрдҳо дар ин ҷаҳони нав, на ранги идеологӣ на бӯйи иқтисодӣ балки ихтилофҳои бузург миёни афроди башар ва ба истилоҳ "нуқтаи ҷӯш"- и бархурдҳо дорои моҳияти фарҳангӣ хоҳад буд .Давлат - миллатҳо нерӯмандтарин бозингарон дар арсаи ҷаҳон боқӣ хоҳанд монд, локин даргирии аслӣ дар саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ, миёни миллатҳо ва гурӯҳҳои бо тамаддунҳо мухталиф рӯй хоҳад дод. Бархӯрди тамаддунҳо дар ниҳоят бар сиёсати ҷаҳонӣ соя хоҳад афканд. Хатҳои монеӣ миёни тамаддунҳо, охирин марҳала аз сайри такомули бархӯрд дар ҷаҳони навро таҳрезӣ хоҳад кард... Дар даврони ҷанги сард дунё ба се,

чахони аввал, дуввум, сеюм таксим мешавад. **Ин** дастабандӣ дигар мавзӯъият надорад. Акнун чунончӣ кишвархоро не бар хасби низоми сиёсӣ ва иктисодӣ ё сатхи тавсиаи иктисодии онхо, балки ба лихози фарханг ва тамаддунашон гурӯхбандӣ кунем, коре муфидтаре ба анчом мерасонем.

Хангоме ки аз як тамаддун сухан мегӯйем максад аз чист? Тамаддун як мавчудияти фарҳангӣ аст. Кишлок, сарзаминхо, гурӯххои кавмӣ, миллатхо ва гурӯххои мазхабӣ хамагӣ дорои фарҳангхои мушаххас хастанд, ки дар сутухи мухталиф бо якдигар иртиботи фарҳангӣ надоранд. Фарҳанги як дехкадаи вокеъ дар чануби Италия мумкин аст, бо фарҳанги як дехкада дар шимоли он кишвар фарк дошта бошад. Вале хар ду дар фарҳанги Итолёгӣ, ки онхоро аз дехкадахои Олмон фарк медихад аммо онхо якчанд .Маълум аст,ки чомеахои аврупой дар навбати худ хусусиятхои фарҳангии муштарак доранд, ки онхоро аз чомеахои чинӣ ё арабӣ чудо мекунад. Ба хар хол, араб, чинихо ва ғарбихо бахше аз як мавчудияти фарҳангии васеътар ба хисоб намеоянд, балки хар як аз онхо ташкилдихандаи як тамаддун хастанд. Бинобар ин, тамаддун болотарин гурӯхбандии фарҳангӣ ва густурдатарин сатхи хуввияти фарҳангӣ аст, ки инсон аз он бархурдор аст. Хуввияти тамаддунӣ ба таври рӯзафзун дар оянда ахамият хохад ёфт ва чахон то андозаи зиёде бар асари амал ва аксуламал байни хафт ё хашт тамаддуни бузург, шакл хохад гирифт. Ин тамаддунхо иборатанд аз: тамаддуни Ғарбӣ, тамаддуни Кунфусий, тамаддуни Чопонӣ, тамаддуни Исломӣ, тамаддуни Хинду, тамаддуни Исломӣ - Ортодоксӣ, тамаддуни Амрикои Лотинӣ ва эхтимолан тамаддуни Африкой.[74]

Аз назари Хантингтон хусумати 14 карнии Ислом ва Ғарб дар холи афзоиш аст ва дар ин росто бо иттиходи тамаддуни Кунфусий - Исломӣ тамаддуни Ғарб бо монеае рӯ ба рӯ хохад шуд. Ба ин тартиб " бархӯрди тамаддунхо" дигар масъалахои чахонро тахти назар карор медихад ва дар асри нав муносибатхои тозаи ба мехвари тамаддунхо

[74] Samuel p. Huntington the clash of civilization/ Forign affairs (summer 1993)

шакл мегирад. Хантингтон дар ҷои дигар мегӯяд: мушкили аслии Ғарб бунёдгароии исломӣ нест, балки худи ислом аст бо тамаддуни мухталиф, ки вобастагони он ба бартарии фарҳангии худ итминон доранд ва ҳамеша машғули нотавоноиҳои худ ҳастанд. Мушкили ислом ҳам созмони "Сиёо" ё вазорати дифои Амрико нест, балки худи Ғарб аст, тамаддуни мутафовите, ки миллатҳои вобаста ба он дар мавриди ҷаҳонӣ будани фарҳанги худ ба яқин расидаанд, ин таахҳудро барои эшон эҷод карда, ки фарҳанги ғарбиро дар саросари ҷаҳон бипарокананд.[75]

Назарияи бархӯрди тамаддунҳо аз оғози интишор бо вокунишҳои зиёд дар маҳфилҳои фикрӣ, мазҳабӣ, фарҳангӣ ва сиёсии ҷаҳон рӯ ба рӯ шудааст. Мунаққидон гурӯҳи васеъиро шакл медиҳанд ва албатта ба он ки дар Ғарб ба хусус дар миёни афрод ва гурӯҳҳои ростгарои ифротӣ, тарафдороне дошта аст. Ва ҳатто андешамандони бузурги чун "ҳунари Кисенҷер" бо он то ҳудуди зиёде мувофиқ буданд, лекин мухолифини ин назария ба маротиб бештар аз мувофиқини он ҳастанд. Ва дар Шарқ низ умуман ба ин назария бо диди шак ва дасисаи ҳисобшудаи Ғарб нигариста шудааст.

Аз нигоҳи илмӣ бархе давлатмардони Ғарбӣ тарҳи назарияи Ҳантингтонро дар ин авзои замонӣ ба лиҳози паёмадҳои сиёсии он ҷоиз намедонанд. Бархе аз андешамандон ва равшанфикрони маҳфилҳои сиёсии Ғарб онро тарҳи хоме мепиндоранд ва Хантингтонро ба ғафлат аз баҳампошидагии дарунӣ, пучии ахлоқӣ ва халои маънавии ҷаҳони Ғарб ва дар иваз якпорча нигоштани он муттаҳам месозанд. Ва аз ӯ мехоҳанд, то барои ёфтани роҳи ҳалли ҷилавгирӣ аз фурӯпошии Ғарб чораандешӣ кунад.

Албатта бар хилофи гуфтаҳои боло бархе шахсиятҳои илмӣ ва сиёсӣ дар Амрико ва Урупо то ҳудуди бо назариёти Хантингтон мувофиқ ҳастанд. Масалан, Гроҳом Фулер коршиноси барҷастаи маркази мутолиотии "Ронд" дар мақолае ба унвони "фаросӯе ҷанги сард" менависад: "Ҷаҳон дар вартаи як бӯҳрони фарҳангӣ бесобиқа гирифтор

---

[75] Сомуел П. - Ҳантингтон, бархӯрди тамаддунҳо ба бозсозии назми ҷаҳонӣ, тарҷумаи Муҳаммад Алии Ҳамиди Рафиъӣ, (Теҳрон, нашри дафтари пажӯҳишҳои фарҳангӣ, 1378) с.347.

шудааст. Фарзияҳои бартарии фарҳанги Ғарб ва ба вижа дар домани ду пайкараи фарҳанги Ислом, тамаддуни конфусий башиддат мавриди ҳамла қарор гирифтааст. Чунончӣ соири нуқтаҳои ҷаҳонӣ, ки навъан сӯи Ғарб бе иртибот бо манфиатҳои Ғарб зоҳир мешаванд, дар ҷустуҷӯи иҷрои нақши муҳим дар саҳнаи масъалаҳои байналмилалӣ бошанд, ин ду ҷараёни қавмӣ метавонанд ба хусуматҳои иқтисодӣ сиёсӣ ва ҳатто низомӣ табдил шаванд".[76] Ва ё дар ҷои дигар Никсон дар охирин китоби худ "Фаротар аз сулҳ", ки дар охирон ҳафтаи умраш ба итмом расонда буд, мушаххасан ба таҳлили назарияи бархурди тамаддунҳо пардохта менависад: "Бархе аз соҳибназарон монанди профессор Хантингтон ҳушдор додаанд, ки агар Ғарб робитаҳои худро бо ҷаҳони Ислом хуб идора накунад, бархӯрди тамаддунҳо метавонад Ғарбро дар муқобили ислом қарор диҳад. Мусулмонони Босния ва масеҳиёни Сербия бар сари контроли Босния - Герсоговиния дар ҳоли набарданд ва Арманиҳои масеҳӣ низ бо мусулмонони Озарӣ бар сари минтақаи Қарабоғ меҷанганд. Дар Лубнон низ мусулмонон ва масеҳиён солҳост, ки якдигарро қатли ом мекунанд. Танишҳои сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ низ ба бурузи даргирӣ дар Тоҷикистон доман задааст."

Амрико набояд иҷозат диҳад, ки "бархӯрди тамаддунҳо" ба вижагиҳои ғолиб бар асри баъд аз ҷанги сард табдил шавад. Ҳамон гуна, ки Хантингтон даъво менамояд, хатари воқеӣ дар ин нест, ки ин бархӯрди ҳатмист, балки хатари он аст, ки Амрико ба бетафовутии худ ба ин силсилаи бархӯрди тамаддунҳоро ба як пешбинии худсохта табдил кунад. Агар Амрико ҳамчунон ба даргириҳое, ки дар он милали мусулмонӣ қурбониянд, бетафовут бошад, дар воқеъ ҷаҳони Ғарб ва ҷаҳони исломро ба бархӯрд бо ҳам даъват кардааст".[77]

Дар муқобил давлатмардон ва равшанфикрони гайри Ғарбӣ, ки таърихи ҷанги сардро фаромӯш накардаанд,

[76] Сомуел П. Ҳантингтон, назарияи бархӯрди тамаддунҳо /Ҳантингтон ва мунтақидонаш с. 28.
[77] Пешин. С. 32

тарҳи гуфтори бархӯрди тамаддунҳоро дасисаи ҳисобшуда ва хатарнок мебинанд, ки аз тафаккуроти тафриқа андохтани Ғарб сарчашма гирифтааст. Аммо ба иллати халои назариявӣ дар миёни кишварҳои тавсиянаёфта то ҳудуди мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифт. Албатта дар кул бояд гуфт, ҷудоӣ аз он гурӯҳи ростгароии мавҷуд дар Амрико ва бархе мақомоти дигар, назарияи Хантингтон амалан аз сӯи сиёсатмадорони амрикоӣ ва аврупоӣ нодида гирифта шудааст. Антони Легобич собиқ мушовири амнияти Кохи сафед дар ҷараёни тарсими сиёсати хориҷии Амрико баъд аз ҷанги сард, бо дарҷи мақолае дар "Форин афрӯз" изҳор дошт: "Ин тасвире, ки Амрико ба унвони абарқудрати ҷаҳони баъд аз ҷанги сард ва дар ҷустуҷӯи идеологияи ҷадид, бо ночор ба як ҷанги салибии ҷадид бо ислом кашида хоҳад шуд. Дар воқеъ, Амрико дар ҷустуҷӯи идеологияи ҷадид аст, то ба он муқобила кунад. Дар ин байн бунёдгароӣ ба ивази коммунизм ба унвони таҳдиди пешбинишудаи Ғарб хоҳад шуд, ки ин дар амалия дуруст нест. Барои мисол: дар Ховари миёна низ ҳамчун минтақаҳои дигари ҷаҳон ихтилофоти асосӣ вуҷуд дорад ,лекин марзҳои шикананда дар миёни тамаддунҳо ё мазҳабҳо нест. Балки ин хутут миёни ҳукумати ситамкор ва ҳукумати масъул, байни дарҳои баста ва сиёсати дарҳои боз ва байни эътидол ва ифрод тақсим шудааст. Таҷрибаҳои чанд соли гузашта нишон додааст, ки гароиш ба озодӣ ояндаро хоҳад сохт. Ин мавзӯъ дар ҳамаи ҷо аз ҷаҳони Ислом ва ё нуқтаҳои дигар, содиқ аст. Мо хатҳои гусалро байни касоне мебинем, ки бо тавассул ба ҳарбаи террор дар пайи пешбурди аҳдофи худ ҳастанд."[78] Аз нигоҳи назарияи бархӯрди тамаддунҳо шомили хатоҳои фикрии бузург ва дорои сохтори мантиқии суст ва далели ба шоҳидии заифи таърихӣ аст. Бархе фарзияҳои ин назария ҳамвора мавриди интиқоди асосӣ будааст, ҳамонанди коҳиши нақши давлат - миллат дар саҳфаҳои сиёсати ҷаҳонӣ, яксон шумурдани тамаддун ва фарҳанг, куллӣ будани воҳидҳои мавриди таҳлил, оштинопазирии тамаддунҳои исломӣ ва масеҳӣ дар назарияи Хантингтон

[78] Пешин. С. 33

ҷои баҳс бисёр дорад ва аз масалаҳои мунокишапазирӣ ин назария ба ҳисоб меравад.

### 3. Назарияи " Гуфтугӯи тамаддунҳо"

Ҳамон гуна, ки зикр шуд, назарияи қаблӣ ба навъи худ ҷаҳонро ба ду қутб тақсим кардааст. Намунаи дигаре аз иртиботи мусолиматомези тамаддунҳо, баҳси гуфтугӯи тамаддунҳост. "Гуфтугӯи тамаддунҳо" ба шакли васеъ ва густурдаи он тавассути Муҳаммади Ҳотамӣ собиқ раиси Ҷумҳури исломии Ирон дар соли 1998 матраҳ шуд, ки чунин аст: "Ба номи Ҷумҳурии Исломии Ирон пешниҳод мекунам, ки ба унвони аввалин гоми соли 2001- ум аз сӯйи Созмони Миллали Муттаҳид "соли гуфтугӯи тамаддунҳо" номида шавад, ки бо ин умед, ки бо ин гуфтугӯ нахустин гомҳои зарурӣ барои таҳаққуқи озодӣ ва адолати ҷаҳонӣ, бардошта шавад. Аз волотарин дастовардҳои ин қарн пазириши зарурат ва аҳамияти гуфтугӯ ва ҷилавгирӣ аз корбурди зӯр ва тақвияти мабонии озодӣ ва адолат ва ҳуқуқи инсонӣ аст.[79] Ва дар идомаи ин суханронӣ мегӯяд:

Рӯъёи ҷаҳонии яккутбӣ ва тахти сарпарастии як кудрат, ҷуз пиндори ботил ва нишонаи ақибмондагии соҳибони ин пиндор нест ва мутмаин ҳастам, ки ҳатто бархе аз миллатҳое қудратманд чун миллате Амрико, ки сиёсатмадорони он хоби ҷаҳони яккутбиро мебинанд ва бо сӯи истифода аз номи пуровозаи ин миллатҳо, ҳамаи имконот ва ҳайсияти кишварашонро дар пой фузунталаби бархе ақаллиятҳои соҳиби манофеи моддӣ ва қавмӣ қурбонӣ мекунанд. Ба ин вазъ ризоият хоҳанд дод ва рушди афкори умумии Ғарб дар ҷиҳати пазириши робитаи сулҳомезӣ бар пояи эҳтироми мутақобил, гувоҳи ин муддаост.[80]

Ҳамон тавре, ки мулоҳиза мешавад, ин назария дар муқобили назарияҳои Фукуйома ва Хантингтон ва бархе дигаре аз назарияҳои Ғарбӣ қарор дорад ва ҳар гуна

---

79 Пешин. С. 28

80 Суханронии Саид Муҳаммади Ҳотамӣ дар иҷлоси маҷмаъи умумии Созмони Миллали Муттахид. (53 - умин / 1998)

системаи яккутбиро қабул надорад. Ва бо баёни роҳкориҳо барои густариши ҳамкорӣ ва тафоҳум дар заминаҳои фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ чораандешӣ менамояд. Дар ҷои дигар чунин гуфтааст:

Дар арсаи фикрӣ ва фарҳангӣ, мо пешниҳоди гуфтугӯи миёни фарҳангҳо, адён ва тамаддунҳо ба ҷои бархурди миёни тамаддунҳоро мекунем; метавонем фарҳангҳои худамонро дошта бошем, динҳои худамонро дошта бошем, ҳуввияти худамонро дошта бошем, аммо дӯст бошем, бо ҳам сухан бигӯем, бо ҳам баҳс кунем ва дар ин баҳсу табодул аст, ки фарҳангҳои худамонро мутакомил бикунем, ислоҳ бикунем, бигирем, бидиҳем ва иқтибос кунем.

Бар асоси матолиби боло мулоҳиза мекунем, ки назарияи "гуфтугӯи тамаддунҳо" бо таваҷҷӯҳ ба усули маънавӣ ва ахлоқӣ бо фикр ва назари хушбинона ба робитаҳои байналмилалӣ нигоҳ мекунад. Ва бар хилофи назарияи "бархӯрди тамаддунҳо", ки бар асоси воқеъгароии фалсафӣ тадвин шуда ва дар доираи қудрат ва даргирӣ ва бартарӣ мебошад. Назарияи гуфтугӯи тамаддунҳо дар ростои ҳамкорӣ ва тафоҳуми байналмилалӣ тарҳрезӣ шудааст. Бар ин асос, дар муқобили васф ва тафсире, ки Хантингтон ва Фукуйома ва мубодилоти байналмилалӣ ва низоми сиёсии идеалии башарият таҳти унвони бархурди тамаддунҳо ва поёни таърих пешкаш мекунад. Ҳотамӣ васф ва тафсири муқобил бо онҳоро таҳти унвони гуфтугӯи тамаддунҳо пешкаш намуд. Вале агар аз баҳси муқоисавӣ хориҷ шавем ва ба воқеияти мавҷуда дар ҷаҳон нигоҳ бикунем, дармеёбем, ки имрӯза гуфтугӯ миёни тамаддунҳо чӣ бихоҳем ва чӣ нахоҳем дар ҳоли анҷомёбӣ аст. Гарчӣ ин гуфтугӯ он гуфтугӯи ормонӣ нест, ки Ҳотамӣ дар назарияи худ матраҳ кардааст, балки гуфтугӯе аст яктарафа, ки як тарафи онро ба кӯмаки қувваҳои мухталиф ба дастур ва амр мубаддал кардааст ва тарафи дигар чорае ҷуз пазируфтан ва итоат надорад. Барои мисол даҳҳо сол аст, ки баҳсҳои назарӣ дар нишастҳои байналмилалӣ дар ҷараён аст ва ҳосили он қарордод ва конвенсияҳое аст, ки навъан ҳамаи

мамлакатҳо онро пазируфтаанд . "Шароити мавҷуди Диреготи ва созмони ҷаҳонии тиҷорат WTO ва тафовукҳои ҳосила аз сӯи онҳо на ҳамчун тафовукҳои ҷиҳати ҷараёни озоди сармояҳо, балки ба манзури тасиси навъӣ ҳаққӣ моликияте байналмиллалии нав барои сармоягузориҳои хориҷӣ ва дар ниҳоят эҷоди маҳдудият барои муқаррароти ҳукумати миллии кишварҳои заиф аст."[81] Мавридҳои зикршуда танҳо мисолҳои андаке аст аз чигунагии гуфтугӯҳои ҷорӣ миёни кишварҳое, ки имрӯзҳо намояндаи тамаддунҳо ба ҳисоб мераванд. Пас бар асоси воқеияти мавҷуда ҷораи ҷуз ширкат дар гуфтугӯ барои кишварҳо вуҷуд надорад. Албатта ин бор бо ҳифзи пойбанди ба усул дар баробари мавҷи ҷаҳонӣ шудан ва ё эҷоди деҳкадаи ҷаҳонӣ ва ё назми навини ҷаҳонӣ, на аз мазеи тамошогар ва бинанда, балки аз мавзеи баробар дар ҳаққи тасмимгирӣ ва иҷрои нақши таърихӣ бояд вориди гуфтугӯ шуд ва ин ҳамон заминаи гуфтугӯи ормонии мавриди назари Ҳотамӣ аст.

Он чӣ мусаллам аст, наздик ба ду даҳаи пеш, ки назми "ду абарқудратӣ" ҷаҳон поён ёфт ва назми нави ё "ҷаҳони абарқудратӣ" ҷои онро гирифт. Фронсис Фукуйома ин таҳаввулро "поёни таърих" номид. Ин назария дар асос ба думболи шаклгирии иттиҳодияи ҷаҳони Ғарб ва кишварҳо перомуни он дар Амрикои Лотинӣ, ҷануби шарқии осиёӣ, гирди назарияи неолиберализм ифода шуд. Падидае, ки Фукуйома онро "тавофуқи қобили таваҷҷӯҳ перомуни машрӯъияти либерали демократӣ ба унвони як низоми ҳукуматӣ дар саросари ҷаҳон "мехонад. Ӯ изофа мекунад, ки ин тавофуқ ба дунболи галабаи либерали демократӣ бар идеологияҳои рақиб чун низоми подшоҳӣ, фашизм ва коммунизм ба даст омад, бинобарин либерал демократияро "нуқтаи поёни такомули идеологии башарият ва охирин шакли ҳукумати инсонӣ" номидааст. Бар ин далел, ӯ ин таҳаввулро поёни таърих номидааст, ҳамон гуна, ки Маркс коммунизмро поёни таърих дониста аст, ё Гегел мабдаи равиши диалектикӣ, ғалабаи давлати

[81] Беҳрӯз: Мароми ҷадид, гуфтугӯи тамаддунҳо: мудофеи маҳдудиятҳо ва лавозим , гуфтугӯи тамаддунҳо / маҷмӯъаи мақолот (Теҳрон, нашри созмон, мадорики фарҳангии инқилоби исломӣ, 1377), с. 467.

либералро поёни диалактикии таърих медонанд. Дар муқобили Хантингтон поёни таърих, яъне поёни тазодҳои калони миёни идеологияи рақиб ва пайдоиши тамаддуни воҳиди ҷаҳонро нодуруст медонад. Ва бовар дорад, ки: "Либерал-демократия, ки реша дар мафҳуми ҳурмати фард дорад, як маҳсули Ғарбӣ аст ва бархе мӯътақиданд, ки либерал демократияи хориҷ аз Ғарб ғайри мумкин аст. "вай изофа мекунад" ба таври хулоса либерал- демократия зотан ғайри қобили пазириш бо аксари фарҳангҳои ғайри Ғарбӣ аст".[82]

Ҳантингтон барои баёни бархӯрди ду тамаддуни ислом ва масеҳият ва хатари эҳтимоли бархӯрди онҳо, ва барои инкори имкони вуҷуди тамаддуни ҷаҳонӣ бовар дорад. Сукути шӯравӣ, назарияи поёни таърих ва пирӯзии либерал-демократия дар саросари ҷаҳон, вай сипас ба нақди ин назария мепардозад ва онро мунтасиб ба тафаккури даврони ҷанги сард мекунад, давроне, ки далел бар он буд, танҳо ба дили коммунизм, демократияи либералӣ аст ва сукути аввали боиси пайдоиши дуввуми хоҳад шуд.

Дар ҳоле, ки Ҳантингтон боварӣ дорад, ки таззоди тамаддуни исломӣ бо масеҳият ҷои тазодҳои пешини даврони ҷанги сардро гирифтааст. Ӯ мегӯяд "ин хушхаёлӣ аст фикр кунем ба далели сукути Шӯравии коммунистӣ, Ғарб барандаи ҷаҳон барои тамоми асрҳо шудааст ва мусулмонон, чиниҳо, ҳиндиҳо ба суи либеролизми Ғарбӣ ба унвони танҳо бадил шитоб хоҳад кард."[83]

Албатта, ин эътиқод ба тарафдорони назарияи тамаддуни воҳиди ҷаҳонӣ бар намегардад, балки ба назарияи касони монанди Фукуйома, ки дар бисёри мавридҳо ҳамназари Хантингтон аст ва ориенталистҳо (назарияи Ғарбии меҳварӣ) ва худи Хантингтон боз мегардад, ки ба ҷои табодули қудрати ҷаҳонӣ ҳамчунон хостори ҳифзи ғалабаи Ғарб бар Шарқанд. Аз тарафе ҳарчанд назарияи Фукуйома амалан аз шаклгирии тамаддуни воҳиди ҷаҳонӣ дар чорчӯбаи низом ва

[82] Ҳантингтон. С. , баъди 20 сол: дар оянда ҷараёни сеюм, журнали демокротхо. 8.4. окт 1997.П.9.
[83] Ҳантингтон ҳамон с. 66.

тафаккури либерализми Ғарбӣ ё классикӣ, яъне либерал-демократӣ пуштибонӣ мекунад, вале онҷӣ ў ба унвони либерал-демократӣ ном мебарад, чизе ҷуз неолиберализми муҳофизаткорона мавриди ҳимояти бунгоҳҳои молии чанд миллияти бо мудирияти сандуқи байналмиллалии пул (IMF) нест. Аз замони Роналд Рейган, Президенти собиқи Амрико ва Маргарит Течер нахуствазири муҳофизакори англис ин масъала қувват гирифт. Натиҷаҳои он на танҳо неолиберал- демократии ҷаҳонӣ балки қудратталабии бештар системаи молии Ғарб бар ҷаҳон дар ҳоли густариш будааст. Аз сўйи дигар Саид Муҳаммади Ҳотамӣ дар мақоми пешниҳоди назарияи "гуфтугўи тамаддунҳо" худ ба вуҷуди воҳид ва ғолибан мудерн ва ҷараёноти пиромуни ин тамаддун бовари дорад. Вале дар амал ва дар мухолифат ба он назария "гуфтугўи тамаддунҳо"-ро пешниҳод мекунад.

Агар тамаддуни мудерни Ғарб голиб аст ва ба гуфтаи эшон " дунё ё Ғарб аст ё ғарбӣ" гуфтугў миёни тамаддунҳо бояд ба гуфтугўи тамаддуни ғолиб ( бо меҳвари перомуни гуфтугўи фарҳангҳо )тағйир ёбад.

Ҳотамӣ дар китоби "Бими мавҷ" чунин менависад: "имрўз тамаддуни ғолиб, тамаддуни гарбӣ аст ва гузоф нест агар онҷиро, ки дар гўша ва канори олам мегузарад зайли тамаддуни Ғарб ба ҳисоб оварем."[84]

Вай дар идомаи ҳамин матлаб дар бораи "поён" ва аз миён рафтани тамаддуни исломӣ сухан мегўяд.[85]

Аммо матлабе, ки бояд ба гуфтаи боло изофа шавад, дар назар гирифтани интиқоли ҷавҳари фикрӣ, зеҳнӣ ва равшангарии тамаддунҳо монанди илмӣ ва фалсафа, ихтироот ва кашфиёти тамаддунҳои пешин ва поёнёфта ба тамаддун ё тамаддунҳои ҷадидтар аст. Ҳамчунин, тақсими ҷаҳон ба Шарқ ва Ғарб, ислом ва масеҳият, тақсимбандӣ аз рўи завоҳир аст, тафовути инсонҳо ва ҷомеаро набояд дар шакл ва зоҳири он хулоса кард. Балки бояд ба мўҳтавои таҳаввул ва тағйири ҷаҳон ва печидагии иқтисодӣ ва фарҳангии асри ҳозир ва дар канори он ба

---

[84] Хотамӣ, Саид Муҳаммад, Бими мавч, Теҳрон, Симои чавон 1372 с. 171
[85] Пешин, с. 184-183.

расмият шинохта шудани тафовутҳо таваҷҷӯҳ кард. Тамаддунҳо на ҳуввияти ҳақиқианд ва не ҳуқуқӣ; бинобар ин, истифода аз вожаи гуфтугуи тамаддунҳо маънои дақиқ надорад. Аз назари (Epistemology) ё шиносоии назарияи "бархӯрди тамаддунҳо" талош кардааст то гуфторро бар асли бартарӣ ва иқтидор тайин кунад ва ба таври мушаххас гуфтори назарияи бархӯрди тамаддунҳо бар асли зӯр ва бархӯрди низомӣ такя дорад. Зеро сохтори иқтисодӣ ва низоми лозимӣ онро дар ихтиёр дорад. Аммо назарияи гуфтугӯи тамаддунҳо баръакс пӯшидааст, ки забони гуфтушунид ва сулҳомезро ба далели назарияи бархӯрди тамаддунҳо ирода диҳад, вале номуваффақ будааст. Зеро ирода ва сохтори қудратии лозима барои пешбурди ин ба дил надошта аст. Назарияи "гуфтугӯи тамаддунҳо" бар хилофи назарияи "бархӯрди тамаддунҳо" талоше аст, фикрӣ, ахлоқӣ, на амалӣ, ки қасд дорад гуфтор ё забони бархӯрдро ба гӯфтор ё забони гуфтуғӯ дуруст созад. Ҳадафи назарияи гуфтугӯи тамаддунҳо низ коҳиш ва рафъи ихтилоф миёни ҷомеа аст, ҳамин ҳадаф ва ангезаи мусбат, пуштибонии Созмони Милали Муттаҳидро ҷалб кардааст, зеро дар шароите, ки ҷаҳон дар хатари авҷгирии низоъ, тарҳи тағйири баҳс ё забони бархӯрд ба забони гуфтугӯ матлубияте бештаре дорад.

Хулоса, мӯҳтавои назарияи гуфтугӯи тамаддунҳоро метавон ба хости гуфтугӯ миёни миллатҳо ва давлатҳо ва ё давлатҳо бо якдигар барои рафъи низоъҳо ва эҷоди робитаи наздиктар бо ҳам таъбир кард, ки номи он гуфтугӯи тамаддунҳо не, балки музокира барои ҳалли ихтилофоти сиёсӣ ва иқтисодӣ аст.

# ВАЗЪИ НАВИ ГЕОПОЛИТИКИИ МИНТАҚАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Маълум аст, ки дар даврони "ҷанги сард" минтақаи Осиёи Марказӣ, то ҷое берун аз сиёсати ҷаҳони бузург қарор дошт. Имрӯз ин сарзамин ба таври ғайри мунтазира дар арсаи байналхалқӣ ба мавзӯи таҳлилу омӯзиши фаъол ҳамаҷониба қарор дода шудааст. Иллати асосии ин фаъолгардии геополитикӣ он аст, ки пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба алоқа ва муносибатҳои давлатҳои осиёимиёнагии аъзои ИДМ ва дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттифоқи Шӯравӣ, алалхусус, ба робитаҳои иқтисодии онҳо таъсири ҷиддӣ расонд.

## 1. Тағйиротҳои куллӣ дар сиёсати геополитикии минтақа

Давлатҳои ин минтақа, ки умумияти динӣ, нажодӣ, забонӣ ва решаҳои таърихию фарҳангӣ доранд, метавонанд, ғолибан бахри ҳамкории ҳамаҷониба заминаи мусоид фароҳам оваранд. Аз ин рӯ, ИМА ва дигар мамолики Ғарб дар пур сохтани "фазои холо"-и Осиёи Марказӣ ва монеъ шудан ба васеъшавии таъсири ислом талош варзида, равобити хешро бо давлатҳои ин минтақа вусъат бахшида, онҳоро дар сиёсат ва иқтисодиёт ба татбиқи ислоҳоти шакли ғарбӣ такон медиҳанд.

Новобаста аз ин, баъди ба даст овардани истиқлолият дар баъзеи ин кишварҳо, аз ҷумла дар Тоҷикистон ҳаракатҳои сиёсии мухталиф қувват гирифта, барои ба даст овардани ҳокимият ба мубориза шурӯъ карданд. Натиҷаи ҳамаи ин муборизаҳои кӯр-кӯрона буд, ки Ҷумҳуриро ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонид.

Ҷанги шаҳрвандӣ на фақат тарзи зиндагӣ, ҳолат ва мақоми имрӯзаи халқи тоҷикро тағйир дод, балки ба вазъи геополитикии ҳамаи минтақаи Осиёи Марказӣ таъсири азим гузошт. Албатта, ҳамбастагии фазоӣ, умумияти фарҳангию динии халқҳои ин минтақа ҳам ба ин мусоидат намуд.

Ҳамин тавр , минтақаи Осиёи Марказӣ, ки сарҳадоти ҷанубии ИДМ-ро ташкил медиҳад, солҳои охир дар маркази диққати тамоми ҷомеаи башарӣ қарор гирифт. Дар тӯли даҳсолаҳо ин минтақа ҳамчун фазои геополитикии пайвандгари ду низоми ба ҳам муқобил - сотсиализм ва капитализм хизмат кард. Гузашта аз ин, дар давраи *империяи* Шӯравӣ чун сарчашмаи ашёи хом истифода мешуд. Сарҳадоти он зери таъсири мутақобилаи нерӯҳои қудратӣ ва иқтисодии "Шимол" ва "Ҷануб" қарор дошт. Ин марзҳо захираҳои фаровони табиӣ доранд, ки ба онҳо аксари давлатҳои Ғарб рағбати том доранд.

Осиёи Марказӣ унсури муттаҳидгари равобити низомҳои сиёсию иқтисодии аксар мамолик, амсоли Афғонистон, Эрон, Покистон ва монанди инҳо ба шумор меравад. Дар нақши таърихӣ, аз ин минтақа роҳҳои бузурги савдоӣ мегузаштанд ва Маркази Осиё буда, фақат аз рӯи ин далел, ин минтақа чун пули васлгари тамаддун ва низоми бехатарии Ғарбу Шарқ хизмат кардааст.

Низои дохилиэтникӣ дар Тоҷикистон метавонист, боиси адами субот дар ҷомеаи ҷамоҳири ин минтақа ва ҳатто берун аз он шавад. Густариши минтақаи ноором ба сӯи Тоҷикистон амали воқеӣ (табиӣ) буд. Ва ин ба манфиатҳои геополитикии қувваҳое, ки мехостанд бархӯрди Россияро ба ислом мазмуни асосии ин давраи таърихӣ созанд, ҷавобгӯ буд.

Мавқеи Ӯзбекистонро нисбат ба рӯйдодҳои Тоҷикистон инҳо муайян мекард: даъвои марзӣ ба Ӯзбекистон, ки аз ҷониби як қабил шахсиятҳои тамоюли миллатгароӣ доштаи мухолифин матраҳ мешуд; дар ҷараёни бархӯрди қувваҳои ҳарбӣ дар Тоҷикистон даъвои ҳокимият кардани сарони маҳаллии рӯҳониёни ислом.

Минтақаи Осиёи Марказӣ, ки солиёни дароз дар ҳоли берун аз сиёсат қарор дошт, ногоҳ пурҷӯшу хурӯш гардид. Ин минтақа, ки ба Россия ва дигар давлатҳо ашёи хом ва маҳсулоти хоҷагии қишлоқ медод, дар натиҷаи бӯҳрони иқтисодии ин кишварҳо ба ҳолате басо мушкил дучор гардид. Бо ин мақсад онҳо ба ҷустуҷӯ ва дарёфти шарики муҳими иқтисодӣ шурӯъ намуданд.

Президенти Ӯзбекистон И.Каримов ҳанӯз дар моҳи январи соли 1992 дар мусоҳиба бо мухбири "Бар Истерн Экономик Ревно" гуфта буд, ки ҳама ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ баҳри эътироз аз бӯҳрони нави иқтисодӣ бояд дар иттиҳоди нав муттаҳид шаванд, аммо афсус ки гуфтори эшон ба рафторашон то ҳол рост намеояд.

Собиқ Президенти Қирғизистон А.Акаев низ изҳор дошта буд, ки таъсиси ҷамъияти Осиёи Марказӣ вазифаи рӯзмарраи замон аст. Тавре ки мушоҳида мешавад, давлатҳои Осиёи Марказӣ - аъзои ИДМ, на танҳо зарурати таҳкими робитаи байниҳамдигариро эҳсос кардаанд, балки ба созмони алоқа бо Туркия, Эрон ва Покистон манфиатдоранд, зеро ба ин васила ба бандарҳои обӣ ва бозорҳои содироту тиҷоратӣ мебароянд. Гузашта аз ин, онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки бо мақсади кӯмаки иқтисодӣ ва ҳамкорӣ дидан равобити хешро ба соири мамолики ин минтақа густариш диҳанд.

Мудохилаи дин ба кори давлат, ки яке аз аломатҳои махсуси низои тоҷикон маҳсуб аст, даъвате гашт, ки давлатҳои дигарро аз натоиҷи хунини ин ҳаводис барҳазар дорад. Имрӯз Ӯзбекистон ба ҳар гуна зуҳуроти исломӣ басо эҳтиёткорона муносибат мекунад ва кӯшиши давлатӣ шудани онро қатъ месозад. Вале маҳз дар марзи Ӯзбекистон марказҳои пурқудрату қадимӣ ва то андозае фаъоли исломӣ (Қӯқанд, Фарғона, Андиҷон, Бухоро, Самарқанд, Хева) мавҷуданд. Алакай, басо равшан аст, ки ин марказҳо ба исломи дури хориҷӣ равобити зичу бардавом доранд ва муваффақона кӯшиш доранд, ки нисбати давлатҳое ба мисли Тоҷикистон, Афғонистон, Синсзяни Хитой сиёсати хоси хешро пешбурд созанд...

Оид ба нақши радикалии ислом дар авҷгирии фоҷиаи тоҷикон, алакай, басо навиштаанд. Муқобилияти ваҳобизми саудӣ бо исломи халқии маҳаллии печидаи зиддияти минтақавӣ-қавмиро мутахассисон ҳамчун омили асосии созмондеҳи тафриқаандози қавмӣ-этникӣ ва ҳолати ногуворои минбаъда дар тавсияи миёни тоҷикон эътироф кардаанд.

Вазъияту амалиёти толибон дар Афғонистон низ ташвишу нигаронии Ӯзбекистонро ба амал меоварад. Агар

ҳуҷуми толибон ба шимоли мамлакат идома ёбад, ҷараёни дарёи низоъ метавонад, тавассути гурезаҳо ва ҷо гирифтани базаҳои ҳарбии нав ба марзи Тоҷикистону Ӯзбекистон ҷорӣ шавад. Гузариши "ҷараёни низоъ" ҷомеаи ӯзбекро метарсонад. Сарчашмаи барҳам задани суботро дар Осиёи Марказӣ, барҳақ, дар бунёдгароён - ваҳобиёни исломӣ мебинанд.

Ҳоло ҳизби таҷаддуди исломии Ӯзбекистон дар шароити махфӣ амал мекунад ва садҳо ҷонибдорони он дар урдугоҳҳои ҳарбии Афғонистону Покистон машқ дидаанд. Ҳамаи ин, ба таври воқеӣ дар Ӯзбекистон шиддати ташаннуҷиро ба вуҷуд меорад, ки метавонад дар ҳар лаҳза таркида, ба низои баёни давлатӣ табдил ёбад. Ҳамзамон, ин низоест, ки дар Осиёи Марказӣ метавонад, ҷанги хосияти динӣ доштаро шаклу мазмуни нав диҳад.

Дар масъалаи таҳдиди бунёдгарони исломӣ Қирғизистон ҳам, наметавонад бепарво ва бетараф бимонад. Ба Қирғизистон, ки хатари маркази даргириҳои навбатии хунини динӣ гардидан таҳдид менамуд, таҳдидҳо шакли дигари таҳаввулотро дар бар гирифт.

Дар манзари ин масъалаи пешинаи қирғиз - масъалаи муқобилати саноати мутараққии "шимол" ва ақибмондаи "ҷануб" боз ҳам тезутунд шудааст. Шимол ҳамеша тамоюл ба Русия, Қазоқистон ва Хитой дошт ва ҷануб ба водии Фарғона, рӯҳан ҳамвора дар фазои ин маркази исломӣ, ки дар аҳди қадим чун маркази пуршӯҳрати "сабз" машҳур буд, қарор дошт.[86] Ва дар айни замон шимоли мутаассир дар маркази муқобилат ба ҷануби исломишуда қарор дорад.

Дар нақши геополитикӣ Қирғизистон чун соири мамолики Осиёи Марказӣ - минтақаи бонуфузе дар роҳи баромад ба Покистону Хитой ва ба Аврупо маҳсуб мегардад. Мисли Ӯзбекистон Қирғизистон сохтори туркии давлатдорӣ - давлати дунявӣ, демократии тамоюли аврупоидоштаро мепазирад. Таъсири рӯзафзуни туркӣ дар ин минтақа, аз хусуси густариши ҷараёни равобити мустақим, аз он ки бахше аз нақшаҳои ҳавобаландонаи

[86] Ниг.: Дмитриев М. Тонкий намек на весьма кровавый конец. Россия.-С.7.

ташкили "бозори умумӣ" аз баҳри Сиёҳ то сарҳади Хитой мебошад, шаҳодат медиҳад.[87]

Равобити Қирғизистон бо Покистон низ сомон ёфта истодааст. Мақоми ҷуғрофии Қирғизистон ба Покистон имкон медиҳад, ки ба Қазоқистон ва аз он ҷо ба Аврупо барояд.

Ташдиду вусъати ваҳобизм дар Қирғизистон ба тақвияти таъсири Арабистони Саудӣ алоқаманд аст. Мубориза бо ин падида, дар манзари боздиди доимии эмиссарҳои Арабистони Саудӣ ба ин кишвар сурат мегирад.

Гузашта аз ин, вақтҳои охир дар муқобилати байниэтникӣ, натанҳо дар Қирғизистон, балки дар ҳамсояҳои он -Ӯзбекистону Тоҷикистон мубориза бар назорати ихроҷи маводи мухoдира омили муҳиме гаштааст.

Хусусиятҳои вазъияти тағйирёбандаи геополитикии Тоҷикистон, оқибатҳои ҷанги дохилӣ, суст гардидани ташкили ҳифзи сарҳади давлатӣ ва аз ҷиҳати техникӣ мувофиқи матлаб набудани мақомоти нозир, хариду фурӯши маводи нашъадор барои авҷ гирифтани фаъолияти мафияи нашъа дар Тоҷикистон ва саросари минтақа шароити мусоид муҳайё месозад.[88]

Зимнан, шаҳри Ош дер боз мақоми марказии наркомафияи Осиёи Марказиро соҳиб шудааст. Бо ин сабабҳо дар нақши геополитикӣ, давлатҳои ин минтақа барои қувваҳои наркомафия контейнери махсуси ба тамоми олам равонашуда мебошад. Инак, як далел: роҳи як вақтҳо аз ҷониби халқ "Роҳи ҳаёт" номгирифта - роҳи Ош-Хоруғ, аз тарафи худи ҳамон мардум номи "наркотрасса" (шоҳроҳи нашъа) ва зимнан, яке аз наркотрассаи муҳимтарин ва бузургтаринро соҳиб шудааст. Дар айни замон бояд дар назар дошт, ки ин на танҳо шоҳроҳи пайвандгари сарҳадоти ноҳияҳои ду ҷумҳурии соҳибистиқлол, балки ин роҳи ҳарбӣ - стратегиест, ки ба он на танҳо давлатҳои фавқуззикр, балки

[87] Ниг.: Источник: "Фигаро". Париж. 19.3.1992.-С.5.
[88] Ниг.: Раҳмонов Э. "Ҷиноятро бояд решакан кунем". Душанбе: Авасто, 1999.-С.125.

кишварҳои нисбатан пуркудрати минтақаи Аврупоосиёгӣ - Русия ва Хитой низ манфиатдоранд.[89]

Қирғизистон ҳузури Русияро бо сифати мувозана дар нисбати ҳамсояҳои нисбатан пурқудраташ, чун Ӯзбекистон ва Хитой қадрдонӣ мекунад ва ин ҳузурро дар ин минтақа ба сифати монеа ба кӯшишҳои бартариталабонаи охириҳо мепазирад.

Дар қиёси дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, Қазоқистон нисбатан дар ҷомеаи соҳаҳои ҷумурии мутараққӣ маҳсуб аст. Ба ин ҳолати геополитикӣ ва геостратегии ин кишвар боис гардид. Қазоқистон дар маркази ду ҷаҳон - ҷаҳони исломӣ ва ҷаҳони христианӣ ҷойгир аст. Қазоқҳо таърихан қавмҳои кӯчманчӣ буда, ба дин камтар майл доранд, яъне нисбат ба дин чандон эътиқодмандии комил зоҳир намекунанд.

Қазоқистонро конҳои бузурги сӯзишворӣ, корхонаҳои тараққикардаи саноатӣ ва марказҳои гуногуни байналхалқӣ, аз ҷумла космодроми Байконур насиб гаштааст.

Дар нақши такомули давлатдорӣ Қазоқистон ба иқтисоди бозаргонӣ ва хусусигардонӣ такя дорад. Барои масъалаҳои қавмиро ҳал намудан Қазоқистонро лозим аст, ки ба Русия ҳамкорӣ кунад, зеро қазоқҳо ҳамагӣ 40% аҳолии мамлакатро ташкил медиҳанд ва сокинони сернуфузи русҳою украинҳо дар ҳамсоягии зич ба гурӯҳҳои немисҳо, тоторҳо, уйғурҳо ва дигар зиндагӣ мекунанд. Гузашта аз ин, Қазоқистон соҳиби яроқи ядроӣ буда, намехоҳад, ки ба тезӣ ӯро аз ин маҳрум созанд. Соҳиби яроқи ядроӣ будан барои вай василаест, ки имкони рафъи кӯшиши фишори берунаро ҳам аз ҷониби Маскав ва ҳам аз тарафи Пекин медиҳад.[90]

Дар ихтиёр доштани яроқи ядроӣ ба Қазоқистон кӯмак мекунад, ки муносибати хешро бо ҳама давлатҳои Осиёи Марказӣ ба осонӣ сарусомон диҳад. Чунончи, дар яке аз вохӯриҳо тарафи Исроил изҳори ташвиш намуд, ки яроқи ядроии Қазоқистон ба Эрон фурӯхта мешавад, ки ин барои

---

[89] Абытов А. Конфликты в Центральной Азии. //Ҷунбиш, №18.1998.

[88] Ниг.: Источник: "Фигаро". Париж. 19.3.1992.-С.5.

Исроил шикасти имконпазир аст. Аммо мақомоти Қазоқистон сафоратро бовар кунонданд, ки яроқи ядрой ба ҳеч кас фурӯхта намешавад ва ба тарзи боэътимод ҳифзу нигаҳдорӣ мешавад.

Дар муносибат бо низои тоҷикон Қазоқистон соли 1993 ҳамчун ташаббускори фаъоли созмонгари қувваҳои оштидиҳандаи ИДМ дар посдории сулҳ дар Тоҷикистон баромад намуд. Ҳанӯз соли 1992, вақте ки низои тоҷикон ба авҷи худ расида буд, президентҳои Русия, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон роҷеъ ба норавоии ташдиди ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон изҳороти якҷоя ба имзо расониданд.

Агар рушду вусъати бунёдгарони ислом ба оромию суботи минтақаи Осиёи Марказӣ таҳдид намояд, ҳолати русҳо дар Қазоқистон, ки 38% аҳолии кишварро ташкил медиҳад, дар маърази хатар ба оромию суботи Осиёи Марказӣ ва Россия мебошад. Қисмати шимоли Қазоқистон феълан маскани русҳо шудааст. Таҷзияи талаботи рус, асосан намояндагони ҷудоихоҳи қазоқҳо, дар ин минтақа талаби ҷудо намудани ин сарзаминро пеш гузоштаанд. Ин талаб аксуламали ҷавобии миллатгароёни қазоқро ба миён овард. Онҳо дар навбати худ талаб карданд, ки русҳо, аврупоиҳо ва славянҳо аз мамлакат берун ронда шаванд. Андешаи он, ки баррасии масъалаи миллӣ дар Қазоқистон ба нуктаи авҷи аъло мерасад, ба муносибатҳои дуҷонибаи Русия ва Қазоқистон вобаста аст. Ба ақидаи Русия, Қазоқистон дар нақши геополитикӣ барои Русия аҳамияти бузурги геостратегӣ дорад. Вай чун пули васлгарест миёни ҷаҳони турку славян.

Дар байни Русия ва Казоқистон, шартномаҳо ва тавофуқот қариб дар ҳама соҳаҳо баста шудааст. Яке аз онҳо розигии Қазоқистон дар бораи ба Русия ба мӯҳлати 20 сол бо шарти минбаъд ба муддати 10 сол дароз кардани он ба иҷора додани космодроми Байконур мебошад. Русия ӯҳдадор шудааст, ки барои ин иҷора ба Қазоқистон 115 миллион доллар пардохт намояд. Ин, аз як тараф, вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии Қазоқистонро беҳтар мекунад, аз ҷониби дигар, дар муносибати тарафайни Русияю Қазоқистон аҳамияти бузурги сиёсӣ ва стратегӣ дорад.

Чун Ӯзбекистон ва Қазоқистон мехоҳад, ки дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамоҳангсоз ва ҳатто роҳбару пешво бошад, вале моҳияти нақшаҳои онҳо гуногунанд. Агар дар нақшаи Ӯзбекистон муттаҳид сохтани ҳамаи халқҳои минтақа дар Туркистони ягона бошад, Қазоқистон мекӯшад, ки иқтисоди ҷомеи давлатҳои Осиёи Марказиро дар бозори ягонаи умумӣ муттаҳид гардонад ва дар он нуфузу эътибори Қазоқистон пешрафти ин иттиҳодро ба ҷониби имрӯзӣ кардан таъмин намояд ва дар натиҷа ҳамон мақсад ба тарзу усули дигар ба даст меояд. Густариши таъсиру нуфузи Осиёи Марказӣ ва маркази геополитикии нав дар маҳалли иттисоли Аврупо, Шарқи Наздику Миёна ва Хитой дар назар дошта мешавад.

Қазоқистон ҳамчун омили геополитикии нав дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар раванди ҳамгироӣ ва ҳампайвандии тамоми минтақа нақши муҳим дорад. Ба сифати ташаббускори ҳампайвандии сиёсию фарҳангии тамоми минтақа баромад мекунад. Ин аз он ҷиҳат аҳамиятнок аст, ки давлатҳои ин минтақа дар тобеияти мустақили "ҳомиёни абарқудрат" намеафтанд ва тадриҷан ба мустамликаи онҳо табдил намеёбанд ва истиқлолияти хешро нигоҳ медоранд ва ба робитаи ногусастании худ ба олами беруна дар муносибатҳои иқтисодӣ ва геополитикӣ боварӣ ҳосил менамоянд.

Русия ва як қабил давлатҳои Осиёи Марказӣ, бахусус, Қазоқистон оид ба моҳият ва андозаи нақши Русия дар истихроҷ ва содироти канданиҳои фоиданок, махсусан нафту гази ин минтақа ба мувофиқат наомадаанд. Дар муҳокимаҳои тарафайн ду масъала бештар мутадовил буд: чигунагии ширкати Русия ва фоизи саҳми он дар лоиҳаи истихроҷи нафту газ ва инчунин роҳи нақли он, дар ҳар сурате, ки бошад. Ин масъалаҳоро ҳал кардан душвор аст, зеро мақсади ниҳоии Русия фақат суд ва фоидаи иқтисодӣ нест. Мақсади он инчунин кӯшиши ҳифзи таъсиру нуфузи сиёсӣ ва дар тобеияту вобастагӣ нигоҳ доштани давлатҳои ин минтақа мебошад. Аксар сиёсатшиносон чунин меҳисобанд, ки барои Русия на фоидаи иқтисодӣ, балки таъсири сиёсӣ ҳукми аввалият дорад.

Русия дар солҳои 1994-95 исрор дошт, ки нафту гази Қазоқистон тавассути бандари Баҳри Сиёҳ -Новороссийск содир гардад. Вале дар ин ҷо манфиатҳои Русия ба манфиатҳои Туркия бархӯрд диданд, ки охирӣ мехост дар роҳи содироти нафту газ аз Осиёи Марказӣ ва Пуштикавказ ҷои Россияро бигирад. Аз назорату бозрасии худ дар тангнои Босфор, ки аз он ҷо киштиҳои аз Новороссийск бароянда бояд гузаранд, истифода карда, Туркия эълон дошт, ки бо сабабҳои экологӣ ва дигар сабабҳо гузаштани танкерҳоро аз теъдоди ҳозира зиёд иҷозат дода наметавонад.

Дар радифи дигар ҷумҳуриҳои минтақаи Осиёи Марказӣ пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва тағйиротҳои ба он алоқаманд Туркманистонро ҳам бетараф нагузошт. Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлол шуданаш Туркманистон кӯшиш кард, ки дар содироти маҳсулоти худ аз тобеияти мустақими Русия озод гардад ва аз ҳисоби робитаҳо бо Ирон мустақиман ба бозори ҷаҳонӣ бароянд.

Туркманистон ба муносибатҳои дӯстонаи худ бо Ирон диққати махсус медиҳад. Ин ду кишвар сарҳади умумӣ дошта, аз рӯи масоҳат ва имконот аз ҳам фарқ мекунанд. Туркманистон мефаҳмад, ки сарҳадоти он бо Ирон, ки дар замони Сталин муайян гардида буд, барои Туркманистон судманд аст ва бинобар ин, бо Ирон нигоҳ доштани муносибатҳои неки ҳамсоягӣ фоидабахш аст, то ки ин сарҳадотро таъйид диҳад.

Ирон ҳам, ки дар хоки он хеле ақаллияти туркманӣ сукунат дорад, ба нигоҳдории муносибати неки ҳамсоягӣ манфиатдор аст. Дар акси ҳол Иронро лозим меояд, ки умедашро аз дарича шудан ба Осиёи Марказӣ биканад ва Туркманистон низ аз орзуи истифодаи Ирон чун даричае ба олами беруна даст бикашад. Дар ҳоли ҳозир Ирон ва Туркманистон кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки муносибатҳои сеҷонибаи ҳамкориро бо Украина ва Арманистон сомон диҳанд.[91] Дар айни замон роҳи оҳан ба сӯи Ирон сохта шуд, ки Туркманистонро ба минтақаи Шарқи Наздик ва халиҷи Форс пайваст менамояд.

[91] Nunter Shirren T/ "Central Asia since inderendcnce". Csis, 1995, P.P. 107-164. P.166.

Туркманистон барои Русия ҳам аз лиҳози захираҳои бисёри газу нафт ва инчунин ҳолати стратегии худ дар сарҳади ҷанубии Русия аҳамияти басо бузург дорад. Аз ҳамин рӯ, фазою марзу сарҳадоти Туркманистонро марзбонони Русия нигаҳбонӣ доранд.

Туркманистон бо Туркия ҳам муносибатҳои зич баркарор кардааст, ки метавонад омили нигаҳдорандаи таъсири Эрон дар ин минтақа гардад. Аммо дар нақши стратегӣ Ирон барои давлатҳои Осиёи Марказӣ дар масъалаи истифодаи бандарҳои Ирон дар Баҳри Каспий аз ҷониби Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон басо муҳим аст.

Вусъати таъсири Ирон ба Туркманистон, Россия ва дигар давлатҳои минтақаи Осиёи Марказиро бо чӣ метарсонад? Қабл аз ҳама бо он, ки бо густариши таъсири Ирон нуфузи бунёдгароёни ислом вусъат меёбад. Густариши бунёдгароёни ислом, ин фоҷиаи байни конфессионалӣ, харобии иқтисодиёт ва фарҳангу маданият аст. Вале роҳбарияти Туркманистон аз ин асло ҳазару тарс надорад ва дар симои Ирон шарик ва кафили тараққиёти минбаъдаи хешро мебинад. Шояд роҳи интихобнамудаи ин мамлакат зарурияте дошта бошад.

Минтақаи Осиёи Марказиро ҳамчун омили геополитикии нав таҳлилу таҷзия карда, муҷиботи зерини авҷ гирифтани рағбат ба онро зикр кардан лозим аст:

1.Осиёи Марказӣ пули пайвандгари ду ҷаҳон - ҷаҳони исломӣ ва ҷаҳони христианӣ мебошад.

2.Ин минтақа манбаи махсуси маводи хом, конҳои сӯзишворӣ ва захираи барқӣ аст.

3.Кишварҳои Осиёи Марказӣ ин мавқеи васатии паҳншавии фундаментализми ислом ба Европа мебошад.

Вобаста ба ин омилҳо дар мадди аввал камаш ҳафт давлат кӯшиш доранд, ки тасъири хешро ба Осиёи Марказӣ густариш диҳанд - Русия, Ирон, Туркия, Покистон, Арабистони Саудӣ, Хитой ва Ҳиндустон.

Муносибати байни Россия ва баъзе давлатҳои Осиёи Марказӣ вобаста ба хусусият, талабот ва кӯшишоти ҳар яке аз онҳо як хел созмон наёфтаанд. Чунончи, Ӯзбекистон

бо давлатҳои ғайри ИДМ, ба ғайр аз Афғонистон сарҳад надорад. Тоҷикистон бошад, бо давлатҳои Афғонистон ва Хитой ҳамсарҳад аст. Туркманистон низ бо Ирон сарҳади тӯлонӣ дорад ва Қирғизистон бо Хитой ҳамҳудуд аст.

Аз ин рӯ, барои Ӯзбекистон масъалаи ҳамроҳи Русия муҳофизати якҷояи сарҳадии берунаи ИДМ ба миён намеояд.

Русия дар байни ин давлатҳо нуфузу эътибори бештарро соҳиб аст. Аз нигоҳи таърихӣ барои Русия ва баъдҳо барои ИҶШС ин минтақа аҳамияти муҳими стратегӣ дошт. Дар муқоиса бо тасаввуротҳои геополитикии Ғарб ва баъдтар амрикоӣ дар бораи Шарқи Наздик ва Миёна ҳамчун минтақаи арзӣ, суннати сиёсӣ-географии россиягӣ минтақаи Шарқи Миёна, Наздик ва Дурро чун минтақаи тӯлӣ ҷудо мекунад.[92]

Вобаста ба ин, Русия бояд мутаносибан (ҳар сари чанд вақт) масири сиёсии худро тағйир диҳад. Дар асоси давомоти ананот тагйирнопазирии омили географӣ ва ивази муттассили масири сиёсӣ меистад.

Осиёи Марказӣ дар нақши геостратегӣ барои Русия аҳамияти басо муҳим дорад. Осиёи Марказӣ ин минтақаест, ки ҷаҳони исломиро аз ҷаҳони христианӣ ҷудо месозад. Аз ин рӯ, Русия наметавонист, бетараф бошад, вақте ки бо ёрии бевоситаи хориҷа исломистҳо дар Тоҷикистон бо нияту мароми ташкили давлати исломӣ амалиёти васеи ҷангиро густариш доданд. Воқеияти таърихӣ собит месозад, ки пайравони бунёдгароии исломӣ бо ғирифтани як сарзамин ҳеҷ гоҳ қонеъ намешаванд. Чунин сурат гирифтани воқеот, албатта, ба Русия маъқулу писанд набуд ва нест, зеро ягон кишвар намехоҳад, ки дар назди сарҳади худ режими сахти исломӣ дошта бошад. Дар чунин ҳолат Русия, бешак, наметавонист, Тоҷикистонро ба қисмат ҳавола созад ва маҳз чунин вазъият мавқеи роҳбарияти Русияро муайян кард. Дар аввали моҳи феврали соли 1993 ба Тоҷикистон Вазири дифои Русия ташриф овард. Зимни гуфтушунид оиди дар Тоҷикистон

[92] M.Hauner Urat is Asia to Us. Russians Azian Heart land Land. Yesterday and Today. Boston, 1990, pp.72-73.

мондани дивизияи 201-уми Федератсияи Русия ва бо хизматчиёни ҳарбии тоҷику тоҷикистонӣ пурра кардани он ва инчунин оид ба ёрии Русия дар ташаккули қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаҳо ба имзо расиданд. Русия бо таклифи Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон оид ба таъсиси қувваҳои якҷояи ИДМ баҳри пуштибонии сулҳ дар ин минтақа розӣ шуд. 25 майи соли 1993 дар Кремл шартнома дар бораи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии тарафайн байни Русия ва Тоҷикистон имзо карда шуд. Сарҳадоти Тоҷикистон бо Афғонистон ва Хитой аз ҷониби марзбонии Русия ҳифзу нигаҳбонӣ карда мешуд. Дар баробари ин, роҳбарияти Русия кӯшиш кард, ки (бо ёрии ТДМ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ) байни роҳбарияти расмии Душанбе ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик гуфтушунид оғоз гардад ва ин барои ба Ватан баргаштани гурезаҳои тоҷик имконият фароҳам овард.

Аз ҷониби дигар, муносибати Русияро бо низои тоҷикон ҳамчун дахолат бо мақсади ҳимояи худ метавон арзёбӣ кард, зеро умумияти маданӣ, этникӣ ва динии Тоҷикистон бо дигар халқҳои Шарқи исломӣ имконияти бемалол ба тарзи ҳаёти он мамлакатҳо гузаштани бунёдгароии исломро фароҳам меоварад, ки он то Урал ҳудуд намедошт.

Агар низои тоҷикон муҷиботи дохилӣ дошта бошад, бо идомаи он омилҳои беруна ҳам кӯмак карданд. Аз нооромии ҷамъияти тоҷикон ва носуботии сарҳадоти давлатӣ фоида бурда, қувваҳои сиёҳкори наркобизнес Тоҷикистонро ба "пайраҳаи" махсуси кашондани моводи мухаддара ба Рос сия ва тамоми ҷаҳон табдил доданд. Баҳри наҷоти Русия аз таҳоҷуми "марги сафед" зарур буд, ки Русия мавқеи худро дар ин минтақа пойдор созад. Дар чунин шароит Русияро комилан зарур буд, ки ба коркарди консепсияи ҳимояти манфиатҳои геополитикии хеш дар Тоҷикистон ва умуман, дар тамоми минтақаи Осиёи Миёна машғул шавад. Инчунин, ҳоло ки мавқеи панисломизм дар ин минтақа устувор нагардидаасту манфиатҳои Русия бо манфиатҳои давлатҳои Ғарб бархӯрдаанд ва "доираи нуфуз" дар кишварҳои собиқ

Иттиҳод бо НАТО (ТАШ) қисмат шудааст, тарҳи ҳатти аслии сиёсати берунии Федератсияи Русияро сиёсатмадорони ин кишвар бояд ҳар чӣ тезтар бикашанд. Русия хоҳишманди дар ин минтақа нигоҳдории "доираи нуфуз" буда, аз пайи мақсадҳои худ аст: а) вусъату густариши фундаментализми исломро дар ҷаҳон ва дар Русия, ки 20 млн. мусулмон дар он сукунат дорад, ҷилавгирӣ намояд; б) нуфузи худро дар минтақаи осиёимиёнагӣ пурзӯр карда, бо ин ба таъсири Ғарб, ки Русия қариб дар тамоми ҷабҳа бо он рақобат дорад, монеъ шавад; в) бехатарии худро таъмин созад, зеро бехатарии Русия, пеш аз ҳама, аз суботу бехатарии сарҳадоти ҷанубии вай вобаста аст. Пас, қисмати низоъи тоҷикон ҳамеша ба сиёсати Россия вобастагӣ дошт. Агар сиёсатмадорони Русия мехостанд, дар соли 1992 дар Тоҷикистон ҷанги хунини шаҳрвандӣ рух намедод. Масъалаи ҳалли низои тоҷикон низ, ба сиёсатмадорони Русия ва амалиёти онҳо марбут буд.

Мавқеи Хитой нисбат ба минтақаи Осиёи Марказӣ, қабл аз ҳама, дар он муайян мегардад, ки густариши нуфузи фундаментализми ислом ба пойдории суботу вазъияти ин мамлакат таҳдид менамояд. Аз назари таърих, Хитой бо сулолаи Сосониёни Ирон, ки ба ин ҷо туркҳо ва мугулҳо низ тохтутоз менамуданд ва дар натиҷа ба паҳншавии ислом дар ин сарзамин шароити мусоид муҳайё сохтанд, алоқаи зич дошт. Ҳамин тавр, дар музофоти Синтсзяни Хитой ҳам, ақаллияти туркӣ-муғулӣ ташкил ёфт.

Мавҷи муртади бунёдгароии ислом наметавонист аз қаноти Хитой гузашта раваду ба он барнахӯрад, дар ҳолате, ки дар он ҷо басе ақаллиятҳои исломӣ арзи вуҷуд доранд. Ба вуҷуд омадани ҳаракати муртади исломӣ дар Синсзян, ки гӯё аз Афгонистон ва Покистон ёрии ҳарбӣ мегирифт, хатари махсус дошт. Бо нешханди сарнавишт, як қисмати ин яроқҳо тавассути муҷоҳиддини афғон дар замони ишғоли Афғонистон аз ҷониби қувваҳои мусаллаҳи Шӯравӣ ба Хитой афтод.[93]

Дар баробари вусъати нуфузи бунёдгароии исломӣ ҳукуматдорони Хитой аз қувват гирифтани нуфузи

[93] Гн. Центральная Азия. 1996. с. 15.

миллатгароёни турк, ки ногузир ба пурзӯршавии пантуркизм дар Осиёи Марказӣ меорад, низ ҳазар доранд. Ҳукуматдорони Хитой мехоҳанд, ки фазои тарсу душманиро нисбат ба ин давлатҳо дур созанд.

Дар Хитой ақаллиятҳои миллӣ аз ҷумла -тоҷикон сукунат доранд, ки дар музофоти худмухтори тоҷикони Тошқургон, дар наздикии сарҳади Афғонистон ва Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд. Роҳбарони Хитой ҳарос доранд, ки вусъату густариши бунёдгароии исломӣ наметавонад ба Хитой бетаъсир монад ва ин минтақа метавонад барои қочоқи яроқ ба уйғурҳо, ки ҷудо кардани Уйғуристонро талаб доранд, истифода гардад.

Аз як тараф, густариши бунёдгароии исломӣ ва аз ҷониби дигар, пурзӯршавии пантуркизм дар байни миллатгароёни уйғур, дар назди Хитой вазифаи муҳиме гузоштааст, ки муносибати хешро нисбат ба давлатҳои Осиёи Марказӣ муайян созад, зеро ҳам таҳдиди пантуркизм ва ҳам хатари бунёдгароии исломӣ маҳз аз ин минтақа сар мезанад. Маҳз аз ҳамин сабабҳо Хитой саркӯб намудани мухолифини тоҷикро аз ҷониби қувваҳои мусаллаҳи якҷояи ИДМ дастгирӣ кард ва шодбош гуфт.

Гузашта аз ин, Хитой вобаста ба кӯшишоти қудратии хеш ба сарзамини зиёди мамлакатҳои Осиёи Марказӣ даъвои марзӣ дорад. Пас аз Россия қувваи нисбатан бонуфузи дар минтақаи Осиёи Марказӣ Эрон маҳсуб мегардад. Умумияти қавмию наждӣ, фарҳангию забонӣ ва анъанавии Ирон бо халқҳои ин сарзамин ба афзудани нуфузи он дар ин минтақа мусоидат мекунад. Ирон аз рӯи сохтори давлатӣ - давлати исломӣ мебошад. Тақлид ба сохти давлатдории Ирон ба фаъолияти таблиғу тарвиҷи ташкилотҳои махсусе алоқаманд буда, ҳанӯз дар солҳои 80-уми асри XX оғоз шуда буд ва мақсад доштанд, ки вазъиятро дар сарҳадоти ҷанубии Иттиҳоди ноорому бесубот созанд ва бо ҳамин ба вайронӣ ва пошхӯрии ин давлати абарқудрат мусоидат намоянд.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, вақте ки аз паи дигар ҷумҳуриҳо, ҷумҳуриҳои минтақаи Осиёи Марказӣ соҳибистиқлолии хешро эълон доштанд, барои Ирон

имконияти ҳамкории ошкоро ва густариши доираи нуфузи худ дар ин давлатҳо фароҳам омад. Ҳанӯз моҳи январи соли 1992 байни Ирону Тоҷикистон мувофиқатнома дар бораи ҳамкории фарҳангӣ ба имзо расида буд. Ирон ба ӯҳда гирифт, ки ҳазорҳо китоби дарсӣ ва дастурҳои таълимиро барои Тоҷикистон нашр карда мефиристад. Инчунин намояндагони зиёди олимон, ходимони давлатию динии тоҷик дар Ирон меҳмон шуданд. Адами пазириши Ирон аз ҷониби Ӯзбекистон, асосан, ба он алоқаманд аст, ки нуфузи тамаддуни ironӣ манфиатҳои Ӯзбекистонро, ки муддаии танзимгари ҳамаи ин минтақа аст, маҳдуд месозад. Нуфузи Ирон, ки басо хуб дар Тоҷикистон эҳсос мешавад, ҷониби Ӯзбекистонро аз он ҷиҳат метарсонад, ки ӯзбекон мехоҳанд, нуфузи тоҷику эрониро дар Осиёи Марказӣ комилан рафъ созанд. Ӯзбекистон чунин мешуморад, ки Ирон "доираҳои интеллектуалии Самарқанду Бухороро" пахш месозад".[94]

Вале мушкилии масъалаи муносибати Ирон бо давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар он аст, ки низоми сиёсии он ҳамчун такягоҳи олами ислом намудор мегардад. Вале Ирон дар ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ сиёсатеро пеш бурд, ки дар он манфиатҳои миллӣ аз манфиатҳои идеологӣ боло меистад. Маҳз аз ҳамин рӯ, муносибати Ирон ба воқеоти тоҷикон дар риояи усули дахолатнопазирӣ ба онҳо холисона намуд: Ирон ба тарафдории мулоқоту вохӯриҳои давлати расмии тоҷикон бо Иттиҳоди мухолифини тоҷик баромад кард.

Дар соли 1995 дар Теҳрон сафоратхонаи Тоҷикистон кушода шуд. Ба мустаҳкам шудани мавқеи худ дар Тоҷикистон кӯшиш намуда, Ирон мусоидат намуд, ки дар ташкили ҳамкории иқтисодӣ мақоми нозириро соҳиб шавад.

Аз болоравии нуфузи Ирон роҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, аз он ҷиҳат дар хатар буданд, ки бо ин нуфузи исломи ифротгаро, сарчашмаи асосии низоъ густариш меёбад. Ба аҳамияти ҳамкорӣ бо Ирон баҳо дода,

[94] Т. Центральная Азия.. 1996.№2 -С.19.

президенти Туркманистон ҳамон вақт ёдовар гашта буд, ки "сарчашма ва зарурати чунин содиротро намебинад". Ба вусъати нуфузи ислом ҳолати геополитикии Ирон мусоидат мекунад. Дар ҳолате, ки вазъи Афғонистон ниҳоят бесубот аст ва дар дигар давлатҳо, аз ҷумла дар Покистон, зербинои иқтисод суст инкишоф ёфтааст, Ирон метавонад, роҳи кӯтоҳ ва арзони баромад ба олами беруна гардад. Ирон ба шарофати бандарҳои хуб таҷҳизонидашуда ва хатти васеи роҳҳои автомобилгарди худ роҳи хуби баромадан ба Туркия, Кавказ ва Халиҷи Форс гардид. Ҳамаи ин ба нақши муҳими Ирон на танҳо дар ин минтақа, балки дар тамоми ҷаҳон мусоидат менамояд.

Осиёи Марказӣ минтақаест, ки дар он манфиатҳои Ирон бо дигар давлатҳои фавқуззикр дар дарёфти доираи нуфуз, аз ҷумла бо Россия бархӯрд доранд. Русия кӯшишҳои Ирон ва Туркияро, ки мехоҳанд дар ин минтақа нақши ҳукмфармо дошта бошанд, мушоҳида дорад, вале ба вусъати ин нақш роҳ намедиҳад. Русия намехоҳад, ки саҳнаи собиқ Югославия, бахусус дар Осиёи Марказӣ боз такрор ёбад. Замина барои рақобат байни Россия ва Ирон дар он аст, ки Ирон ин сарзаминро ҳамчун минтақаи нуфузи таърихӣ-фарҳангии худ меҳисобад. Бинобар, қаробати фарҳангию забонӣ, анъанавӣ-наждӣ ба ташкили ассотсиатсияи форсизабонон мусоидат намуд, ки мақсади он тақвияти қаробати иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ мебошад.

Густариши нуфузи Ирон дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҷониби Туркияро ба изтироб овардааст. Халоҳои геополитикӣ, ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омадааст, барои Туркия шароит муҳайё сохт, ки нақши муҳими байналхалқӣ касб намояд. Аҳолии турказабонҳо, ки аз рӯи вусъати гурӯҳҳои забонӣ дар ҷаҳон ҷои панҷумро ишғол мекунанд, аз сарҳади баҳри Адриатӣ то сарҳади собиқ ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ - Туркманистон, Ӯзбекистон, Озарбойҷон ва дигарон сукунат доранд.

Туркия дар сомон додани муносибатҳо бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ як қатор бартариҳо дорад. Умумияти қавмию забонӣ, мавҷудияти саноати мутараққӣ ва ҳимоят аз ҷониби пуштибонони Ғарбро тадқиқгарон шартҳои муҳими ҳамкорӣ бо дигар ҷумҳуриҳои минтақаи Осиёи Марказӣ меҳисобанд.

Туркия, ки узви Иттиҳоди Атлантикаи Шимолист, солиёни дароз дар "зеркаши" Иттиҳоди Шӯравӣ қарор дошт ва барои ин ташкилот нақши бузурги геостратегӣ бозидааст. Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ин нақш муҳимияти худро аллакай гум кардааст. Маҳз аз ҳамин сабаб Туркия мекӯшад, ки доираи нуфузи худро дар минтақаи Осиёи Марказӣ вусъат бахшад. Дар ин ҷабҳа Туркияро Ғарб тарафдорӣ мекунад. Мақсади Ғарб аз он иборат аст, ки нуфузи Иронро дар ин минтақа суст намояд ва ё ба он монеъ шавад ва бо ҳамин садди густариши ифротгароёни исломӣ гардад. Ақидаро дар бораи он, ки наздик шудан ба Туркия ҷараёни қаробатро ба Ғарб метезонад, тарафдорӣ карда, роҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ муносибатҳои фарҳангӣ, сиёсӣ ва иқтисодиро бо Туркия муназзам сохтанд.

Корчаллонҳои хусусии Туркия дар ин минтақа, бахусус, дар Туркманистон ба муваффақиятҳои муайян ноил гардиданд. Ин ҳолат дар навбати худ ташвиши ҷониби Россияро ба амал овардааст, ки Туркия метавонад Русия ва ҳатто ИДМ-ро дар Осиёи Марказӣ иваз намояд. Миёни Туркия ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ созишномаҳо оид ба маориф ба имзо расидаанд. Литсейҳои туркӣ қариб дар ҳамаи мактабҳои Осиёи Марказӣ амал мекунанд. Гузашта аз ин, Туркия ӯҳдадор шудааст, ки аз Осиёи Марказӣ 10000 донишҷӯ тайёр менамояд.

Ҳанӯз дар миёнаҳои солҳои 1990-ум Русия аз густариши нуфузи Туркия ва ҷунбиши тамоюлоти пантуркистӣ изҳори ташвиш намуда буд.

Аз тарафи дигар, ин маънои barканор намудани Русия, Ирон ва Хитойро дорад, ки онҳо таъсири пантуркизмро барои худ ва барои суботи ин кишварҳо ҳалокатовар меҳисобанд.

## 2.Мавқеи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар сиёсати нави геополитикӣ

Дар сиёсати нави геополитикӣ муайян намудани мавқеи ин ё он минтақа нақши муҳиме дорад. Масалан, мавқеи давлатҳои Осиёи Марказиро нисбат ба Туркия муайян кардан хеле душвор аст. Қазоқистон дар сомон додани муносибатҳо бо Туркия кӯшида, саъйи паҳн намудани шубҳа нисбат ба тамоюли пантуркистии худ дорад. Туркманистон ба барқарор намудани муносибатҳои тарафайн ҳам бо Туркия ва ҳам бо Ирону Русия такя дорад.

Яке аз давлатҳои туркзабони ин минтақа -Ӯзбекистон, ки барои ҳамгироии Осиёи Марказӣ роҳи сохти давлати ягонаи туркиро интихоб кардааст, нақши ҳукмфармоёнаи Туркияро намеписандад, зеро Ӯзбекистон худ мехоҳад, ки дар ин минтақа нақши бузург дошта бошад. Маҳз мавҷудияти ихтилоф дар дохили худи блоки пантуркистӣ муттаҳидии иттиҳоди туркиро душвор месозад. Дар баробари ин қувваҳо Туркияро ҳалли масъалаи курдҳо халалдор кардааст. Комилан равшан аст, ки рақибони Туркия дар Кавказ ва ҳам дар Осиёи Марказӣ таҷзияхоҳони курдро, бо мақсади ба танг овардани Туркия ва паст кардани амбитсияи байналхалқии он, тақдир мекунанд.[95]

Амрико ва кишварҳои Аврупои Ғарбӣ бошанд, дар мувозана бо бунёдгароёни Ирон онҳо дар симои Туркия танзимгари суботу оромии ин минтақаро мебинанд.

Вусъату густариши нуфузи Туркия боз аз он сабаб аст, ки вай ба тариқи қарзҳои инвеститсионӣ ва савдоӣ ба ин кишварҳо кӯмакҳои гуногун додааст. Сабаби асосии вусъати нуфузи мадании Туркия дар он аст, ки барномаҳои телевизиони Туркияро қариб дар тамоми ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ тамошо мекунанд. Туркия бо Туркманистон ва Қазоқистон дар бораи кашидани хатти газ ва таҳвили нафт қарордод имзо кардааст.

Бисёр давлатҳои Осиёи Марказӣ ба қолиби туркии сохтори давлатӣ рағбат доранд. Вале тадқиқотҳои

[95] Ниг.: "Ляован". №10. 1992г.

анҷомдодаи Пажӯҳишгоҳи мудофиавӣ ва таҳлилии шаҳри Деҳлӣ ва Пажӯҳишгоҳи тадқиқотии Москва ба хулосае омаданд, ки қолиби туркии сохтори давлатӣ барои давлатҳои Осиёи Марказӣ созгор нест, зеро дар Туркия давлати дунявии миллӣ ба эътиқодоти мазҳабии кассири суннигӣ бо таҳаммул муносибат мекунад, вале ҳаргиз онро ташвиқ намекунаду пас аз ба тариқи оммавӣ нест намудани ақаллиятҳои арманию юнонӣ ва ҷилавгирӣ аз ҳуқуқҳои аҳолии хурд ба вуҷуд омадааст.[96]

Маълум аст, ки мустаҳкамии геополитикӣ дар дили Осиё майдони рақобати исломизм ва пантуркизм гардид. Дар ин мубориза пешсафро ҳанӯз муайян кардан душвор аст, чунки раванди ҳодисоти дар ин ҷо рухдода истода имкони дар ин хусус пешгӯиро намедиҳад.

Мавқеи Ҳиндустонро нисбат ба минтақаи Осиёи Марказӣ авҷ гирифтани нуфузи исломи радикалӣ дар ин ҷо, инчунин мавҷудияти шиддатнокӣ дар муносибатҳои Ҳинду Покистон, кӯшиши Ҳиндустон оид ба роҳ надодан ба таъсиси "минтақаҳои табии нуфуз" -и Покистон дар ин сарзамин муайян месозад. Имконоти таъсири воқеаҳои ин минтақа ба ирсияти мусулмон ташвиши доираҳои ҳукмрони Ҳиндустонро ба амал овардааст. Бинобар ин, ин хавф ба ҷиҳати вусъати шиддати байни мусулмонҳо ва бунёдгароиҳо пурзӯртар шудааст.

Ҳиндустон низ хоҳони пур кардани он халои иқтисодист, ки пас аз афтондани низоми шӯравӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба амал омадааст. Осиёи Марказӣ ба сифати потенсиали муҳими бозори содироти маҳсулоти Ҳинд баромад карда метавонад.

Аммо ҷозибаи давлатҳои Осиёи Марказӣ барои Ҳиндустон маҳфуз аст. Гап дар он аст, ки ҷуғрофияи ҷойгиршавии Ҳиндустон барои баромадани давлатҳои Осиёи Марказӣ ба ҷаҳони беруна мувофиқ нест. Ҳиндустон инчунин метавонад барои ин давлатҳо сарчашмаи ҷолибе барои сармоягузорӣ ва ёрии бузурги молиявӣ, аз ҷумла қарзи ба маблағи 10 млн. доллар ба Қазоқистон ва карзи 10 сола ба Тоҷикистон ба андозаи 5 млн. доллар бошад.

---

[96] Ниг.: Т. Центральная Азия. 1996.-С.26.

Аз нигоҳи сиёсӣ роҳбарияти кунунии Ҳиндустон ва сарварони давлатҳои Осиёи Марказӣ ба муносибати вусъати потенсиалии экстремизми исломӣ ташвишеро бо ҳам мебинанд. Гузашта аз ин, Ҳиндустон ва Русия дар хусуси ба вуҷуд омадани минтақаи марказӣ-осиёгӣ ё блоки туркӣ-исломӣ баромади огоҳона доранд.

Муносибатҳои иқтисодӣ ва дипломатии Ҳиндустон бо мамлакатҳои Осиёи Марказӣ рӯз то рӯз пурқувват шуда истодааст. Роҳбарони ҳамаи ин давлатҳо ба Ҳиндустон сафар карданд ва дар доираи муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ созишномаҳо ба имзо расонданд. Вале имконияти бузурги иқтисодӣ ва сиёсии Ҳиндустон дар ин минтақа маҳдуд аст.

Кӯшиши дар нақши пешво баромад кардани Ирон дар минтақаи мусулмонии Осиёи Марказӣ аз ҷониби дигар давлатҳои исломӣ, ки мехостанд "доираи нуфузи" хешро дар ин минтақа зиёд намоянд, дастгирию ҳимоят надид.

Дар коҳиши нуфузи Ирон ҳам Туркия ва ҳам Арабистони Саудӣ, ки мехоҳанд манфиатҳои худро дар минтақаи мазкур дошта бошанд, мусоидат намуданд.

Арабистони Саудӣ ва Ирон солиёни дароз дар мубориза алайҳи коммунистон иттифоқчӣ ва шарик буданд. Арабистони Саудӣ дар ибтидои солҳои 80-ум ба муқобили вусъати нуфузи Ирон дар Афғонистон баромад намуд. Вақте ки соли 1979 воруди қувваҳои мусаллаҳи шӯравӣ ба Афғонистон огоз ёфт, муқовимати афғонӣ ба вуҷуд омад ва таъсири ваҳҳобизм зиёд шуд.

Ба вуҷуд омадан ва густариши ҳаракати ваҳҳобиҳо яке аз сабабҳои асосии пеш омадани низои байни тоҷикон маҳсуб шудааст. Арабистони Саудӣ, ки ваҳҳобизм дар он чун идеологияи ҳукмрон амал мекунад, ин идеологияро дар дигар манотиқ тарғибу тарвиҷ менамояд. Бо ин мақсад вай долларҳои нафтии худро истифода мекунад: ташкилотҳои диниро бо техникаи навтарини электронӣ таъмин мекунад, гузаронидани чорабиниҳои гуногуни динӣ ва сохтани масҷидҳоро маблағгузорӣ менамояд.

Вале давлатҳои Осиёи Марказиро зарур аст, ки дар сиёсати Арабистони Саудӣ эҳтиёткор бошанд. Оқибати

таассуфовари ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон барои давлатҳои дигари ин минтақа дар кори дучор шудан ба ҳаракати ваҳҳобистҳо ва аз байн дур кардани нуфузи онҳо бояд дарс бигардад. Ҳаракати ваҳҳобиҳо ин таълимоти ортодоксалии (мӯътақиди) ислом аст, ки дар ҷумхуриҳои Осиёи Марказӣ дар сатҳи ҳозираи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ин давлатҳо қобили қабул буда наметавонад.

Ҷозибаи асосии Арабистони Саудӣ барои ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ - ин захираҳои молиявии ӯст. Вале ҷанг дар Халиҷи Форс, ки қисме аз ин захираҳоро фурӯ бурд ва эҳёи нуфузи Русия қувваи ин ҷозибаро суст кард. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, Арабистони Саудӣ баҳри таъмини нуфузи хеш ҷудо кардани маблағро идома дода истодааст.

Иқтидори ҳамкорӣ байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Арабистони Саудӣ бузург аст, вале на ҳамаи он амалӣ шудааст. Ба амалӣ шудани онҳо чунин далелҳо халал мерасонад: а) ваҳҳобизм - ҳамчун идеологияи ҳукмрон хавфи дар минтақаи Осиёи Марказӣ паҳн шудан дорад, ки меваҳои малолангези онро дар Тоҷикистон чашиданд; б) давлатҳои Ғарб вусъати нави хавфро дар симои ифротгарони исломӣ дар арзи геополитикии акнун дар маркази Осиё бевосита ташаккул ёфтаистодаро намехоҳанд.

Мавқеи ҷуғрофии Покистон ҳам ба ӯ мақоми ҳамсояи гурӯҳи дуюми мамлакатҳои Осиёи Марказиро медиҳад. Вале дахолати фаъоли Покистон ба кори Афғонистон, ки ҳамсояи бевоситаи давлатҳои Осиёи Марказӣ аст, ба ӯ имкон намедиҳад, ки ба ин минтақа диққати бештар диҳад.

Монеаи асосӣ барои Покистон дар роҳи ба Осиёи Марказӣ ба суботу оромӣ ва низом наомадани вазъи Афғонистон аст. Исломобод кӯшиш кард, ки аз ин монеа тобистони соли 1994, вақте ки корвони савдоии гурӯҳҳои покистонӣ ба воситаи ҷануб ва ғарби Афғонистон нахустин бор то сарҳади Ӯзбекистон расида буд, бартараф созад.[97] Маҳз ҳамон вақт ҷаҳон бори аввал дар бораи

[97] Ниг.: Белокреницкий В. Геополитическая вертикаль в сердце Азии // Prioet Cjntra. Т.2. №2. 1997, Р.101.

толибон - донишҷӯёни мактабҳои динӣ, ки ҳифзи корвонро ба ӯҳда гирифта буданд, иттилоъ ёфт.

Покистон дар танзими вазъи Афғонистон, ки оромию суботи тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ба он вобаста аст, нақши муҳим мебозад.

Дар нақши ҳамкорӣ нуфузу обрӯи байналхалқии Покистон бо сабаби номувофиқии зербинои (инфрастуктураи) нақлиётӣ ва маҳдудияти захираҳои молиявӣ паст мефароянд. Гузашта аз ин, масъалаҳои дохилии сиёсӣ ва иқтисодӣ, махсусан, ба иллати кашмакашиву низоъҳои қавмию нажодӣ дар ноҳияҳои Синдх ва Қарочӣ нуфузи Покистонро ҳамчун давлати пурқудрати минтақа боз ҳам ба поён мефарорад.

Покистон нисбат ба давлатҳои Осиёи Марказӣ сиёсати дуҷониба пеш гирифтааст. Аз як тараф, ӯ ҳаракати толибонро, ки қодиранд вазъиятро дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ноором созанд, маблағгузорӣ мекунад, аз тарафи дигар, ба ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ муносибатҳои тарафайн барқарор мекунад. Аз ҷумла, Покистон бо Қирғизистон дар бораи сохтани қисмати иловагӣ дар шоҳроҳи Бишкек-Торугар-Қашғар ва роҳи шоссеи Қароқорум то Исломобод ва Карочӣ ва оид ба содироти қувваи барқ аз Қирғизистон созишнома дорад. Покистон инчунин бо Ӯзбекистон дар бораи сохтани шоҳроҳи Тошканд-Карочӣ, бо Туркманистон дар бораи васеъ кардани роҳҳои нақлиёти автомобилгард ва амсоли инҳо созишномаҳо бастааст.

Мақсади сиёсати дугонаи Покистон аз он иборат аст, ки нуфузу обрӯи худро дар ин минтақаи муҳими геополитикӣ вусъат диҳад. Маҳз барои ҳамин ӯ кӯшиш дорад, ки дар Афғонистон ҳукумате созмон дода шавад, ки зери таъсири бевоситаи Покистон бошад ва дар ояндаи наздик имконияте фароҳам оварад, ки бо "дасти ҳамсоя" вазъи геополитикии минтақаи Осиёи Марказиро тағйир дода тавонад.

Маҳз чунин аст, вазъи Осиёи Миёнаи баъдиҷангӣ. Бо сабаби аҳамияти геостратегӣ ва геополитикии худ, вай

майдони муқовимат ва шарикӣ, душманӣ ва ҳамкории он мамлакатҳое гаштааст, ки бевосита бо ҳам наздику ҳамҷаворанд. Ин "қувваҳо" воқеъианд. Онҳо дар бораи мақсадҳои худ оид ба халои геополитикии нав ба вуҷуд омада ошкоро ҳарф мегӯянд.

Қувваҳое ҳастанд, ки бо "дасти бегона" оташи ноорамию суботи ин минтақаро хомӯш шудан намемонанд. Аҷаб нест, ки дар кори ноорамии вазъият дар сарҳади ҷанубии ИДМ на танҳо қувваҳои Ғарб, инчунин қувваҳои он тарафи уқёнус ҳам шариканд.

Дар вазъи нави геостратегии ИМА дар фазои сиёсии аврупо - осиёгӣ ду лаҳза комилан равшан мушоҳида мегардад: аввалан, ташвиқу қадрдонии сунъии тамоюли ҳалқаи исломӣ аз ҷануб ба шимол; дуюм, кӯшиши Москва ва иттифоқчиёни наздики ӯро дар назди интихоби ногувор байни таҳдид аз ҷониби НАТО (ИАШ) ва таҳдиди ислом гузоштан.

Манфиати геополитикии Ғарб дар ин минтақа дар вусъати НАТО зоҳир мешавад, то ки дар оянда дар сурати ба вуҷуд омадани хурдтарин низоъи маҳаллӣ дар ин ҷо "тартиб" ҷорӣ намояд.

Низои байни тоҷикон яке аз бархӯрдҳое гардид, ки омили муайянгари аҳамияти геополитикии ин минтақа мебошад. Маҳз дар ҷараёни ин низоъ дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ зарурати раванди ҳампайвандиро барои худ хуб эҳсос намуданд. Зеро ҳамаи ҷумҳуриҳои ин минтақаро риштаҳои динӣ, маданӣ ва забонӣ ба ҳам муттаҳид месозанд ва баҳри дарёфти суботи мунтазам саъю кӯшиши умумӣ, коркарди стратегияи умумии бехатарии минтақа лозим аст.

Маълум аст, ки ҷангҳо ва низоъҳо дар оянда аз ноуҳдабароии давлат дар таъмини босамари захираҳо ва ҷорӣ намудани назорат ба он, инчунин дар натиҷаи қобили ҳаёт набудани чандин низому тартиб ва маданият ба вуҷуд меоянд. Гузашта аз ин, дар як қабил давлатҳо бетаъсирии сохтори давлатӣ ва набудани ҳамоҳангии нажодию фарҳангӣ ба ошӯбҳо ва вусъати террор оварда мерасонад.

Ҳамин тариқ, давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳарчанд ёрии Русияро дар муборизаи зидди душманони дохилӣ ва хориҷии худ шодбош мегӯянд, барқарор намудани қувваҳои марказии пештараро намехоҳанд. Мушкилии (диллемаи) асосӣ барои давлатҳои Осиёи Марказӣ масъалаест, ки чӣ тавр иқтидори Русияро барои расидан ба мақсадҳои худ истифода баранд ва дар айни замон ба тобеияти он наафтанд. Қариб ҳамаи ин давлатҳо стратегияи истифодаи ин ду вазифаи мутақобиларо бо роҳи вусъати муносибатҳои алтернативӣ дар соҳаи иқтисод, сиёсат ва бехатарӣ бо дигар давлатҳои абарқудрат ва давлатҳои ҳамсоя пазируфтаанд ва дар айни замон робитаро бо Русия ҷонибдорӣ менамоянд.

# КОНСЕПСИЯИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ - ДУРНАМОИ ҲАДАФҲОИ ДАВЛАТ

Мақсади асосии чунин консепсия ин муттаҳидсозии тамоми неруи миллат дар замони осоишта ва давраи ҷанг барои татбиқи манфиат ва мақсадҳои миллӣ мебошад. Таҷриба ва таҳлили ҳолат ва вазъи сиёсии давлатҳои абарқудрати демокративу дунявӣ нишон медиҳад, ки ташаккул ва такмили мунтазами чунин ҳуҷҷат, барои ҳама гуна кишвар вазифаи басо муҳим ва мураккаб мебошад. Бидуни чунин стратегияи миллӣ давлат қодир нест, ки тавассути саъю кӯшиши муштарак мақсадҳои барои амният, некӯаҳволӣ ва рушди устувор дорои аҳамияти бузургро тадбиқ намояд.

## 1. Консепсияи амнияти миллӣ ҳамчун ҳуҷҷати сиёсӣ

Агар имрӯз амниятро ҳамчун вазъияти муҳофизати манфиатҳои ҳаётан муҳими шахс, ҷомеа ва давлат пазирем, пас манфиатҳои миллӣ ҳамеша ниёз ба ҳимояву пуштибонӣ доранд. Ақидае мавҷуд аст, ки гӯё масъалаҳои амният ва бехатарӣ танҳо марбут ба Вазорати амният ва дигар сохторҳои қудратӣ мебошанд. Албатта, чунин мулоҳизаронӣ начандон дуруст буда, он бештар ба муносибати ҳар як шахс, шаҳрвандон ва ҷомеа ба манфиатҳои миллӣ вобастагӣ доранд.

Аз ин рӯ, нуқтаҳои зикргардида ва тағйироти солҳои охир дар амри таъмини сулҳ, ризояти миллӣ ва муносибати геополитикии кишварҳои дуру наздик зарурати амалӣ гардониданӣ идеяҳои консепсияи амнияти миллии аз ҷиҳати илмӣ асоснокгардидаро тақозо менамояд. Ин аст, ки баъди ба даст овардани истиқлолияти том як қатор ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар ин ё он шакл аз ӯҳдаи ҳалли ин вазифа баромада, консепсияи амнияти миллии хешро дар асоси мавҷудият ва ҳолати манфиату мақсадҳои миллӣ омода ва қабул намудаанд.

Дар баъзе аз ин кишварҳо аллакай аз солҳои 1997 то 2001-ум консепсияи рушди кишвар бароиояндаи наздик

ва таъмини амнияти миллии онҳо таҳия ва қабул гардидааст. Инчунин, дар айни ҳол вобаста ба рушду инкишоф ва тағйиротҳои сиёсӣ онҳо аз нав мукаммал низ гардонида шудаанд. Тоҷикистон дар натиҷаи бӯҳронҳои сахти иҷтимоию иқтисодӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва вазъияти дигари хело номусоид, ки ба онҳо рӯ ба рӯ гардид, ҳуҷҷати шабеҳи қонуниро танҳо соли 2004 омода ва қабул кард. Аммо як қатор изҳороти барномавии Президенти кишвар Э. Ш. Раҳмонов оид ба вазъияти Тоҷикистон ва роҳҳои рушди минбаъдаи он, ки дар солҳои гузашта интишор гардидаанд, ҷузъҳои алоҳидаи стратегияи миллии кишвар ба шумор меравand. Аз он ҷумла, фармон "Дар бораи тадбирҳои тағйирнопазирии таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани интизоми ҳарбӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар воҳидҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон". Ҳуҷҷати мазкур вазорату идораҳои дахлдорро вазифадор намуда буд, ки барои баррасӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Консепсияи корҳои идеологӣ ва тарбиявӣ дар қушунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро таҳия ва пешниҳод намоянд. Воқеан, ин амали аҷиб бартариятҳои дарозмуддати стратегӣ ва мақсадҳои миллиро новобаста ба вазъи сиёсӣ ҳамон замон мушаххас намуда, муайян сохт. Баъзан тадбирҳои мушаххаси низомӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҳокимияти иҷроия ҳам нишонаҳои амалии татбиқи чунин ҳуҷҷатҳои расмӣ мебошанд. Дар баробари ин баррасӣ ва қабули як қатор қарорҳо дар парламент ва амалҳои дигари шохаи ҳокимияти қонунгузорӣ ҳамчунин ба ташаккули стратегияи миллӣ ва пешбурди корҳо дар соҳаи амнияти миллӣ таъсири ҷиддӣ расонида таҳкими қонуният ва раванди мутақобилшавии ҷомеаро пурзӯр намуданд.

Бояд тазаккур дод, ки имрӯз тамоми мураккабӣ ва вобастагии омилҳое, ки ба ташаккул ва тадбиқи амнияти миллӣ таъсир расонида метавонанд, ҳатман аз миён бардошта шаванд. Барои ин пеш аз ҳама худшиносии миллӣ, дарк намудани ҷавобгарӣ, иродаи матин ва фаҳмиши зарурату моҳияти чунин ҳуҷҷат лозим аст. Амалӣ

гардонидани ҳуҷҷати мазкур дорои имкониятҳое мебошад, ки дар арсаи байналмилалӣ нуфузи давлатдории хешро мустаҳкам намуда, мақоми миллат ва рушди устувори ҷомеаро таъмин намоем. Албатта, дар баробари ин бе дарки суннатҳои миллӣ, бе ифтихор аз Ватан, аз таъриху адабу фарҳанг, аз ҳуввияти миллӣ, аз поку бегазанд нигоҳ доштани забони давлатӣ амалӣ гардонидани чунин имкониятҳо ғайримкон аст.

Бояд зикр намуд, ки консепсияи амнияти миллӣ аз нуқтаи назари илмӣ ҳуҷҷати сиёсӣ буда, асосан аз ду қисм, қисми умумӣ ва қисми ниҳонӣ иборат мебошад. Қисми умумии он бешубҳа тақозои онро дорад, ки аз ҷониби шаҳрвандон ва гурӯҳҳои ҷамъиятию сиёсии кишвар таҳти баррасии фаъолона қарор гирад. Танҳо усули демократии ташаккули Консепсияи амнияти миллӣ ва минбаъд қонунан таҳким ёфтани он аз ҷониби шаҳрвандон дастгирии онро таъмин менамояд ва татбиқи амалии онро кафолат медиҳанд. Аҳамияти чунин расмиёт хеле бузург аст, зеро бартариятҳои дарозмуддати стратегӣ ва мақсадҳои сиёсӣ, дастгирии халқ ё ҳеҷ набошад, намояндагони интихобии онро талаб менамоянд. Аммо мутаасифона Консепсияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 2004 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудааст. Бо сабабҳои номаълум бо тарзи умумӣ дастраси шаҳрвандон нагашта, аксарияти онҳо аз қабулу дорои чунин ҳуҷҷати муттаҳидсози миллӣ бехабар мондаанд. Ҳатто тадқиқотчиён ва коршиносони соҳавии мо бештар ба "Консепсияҳои амнияти миллӣ"-и дигар кишварҳо такя намуда, ҳолати бехатарӣ, мақсад, манфиатҳои муҳими миллӣ ва дигар хусусиятҳои ҷудогонаи рушду инкишофи ҷомеаро таҳлил менамоянд. Масалан, барои тақвияти ин гуфтаҳо "Консепсияи амнияти миллӣ"-и Русия ва дигар мамлакатҳои дуру ҳамсоя ба таври кушоду возеҳ дар рӯзномаю маҷалла ва интернет чоп шуда дастраси хонандагон гардидаанд, ки ҷои тааҷҷубе надорад ва воқеан бояд ҳамин тавр ҳам бошад. Қисми ниҳонӣ ё ин ки махфии Консепсияи амнияти миллӣ бошад, бояд ба шакли алоҳида тартиб ёфта, бештар характери

бехатарию мудофиавӣ ва омодагии оперативию низомиро дар бар гирад. Ин қисм марбути вазорату сохторҳои қудратӣ буда, тахти ихтиёр ва назорати Президенти кишвар, Сарфармондеҳи Қувваҳои Мусаллаҳ бояд қарор дошта бошад.

Ҳамзамон, ба он чи зикр гардид, имрӯз Ҷумҳурии мо дорои нерӯи азими иқтисодию илмӣ ва ақлонӣ мебошад, ки имконияти кишварро барои рушди устувор муайян карда метавонад ва чунин ҳуҷҷат барои муайян намудани дурнамои стратегии амният ва бехатарии давлат заминаи воқеи гузошта метавонад. Аз ин рӯ, ниҳонӣ нигоҳ доштани ҳуҷҷати мазкур ба ақидаи мо зарурияте надорад. Чи қадаре, ки шаҳрвандони мо аз имконияти мавҷуд будани хавфу хатар ва таҳдидҳо ба амнияти кишвар бохабар бошанд ба ҳамон миқдор ҳушёрии миллӣ ва зиракии сиёсиашон пурзуру қавӣ мегардад.

Ҳамин тавр, Тоҷикистон ба ҷараёни робитаҳои ҷаҳонӣ шомил гардида истодааст, ки он барои воридшавии кишвар ба системаи коммуникатсияҳои байналхалқӣ шароит муҳайё месозад. Умед аст, ки чунин чорабиниҳои мушаххас ва дигар омилҳои номбурда барои ташаккули ҳифзи боэътимоди амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асри XXI заминаи устуворе хоҳад гашт.

Маълум аст, ки бе назардошти таъмини бехатарии шахс, ҷомеа ва давлат пеш бурдани сиёсати дуруст ғайриимкон аст. Зеро ки амният олитарин арзишест, ки муносибати устувор ва талаботи одамонро инъикос менамояд. Чунин аст, ки дар системаи приоритети сиёсии ҳар як давлат манфиатҳои амнияти миллӣ мавқеи ниҳоят муҳимеро ишғол менамояд. Барои мисол пешгуфтори "Стратегияи амнияти миллии ИМА" бо чунин суханон сар мешаванд:"Ҳимояи амнияти миллӣ, сарзамин ва тарзи ҳаёт масъалаи асосӣ ва вазифаи конститутсионии маъмурияти ман аст".

Агар мо амниятро ҳамчун вазъияти муҳофизати манфиатҳои ҳаёти муҳими шахс, ҷомеа ва давлат пазирем, пас манфиатҳои миллӣ низ ҳамеша ниёз ба ҳимояту пуштибонӣ доранд.

Ташаккул ва такмили мунтазами чунин ҳуҷҷат барои ҳама гуна кишвар вазифаи басо муҳим ва мураккаб мебошад.

Имрӯз бояд тамоми мураккабӣ ва вобастагии омилҳое, ки ба ташаккул ва татбиқи амнияти миллӣ таъсир мерасонанд, аз миён бардошта шаванд. Барои ин пеш аз ҳама худшиносии миллӣ ва фаҳмиши заруруату моҳияти чунин ҳуҷҷат лозим аст. Амалӣ гардонидани ҳуҷҷати мазкур дорои имкониятҳое мебошад, ки дар арсаи байналхалқӣ давлатдории хешро мустаҳкам намуда шукуфонии халқ ва рушди устувори ҷомеаро таъмин намоем.

Инак мо баъзе фикру мулоҳизаҳои хешро вобаста ба қисме аз масъалаҳои муҳимтарини консепсияи амнияти миллӣ ҳамчун лоиҳаи ташаббусӣ барои тадқиқот ва омӯзиш пешниҳод менамоем:

**1.Манфиатҳои миллии Тоҷикистон**

Манфиатҳои миллии Тоҷикистон ба сарватҳои миллӣ ва арзишҳои миллии ҳамаи халқҳои кишвар асос ёфта, онро имкониятҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ ва ташкилии мамлакат таъмин менамоянд.

Системаи манфиатҳои миллии Тоҷикистон дар асоси маҷмӯи манфиатҳои умумии давлат, ҷомеа, табақаҳои иҷтимоӣ ва шахсият муайян карда мешаванд. Афзалиятноктари он манфиатҳои шахсие мебошад, ки ба арзишҳои умумибашарӣ асос ёфтааст.

Манфиатҳои давлат ва ҳифзи сохти конститутсионӣ, истиқлолият, тамомияти арзии Тоҷикистон, барқарорсозии устувори иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ, солимгардонии системаи экологӣ ва мутаносибии вазъи демографӣ иборат аст.

Манфиатҳои ҷомеа аз ба даст овардани созгории миллӣ, демократизатсияи минбаъда ва рушди устувори ҷомеаи тоҷикон, солимгардонии маънавию ахлоқӣ, истифодаи қонун ва нигоҳ доштани тартиботи ҳуқуқӣ иборат мебошад.

Манфиатҳои шахсият ин таъмини воқеии ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ, амнияти шахсӣ, боло бурдани

сифат ва сатҳи зиндагӣ, рушди ҷисмонӣ, маънавӣ ва зеҳниро (интеллектуалиро) дар бар мегирад.

Маҷмӯи ин манфиатҳо афзалияти миллии Тоҷикистонро дар соҳаи иқтисод, дар соҳаи дохилӣ, байналхалқӣ ва мудофиавӣ, соҳаи иҷтимоӣ ва хаёти маънавӣ муайян мекунад.

Онҳо нуктаҳои зайлро бояд дар бар гиранд:

**Манфиатҳои бақодорӣ (пойдорӣ)**

-ноил гардидан ба сулҳи шаҳрвандӣ ва созгории миллӣ, таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва институтҳои он, ҳифзи тамомияти арзии кишвар ва таъмини дахлнопазирии сарҳадоти он.

**Манфиатҳои ҳаётан муҳим**

- рушди иқтисодиёти кишвар, боло бурдани сатҳи фаъолияти инвеститсионӣ, идомаи татбиқи усулҳои бозаргонӣ ва ташаккули иқтисодиёти гуногунҷабҳа;

-мубориза бо экстремизми сиёсӣ ва бунёдгароёна, ҷиноятҳои муташаккил ва ришвахӯрӣ (коррупсия);

-барои кишвар фароҳамоварии шароитҳои мусоиди байналхалқӣ ва мусоидат ба амнияти минтақавӣ.

**Манфиатҳои муҳим**

- таъмини озодӣ, амният ва некӯаҳволии шаҳрвандон;

- ноил гардидан ба маънавиёти баланд ва башардӯстӣ дар ҷомеа;

- солимгардонии вазъи экологӣ ва демографӣ.

**Манфиатҳои маҳаллӣ (музофотӣ)**

-солимгардонии маънавию ахлоқии ҷомеа.

**2.Таҳдидҳо ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Вазъи геополитикӣ ва байналхалқии дар атрофи Тоҷикистон бамиёномада, зиддиятҳои мавҷудаи байниэтникӣ, байни ташкилотҳои (конфессияҳои) динӣ ва мухолифатҳои табақавию қавмӣ, экстремизими сиёсӣ, криминализатсия, политизатсияи иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон, рӯйдодҳои манфӣ дар иқтисодиёт ба амнияти миллии кишвар мустақиман таҳдид мекунад. Инчунин омилҳои зайл ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид менамоянд:

**а) дар соҳаи сиёсӣ:**

- равиши сепаратистии минтақаҳо, афзоиши таҳдид ба тамомияти арзӣ ва ягонагии фазои ҳуқуқии кишвар;

- криминализатсияи муносибатҳои ҷамъиятӣ, якҷоя шудани мақомоти давлатӣ бо сохторҳои криминалӣ, ворид шудани онҳо ба соҳаҳои идораи бонкҳо, корхонаҳои бузург ва ташкилотҳои тиҷоратӣ;

**б) дар соҳаи иқтисодиёт**

- моҳиятан таназзул ёфтани истеҳсолот ва деиндустриализатсияи иқтисодиёт, фаъолияти пасти инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, таназзули (стаганатсияи) сектори кишоварзӣ, боло рафтани қарзи давлатӣ, самтҳои доштани ашёи хом ва маҳдудияти имконоти содиротӣ, афзоиши баровардани захираҳои асъорӣ ва намудҳои муҳими ашёи стратегӣ берун аз ҳудуди кишвар, истифодаи хеле ғайрисамарабахш ва ё криминалии даромад, афзоиши тобеияти кишвар ба истеҳсолкунандагони хориҷии техникаи дорои технологияи баланд:

**в)дар соҳаи иҷтимоӣ ва маънавӣ:**

- паст гардидани сатҳ ва сифати зиндагии аксари аҳолӣ, ба табақаҳо ҷудо шудани ҷомеа ва боло гирифтани шиддати иҷтимоӣ;

- сатҳи баланди афзоиши аҳолӣ ва маргинализатсияи қисми асосии он, аз ҳад зиёд будани захираҳои кувваи қобили меҳнатӣ;

- паст гардидани сатҳи маърифати аҳолӣ ва таназзули нерӯи зеҳнии (интеллектуалии) кишвар;

- касодии маънавӣ ва деградатсияи ҷомеа, фишори арзишҳои маънавию этикии анъанаҳо ва меъёри ахлоқии ба он бегона.

**г)дар соҳаи мудофиа:**

- мухолифатҳои мавҷудаи доманадори ҳарбӣ дар Афғонистони ҳамсоя ва махсусан дар ноҳияҳое, ки мустақиман бо сарҳади Афғонистон наздиканд;

- фаъолияти зиддиконститутсионии гурӯҳҳои бунёдгароию экстремистӣ ва дигар гурӯҳҳои радикалӣ, ки барои бо роҳи зӯроварӣ аз байн бурдани сохти давлатии мавҷуда ва вайрон кардани тамомияти арзии он нигаронида шудааст;

- дар як қатор кишварҳои минтақа мавҷуд будани қувваҳои мусаллаҳ ва афзоиши эҳтимолияти ҳамлаи онҳо;

- кӯшишҳои дахолати кишварҳои хориҷӣ, марказҳо ва ташкилотҳои таҳрибкор ба умури дохилии Тоҷикистон, ки манфиатҳои ҳаётан муҳими онро дар бар мегирад;

- паҳн гардидани силоҳи қатли ом ва воситаҳои интиқоли он;

- терроризми байналхалқӣ, афзоиши ҷиноятҳои муташаккил, қочоқи нашъа ва силоҳ дар ҳаҷме, ки ба амнияти давлат ва ҷамъият таҳдид мекунад.

## 2. Мақсадҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мақсадҳои бунёдии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли муайян(5-10сол) бояд ин нуктаҳоро дар бар гиранд:

- дар Тоҷикистон бунёд намудани давлати соҳибихтиёри мустақил ва ҳуқуқбунёд;

- таъсиси иқтисодиёти мутараққӣ ва гуногунҷабҳаи қобили рақобат, ки сатҳи баланди некӯаҳволии шаҳрвандонро таъмин карда метавонад;

- ташаккули ҷомеаи устувори шаҳрвандӣ, ки дар он амният, ҳуқуқ ва озодии шаҳрвандон кафолат дода мешавад;

- ҳамроҳ (интегратсия) кардани Тоҷикистон ба сохторҳои иқтисодии минтақавӣ, глобалӣ ва системаҳои амният.

Афзалиятҳои муҳим дар фаъолияти давлат ва ҷамъият ҷиҳати таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоро бояд дар бар гирад:

- таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ, устувории иҷтимоию сиёсӣ ва давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили қонунгузории он;

- таъмини идора намудан ва ба самти иҷтимоиёт рӯоварии ислоҳоти иқтисодӣ, ҷустуҷӯи фишангҳои самарабахши таъсир ба онҳо;

- риояи қатъии балланси манфиатҳои минтақаҳо ва ташаккули муносибатҳои байни миллатҳо;

- инкишофи муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои пешрафтаи дунё, ҳамкории ҳамаҷониба дар доираи ИДМ ва Иттиҳоди Осиёи Марказӣ, баркарор намудани ҳамкориҳои дуҷонибаи самарабахш бо дигар давлатҳои минтақа;

- таҳкими амнияти давлат дар соҳаҳои мудофиа ва иттилоот.

Дар амал татбиқ намудани ин афзалиятҳо бо усули анҷом додани вазифаҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, мудофиа ва иттилоот иҷро карда мешавад.

**Консепсияи дохилии сиёсӣ**

Дар вазъияте, ки дар кишвар ба миён омадааст, таҳкими устувории иҷтимоию сиёсӣ ва давлатдории ҷомеаи Тоҷикистон яке аз шартҳои асосии таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Заминаи (пояи)чунин устувориро татбиқи вазифаҳои зайл таъмин менамояд:

- таҳия ва татбиқи барномаи комплексии созгории миллӣ ва ҷамъиятӣ дар асоси муқарраароти Созишномаи умумӣ ва бо роҳи ҷустуҷӯи созиши қобили қабули сиёсӣ бо мухолифин;

- такмили қонунгузории кишвар, таъмини воқеии тақсими шохаҳои ҳокимият, муқаррар намудани тақсимоти нисбатан дақиқи салоҳият байни институтҳои давлатӣ;

- таҳия ва татбиқи системаи самарабахши назорат ва маҳдуд кардани ҳокимият бо усули мусоидат ба рушди институтҳои ғайридавлатӣ ва фароҳам овардани шароит барои иштироки мустақими шаҳрвандон дар идораи кишвар;

- таҳияи усулҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии ҳифзи тамомияти давлатӣ, ягонагии фазои ҳуқуқӣ ва манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳия ва татбиқи сиёсати санҷидашуда ва мутавозини миллӣ ва минтақавии давлат;

- такмили механизми огоҳонӣ ва пешгирии зуҳуроти сепаратистӣ ва дигар зуҳуроти зиддиконститутсионӣ дар ҷомеа;

- таҳкими системаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва татбиқи тадбирҳои комплексӣ оид ба пешгирии кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ.

**Консепсияи иқтисодӣ**

Таъмини амният ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар соҳаи иқтисодиёт мӯҳтавои асосии сиёсати давлат ба ҳисоб меравад. Он бо роҳи татбиқи тадбирҳои зайли сиёсию ҳуқуқӣ ва ташкилӣ бояд анҷом дода шавад:

-ташаккули фазои устувор ва мусоиди инвеститсионӣ, оддигардонии ба даст овардани кредитҳои дарозмуддат аз ҷониби корхонаҳо;

-рафъи деформатсия дар сохтори иқтисодиёти Тоҷикистон бо роҳи татбиқи усули муассири назорати савдои хориҷӣ, рушди сохторҳои истеҳсолӣ бо сикли хотимаёфта, дастгирии истеҳсолоти рӯ ба содирот ва таъсиси истеҳсолоте, ки метавонад содиротро иваз кунад, реконструксияи андешидашуда ва барҳам додани корхонаҳои камдаромад;

-ҳимояи интихобии соҳаҳои афзалиятноки аз ҷиҳати стратегӣ муҳими иқтисодиёт, таъсиси гурӯҳҳо ва ширкатҳои ҳолдингию молиявию саноатӣ (аз ҷумла байналхалқӣ) бо нақши муҳими давлат дар онҳо;

-азнавсозии соҳаҳои мудофиа бо роҳи барқарор намудани робитаҳои собиқаи истеҳсолӣ ва алоқаҳои наву тоза бо сохторҳои шабеҳи кишварҳои ИДМ, ҷустуҷӯи роҳҳои самарабахши истифодаи технологияҳои мавҷуда ва ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт вогузоштани онҳо;

-солимгардонии системаи молиявию пулӣ ва кредитӣ бо роҳи боздоштани инфятсия, муқаррар намудани назорати қатъӣ ҷиҳати истифодаи мақсадноки захираҳои буҷетӣ, мутамарказ сохтани онҳо дар барномаҳои афзалиятноки иқтисодӣ;

-ислоҳоти системаи андоз ва таҳкими назорати молиявии риояи он, дар амал татбиқ намудани

бақайдгирии даромади ашхоси воқеӣ, истифодаи таҷрибаи усули идораи андозии ҷараёни иқтисодӣ, такмили таъмини кадрҳо, усул ва шаклҳои фаъолияти мақомоти андоз;

-таҳия ва татбиқи барномаи самарабахш ва аз ҷиҳати ҳақиқати иҷтимоӣ ғайридавлатикунонӣ;

-мусоидат ба барқарорсозӣ ва рушди маданияи соҳибкории хусусӣ, бизнеси хурд ва миёна, ташаккули инфраструктураи бозаргонии кишоварзӣ;

-фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати интегратсияи иктисодиёти Тоҷикистон ба сохторҳои минтақавӣ ва глобалӣ, пеш аз ҳама бо роҳи барқарорсозӣ ва васеъ намудани робитаҳои иқтисодии мувофиқи мақсади истеҳсолию хоҷагӣ дар доираҳои Иттиҳодияҳои иқтисодӣ ва Иттиҳоди Осиёи Марказӣ, Ташкилоти ҳамкориҳои иқтисодӣ;

-ҳавасмандгардонии рушди манбаъҳои ғайримаъмулии истеҳсоли нерӯи энергетикӣ;

-ислоҳоти системаи бонкӣ бо роҳи афзоиши шабакаҳои он, ташкил ва таъмини фаъолияти самарабахши биржаҳои махсусгардонидашуда ва универсалӣ, фароҳам овардани шароит барои гардиши озоди сармоя, когазҳои арзишнок, мол ва қувваҳои корӣ;

-таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки дарозмуддати рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар сатҳи макроминтақа ва соҳае, ки ба имкониятҳои захираҳои мавҷуда асос ёфтааст ва бо дарназардошти воқеияти мавҷудаи иқтисодӣ ва хусусиятҳои минтақавии кишвар.

## Консепсияи иҷтимоӣ

Консепсияи иҷтимоии давлат ташаккули системаи моҳиятан нави ҳифзи аҳолӣ, ки комплексҳои тадбирҳои иқтисодӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва ҳуқуқиро дар бар гирифта бояд барои таъмини шароити мусоиди зиндагӣ ва меҳнат равона карда шуда бошад. Он нуқтаҳои зайлро дар бар мегирад:

- таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки комплексӣ, ки барои дастгирии фаъолияти иқтисодии аҳолӣ, тарбия

ва такмили ихтисоси кадрҳои коргарӣ, ҳавасмандгардонии мустақим ва ғайримустақими шуғли аҳолӣ нигаронида шудааст;

- мусоидат ба реабилитатсияи иҷтимоии гурезагон ва муҳоҷирони иҷборӣ, таъмини талаботи ҳаётан муҳим ва ҳуқуқҳои умумиэътирофшудаи қисми аҳолии камбизоат ва нисбатан ҷабрдидаи ҷомеа;

- таҳия ва қабули асноди меъёрию ҳуқуқие, ки риояи меъёрҳои (критерияҳои) ҳадди ақали ҳимояи иҷтимоии дар корхонаҳои ҳама гуна шакли моликият истифодашавандаро пешбинӣ менамояд;

- ҳимояи хусусияти хоси миллӣ ва рушди мероси маънавию ахлоқии халқҳои Тоҷикистон, ҳамроҳ шудан ба дастовардҳои фарҳангии тамаддуни ҷаҳонӣ;

- таҳия ва татбиқи Консепсияи тарбияи ахлоқӣ ва ватанпарсатонаи аҳолӣ, барономаи рушд дар соҳаи тандурустӣ ва танзими оила;

- дастгирии мақсадноки давлатии рушди технологияи телекоммуникатсионии замонавӣ;

- таҳия ва қабули Консепсияи амнияти экологии кишвар, такмили қонунгузории ҳифзи табиат.

**Консепсияи сиёсати хориҷӣ**

Консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба риояи принсипҳои ҳамкорӣ, шарикӣ ва фаъолияти муштарак бояд асос ёбад. Мӯҳтавои асосии онро фаъолияти зайл ташкил намояд:

- таъмин ва рушди муносибатҳо бо давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ ва Иттиҳоди Осиёи Марказӣ;

- инкишофи муносибатҳои дуҷонибаи конструктивӣ бо ШМА, Иттиҳоди Аврупо, Хитой ва дигар кишварҳои мутараққии дунё ва кишварҳои ҳамсояи мусулмонии минтақа;

- интегратсия ва иштироки баробарҳуқуқи Тоҷикистон дар кӯшишҳои сулҳовари СММ, САҲА ва дигар сохторҳои минтақавӣ ва амнияти глобалӣ;

- мусоидат ба рафъи сулҳомези мухолифати дохилии Афғонистон;

- ҳимояи ҳаёт, шаъну эътибор, ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷи кишвар.

Албатта, вобаста ба рушди вазъияти сиёсии дохилию хориҷӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ Консепсияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дақиқ ва мушаххас гардонида мешавад.

Ҳамин тавр, ҷанбаи амният доираи ҳаммаркази хосро дар доираи умумии сиёсат тасвир менамояд. Ҳама гуна фаъолият оид ба таъминоти амният - ин фаъолияти сиёсиест, ки ба воситаю методҳои сиёсӣ танзим карда мешавад. Ҳамзамон, фаъолияти таъминоти амният, вазифаи муҳимеро дар сиёсат ичро намуда, дар аломатҳои асосии худ моҳият ва мазмуни пурраи онро баён мекунад.

Ба гуфтаҳои боло такя намуда, вобаста ба рушду инкишофи вазъияти сиёсии дохилию хориҷӣ ва иҷтимоию иҷтисодӣ Консепсияи амнияти миллии ҳар як кишвар дақиқ ва мушаххас гардонида мешавад. Ҳатто дар баъзан кишварҳои мутараққии ҷаҳон баъди ҳисоботи солонаи кишварамон баъзе тағйиротҳо нисбати сиёсати геополитикию геостратегӣ ва манфиатҳои миллиашон аз нав ба ин ҳуҷҷат дохил карда мешаванд. Аз ин рӯ, чанд пешниҳод вобаста ба Консесияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол менамоем.

**Якум**: дида баромадани раванди амалӣ гардонидани мӯҳтавои "Консесияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз соли 2004 инҷониб ва пайдо намудани имконият барои умумӣ ё ин, ки ғайриниҳонӣ намудани он.

**Дуввум**: дар факултетҳои фалсафа, иқтисодиёт, ҳуқуқ, таърих ва шӯъбаҳои муносибатҳои байналхалқии донишгоҳу донишкадаҳои олӣ ҷорӣ намудани корҳои дипломӣ, семинарҳои махсус оиди мазмуну моҳияти Консесияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва умуман чунин консесияҳое, ки ба манфиатҳои миллӣ ва манфиатҳои ҳаётан муҳими давлатӣ сару кор доранд.

Ҳамин тавр, Консесияи амнияти миллӣ асос ё сармашқест, ки барои омода намудани нақшаи мушаххас ва ҳуҷҷатҳои ташкилию омодагӣ дар соҳаи таъмин

намудани амнияти миллӣ замина мегузорад. Тағйироту иловаҳо ба ҳуҷҷати мазкур ба Пайёмҳои солонаи Президенти кишвар ва дигар чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагӣ дорад.

# ХУЛОСА

Дар рушду инкишофи ҷаҳони муосир тағйиротҳои гуногун хеле амиқ ба назар мерасанд ва онҳо таҳлили маҷмӯи ҳамаи омилҳои ба раванди таърихи таъсирбахшро талаб менамоянд. Аз он ҷумла, омӯзиши фанни сиёсатшиносӣ тағйироти куллиест, ки дар қатори дигар илмҳои ҷомеашиносӣ мавқеи худро мустаҳкам намуда истодааст.

Таҷрибаи омӯзишу таҳияи фанни мазкур дар муассисаҳои таълимии кишварамон нишон медиҳад, ки барои тайёр намудани мутахассисон ё ин ки донишҷӯён дар ин соҳа масъалаи аз худ намудани усул ва шаклҳои нави таълим ва таҷрибаи дигар кишварҳои дуру наздик метавонад ба онҳо донишу фаҳмиши нав нисбат ба идеологияи гузашта зам намоянд. Аз ин рӯ, барои танзиму омӯзиши фанни мазкур таҷрибаи назариявию амалии илмию тадқиқотӣ лозим меояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар айни замон таҷрибаи омӯзиши фанни сиёсатшиносӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дигар мактабҳои олии кишварамон қобили қабул аст. Аз ин ҷиҳат муаллиф фаслҳои муҳими фанни мазкурро бо даврабандии рушди он нишон дода, масъалаҳои муҳим ва моҳияти идеяҳоро пешниҳод менамояд. Дар баробари ин дар китоби таълимӣ мавзӯъҳои наве таҳлил ёфтаанд, ки хусусиятҳои хоси кишварамонро дар бар мегиранд ва ба дигар масъалаҳои консептуалии он масъалагузорӣ менамоянд.

Махсусан, омӯзиши баъзе ҷабҳаҳои гуногуни сиёсӣ вобаста ба мақсади мавзӯъ ва имкониятҳои объективӣ ба таври пурра мавриди таҳлилу баррасӣ қарор наёфтаанд. Аммо, дар айни ҳол, гузориш ва пешниҳоди онҳо аз назари илмӣ ва амалӣ ба ақидаи муаллиф хеле зарур аст. Баъзе мавзӯъҳои нави пешниҳодшуда низ хусусиятҳои методологиро дарбар мегиранд.

Умед аст, ки китоби мазкур барои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва худшиносии донишҷӯён мусоидат намуда, фаҳмишу дониши сиёсии онҳоро мукаммал мегардонад.

# АДАБИЁТ


1. Абдуллоев Ш. Асосҳои диншиносӣ.-Душанбе. "Дониш", 2001.
2. Абдуллоев Ш. Исломи муосир дар арсаи сиёсат ва идеология. Душанбе., Ирфон, 1990.
3. Абдуллоев Ш. Маорифарварӣ ва озодификрӣ. Душанбе АИЧТ. 1994.
4. Абдулҳусайн Заринкуб.Корномаи Ислом. Душанбе. "пайванд" 2007.
5. Арон Раймон. Демократия и тоталитаризм. М., 1993.
6. Барно Б. Природа власти\\ Вестник МГУ. Сер.12. Социально политические исследования.-1992.-№4.
7. Бжезинский З.Великая шахматная доска.М.: "Международные отношение.2006.
8. Бушков В.И.,Микульский .Анатомия гражданской войны в Таджикистане М.:1996
9. Вебер М. Избранные произведения-М.1991.
10. Вопросы философии. М., 1995. №2
11. Грюнебаум Г.Э. Классический ислам. -М.: Наука, 1988
12. Зарубежная политическая наука: история и современность - Вып, 3.-М.,1990.
13. Гаджиев К.С. Политология.Учебник М.,Логос .2005.
14. Зокиров Г. Н.Сиёсатшиносӣ. Душанбе "Матбуот" 2003.
15. Зокиров Г.Н.Донишномаи сиёсӣ.Душанбе. 2007.
16. Зокиров Г.Н.Геополитика.Душанбе .2009.
17. Ильин И.А. О грядущей России. Избранные статьи. Нью-Йорк,1991.
18. Ислам в современной политики стран Востока. Наука.-М. 1993.
19. Ислам: проблемы идеологии, право, политики и экономики. Наука-М., 1985.
20. Ислам: происхождение, история и современности. М.: Знание, 1984.
21. Истиқрори боварӣ миёни исломиён ва дунявигароён-таҷрибаи тоҷикон.Душанбе 12004.
22. История в энциклопедии Дидро и Д Аламбера.Л.-1978.
23. Кулагин В.М. Международная безопасность. - М., 2006г.

24. Керимов Г.М. Учение ислама о государстве и политике. -М.: Знание, 1986.
25. Концепция национальной безопасности Республики Кргизстан. Бишкек 2001г.
26. Концепция национальной безопасности РФ. // Российские вести 25 дек. 1997г.
27. Кравченко А.И. Политология: учебник.-М.: Проспект, 2009
28. М.А.А.Харталӣ, Салафиҳо, ваҳҳобиҳо ва хаворичро беҳтар бишносем.(тарҷумаи Ҷаъфари Парвинӣ) Душанбе. 2008
29. Маҳмадов А.Н. Асосҳои сиёсатшиносӣ (Курси лексияхо) Кӯлоб 1995.
30. Маҳмадов А.Н., Муродова Г.Р. Ҳокимияти сиёсӣ ва баъзе хусусиятҳои хоси он.Душанбе, 2007
31. Маҳмадов А.Н.Политология: предмет,структура и задачи курса.(Научно-методический материал в помощь студентам и преподавателям). Куляб. Изд. КГУ.1993
32. Маҳмадов А.Н. Тоҷикистон дар масири истиқлолият. (Таҷрибаи таҳлили низоъ ва равандҳои иҷтимоию сиёсӣ) Душанбе 2000с.
33. Маҳмадов А., Юнусов Т., Раҷабов Ш. Стратегияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Лоиҳаи ташаббусӣ). Душанбе - 2000с.
34. Маҳмадов А.Н.Тураева З. Политические режимы. Душанбе. 1999.
35. Медведко Л.И., Германович А.В., Именем Аллаха.1989.
36. Международная безопасность и обороноспособность государства. М., 1998.
37. Меморандум 30-го раунда Межтаджикского Диалога в рамках Дартмутской конференции (Москва, 9-11 марта 2001г.).
38. Мирзоев А.М. Сайидои Насафӣ и его место в истории таджикской литературы. Сталинабад. 1954.
39. Муҳабатов А., Нуриддинов Р. Асосҳои сиёсатшиносӣ. Душанбе "Ирфон" 2006.

40. Муҳаммад Газолӣ.Насиҳат-ул-мулук. Душанбе. "Ирфон" 1993.
41. Мухаев Р.Т.Политология :учебник.-И.:Проспект,2009
42. Назария ва методологияи ваҳдати миллӣ.Душанбе "Дониш" 2007.
43. Ниг.: Аристотель. Политика //Соч.: В 4т. М., 1983. Т.4.
44. Ниг.: Руссо Ж.Ж. Об общественном договоре // Трактаты. М., 1969.
45. Ниг.: Поздняков Э.А. Философия политики. М., 1994. Ч.2.
46. Грюнебаум Г.Э. Классический ислам. Омркистории - М.: Наука, 1988
47. Об основных категориях властных отношений см.:26 основных понятий политического анализа \\Полис.-1993 .-№ 1
48. Политическая конфликтология. Питер.2008.
49. Политология. под.ред.А.В.Миронова. М.: Соц.пол. журн. 1993
50. Политология:Учебник для студентов вузов/ под.ред. В.Н. Лавриенко-3-е изд.-М.:ЮНИТИ. Дана .2007.
51. Поппер К. Открытое общества и его враги. - М. 1992.
52. См.: Амелин В.Н. Власть как общественное явление\\ Политика:проблемы теории и практики.Вып.5,ч.1.-М.1990.
53. См.: Белов Е.В. Исторический опыт переговорного процесса по урегулированию межтаджикского конфликта (1993-1997 гг.). //Автореферат дис. на соис.учен.степ. канд.ист.наук. Душанбе, 1999.
54. См.: Вестник МГУ.Сер.12.,1992.-С.58-71.
55. См.:Вестник МГУ .Сер 12,1992 № 3.
56. См.: Рахимов Р. "Мужские дома" в традиционной культуре таджиков. Л., 1990.
57. См.:Чвырь Л. Таджикистан. Весна 1992 года (комментарий этнографа к политическим событиям) // Вестник Евразии. №1. М., 1995Г.
58. Симонов К.В. Политический анализ.Учебное пособие.М.: Логос. 2002.
59. Социология и политология. 1998 №1.

60. Сорокин П. Человек. Цивилизация.Общество. - М. 1992.-С.342Dahl R.Modern Political Analysis. -New Jersey,1920.-p.28.
61. Спиноза Бенедикт. Избранные произведения: В 2т. М., 1957. Т.2.
62. Шаран П .Сравнительная политология.-ч.1.-М,1992.
63. Шоисматуллоев Ш.Таджикистан в зеркале преемственности и смены поколений.Душанбе "Ирфон" 2006.

# МУНДАРИҶА

**Пешгуфтор** ........ **3**
**Боби 1. Сиёсатшиносӣ - илм дар бораи сиёсат** ........ **5**
1.1.Вазифаҳои сиёсатшиносӣ ........ 5
1.2.Сиёсатшиносӣ ҳамчун фанни мустақил ........ 13
1.3.Мақоми сиёсатшиносӣ дар маҷмуъи илмҳои ҷомеашиносӣ ........ 16
**Боби2. Марҳалаҳои асосии ташаккул ва инкишофи ақидаҳои сиёсӣ** ........ **24**
2.1.Ақидаҳои сиёсии атиқа ва асрҳои миёна ........ 24
2.2.Ақидаҳои сиёсӣ дар фалсафаи классикии немис ва сотсиализми хаёлии асри XIX ........ 39
2.3.Ақидаҳои иҷтимоию сиёсии мутафаккирони тоҷику форс ........ 42
**Боби 3.Ҷараёнҳои идеявию сиёсии муосир** ........ **59**
3.1.Идеология ҳамчун шакли тафаккури сиёсӣ ........ 59
3.2.Идеологияҳои асосии муосир ........ 66
3.3. Идеологияҳои сотсиал-реформистӣ ва коммунистӣ ........ 74
3.4.Ҷараёнҳои дигари идеявию сиёсӣ ........ 75
3.5.Нақши ҷамъиятии идеологияҳо ва ҳамкории онҳо .. 80
**Боби 4.Сиёсат ва ҳокимият** ........ **84**
4.1.Сиёсат ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ ........ 84
4.2.Моҳияти иҷтимоии ҳокимият ........ 90
4.3.Масъалаи кризиси ҳокимият ........ 94
4.4.Ҳокимияти сиёсӣ ва ҷабҳаҳои мухталифи он ........ 96
4.5.Қонунияти ҳокимият ........ 104
**Боби 5.Сарварии сиёсӣ ва элитаи сиёсӣ** ........ **110**
5.1.Моҳият ва табиати сарварии сиёсӣ ........ 110
5.2.Навъҳо ва тарзи муайяни сарварони сиёсӣ ........ 114
5.6.Элитаи сиёсӣ ........ 115
**Боби 6.Системаи сиёсии ҷомеа** ........ **118**
6.1.Назарияи умумии системаи сиёсӣ ........ 118
6.2.Моҳият, сохт ва вазифаҳои системаҳои сиёсӣ ........ 120
6.3.Шаклҳои системаи сиёсии муосир ........ 125

**Боби 7.Оппозитсияи сиёсӣ ..................................... 129**
7.1.Мафҳуми оппозитсияи сиёсӣ, шакл
ва намудҳои он ..................................... 129
7.2.Оппозитсия ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ ..................... 131
**Боби 8.Истиқлолиятӣ сиёсӣ ..................................... 138**
8.1.Истиқлолият ҳамчун назарияи сиёсӣ ..................... 138
8.2.Баъзе омилҳои таърихию сиёсии истиқлолияти
Тоҷикистон ..................................... 142
8.3.Манфиятҳои миллӣ дар раванди соҳибистиқлолӣ . 159
**Боби 9.Давлат дар системаи сиёсӣ ..................................... 164**
9.1.Пайдоиш ва моҳияти давлат, сохт
ва вазифаҳои он ..................................... 164
9.2.Намуд ва шаклҳои давлатҳо ..................................... 170
**Боби 10.Режими сиёсӣ ..................................... 176**
10.1.Режими сиёсӣ: мазмун ва ҷузъҳои он ..................... 176
10.2.Типологияи режимҳои сиёсӣ ..................................... 179
10.3. Намуд ва шаклҳои фаъолияти режимҳои
демократӣ ва зиддидемократии муосир ..................... 181
**Боби 11.Фаъолияти сиёсӣ ва иштироки сиёсӣ ..................... 186**
11.1.Сохт ва усулҳои фаъолияти сиёсӣ ..................... 186
11.2.Шаклҳои фаъолияти сиёсӣ ..................................... 192
**Боби 12.Ҳизбҳои сиёсӣ ..................................... 197**
12.1.Моҳияти ҳизби сиёсӣ, шакл ва вазифаҳои он ....... 197
12.2.Системаи ҳизбҳо ва хусусиятҳои онҳо ..................... 200
12.3.Ташаккулёбии бисёрҳизбӣ ..................................... 205
**Боби 13.Ташкилот ва ҳаракатҳои ҷамъиятию сиёсӣ .... 212**
13.1.Ташкилот ва ҳаракатҳои сиёсӣ, типология ва
раванди инкишофи онҳо ..................................... 212
13.2.Ҳаракатҳои демократӣ дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии
кишварҳои Ғарб ..................................... 214
13.3.Ташкилот ва ҳаракатҳои ҷамъитию сиёсии
Тоҷикистон ..................................... 222
**Боби 14.Шуури сиёсӣ ва маданиятӣ сиёсӣ ..................... 225**
14.1.Шуури сиёсӣ: моҳият, мазмун ва шаклҳо ..................... 225
14.2.Маданияти сиёсӣ ва нақши он дар системаи
сиёсии ҷомеа ..................................... 228

**Боби 15. Системаи интихоботӣ. Моҳияти парлумон ва идоракунии президентӣ ........................ 234**
15.1.Интихобот ҳамчун ҷузъи асосии системаи сиёсии ҷомеа .............................................. 234
15.2.Системаи интихоботӣ ва шаклҳои онҳо .............. 240
15.3.Идоракунии парлумонӣ ............................... 245
15.4.Идоракунии президентӣ ............................... 255
**Боби 16.Низои сиёсӣ ва ҷомеа ........................ 258**
16.1.Низои сиёсӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ............... 259
16.2.Низои сиёсӣ ва ҷаҳони муосир ......................... 263
**Боби17.Музокирот: унсурҳо ва услубу анъанаҳои гуфтушинид .................................................... 270**
17.1.Музокирот ҳамун ҳодисаи ҷамъиятӣ .................. 270
17.2.Нақши анъана дар танзими низои тоҷикон .......... 272
17.3.Музокирот ва баъзе хусусиятҳои он ................... 275
**Боби 18.Сиёсати демографӣ ............................ 278**
18.1.Сиёсати демографӣ ва моҳияти он ..................... 278
18.2.Демография ва сиёсати демографӣ дар ҷаҳони муосир .............................................. 281
**Боби 19.Дин ва сиёсат ..................................... 287**
19.1.Дин ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ .................... 287
19.2.Имондор ва ҳукуматдор дар сиёсат ..................... 290
19.3.Сохтори сиёсии кишварҳои мусалмонӣ ................ 295
**Боби 20.Миллатҳо ва муносибатҳои миллӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи муосир ....................................... 303**
20.1.Миллат ва муносибатҳои миллӣ:мафҳум ва мазмуни асосӣ ............................................. 303
20.2Моҳият ва равандҳои асосии инкишофи муносибатҳои миллӣ дар замони ҳозира ............ 311
**Боби 21.Рамзҳои сиёсӣ ..................................... 322**
21.1.Рамз ҳамчун ҳодисаи иҷтимоӣ-маъданӣ ............... 322
21.2Мақоми рамзҳо дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ........... 324
21.3.Рамз ва нишонаҳои давлатии Тоҷикистон ........... 327
**Боби 22.Сиёсат ва воситаҳои ахбори омма ............. 331**
22.1.Нақши ВАО дар системаи сиёсии ҷомеа .............. 331
22.2.ВАО ҳамчун воситаи пахши итилоотӣ ................. 335

**Боби 23.Амният ҳамчун падидаи системаи ичтимоию сиёсӣ ................................................ 343**
23.1.Мафҳум, моҳият ва таснифоти амният дар сиёсат 343
23.2.Амният ҳамчун воситаи махсуси муносибатҳои ҷамъиятӣ .............................................................. 351
23.3.Омилҳои нави минтақавӣ ва таҳдидҳои нави замонавӣ ............................................................. 355
**Боби 24.Системаи муносибатҳои байналхалқӣ ........... 373**
24.1.Тамоюлҳои асосии рушди муносибатҳои муосири байналхалқӣ .............................................. 373
24.2.Тағйироти куллӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ .................................................................. 381
24.3.Назарияи "Бархурди тамаддунҳо" ....................... 385
24.4.Назарияи "Гуфтугӯи тамаддунҳо" ....................... 390
**Боби 25.Вазъи нави геополитикии минтақаи Осиёи Марказӣ ................................................ 396**
25.1.Тағйиротҳои куллӣ дар сиёсати геополитикии минтақа ........................................................................ 396
25.2.Мавқеи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар сиёсати нави геополитикӣ ............................................. 413
**Боби26. Консепсияи амнияти миллӣ - дурнамои ҳадафҳои давлат ................................................ 420**
26.1.Консепсияи амнияти миллӣ ҳамчун ҳуҷҷати сиёсӣ ........................................................... 420
26.2.Мақсадҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон .......... 427
**Хулоса ................................................................. 434**
**Адабиёт.................................................................435**

Абдураҳмон Маҳмадов

# СИЁСАТШИНОСӢ


Муҳаррири техники Ачильдиев Ф.

БИ – 4112

Ба чоп 17.06.2010 имзо шуд. Андозаи 60х84 1/16
Коғази офсетӣ. Хуруфи Times New Roman Tj.
Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 27,63 .
Ҷузъи нашрию ҳисоби 21,81 Адади нашр 1000.
Супориши № 6. Нархи шартномавӣ

Муассисаи нашриявии «Ирфон»-и Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17.
E – mail: irfon_company @ mail. ru

---

Дар матбааи ҶДММ «Сифат – Офсет» чоп шудааст
ш. Душанбе, к. Гастелло, гузаргоҳи 6, х. 9

030104020 – 203
М ——————— 2010
М 501 (12) – 2010

ББК 60. 5 я

ISBN 978 – 99947 – 0 – 136 – 0

# БАРОИ ҚАЙДҲО

40сом



**Маҳмадов Абдураҳмон Наврӯзович** - декани факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, аъзо-корреспонденти Академияи илмҳои педагогию иҷтимоии Русия, муаллифи зиёда аз 100 мақолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ ва дастуру воситаҳои таълимӣ-методӣ, аз ҷумла: «Асосҳои сиёсатшиносӣ», «Низои сиёсӣ ва ҷомеаи муосир», «Фалсафаи варзиши Ибни Сино», «Ҳар ки моро ёд кард...», «Оппозитсияи сиёсӣ ҳамчун субъекти низоъ», «Амнияти Тоҷикистон: масъалаҳои миллӣ ва байналхалқӣ», «Тоҷикистон дар масири истиқлолият (таҷрибаи таҳлили низоъ ва равандҳои иҷтимоию сиёсӣ)», «Режимҳои сиёсӣ» «Манфиатҳои миллии Тоҷикистон», «Инноватсияи маориф ва масоили таълими фанҳои ҷамъиятӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)», «Амният ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ (таҷрибаи таҳлили иҷтимоию сиёсӣ)», «Сиёсатшиносӣ» ва ғайра. Зери роҳбарии ӯ 3 нафар рисолаҳои докторӣ ва 14 нафар рисолаи номзадӣ ҳимоя намудаанд. Раиси Шӯрои дифои рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ дар назди ДМТ.

ISBN 978-99947-0-136-0

9 789994 701360